Ӯрун Кӯҳзод




# ҲАЙҶО

Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ
www.ravshanfikr.tj

ӮРУН КӮҲЗОД

# ҲАЙЧО

*Нашри мукаммал*

Душанбе
«Адиб»
2015

ББК Тоҷик 7-4
К-66

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

К-66 **Ӯрун Кӯҳзод. Ҳайҷо.** *Роман. Нашри мукаммал.* – Душанбе, «Адиб», 2015, 416 саҳ.

Кӣ будем? Кӣ шудем? Кӣ мешавем? Фақат баъди Истиқлоли воқеӣ гирифтани Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои мувофиқ ва мусоиде фароҳам омад, ки аҳли қалам ба ин саволҳо ҷавоби савоб биҷӯянд ва дар ин боб андешаҳояшонро пинҳон надоранд ва аз роҳи рост берун нараванд.

Дар ин маҷмӯа талош ва кӯшише ба кор рафтааст, ки масоили рӯзгору афкори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар, дар заминаи ҷавоб ба ҳамин се савол, мавриди андеша ва гуфтугӯ бо нигоранда ва хонанда қарор бигиранд.

ISBN 978-99947-2-447-5

© Нашриёти «Адиб», 2015

*На мардист, душман дар асбоби ҷанг,*
*Ту мадҳуши соқиву овози чанг!*
*Басо аҳли давлат ба бозӣ нишаст,*
*Ки давлат бирафташ ба бозӣ зи даст!*

***Саъдии Шерозӣ***

## Дафтари якум

# ҲАМОҚАТ ДАР АМОРАТ

## ОБИ НАҲР МЕСӮХТ

Алангаи нозуки оташ, бо ранги нилобиву офтобӣ ва забонҳои ноҳамвор–пасту баланд ва дарозу кӯтоҳ, рӯрӯйи оби калон ва ҳамвор ва ором, рақс мекард.

Дилмурод аз болохона, аз паси тирезаи пӯшида, ба сӯхтани об менигарист. Ва танкеро дид, ки сари канал, хоку санги роҳро газида, пош дода, ғубори анбӯҳе ба ҳаво бардошта, меояд…

Дар берун ҷанг буд.

Дилмурод аз назди тиреза дур рафт ва дар дил, бо қаҳр ва дарду алам гуфт: «дар ватани мо ҷангҳои бемаънӣ бисёр шудаст, вале аз ин ҷанг бемаънитараш набудааст».

1

Ба арки Бухоро, ба қасри Амир, ду гаҳвора оварданд – як гаҳвораи тиллокорӣ ва як гаҳвораи нуқракӯб. Ва даҳ рӯз боз – аз рӯзи фармудан, то ба рӯзи овардан,– дар боргоҳ, дар ҳарам ва роҳравҳо фақат аз ин хусус сӯҳбат мекарданд, гӯё ки дар аморат дигар гапе набуд. Ҳатто Амир ба ҳокимон ва дигар аҳли дарбору мулозимон, ки ба салом омадаанд ва ин маросими салом, ки асосан аз овардани пешкашҳо иборат буд, дар ин муддат бор надод:

– Тӯҳфа ва пешкашҳоро гиред, ба худҳошон бигӯед, ки мо корҳои зарууртаре дорем. Аз сари ҳафтаи оянда биёянд.

Саломпазмонҳо меомаданд, интизор мешуданд ва пеш-

кашҳои овардаашонро месупориданду мерафтанд ва дар Арк тараддуду ташвиши гаҳворабинӣ ҳамаи дигар корҳои давлатдориро балъида буд. Маҳрамбачаҳо дастон пеши бар, гӯшҳо чур, рост меистоданд, ки аз тарафи Амир чӣ ишорае ё фармоне мешавад; ҳоҷиб бо нимтаъзим мунтазир буд, ки амираш чӣ мефармояд; занҳои ҳарам гӯшакӣ мекарданд, ки аз омадани ин занак буду шуд panҷуним моҳ гузашт, бачаи шикамаш аз кӣ бошад?; раммоли дарбор Ҳоҷӣ Тӯра фол мегирифт, ки кӯдак шабу саҳар ба дунё меояд ва ҳатман писар аст ва хоҳу нохоҳ, сафшикану соҳибқирону ҷаҳонгир мешавад; ва шогирди Муншии Калон Рӯзимурод изтиробе дошт, ки ин воқеъаи таърихиро нарезондаву начаконда рӯи коғаз оварда метавониста бошад?; ва Муншии Калон аз алам дар муншихона ҷои нишаст намеёфт, ки даҳ рӯз ба хабари сарҳадбонони Сирдарё аз ин бебасарон ҷавоб гирифта наметавонад… Ва дар даҳлез дар ду суфача, ду нафарӣ чаҳор нафар ҷондор росту ҳушёр посбонӣ мекарданд, ки ба ҷони Амир, аз тарафи кӯрнамаке, мабод ки осебе бирасад.

Ва Амир дар боргоҳ, рӯи қолинҳои густурда, гирди гаҳвораҳо мегашт ва раммол Ҳоҷӣ Тӯра, як қадам қафо аз ӯ, пайравӣ мекард ва шогирди муншӣ Рӯзимурод дар кунҷе ҳаросон меистод, ва чеҳраи Амир гул кард:

– Бачағар устои зӯр будааст!

– Устои зӯр будааст, – такрор кард Ҳоҷӣ Тӯра.

Амир хаму рост шуда, тахтаваракҳоро молиш дода ба гаҳвораҳо зеҳн мемонд… ва дар Арку берун аз Арк, бо суръати боди дайду, овоза паҳн шуд, ки «Амир имрӯз гаҳворабандон доштаанд», ва чун одат, ба хушомадгӯёни Бухоро худо дод – фавҷи лаганбардорон ба ҷунбиш даромад ва Ҳоҷиб нидо дод:

– Амирам, аҳли рикоб ба муборакбодӣ омаданд.

Амир бо ҳавои даст рухсат бидод, ки бидароянд ва пешу қафо, бо таъзими заминбӯс, аз дари боргоҳ қушбегиву раис, шайхулислому қозикалон ва сарлашкару оламиён ба дарун даромаданд, ва азбаски алайк гирифтан ба мартабаи Амир намезебад, ба саломи онҳо мулозим ҷавоб дод; ва ин бузургони давлат, ки зиндаву мурдаи раия ва хоку

оби мулкро гардиши рӯзгор ба дасти онҳо додааст, аз дунболи Амир саф кашиданд; ва Амир бо думи чашм ба гаҳвораҳо нигарист ва ҳамаи онҳо ҳаракати ваҷоҳати ӯро айнан тақлид карданд; ва Амир хам шуду сибадони гаҳвораро яклаба монд, ва ҳамаи онҳо миён хам гирифтанд ва дар ҳаво сибадони хаёлиро яклаба монданд…

– Чор ҳазор тиллои сурх сарф шуд ба ин гаҳвораҳо, – гуфт Амир.

– Меарзад! Муборак шавад! – бо як овоз ҷавоб доданд онҳо.

Амир ба мисли аспи ҷувоз гирди гаҳвораҳо гашт ва бузургони аморат гирд гаштанд монанди ӯ, худе ки гардан ба гардан бастагӣ бошанд. Ва Амир фармоиш дод:

– Тиллокориашро ҳарам баред, нуқракӯбашро хонаи доя.

Ва тантанаи қабули гаҳвораҳо аз Саломхона ба Ҳарам кӯчид, ба хонаи зане, ки кадом як ҳоким пешкаш оварда будааст ва ҳолдонҳо ғайбат мекарданд, ки то ба Арк омадан, аз сад даст гузаштааст, алҳол ҳомила буд, ва таваллуд шудани шоҳписарро аҳли дарбор мунтазиранд. Ва хонаву долону айвон аз савлати ашрофзанҳо мавҷ мезад–мавҷи пероҳанҳои рангоранг ва қабат ба қабат ва мавҷи хафабандҳои геронбаҳо, зеби гулӯву гӯшвораҳою ангуштари тилло, ва ғалмағал, ба монанди ғавғои занҳо дар ҳаммомҳои Бухоро,– биёр, бубар, бӯхчагирӣ, бӯхчадиҳӣ, матоъбурӣ, латтадарӣ ва дархости кадбону, ки:

– Шаб ё саҳар меҳмони нав ба дунё меоянд, ҷаҳонгир мешаванд, муносиби мақомашон, аз матоъи ҳар гӯшаи дунё як либос мепӯшанд–махмалаш аз Фарғона, шоҳияш аз Чину Мочин, кампалаш аз Кашмир.

Ва тамаллуқи дигар занҳо, ки «арзани Фароб даркор, нам намекашад, бадани кӯдак роҳат мекунад, ёфтанаш ба гардани ман», «Ғавракаш аз ман, аз чӯби зардолуи Исфара мефармоям, хосияти табобатӣ дорад», «Сибаи Самарқанд нағз, хокаш тоза, почотонро мегӯям, ки фиристанд»…

Ва ғуҷғуҷи ин латтабозор ба ногоҳ қатъ шуд – ба ҳавлӣ Амир омад, бо ҳамроҳии Ҳоҷӣ Тӯра ва Рӯзимурод. Занҳо

баробар таъзими заминбӯс карданд:

– Ҳазрат саломат бошанд!

Барои Амир нимтахт оварданд. Вай дар пешгоҳ нишаст:

– Базматон хунук.

Кадбону як қадам пеш монд:

– Буру дӯхт дорем. Ҳазрат саломат бошанд. Ҳозир гарм мекунем.

Ҳоҷӣ Тӯра аз ҷониби Амир хандид:

– Буру дӯхт бо базмаш ширин.

Ва базм оростанд – мусиқӣ, суруд, рақс ва яккахон авҷи ғазалро гирифт, ки «Биё Ҳофиз, ки мо худро ба мулки дигар ан-до-зе-е-м», ва нолаи ӯ фаршу сақфи хонаро фаро гирифт, ва лабрез аз дарду алам буд ва шикоят аз «дунёи наркушу модапарвар» мекард ва дод аз дасти замондорони базаҳкор мегуфт, аммо ҳозирон шодона қиғғос заданд:

– Ҳазрат саломат бошанд!

Гӯё мадҳу саное шунида бошанд.

Ва Амир, ки бо чашм раққосаҳоро зино мекард, меҳри бахшоишаш ба ҷӯш омад, ва ба сари занҳо ҳавуҷ – ҳавуҷ танга пошид; ва дастархондору бӯхчабардор дар анбор латтаворӣ, нон ва қанду қурсе, ки занҳо ба расми тӯҳфа оварда буданд, ба рӯи як дастархони калон рехтанд ва аз лабаш бардошта дастархончаҳо сохтанд ва оварданд пеши Амир; ва Амир бо ангушт бастаеро нишон дод ва Ҳоҷӣ Тӯра онро аз ҷояш бардошт, ва Амир гуфт:

– Барои зани раис.

Ва он бастаро кадбону бо таъзим гирифт ва бурду пеши зани раис монд; ва бо ҳамин тартиб ба ҳамаи занҳое, ки дастархон карда омаданд, дастархон карда доданд.

Ва Рӯзимурод, шогирди муншӣ, навкоре дар дарбор, ки мебоист ин тантанаро барои таърихи аморат бинависад, дар ин гуфторҳову кирдорҳо лоиқ ба таърих чизе наёфт ва ба ҳоли кухнакорони ин макон дилаш сӯхт, ки «бале, ба ҷонашон, ҳамин ҳолро ҳар рӯз мебинанд, ҳар моҳ ва ҳар сол мебинанд, чӣ тавр тоқат мекунанд?», ва рост ба муншихона рафт ва қаламу коғазро назди Муншии Калон гу-

зошт:

– Устод, ман рафтам. Ҳазрат саломат бошанд.

2

Дар ҳамин рӯзҳо дар лаби Сирдарё русҳо истеҳком месохтанд. Аввал як даста аскар пайдо шуд ва дере нагузашта ду даста шуд ва марзбонони аморати Бухоро аввал эътиборе надоданд ва баъд одам фиристода пурсиданд:

– Шумо дар ин ҷо чӣ коре доред?

Онҳо ҷавоб доданд:

– Роҳҳо пур аз дузду роҳзан шудааст. Мо барои таъмини амнияти роҳ омадем. Дар ин кор ба шумо ёрӣ медиҳем.

Рост буд ин гап – дар воқеъ ҳам дар ин роҳҳо ғорати корвон, ба яғмо бурдани рамаҳо ва қатли одамон, барои дастаҳои мусаллаҳ як касб ва манбаи маоши зиндагӣ шуда буд, ва аморати Бухоро онро пешгирӣ намекард ва ё пешгирӣ карда наметавонист; ва агар русҳо сарриштаи ин тохту тозҳоро ба даст гиранд, ғайр аз фоида дигар зараре надорад; ва марзбонон ҳузури ин дастаҳоро як фоли нек донистанд ва дигар ба онҳо халале нарасониданд. Вале ин муросо дер давом накард–моҳ ба моҳ дастаҳо бештар мешуд ва дар паси манораҳои чӯбин казармаҳо қомат рост мекарданд ва аскарон ба машқи ҳарб машғул буданд ва техникаи ҷангӣ ҳамеша ғурриш мебаровард; ва марзбонони Бухоро ба ташвиш афтоданд, ва ба номи Амир пай дар пай нома мефиристониданд, ки «аскарони рус ба ҷанг тайёр мешаванд», ва қушбегиву сарлашкар, ба мулоҳизае, ки айши Амир талх нашавад, ин номаҳоро ба ӯ нишон намедоданд; ва оқибат, Муншии Калон, бе маслиҳати дигарон, ин арзро ба самъи Амир расонид:

– Амирам, аз рафтори онҳо бӯи ҷанг меояд!

Ва Амир хандид:

– Воҳима накунед. Императори рус бо мо аҳди дӯстӣ дорад. Дар як ваҷаб саҳро аскар дароварда бошад, ҳеҷ қиссае нест. Он заминҳо, бе ин ҳам, бекору бесоҳибанд. Обод кунанд, беҳтар нест!?

Ба ин далели шаръӣ Муншӣ ҷавоби муносибе наёфт –

дар одоби дарбор касе ҳақ надошт, ки гапи Амирро гардонад.

Ва дар он «замини бесоҳиб» як истеҳкоми аскари рус ба вуҷуд омад; ва соҳибони аморати Бухоро ҳатто як тасаввури дуру хирае надоштанд, ки Русияи Бузург ва Британияи Кабир, сартосари Осиёи Миёна ва минҷумла, мулки Бухороро, як замини пурнеъмат ва пурсарват, вале бесоҳиб медонанд ва сад сол боз дар орзуи тасарруфи он ҳастанд ва дар ин масъала, байни худ, рақобати шадиди нонӣ ва ҷонӣ доранд; ва ҷосусонашон, аз ҳолати оғил то вазъи дохили Арк ва аз ҳоли пайроҳаи бузгузар то ба роҳҳои корвон ва аз хислати машкоб то ба рӯҳияи ашрофонро омӯхтанду меомӯзанд, ва фурсат мепоянд, ки ба ин мулк бидароянду соҳибмулк бишаванд. Ва ҳадаф яктову даъвогар дуто буд – Русҳо ва Англисҳо, ва ин ду давлат, дар байни давлатҳои ҷаҳон, худро Бузургу Кабир медонистанд ва мағз андар мағзи сиёсаташон аз дағдағаю васвасаи ҷаҳонгирӣ иборат буд; ва Британияи Кабир обу хоки Ҳиндустону Африқоро балъида ба ин ҷониб мехазид, ва Руси Бузург Сибир ва Шарқи Дурро фурӯ бурда дар Аштархон лангар партофта, ба ҷаҳиши навбатӣ тайёр мешуд; ва ҳарду тараф даҳониву чопӣ ба зеҳни мардуми олам сунба мезаданд, ки тақдири фардои Осиёи Миёна дар дасти онҳост; ва қуръакашони сиёсӣ пешгӯйи мекарданд, ки як рӯз не, як рӯз ин ду наҳанги носерам, дар соҳилҳои Сирдарё ва ё дар домани кӯҳҳои Ҳиндукуш, калла ба калла хоҳанд зад, ва оташаке аз чашми онҳо бармехезад, ки дер гоҳ хомӯш нахоҳад шуд.

Аммо аморати Бухоро матбуот надорад, нашриёт надорад ва дастгоҳи омӯзиши вазъи ҷаҳон ва лоақал ҷосусони касбӣ надорад, ки аз ниятҳои истилогарии онҳо воқиф бишавад; ва бо ин ҳама ғафлатзадагӣ худро «сояи Худо дар рӯи замин» эълон кард, ва муфтӣ Қутбиддин ба дурустии ин даъво фатво дод ва қозикалон Авфуддин ба ин фатво мӯҳр гузошт ва имомҳо дар кулли масҷидҳои аморат, дар намози рӯзи ҷумъа, ин фатворо мехонданд, ки «Амир сояи Худояст дар рӯи замин, амри ӯ фарз аст ба ҳар як сағиру кабир» ва раият, – аз сағир то кабир, – онро

такрор мекард ва эътиқод дошт ва саҷдаи заминбӯс менамуд; ва Амир ба ҳамаи ин сипосгузориҳо бовар мекард ва ба назараш аввалу охири дунё аз Афғонистон ва хонигариҳои Хеваю Қӯқанд иборат буд; ва азбаски ба Бухоро лақаби «қуввати ислому дин» додаанд, амораташро аз ҳамаи онҳо болотар ва пурзӯртар медонист. Ва вақте ки муҳандиси дарбор Дӯстмурод ба ӯ нома навишт, ки «ба мансабдорон аз хазина маош таъин шавад, то ки онҳо пешдасти худ халқро тороҷ накунанд, ва ба сарбозон хӯрданиву пӯшиданӣ бояд дод, ки ба хидмат дилгарм бошанд;» Амир сахт ранҷид ва ба Қушбегӣ гуфт:

– Ба ӯ мартаба додем, акнун ба мо насиҳатгар шудааст.

Ва Қушбегӣ ба дасти Дӯстмурод хати маъзулӣ дод ва ба Қозикалон фаҳмонд, ки «вай аз ин баъд мударисӣ накунад ва шогирд нагирад»; ва Қозикалон дар сӯҳбат бо наздикон, гӯё бо афсӯс, дар асл барои паҳн шудани хабар, гӯшзад менамуд, ки «муҳандис Дӯстмурод девонаавзоъ шудааст, ҳайфи олим, аз афти кор дониш зӯрӣ кардааст»; ва дар шаҳр паҳн шуд ин овоза, ва Дӯстмурод одат дошт, ки ҳафтае як бор, бегоҳирӯз,ба мадрасаи Мири Араб, ба ҳуҷраи меросиаш меомад ва то субҳ ба мушоҳидаи гардиши ситораҳо машғул мешуд; ва ҳоло ҳар гоҳе пайдо гардад, толибилмҳои мадраса масхарааш мекарданд, ки «ана, боз омад, шаби дароз бо аҷинаҳояш сӯҳбат мекунад;» ва худҳошон дар остонаи мадраса, рӯи тахтасангҳо нишаста «Алҳамд» ёд мекарданд ва маънои калимоти арабиро намефаҳмиданд ва бо насиҳати устодон худро тасалло медоданд, ки «имрӯз риёзат кашӣ, фардо роҳаташро мебинӣ;» ва роҳати фардо, ки тамоми умр давом мекард ва асрҳо боз аҳвол чунин аст, иборат буд аз «ҷорӯби дастархони мардум шудан» ва тӯмор навиштан ва таракаи мерос карда ҳақ ситонидан ва роҳи илму амалро бастан…

## 3

Дар Петербург Иван Маленкий аз таассуроти сафари ҳафтсолааш ҳисобот медод – ба маъмурон ва ба матбуот. Ин ҷосуси куҳнакор, ки ба сифати дарвеш, қаландар, наботши-

нос ва этнограф, дар Хева ва дар Фарғона ва дар Бухоро, савораву пиёда гаштааст ва забонҳои форсиву туркиро бо чанд гӯиш медонад, ва Франсаву Итолиёро дидааст, ва императори Аъзам, бо меҳрубонӣ ӯро «мой миленкий» мегӯяд, дар кӯшки ороставу пероста зиндагӣ мекунад ва харидори зиёде дорад аз ходимони рӯзномаву маҷаллаву нашриёт, ва ӯ дар мақолаву рисолаҳояш, ки рангаш хушк нашуда ба чоп меравад, қисса мекунад, ки «агар ба китобҳои таърих ва осори адибони Осиёи Васат бовар бикунем, подшоҳони хирадманду одил дар ин мулкҳо бисёр будаанд, ва адолаташон ба дараҷае будааст, ки дар қаламравашон як вайрона ёфт шавад, подшоҳиро ба худ ҳаром медонистанд; ва дар кӯча як гуруснаро бубинанд, шаб хобашон намебурдааст; ва хари гаргине дар саҳро ҳайдав гардад, соҳибашро ёфта танбеҳ медодаанд, ки «то тавоно буд кор мефармудӣ, нотавон ки шуд, дар кӯча мепартойӣ?,» ва ба гарданаш мемонданд, ки «то охири умр обу алафашро бидеҳ!»; ва даъво доранд, ки дигар мамолики олам усули давлатдориро маҳз аз онҳо ёд гирифтаанд, ва ин даъво ягона манбаи ифтихорашон аст, зеро дигар мояи ифтихор надоранд, ба ҳар ҳол ман надидам. Бисёр гаштам ва дуру дароз омӯхтам, вале аз он адолату фаросате ки маъхазҳо хабар медиҳанд, ва хондагиву шунидагӣ фахре доранд, ягон нишонае ба чашм нарасид – на дар низоми давлат, на дар маърифат, на дар раъиятдорӣ, на дар қонунгузорӣ, на дар шаҳрсозӣ, на дар кишоварзӣ ва на дар роҳкушоӣ.

Тақлиде ҳаст, албатта. Як тақлиди беҳунарона ва беҳосил,–олим, адиб, мутриб, воиз барин шахсҳоро ҷамъ меоваранд ба дарбор, гӯё ки анъанаи подшоҳони зинданомро давом медиҳанд, вале барои баҳра бардоштан не, барои равнақу ривоҷи он касбҳо не, фақат як худнамоӣ, ки «мо ҳам дорем, мо ҳам аз бузургони гузашта кам нестем!»... Хони Кӯқанд хост нишон бидиҳад, ки «подшоҳи одил аст ва дар корҳо аз доираи инсоф берун намеравад». Се нафар аз мирзоёнро ҷеғ зад, сӯҳбати маҳрамона кард: «Ба вилоятҳо меравед. Як бандаи Худо надонад, ки шумо кистед, аз куҷо омадаед, ба куҷо меравед, чӣ кор

доред. Дар қалъаҳову қозихонаҳо гардед. Дар кӯчаву бозорҳо ба гапи мардум гӯш диҳед. Бинеду санҷед. Аз амалдорон касе ба халқ ҷабр кунад, ситам расонад, ришва гирад, номашро нависед. Баъд оварда ба ман медиҳед».

Он се нафар мирзо ангушти қабул ба чашм гузоштанду рафтанд ба вилоятҳо, гаштанд дар музофотҳо. Диданд, тафтиш карданд, навиштанд, оварданд, ба дасти хон доданд.

Хон дар танҳоӣ, дар ҷои хилват аз чашми бегона нишасту хонд он маълумотро – навад дар сади мансабдорон золим ва ришвахӯр ва фиребгар. Ҳамааш бо санад, бо ҳуҷҷат собит шудааст. Бо вазиру раису қозӣ ба машварат нишаст, рӯи сирро кушод, ки «тадбир чист?» Онҳо ба шӯр омаданд: «Сирф тӯҳмат аст. Худи ин мирзоҳо одамони ҳалол нестанд. Дину диёнатро фаромӯш кардаанд. Касе, ки ришва додааст, хуб навиштаанд. Касе ришва надодааст, бад навиштаанд. Ҳеҷ мумкин нест, ки дар овони адолату саховати Шумо барин хони Ҳотаму Нӯшервонсифат, дар мамлакат ин қадар беку қозии бадхӯю баднафс пайдо шуда бошад. Ин кӯрнамакон, ба ҳукми нафси худашон, ғуломони содиқи дарборро бадном кардан мехоҳанд. Инҳо мехоҳанд, ки ба девори салтанати Ҷаноби Олӣ рахна зананд. Ғуломони сарсупурдаро душмани ҷанобашон бикунанд».

«Хони адолатпараст» дигар пурсиш накард. Фармон дод: «Ин се мирзои хоинро баред. Гӯшу биниашонро буред». Ва он даҳ дар сади амалдоронро, ки дар ҳисоботи мирзоҳо сифати неку кори ҳалол доштанд, аз мансабҳо сабукдӯш намуд, ки хиёнатшариканд…

Дар ин қитъаи замин чӣ бисёр, амиру хону мир бисёр. Дар байни инҳо, ба меъёри худашон, бонуфуз ва боэътибораш аморати Бухоро. Ба меъёри ҷаҳонӣ андоза бикунем, давлат номидани аморати Бухоро як истилоҳи шартист. Ба ном гӯё давлатест, аммо дар воқеъ ҳар як вилоят даъвои яккаҳукмронӣ дорад. Ҳар кадомеро дар сар дағдағаи мустақилӣ. Ҳарчанд ки ба Амир боҷу хироҷ медиҳанд, дар замири дил Амиру Вазирро ба як пули пучак намегиранд ва маврид ёбанд аз итоат мебароянд; ва шояд ба ҳамин сабаб

бошад, ки дар ин аморат ҷангу ҷанҷоли оилавӣ ва қабилавӣ ва маҳаллавӣ ва вилоётӣ, қариб бетанаффус давом дорад – ҳокими Шаҳрисабз ба марзи ҳокими Самарқанд ҳуҷум мекунад, мири Хатлон ба сари мири Ҳисор теғ мекашад, беки Дарвоз бекигарии Раштро тобеъ кардан мехоҳад; беки Масчо ба беки Фалғар хусумат дорад, беки Моғиён беки Киштутро душман медонад, ва ҳокими Бойсун ба муқобили худи Амир лашкар мекашад, ва Амир ба хоки хонигарии Қӯқанд даромада ба талаву тороҷ даст мезанад. Ҷанг ва ғорати мудаввом ва дар яклухтӣ бигирем, Осиёи Миёна ба як ҳайҷои бузург шабоҳат дорад, ки шиҳаи асп ва шақароси шамшер ҳеҷ хомӯш намешавад; ва халқ на амният дорад ва на осоиш, ва фурсате намеёбад, ки даст ба ободӣ занад…

Биҳиште дар рӯи замин бошад ҳамин Осиёи Васат аст, вале ба дасти саҳроиҳо афтодааст. Ба қадри ин замину об ва ҳавою офтоб намерасанд. Алҳол мулк хароб, мардум сарсону саргардон, кӯча, чойхона ва бозор пури гадо, ва сухани ростро фақат дар ғайбатхонаҳо мегӯянд, ва мафҳумҳои Ҳаққу Ҳуқуқ вуҷуд надорад; ва Амиру Вазираш суволич – аққалан як корхонаи сӯзанбарорӣ надорад, ки аҳолӣ гиребони даридаи ҷомаву куртаашро бидӯзад, ва зовуди собунпазӣ насохтааст, ки беваю бечора қарқи гардан бишӯяд. Буду шуди ҳиммат ва ҳунари Амир бадин поя –паша бардорад, ба Ҳиндустон барад! – вале нозу савлаташ ба ситора дакка мезанад – фил бардорад миёнаш бишканад!

Арки Амир аз ҷондор, маҳрамбача, пешхидмат ва хонсолору охурсолору чароғдору боз намедонам кадом як бало, пуропур, вале ба Ҷаноби Олӣ ҳамаи ин кам. Сарбории он ҳама чандин мумайиз таъин кардааст – як нафар масъул аст, ки аз тарафи ӯ ба саломи дигарон алайк бигӯяд, як нафари дигар ба ҷои ӯ фотиҳа мехонад, як нафар ба ҷои ӯ гиря мекунад… ва баддаҳонҳо мегӯянд, ки ин тартиб ба ҳарамсарояш низ сироят кардааст»…

## 4

Дар шаҳр ва музофоти Русия чунин мақола ва рисолаҳоро мехонанду механдиданд, ва бовар намекарданд,

ки дар рӯи олам ҳамин хел масхарадавлате бошад; ва дар Бухоро, дар чорбоғи Ширбадан, Қозикалон зиёфат медод – ба ном хатнасур буд, вале дар асл мақсад хушомад гуфтан ва тӯҳфаю пешкаш додан ба Амир буд, то ки ӯро аз мансаб сабукдӯш накунад; ва дар ин зиёфат соф ашрофон даъват шудаанд, ва Ҳоҷӣ Тӯра ба Амир хабар кашид, ки Дӯстмурод дирӯз дар хонааш, ба як тӯда саҳрой, ки ба дидораш омадаанд, варсоқӣ хондааст ва гуфтааст, ки «Арки Бухоро давлатхона нест, ҳамоқатхона шудааст;», ва Амир хандид: «Вай девона, девона ҳар чӣ ба даҳонаш ояд, гуфтан мегирад;» вале ба дил гирифт ва дар хилват аз Қушбегӣ пурсид:

– Ҳамоқат гуфтанаш, чӣ гуфтанӣ гапаш?

Қушбегӣ даст ба сари сина монд:

– Ҳарчи ки Амирам гӯянд.

Ва бӯхчадор дар як хонаи нӯҳболор пасу пеш мерафт, вай ва дастёронаш тӯҳфае, ки ашрофон овардаанд, қабул мекард ва ҷинс ба ҷинс рах мезад; ва машшотаҳо дар кӯшк духтареро орову торо медоданд, ва ин духтарро Қозикалон шаб ба Амир пешкаш бояд бикунад; ва дастархондору бакавулу қассобу ошпазу ҳезумшикану дегшӯву табақбиёрон чун моку рафту омад доранд; ва Амиру Вазир ба сайри боғ баромаданд, ва ашрофон саф ба саф истода бо таъзими заминбӯс истиқбол мегиранду гӯсел мекунанд, магар Амриддини бозоргон, ки сарбаланду бовиқор истодааст; ва Шоир аз паҳлӯ ба ҳамаи ин расму одат, ба афту андомҳо бо тамасхур менигарад; ва ваҷоҳати Амриддини бозоргон ба Амир нафорид, ва ӯро даъват кард, ва дар ҳузури Қушбегӣ ва Ҳоҷӣ Тӯра ба вай фармуд;

– Ба мо матоъҳои нафис, камёб ва қимматбаҳо лозим шуд. Ба маблағи сесад-чорсад танга. Ба ӯҳдаи шумо гузоштем.

Сари баланди Амриддини бозоргон, дар як мижа задан, паст шуд–таъзими заминбӯс кард;

– Лутфи ҳазратам сари бандаашонро ба осмон расонид.

Зиёфат ҳафт шабонарӯз давом кард ва ҳамаи ин муддат дастархонҳо густурда буд, ва чил гӯсфанди парвой

куштанд ва ҳафт пуд бодом сарф шуд ва ҳафт дойра кафид ва панҷ ароба тӯёна ба хазина ва ду канизак ба ҳарами Амир фиристониданд; ва Қозикалон, ки гап-гапи маъзул шуданаш ба даҳонҳо афтода буд, дар мансабаш устувор бимонд.

Ҳамсоя аз ҳамсоя панд гирад, ҳамкор аз ҳамкор, – Раис ҳам аз Қозикалон ибрат гирифт, – Амирро хурсанд кардан даркор то лаззати мансаб бубинӣ!; ва Раис дар рӯзи анҷоми базм хабар дод:

– Навбатро ман мегирам, ва агар Амир рухсат бидиҳанд, ба ҳамаи шумо, дар ҳамин боғ, даҳ рӯз зиёфат медиҳам;

Ва Амир, бо имои сар, рухсат дод; ва нидоҳои шодмонӣ баланд шуд; ва Шоир дигар тоқат карда натавонист, ва хидмати дарборро пушти по зад, азбаски дасту пои эътиқодаш аз замину осмон канда шуд, шаб ҳама шаб шеър навишт ва рӯзона ба муҳандис Дӯстмурод фиристонид:

*Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,*
*Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад?..*

Муҳандис аз хондани ин байт ба ваҷд омад ва ин ваҷд хеле риққатолуд буд ва дардаш ба дилаш нағунҷид, ва одам фиристода Рӯзимуродро ба хона овард ва вараќи коғазро ба дасташ дод:

– Хонед, бо овози баланд хонед.

Рӯзимурод сари хонтахта чорзону нишаст ва қироъат кард:

*…З-ин сон, ки хоҳиши даҳр ҷуз шӯру шар набошад,*
*Бадтар дар ин замона айб аз ҳунар набошад,*
*Сӯди матоъи дониш ғайр аз зарар набошад,*
*Одам касе нахонанд онро, ки хар набошад.*
*Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,*
*Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад?..*

– Дарди замони моро касе аз ин беҳтар нагуфтааст,– муҳандис дар ҷои нишастааш қомат рост гирифт.–Ман то ба имрӯз гумон мекардам, ки танҳо ҳастам. Дар байни галаи ҳамоқатпаноҳон, ки лофи аморатпаноҳӣ мезананд, бо дарду алами худ танҳо ҳастам. Акнун донистам, ки танҳо набудаам.

– Устод Шумо танҳо набудед, танҳо нестед.–Рӯзимурод ҳам дилашро кафонд. – Ҳокими Чорҷӯ ҳамин дардҳоро дошт, Қозии Шофирком аз пушти ҳамин дардҳо бадарға шуд, мардуми Балҷувон бо ҳамин дардҳо шӯриш карданд, мири Ҳисорро зада пеш карданд бо ҳамин дардҳо; ва боз майда чуйдаи бисёре. «Туро газад маро чӣ ғам!» Шумо гӯед, ман қувват намедиҳам. Ман гӯям, Шумо бетараф меистед. Мемонад ҳар кас ба сари худ танҳо. Иллат дар фаҳмидани дардҳо нест, бисёриҳо мефаҳманд ин дардҳоро. Лекин якҷоя табобат карданро ёд нагирифтаанд. Иллат дар ин аст, ки дардмандон ҷамъият надоранд, дасти якдигарро намегиранд, пуштибони якдигар нестанд. Ба Ҳокими Чорҷӯ ҳукми қатл бароварданд, қозии Шофирком овози эътироз набаровард; қозиро бадарға карданд, мардуме, ки қозӣ ғами беҳбуди рӯзгори онҳоро мехӯрд, хомӯш истоданд; шӯриши Балҷувонро пахш намуданд, дигар вилоятҳо ба ҳимоя нахестанд; ва ҳамин тавр беохир.

– Бале, дарди бад. Андеша кардан даркор. Алҳол, Шумо, ки хати зебо доред, ин мусаддасро дар чанд нусха рӯбардор кунед. Ман ороиш медиҳам. Зарҳалкорӣ мекунам.

## 5

Ва Амриддини бозоргон, буду шуди сармояашро сарф карда, аз барои Амир матоъҳои нафис ва камёб ва гаронбаҳо харид. Вай медонист, ки Амир ӯро барои сарбаланд будани хислаташ,хуш надорад ва ғоибона бад мебинад. Акнун, ки чунин муомилаи хубро аз ӯ дид, пару бол баровард, ки «хайрият шуд, хусумати Амир аз байн рафт, таъқиби рӯҳӣ гузашт;» ва дар хариди матоъҳо ҳарчи ҳунар дошт ба кор бурд, ки дар сифат ва нусха нуқсе надошта бошад, ва дар кадом дӯконе як либосврии беҳтарин ёфт, гирифт, аз дигар ҷойҳо фармуда овард. Бо ҳавсала той баст ва ба Амир хабар дод, ки «аморатпаноҳам, борҳо муҳайёст, кай ва ба куҷо барам?»

Аморатпаноҳ дар беруни Арк як бозор сохта буд ва ҳар рӯзи ҷумъа одамонаш либосу палос ва қанду қурсеро, ки саломмуштоқони дарбор ба расми тӯҳфа овардаанду хазинабоб нест, дар ин бозор фурӯхта, пули нақд мекарданд; ва савдогарони ҳинду рус ҳам ба ин ҷо бор меоварданд ва шариатдонон, ки колои онҳоро ҳаром мегуфтанд, аз харидани борҳояшон ҳазар надоштанд, ва худи Амир ҳам парҳез надошт; ва Амир ба борсолораш супориш дод, ки «аз дунболи Амриддини бозоргон чор чашм канда набошад – ҳар матоъи хубе, ки мехарад, аз бозори беруни Арк ҳамрангашро ёбанду харанд»; ва борсолору одамонаш пай дар пайи Амриддин гаштанд, ва ҳар матоъе, ки ӯ ёфт, инҳо ҳам нусхаашро ёфтанд; ва Амир ба Амриддини бозоргон, ки ба боргоҳ даъват карда буд, дар ҳузури Қушбегӣ ва Ҳоҷӣ Тӯра гуфт:

– Мо аз гапамон намегардем. Он матоъҳо, ки фармуда будем, ба мо даркоранд. Лекин нархе, ки шумо мондед, қабули борсолор нашуд. Ҳамон чизҳоро аз ҷои дигар бо нархи арзонтар гирифт.

Чашмони Амриддини бозоргон сиёҳӣ зад, умед ва сарваташ дар як лаҳза барбод рафт. Вале сир бой надод, лобаву зорӣ накард, ва сархам аз боргоҳ баромаду рафт; ва ду дукон кушод дар бозори Чорсӯ, лекин савдояш ба-

рор нагирифт, ки нагирифт–матоъҳо қимматбаҳо буданд ва мардуми бепулу муфлис, қудрати харидани чунин молҳоро надоштанд; ва бозори бозоргон касод шуд, ва ӯ аз Бухоро фирор кард; ва Амир, дар ҳалқаи аҳли рикоб аз маврид ба маврид, лоф мезад:

– Дидед, ҳоли Амриддини ҳавобаланд чӣ шуд? Бо думи шер бозӣ кардан мехост!..

Ва Амир ба савдогарони рус муборакнома дод, ки дар мулки Бухоро, аз ҳар ҷое хоҳанд, ҳар қадаре хоҳанд, абрешим бихаранд. Ва ба уҳдаи Қушбегӣ гузошт, ки дар савдои онҳо ҳамаҷиҳата ёрӣ бирасонад.

Ва Амир аз шикасти Амриддин дар дил меболид ва аз шатранҷбозӣ, аз дегчапалавпазӣ, аз тамошои тагалҷанг дилгир шуд–тамошои дигаре мехост, ва ҳарчанд ки дар хона каси ғайре набуд, вай бо Ҳоҷӣ Тӯра гӯшакӣ кард; ва Ҳоҷӣ Тӯра ба ҳарам гузашт ва занаки далларо имо карда ба гӯшаи долон бурд ва дар гӯшаш пичиррос зад; ва лаҳзае пас Амиру Ҳоҷӣ Тӯра фойтунсавор аз Арк баромаданд, ва аз дунболи онҳо занаки далла як фойтун занро бор карда равон шуд.

Онҳо берун аз шаҳр ба чорбоғи Амир рафтанд. Амир дар умраш, ба фикри худаш, як ихтироъ карда буд ва ин ихтироъ бозии «дору пахш кун» ном дошт, ва пинҳонӣ дар боғҳо мегузаронд.

Зани далла занҳои фойтунро ба лаби ҳавз фуровард ва аз буттазор Амиру Ҳоҷӣ баромаданд, ки либоси шотирон дар бар доштанд ва ба занҳо ҳуҷум оварданд; ва занҳо, бо қиву чуви сохта ва хандаҳои баланд, титу парешон гурехтанду худҳоро ба чор тараф даруни буттаҳо заданд; ва суросур сар шуд. Буттаҳо аз қади одам баланд буд ва мардҳо аз паси занҳо медавиданд, ва занҳо реб дода руст мешуданд; ва шохи кадом буттае ҷунбад мардҳо ба ҳамон тараф ҳамла мекарданд, гоҳ аз дунби инаш метохтанду ва гоҳе аз паи ваяш. Занҳо қоҳ-қоҳ механдиданд, мардҳо ҳаросзанон нафас мекашиданд; ва Ҳоҷӣ Тӯра аз бари домони яке дошт, вай ҷилва карда реб дод, доман аз дасти Ҳоҷӣ раҳо шуд, ва онҳо мегаштанд гирди се-чор бутта, ва

дасти Ҳоҷӣ гоҳ ба куртаи ӯ мерасиду гоҳ не. Зан зери шохҳо даромад ва Ҳоҷӣ чорғобак шуд, пахш кард, ва зан дасту по зад: «Нарасед, нарасед, ман насиби Амирам ҳастам». Ва Ҳоҷӣ Тӯра кашу паркашро давом дод: «Ман доштам, ҳозир Амир манам!»…

Ва бегоҳирӯз онҳо, зану мард, шоду мағрур, ба Арк баргаштанд. Ваҷоҳате доштанд, ки гӯё дар пойга ё бузкашӣ ғолиб омада бошанд.

6

Амриддини бозоргон чорбозоргард буд, ҷаҳонгард шуд – дуртар аз Бухоро кораш ривоҷ гирифт; ва дар Фарғона ва дар Қазон дӯкон кушод, ва ба Маскав, Берлин ва Париж рафту омад дошт; дар ҳар ҷое тартиби хубе, муомилаи хуше, кӯчаи озодае, иморати боҳашамате, сайргоҳи оростае, меҳмонхонаи муҷаҳҳазе, ҳаммоми тозае, фабрикаи калоне, мошини наве, қатораи равоне бинад, хаёлан аморати Бухороро пеши назар меовард, муқоиса мекард ва ғусса мехӯрд; «сабаби ин ҳама ободӣ ва он ҳама вайронӣ дар чӣ бошад?; дар ин ҷо мардум чӣ корҳои хуб мекунанд ва дар он ҷо мардум чӣ шуғлҳои бад доранд; дар ин ҷо маданияти зиндагӣ ба кадом дараҷаҳо боло рафтааст ва дар он ҷо то чӣ дараҷаҳо паст аст; ин ҷо ҳам ҷои зисти одамон аст, он ҷо ҳам одамон зист доранд, вале яке ба ин беҳрӯзӣ, дигаре бад-он бадрӯзӣ; дар ин ҷо одам озод, дар он ҷо одам ғулом… Ба кадом тарафе нигоҳ бикунӣ – хоҳ шаҳр бошад, хоҳ деҳа, ва хоҳ мулкдорӣ бошад, хоҳ рӯзгордорӣ, аҳвол ҳамин. Айби кӣ? Айби чӣ? Айби худамон? Айби Амиронамон? Айби Худоямон? Тавба кардам!.. Ин дардҳоро ба кӣ мегӯӣ? Аз куҷо дармон меёбӣ?» Ва ӯ дар матбуоти он давлатҳо мақолае хонад, ки аз ноободии Осиёи Миёна ва аз беҳуқуқии мардуми он нақл бикунад, дар аввал як лаҳза хуррамие ба дилаш медаромад, ки «хуб фош кардаанд, шармандагияшонро баровардаанд»; вале баъд хиҷолат мекашид ва аламаш тоза мешуд: «ба ман ҳам дахл дорад!…»

Матбуоти рус аз ҳаёти Осиёи Миёна гоҳ-гоҳ хабар чоп мекард, аз бобати вайронӣ ва душворгузар будани роҳҳо,

фаровонӣ ва бенизомии бозорҳо, ҷанги қаландарон, пойлучиву ҷандапӯшии сипоҳиён, табобати бемор бо тӯмор, хонаҳои хаспӯш, зиёрати мазорҳо, беравнақии ҳунарҳо, бебизоатии мардум, чарху дук; ва Амриддини бозоргон он хабарҳоро мехонд ва рӯзномаро пушти даст мепартофт: «худам бештар аз ин медонам, сабаб ва роҳиислоҳашро намеёбам…»

Ва дар матбуот мақолаҳои Иван Маленкий пайдо шуд, ки воқеаҳоро муфассал шарҳ медод ва решаашро мекофт ва даъват мекард, ки «Русия ин сарзаминро тасарруф бикунад, кори савоб мешавад ба мардуми ситамкашида ва ҳуқуқгумкарда; ва фойдаи моливу ҷонӣ мегирад давлати Императори Аъзам»; ва ба Амриддини бозоргон маъқул меафтод инчунин таҳлил ва даъватҳо, ва ӯ панҷ вақт намоз мехонду дуъо мекард; «Илоҳо, ҳамин хел шавад!»

Нақша ва орзуи фатҳи Осиёи Миёна сад сол боз дар дилу нияти императорон ва ситодҳои ҳарбӣ ва ҳуҷҷатҳои вазорати хориҷӣ сайр мекард, вале сирри давлатӣ буд, ки фош карданаш гуноҳ ҳисоб мешуд, ва сензура қатъан роҳ намедод. Дар нимаи дуввуми асри нуздаҳ, ин сарпӯши мустаҳкам, бо тадриҷ ковок ва кушода шуд ва тарғиботи оммавӣ сурат гирифт; ва кишваршиносону ҳолдонҳо рӯирост ташвиқ мекарданд, ки «ағлаби халқ аз дасти амиру хонҳо ба дод омаданд, ва меҳру дилбастагие ба онҳо надоранд; ва шамшери буррои рус онҳоро озод бикунад, раият онқадар миннатдор мешавад, ки дар бари домани Императори Аъзам намози шукрона хоҳад хонд».

Ва генерал – адъютант Кауфман дар Петербург, дар машварати афсарони олирутба, маъруза кард:

– Худо худаш фармудааст, ки давлати пуршавкати Рус ба имдоди мардуми бечора бирасад. Дар бедодиҳо додрас бибошад. Ман қабоҳатҳои миру амиру хонҳои Осиёи Миёнаро як ба як номбар карданӣ нестам. Ин қазия ба Худо ҳам маълум асту ба бандааш ҳам. Аммо таваҷҷӯҳ бикунед: як мансабдор бо хусумат як хирадмандро «девона» гӯяд, вай ба девонагӣ ном мебарорад. Муҳит чунон аст, ки вай имкон надорад исбот бикунад, ки девона нест ва ақли солим дорад.

Мулке, ки оқилонашро девона медонад, алҳақ, мулки девонагон аст, ва азоби онро халқи бегуноҳ мекашад. Ба ин халқҳо дасти мадад бояд дароз кард. Давлати пуршавкати мо бояд ин корро бикунад. Бо роҳҳои сафорату тиҷорат ва силоҳу сипоҳ ба ин торикистон нуре аз маърифати замонро ворид намояд.

Ва афсарони олирутба каф кӯфтанд, ва Императори Аъзам табу аз таблиғи ин мавзӯъ бардошт, ва як маъракаи доманадори ташвиқӣ ва рӯҳӣ ва ғасбкорӣ дар байни мардум оғоз гирифт; ва сиёсатмадорон, олимон, адибон, ҳарбиён, шарик шуданд ба ин кор; ва минбарҳову коғазҳо пур гардид, ки Осиёи Васат, ба эътибори ҷуғрофӣ, сарзамини нодирест – заминаш ҳосилхез, оби равонаш фаровон, боду ҳавояш муътадил, мардумаш заҳматкаш, вале ин ҳама сарвати табиӣ оқилона истифода намешавад, ва қариб беҳисоб аст, ва аз ганҷҳои дар конҳо нуҳуфтааш касе воқиф нест... Ва генералҳое, ки дар Сибир ва Шарқи Дур ҷангидаанд ва губернаторҳои мулкҳои нав шудаанд, ба Императори Аъзам ва вазири корҳои хориҷӣ номаҳо мефиристониданду исбот мекарданд, ки Осиёи Миёнаро бигирем, ҳам аз ҷиҳати ҳарбӣ, ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ, ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати марзӣ, фоидаи ба маротиб бештар мегирем ва талафоти ба маротиб камтар медиҳем; ва ба харҷи андак манфиати зиёди молӣ ва ҷонӣ ба даст меояд. Сарватҳои рӯи замину таги замини ин мамолик тамоми Русияро серӣ хӯронида ва баҳузур пӯшонида метавонад; ва ниҳоят, мо ба орзуи садсолаамон мерасем,– ба обҳои гарми уқёнус мебароем! Шамшери буррои Рус чунин қудрат дорад! Онро кор фармудан даркор ва таъхир бар зарари мост. Агар сустӣ бикунем, англисҳо пешдастӣ хоҳанд кард ва он гоҳ шӯҳрат ва қудрати мо зарар хоҳад дид.

Ва вазири корҳои хориҷӣ хушдор дод:

– Тундравӣ дар айни ҳол ҷоиз нест. Муносибат ба Англия ва Туркия мураккаб мешавад.

Вазири ҳарбӣ ба ӯ ҷавоб гардонд:

– Зарур нест, ки мо дар пешрафти ҳар як корамон ба даҳони вазирони Англия нигоҳ бикунем. Онҳо аз мо ибо

надоранд, мулк аз паси мулк мегиранд, ҷазираҳо ва шаҳрҳоро ғасб мекунанд, мо намегӯем, ки чаро ин тавр кардед?

7

Ҷосусон ва мубалиғони англис ҳашт сол зӯр заданд, ки ба муқобили таҷовузи Русия як иттиҳоди ҳарбӣ аз аморати Бухоро ва хонигариҳои Хева ва Қӯқанд созмон бидиҳанд; ва Туркия ба ин мақсад ёри Англия шуд, вале ин амиру хонҳо ба ифоқа наомаданд – ҳар кадоме дар сар хаёли яккаҳукмронӣ дошт; ва хони Қӯқанд даъвои баргардонидани хоки Оқмасҷид мекард; ва амири Бухоро сиёсати дурӯягиро пеш гирифт – гоҳ тарафи Англия меғелид ва гоҳе тарафи Русия; ва амири Афғонистон аз пуштибонии англисҳо фахрида даъвогар шуд, ки Амири Бухоро ба ҳокими Шаҳри Сабз мустақилият бидиҳад ва Ӯротеппаро ба хони Қӯқанд баргардонад ва қалъаҳои Керкӣ ва Чорҷӯро ба ихтиёри Афғонистон гузорад, ки дар ҷанг бо русҳо даркор мешавад; ва амири Бухоро рӯ ба Русия овард, ки ёрӣ расонад барои дафъи ин бало.

Ва дар Русия тадбир, тараддуд ва амалиёт сар шуд ва шамшери буррои рус ба кор даромад; ва аз ҷониби Аштархон ва баҳри Хазар, буридаву дӯхта, пеш омад ва аз он тараф ба Тошканд ва аз ин тараф ба Ашқобод расид; ва хони Қӯқанд, ки амири Бухороро душмани ҷон медонист – дар чаҳор сол ду бор аз тарафи амири Бухоро талаву тороҷ дида буд, – бо мулоҳизае, ки пеши раҳи ғосибони зӯртареро бигирад, рӯ ба амир овард:

– Ба ёрӣ биёед! Мадад расонед, кофирон хоки моро поймол накунанд.

Амир ҷавоби номуайяне дод:

– Мебинем!

Вале ба ёрӣ нарафт – вай дар дил хурсанд шуд, ки Русия хонро шикаст диҳад беҳтар аст–худаш ба вилоятҳои Қӯқанд меравад, ғанимати зиёде мегирад аз молу ҳол, аз тангаву тилло, аз канизу ғулом…

Ва аскари фотеҳи рус Тошкандро гирифт, Чирчиқро

гирифт ва Хуҷанду Нову Ӯротеппаро забт кард, ва дар тобеъияти Русия мустамликае ба вуҷуд овард, ва кашвари Туркистон ном дод; ва ин ном дар ҳуҷҷатҳо сабт шуд ва ба харитаҳо даромад ва шӯҳрат ёфт, ки минбаъд зарари беандозае ба халқҳои дигар расонид.

Ва Амири Бухоро, бо хаёлҳои хомаш, ду даст ба бинӣ монд; ва Дизакро сарҳади аморати Бухоро ва кишвари Туркистон эълон карданд, ва аз ин тақсимот на Амир розӣ буд ва на генерал – губернатор; ва байни онҳо гуфтугӯе аз як сулҳи гургоштӣ оғоз гирифт.

Ва обу ҳавои Осиёи Миёна ба зисту зиндагӣ мувофиқ, ҳатто шабеҳи ватани худамон, гӯён крепостнойҳои рус кӯч бастанд ва дар заминҳои фарохи обод маъво гирифтанд; ва ба пӯстини англисҳо кайк даромад, ва онҳо қувваи ҳарбӣ, сиёсӣ, тиҷоратӣ ва ҷосусии худро фаъол карданд, ки «афсӯс Хеваю Қӯқанд аз даст рафт, аққалан Бухороро нигоҳ бояд дошт»; ва Русия дар ғами ба ҳалқа гирифтани Бухоро буд, ва дар сарҳадҳо истеҳком месохт; ва вақте ки бори аввал хабар омад, ки русҳо дар соҳилҳои Сирдарё рӯз аз рӯз бештар мешаванд, ва Амир ҳамон лаҳза нақшаи бозии «дору пахш кун»-ро мекашид, ва ин паём ба гӯшаш нафорид ва абрӯ дар ҳам кашид:

– Аскари рус машқ кунад, ба шумо чӣ? Шумо ҳам машқ кардан гиред! Дашти бесоҳиб, ба шумо ҳам мерасад, ба онҳо ҳам. Монед, қалъаҳояшонро сохтан гиранд.

Ва минбаъд аз сарҳад, пай дар пай, хабарҳои таҳлукадор меомад, ва аҳли риқоб, бино ба одоби дарбор, он хабарҳоро ба гӯши Амир намерасониданд, ки «табъи аморатпаноҳ нозук аст, боз боиси малоли хотири муборак нашавад». Вале дар кӯчаву бозор ва мадрасаву мазор, фичир кучур ҷӯш мезад, ки «аскари урус ба болои Бухоро меомадааст», ва бозориён ин овозаро мешуниданду паси гӯш мекарданд – ғами онҳо хариду фурӯш буд, ки дар хонаашон нону об бошад; ва косибон байни худ баҳс мекарданд, ки «агар урус биёяд, дегу коса ва лаъливу кӯзаи мо харидор меёбад, ё не?»; ва муллоҳо ғавғо мебардоштанд, ки «пои урус ба Бухоро расад, дину диёнат футур меравад!»; ва Дӯстмуроди муҳандис Рӯзиму-

родро ҳамроҳ гирифт, ки ба мадрасаи Бадалбек барад ва шаб ба бом бароянд, ва таҷаммӯъи ситораҳоро мушоҳида бикунанд, то бубинанд, ки «гардиши фалак чӣ пешомадҳоро нишон медиҳад»; ва дар остонаи тоқи мадраса толибилмон пеши роҳи Дӯстмуродро гирифтанд:

– Шумо фолбин, фол бубинед, ки ин хабарҳо ростанд, ё дурӯғ?

Дӯстмурод музтар монд.

– Устод фолбин нестанд, – пеш баромад Рӯзимурод.– Устод таъсири мутақобилаи ҷисмҳои кайҳонӣ ва заминиро таҳқиқ мекунанд. Ин фолбинӣ нест, илм аст.

Ва мутавалӣ аз ошёнаи дуввум дод зад:

– Илм нест, шайтонист. Ин аз забони аҷинаҳо гап мезанад. Бовар накунед, бидъат мешавад, бидъат!

Дӯстмурод қоматашро баланд гирифт:

– Бидъат худи ту!

Ва Дӯстмуроду Рӯзимурод, аз байни тӯдаи толибилмон гузашта, ба ҳуҷра даромданд, ва мутавалии мадраса ба ғазаб омад, ки як девона ӯро таҳқир мекунад, ва азбаски худаш ёрои қасосгирӣ надошт, метарсид, шариатро дастовез карда, шикоятро ба Қозикалон бурд:

– Шумо пушту паноҳи шариат. Вай бошад, дар пеши одами бисёре, бо овози баланд, Шуморо таҳқир кард, бехирад ва бефаросат, гуфт. Тоқат карда мегардед?

Ва Қозикалон ба ёд овард, ки одамонаш пеш аз ин ҳам чунин хабарҳо оварда буданд – Дӯстмурод ба як ҷабрдида гуфтааст, ки «Қозикалон ба қазоватҳои ғайри шаръӣ одат кардааст»; дар ҷои дигар таъна задааст, ки «вай худаш шаръи шарифро дуруст намедонад»; ва дар як мактубаш ба Қушбегӣ навиштааст, ки «Қозикалонатон дину диёнатро хариду фурӯш мекунад. Аз ин рӯ вай ҳомии шариат нест, балки ҷаллоби шариат аст». Дар ҳақиқат аз худ рафтааст ин муҳандис. Ба куфр ғӯтидааст. Шохашро шикастан даркор. Адабашро додан даркор. Девонагиаш ба худаш, зарараш ба дину шариат мерасад. Ӯро аз Бухоро дафъ кардан лозим; ва бо ҳамин андешаҳо ба Амир арз кард:

– Амирам, Дӯстмуроди муҳандис девонаи безарар нест.

балвогарӣ мекунад. Байни мардуми ғазоталаб иғво меандозад. Вай дирӯз дар Чорсӯ, дар байни тӯдаи кӯчагарду роҳгузар ва бозориён, тарғиб кардааст, ки ба ҷанг наравед, шумо ёри ҷанги урусҳо нестед. Амир ҳам он сипоҳу он силоҳро надорад. Ҳар касе, ба чунин ҷанг миён мебандад, бехираду бефаросат аст.

Амир аз Қушбегӣ пурсид:

– Бехирадаш чӣ гуфтанӣ гап?

Қушбегӣ аз тафсири луғат гурехт, ва ба рӯ ниқоби мунофиқӣ кашид, ва бо фурӯтании сохта, эҳтиром нигоҳ дошт:

– Амирам беҳтар медонанд.

Амир ба Ҳоҷӣ Тӯра нигоҳ кард:–Бехирадаш чӣ гуфтани гап?

Ҳоҷӣ ду даст сари сина гузошту расми таъзим ба ҷо овард:

– Амирам беҳтар медонанд.

Амир завқ бурд:

– Мо беҳтар донем, муҳандисро қозӣ карда ба ягон тумони вайрона мефиристем. Дар ҳамон ҷоҳо девонагӣ карда гардад.

8

Императори Аъзам ба ҷанг тайёрӣ медид, вале ҷангро Амири Бухоро сар кард.

Дар Русия ҳарбиён ва сармоядорон ва савдогарон ва безаминон таъҷил доштанд ва бетоқатӣ мекарданд, ки фатҳи Осиёи Миёнаро битезононанд, ва зудтар роҳи савдои бемонеъа ва истифодаи сарватҳоро таъмин намоянд; ва дар Бухоро азм доштанд, ки дар остонаи Самарқанд ба душман зарба бидиҳанд ва тамоми хоки мусулмонро, ки кофирон гирифтаанд, баргашта бигиранд. Ва ашрофон ва муллобачаҳо ба шӯр омаданд, ва Қозикалон ба одамони наздикаш фармуд, ки дастае аз толибилмон ташкил бидиҳанд, ва афроди ин даста шабу ними шаб ба мадрасаҳо бираванд ва дари ҳуҷраҳо бикӯбанд, ва нидои «ҷиҳод» дар диҳанд, ки рӯҳи ҷанг дар онҳо боло гирад.

Ва Амир дар Бухоро ҷиҳод эълон карду худаш ба Самарқанд рафт. Дар ҷанги остонаи Дизак, ки худаш сипаҳсолор буд,ва шикасти сахт хӯрд, ва эътибораш назди мардум коста шуд, ният дошт дар Самарқанд он эътибори рафтаро баргардонад; ва дар Самарқанд тарҳ кашиданд, ки «ҳамаи мусулмонон ба по хезанд, ва аз Чирчиқ биёянд, аз Дизак бароянд, аз дигар ҷоҳо биёянду дар Нурато ғун шаванд! Ҳамин ки аскари рус аз дарё гузашт, аз ду тараф ҳуҷум намуда, ҳамаашро қир кунанд». Ва мусулмони қаторӣ Муроди чоряккор дар сӯҳбати айвони масҷид, эътироз кард: «Соҳиби хок амиру дастёронаш. Соҳиби об амиру дастёронаш. Барои чӣ ба ҷанг мерафтаем? Худи амиру дастёронаш рафта ҷанг кардан гиранд!!!»

Тайёрӣ ба ҷиҳод авҷ гирифт – дар мадрасаҳо ба ҷиҳод даъват мекарданд, дар кӯчаву бозор ҷор мекашиданд, ва дар сарбозхонаҳо таблу дуҳул заданд ва ба музофотҳо шотир фиристониданд ва пешкорон дари хонаи мардумро мекӯфтанд.

Ва Рӯзимурод тӯшаи даҳрӯза ғун овард ва рафт ба ҳавлии устодаш Дӯстмурод, барои видоъ. Дӯстмурод сари хонтахта нишаста буд ва чизе менавишт, ва ба Рӯзимурод ишора кард, ки «биё, рӯи кӯрпача биншин, ман ҷумларо тамом кунам, мехезам»; вале нимсоат зиёдтар даст аз дафтар набардошт, ва Рӯзимурод аз интизорӣ дилтанг шуд ва бетоқатӣ кард:

– Паноҳатон ба Худо устод, ман рафтам.

– Як дам истед, аҳволпурсӣ накарда куҷо меравед?

– Ман ба ҷиҳод меравам.

Дӯстмурод аз паси хонтахта хест, ва зонувонашро молида-молида омаду дар паҳлӯи Рӯзимурод, рӯи кӯрпача нишаст:

– Ба ҷиҳод?!

– Ҳа, ба ҷиҳод.

– Дурусттар фикр кардед?

– …

– Инҳо гумон доранд, ки ба ҷанги ҳокими Ғузор, ё Ҳисор, мераванд. Низоми сипоҳ ва қудрати силоҳи русро

надидаанду намедонанд. Лашкаре, ки инҳо ғун овардаанд, ба ҳайҷо нарасида, титу пош мешавад. Шумо чӣ умеде доред аз инҳо?

– Ба инҳо коре надорам, ба ҳифзи ватан меравам.

– Ин ҳама издиҳом даъвои ҳифзи дин доранд. Шумо, ки ба ҳифзи ватан камар бастаед, илоҳо, ба мுроду мақсадатон расед.

30 январи 1866 армияи рус тарафи Дизак ҳаракат кард ва ҳамзамон ба Амир нома фиристониду талаб кард, ки аъзоёни сафорати русро таъҷилан озод бикунад; ва Амир аъзоёни сафоратро, ки барои телескоп доштанашон – ин асбоб даруну беруни шаҳрро нишон медиҳад, инҳо ҳама асрори моро мебинанд!–ба ҳабс гирифта буд; пас аз талаби русҳо бор доду шарт гузошт:

– Ҳамаи хоки мусулмононро, ки гирифтаед, баргардонед. То Семипалатинск ва то Оренбург баргардонед, баъд шуморо озод мекунам.

Генерал –губернатор ба ин даъво хандид, ва нияти гузаште кардан надошт;ва пешу паси армияро мустаҳкам мекард; ва моҳи сентябри соли 1866 қатъан талаб кард: дар муддати даҳ рӯз товони ҷангро диҳад, фавран лашкарашро ақиб-тарафи Самарқанд барад, роҳзанҳоро безарар гардонад, ки корвонҳо бемалол рафту омад кунанд; ва даъвои хок надошта бошад; фақат дар ҳамон ҳолат аз сулҳу салоҳ гап кушодан маъние дорад.

Амир ҷавоби қатъномаро ақиб партофт–ба зӯрӣ мегирад он заминҳоро!

## 9

Ва Рӯзимурод тӯшаашро пуштора гирифту рафт ба пилаҷо, ва пилаҷо сето буд–яке дар шаҳр, дар сарбозхона барои пиёданизом, дигаре дар Чорсӯ барои сарбозони мавсимӣ, ва сеюмаш берун аз шаҳр, дар саҳро барои сарбозони савора. Пиёданизом сарбозони доимӣ ва ба истилоҳ касбӣ ба ҳисоб мерафтанд, ки хидматашон мӯҳлат надошт ва дар сарбозхона ба онҳо рӯзе ду бор шулон медоданд; ва ли-

босашон якранг набуд касе чизе ёбаду пӯшад; ва рӯзҳои бозор машкобӣ, ё гадоӣ мекарданд; ва онҳо асосан мардуми бечорае буданд, ки дигар ҷои рафтан надоштанд–бехонаву дар. Бекорони сарсону саргардон ва қарздорон ва хуниҳо ва фидоиён фавҷи сарбозони мавсимиро ташкил медоданд. Сарбозони савора варзида ва бо низом буданд.

Ва лашкар фармони роҳ гирифт, лашкаре, ки илми ҷанг наомӯхтааст ва ба кироя гирифтаанд аз туркманҳои саҳрогард ва форсҳои ғулом ва гурезаҳои афғон ва тӯдаи элнавкар, ки бӯи борут начашидааст. Ва сардорони даста, ҳар кадоме дар мақоми худ, ба роҳ баромаданд; ва савораҳо аспҳоро маҳмез заданд, ва фаши салаашон дар бари рӯяшон бодбезак шуд; ва пиёдаҳо дунбол карданд – тӯрбаҳо дар пушт, камонҳо дар китф; ва сиву ҳафт шутур сиву ҳафт тӯби чӯяниро мекашид; ва роҳу бероҳа пури саворaву пиёда гардид.

Ва Амир, бо аҳли рикоб, ҷондорон ва сипоҳи хоса, савори фойтун, бо роҳи калон, тақрибан дар миёнаи лашкар равон, ба майдони ҷанг мерафт; ва шотирҳо меомаданду аз авзои роҳ хабар медоданд, ва худаш чопарҳо мефиристонид ба сарлашкар ва саркардаҳо ва супоришҳо медод; ва як фойтуни болопӯшида пури зан аз дунболаш меомад, ки шилшилаҳои рангорангаш бод мехӯрд; ва ин низом ва ин лашкари анбӯҳ ба дили Амир фараҳ ато мекард; ва хаёлаш дар ҳавои ҷангҳои гузашта ва ғалабаҳои оянда, ба парвоз даромад: «Кӯҳро паст мекунад ин лашкар. Боз шермардон аз Шаҳрисабз ҳамроҳ мешаванд. Аз пеш сипоҳи Самарқанд мебарояд. Аз лашкаре, ки хоки Ҳисорро бехт, ба камаш, бист карат зиёд аст. Як наъра кашида ба ҳуҷум гузарад, гарди салоти русро мебарорад. Сарлашкар ва саркардаҳоро огоҳ кардан лозим, ки аскари урусро бисёр накушанд. Чунон ки ин хел корҳо дар Ҳисору Қӯқанд шуда буд. Мардҳояшро асир мегирем, ғулом мекунем. Занҳояшро каниз мекунем. Тангаву тиллояшро ба хазина мефиристем».

Ва Амир шаҳди ғалаба чашид – ҳам ғалабаи гузашта ва ҳам ғалабаи оянда; ва бо шамотат пеши назар овард, ки бекҳо даъвои мустақилӣ доштанд. Беки Ҳисор Абдукарим

Додхоҳ, пинҳонӣ бо беки Деҳнав забон як кард, ва ҳардуи онҳо одам фиристода аз беки Кӯлоб Сарихон маслиҳат пурсида, розигии ӯро гирифтанд ва аз итоат ба Амир сар тофтанд–фармоишҳои ӯро иҷро накарданд, андоз надоданд, молиёт нафиристониданд.–Мо ба онҳо мансабу насаб додем, акнун онҳо ба мансаби мо талабгор шуданд! Ва Амир лашкар кашид ҷониби Ҳисор ва бекҳо роҳ гирифтанд сӯи Бухоро ва сарбасар заданд дар қарибиҳои Хатирчӣ, андаруни дараи Амаксой. Сипоҳ, силоҳ ва усули ҷанги ҳарду тараф аз якдигар фарқ надошт – саворاву пиёда, шамшеру туфанг, наъраву тохтан ва тӯдашавию занозанӣ – Худо ба касе диҳад! Ва бартарии Амир чаҳор тӯп буд – дутояш чӯянӣ ва дутои дигараш аз мис; ва дар бархӯрди аввал бекҳо шикаст хӯрданд; ва Сарихон, баъди ин шикаст, ҳазимат кард, ва якзарб рост ба Кӯлоб рафт. Беки Ҳисор ва Беки Деҳнав ҷангкунон ақиб нишастанд; ва сипоҳи Амир пайваста дар таъкиби онҳо буд, ва пеш карда то Деҳнав овард, ва дар қалъаи Деҳнав шинакгириву муқовимат ҳашт рӯз тӯл кашид; ва дар ин ҳашт рӯз сипоҳиёни Амир деҳоти атрофро покпокиза талаву тороҷ намуданд; ва мардуми аросоте хонавайрон, бемакон ва фирорӣ шуданд; ва оқибат Амир қалъаро гирифт ва оташ зад, ва беки Деҳнав таслим шуд – «пушаймонам, узр мепурсам аз Амирам! Гуноҳи худро ба хун мешӯям!» Ва беки Ҳисор Абдураҳим Додхоҳ дар майдони ҷанг танҳо монд ва ақиб нишаст–сипоҳаш дигар иқтидори ҳарбу зарб надошт; ва сипоҳиёни Амир ба ҳар деҳаву боғе пояшон расид, ғоратро ба ғоят расониданд; ва мардум аз ҷонашон гузашта, белу каланд ва досу хода гирифта, ба майдон баромаданд; ва лашкари Амир онҳоро аз як сар қир кард; ва Абдукарим, бо як даста одамони наздикаш, гурехт,ва гурезон аз Сарихон паноҳгоҳ пурсид, ва Сарихон, бо мақсади худро нағз нишон додан – Абдукаримро дастгир кард ва ба Амир супорид:– «ман айбе надорам, айб аз Абдукарим гузашт!»; ва Амир асирро ба қатл расонид ва мехост, ки сари Сарихонро низ бигирад; ва Сарихон шабошаб фирор карду ба Афғонистон гузашт.

Ва алҳол Амир дар фойтун боҳузур нишаста бо ҳавои

ин ғалабаи гузашта худро оламгир ҳисоб мекард; се лашкарро шикаст, се мулкро тобеъ кард ва ғаниматҳои моливу ҷонӣ гирифт; дар пеш фақат як лашкар аст ва мулкҳои васеъу сарвати беқиёс…

Ва пардаро боло зада ба фойтуни занҳо нигарист: «духтарони хушрӯ бисёр»…

Лашкар роҳ мепаймуд – шутурҳо тӯпҳоро мекашиданд, савораҳо аз бероҳаи дашт мерафтанд, пиёдаҳо бо роҳи тапурхок, ва сарлашкар, аспи ҷавмасте зери рон, аз фавҷ ба фавҷе мерафт, ва фаши саллаашро боди чорхези асп ҷавлон медод ва наъра мекашид:

– Мард бошед! Мардона равед!

Ва лашкар мардона мерафт – шохи дарахтонро шикаста, меваашро хӯрда, киштзорҳоро зери по карда, ёраи обчакориҳоро канда мерафт; ва соҳибони боғу кишту палакҳо, пас аз гузашта рафтани онҳо, бо дили хуншор ва чашми пуроб, ба осмон арзу шикоят мефиристониданд;

*Ҳар ҷо ки расид пои аспи қатаған,*
*На мурда кафан ёбаду на зинда ватан.*

Аз осмон ёрие намерасид, вале дар замин медиданд, ки дар ҳар манзиле, ки Амир фуруд ояд, ҳокими тумону арбобони деҳ ӯро пешвоз мегиранд бо дафу дойра, сурнаю ғижак ва рақсу бозӣ; ва мебаранду мефуроранд ба меҳмонхонаи қабзаву фурӯмон, ва пеши пояш хун мебароранд – сар мебуранд гову гӯсфанд; ва аз мардум ҷаву алаф меғундоранд барои аспу шутури эшон; ва дастархон меандозанд – нонҳои ширмол, мавизи сиёҳи донакалон, кишмиши соягӣ, чормағз, бодом, ҳалво, нишалло, набот, оби дандон, себ, ангур, анор, нок, гӯшти обҷӯш, гӯштбирён, оши угро, оши палов; ва мансабдорон дар тараддуд, дастҳо пеши бар; ва аҳли риқоб фашшосзанон дар хӯрдану ошомидан; ва Амир дар каттагиву фароғату ҳаловат, ки «фуқаро маро дӯст медорад!» ва фуқаро, ки ҳар рӯзу ҳар сол тороҷ дидааст, аз паси ӯ дуъо мекунад, ки «илоҳо, хӯрдагиат заҳру зақум шавад!…»

Ва сипоҳиёни савора дар саҳро лангар партофта, аз дегҳои амирӣ шом мехӯранд; ва аҳолии деҳоти наздикро ӯҳдадор кардаанд, ки ба аспи онҳо ҷаву беда бидиҳанд; ва пиёдаҳо дар работҳо қӯш партофтаанд ва ҷулу ҷандаашонро паҳну лӯнда мондаанд, ва халтаву саночҳоро кушода, тӯшаҳои овардаашонро тановул мекунанд; ва Рӯзимурод бо Дӯсти дегрез, ки ҳарду ҷиҳодталабони ихтиёрианд, дар кунҷе пушт ба девори работ монда нону об мехӯрданд; ва Рӯзимурод суханашро, ки дар роҳ сар карда буд, давом дод:

– Мо ба ҷиҳод меравем, то ки молу ҷони мардумро ҳимоя бикунем. Мақсад ҳамин аст? Ҳамин! Лекин дар амал чӣ? Ҳанӯз ба душман рӯ ба рӯ нашудаем. Ҷанг накардаем. Аммо, малах барин, молу маноли заҳматкаши бечораро мелесем. Ин чӣ лашкардориест?

– Манғитиву зӯракияш ҳамин,– ҷавоб дод Дӯсти дегрез.–Одати куҳнаи ин мардум. Тартиби давлатдориашон ҳамин. Бисёр дидем. Ҷои тааҷҷуб надорад. Лекин ман ҳайронам, ки Шумо аҳли савод, амиру вазирро бад мебинед, хидмати дарборро пушти по задед, боз ба ҳимояи аморат камар бастед?

– Ба ҳимояи амиру вазир не, ба дифоъи хоки Ватан. Инҳо имрӯз ҳастанд, фардо нестанд. Аммо хоки Ватан барҷост. Доимист. Ҳифзи он шарт аст.

– Шояд ҳамин тавр бошад.

– Агар ин тавр нест. Шумо ба чӣ умед фидойӣ шудаед?

– Аз ноилоҷӣ. Бори рӯзгор ниҳоят вазнин шуд. Роҳи халосиро дар ҷанг дидам. Шаҳид шавам, ба ҷаннат меравам. Зинда монам, ғанимате мегирам…

Бо ҳамин насақ мерафт лашкари ислом ба алайҳи куффор,ва ин роҳпаймойи ду моҳ тӯл кашид; ва ба ҳар манзиле, ки рӯзона дам мегирифтанд, ё шабона хоб мерафтанд, арбобу амлокдор сағиру кабирро ҷамъ оварда сари роҳ мебароварданду қофилаи Амирро пешвоз мегирифтанд бо нону намак, бо рақсу суруд, бо таъзиму хушомадед; ва байни арбобон як мусобиқаи ногуфта ба амал омад,– кӣ беҳтар истиқбол мекунад, одами бештаре мебарорад, сафи

беҳтаре мероояд, ҳавлии мӯҳташаме дорад, гову гӯсфанди фарбеҳтаре мекушад, дастархони пурнеъматтаре мекушояд, тӯҳфаи қимматтаре медиҳад, ҷаву бедаи фаровонтаре фароҳам меоварад… ва ин ҳама хароҷот аз куҷост, касе ба ҳисоб намегирифт; ва Бухоро, ки мулки беҳисобу китобе буд, мижаи аморатпаноҳу шариатпаноҳ хам намехӯрад, ки дар коҳдони раия пораи хасе, дар ҳезумхонааш парахаи ҳезуме, дар анбораш донаи гандуме намондааст; ва сипоҳиён озуқае, ки дар тӯрбаву саночҳо доштанд, кайҳо хӯрдаанд, ва гуруснаву нимгурусна роҳ мераванд, ва ҳар хӯрдание дар сари роҳу атрофи роҳ ёбанд, тала мекунанд ва ба duздиву майдадуздӣ даст мезананд; ва аз ҳар деҳаву тумон, ки қофилаи Амир ва лашкари «ҷаррораш» мегузашт, файзу баракат мепарид, ва халқи тороҷдида умед аз раҳмати Худо дошт ва даст ба омин мебардошт – «Худоё, Худовандо, кай ин балоро аз сари мо дур мекунӣ?!», ва пушти даст ба рӯ мекашид: «Илоҳо, рафтӣ, барнагардӣ!…»

Ва оқибат лашкар ба мавзеи Сосиккӯл расид, ва нузул кард, ва рӯ ба рӯи аскари рус истод. Сараскарони рус низом ва силоҳи аскарони Амирро хеле хуб медонистанд ва ҳолати роҳҳо, пайраҳаҳо, вазъу вазни пулҳо, гузаргоҳҳо ва тарзи рӯзгору рӯҳияи аҳолӣ ва сохти қалъаву дидбониҳоро аниқ медонистанд; ва бохабар буданд, ки Амир ба рӯи онҳо лашкар кашидааст, вале аз оғози ҷанг худдорӣ мекарданд, то давлатҳои мутамаддини ҷаҳон ғосибашон нагӯянд. Амир низому силоҳи аскари русро намедонист, ва аз таълиму таъминоту рӯхияи он сирф бехабар буд, ва фақат як дағдағаи хушку холии ҷангталабӣ дар сар дошт,ва одами аросотеро ҳай карда омадааст, ки ғазо бикунад; ва саркардаи аскари рус дар Сосиккӯл ғун омадани тӯдаи бузурги одамро дида ваҳм кашид, ва дар ин маврид сулҳро муқаддам бар ҷанг донист,ва расул фиристонид ба Амир, ки «Мо ҷанг кардан намехоҳем. Агар мушкилие ҳаст, биёед ба хушӣ, бо маслиҳату машварат, ҳал кунем»; Амир гуфтугӯ бо як афсарро ба шаъни худ муносиб надид ва бор надод, ва ба Сарлашкар фармуд:

– Биравед, ба вай гӯед, ки тарсидед?! Бояд пешакӣ фикр мекардед, ки дар ин майдон бо кӣ сару кор доред.

Ҷанг ногузир шуд.

10

– Мо ба касе ҳуҷум накардаем,– барқия дод Генерал Губернатори Туркистон ба сараскараш.–Ба мо ҳуҷум карданд, мо бояд ҷавоби муносибе бидиҳем! Муқовимат бикунед. Фавран қувваҳои нав ба мададатон мефиристем.

Ва аскари рус омодагӣ гирифт – сангарҳо сохт, тӯпҳоро дар баландиҳо шинонд, ҷои пулемётҳоро муайян кард, самти дастаҳоро нишон дод; ва шумораи аскаронаш ба ҳазор намерасид; ва мунтазир шуд, тарафи муқобил чӣ кор мекунад?

Аз ин тараф Амир таъҷил дошт – намози бомдодро мухтасар хонд, нӯкарон асп оварданд, савор шуд ва бо аҳли рикоб сари баландии аз ҳама баланд баромад, ва ба чодари сурх даромад, ва дашту сипоҳро назора кард – дашт васеъ, ҳамвориҳойи пасту баланд, селроҳа, шикаст ва фурӯрафтаҳо, хомаҳо, адирҳо, буттазорҳои тунук ва реги равон; ва лашкар ба ҳуҷум тайёр; ва Амир вазъ гуфт, ки «зиндаҳо ғозӣ мешаванд, шаҳидҳо рост ба арши аъло мераванд»:

– Ғазо бикунед, салотҳоро камтар бикушед, зиёдтар асир бигиред, нусрат бикунед. Ҳар шаҳрро бигиред, се рӯз ба ихтиёри шумост, ғанимате, ки ёбед азони шумост.

Ва фотиҳа дод ба оғози ҷанг, ва лашкар ҷунбид, ва Сарлашкар аспашро ҷавлон дод ва аз адир ба адир, аз фавҷ ба фавҷ, метозонд ва нидо медод:

– Ҷиҳод кунед! Пойдор истед! Ҷиҳод кунед! Пойдор истед!

Сипоҳиёни савора шамшерҳо аз ғилоф баркашиданд, алвонҷ доданд дар ҳавои болои сар ва асп тозонида наъра кашиданд; ва пиёданизом аз паҳлӯҳою аз дунбол ҳою ҳуй бардоштанд ва селвор равон шуданд; ва салотҳои урус, ки то алҳол хомӯшу интизор буданд, дар сангарҳо даст ба силоҳ гузошта, фосиларо чен мекарданд ва ҳамин ки ма-

софа тиррас шуд, аз тӯпҳо оташ кушоданд; ва садои таркиши гулӯлаҳо, ки ноошноюю воҳиманок буд, ва шиҳаи аспҳо, ки бо саворашон каллапо мерафтанд, ва пиёдагоне, ки ба замин чалпак мешуданд,ва чангу ғуборе ки ба ҳаво мехест, даҳшате ба сафҳои лашкари Амир андохт, ва тарсу ларз ғолиб омад, ва даъватҳои сарлашкар «Ҷиҳод кунед! Пойдор истед!» ба гӯши касе намедаромад, ва гурезогурез сар шуд; ва сипоҳ дар байни як соат пароканда гардид; ва аз паси тӯпҳо пулемётҳои салотҳо ба кор даромад, ва тирандозон ҳамроҳ шуданд; ва ҷиҳодталабон – савораву пиёда, бетартиб ақиб нишастанд – ҳар дастае ба тарафе; ва шумораи онҳое, ки аз тарс ба ҷару ҷӯ афтида нобуду маҷрӯҳ шуданд, бештар буд аз шумораи онҳое, ки аз тир ҷон ба ҷонофарин супориданд. Ва салотҳо шаҳди ғолибӣ чашиданд – аз сангарҳо барҷастанд ва таъқиб карданд…

Ва Амиру аҳли рикоб чодарҳо ғундоштанд, савор шуданд ва гурехтанд то он даме, ки садои тиру тӯп дигар шунида намешуд; ва дар канори дашт, дар сари роҳи корвонгузар, дар работи Гунбази Сабз фуруд омаданд; ва низомиёни савора, пасу пеш, дар ин ҷо ҷамъ мешуданд; ва як дастаи савора занҳои фойтунсавори Амирро ҷониби Бухоро гусел мекарданд; ва аз пиёдаҳо тӯдае дар роҳ буданд, гурӯҳе роҳгум заданд, қисме гурехта ба деҳот рафтанд; ва аз панҷоҳ фидоие, ки Рӯзимурод ҳамроҳашон буд, нӯҳ нафар боқӣ монд ва аз онҳо касе роҳро намешинохт, ва таваккалан қадам мезаданд, ва дар пеш ғайри чӯли бедод, биёбони холӣ ва талу теппаҳои рег ва хол-хол бутадор, дигар чизе наменамуд.

Ва сарлашкар ба Амир арз кард:

– Амирам, пири ҳамин мазори Гунбази Сабз шоҳид, ки мо тарсу нестем. Лекин салотҳо ҷанги номардона карданд. Онҳо фурсат надоданд, ки шерчанголони мо наздик раванд, вагарна хокашонро мебехтем!

Ва Дӯсти дегрез дар регзор аз пои рафтан монд, ва худро ба хомаи рег партофт:

– Як нафас дам мегирем. Шинетон ҳамаатон. Шумо, мулло Рӯзимурод, одами хондагӣ, ба мо гӯед, ки чаро

тӯпҳои мо ҷавоб надоданд? Як гулӯла ҳам напартофтанд?

– Тӯпҳои мо дар ҳифзи занҳои Амир истодаанд. Ба ҷанг кардан вақт надоранд.

Ва дар Гунбази Сабз саркорон ба Амир ҳисобот медоданд–тӯпҳо гулӯла надоштанд, гулӯлаҳо дар Бухоро мондаанд; борутро сари вақт аз анбор набаровардаанд; қисми зиёди сарбозон, як ҳафтаи охир, гуруснаву ташна будаанд, беки Шаҳрисабз, бо сарбозонаш, аз нимароҳ баргашта рафтааст…

Ва Амир раги гарданашро хезонда дод зад:

– Надоштаанд, набаровардаанд, наомадаанд, шумо маъмурон дар куҷо будед? Чашматон ба куҷо буд?!

Ва Муншии дарбор, одами ришсафед, ки навиштани таърихи аморат ба ӯҳдааш буд, ва сӣ сол боз лашкаркашиҳои музаффарона ва фотеҳи замона, ва тантанаҳои қаср ва пешкашу тортуққои ҳокимон, ва саломи заминбӯси мансабдорон, ва ярлик доданҳо, ва қабули сафоратҳо, ва хирадманди ягона будани Амирро рӯи коғаз меовард, ва ҳамеша ду даст пеши бар «хӯш ва лаббай» мегуфт, аз куҷое ғайраташ ҷӯш зад, ва рӯҳи ғуломиаш шикаст, ва баъди ба хидмати дарбор омадан, бори аввал ба асли ҷавҳари худ баргашт, ва дар ҳузури Амир берухсат аз ҷои нишасташ бархест ва бе таъзими заминбӯс пеш баромад;

– Ман гӯям, ки куҷо буданд! Ҳангоми тайёрӣ ба муҳориба Шумо бо Ҳоҷӣ Тӯра дар чорбоғи Ширбанд саргарми бозии «дору пахш кун!» будед. Инҳо аз канор истода тамошо мекарданд, чашмашон ба сурсуракон ва пахш карданҳои Шумо буд.

Ҳанги мансабдорон канд – ранг бадал карданд ва абрӯ дарҳам кашиданд ва лаб каҷ намуданд ва чашмашон роғ рафт, гӯё ногаҳон замин ларзида бошад, ҳама хомӯш ва ҳаросзада мунтазир монданд: Ба Муншӣ чӣ шуд? Хушодоб буд, умре ба сари хам таърихи сулолаи манғитро навишт, шаҳомату адолати Амирро васф кард, ғаюру ҷаҳонгиру аморатпаноҳ мегуфт; чӣ бало зад, ки яку якбора, аз як дастнигари хушомадгӯ, ба як дастдарози ҳақиқатгӯ табдил ёфт?!

Аз ҷаҳл чашмони Амир хун гирифт:

– Худо аз мо рӯ гардондааст. Хоҷа Баҳовуддини Балогардон дастгирӣ намекунад.

Муншии пир ба ҳакам табдил ёфт:

– Дуруст мекунад. Мехоҳед Худоро ҳам фиреб диҳед?! Бидонед, Худо раияи ҷандапӯшу шикамхолии Бухоро нест, ки ин ҳама ҷабру ситамро нодида бигирад. Мисли зарбофтпӯшу саллакалону шикамдамони атроф ҳам нест, ки ҳар қабоҳатро каромат нишон диҳад. Шумо, ки аз бандагони Худо рӯ гардонидаед, чаро Худо аз шумо рӯ нагардонад?

– Баред ӯро! Баред, чордарон кунед!..

## 11

Генерал – губернатор қасди фатҳи Дизакро дошт, ки дарвозаи Самарқанд аст, ва Амир ҳам умед ба қалъаи Дизак мекард, ки душманро шикаст диҳад, ва пеш кунад то Оренбург; ва муҳофизати ин қалъаро вогузор намуд ба яке аз авлодони худ Охунди Калон, ва ин Охунд на одами ҳарбӣ буд ва на илми ҳарбро медонист, вале Амир ба садоқаташ шубҳа надошт, – ба шахси ӯ содиқ бошад, ҳунараш муҳим нест! Ва даста-даста сарбоз мефиристонид аз саворaву пиёда; ва гурӯҳи роҳгумзадаи Рӯзимуроду Дӯсти дегрез, ки саводи самти роҳро муайян кардан надоштанд, ва дуним рӯз аст, ки дар биёбон бесару сомон мегаштанд, ва се ҳамроҳашонро зери рег дафн намуданд, ва аз зиндагӣ ноумед буданд, тасодуфан бо як даста сарбози пиёдагард вохӯрданд, ва ҳамроҳи онҳо ба Дизак омаданд.

Дар қалъаи Дизак сарбозон аз дарун ва беруни девор хок меканданд. Охунди Калон фармуда буд, ки девори қалъаро гирдогирд хокрез бикунанд, ҳама роҳҳои дарову буроро банданд, ки ягон ҷондор даромадаву баромада натавонад; ва дарвозаву дару даричаро маҳкам мекарданд.

Охунди Калон гирди девори қалъа давр зад ва мустаҳкамии хокрезро дид, ва хушаш омад:

– Душман сад сол зӯр занад ин қалъаро гирифта наме-

тавонад. Хуб кор кардед, акнун фароғат бикунеду таоми ҳалол бихӯред.

Сарбозон белу каландҳоро бардошта ба саҳни қалъа ғун омаданд, ки нафаси озоде кашанд; ва ҳамин лаҳза Ашӯри Понсад, сарбози касбӣ ва ҷангдида, ба Охунди Калон хитоб кард:

– Ҳазрат, ҷанг талоя дорад, байн дорад, канора дорад. Ин нақшае, ки шумо кашидед, сипоҳро зинда ба зинда гӯр мекунад.

Охунди Калон фаши салла бар зад ва таъкид кард:

– Фармондеҳ ман! Вазифаи Шумо иҷро кардан!

Ашӯри Понсад ба ин фармони ӯ итоат накард – сарбозонашро аз қалъа берун бурд ва дар хомазори дашт, дар ҳавои кушод, сангар гирифт; ва Рӯзимуроду ёронаш, ки бесоҳиб буданд, ба гурӯҳи ӯ пайвастанд.

Сарбозон тӯда-тӯда дар рӯи ҳавлӣ нишастанд ва шулон хӯрданд ва ёнбош заданд.

– Лаб гуфт, ки омад, даҳон гуфт, ки даромад, шикам гуфт, ки дар боло чӣ буд, поён нафаромад,–заҳрханда кард сарбозе.

– Салотҳои урус ҳамин хел шулон мехӯрда бошанд?– савол дод дигаре.

– Не, онҳо гӯшти хук мехӯранд…

Ва субҳи рӯзи дигар аз дашт садои тиру туфанг баромад ва дидбонҳои бораи қалъа ба Охунди Калон хабар расониданд, ки «аскари урус омад», ва Охунди Калон фармон дод, ки «шинак гиред!»

Ним фарсах дуртар аз қалъа сарбозони Ашӯри Понсад, пеши ҳуҷуми салотҳоро гирифтанд – аз сангарҳо ва аз паси талҳо тир кушоданд ва низоми муқовиматашон то андозае оқилона буд, ки душман рахна карда натавонист – таваққуф намуд.

Ҷанг панҷ соат тӯл кашид – Ашӯри Понсад устувор истод–ҳар як мерганро, ки фавтид ё захм бардошт, сари вақт иваз мекард, ва хеле талафот дод, вале душманро пеш омадан намонд.

Ва дар қалъа имоми лашкар, пас аз хомӯш гаштани тир,

баъди адои намози пешин, ба Охунди Калон шунавонида хитоб кард:

– Аҳволи Понсад читу бошад? Як хабар ҳам нагирифтем?!

Охунди Калон даст ба шамшери ҳамоил бурд ва қабза гирифт:

– Монед, азобашро кашад. Сазои худдонамӣ ҳамин.

Ва дар қалъа ороми ву амонӣ буд – ҳар даста самти ҳимоя ва ҳар сарбоз ҷои исташро медонист, ва замини ҳайҷо зери назорат меистод, ки сусморе гузарад зуд ба чашм мерасид; ва сарбозон аз ин баландӣ ба он пастӣ менигаристанду душманро, ки намоён шавад, хаёлан нишони тир мекарданд, ва шамшерзанҳо хаёлан паси девори қалъаро пур аз сари бурида медиданд.

Ашӯри Понсад боз як рӯзи дигар ҷанг кард ва боз як рӯзи дигар ба душман роҳ надод, ки ба ҳамла гузарад; ва талафот меафзуд, ва мададе аз пушт намерасид, ва қувва кам мешуд, ва агар як рӯзи дигар ҷанг кунад, аз сарбозон яке зинда намемонд; ва ӯ шабона ақиб нишаст, ва саду даҳ нафарро, ки ҳамроҳаш буд, аз паҳлӯи қалъа гузаронида, аз як шикаста гузашта, дар паси баландии он тараф шинак гирифт.

Ва Дӯсти дегрез барои Рӯзимурод ғазал хонд:

*Дар дашт будам, ки ғулғули ҷанг омад,*
*Шербача будам, гурехтанам нанг омад…*

Ва рӯзи дигар салотҳо бемамониат ба қалъа наздик омаданд ва аз гулӯла паронданд ва се ҷои деворро, ки аз даруну берун хокрез буд, рахна намуданд ва тирпарону найзазанон, бо садои ур-р–ра, ба ҳуҷум гузаштанд; ва мерганҳои бораи қалъа душманро нишон нагирифтанд – бо ҳарос худҳоро аз девор поён партофтанд; ва шамшерзанон фурсати аз ниём баркашидани шамшер наёфтанд – ба кунҷҳо хазиданд; ва Охунди Калон бо сару либоси ҳарб, аз болохона худро поён партофт ва дастаи шамшер ба зери манаҳаш зад ва гарданаш шикаст; ва сарбозон,

рамаи гӯсфанд дар оғили танг барин, хира кашида, якдигарро тела дода, зер карда, ҷои гурез меҷустанд; ва элнавкарон – ихтиёриёни дар асл иҷборӣ, часпида ба девор мебаромаданду меғалтиданд; ва ҳар боре, ки гулӯлаи тӯп гулдуррос зада кафад, чорғобак хобида сарашонро дудаста медоштанд; ва аскари рус ба қалъа даромад ва найзаҳо ба бадан халидаву мебаромад; ва эликбошии боли рости қалъа, деҳқони машқи ҷанг надида, ки «ҳамсояҳо ба ҷанг мераванд, ман наравам шармандагист» гӯён аз номус ба ғазо миён баста буд, болои боми пастаке баромад ва туфангашро болои сар бардошт ва наъра кашид: «нагурезед, тир кушоед!», вале бонгаш, ғайр аз гӯши худаш, ба гӯши каси дигаре надаромад; ва ӯ аз бом ҷаҳида фуромад ва дари хонаеро тела дод, кушод ва дарун даромад, ки шинак гирад; ва бисту се элнавкар аз дунболи ӯ ба ҳамон хона даромаданд ва диданд, ки ин бино борутхона будааст; ва ҷо-ҷо девори сутункориро шикофтанд ва камин гирифтанд; ва сиву чор соат ба муқовимат истоданд ва чандин салоте, ки рӯ ба рӯ омад, ба замин хобониданд, ва шаш нафар талафот доданд; ва тирашон тамом шуд– дар анбор як хирман борут, дар даст як тир ҳам нест; ва дар берун аскарҳо, ки онҳоро нишон гирифтаанд; ва эликбошӣ ба ёрон рӯ овард:

– Асбоби ҷанг надорем. Касе хоҳад, ихтиёраш, таслим шавад, айб нест. Ман ин борутро метарконам… бо худам!

Ва ҳабдаҳ нафар силоҳдори бетир дар паҳлӯи ӯ истоданд, ва ҳамаашон болои хирмани борут баромаданд ва гӯгирд заданд…

Ва аз ин номусдорӣ ва фидокории онҳо дар аморати Бухоро касе ёд накард, ҳарфе нагуфт, ва онҳо гумном монданд – ҳам дар замони худашон ва ҳам баъд аз он; вале Охунди Калон, ки аз хешони Амир буд, чун «шайхи шаҳид» шӯҳрат ёфт, ки «дар роҳи дифоъи дину имон қурбон шудааст», ва мазорашро зиёрат мекунанд.

18 октябри соли 1866 қалъаи Дизак ба тасарруфи русҳо даромад ва онҳо асири бисёре гирифтанд, ва маҷрӯҳонро табобат карданд, ва мақтулони саҳну гирди девори хокре-

зи қалъаро гӯронианд ва шаҳидони даштро ба ихтиёри шағолу зоғон гузоштанд…

12

Аз ҷанги Дизак ҳарду тараф, ҳар кадоме ба таври худ, натиҷа гирифтанд – Амири Бухоро хоб буд, бедор шуд, ки ин душмани андак мундак нест,ва боди такаббур, ки «дар ин атроф аз ман зӯртараш нест», аз сараш баромад, ва ба такопӯ даромад, ки дар ҷанг ба муқобили Русия ҳамсояҳо Афғонистон, Хева, Қӯқанд, Кошғарро ёр гирад, ва аз султони Туркия мадад пурсад, ва бо миёнаравии Туркия муносибаташро бо Англия мустаҳкам гардонад; ва ҳамзамон дари сулҳ бо Русияро намебаст, ки вақтро кашол бидиҳад. Императори Аъзами Рус ба ташвиш, ки муқовимати Бухоро дар Дизак, нисбат ба ҷангҳои пешина, бо низому ҷиддитар шуд ва ин бе ёрии хориҷиён сурат нагифтааст; ва имкон додан даркор нест, ки қувваи хонҳову султонҳо муттаҳид бишаванд, ва суръати ҳаракат ба шарқро суст бикунанд, ва ба манфиатҳои иқтисодиву сиёсии рус халал бирасонанд; ва генерал – губернатор, хатталимкон, роҳҳои гуфтушунидро бибурад, ва хоса фатҳи Самарқандро битезонад, ки гиреҳи асосии пайвандҳост, ва…

Ва 7 июни соли 1867 сафири Бухоро ба Оренбург рафт:

– Биёед, ба ҷанг хотима диҳем. Сулҳ бикунем.

Генерал – губернатор:

– Ба кадом шарт?

Сафир:

– Дизак ва Уротеппаро диҳед. Сарҳади мову шумо соҳили чапи дарёи Сир шавад.

Генерал-губернатор:

– Бино ба тайёрии ҳарбие, ки дар Бухоро ва Самарқанд мебинед, ва сафирони Туркия ва мубаллиғони Англияро пазирой мекунед, амиратон нияти сулҳу салоҳ надорад. Файсал медиҳад.

Худи генерал – губернатор хоҳиши сулҳу салоҳ надошт. Баракс, вай дар ғами мулҳақ кардани Осиёи Васат ба Русия буд, ва дар баҳри Арал флотилия месохт, ва баҳона

меҷуст, ки роҳи забтро ёбад; ва Кауфман даъвояшро «аҳди сулҳ» номид ва ду нусха кард ва ба Амир фиристонид, ки «мӯҳр монед, имзо монед. Як нусхаашро нигоҳ доред. Як нусхаи дигарашро то охири моҳи октябр ба Тошканд фиристонед»; ва панҷ моҳ интизор шуду аз Амир ҷавоб наомад. Ва 30 апрели соли 1868 армияи рус аз Дизак ба тарафи Самарқанд ҳаракат кард. Ва дар ин вақт Амир, ки дар Оқтеппа буд, машварати фавқулодда даъват намуд: «Бо Русия меҷангем, ё сулҳ бандем?» Гурӯҳе сулҳро авлотар донистанд, гурӯҳе ҷангро. Ва гурӯҳи ҷангҷӯ гурӯҳи сулҳпарварро тарсончак гуфтанд; ва аскари рус то Пули Сангин омад, ва Амир боз расул фиристонид, ки «пеши ҷангро гиред!», ва Кауфман ба расул ҷавоб дод:

– Ман ду хат гирифтам. Яке аз номи ду беки машҳур. Дуюмаш бо мӯҳру имзои ҳафт беки дигар. Онҳо арзи дӯстӣ кардаанд. Моро бо нону намак пешвоз мегиранд. Илова ба ин халқ аз ситами Амир безор шудааст. Вакилҳо фиристониданд, мактубҳо навиштаанд, ки мо биёем, ба онҳо ёрӣ диҳем. Қарзи инсонии мост, ки дасгирӣ бикунем.

Ва Кауфман ақиб нагашт, ба пешравӣ тайёр мешуд. Ва дар Мирзоработ аз Самарқанд ба Амир хабар оварданд: «Сипоҳро, бо сардории писаратон, ба теппаи Чӯпонато баровардем. Омадани Ҷаноби Олиро соат ба соат интизор ҳастем»; ва Ҷаноби Олӣ бо шайхулислом ва сарлашкар ва раммол Ҳоҷӣ Тӯра хилват карданд: «Тадбири кор чист?»; ва Шайху Ҳоҷӣ Тӯра тадбир нишон доданд – аз ояту ҳадисҳо масал оварданд ва аз толеъи Амир фол кушоданд, ки «дар Самарқанд мазори авлиёҳо бисёр, ва ба толеъи неки Амир, писарашон саробони сипоҳ. Арвоҳи авлиёҳо ва ақли расои амирзода, иншооллоҳ, намегузорад, ки қадами нопоки кофирон ба хоки поки Самарқанд бирасад».

Ва Сарлашкар қувват дод:

– Урус шикасту рехти ин заминро намедонад. Ҷару ҷӯ, пасту баланд, роҳу бероҳаро намедонад. Мо осонакак ба онҳо ғолиб меоем. Як нафараш зинда намемонад.

Ва Амир фармуд:

– Ба сарони лашкар хабар диҳед, ки ҳар касе ба кофирон ғолиб шавад ва Дизакро озод кунад, ба беҳтарин вилоят, ба Самарқанд ҳоким таъин мекунам.

Ва худаш ба Самарқанд не, ба Кармина рафт. Вай ҳарос дошт, ки Абдулмалик худашро амир эълон мекунад.

Аскари рус, қариб бемамониат, то ба Каттақӯрғон омад.

Байни мардуми Самарқанд – дар хона, дар кӯча, дар мадрасаву масҷид, дар бозору мазор,–таҳлукаю ҳаросе паҳн мешуд: «лашкари урус меомадааст, шайтон ёри онҳо будааст, дину имон футур меравад гӯеду монед».

Дар ин вақт аскари урус бо ҷанги сабуке Каттақӯрғонро гирифт ва аз хонаи як бой панҷсад ғуломро озод кард; ва беки Каттақӯрғон бо сипоҳаш ҷониби Шаҳрисабз гурехт. Ба Бухоро нарафт. Аз Амир дигар умеде надошт. Баъд беки Шаҳрисабз хешаш буд ва ҳам ба ҷасорати ӯ эътимод дошт: «ягона касе, ки ҳамияти муқовимат дорад, беки Шаҳрисабз аст ва амирӣ ба ӯ мезебад». Ва аскари рус, бо андаке талафот – даҳ-дувоздаҳ солдат ва чор-панҷ асп ва як командир,– сар то по мусаллаҳ ва танаш пӯшидаву сер ва низоми ҳарбаш оқилонаву устувор аввал галоя, баъд савора, баъд дар болҳо артиллерия ва баъд пиёда ва баъд бору бунаву тиру боруту дегу оташдон; ва китфҳо озурда ва сару рӯ чангхӯрда, вале шаҳди ғалаба чашида, ки беқувватро боқувват ва танбалро чолок мекунад,–пастиву баландӣ ва ҷару ҷӯ ва мазору хонаҳо ва биёбону боғҳоро манзил ба манзил зери по кашида наздик меомад ба Самарқанд; ва то ба Самарқанд расид, ки панҷ шабонарӯз сипарӣ шуд; ва дар ин панҷ шабонарӯз, дар шаҳри Самарқанд ва қасру кӯшк ва хиёбону кӯчаҳо, он қадар ҳодиса рӯй дод, ки дар саду ҳафтод соли салтанати манғитиён воқеъ нагардида буд, вале тартибу таркибаш, ба тартибу таркиби сохти давлатдории манғит шабоҳат дошт,ва сирояти он сиёсат баръало ба назар мерасид,–дар оғоз воҳима дар забонҳо афтод ва халқе, ки як ҳазору сесад сол боз гуноҳу айбашро бори гардани шайтон мекунад, ва боре ҳам гиребони худро бӯ намекашад, ва доим дар ниёиш ҳаст ки «Худо аз шарри шайтон нигоҳ

бидорад», акнун хавф мебурд, ки ин шаб ё шаби дигар шайтон ба хонааш медарояд; ва «тавба кардам!», мегуфту ҷои гурез намеёфт; ва баъд овозае шаҳргир шуд, ки «Шайхи мазори Шоҳи Зинда хоб дидааст, ки «дар мадрасаи Шердор ду манор аз ҳам фурӯ рехт ва ба замин яксон шуд»; ва ба ин овоза зам гардид, ки муфтии шаҳр хобе дидааст–вай дар хоб дидааст, ки «Генерали рус, савори аспи сафед, дар Регистон сайр мекунад», ва ҳарчанд дар таъбир «хоби мард чаппа аст», ба ҳар ҳол аз фалокате дарак медиҳад…

## 13

Шаҳри Самарқанд дар дами бало меистод ва сипоҳиён дар мавзеи Чӯпонато истеҳком месохтанд, ки дами балоро бигиранд; ва дар дӯкону бозорҳо хӯрданиву пӯшиданиву сӯхтаниву шустанӣ ду-се баробар қимат шуд; ва Амир ба шаҳр наомад ва мададгорон нафиристонид; ва аз Кармина ба Бухоро, Шаҳрисабз ва Бойсун ҷосусҳо равон кард, ки дар ақибгоҳ шӯрише барнахезад; ва Ашӯри Понсад аз усули ҷанге, ки Амир дошт, сахт ба танг омад ва аз зафар дилаш хунук шуд, ва сарбозонашро гирифта ҷониби Ғузор рафт, ки «агар бахт мадад бикунад, ба ҳокими Бойсун мепайвандад ва якҷоя ба ҳифзи мулк қиём мекунанд»; ва Рӯзимуроду Дӯсти дегрез ба ӯ ҳамроҳ шуданд; ва Амриддини бозоргон дар Қазон мурофиатнома нашр кард, ки «бино ба фармудаи шаръи шариф подшоҳи кофири одил, беҳ аз амири мусулмони ҷоҳил; ва эй мусулмонон, ба тарафи Императори Аъзами рус гузаред,вай ҳазорон бор одилтар аст аз амири фосиқ ва фоҷири Бухоро!»; ва Англисҳо аз Кошғар ба Кармина одам фиристониданд, ки «Амир дилшикаста нашавад, дар муқовимат устувор бошад, Бритонияи Кабир ӯро танҳо намегузорад. Ҳар қадаре ки пулу мол ва тиру дору лозим бошад, муҳайё хоҳад кард»; ва Дӯстмуроди муҳандис нома ба номи Амир фиристонид, ки «аслаш, ба чунин ҷанге рафтан маънӣ надошт, хатое ки рафт, баргардонида намешавад. Алҳол чора ин аст, ки дари сулҳ бикӯбед ва бақои салтанат нигоҳ доред. Ба пулу силоҳи англис умед набандед ва аз дастгирии афғонҳо низ умедвор набошед. Салоҳи кор

фақат дар сулҳ аст–халқро осуда мекунад»; ва Амир ин номаро нахонд–вай дар иҳотаи аҳли дарбор, дар муҳити саломи субҳу шом ва таъзими заминбӯси муддавом, дар қаср хуфту хез дошт, ва ба ҳамаи ин хушомаду таъзим бовар намекард, вале хушаш меомад ва шотир мефиристод, ки аз Бухоро барои занҳои ҳарам оинаву шона ва усмаву ғоза биёваранд...

...Ва якуми моҳи май, сари субҳ дар мавзеи Чӯпонато, байни сипоҳи Самарқанд ва аскари рус, оташи ҷанг даргирифт–сарбозон мардона меҷангиданд, вале силоҳе надоштанд, ки ҷавобгӯи силоҳи душман бошад. Шамшеру камони пилтабанду шаст-ҳафтод берданкаи англисӣ кофӣ набуд, ки ба тӯпу пулемёту панҷтири салотҳо муқобил истад ва сафи онҳоро бишканад; ва дар чоштгоҳ аҳволашон танг шуд–дар истеҳком гулӯлаҳои тӯп метаркид, дар сангарҳо тири пулемёт имкон намедод, ки сарбозон сар бардоранду нишон бигиранд; ва салотҳо зина ба зина пеш меомаданд;ва амирзода аз ҷонаш тарсид ва дар иҳотаи ёронаш фирор кард; ва сарбозонро бесардор, ба ҳоли худ партофт; ва сарбозони кироя, ки ҳашт моҳ Амир муздашонро надодааст,–бо талбандагӣ, майдадуздӣ ва ғоратгарӣ мезистанд,–фурсатро ғанимат донистанд ва аз майдони ҳарб гурехтанд ва ба деҳоту шаҳр рафтанд ва ба талаву тороҷи хона ва моли мардум машғул шуданд; ва таърихнависи дарбор аз боғе мегузашт, ва дид, ки қариб чаҳорсад сарбоз либосҳояшонро кашида ба ҳавз мепартоянд ва таги эзор мешаванд, то ки душман онҳоро гадо пиндорад ва накушаду асир нагирад; ва як тӯда аскари рус тозон ба пули Сиёб расиданд ва роҳи гурези сарбозонро бастанд; ва дар ҳайҷои Чӯпонато сарбозони боқимонда сар мебохтанд...

Ва ба шаҳр хабар расид, ки амирзода аз майдони ҳарб гурехтааст; ва дар Регистони шаҳр издиҳоми халқ лаҳза ба лаҳза меафзуд; ва фазо пурсадо мешуд – паст, ором ва баланд, таҳлукадор, аз ҳар гӯшаву канор, яккаву чандовоза ва ҳамаи ин дар якҷоягӣ ғавғои анбӯҳ гардид: «Амирзода гурехтааст, ҳоким руст шудааст, сипоҳ бесардор, шаҳр бе-

соҳиб…гурехтааст…бесардор…бесоҳиб».

Ва ору номуси ҳоким бедор шуд–сарбозони ҳокимхонаро саф ороcт ва сарбозони аз теппаи Чӯпонато фирор кардаро ҷамъ овард, ва бо ин «лашкар» ба сари мардуми норизо ва имдодхоҳ ва бесилоҳ тохт; ва Регистон Ҷангистон шуд–шамшери сарбозон ба муқобили мардуми дастхолӣ аҷаб користоне мекард: «занед ин ношукронро! Касофати носипосии ҳаминҳост, ки ба сари шаҳр бало овард!»; ва мезаданду меафтонданду мегурезониданд… Ва ба ин анбӯҳи парешону афтону хезон, ногаҳон ёрӣ расид–занҳо ба шӯр омаданд, занҳо досткола, оташгирак, шохҷорӯб, корди ош ва тирак ба даст, бо ҳаёҳуй ба майдон даромаданд ва ба шамшердорон ҳуҷум оварданд ва шикаст доданд «лашкари» ҳокимро; ва ҳоким ақиб нишаст, ва ҳамин ақиб нишастан ақибрӯ рафту ақибрӯ рафт, ва то Кармина аз асп нафуромад…

Марду зане, ки хиёбони Регистонро лабрез карда буданд, сели баҳорон дар кӯҳистонро мемонд…Ҷӯш мезад… Ва марде ҷелаки читашро аз тан кашид ва болои сараш албонҷ дод ва даъват кард:

– Касе ёфт мешавад, ки мудофиаи шаҳрро ба ӯҳда гирад?! Талабгоре пеш набаромад. Касе садо набаровард. Ғавғо ором шуд.

Марди ҷелакбадаст такрор кард:

– Касе ҳаст, ки мудофиаи шаҳрро ба ӯҳда гирад?!

Ва аз тоқи мадрасаи Тиллокорӣ, чор-панҷ толибилм, бо як овоз ҷавоб доданд:

– Ҳаст! Мулло Нусрат! Мударриси мо мулло Нусрат.

Майдон акси садо дод:

– Мулло Нусрат! Мулло Нусрат!

Ва мударрис Мулло Нусрат болои суфа баромад:

– Халоиқ! Сипоҳ ва силоҳ мебояд, ки шаҳрро дифоъ бикунем! Бо дасти холӣ чигуна битавонем ба муқобили оташи тӯпу туфанг биравем?!

Ва анбӯҳ ғулғула андохтанд:

– Сипоҳ мо, силоҳ мо! Меравем!..

Сарбозони бесардори истеҳкоми Чӯпонато ним рӯз

ҷонфидоӣ карданд ва дар нимаи дуюми рӯз пешгарди аскари рус ба теппаи Чӯпонато баромад ва боқимондаи сарбозон ночор ақиб нишастанд.

Ва дар як ҳуҷраи як кунҷи мазор се дарвеш ба ибодат машғул буданд–дуъои рафъи бало мехонданд; ва барон Рене, камон ба парондану найза ба халондан тайёр, ҳуҷраҳоро тафтиш мекард ва як даста аскар аз дунболаш мегашт; ва ба ҳамон ҳуҷраи кунҷ расид ва дари чӯбини онро лагад зада кушод, ва дарвеше, ки рӯ ба дар дошт, хишти пухтаи зери кунашро бардошт ва ҷонҳавл, бо тамоми қувват, ба пешонаи Рене кӯфт; ва барон якмарг шуд, ва дастае, ки дунболи ӯ буданд, дарвешонро тирборон карданд.

Мулло Нусрат, бо издиҳоми мардум, ки саллаҳо чун ливо алвонҷ медоданд, аз Регистон ҷониби Чӯпонато равон шуд; ва сарбозони ақибгашта ҷон гирифтанд, дар ҷилави издиҳом истоданд; ва анбӯҳи одамӣ ба ҳайҷо расид–аз як тараф мудофеъон бо тиру камони куҳна, шамшер, найза, табар, хода, ва сарбозони сарсупурдаву мардуми ҷангнадида; аз тарафи дигар тӯп, пулемёт, панҷтираҳои навбаромад ва аскари варзида, ҷангдидаву шаҳди ғалаба чашида,–ва муқовимати шадиде оғоз ёфт, ки ду рӯз давом кард; ду рӯз Мулло Нусрат ба душман маҷоли пеш омадан надод, ва ду рӯз занҳо ба мардҳо хӯрданиву нӯшиданӣ бурданд; ду рӯз гулӯлаҳои тӯп дар остона ва рӯи биноҳои канори шаҳр беист таркид; ду рӯз ба садои якатир, тири мусалсали пулемёт ҷавоб дод: ва дар рӯзи севум аввал аскари савора ва баъд аскари пиёдаи душман,ба шаҳр даромад. Ва Кауфман ба Императори Аъзам барқия дод: «Кӯҳантарин ва машҳуртарин шаҳри Осиёи Васат, маркази мусулмонон Самарқанд, ки ифтихоре аз таърихаш доранд, пеши пои Шумо сар монд ва дарвоза ба рӯи аскарони бошарафу ғаюри Шумо кушод». Ва мударрис Мулло Нусрат ба шаҳодат расид, ва каллаи манораи мадрасаи Бибихоним парид, ва бозори калони шаҳрро оташ заданд; ва дар сари манори мадрасаҳо, масҷидҳо, мазорҳо, посбон монданду пулемёт устувор карданд; ва дар чорсуҳо аскарҳо лангар партофтанд; ва рӯзона

дар кӯчаҳову шабона дар казармаҳо тарона мехонданд:

*Трах, трах, трахтарант,*
*Ми ходили в Самарканд.*
*Много горя напрималис,*
*Как через реку преправлялис…*

14

Дар саҳро пахтаро шутур поймол кард, дар шаҳр гӯши бофандаро буриданд–дар Самарқанд лашкари давлат торумор шуд, аз майдон амирзода гурехта назди падараш омад, ҳоким аз ӯҳдаи ҳифзи ватан набаромад; ва Генерал Кауфман бо мурочиати «ҳамаи дарвозаҳои шаҳр бояд кушода бошад, савдогарон дар дӯконҳояшон истанд ва савдо кунанд, косибону коргарон аз паи кори худ шаванд. Одамони боoбрӯ пеши дарвоза маро пешвоз бигиранд. Армияи подшоҳи ман, оқпошоҳи Русия ба Самарқанд медарояд ва Ӯрдуро мегирад. Онҳо душманонро мезананд, аҳолиро намеранчонанд. Дар масчидҳо дуъо кунед, ки умри подшоҳи Русия, фотеҳи ҳама халқҳо, дароз бошад»,– ба шаҳр даромад; вале зӯри Амир ба қосид расид. Қосиди берӯзӣ, аз рӯи вазифа, хабар овард:

– Доду бедод, сайқали рӯи замин, шаҳри Самарқанд, ба дасти урус гузашт.

Амир аз чои нишасташ, аз тахт, дод зад, аммо аз чо хеста натавонист:

– Аз даҳонат бод барад! Шумхабар! Ин шумхабарро сар занед!

Ва чаллодон ӯро бардошта бурданд.

Ва Амир нолиш кард:

– Худо чонамро мегирифт беҳтар буд, аз он ки Самарқандро гирифт.

Ва акобири дарбор, ба мисли саллаву чомаҳои фохирашон, хомӯш истоданд, ва чашм ба фарши хонаву гӯш ба даҳони Амир доштанд.

Амир бечора буд. Суханаш оҳанги амирона надошт:

– Бало қоим шуд. Чӣ кор кунем? Раъйи шумо чист?

Хомӯшӣ. Гӯё инҳо нафас надоштанд, ва нафас намекашиданд; ва ниҳоят ду-се садое баромад, садоҳои беҷуръатона ва наҳиф ва нимшунаво:

– Амирам беҳтар медонанд.

Амир пакар буд:

– Бо урусо сулҳ кунем, мегӯям. Салотҳо ба ин тартиб омдан гиранд, фардо Бухоро ҳам аз даст меравад.

Ҳозирон сукут карданд–баъзеҳо хирадмандона, баъзеҳо муғамбирона.

Вакил аз беки Китоб Мӯсобеки бозоргон, ки байни Самарқанду Москов рафтуойи мураттабе дошт, ва ҳоли иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбии ҳарду тарафро хуб медонист,яхи хомӯширо шикаст:

– Алҳақ, Амирам беҳтар медонанд, вале ба ақидаи ин бандаи очиз, сулҳ дар айни замон ба фуқарои Бухоро сахт гарон меафтад. Банда ахборе дорам, ки Генерал–губернатори Туркистон товони бағоят зиёд талаб хоҳад кард.

Амир луқма партофт:

– Ҷанг бе товон намешавад.

– Лекин товон аз товон фарқ дорад. Генерал товони миёншикан даъво мекунад. Дар ду сол халқ се бор андози илова дод. Як андози навро бардошта наметавонад. Балво мехезад. Албатта, раъй раъй Амирам аст.

– Ҷанги даруни хона, бадтар аст аз ҷанги беруни хона,– одоби таъзим ба ҷо овард Усмонбек, сардори сипоҳи савора.–Ба халқ аз товон, ҷанг кардан сабук меафтад. Мисолаш халқи Самарқанд. Ба по хестанд. Қиём карданд. Такя ба меҳрубониҳои Худо ва дастгирии халқ, бо кофирон ҷанг мекунем. Ҷанг беҳтар аз нанги беномусӣ.

Ва ҷомаҳои фохиру саллаҳои шоҳӣ, ки ҳузур доштанд, чашм аз фарш бардоштанд, ба Амиру ба Усмонбек нигаристанд, вале на тасдиқ карданд ва на рад. Ин фирқаи мансабдорон ки дар ҳама давру замонҳо буданду ҳастанд, ҳамеша ақидаашонро равшан намегӯянд, пинҳон медоранд. Барои онҳо фикру ақида не, мансаб нангу номус аст, ва ба мансаб саҷда мекунанд; ва кор барор гирад аз

ҳама пеш даст ба сина мезананд, ки «мо кардем!» ва агар кор барор нагирад, боз ҳамонҳо аз ҳама пеш даст ба сина мезананд, ки «дар вақташ мо гуфта будем!»; ва мардуми аз таги гап бехабар бовар мекунанд, ва онҳо дар ҳар ҳолат аз об хушк мебароянд.

Дар ин лаҳзаи хомӯшӣ, ки дару девор интизори ҷавоби савобе буд, Амир бечораҳолона ба Тӯқсабо нигарист–вай тағояш буд ва фақат ба ӯ бовар дошт; ва Тӯқсабо бо ишораи тасдиқ сар ҷунбонд.

Амир қабул кард ва озими ҷанг шуд ва бо аҳли риқоб ба Зирабулоқ рафт. Дар Зирабулоқ шаш ҳазор сипоҳи пиёда, ва понздаҳ ҳазор сарбози савора ва чаҳордаҳ дастаи тӯпзан ғун омада буд; ва Амир ба сари баландтарин дунгӣ баромад, ва поҳо дар рикоби асп устувор намуд ва қоматашро рост гирифт:

– Мусулмонон! Шаҳбозҳо! Ғозиёни дину шариат! Рӯзи сахт омад ба сари мо. Куффор ҷон ва моли моро ғорат мекунад. Мо дасти сулҳ дароз кардем, вай як саду бист ҳазор тиллои холис товон диҳед, мегӯяд. Шумо диловарӣ кунед, ҷонсупорӣ кунед. Аскари урусро шикаст диҳед, ман ҳамон як саду бисту панҷ ҳазор тиллои холисро ба шумоён медиҳам. Халқ умед ба шумо дорад. Худо ёратон ва Баҳовуддини Балогардон мададгоратон!..

Ва лашкари ислом ғирев бардоштанд:

– Аллоҳуакбар! Аллоҳуакбар! Аллоҳуакбар!

Ва ҳангоми майдондори Худо, ба мисли он ки як саду ҳафтод сол қабоҳату ҷинояту ситамгарии манғитро аз арши аъло тамошо мекард, ҳамчунон тамошобин бимонд; ва ҳазрати Баҳовуддини Балогардон, чун ҳарвақта, балоеро аз сари мардум барнагардонд…

Ва донишманд Дӯстмуроди муҳандис ҷон мекоҳонд, ки сабаби ин қазияро биёбад ва ба гӯши мардум бирасонад, ва ӯ таҳқиқ мекарду менавишт: Фармуди Худост, ки «аз ту ҳаракат аз ман баракат». Дар олами равшан кас беҳаракате рӯи баракатро надидааст. Аммо баъд, амирони замону вазирони даврони мо ҳаракат барои ободии мулк ва осоиштагии раъияро фаромӯш кардаанд, фақат анбор кардани бара-

катро пешаи худ медонанд; ва шиори Баҳовуддини Бологардон «дил ба ёру даст ба кор» будааст, вале ин «соҳибқирону ҷаҳонгирон» ба ёр дилбастагӣ ва ба кор дилгармӣ надоранд–корхона намесозанд, ба кордон музди заҳмат намедиҳанд; ва ҳаракат майдону фазо надорад ва кор қадру харидору талабгор надорад; ва имрӯз наҳрҳои қадим кӯр шудааст, наҳри нав намебароранд; заминҳои корам шӯразор ва санглох гашт, нигоҳубин надорад, ва заминҳои нав намекушоянд; оби рӯд маҷро дигар кардааст, дарғоту обшиканҳо фатарот шудаасту касе паи таъмираш нест; боғҳо хушкидаанд ва аз роҳҳо хари бордор гузашта наметавонад; ва ҳунари меъморӣ ба фаромӯшӣ рафт, ва ақлу қуввату вақти халқ ба корҳои бебаракат ва зудгузар сарф мешавад, ҷову ҳадафу мақсади бузургтаре надоранд ва намеёбанд, ки барои расидан ба он заҳмат кашанд ва ақл тез кунанд ва ҷадал бикунанду фаъол бишаванд; ва асбоби кору рӯзгорашонро такмил бидиҳанд, ва ҳунарҳо ва ихтироъкориҳо ва пешрафтҳо аз насл ба насл бигзарад ва сайқал ёбад ва боиси кашфиётҳо бигардад ва зина ба зина боло биравад ва қабат ба ободӣ бирасад, ва…

Ва дар ҳамин маврид Рӯзимурод бо либоси низомӣ, ба ҳавлии ӯ даромад ва аз остонаи дарвоза овоз баровард:

– Касе ҳаст?

Хидматгор аз собот давида баромад ва истиқбол кард ва бурд ӯро ба хонаи Дӯстмурод.

Дӯстмурод аз навиштан даст бардошт, аз ҷой хест ва Рӯзимуродро оғӯш гирифт:

– Кадом шамол паронд?

– Шамоли дидори Шумо.

Ва онҳо сари хонтахта нишастанд. Рӯзимурод аҳвол пурсид:

– Шумо дар замонҳои нотинҷ чӣ ҳол доред?

– Ҳоли мо ҳамин ки мебинед. Зӯрамон ба қаламу коғаз мерасад.

– Беҳуда худатонро азоб медиҳед,устод.

– Шояд. Аммо умеде дорем, ки фардо касе хонаду ибрате бигирад.

– Хондану ибрат гирифтан дар мулкҳои дигар ҳаст. Вале дар Бухоро нест. Дар Хеваю Қӯқанд ҳам нест. Агар мебуд, хираднамаю пандномаю сиёсатномаю дигар кашфиёти бузургони мо ҳафсаду ҳаштсад сол дар таҳхонаҳо, дар саҳифаи китобҳо, зери чангу ғубор намемонд. Боз Шумо огоҳтаред.

– Огоҳам, огоҳам. Ва мехоҳам дигаронро ҳам огоҳ бикунам, огоҳ бикунам, ки чаро мо ба ҷаҳли мураккаб гирифтор шудаем? Сабабаш чисту кист?

– Худо ба Шумо қувват диҳад. Аммо ман бо супориши дигаре омадам.

– Супориши киву чӣ?

– Бо супориш, аниқаш, бо илтимоси Абдумалик.

– ...?

– Ман алҳол дар хидмати Абдумалик ҳастам. Навкари хосаш. Маълуми хосу ом аст, ки амирамон тадбири давлатдорӣ надорад. Мову Шумо ҳам медонем, ки дар вақтҳои охир, фикру зикраш тамошои таъзими заминбӯс, гирифтани тортуқу пешкаш, шумурдани саночҳои тиллову нуқра, бозии «дору пахш кун!», ва «баред, сарашро гиред! Баред, чордарон кунед!» Ҳамин аст ҳама ҳикмати давлатдориаш. Урус зер карда омадаст. Ҳар ҳафта музофоте ва шаҳреро мегирад. Аз майдон, пеш аз ҳама, сардорони сипоҳ мегурезанд. Сарбозон титу парешон. Ашӯри Понсад қаҳр кард, ба назди Абдумалик омад. Мо ҳам як тӯда элнавкарон тарафи Абдумалик гузаштем. Вай ҳам норозӣ. Нияти қиём кардан дорад. Ҳам муқобили урус ва ҳам ба муқобили падараш. Ва манро назди Шумо фиристонид.

– Чаро назди ман? Ман лашкар надорам, силоҳ надорам, ва тангаву тилло ҳам надорам.

– Амир дар Зирабулоқ лашкари аросоте ҷамъ кардааст. Аз он тараф аскари урус ба марзи Зирабулоқ расидагӣ. Абдумалик мехоҳад бидонад, ки агар дар ҳамин ҳолат, алайҳи ҳарду тараф ливо бардорад, бурд мекунад, ё бой медиҳад. Яъне ки Шумо, ба ситораҳо бингареду бубинед, ки толеъаш нек аст ё наҳс?

– Ман пешбин нестам. Валӣ нестам. Пешгӯйӣ карда наметавонам. Аммо аз таҷрибаи таърих аниқ медонам, ки ин аморат маҳкуми завол аст. Ба Амир ҳам дахл дорад, ба писараш ҳам…

## 15

Муҳорибаи Зирабулоқ якуми моҳи июни соли як ҳазору ҳашсаду шасту ҳаштум сар шуд. Ва дар ин муҳориба, бори нахуст дар ҷангҳо бо урус, лашкари Бухоро аҳлонаву мардона ҷангид–душманро шикаст дод ва ақиб гардонд. Се бор ақиб гардонд, вале ғолиб омада натавонист – ақибгоҳ суст ва силоҳ куҳна буд. Таъминоту мадад мураттаб намерасид, ва саркардаҳои сипоҳ бо усули «тӯдаҳуҷум» меҷангиданд. Як бартарӣ доштанд–шумораашон зиёд буд, ва дашту дамани байни Зирабулоқ ва Қаттақӯрғон се маротиба аз даст ба даст гузашт; ва дар ин порчаи замин як ваҷаб хоки обод намонд–тӯпҳо тагу рӯ карданд, аспҳо зери сум кашиданд, пиёдаҳо канданду дариданд…

Оқибат аскари рус ғолиб омад.

Ва Амир ба мағлубият тан дод.

Ва ӯ, бо мулоҳизаи «ҷангро давом диҳам, бе тахту бе ҳарам мемонам», ба тағояш Тӯқсабо як хат ва як ливои сафед дод, ва вакил карда назди генерал–губернатор фиристонид. Ва дар хат навишта буд: «Ба ман бошад, ҳамин рӯз тахти Бухороро ба Шумо месупорам. Худам, бо иҷозати Шумо ба зиёрати маккатулло меравам. Лекин Бухоро ба дасти ман нест, ба дасти муллоҳост». Ва даҳонӣ ба Тӯқсабо дастур дод, ки «ҳар шарте гузоранд қабул кунед».

Ва матни Аҳдномаи сулҳро дар конселярияи генерал губернатор навиштанд: «Аҳду паймон чунин аст, ки аморати Бухоро товони ҷангро нақд медиҳад; ҳамаи заминҳое, ки пои аскари Императори Аъзами Рус расидааст, аз ин рӯз ба баъд, тобеъи давлати пуршавкати Русия аст; ва аморати Бухоро ӯҳдадор аст, ки сипоҳашро аз будаш зиёд намекунад, ва силоҳи нав намесозад, ва аз берун силоҳ намехарад; бе рухсати давлати рус бо дигар давлатҳо рафту омад намеку-

над, ва ҳуқуқи мукотиба надорад, ва агар аз ягон давлат хат биёяд, аввал ба консули Русия нишон медиҳад ва баъд худаш мехонад; посбонии сарҳад пурра ба ихтиёри сарҳадбонони рус мегузарад».

Ва Амири Бухоро лом нагуфт, ва мӯҳру имзо монд.

Ин Аҳдномаи сулҳ аз тарафи халқ «Сулҳи шармандавор» ном гирифт. Ва аҳли дарбору алоқамандони дарбор ҳамоно таъзими заминбӯс мекарданд, ва аҳли дутору дойра ҳамоно «ҳазрат саломат бошанд!» мегуфтанд, ва дар масҷидҳо хутба ба номи ӯ мехонданд; ва барзгару косибон ноумед буданд, ки «вай дар ғами ҳарамаш, кай парвои мо дорад?», ва заминдору чорводору осиёдор ба танг омада буданд, ки «худаш дар таҳхонаҳо аз шумурдани саночҳои тангаву тилло кайф мекунад, лекин азобаш ба сари мо–андози фавқулодда бидеҳ, нони даҳоната те, алафи говата те, товони ҷанга бите!...»

Ва дар корвонсаройҳо, дар меҳмонхонаҳо, дар ғайбатхонаҳо, оҳанги эътироз боло мегирифт, ва дар вилоятҳою туменҳо рӯҳи саркашиву сарбардорӣ сайр мекард; ва мардуме, ки ҳамеша азобу уқубат аз соҳибмансабон дидаанд, дар мавридҳои табадулотхоҳӣ боз ба итоати ҳамон мансабдорон меравандодаташон ҳамин, бо сабабе, ки мансабро ақл шуморидани авом, дар тӯли таърих, барои онҳо анъана шудааст; ва мансабдороне, ки дар орзуи мансаби баландтар буданд, мавридро муносиб донистанд, ва пеш баромаданд ва ниқоби раъиятпарварӣ пӯшиданд, ва худҳоро ғамхори халқу дилсӯзи мулк нишон доданд, ва миён бастанд, ки «табадулот мебояд кард!...»

Ва дар Русия тантана мерафт, ва Англия ба таҳлука афтод.

Мошинҳои чоп дар Петербург, дар Масков, дар Қазон ва дар Тошканд, рӯзнома, маҷалла ва китоб мебаровард, бо таъҷил ва ҳадаҳа мебаровард, то ҳарчи зудтар ба гӯши оламиён бирасонад, ки «Императори Аъзам шаъну шараф ва шӯҳрати давлатро пайваста баланд мебардорад,–ҷанги соли 1868 бори дигар собит гардонид, ки давлати пуршавкати Русия шамшери бурро ва сухани гузаро дорад: ва фатҳи

шаҳрҳои Қаттақӯрғону Самарқанду Зирабулоқ далели равшани зафарҳои мост; ва Осиёи Миёна ба ватани бузурги мо илҳоқ шуд; ва он ҳама маҳву фатҳе, ки аскарони ҷасури рус анҷом додаанд, қасоси халқи кабири мост барои Маскав ва Киев ва Чернигов ва барои ҳама он шаҳрҳову деҳоте, ки дар вақташ ӯрдуҳои бодиянишин бо ваҳшоният поймоли аспон ва ғорат карда буданд… Ва ба Осиёи Васат даромадан, ва аз он ҷо ба обҳои гарм, ба уқёнусҳо баромаданро Петри Кабир орзу мекард ва имрӯз он орзу амри воқеъ гардид, ва Туркистон пули мӯътамадест барои гузаштан ба Ҳиндустон; ва дар ин роҳ бархӯрди мо бо англисҳо ногузир биёяд, Туркистонро лозим аст, ки манфиатҳои худро қурбони манфиатҳои олии Русияи муқтадир бикунад»…

Дар боргоҳу ситодҳо лордҳову генералҳои англис дасти надомат мегазиданд, ки сустӣ карданд, ғафлат карданд, ба Русия имкони пешдастӣ доданд ва «луқмаи ширин», сарвати ҳангуфт, аз даст рафт, ва эътибори пешсафӣ дар ҷаҳонгирӣ коста гардид, ва ин ҳол ба шаъни давлати Кабир намезебад, ва бо ин шикаст ҳеҷ тан додан мумкин нест; ва ба гумоштаашон дар шаҳри Пишовур дастур доданд, ки «ҷосусон ва бозоргонон ва сайёҳон беҳтар ва пурсамартар кор бикунанд, пулу молро дареғ надоранд»; ва гумошта аз номи давлаташ кафил шуд ва ба Амир пайғом фиристонид: «Паймон бо мо суст кардӣ. Омад ба сарат аз ҳарчи метарсидӣ. Вале ин оғози кор аст, ки мужикҳо Самарқандро гирифтанд. Рӯзҳои сахттар дар пеш. Ҳоло ҳам фурсат ҳаст, агар умеди офият доред, такия ба мо бикунед. Осоиш ва парвариши Шумо эҳтиёҷ ба ҳимояи мо дорад». Вале фиристода номаро натавонист ба Амир расонад–ҷосусони консул ҳушёр ва дар ҳама ҷо тайёр буданд; ва ӯ ночор, ба Қушбегӣ рӯ овард, то ки вай раъйи Амирро бигирад; ва Қушбегӣ ҷавоб дод:

– Амири мо алҳол, баъди шартномаи сулҳ дар Зирабулоқ, бе рухсати консули Рус ёрои аз китфи рост ба китфи чап такия кардан надорад. Дар ин вазъ чигуна битавонад такя ба ёрии Шумо бикунад?

Ва гумоштаи Бритониёи Кабир роҳу равишашро дигар

кард–ба норозиён, ба мустақилиятхоҳон, ба тахтталабон умед баст. Ва ин зумраи мардум ғолибан дар ҳавзаи Шаҳрисабз ғун омада буданд, ва мухолифати ниҳону аёнашон дар ҳар маврид баръало зуҳур мекард; ва ин вилоят дар муқовимат ба аморат таҷрибаву анъанаи дерин низ дошт; ба Амири собиқ, падари Амири вақт, бист сол ҷанг кард, вале сар нафаровард; ва фақат баъд аз бист соли зану кӯб, соли 1856, зоҳиран тобеъиятро ба гардан гирифт, аммо ин итоати забонӣ буд, на амалӣ. Ва дар ҳамин ҷанги Амир бо русҳо, ҳангоми лашкаркашӣ, Ҷӯрабек, ҳокими Шаҳрисабз, аввал розӣ шуд, ки сипоҳашро ба ҳайҷо мебарад, аммо набурд–аз нисфи роҳ баргашт; ва Амир дар дил ба ӯ кина дошт, лекин «зарур бошад, раво бошад», он хиёнатро гӯё надида гирифт ва писарашро вакил карда назди Ҷӯрабек фиристонид, ки «аҳволи Самарқанд танг шуд. Ба ёрӣ равед. Ман ба ивази хидмататон ба Шумо панҷоҳ ҳазор тангаи тилло ва қарияи Якобакро медиҳам», вале Ҷӯрабек ваъда доду иҷро накард ва ба мудофиаи Самарқанд нарафт; ва сарбозони сарсупурда, ки дар соҳили Сирдарё шоҳиди гурехтани сарлашкар буданд, ва мудофеоне, ки ба фармони Охунди Калон девори қалъаи Дизакро хокрез карданд, ва сипоҳиёне, ки дар ҷангҳои Қаттақӯрғон, Самарқанд ва Зирабулоқ шикаст хӯрданд, ва медонистанд, ки сабаби бохташон Амири базаҳкор ва бетадбир аст, бо умеди зафар ба Шаҳрисабз омада буданд; ва каттатӯра Абдумалик, ки дар муҳорибаҳо шердилу ботадбир буд, ба шартҳои сулҳ розӣ нашуд, эътироз кард ва аз Кармина, аз рикоби падар рӯ гардонд ва сипоҳашро овард ба ин ҷо. Ва дар Самарқанд мардум шуниданд, ки бекигариҳои Шаҳрисабз ва Китоб аз итоати аморати Бухоро баромадаанд, ва Абдумалик сулҳи Амир ва Кауфманро «хиёнат ба мулку диёнат» эълон кардааст; ва пушти мардум гарм шуд, ва умеде ба дилашон даромад, ва рӯҳ гирифтанд, ки «фарзандони баномус ҳастанд ва номуси ватанро нигоҳ медоранд». Ва Ҳоҷӣ Зарифи Бедиёнат, ки даҳ сол пеш аз ин ба зиёрати хонаи Каъба рафт ва аз он ҷо баргашта унвони Ҳоҷӣ гирифт, ва ҳамон вақтҳо аз Каъбатулло, дар ғилофи

тилло, як тори риш овард, ки «тори риши Муҳаммад пайғамбар аст»; ва ғилофро дар меҳроби масҷид монд ва мардуми савобталабу давоҷӯ тӯда-тӯда аз ҳар гӯшаву канор ба зиёрати мӯйи муборак меомаданд, ки «савоб гиранд ва ба саду як дарду ранҷашон даво ёбанд», ва назр медоданд; ва шарофати ҳамин тори риш буд, ки Ҳоҷӣ Зариф пулу моли зиёде ҷамъ овард ва доротарин одам дар обрави Зарафшон шуд, ва шӯҳрат ёфт, ва муридони бисёре дорад, ки ба ӯ хидмат карданро шараф медонанд; ва ӯ барои «озод кардани Самарқанд аз кофирон» ливо бардошт; ва муридонаш пеш баромаданд, ва халқи бисёре дунболи онҳо рафтанд ва шӯриш барпо намуданд ва издиҳом собиқ Қалъаи ҳокимро, ки алҳол ситоди ҳарбии Рус буд, ба муҳосира гирифтанд; ва муҳосира як шабонарӯз давом кард, ва дар рӯзи дуюм аз Тошканд полки казакҳо ба ёрии аскарони Самарқанд омад, ва дар се соат шӯришро пахш кард, ва қазақҳо фақат ба куштани халқи бесилоҳ қонеъ набуданд–мақтулонро найзаву шамшер зада, тикаву пора мекарданд, ки «ба ҳамаи саркашу нофармонҳо дарси ибрат бишавад ва минбаъд касе ҷуръат надошта бошад,ки ҷониби аскари рус ало нигоҳ бикунад»; ва Ҳоҷӣ Зариф бо муридонаш ба Шаҳрисабз паноҳ бурданд.

16

Ҷои машваратро ҳавлии Мулло Озода муайян карданд ва ин Мулло Озода аслан аз Қаршӣ буд ва табиатан одами одилу адолатхоҳ, ки беадолатиеро бинад, бетараф истода наметавонист; ва ҳатман шарик мешуд ва ба қозихона мекашид, ва зарур ояд мушту лагад ҳам мезад. Ва баъди гиребон дориву қозидавиҳои зиёде таҷриба андӯхту яқин донист, ки беинсофӣ, ҷабр, ситам, хона дар қозиёту муфтиёт дорад; ба инҳо умед бастан, монанди ба дарафш мушт кӯфтан аст; ва ҳару хингил карду роҳи Маккаву Мадинаро пеш гирифт ва дашту биёбон тай намуд. Мадина пойтахти хилофат ва пушту паноҳи аҳкоми шариат буд; ва олами ислом фармудаи онро айни савоб медонистанд ва бечуну чаро қабул ва итоат мекарданд; ва халифа арзи

Мулло Озодаро шунид, ки «дар аморати Бухоро шаръи шарифро пос намедоранд ва ба савдо мондаанду мефурӯшанд, ва агар гӯям, ки аз номи аҳкоми шариат пӯсти мусулмононро мекананду хунашонро мемаканд, дурӯғ намешавад»; ва Халифа хиште бо мӯҳри худ ба ӯ дод; «бубар ба Амир нишон бидеҳ, адолат барқарор хоҳад шуд!»; ва Мулло Озода он хиштро овард ба Бухоро ва ба дасти Амир дод, вале ҳолу аҳвол беҳтар нашуд, бадтар шуд; ва Мулло Озода тарки Қаршӣ кард, ба Шаҳрисабз омад, ва байни мардум шӯҳрати зиёде дошт, ва омиҳо ӯро авлиё мегуфтанд, ва муллоҳо пирашон медонистанд, ва кататӯра Абдумалик, беки Бойсун, ба ӯ дасти муридӣ дода буд.

Ба машварат бекҳои Шаҳрисабзу Китоб ва беки фирории Каттақӯрғон ва Ашӯри Понсад ва сардастаҳои сарбозони дар ҷангҳои Дизак, Самарқанд ва Зирабулоқ шикастхӯрда, вале таслимнашуда, омаданд, ки сабаби шикастро дар бесалоҳиятии Амир медиданд; ва баҳсу мунозира бо дастархону обу нонаш, дуюним рӯз тӯл кашид–сулҳи шармандавор аст сулҳи Зирабулоқ; халқ ба шӯр омадааст, ба по хестааст; Амир хиёнат кард, мо қасос мегирем. Вай фурӯхт, мо бармегардонем.

Ва Мулло Озода дар ин дуюним рӯз себор ваъз гуфт: «Ба ҳеҷ ваъз раво нест, ки сипоҳи бегона ба хоки мулки мо дарояд! Бидонед, лашкари ғайр як бор ба ин мулк дарояд, дигар баргашта намебарояд. Сад баҳона меёбад, вале намебарояд. Мисолаш дар таърих бисёр, як намунаи тозааш пеши чашми худамон, шаҳри Тошканд ва музофотҳои атрофи он. «Роҳзаниву ғоратгарӣ авҷ гирифтааст», гуфтанду даромаданд, ки «мо оромиву осоиштагии шуморо кафил мешавем». Баъд тартиботи худро ҷорӣ карданд, гӯё ки оромиву осоиштагӣ даст дод, вале берун нарафтанд, ки «мо ҳастем, ки тартиботро нигоҳ медорем». Мардум шӯриш бардоштанд, шӯришро пахш намуданд, ки «шарти сулҳу салоҳро вайрон кардед», боз берун нарафтанд. Ҳамин тавр, дар ҳар ҳолат, ваҷҳе пеш меоваранд ва берун намераванд. Ягона роҳи дуруст дифоъ аст, ки лашкари бегона ба мулки мо надарояд».

Ва се дафъа ҳам аҳли машварат дар тақвияти суханҳои ӯ овоз баланд карданд:

– Лашкари бегонаро Амир овард ба сари мо. Аввал Амирро вожгун бояд кард.

Ҷосусон хабар ба Амир ва генерал-губернатор бурданд; ва дар Бухоро ва Самарқанд ва Шаҳрисабз ба ҳарбу зарб омода мешуданд; ва дар байн мардуми Қаршӣ шӯриш бардоштанд ва ҳоким сарашро гирифта гурехт; ва халқ ба Абдумалик одам фиристод, зеро расм буд, ки подшоҳ аз авлоди подшоҳ мешавад, бегонаеро подшоҳ мондан ғайри шаръист – ба Худованд хуш намеояд ва баракат мепарад ва мулк вайрон мегардад; ва Абдумалик амирзодааст ва тахти амирӣ ба ӯ ҳалол аст; ва Абдумалик даъвати мардумро фоли нек донист, ва ба Қаршӣ омад ва дар курсии ҳоким нишаст, ва даъвои Арки Бухоро мекард; ва Амир ба ӯ фурсати хурӯҷ надод, фавран ба муқобили вай лашкар кашид, ва сипоҳи Абдумаликро зада аз шаҳр баровард, вале пурра тору мор карда натавонист, ин ҳарбу зарб ба охир нарасид. Аз Бухоро қосид омад; «Амирам, Содиқ аз шимоли Бухоро ҳуҷум кард». Ва Амир ҷанги Қарширо нимбуд монд ва ба ҷанги Содиқ рафт; ва Абдумалик бозгашта дуюмбора ба Қаршӣ даромад.

Ислоҳотталабон ин дафъа анбӯҳ шуданд – номдорону нондорон аз Қаршӣ, аз Ғузор, аз Бойсун, дар майдони назди дарвоза ғун омаданд ва ин издиҳом раъй дод, ки Абдумалик зеби хонӣ дорад, ва ба расми сулолаи манғит, як гӯшаи майдонро рӯфтанду чиданду намади сафеди калонро густурданд ва бо эҳтиром Абдумаликро рӯи намад шинонданд ва аз ҷумлаи одамони машҳур як даста пеш баромаданд ва озод болои сар бардоштанд: «Абдумалик хони мост!»

Амир ба осонӣ сари саркашони Содиқро шикаст, ва ба Бухоро надаромад, бо таъҷил ба болои Қаршӣ лашкар кашид; ва сипоҳиёни падару писар аз ду тараф хурӯҷ карданд ва дар мавзеи Ҷом рӯ ба рӯ омаданд; ва дар ин муҳориба писар ба падар ғолиб омад; ва Амир ба Самарқанд расул фиристода аз ҳарбиёни рус мадад пурсид. «Кӯр чӣ мехоҳад?

Ду дидаи бино!» Ҳарбиёни рус ҳар дам пайт мепойданд, ки «ҳилаи шаръие» ёфт шавад, ва онҳо баҳона бикунанд, ва ғасби Осиёи Васатро битезонанд. Ва баъди ғасби Қалъаи Дизак, ки тасарруфашон вусъат ёфтаву доман мегустурд ва азмашон ҷазб мешуд, ки шаҳри Бухороро ҳарчи зудтар бигиранд, мадад пурсидани Амир барояшон як мавриди муносибе буд, ки аз ғайб муфт омадааст; ва бо майли хотиру аз ҷон хуштар, ба мадади Амир рафтанд; ва сипоҳи Амиру аскари рус, дар якҷоягӣ, ба Абдумалик зарбаҳои пай дар пай заданд, ва Қарширо «озод» намуданд. Абдумалик ақиб гашт ва сипоҳашро дар Шаҳрисабз ғун овард; ва бо Мулло Озода ба сари чунин маслиҳат омаданд, ки «ҳам Амирро аз тахт афтонидан ва ҳам урусро аз мулк рондан, аз корҳои осон нест. Бо дасти танҳо намешавад, ёру тарафдор мебояд. Мардуми норизо бисёр, вале дар ин маврид фақат бо таваҷҷӯҳу хайрхоҳӣ кор пеш намеравад. Дасти шамшерзан даркор». Ва Абдумалик навкари хосаш Рӯзимуродро вакил карда ба Самарқанд, ба Каттақӯрғон, ба Китоб, ба Хатирчӣ ва як вакили дигар ба Ҳисор фиристонид.

Ин вакилон дилпурона рафтанд ва бо ваъда баргаштанд; ва дили Абдумалик аз ваъда пур шуд, ва ҳаводории мардуме, ки анбӯҳ шуда, «хонӣ мо ту!» гуфтанд, рӯҳашро бардошт, ва ҳокими Шаҳрисабз оташи тахтнишинии даъвояшро доман зад; ва расидани сипоҳони мададгорро интизор нашуд, ва шабошаб ҷониби Самарқанд лашкар кашид, ва шаҳрро аз ду самт ба ниммуҳосира гирифт, вале роҳ аз тарафи Чорҷӯ ва Тошканд кушода буд ва ҳарбиёни Амиру аскарони рус бемамоният ба ёрии дастаҳои Самарқанд омаданд ва ба лашкари Абдумалик зарбаи ҳалокатовар заданд; ва ҳокими Шаҳрисабз, бо мулоҳизаи «кадом тарафе шикаст хӯрад, ба манфиати мост», сипоҳиёнашро ба ҷанг надаровард; ва на танҳо иттиҳоди қувваҳои мухолифи Амир ба даст наомад, балки ҳамон иқтидоре, ки мавҷуд буд, аз даст рафт; ва халқи мазлум, ки бори гарони ҷангҳои пайдарпай ба дӯшаш меафтод, ва хонахароб ва хаста шуда буд, ва таҷрибаандӯхта, ки рӯзи

беҳие аз Амиру амирбачаҳо чашмдор нашавед–лӯбиёву каду, лаънат ба ҳарду! – дилгармие ба ягон тараф надошт; ва тамошогариро беҳтар донист; ва Абдумалик ночор ба паноҳи давлати Афғонистон рафт.

Амир аз талош ва балоҳои Абдумалик як дараҷа халос шуд ва ба генерал–губернатор муроҷиат кард, ки «дар гармогармии муҳорибаҳо шохи ҳокими Шаҳрисабзро аз бехаш бишиканад». Ҳокимони вилояти Шаҳрисабз аз аввал як устухони устувор дар гулӯи амирони манғит буданд, ки ҳеҷ фурӯ бурда наметавонистанд – гоҳ соф мустақил мешуданд ва гоҳи дигар тобеъияти забонӣ мекарданд, вале пурра сар намефуроварданд; ва ҳамеша фурсат фароҳам ояд, аз итоат мебаромаданд ва хоҳони заволи хонадони манғитиён буданд; ва дар ҷанги қалъаи Дизак аз нисфи роҳ баргаштан ва ҳамроҳи Абдумалик ҳарб накардани ҳокими ҳозира низ ба ҳамон сабаб буд; ва Амир доим аз ӯ хавф мекашид ва дар дил хусумат дошт, ва барои қасос гирифтан рӯ ба давлати пуршавкати Рус овард; ва русҳо ҳам, ки ҳавасманд буданд, таҳти фармондеҳии генерал – майор Абрамов ба ин вилоят экспедитсияи ҳарбӣ фиристониданд, ва ин қувваи варзида, дар бархӯрдҳои нобаробар, ғолиб омад ва ҳокимони Китобу Шаҳрисабз, Бобобек ва Ҷӯрабекро асир гирифт ва ба Тошканд бурд ва хонабанд кард; ва ба ҳар эҳтимол,–шояд рӯзе дар ҷое ба кор оянд–ба онҳо рутбаҳои ҳарбӣ ва орденҳо дод; ва ин вилоятҳоро ба Амир арзонӣ дошт; ва дар зиёфати ғалаба генерал–майор байни афсарони олирутба ва ашрофони олитабор, қадаҳ бардошт, ки «чашмашонро тарсонида мондан даркор буд. Фардо ин таҷриба боз даркор мешавад».

Ва дар Бухоро ба Дӯстмуроди муҳандис аз Рӯзимурод, навкари хоси Абдумалик, нома расид. «Устод, мо шамшер ба ғилоф намондаем. То ҷон дар рамақ дорем, алайҳи бедодӣ ва бесоҳибӣ мубориза хоҳем бурд». Ва Дӯстмурод дар ин ҳангом дарди бедармони дилашро рӯи коғаз меовард: «ҷамоаи вазиру раису қозӣ, ки худро аморатпаноҳу рисолатпаноҳу адолатпаноҳу шариатпаноҳ мегӯянду медонанд, дар асл, бо ду чашми сар дидем, ки ғоратпаноҳу разолатпаноҳу

ҷабрпаноҳу касофатпаноҳ ҳастанд. Дар як саду ан соле, ки ҳукмронӣ мекунанд, лоақал ҳамин қадар нафаҳмиданд, ки «шоҳ агар одил набошад, мулк вайрон мешавад». Ба ин ҳикмат ақлашон нарасид, вале дар қабоҳат «ақли расое» доранд, ки ҳикмати давлатдорӣ ном ниҳодаанд; ва бино ба ин ҳикмат усули давлатдорӣ иборат аст ва тарбия кардани даллолаҳо, ки хона ба хона гарданду духтарони хушрӯро пеши чашм бикунанд; ҳар касе, аз сағиру кабир, ба дарбор биёяд, шарт аст, ки аз остона бо таъзими заминбӯс ба дарун дарояд ва ақибрӯ бо таъзими заминбӯс берун барояд. Он фалакзадаи корафтода, ки шарафи инсониро қурбони тамаъе аз тамаъҳо кардааст, дар рӯ ба рӯи Амир расми одобро нигоҳ медорад, аммо агар ба мурод расад, «ҳазрат, саломат бошанд!» мегӯяд, ва агар нарасад, ба ҳафт пушти вай лаънат мефиристонад, ки «Худо кай ҷони туро мегирад!».

Касофат фалокат мезояд – аҳли дарбор ва аҳли рикоб дар таъзими заминбӯс ва ақибрӯ роҳ рафтан он қадар усто шудаанд ва маҳорате доранд ва чунон унс гирифтаанд, ки одамвор пешрӯ рафтанро сирф фаромӯш кардаанд. Ва ин одати худношиносӣ аз Арки Амир баромада ба қозихона даромад, ва мисли вабо сироят кард, ва бо ҳокимхонаҳо рафт, ва шаҳру деҳро фаро гирифт, ва ин мулк, ки аморати Бухоро ном дорад алҳол бошишгоҳи лаҷомбадастоне шудааст, ки аз ҳунарҳои бешумори олам фақат ҳунари таъзими заминбӯс ва дуқат ақибрӯ рафтанро ёд гирифтаанд; ва дар илму амал доиман ақибрӯ мераванд».

Ва Амир ҳам дар сиёсати мулкдорӣ ақибрӯ рафт. Дар пеш ҳарчи буд,–замину мол, шаҳру деҳ, обрӯву эътибор–ба урус дод ва худаш ба ақиб, ҷониби Шаҳрисабз ҳаваси сафар кард, то ки тантанаи Зафар барпо намояд. Ва Ҳоҷӣ Тӯраро пешакӣ ба он ҷо фиристонид,–аз ташрифи Амир хабар барад, ва духтарҳоеро, ки пешкаш мекунанд, бо «чашми ҳардуяшон бубинад». Ва Ҳоҷӣ Тӯра, маҳрамона, аз боби духтарҳо ба ҳоким ишора кард, ва ҳокими нав, ки то андозае дастнишондаи Русия буд, аз шунидани ин сухан гов гашт – мурдаро мону тутхурӣ кун! Замона дигар шуд, ғӯлони биёбонӣ ҳамон ҳастанд, ки ҳамон. Ҳара-

машон пуропури зан, он занҳо дар як сол рӯи Амирро як бор мебинанд ё не; ва нафс доранд ва майли хидматгорону ғуломон мекунанд; ва дар боргоҳ фарзандоне ба дунё меоянд, ки падарашон кист, касе намедонад; ва инҳо маликаву тӯра ном мегиранд ва беку ҳоким мешаванд?!

Яке аз чунин тӯраҳоро Амир беки Чароғчӣ таъин кард, ва «бача дар он ҷо зиқ нашавад» гӯён, ба вай сад нафар сарбоз ва понздаҳ зан дод; ва он тӯратулфор дар Чароғчии дурдаст, хилват, хушку бебаракат ва дур аз маърифат, бо ранҷу азият рӯз ба сар мебурд, ва ақлаш кундтар ва ҷисмаш заифтар шуд; ва хуш ба ҷонаш, ҳоли бади худро намефаҳмид.

## 17

Қофилаи Амир ба роҳ баромад, бо ду ҳазор сарбоз ва бо валвалаю дабдаба; ва ҳангоме ки аз дарвозаи Арк убур мекард, шотире аз музофот расид ва арз кард, ки «Амирам, дар оби Омӯ чиҳил одам ғарқ шуд; ва Амир по аз узунгу барнагирифт–«Ба сафар баромадаем, ҷои ин гапҳо нест!» – ва ба Қушбегӣ фармуд: «навкаронро ҷамъ оварда фиристонед!»; ва дар кӯчаҳои шаҳр мардум ба сипоҳу ҳашами ӯ роҳ мекушоданд ва саф кашида таъзим ба ҷо меоварданд, ва аз дунбол ба якдигар савол медоданд: «Хирси Бобо боз куҷо мерафта бошад?» Ва Хирси Бобо хирси роме буд, ки Бобо ном марде, аз занҷири гарданаш дошта, дар бозору чорсӯҳо мегашт, ва мардум тамошо мекарданд, ва даст расонанд ва ё бо химчае бизананд, ва ё гӯштӣ гирифтан хоҳанд, хирс фақат як садо мебаровард: «Ҳум! Ҳум!»; ва ин шуғл воситаи рӯзгузаронии Бобо буд – аз ҳангоматалабҳо пул мегирифт;–Ва раъияи шаҳри Бухоро ба амирашон ин лақабро лоиқ донистанд.

Ва беки Китоб шунид, ки ҳазрати ҳумоюнӣ азми сафари Шаҳрисабз доранд, вай ду нафар одами хоси худашро пешвоз фиристонид, ва онҳо дар беруни шаҳр ба пойбӯсӣ расиданд, ва аз номи бек илтиҷо карданд: «Ҷаноби Олӣ қадами муборакашонро дареғ надоранд. Сари роҳ як нафас ба Китоб дароянд»; ва ҷаноби олӣ қабул намуданд, ва

фиристодаҳо баргаштанду хабари хуш ба бек расониданд ва ширинкома гирифтанд; беки Китоб дар як шабонарӯз саисхонае сохт – қадаш дусаду панҷоҳ метр, ва халқ дар ин сохтмон бе музд кор кард, ба тарзи ҳашар, ва сутуну болору вассаашро халқ дод – ба тариқи хайрия, ва бо андози ом аз ҳар буна коҳу бедаву ҷав гирифтанд барои аспу шутури меҳмонон; ва Кӯшкро оинабандӣ карданд, ва ба кӯчаҳои калони шаҳр об сар доданд, ки чирку чарбашро бишӯяд, ва лойқа дар кӯчаву паскӯчаҳо таҳшин гардид; ва бек ба Иван Маленкий – ҳамон Иван, ки солҳои дароз, бо номҳои гуногун, ошкору ниҳон, дар Осиёи Миёна ҷосусӣ мекард, ва Императори Аъзам бо муҳаббат ӯро Мой Миленкий мегуфт, ва пас аз фатҳи Самарқанд экспедитсияи илмӣ тартиб дода буд, ки табиати ҳавзаи Кешрӯдро биёмӯзад, ва ҳамон рӯзҳо дар Китоб қароргоҳ дошт – вақти зиёфатхӯрӣ лоф заду тамаллуқ пеш овард:

– Аз кисаи худам сад ҳазор танга харҷ кардам. Ман ба шумо русҳо эҳтиром дорам. Дар Нурато ва дар ин ҷо наздиктарин ҳамсояи шумо ҳастам. Аз Шумо таманно дорам, ки дар маросими қабул ва гусели Амир ҳузур дошта бошед, сарамон ба осмон мерасад.

Иван Маленкий бекро «сарфароз» гардонд – сафарашро мавқуф гузошт ва омадани Амирро мунтазир шуд. Бек барои истиқомати «олимони табиатшинос» кӯшке бидод ва он андаруни қалъа буд ва қалъа, мисли ҳама қалъаҳои Осиёи Миёна, дар баландӣ, дар сари теппа, ки бо хоки кашида, сунъӣ бардоштаанд, сохта шудааст. Ва хидматгорон ҷудо кард барои онҳо, ки зиқ нашаванд, ва хидматгорон ба Самарқанд рафтанд, ва аз он ҷо курсӣ ва мизҳои сафарӣ оварданд, ки қату рост мешаванд ва густурдану ғундоштану ғунҷонидану кӯчониданаш осон буд; ва корду чумчаю чангаки фализӣ ва тақсимчаву истакон муҳайё карданд. Ивану ёронаш фаровон мехӯрданду меошомиданд ва даруни қалъа сайру гашт мекарданд; ва аз тамошои бораву ҳавз ва пештоқу айвон ва кошинкории сарсутун ва болору васса ва усули қабзафурӯмон лаззат мегирифтанд; ва аз навоҳои Шашмақом сурудҳо мешуниданд, ва ба маънову мазмуни

рақсу синаҷунбонии амрадбачаҳо сарфаҳм намерафтанд; ва сарбозони сурхпӯшу кулоҳдарозро, ки ба шарафи истиқболи Амир дар майдон машқ мекарданд, рӯзе ду бор дида, садои карнаю сурнай ва дафу нақораро шунида, дар дил ба низоми мулки бенизомӣ механдиданд; ва ҳашт рӯз такрор ба такрор ҳамон таомҳоро мехӯрданд, дар ҳамон ҷойҳо мегаштанд ва ҳамин манзараҳоро медиданд; ва Иван ба ёронаш гуфт:

– Ин якрангӣ одамро девона мекунад!..

Қофилаи Амир аз дарвозаи Работ даромад. Ин дарвозаро генерал Абрамов, вақти муҳорибае, ки Китобу Шаҳрисабзро ғасб намуда ба тобеъи Амир даровард, валу вайрон карда буд ва шикаставу рехтаҳои он барҷой меистод, вале ин харобаи пеши чашм ба тантанаву дабдабаи истиқболи ҷаноби олӣ халале нарасонид,–майдони дарвозаи бедарвозаро рӯбу чин карда об заданд, сарбозони сурхпӯш, ба ҳамон тартибе, ки қаблан машқ кардаанд, саф оростанд, ва бонги карнаю сурнай ва гумбурости таблу дуҳул, ва мавҷи анбӯҳи одам, ва фойтуни Амир аз байн мегузарад. Ва лаҷомкашҳо аз ду тарафи фӯки асп, ва сарбозон таъзим карданд, ки кулоҳашон ба замин расид, ва амрадон ба зарби дойра мерақсанд, ва анбӯҳи одамӣ каф мекӯбад; ва даҳонялаҳо чашм калон кушодаанд, ва аз ҳамроҳони Иван яке пинҳонӣ сурат гирифт. Ба ин маросим аз деҳот низ барои салому тамошо омаданд, ки дар байнашон як чоруғпӯши телба зуд ба чашм мерасид – як марди ғалча, шонапаҳн, гарданкӯтоҳ, ва ба ҷои салла ҳафт газ латтаи норинҷӣ ба гирди сараш бастагӣ; ва ӯро намонданд, ки ба қалъа дарояд:

– Гард, ақиб гард. Ин ҷои ту не!

Ва ӯ ба илтиҷо даромад:

– Аз роҳи дур омадам. Ба амирам арзи заруре дорам. Бисёр зарур…

Нӯкар амр дод:

– Гӯй арзатро. Бубинем лоиқи гӯши Амир ҳаст, ё не?

Марди ғалча арз кард:

– Бист ё бисту панҷ рӯз пеш дар деҳаи мо як кампир ка-

сал шуд. Рӯяш дуд кард, ҳезуми нимсӯхта барин сип-сиёҳ шуд. Вафот кард. Баъди ҳамин дар деҳа офат омад. Ҳар рӯзи Худо як-ду одам сиёҳ дуд мекунаду мемурад. Мо ба қозии тумон хабар додем. Он кас гуфтанд, ки назди муфтӣ равед. Рафтем. Муфтӣ моро ҷанг карданд. Гуфтанд, ки кампирро ҷанозаи пок накардаед. Раведу ба муллоятон гӯед, ки майитро аз хок бароранд, ҳалол ҷаноза хонанд. Рӯяшро ҷониби қибла монанд. Мо ба деҳа омадем, супоришҳои он касро бе каму кост ба ҷо овардем. Лекин бало дур нарафт. Акнун ин бало ҳар рӯз ба сари се-чор оила меояд. Ночор арз ба Шумо овардем.

Ва нӯкар ӯро бурд пеши Амир, ва Амир арзи ӯро шуниду ранҷид:

– Саҳроиҳои бефаросат! Ба куҷо арз карданашонро намедонанд! Ин кори муфтӣ, кори оламиён! Равед, дардатонро ба ҳамонҳо гӯед!

Марди ғалча ноумед шуд ва нӯкар аз оринҷи вай гирифта берун бурд; ва Иван Маленкий, ки ҳамон ҷо буд ва Амир дар муомила ба ӯ хеле меҳрубонӣ мекард, худро нозғунҷ пиндошт ва бо оҳанги як дараҷа лутфомез, луқма партофт:

– Ҷаноби Олӣ. Бино ба нишонаҳое, ки ин мард гуфт, дар он деҳа вабо омадааст. Ёрии тиббӣ зарур.

– Мо ин хел табибҳо надорем. Табиби мо амри тақдиру хости Худост.

– Шаке надорам. Аммо Худо фармудааст, ки «аз ту ҳаракат, аз ман баракат». Баъд дар мулке, ки барои ду гаҳвора чор ҳазор тилло ва барои як зиёфат сад ҳазор танга сарф мекунанд, як мушт тилло дода аз дигар ҷоҳо духтур оварда,пеши вабоbooро гирифтан, ба назарам, душворие надорад.

Амир бо завқ хандид:

– Меҳмон заб гапҳое мезананд. Тилло ва вабо чӣ муносибате дорад?

Ва Иван лаб газид; ва мулозим бо таъзим дар дами дар пайдо шуд:

– Амирам, аз Ҳисор ба пойбӯсӣ омадаанд. Раъйи Шумо

чист?

– Биёред.

Ва Саид Абдулмӯъмин, писари Амир, ва Раҳматулло, тӯқсабои Ҳисор, бо таъзим ба хона даромаданд; ва баробари дидани рӯи Раҳматулло чеҳраи Амир тира шуд–ин Раҳматулло тӯқсабо дар ҷангҳои Қаршӣ ва Чорҷӯ ҷониби Абдумаликро гирифт, ва пас аз шикасту фирори вай, сар ба таслим фуруд овард, ва ба дарбор омад, узр пурсид, тавба кард, ки «сад бор пушаймонам»; ва Амир, дар ҳамон мавриди нозук ва пуртаҳлукаи пурхатар, аз гуноҳи ӯ гузашт ва аз хиёнаташ чашм пӯшид; вале кина дар дилаш боқӣ монд, ва ҳоло он кина боло гирифт ва он рӯзҳои душвор пеши чашмаш ба ҷилва омад, ва ғазабаш ҷушида ба рӯю мӯяш баромад, ва саломи ӯро алайк нагирифт:

– Баред, ин хоинро! Сарашро гиред!

Ва ҷаллодон гирд гирифтанд ва Раҳматуллоро баровартанд беруни хона, ва бурданд сари бозор. Ва борон меборид. Ва Кравсов, яке аз шарикони Иван Маленкий, дастгоҳи суратгириашро зери боронӣ пинҳон дошта, ба мисли ҳайвон кулук кардани одам, ва чун қассоб сар буридани ҷаллод, ва ҳангоматалабу тамошомуштоқонро сурат гирифт; ва одамони Амир аз ҷунбу ҷӯли вай ба шубҳа афтоданд, ва ӯро дошта, тафтиш карданд, ва дастгоҳи суратгириашро кашида аз дасташ гирифтанд, ва худашро баста назди Амир оварданд:

– Ҷосус будааст. Ҳангоми ҷосусӣ доштем.

Ва Иван телба шуд ва Кравсовро сахт коҳиш кард:

– Ҷои худ ва кори худро намедонӣ! Агар дилат суратгирӣ буд, бояд ки маслиҳат мекардӣ! Аввал аз Ҷаноби Олӣ рухсат мепурсидем, ки суратгирӣ ҷоиз ҳаст ё не? Агар рухсат медоданд, баъд мерафтӣ! Барои чӣ омадайӣ!

Ва Амир фамуд, ки банди Кравсовро кушоянд, ва раъшаи баданашро пинҳон дошт – раъияи Императори Аъзам аст! – ва дастонашро зери бағал гирифт, то ки ларзиданашро касе набинад; ва бо табассуми сохта таскин дод:

– Мо гуноҳи дӯстонамонро нодида мегирем.

Амир дастгоҳи суратгириро хеле бо ҳавсала тамошо кард ва ба Иван дод ва пурсид:

– Аз ҳамин ҷо Арки Бухороро сурат гирифта метавонӣ?

Иван, бо лабханд, ба тариқи инкор, калла ҷунбонд. Шашмақомхони дарбор ба кадӯри Шоир, ки дар паҳлӯш нишаста буд, нихта зад ва бо пичиррос шеър хонд:

Пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад…

Ва Шоир ҳам пичиррос зад:

– Тамалуқзаниҳои мову шумо бемағзро пурмағз нишон медиҳад. Ва мардуми омӣ бовар мекунанд.

Ва онҳо беихтиёр хандиданд, ва ин хандаи бемаврид ва берухсат, ба Амир хуш наомад:

– Ҳа, боз чӣ дурӯғ бофтед?

– Амирам, васфи Шуморо кардем,–Шоир аз ҷой бархост ва дастҳо пеши бар гирифт…

Базми зиёфат то як поси шаб давом кард, ва тӯҳфаю пешкаш бетанаффус меомад; ва Амир ба Кравсов иҷозат дод, ки фардо дар шаҳр гардаду сурат бигирад; Ва ба хонаи хоб рафт. То намози бомдод, нимхобу нимбедор, дар бистар ҷунбиду паҳлу гашт–бемории ваҳмак ва дарди бехобӣ азобаш медод. Аз ҳар як шарфа, аз ҳар як соя метарсид. Метарсид, дар хоб дод мезад, ва бедор мешуд, ки арақи сард пахш кардааст. На баданаш роҳат дошт ва на рӯҳаш ором. Ва пеш аз намози бомдод, аз кадом як гӯшае, харе ҳангос зад, ва ӯ як қад парид ва гӯш фаро дод–ҳангоси ин хар ба охир нарасида, аз гӯшаи дигаре боз як хар ҳамовоз шуд, ва давоми ҳангоси онро хари дигаре гирифт; ва харҳои ин шаҳр, гӯё маслиҳате доштанд ва ё дар хушовозӣ мусобиқае барпо карданд, ки билфосила, аз чаҳор тарафи қалъа, бо навбат ҳангос заданду ҳангос заданд, ки ҷони Амир ба танг омад, ва сараш ба дард даромад, ва аъзои баданашро раъша фаро гирифт, ва бехудона аррос зад:

– Кушед! Буред сари ин харҳоро! Нест кунед!

Ва ҷондорон бесаришта шуданд, ва маҳрамбачаҳо безобита гардиданд, ва сарбозон ба таҳлука афтоданд, ва шамшер аз ниём кашида давиданд; ва дар даруну дар бе-

руни қалъа, дар кучҷое хар ёфтанд, шикамашро дариданд, сарашро буриданд; ва харкобиву харёбиву шикамдариву сарбурӣ, то теғи офтоб давом кард; ва халқ аз тарс харҳояшонро гурезониданд – ба боғҳо, ба саҳро, ба деҳаҳо бурданд…

18

Баъди тановули таоми чошт, қофилаи Амир роҳи Шаҳрисабзро пеш гирифт. Онҳо дар нисфи роҳ буданд, ки аз пеш қосид омад ва хабар овард, ки тӯраи Абдумалик аз Афғонистон баргашт ва омодаи ғазост, ва сипоҳу силоҳи зиёде дорад, ва инглисҳо ваъдаи пуштибониву дастгирӣ додаанд; ва Амир як дастаи мусаллаҳ тартиб дод, ва ба Бойсун фиристонид, ки равед беки Бойсунро гӯед, ки «аҳли аёл ва наздикони тӯраро ҳабс кунад. Дар ҷои дастнорасе нигоҳ дорад. Бо касе сӯҳбат кардан, сухан гуфтан ва гашту гузор намуданашон қатъан манъ аст, ва диду боздиди онҳо бо ошнову бегона тамоман мумкин нест!» Ва ҷилави қофиларо баргардонд ҷониби Бухоро.

Дар Бухоро ҳашар эълон карда буданд–ҳашари ом барои гурезонидани вабо. Зеро ки марди ғалча аз Китоб, аз ҳузури Амир, ки ронда буданд, рост ба Бухоро омад ва ба қабули Аълам рафт ва аз номи Амир ба Аълам қиссаи «дарди бедавои деҳаро» гуфт; ва Аълам Қозикалонро даъват кард ва ҳардуи онҳо ба қабули Қушбегӣ омаданд, ва Қушбегӣ ин қазияро шунида, илова намуд, ки «ман медонам, чунин муромурӣ дар як деҳа не, дар чанд тумон давом дорад. Аз горнизони Самарқанд хабар фиристониданд ба ман. Урусҳои Тошканд ҳам ба ташвишу таҳлуқа афтоданд. Ҳамонҳо мегӯянд, ки ба он тарафҳо вабо омадааст. Раисро ҳам чеғ занем, ягон чора бинем, ки то ба Бухоро наояд». Ва раисро одам монда оварданд, ва чаҳор шоҳсутуни давлат машварат оростанд, ва бо ақлу фаросати муфтии музофот хандиданд, ки «фатвои нодурусте ва бемаънӣ додааст». Ва худҳошон бо маслиҳат ба қарори дуруст ва бамаънӣ омаданд, ки «ҳашари ом даъват ку-

нанд, ва ваборо тарсонанду гурезонанд»; ва чопарҳо фиристонида, ҷорчиҳо баровარданд, ва ҷорчиҳо кӯча ба кӯча гашта, болои бомҳо баромада, ҷор кашиданд: «Нашунидам нагӯед! Ҳар касе, ки даф ва ё дойра дорад, ҳар касе, ки ходаву латтакуҳна ёбад, ба даст гираду ба кӯча бароядд. Латтаҳоро ба сари ходаҳо бандед, ба равған ҷӯлонед, машъал афрӯзед. Дафдорон даф кӯбанд. Дойрадорон дойра зананд. Машъаладорон машъал бардоранд. Дар кӯчаҳо гарданд. Ба ҳавлиҳо дароянд. Ваборо тарсонанд! Ваборо гурезонанд!»

Шаҳр пури садо, пури ғавғо, пури бӯй, пури дуд буд, ва Амир ба шаҳр надаромад; ва рост сӯи вилояти Чорҷӯ рафт, ки пеши роҳи Абдумаликро бандад; ва дар соҳилҳои дарёи Омӯ гурӯҳ-гурӯҳ туркманҳое вомехӯранд, ки аз гуруснагӣ деҳоташонро тарк карда, зану фарзанд ба Худо супорида, нонковӣ баромаданд, ва мардум онҳоро нонталаб меномиданд; ва одамони Амир пурсуков намуда аз он нонталабҳо фаҳмиданд, ки Абдумалик дар музофотҳои Чорҷӯ гашта, сарбоз ҷамъ мекунад.

Дар Афғонистон ба Абдумалик рӯи хуш надоданд – шоҳи Афғонистон ба даҳони лордҳои англис нигоҳ мекард ва лордҳои англис бо генералҳои рус як аҳдномаи гургоштӣ имзо карда буданд, ки «шумо ба манфиатҳои мо дар Афғонистон халал нарасонед, мо ҳам ба корҳои шумо дар Осиёи Миёна халал намерасонем»; ва Нодиршоҳ ки дастнишондаи англисҳо буд, ҳатто вакили Абдумаликро бор надод, ва бар замми ин худаш хотираи нохуше аз муомилаи амирони манғит дар дил дошт,– вақте ки сулолаи онҳоро аз тахт зада афтониданд, вай гурехта ба паноҳи амири Бухоро омад, вале амирро дар пойтахташ наёфт,–вай Ҳисор рафта будааст, ки балвогарони он ҷоро пахш бикунад. Ва Нодиршоҳ, ба умеди ёриву дастгирӣ дидан, аз дунболи ӯ ба Ҳисор расид, ва дар Деҳнав қатли оме, ки Амир карда буд, бо чашмони худ бидид, ва аз ин бераҳмӣ,ки мурдаи пиру ҷавон дар кӯю саҳро пушта-пушта мехобид, сахт мутаассир шуд ва

дасти хайру умеди ёрӣ аз ӯ баркандд; ва «бемуруватӣ ҳам ҳадду андозае дорад» гуфту бо Амир мулоқот карданро лозим надонист ва баргашта ба Афғонистон рафт; ва бо эмиссарони англис забон ёфт, ва бо мадади ҳарбиву молии онҳо боз ба сари қудрат омад; ва Абдумаликро дастгирӣ накард бо ин сабабҳо; ва Абдумалик пинҳонӣ аз англисҳо андаке силоҳ ва асп гирифт, вале дигар дар он ҷо наистод, азми ба ватан баргаштан кард, ки мухолифони Амирро муттаҳид мекунад ва муборизаро давом медиҳад. Ва дар роҳ, дар биёбони сӯхта, Мулло Озода аз по монд ва бистарӣ шуд; ва дар ҳузури Абдумалик мусаввадаи коғазҳояшро ба Рӯзимурод дод ва васият кард: «наҳсие, ки имрӯз ба сари халқ омадааст, ба таҳқиқи ман, фақат айби Амиру вазир нест. Гуноҳи ин маъсият ба гардани аъламу муфтӣ, қозиву мударрис ва муллои нохондаву муллобачаи оламбехабар ҳам меафтад. Ҳамин тоифа ҳастанд, ки шаръи шарифро шаръи касиф карданд. Солҳоест, ки аз номи Худову пайғамбар, мардумро гумроҳ мекунанд. Имонашон торик шавад, ки мардумро дар торикӣ нигоҳ медоранд. Ҳаминҳоянд, ки амиронро ба мартабаи «сояи Худо дар замин» бардоштаанд. Фатво доданд, ба мағзи аҳолӣ ҷой кардаанд. Авом бовар кардааст, ки хости Амир хости Худост. Ҳар разолате ба сараш омад, тан дод, ки аз хости Худо ҷои гурез нест...»

Озода ғарибхок шуд,ва дар сарҳад Ашӯри Понсад аз тири сарҳадбонони рус бо аспаш дар оби Омӯ ғарқ гардид; ва бекҳои Ғузор, Шаҳрисабз, Қаршӣ аз Абдумалик рӯ гардониданд – нав карда буданд бекҳоро; ва Абдумалик бо сесад сарбоз ба Чорҷӯ рафт, ки аз ҷумлаи нонталабон қуввае ҷамъ оварад, вале кораш барор нагирифт – вай дар ҳалқа дармонд – аз як тараф сарбозони Амир, аз тарафи дигар аскарони рус. Ва ҳанӯз Амир ба Чорҷӯ нарасида аскари рус ба Абдумалик зарба зад ва ба тарафи регзори беканор, ки ҷо-ҷо саксавул дорад, гурезонд, ва таъқиб мекард, ва фурсат намедод, ки дам рост кунад. Ба шукронаи

ин ғалаба Амир номаи миннатдорӣ навишт ба генерал–губернатори Туркистон, ва ба одамонаш фармуд, ки ба гарнизони Чорҷӯ ҳафтод гов, даҳ пуд орд, панҷ пуд сабзӣ, се пуд пиёз ва ҷаву коҳу алаф бурда диҳанд. Ва худаш баргашт ба Бухоро.

Дар шаҳри Бухоро бо даъвати чаҳор сутуни давлат, машъалҳо афрӯхта буд, ва дафу дойра мезаданд, ки «ваборо тарсонанд;» вале Амир, ба гумони он ки ғалабаи ӯро ҷашн мегиранд, салобат нишон дод, ва бо карру фар ба Арк рафт. Ва консули рус ин воқеаро хабар дод ба генерал–губернатор, ва ӯ гуфт, ки «Худоё, бо ҳамин ақлу тамизашон боз даъвои давлатдорӣ мекунанд»; ва талх хандид; «давои осони ваборо ҳаминҳо ёфтаанд!» Ва аз Петербург духтуронро даъват кард, ва фиристонид ба музофотҳои вабозада.

Абдумалик, бо сад нафар сарбоз, андаруни регзори азим, сарсону саргардон мегашт ва роҳе намеёфт, ки ба ободие барояд,–ба кадом тарафе равад, хоҳ ҷониби Марв, хоҳ сӯи Хева, ба тиру шамшери аскарон дучор меомад; ва ҳар дафъа, ки шикаст хӯрд, паноҳ ба регзори гӯё беҳудуд мебурд; ва то ҷое, ки чашм мерасид, рег буду рег буд, ки хол-хол буттаҳои саксавул дошт, ва по то буҷулак ба рег мeғӯтид; ва хомаҳои рег қариб ҳар шаб мекӯчид–ҷояшро иваз мекард; ва ҷонибҳои маҳалро шинохтан ба мушкилае табдил ёфт, ва даpунтару даpунтари ин ҳавзаи хушки дурушт мерафт; ва аз ҷондорон фақат ғунда, калтакалос ва сусмор мехазиданду мегаштанд; ва сарбозони бемадор аз пой биафтанд, баргашта хеста наметавонистанд; ғундаву калтакалос аз дидани одам меҳаросиданд ва ба коми рег фурӯ мерафтанд; вале сусмор аз шахсони беҳол афтода чашмони гуруснаашро барнамедошт; ва торикӣ фуромад, ва як мушт одаму асп дар шикастаи новашакле қарор гирифтанд ва пораи нони қоқе ба оби даҳон тар намуда хӯрданд; ва Абдумалик Рӯзимуродро дуртар аз дигарон бурд ва қоғази чорқате аз бағалкиса баровард: «Ин хат, ба падарам мерасонӣ!»

Ва сари субҳ Рӯзимурод ба роҳ баромад-офтобро нишона гирифт ва яку нимрӯз пас маҷрои рӯди Омӯро ёфт, ва гоҳ-гоҳ ба авуле ва хонаи канори деҳе хобида, нону обе хӯрда, дар рӯзи панҷум ба шаҳри Бухоро расид; ва рӯзи шашум дасту рӯ шуста, тағири либос карда, ба сад шакку шубҳа, ба саломи Амир рафт. Дарди ваҳмаки Амир хурӯҷ карда буд–аз ваҳм хоби бароҳате надошт, ва барои андармонӣ ва гурез аз ҳарос, дар хазинахона мегашт ва ҳамроҳи хазинадор аз хона ба хона мегузашт–дарун андарун, ва ҳар хона як анбор ва ҳар анбор махсус бо чизе–анбори ҷома, ки ҷомаҳойи рангоранг, муносиби қиматаш, таҳ ба таҳ рах задаанд; анбори шоҳӣ, анбори адрас, анбори латтавори фарангӣ, анбори саллаву миёнбанд, анбори калӯшу маҳсӣ, анбори шираворӣ ва дар пешгаҳ анбори нақдина, ки тангаҳойи тилло ва нуқраро ба саночҳо пур карда, даҳонашро дӯхта, рӯйи тахтаҳои ғафс, болойи ҳам, то ба шифт, хишт барин чиндаанд; ва калиди ин анборро Амир дар нифаи эзораш баста мегардад.

То намози пешин кори Амир ҳамин шуд, ки анборҳоро тамошо кард, ва Рӯзимурод дар айвони Саломхона мунтазир нишаст; ва Амир ба хилват рафта намози пешинро мухтасар хонд ва сипас, ба Рӯзимурод бор дод; ва Амир танҳо, дар болинҳойи махмал каҷпаҳлӯ менишаст ва чеҳраи гирифтаи заҳир дошт, ва сарашро аз муроқиба набардошт, фақат аз зери абрӯ нигоҳи тезе афканд ва тунд пурсид: «чӣ арзи бетаъхир дорӣ?» Ва Рӯзимурод, бо таъзим, коғази бағалашро бароварда, бо ду дасти адаб ба Амир дароз кард: «маро нури чашматон, тӯраи Абдумалик фиристониданд»; ва Амир ҳеҷ мароқе надошт гӯё–чизе напурсид, хомӯш истод; ва Рӯзимурод дид, ки дасте, ки номаро гирифт мадоре надорад; ва Амир коғазро рӯйи зонуяш гузошт ва бо дасти рост сари синаашро хеле молиш дод ва рангаш парид. Дилу бедилон коғазро кушод, хаташро беовоз хонд ва коғазро боз чорқат карда ба кисабағалаш монд ва бе ҳеҷ ҳиссиёт гуфт: «ту навкари азизи ӯ будай…» Ва таваққуф кард, ва вақт аз гардиш бозмонд, ва Рӯзимурод гӯё одами зинда не, балки

сурати деворе буд; ва Амир лаб кушод: «Вай ба мо хиёнат кард, ту бояд бимирӣ!»; ва Амир аз ҷояш хест, рӯбарӯйи Рӯзимурод истод: «Туро ҳар вақт куштан мумкин, алҳол дар ҳамин ҷо бош. Он тарафашро мебинем…» Вай каф кӯфт. Ҳоҷиб омад, Амир бо нӯги дасташ нишон дод: «ин алҳол ба ихтиёри ту бошад!»; ва Ҳоҷиб Рӯзимуродро ба ҳуҷрае бурд, ки дар шафати ошхона буд ва таъкид кард: «бе рухсати ман ба ҷое нарав ва бо касе сӯҳбат накун!», ва дарро қулф накард; ва Рӯзимурод на маҳбус буд ва на озод; ва рӯзу шабаш дар интизорӣ мегузашт, ва се вақт таомаш медоданд, вале роҳате надошт; ва вақт бағоят оҳиста меҷунбид–бо алам, бо дилгирӣ, маъюсона…

Ва хидматгорони ошхона ин марди бекору тайёрахӯрро бад диданд ва бо кароҳат ба ӯ менигаристанд, ки барояш сахт гарон меомад ва худро даруни ҳуҷра мегирифту рӯйи кӯрпачаи нимдошт дароз меафтид ва андешааш гаштаву баргашта сари як ҷумла меомад: «кори боарзише карда натавонистем!»; ва дар рӯзи ҳабдаҳум Ҳоҷиб ӯро назди Амир бурд ва аз дар дарун карду худаш баргашт ва Рӯзимурод ба рӯйи Амир нигоҳ кард, то аз ваҷоҳаташ рамуз гирад, ки оқибати кораш чист?; ва рамузе гирифта натавонист – аз ранги сахт коҳида ва пӯсти сурхи пармуч, ки тароват надорад, фикру хаёлро пай бурдан ҳеҷ имкон надошт. Ва ӯ амр дод: «шин!», ва Рӯзимурод дар кафшпарто дузону нишаст, ва Амир гуфт, ки «ба гапи зан гӯш кардан, ба шамол гӯш кардан аст. Ман ба гапи зан даромада Абдумаликро ҳоким таъин кардам. Ба гапи зан даромада ба ҷанг рафтам…» ва дам гирифт. Нафасаш номураттаб шуд ва бемадорона се-чор бор сулфид, ва даст бурда аз зери болин коғазе баровард: «хӯҷаини ту Абдумалик нохалаф баромад… Номае ба ӯ навиштам… ғайр аз ману ту дигар ягон ҷондор надонад…» Коғазро сӯи Рӯзимурод дароз кард ва ногаҳон коғаз аз дасташ ба замин афтид ва худаш ҳам ба китф афтид…

Рӯзимурод сахт тарсид, лаҳзае беёд монд, ва бехудона аз ҷояш бархест ва беҳушона ба долон баромад ва гунгу

гаранг калавида қадам партофт ва дар ҳамин лаҳза касе аз оринҷаш дошт; ва ӯ дасти одамиро ҳис кард, ба ақиб баргашт ва Амирро дид–ҳамон афту андом, ҳамон ришу бурути сурхча ва ҳамон чашму бинӣ, ва ҳамон нигоҳи тез аз пушти абрӯҳо. Зинда шудааст, хестааст! Ва аз тарс фарёд кашид ва он даст даҳонашро маҳкам дошт ва кашола карда ба хонаи холие даровард ва дар паҳлӯяш шинонд, вале дасташро сар надод: «Натарс! Ҳарчи шуд ба ман гӯй. Росташро гӯ! Дурӯғ нагӯ!» Ва Рӯзимурод рости гапро гуфт ва андаке ба худ омаду шинохт, ки ин одам Амир не, балки тағойии ӯ Остонақул парвоначӣ будааст. Остонақул ба вай об дод ва аз дасташ гирифта ба хонаи хоси Амир бурд. Амир ҷон надошт ва парвоначӣ тааҷҷуб накард, дасту по ҳам нахӯрд–орому чолок майитро бардошт ва дар бистараш хобонид ва ба Рӯзимурод амр дод: «дар ҳамин ҷо шин! Аз ҷоят наҷунб ва ба берун набаро!...»

Ва чор рӯзи расо Рӯзимурод аз хона набаромада мурдабонӣ кард, ва Остонақул худаш ба ӯ таом меовард ва худаш зарфҳойи холиро мебурд, ва ба хона дарояд, дарро аз дарун, ва берун барояд, дарро аз берун, қуфл мекард; ва дар ин муддат Остонақул ба тӯраи валиаҳд, ки дар Кармина меистод, расули хос фиристонид ва ӯро пинҳонӣ ба Бухоро овард ва ҳамаи ин корҳоро ки сомон дод, дар рӯзи панҷум ҳам фавти Амир ва ҳам ҷулуси валиаҳдро эълон кард. Ва ҳамон рӯз Остонақул парвончӣ ба хона даромад ва бори аввал дарро напӯшид ва ба Рӯзимурод гуфт: «Бирав, чор тарафат қибла!», ва Рӯзимурод аз дар берун баромад ва дар рӯйи ҳавлӣ сарбозони хос ӯро дастгир карданд, дастгир карданду бурданд ба саҳни Арк, ба майдони машқи сарбоз, ба таги дор; ва баровარданд болойи кунда ва мефаровარданд ҳалқаро, ки ҷорчӣ ҷор кашид: «Дар рӯзи муборaки ҷулуси амир, дар қаламрави аморати Бухоро, одамкушӣ ҳаром аст!»; ва ҳалқаи дорро ба гардани Рӯзимурод наандохтанд; ва ӯ ба мӯи сиёҳ ба Арки Бухоро даромада, аз он ҷо бо мӯи сафед берун омад. Ва дар хона

даҳ рӯз аз хоб сер нашуд, ва таҳти дилаш доим сиёҳ буд, гӯё гуноҳи азиме бори дӯшаш бошад ва ӯ кафораи онро дода наметавонад; ва хешовандон қурбонӣ карданд–як гов кушта гӯшту пӯсташро ба пирони барҷомонда, ба беваю бечора доданд; ва ҳамсараш бахшӣ овард, алас кард ва дуди ҳазориспанд баровард.

Ва аз Самарқанд ба Бухоро хабари адолати маъмурони рус мерасид, ки касеро бе тафтиш ҷазо намедиҳанд, арзи беваю бечораро мепурсанд, ришвахӯриро манъ кардаанд, ғуломфурӯширо барҳам додаанд, ва халқ арзе дошта бошад, пеши қозӣ намеравад, ба маъмурони рус муроҷиат мекунад, ва дар байни мардум масал шудааст, ки «урус омад, дуруст омад»; ва Рӯзимурод ба зиёрати устодаш Дӯстмурод рафт. Дӯстмурод сари хонтахта нишаста чизе менавишт, ва забони Рӯзимурод хорид:

– Ҳоло ҳам менависед?!

– Менависам.

– Сарфи беҳудаи вақт. Ба кадом дард даво мешавад ин навиштаҳо?

– Ба дарди ҷаҳолат!

– Кошкӣ! Ман дигар тоқати дар Бухоро зистан надорам. Фотиҳа диҳед, меравам.

– Ба куҷо?

– Ба Самарқанд…

Ва Дилмурод дафтарро даруни ғалладони миз гузошт. Ин дафтаре буд куҳна, дастхӯрда ва рангбохта, ки падараш бисёр эҳтиёт мекард ва ҷилде дӯхта буд аз адрас, ва доим дар сандуқ нигоҳ медошт. Ва аз нишастани зиёд рагу пайи баданаш қолаб гирифта шах шуда буд; ва берун баромад ва лаблаби наҳр қадам зад, ки банди буғумҳояш кушода шавад; ва оби наҳр месӯхт…

## Дафтари дуввум

# ТАЛОШИ САЛТАНАТ

Ин саҳар ягона нишонаи гӯёи зиндагӣ дар деҳаи Ҳаёти нав ғурроси мошини Дилмурод буд. Дигар садои баланде ба гӯш намерасид – на овози бригадири колхоз, ки номи ягон касро гирифта ҷеғ мезад ва коре мефармуд; на тартару питпити телешка, ки аз ҷое ба ҷое бор мебурд; на садои тиру БТР, ки як ҳафта боз аз дуриҳо ба дилҳо ваҳм меандохт.

Дилмурод мошинашро даргиронд, ки ҷои кораш биравад. Вай собиқаи кори қариб чилсола дорад ва ҳамеша таҳлукаи кор ҳамроҳаш мегардад – агар соате дер монад, ба назараш низоми ҷаҳон вайрон мешавад. Се рӯз боз роҳ банд, се рӯз боз, бино ба ахбори радио, дар шаҳри Қӯрғонтеппа ҷанг, ва се рӯз боз вай ба кор нарафтааст, ва дар ин се рӯз дар идора чиҳо шуда бошад?

Одатан вай аз деҳа бо роҳи колхозӣ ба шаҳр мерафт – танг ва каҷу килеб ва пасту баланд ва нообод, вале наздиктар аст. Аммо имрӯз сар–сари наҳр ба шоҳроҳ баромад, то бубинад, ки ин қадар бензин аз куҷост, ки тамомшавӣ надорад? Ва дар назди пули шоҳроҳ ду сестерн–вагонро дид. Бензин аз ҳамин сестернҳо заҳида ба об мефуромад – тир расидааст ва ё зарб хӯрда дарз овардааст. Аз вокзали роҳи оҳан овардаанд. Чӣ хел оварда бошанд ба ин бероҳа? Лаънатиҳо! Ба овардан овардед, баъд нигоҳубин намекунед?!

То шаҳр се–севу ним километр роҳ боқӣ монда буд, ки ду наврас, дар миёнҳо тасмаву тирдон ва камони Калашников сари даст, пеши роҳашро гирифтанд. Дилмурод мошинро нигоҳ дошт. Якеи онҳо ба мошин наздик омад:

– Фаро! Мошинро мону худат бирав!

– Барои чӣ?

– Барои он ки ба мо даркор!

Дилмурод қаҳрашро базӯр нигоҳ дошт – бетарбия, беибо «ту» мегӯяд, бешармона фармон медиҳад…

Наврас дид, ки Дилмурод намеҷунбад, автоматро рост кард:

– Ҷоната гиру кач кун! Боз аз ҳамон ҳам намонӣ?!

Аз пушти силоҳаш мепарад. Бедареғ мепаронад, хунгирифта. Бо инҳо тую ман карда намешавад. Ва Дилмурод мошинро монду худаш рафт. То ба шаҳр пиёда рафт. Роҳи калон, ки ҳамеша пури мошинҳои одамкаш ва боркаш буд ва тарафи Панҷу тарафи Душанбе думибадум мегузашт, алҳол холист. Дар тӯли роҳ, то ба шаҳр расидан фақат ду мошин дид – як самосвал аз роҳи деҳае баромад ва як волгаи ойнаҳояш сиёҳ бо шасту суръат ба шаҳр даромад.

Шаҳри Қӯрғонтеппа намуди касофатзада дошт – кӯчаҳо ниммурда, магазину ошхонаҳо дарбаста, автобусу таксӣ нест, мардум хол-хол ба назар мерасанд, ки шитоб доранд ва ҳаросону парешон ҳастанд. Ва иморати суди вилоят, ки ҷои кори ӯст, аз пештоқаш тир хӯрдааст ва тирезаҳо шикастааст, ва дарвоза яклабаву маҷақ… Ва Дилмурод ба иморат надаромад, аз роҳаш баргашт. Садои тиру туфанге набуд, вале аз бозори холӣ, аз асфалти кӯчаҳо, аз ҷӯйҳои чиркин ва аз симҳои овезони симчӯбҳо, бӯи ҷангу осори ҷанг ба димоғу ба чашм мерасид.

Дилмурод, барои кӯтоҳ кардани роҳ, аз даруни ду деҳа ва се ҷӯи калон ва ҳафт ҷӯи хурд ва чаҳор пали васеи пахта миёнбур гузашта, ба «Ҳаёти нав», ба ҳавлиаш омад. Табъи хира ва чеҳраи тира дошт. Ҳамсараш аз пиёда баргаштани ӯ ҳайрон монд ва бо савол ба чашми ӯ нигоҳ кард, вале ҷавобе нагирифт – вай бедимоғ буд ва ҳавсалаи гапзанӣ надошт. Дилмурод ба болохона баромад ва ҳар ду табақи тирезаро калон кушод, ва сари миз нишаст ва лаҳзае сукут кард…, ва сипас ғалладони мизро пеш кашид, ки дар он дафтарҳои куҳна рӯи ҳам чидагӣ буд. Як вақтҳо, вақтҳое, ки вай ба ғалабаи коммунизм ҳеҷ шакку шубҳа надошт, ва худро сарбози содиқи он медонист, ва ҳама гуна чизҳои куҳнаро писанд намекард, дар мавриде ин дафтарҳоро дар дасти пада-

раш дид ва нафоридаш:

– Даронеду партоед! Ҳамин варақҳои пӯсида ба кӣ даркор? Ҷилд дӯхтаву эҳтиёт карда мегардед?!

Падараш бо дили даст ҷилди дафтарро молиш дод, гӯё гарду ғуборашро пок кард:

– Таскин медиҳад. Бисёр зиқ шавам, ҳамин дафтарҳоро варақ мезанам. Муқоиса мекунам дирӯзу имрӯзро.

Ва Дилмурод дафтари дуввумро гирифт, ва болои миз гузошт ва варақ гардонд.

1

Сарҳади давлатҳо дигар шуд.

Рӯзгори мардум ҳам тағйир ёфт.

Хонигарии Қӯқанд аз байн рафт ва дар харитаи Осиёи Васат, бо зӯри силоҳу сипоҳ ва сиёсату касофати подшоҳи рус, кишваре сохтанд бо номи Туркистон, ва дар ин кишвар, ки аз кӯҳҳои Урал то кӯҳҳои Помир ва аз баҳри Хазар то ба Иссиққӯлро фаро мегирифт, тартиботи нав ва фаҳмишҳои нав оварданд. Ҳатто амири аморати Бухороро ҳам нав карданд. Аморати Бухоро, баъди аз даст додани вилояти Самарқанд, нимтана шуда буд ва ҳамин ними тан ҳам ба имову ишораи Русия нигоҳ мекард, вале барои зебаш якта Амир шинонда монданд.

Зоҳиран Амири нав аморати куҳнаи Бухороро ба мерос гирифт. Ҳамин хел як анъана ва ақидаи ғуломрӯҳӣ, аз кадом як давраҳои беақлии Одамизод боқӣ мондааст, ки давлатдорӣ меросист ва агар ба тахти шоҳӣ касе биншинад, ки падараш шоҳ набошад, он мансаб ба вай ҳаром аст. Дар Русия ҳам аҳвол чунин буд, ва Амири Бухоро писаронашро, бо навбат, ба Петербург, ба пойтахти русҳо, фиристода буд, ки императори аъзам бубинанду дастгир бошанд. Ва дастгоҳи императори аъзам, аз ду писар якеашро писандиданд, ва ба рӯихати ҳарбиёни хос дохил карданд, ва унвони ҳарбӣ доданд; ва баъди фавти падараш, ба қавли худашон, бо хоҳиши мардум ва раводиди аъёну ашрофи Бухоро, ӯро бардоштанду ба тахт биншинониданд; ва заргарони тоқи Заргарон, якуним моҳ, байни

худу барои мизоҷон, дар ҳангоме ки сухан аз беҳ ё бадтар шудани корҳои мулк равад, мегуфтанду механдиданд:

– Кар рафту кӯр омад.

Ва ин амири нав ҳамон корҳоеро мекард, ки падару бобоёнаш карда буданд – онҳо ҳам дар рӯзи ҷулус ба мардум ваъдаи ободиву осудагӣ дода буданд, инаш ҳам ваъда дод, ки мулкро ободу халқро осуда мекунад, ва минбаъд ба худсариҳову ситамгариҳову беадолатиҳо роҳ намедиҳад ва ҳама корҳо вифқи шаръи шариф хоҳад буд ва ҳар касе қади мӯе каҷ равад, сазо хоҳад дид. Ва хосу ом ба падару бобоҳош бовар карданду фиреб хӯрданд – онҳо, раҳматиҳо бошанд, ё лаънатиҳо!, мурдандy рафтанд, вале вифқи шаръи шариф кор карданро ёд нагирифтанд, ки ёд нагирифтанд. Таҷрибаи талхи ҳаётӣ буд, бо вуҷуди он ба ваъдаҳои инаш ҳам бовар карданд ва рӯзу ҳафта ва моҳу сол, хосу ом умедвор буданд ва интизорӣ мекашиданд, ки «корҳо вифқи шаръи шариф хоҳад шуд» – касе ба касе ҷабр намекунад, касе касеро фиреб дода наметавонад ва аз гаҳвора то ба гӯр одамон дониш меомӯзанд, ва расми тортуқ гирифтан ва одати ришва хӯрдану ҳақро ноҳақ баровардан, бекор мешавад, ва ниҳоят, Амиру Вазир мефаҳманд ва ба дастур мегиранд, ки «подшоҳ дар хидмати халқ бошад, нонаш ҳалол аст, ва агар дар хидмати халқ набошад, мурдахӯрест, ки мурданаш беҳтар аз зистанаш аст».

Ва боз фиреб хӯрданд – ҷабру ситам боқӣ монд, фиребу найранг авҷ гирифт, хондану донистан аз байн рафт, тортуқ, ки ҳарсола буд, ҳармоҳа шуд, ришвагирӣ ва ҳақро ботил кардан аз ҷумлаи ҳикматҳои давлатдорӣ ба ҳисоб мерафт, ва Амиру Вазир нафаҳмиданд, ки «вифқи шаръи шариф» чӣ будааст. Ва олимон ба ташвиш афтоданд, ки:

– Нафаҳмида бошанд, фаҳмондан даркор!

Олимон ҳафт соли расо дар дил, дар фикр, дар сӯҳбатҳои олимона ва дар кӯчаву бозор аз ин бобат шикоят карда гаштанд; ва дар ин ҳафт сол Амири нав ба ҳаёти мардум, ба қадри тори мӯй, навигарие наовард, ва зиндагиро баробари як нахӯд беҳтар накард; ва ҳамаи ин муд-

дат олимон шикояту ҳасраташонро ба якдигар ва ба ҳар як ҳамсӯҳбати дигар гуфтаву мешуниданд, вале он ҳама даъвоҳо ва он ҳама эродҳо аз кунҷи сандаливу лаби дастархон берун намерафт, ва эътирози рӯёрӯ ва даъвати рӯбарӯ надошт – ҳар кадоме пайт мепойид, ки «пеш надаро! Бигзор, дигар кас пешхезӣ бикунад. Ғолиб барояд, шарик мешавӣ! Мағлуб шавад, ту шарик нестӣ!»

Ва баъди ҳафт сол Қурбонмуроди муфтӣ пеш баромад. Вай одами ростгӯ буд ва дурӯғро куфри имон медонист ва аз дигар муфтиҳо як фарқ дошт, – ба ғайр аз дарсҳои мадраса, боз мустақилан «Шоҳнома» ва «Донишнома» ва «Сиёсатнома» ва «Гулистон» ва осору девони олимону шоирони зинданомро хонда ва ҳусну қубҳи рӯзгорро шинохта буд. Ва заифнолии аҳли мактабу мадраса ба дилаш зад, ва дар як ваъзаш ба толибилмон дарди дилашро холӣ кард:

– Шумо гӯё ба талаби илм омадаед. Даъво доред, ки дар роҳи омӯзиши илм риёзат мекашед. Вале нек нигоҳ бикунем, шумо на танҳо худатонро фиреб медиҳед, балки кулли мардуми авом қурбониёни фиреби шумо ҳастанд. Ҳатто, дониста ё надониста, худи Худоро ҳам фиреб додан мехоҳед.

– Домулло куфр кардед! – аз ҷо бархест толибилме.

– Дар ҷоятон биншинед, қозизода. Давоми суханро гӯш бикунед. Куфр дуъофурӯшист. Мо бо чашми худ бидидем, ки баъди хатми мадраса қариб ҳама дуъофурӯш шуданд. Барои чӣ? Барои он ки фармудаҳои шаръи шарифро намедонанд. Агар донанд, дар амри маъруф ба халоиқ мегӯянд, аммо худашон, дар васвасаи таъоми муфт ва пули бедардимиён, ба фурӯш мегузаранд. Худашонро фиреб медиҳанд. Мардуми авомро фиреб медиҳанд. Амалдоронро фиреб медиҳанд. Оқибат чӣ мешавад?! Оқибаташ маълум – Амир фармон медиҳад, ки «минбаъд ҳама корҳо бар вифқи шаръи шариф мешавад», вале дар амал фармудаҳои шаръи шарифро на худаш риоя мекунад, на мансабдоронаш риоя мекунанд ва на мардуми бозору мазор. Ҳамаи ин аз нодонии мову шумост.

Ваъзи муфтӣ ба шогирдон маъқул нашуд. Дар байни шогирдон ду–се китобхон ҳам буданд, ва ин китобхонҳо ба андеша рафтанд, ва нисбати устод эҳтиромашон бештар шуд. Вале аксарияти шогирдон ранҷиданд ва нисбати устод бадбин шуданд, ки «моро таҳқир кард, дину диёнатро таҳқир кард, амирро таҳқир кард». Ва бадгӯйӣ дар ғайбати Қурбонмуроди муфтӣ аз дарсхона ба ҳуҷраҳои мадраса рафт ва аз мадраса ба масҷид даромад ва аз масҷид ба мазор гузашт. Дар байни уламои мансабталаб ва мансабдор ва мансабдӯсти замон ва дар доираҳои ҳукмдору ҳукмрон Қурбонмуроди муфтӣ ба бадӣ ном баровард, ки «обрӯи уламоро мерезонад, фарзандони номдори халқро паст мезанад, ба дину диёнат зарар мерасонад, ба Амиру Вазир тӯҳмат мекунад».

Ҳамаи онҳо ӯро бад диданд. Ҳамаи онҳо аз ӯ худро дур кашиданд. Лекин ҳуҷум накарданд. Хомӯшона аз маърака берун нигоҳ доштанд. Ва худҳошон, ба мисли пештара, шариатро ниқоб карда ва амирро пуштбон гирифта, муфтхӯрӣ ва фиребгарӣ ва хиёнат ва ҷинояташонро ҳалолхӯрӣ ва ҳалолкорӣ ва кордонӣ ва ҳунар дониста, баибораи худашон «дар ин дунёи дурӯза» давр меронданд. Ва амирашон ҳам, ранги худашон, давр меронд, – намози бомдодро таҳорат накарда хонд ва хазинадорро ҷеғ зад ва хазинадор ба ӯ ҳисобот дод, ки «рӯзи гузашта аз ҷониби намакпарвардагони даргоҳи олӣ, аз ҳокими Ҳисор ду асп бо зину лаҷомаш ва ду оҷиза бо бӯхчаву ҷиҳозаш ва аз ҳокими Каркӣ як гилем аз пашми шутур ва ҳафт гӯсфанди шишак ва аз мири Рӯшон даҳ ҷуфт ҷӯроби рангин ва ду саноч тутмайиз ва аз мири Қабодиён се ҷувол анори бедона ва панҷ пӯсти рӯбоҳ ба дарбор расид. Боз аз ҳар гӯша ҷомаву саллаву эзору эзорбанд ва ширяворӣ оварданд». Ва Амир дастҳои сергӯшт ба ҳам молид:

– Бо тартиб ҷо ба ҷо монед ҳамаашро. Баъзеяшро пули нақд кунед. Ҳамон саноч пур шуд?

Хазинадор таъзим кард:

– Шабу саҳар пур мешавад.

Ва Амир ба наҳор хӯрдан нишаст; ва аз нону гӯшт ва аз

пиставу бодом ва аз меваю шарбат, хӯрду хӯрд ва шикамаш аз ғизо то ба гулӯ пур шуд; ва вазнин–вазнин, ба мисли такае, ки рушқаи навдамидаро шикамсерӣ хӯрда дам овардааст, паҳн–паҳн қадам монда, лоҳасу беҳавсала ба Саломхона омад ва ахбору аризаҳои ба дарбор расидаро берағбат варақ зад – тагурӯ кард, пешу пас монд ва ба росту чап гузошт ва чашм давонд, вале ягонтояшро нахонд ва ба ягон мактуб ҷавобею супоришеву фармоне нанавишт ва ба касе аз касони масъул, ки ҳузур доштанд, чизе нагуфт ва ишорае накард; ва қоғазҳои тунуккардаашро ҳамту паҳну парешон монду аз ҷо хест ва аз байни таъзими заминбӯс, ки мулозимону пешхизматону ғуломбачаҳо арзонӣ доштанд, бо сари баланд гузашт ва аз Саломхона баромад ва ба ҳавлии хоси худаш рафт. Ҳавлии хосаш дуртар аз Саломхона, аз ҷои кори Амир, ва дар рӯ ба рӯи ҳарам ва наздик ба бурҷи шарқии Арк, дар паноҳи ду–се дарахти бебор воқеъ аст; ва маҳрамбачаҳо одатан рӯзҳои чоршанбе, баъди як соати наҳор хӯрдан, дар рӯйи ҳамин ҳавлӣ ғун меомаданд, ки дидорбинӣ бикунанд бо Амир. Ва ин маҳрамбачаҳо, як даста наврасу ҷавон, аз ҷумлаи аскарони шефскӣ ва ё терскӣ буданд, ки сараскарҳо либосҳои рангоранг – сурх, сафед, сабз, бунафш – пӯшонда, орову торо дода, ба ин ҷо мефиристониданд, то ки бо нозу ишва вақти амирро хуш бикунанд. Ва ин бачаҳои бериш ҳар кадоме як зарф – лаълича, табақча, тақсимча ба даст ва андаруни он зарфҳо қанду қурс ва конфету ҳалвоҳо, дар сояи тунуки дарахтҳо бозор барпо мекарданд ва он бозори ширинифурӯшӣ ном дошт ва аҳли рикобу аҳли дарбор, дар ғойиб, бо тамасхур, «ҷойи ширинбозии Амир» мегуфтанд ва ширинбозони беришу олуфта дар гӯшае нишаста ва ё рост истода ва ё қадамзанон давр гашта, харидор меҷустанд:

– Қанд гиред, қанд. Каллақанди Ҳиндустон.

– Конфет. Конфети фаранг. Ба даҳон партойӣ, об мешавад.

– Ҳалвоба биёед. Ҳалво не, роҳати ҷон…

Ширинифурӯш як даста, вале харидор як нафар, як ху-

ди Амир. Вай босалобату амирона не, балки чун як харидори эҳтиёҷманд, ки ба суроғи моле ба бозори калоне даромадааст, аз раста ба раста, аз пеши як бериш ба назди бериши дигар рафта, ба молаш нигариставу даст ёзонида, харидорӣ кард:

– Ҳалвои тар чанд пул?

– Қимат не. Барои Шумо боз арзон мекунам.

Амир аз ҳалво як луқма гирифта ба даҳон партофт ва дар ҳолате, ки луқмаро мехойид, ба рӯву мӯ ва ба лабу дандон ва ба чашму абрӯйи бериш бо ҳавас бинигарист ва аз кисааш тангае бароварду ба кафи дасти ӯ гузошт ва гузашту рафт ба назди дигараш:

– Каллақанди хушрӯ будаст. Нархаш чанд?

–Чашида бинед. Аз шафтолу ҳам арзон кардам. Арзони хоки сиёҳ.

Амир аз рӯйи лаълича як сар қанд гирифт, бо кафи даст зарб зад ва ангушти ишорат бо нами даҳон тар кард ва ба қанд заду лесид ва ба сар то пойи бериш харидорона зеҳн монд ва тангае ба дасташ дод ва гузашту рафт.

Бафурҷа буд гардишу тамошояш – аз як лаб дар назди ҳар як лаъличаву табақчаву тақсимча истода нарх пурсид, аз шириниаш чашид ва қаду қомат ва рӯю мӯ ва чашму абрӯйи ҳар як маҳрамбачаро хуб тамошо кард ва оқибат, баъди савдойи сесоата, банди дасти конфетфурӯшро дошт ва ба кафи дасти ӯ як ҳавуч танга рехт:

– Мурам ба ҳамин чашму абрӯ!

Ва бериши хушрӯ ноз кард:

– Инту нагӯед, одамон мешунаванд.

Ва Амир мақомашро таъкид кард:

– Гуфтем. Мегӯем! Мо ба даҳони одамон не, одамон ба даҳони мо нигоҳ мекунанд…

Дар ҳақиқат, одамон ба даҳони ӯ нигоҳ мекарданд, ба даҳони дигарон агар нигоҳ бикунанд, фақат барои он буд, ки муште ба даҳонаш бизананд, чунон ки ба даҳони қушбегӣ Саидмурод заданд. Саидмуроди қушбегӣ, ба мисли як дарахти босамар дар саҳройи бесамар, дар боргоҳи аморати Бухоро як одами истисно буд ва вақте ки сари

мансаб омад, хост корҳое бикунад, ки пеш аз ӯ дар ин мулк накардаанд ва ба назараш осон менамуд кардани он корҳо – чӣ душворӣ дорад?! Фаҳмондан даркор, ки унту накунед, инту бикунед! Гӯеду нишон диҳед, мардум мекунанд ва хато ислоҳ мешавад ва надидагиаш мебинад ва намедонистагиаш ёд мегирад ва майда–майда мебинед, ки дунё обод шудааст. Ва ба қозикалон фаҳмонд, ки минбаъд қозиҳо ришва нагиранд, роҳашонро сахт бастан даркор, ҷазо додан даркор, шармандагиашонро баровардан даркор; ва ба муфтиёт хат фиристонид, ки муфтиҳо дигар фатвоҳои ғайри шаръӣ надиҳанд, дуъофурӯшӣ накунанд ва дуъофурӯшонро радди маърака гардонанд, – назорат кардан даркор, аз имтиҳон гузаронидан даркор, нодонҳояшро рондан даркор; ва ба ҳокимону бекҳо маслиҳат дод, ки худҳошон пешкаш нагиранд, ва расмӣ ба Амир тортуқ оварданро барҳам бидиҳанд, – пешкаш мегӯем, тӯҳфа мегӯем, тортуқ мегӯем, ҳамааш як балост, ки ришвагириву ришвахӯрӣ ном дорад, ва дар шаръи шариф онро ҳаром донистанд, ва дар ҷое, ки ришва реша давонад, кори ҳалол аз беху бунаш барбод меравад, ва дар ҷое, ки кори ҳалол нест, ободиву осудагӣ дар ду дунё муяссар намегардад…

Ҳашт моҳи расо ҷон коҳонид Саидмурод, ва ҳашт моҳ гуфту нишон дод, ки унту накунед, инту бикунед; ва умед дошт, ки нодидаҳо мебинанд ва намедонистагиҳо ёд мегиранд… Ва диданду ёд гирифтанд, – қозиву муфтиву ҳокиму бекҳо диданду ёд гирифтанд, ки Саидмуроди қушбегӣ душмани онҳост, душмани Ҷаноби олист; ва байни роҳбарону тобеъон фитна меангезад, шӯру шар паҳн мекунад ва заволи тоҷу тахти Ҷаноби олиро мехоҳад. Ва ҳуҷҷат пешниҳод карданд ба Амир бо далелҳои мӯътамад, ва бо имзои шоҳидоне, ки ба мусулмони комил буданашон ҳеҷ шакку шубҳа нест, – Саидмуроди қушбегӣ панҷ маротиба, дар панҷ сӯҳбаташ, – бо беки Шаҳри сабзу бо қозии Вобканд, бо мири Қабодиён ва ду бор бо мӯйсафедони қавми худаш, – довталабона гуфт, ки Амир ақли давлатдорӣ надорад. Вай ба ҳукми як хӯса аст барои тарсонидани зоғу заған. Лаҷоми давлат ба дасти ман. Ман набошам, Бухоро

дар як сол валу вайрон мешавад.

– Ҳоло ҳамин хел гуфт, гӯед, – риши хушбӯяшро каф зад Амир.

Ва бо фармони ӯ қушбегиро даъват карданд барои машварат ба қароргоҳи Кармина, ва машварат чунин шуд, ки Саидмуроди қушбегӣ ва фарзандони рашиди ӯро ҳамон шаб ба дасти ҷаллод супориданд, ва ҷаллод шабошаб ҳукми олиро ба дараҷаи олӣ ба иҷро расонид ва Бибисоҷида, ҳамсари Саидмурод, баробари шунидани ин хабар аз баҳри ҳамаи дову дастгоҳ гузашт, – хоҳӣ, нахоҳӣ, зада мегиранд! – ҳавлӣ ва молу мулкашро партофту тарафи биёбонҳои нообод гурехт, ва бо шарофати саводи хубе ки дошт, ва ривояту ҳикояту шеърҳое, ки аз ёд медонист, дар байни саҳронишинон обрӯю эътиборе пайдо кард.

Ва ин воқеъа дар замони Амири куҳна буд, ва дар даврони Амири нав, вай ҳамчун табиби машҳур ва бибиотуни мушкилкушову ғайбдон ба шаҳри Бухоро, ба ҳавлии меросӣ баргашт; ва ҷавонзанони бисёре орзу доштанд, ки шогирди Бибисоҷидаи ғайбдон бошанд; ва занони шаҳру деҳот ба номи ӯ саҷда мекарданд, ва дидоре бо ӯ муяссар гардад, боиси ифтихорашон мешуд…

Ва Бибисоҷида, ки акнун хурду калон чун Бибии фолбин мешинохтанд, ва шабу рӯз аз остонаи ҳавлиаш пои рафту омади одамон канда намешуд, – сардарду шикамдард ва подарду дастдард ва дилдарду гурдадард ва шалу кал ва безурёту беиштиҳо, ба хонаи ӯ меомаданд, ба ӯ дастовезу тӯҳфа меоварданд, ба дардашон аз ӯ даво меҷустанд; ва аз табобати ӯ ҳеҷ касе ба саломат намерасид, валекин шаҳру деҳ пури овозаву ғулғула буд, ки бибии фолбин Карими шалро, ки даҳ сол рӯйи ҷогаҳ будааст, дар се қабул роҳгард кардааст; ва Каримаи зунгро, ки чордаҳ сол Худо фарзанд надодааст, дар як ҳафта бо оби даму дами нафас чунон табобат кардааст, ки ҳоло ҳар сол дугоник мезояд, … ва инчунин мӯъҷизаҳоро хеле зиёд ба ӯ нисбат медоданд, ва ягон кас, ягон нафари онҳоро бо чашми худ надидааст, аммо ҳама ба ҳамдигар чун шоҳиди воқеъа хабар медоданд, ва ба таври умумӣ ҳама бовар ме-

карданд ба бибии фолбин, ба табибии ӯ, ба мӯъҷизаҳои ӯ; ва ёфтаву тофтаашонро мебурданду медоданд ба дасташ; ва ӯ доройии зиёде ғун овард, – ва алҳол дар ҳалқаи канизакон, дар ҳаммом оббозиву истироҳат дошт, ва канизакон дасту пояшро мемолиданд, ва шарбат медоданд, ва чилими нуқраро тоза мекарданд…

Ва Бибисоҷида барои худаш даъвойи фуқаропарварии шавҳарашро як кори беҳуда медонист, ки «ба ҷонашон ҷабр карданд. Кайфу сафойи дунёро надида рафтанд». «Ба шаҳри кӯрон равӣ, кӯр шав», ба он кас маъқул набуд. «То тавонӣ, кӯронро бино бикун», мегуфтанд. Вале барои се канизаки маҳрамтарин, ки тагу бисоташро медонистанд ва дар корҳойи паси пардааш шарикдаст буданд, алҳол бо таъсири чилим, ва роҳати ҳаммом, чизи дигар гуфт. Вай яктаки нафисе дар бар, ёнбош, аз чилим дароз–дароз қулоб мекашид ва хаёлаш ба куҷоҳое мерафт, ки гуфт:

– Дар ин дунёи дурӯза раги ҳамоқати аҳмақонро ёфта, серу пур зиндагӣ карда гард. Мансабдору бемансаби Бухоро, ҳамаашон ҳамин хел зиндагӣ карда гаштаанд. Фақат Амакмуллотон чунин хислат надоштанд. Ҳар рӯз дар атрофашон ҳаминхелаҳоро медиданд, лекин худашон ҳамон хел зиндагӣ карданро ёд нагирифтанд. Сарашонро бо корд бурида аз тан ҷудо карданд, боз панд нашуд. Боз аз ҳамон феълашон нагаштанд. Дар замин, ки муродашон ҳосил нашуд, ба осмон рафтанд. Аз осмон мадад пурсиданд. Акнун ҳамроҳи Фариштаи ободӣ саёҳат карда гаштен.

Фариштаи ободӣ ҳам аз кайҳо мондагӣ?! Тамоман афсурдаву абгор шудааст. Роҳ гашта наметавонад, чашмонаш хира, қариб ки тира. Амакмуллотон пуштора карда гаштаанд. Ба уммеде, ки барои ободии Бухоро ягон ёрӣ расонад, аз шаҳр ба шаҳр мегардонанд. Ҳамаи нозу нузашро мебардоранд. Нозу нузи вай ҳам бисёр. Сараш дард кунад, дору ёфтан даркор. Пояш дард кунад, молидан даркор… Мегӯяд, ки «дер боз рӯи заминро надидаам, ба он ҷо бар, ба ин ҷо бар». Амакмуллотон бурда истодаанд. Аз болойи ҳар мулке гузаранд, мепурсад, ки «ин куҷост?»

Амакмуллотон ҷавоб медиҳанд. Аз болойи Бухоро ду бор гузаштанд, вале Фаришта надид. Хобаш бурд. Худи Америка рафтанд, баъд бедор шуд. Дар бозгашт, агар пинак наравад, таги пояшро нишон дода, мепурсид:

– Саидмурод, дар куҷоем?

– Дар Гермон, паноҳгоҳам!

– Обод шудааст. Одамонаш оқил шудаанд, аз афташ…

– Саидмурод, ба куҷо расидем?

– Ба Русия, паноҳгоҳам!

– Бовар намекунам! Кай ба ин ободиҳо расид?!

Ҳамин хел омаданду омаданд, парерӯз ба Бухоро расиданд. Фаришта ба замин нигоҳ кард, вале савол надод. Таппӣ бо кафи дасташ ба китфи Саидмурод зад:

– Шинохтам ин ҷоро, Саидмурод. Ин ҷо Бухорост. Дар рӯзи офаридан ба ҳамин ҳол буд, ҳоло ҳам дар ҳамон ҳол. Ҳеҷ тағйир наёфтааст.

Саидмурод шод шуд:

– Дарди ман ҳамин, ки тағйир намеёбад. Тағйир додан даркор. Акнун ҳамаи умедамон ба худатон. Аз дасти худамон наомад, рӯ ба Шумо овардем.

– Мо тағйир намедиҳем. Мо тавсия медиҳем. Роҳашро ёфтану ақл давонидану обод карданаш ба дасти худатон.

– Ба дасти худамон не, ба дасти муллоҳо. Даст ёзонем, онҳо бо қарори амиру вазирашон дастамонро мебуранд…

Ва Бибисоҷида «бечора амакмуллотон» гуфту дастаи чилим дар даст, хобаш бурд.

Ва ҳамон шаб дар сӯҳбат бо аҳли гузар ва рӯзи дигар дар масҷиди Говкушон, Қурбонмуроди муфтӣ ваъз гуфт, ва Саидмуроди қушбегиро бо некӣ ёд кард ва фатво дод, ки «вай шаҳид аст, ва ҷояш дар арши аълост; ӯ медонист, ва мову шумо бояд бидонем, ки аз шариат фақат ном боқӣ мондааст ва ҳар коре, ки имрӯз аз номи шариат мекунанд, дар асл хилофи шариат аст. Имрӯз мо ба шариат не, ба шаррият рӯ овардаем. Биёед, биомӯзем ва ҷаҳду ҷадал бикунем, ки дар рӯзгор ва дар муомила бо бародарони аҳли ислом, ҳамеша аз зумраи ходимони дину диёнат бошем, на аз ҷумлаи ғуломони хурофоту шайтанат. Аз шариъат дифоъ бикунед! Ба

ҳимояи шариат бархезед!

...Ва Мулло Абдураҳмон бархест. Вай аз мадрасаи Бадалбек бархест, ва аз саҳар то шом, мадраса ба мадраса гашт, – китфак мезад, фаху фух мекард, ранги рӯяш медамиду мепарид. Ба шӯр омада буд ва дигаронро шӯр андохтан мехост, – ва ба фаҳмиши худаш «вай набошад, дину диёнат тамоман таги по мешуд», ва мударрису толибилме, ки вохӯрад, пеши роҳашро гирифта, аз хавфу хатаре огоҳ мекард, ки ба сари халқу мулк омадааст:

– Гапи вайро гардонда ба даҳонаш задан даркор, ки аз чашмаш алов парад. Ҳамаи мо аҳли шариат не, аҳли шаррият будаем. Ҳамин хел фатво додаст. Ҳамаи мо пойбасти хурофот будаем. Асолати динро наомӯхтаему намедонистаем. Ҳамин хел гуфтааст...

Ва одамони аз асли гап бехабар Қурбонмуроди муфтиро ғойибона бад диданд. Ин муллову муллобачаҳо, ва ҳатто донову нодони ин мулк чӣ хел мардуманд, ки якдигарро ғойибона бад мебинанду душман мегиранд ва ғойибона зарар мерасонанд. Як пурсидану донистан нест, ки ин даъво ҳақиқат дорад ё надорад. Бинобар ин ба фитна кашидан ва ба балво хезониданашон хеле осон.

Ва Мулло Абдураҳмон осон–осон, ба муқобили Қурбонмуроди муфтӣ, фитна андохту балво хезонд. Худи ӯ олим набуд, ва қариб мутолиъа надошт, ва захираи донишаш аз фарзу суннатҳойи нӯгиостинӣ берун намебаромад, вале ба таври худ як мақому як шӯҳрате дошт, –мансабдорон ӯро ҳамроҳашон гирифта мегаштанд, ва худаш ҳам аз номи амалдорон гап заданро нағз медид: «Раис худашон ба ман гуфтанд...», «Қушбегӣ аз ман пурсиданд...», «Қозикалон пеш аз тӯяшон бо ман маслиҳат карданд...», ва табиист, ки дар он доираҳо шиноси бисёр ва дар байни аҳли мадраса тарафдори бисёре дошт. Ва ҳамаи онҳо ба ӯ ёр ва дар кораш мададгор шуданд, – бедиёнат будаст ин муфтӣ, гуфтанд ва ба кӯчаҳо баромаданд, ва овози эътироз баланд карданд; ва Мулло Абдураҳмон, ки ба онҳо сар шуда буд, ҳаво гирифт, ва ба зидди Қурбонмуроди муфтӣ, аз Қозикалон қазоват, ва аз Раис сиёсат талаб кард:

– Чораашро бинед! Дар акси ҳол ҷанҷол калон мешавад.

Дар мулки Бухоро ҳар гуна гуноҳу ҷиноятро бо ришва пӯшондану хобондан имкон дорад, вале агар ба надонистани фармудаҳойи дин, ва кофирӣ айбдор кунанд, на ҷонаш раҳо меёбад ва на молу мулкаш. Аз номи дин даъво кардан бурротарин шамшер аст ба дасти муллоҳойи Бухоро ва онҳо тамоми қубҳу қабоҳаташонро паси калимаи дин пинҳон медоштанд, ва сиёҳашонро сафед нишон медоданд, ва зиндагии серу пур ва бо ғорат рӯз гузарониданашон дар ҳамин поя устувор меистод.

Ва Аъламу Қозикалон бо ҳамин роҳ ба мансабҳойи олӣ расида буданд, ва даъвойи Мулло Абдураҳмонро ҳақу барҳақ донистанд, ва ӯро афра доданд:

– Шумо толибилмҳоро хезонед. Мо ҳам аз тарафи худ чора мебинем.

Аммо Раис муқобил баромад. Вай дар ин мансаб одами нав буд. Амир, бо тавсия ва исрори агентии сиёсии Русия, ба ин вазифа ӯро таъин кард. Раис даъвойи Мулло Абдураҳмонро шунид ва дар суханони Қурбонмуроди муфтӣ ягон ихтилофе ба шаръи шариф надид:

– Шумо, домулло, беҳуда ғавғо бардоштаед. Муфтӣ куфру бидъате накардаанд. Баракс, ғам мехӯранд, ки фармудаҳойи шаръи шарифро ҳамаамон баробар пос бидорем. Дар ҳама ҷо ва дар ҳама маврид. Амирамон дар муроҷиат ба раъият гуфтанд, ки «минбаъд ҳама корҳойи мо бар вифқи шаръи шариф мешавад». Муфтӣ ҳамин гуфтаи амирамонро тақвият додаанд. Гуноҳи набударо овозаю дарвоза кардан хуб нест.

Муроди Мулло Абдураҳмон дигар буд, – хабараш ба Раис хуш меояд, ва аз ӯ миннатдор мешавад, ва ба ӯ эътиқод мебандад, ва дар оянда дасташ мегирад. Аммо муомила битамом ранги дигар гирифт. Раис ӯро иғвогар гуфт, тӯҳматбоф гуфт. Ин ҳам ёри Қурбонмуроди муфтӣ будаст. Ин ҳам душмани дину ойин будаст. Бефаҳми дунёбехабар будааст…

Вале ғайрат накард, ки гапи дилашро рӯбарӯ ба Раис

бигӯяд. Табассум дар лабу кина дар дил аз ҳузури Раис бархест, ба кӯча баромад, ва дар шаш мадраса рафта назди имомҳо ва сӯфиҳо ва толибилмон Раисро ғоибона таҳқирҳо кард, – имонашро фурӯхтааст вай, шаккоконро ҳимоя мекунад вай, аз паси дӯстиаш бо урусҳо мепарад вай…

Ва хурду калон ҳабдаҳ кас шуда ба қозихона омаданд:

– Вай ба футур рафтани дин ҳавасманд. Вай обрӯйи муллоҳоро мерезонад. Шумо ҳамин хел нигоҳ карда мешинед?!

Қозикалон ба ғазаб омад:

– Ман аз аввал медонистам, ки вай лоиқи чунин мансаб нест. Вай шеъа аст. Дар куҷое, ки бошад, шеъагариашро мекунад. Фош кардан даркор инхелаҳоро.

Ва фош кардан оғоз гирифт, – Қозикалон бо одамони худ ва Мулло Абдураҳмон бо монандҳои худ, дар масҷиду дар мадрасаву дар кӯчаю дар бозор, деги таблиғу ташвиқро ҷӯшонданд: «Ҳеҷ нангу номус доред?! Хезед, дину ойинатонро ҳимоя кунед!»

Боору номусҳо кам набуданд дар шаҳр, – аз ҳар гӯшаву канор ва аз ҳар фариқа мардум, дар саҳни ҳар мадрасаву мазор ва лаби ҳавзҳо, омаданду тӯда шуданд муллову ъомӣ, ҳангоматалабу моҷароҷӯ, кӯчагарду даҳоняла…

Ва шӯр доштанд дар сару дар даҳон: «Раиси шиъа ва муфтии муртадро ёбед, кӯбед! Сару даҳонашонро зада бишканед! То касе хаёл накунад, ки дину шариат бепушту паноҳ мондааст».

Ва Қурбонмуроди муфтӣ сарашро гирифта гурехт. Вай ҳамроҳи харкорон, ки ҷониби Каркӣ мерафтанд, аз шаҳри Бухоро берун баромад ва дар нисфи роҳ аз онҳо ҷудо шуда ба тарафи деҳаи Афшана рафт. Дар Афшана дӯсти қадрдонаш Аминҷон, собиқ муфтиаскар, ки баъди сулҳи Зирабулоқ хидмати дарборро тарк карда буд, ӯро дар сару либоси харкорон дид ва фаҳмид, ки балое ба сараш омадааст, ва такковиро раво надид, ва ӯро хушу хуррам ба оғӯш кашид, ва ба меҳмонхона бурд. Дар меҳмонхона баҳузур ҳолу аҳвол пурсиданд, ва баҳузур чой нӯшиданд, ва баҳузур гӯштбирён хӯрданд; ва Қурбонмурод аз воқеъаҳое, ки рӯзҳои охир дар

шаҳри Бухоро рӯй дод, пораҳо нақл кард; ва аз дӯсташ пурсид:

– Шумо ҳеҷ фикр кардаед, ки ҳамин мардуми мо чӣ хел мардум ҳастанд?

– Не, фикр накардаам. Мардуманд ба мисли ҳама мардумон. Чӣ ҳоҷат аст ба фикр кардан?

– Нозукиаш дар ҳамин ки ин мардум дигар мардумон барин не. Ин хелаш дигар дар ҳеҷ куҷо набудагист. Гирем ҳамин воқеъаҳоро. Одамоне, ки илми динро нахондаанд, бо ду–се ояте, ки аз ёд кардаанд, ва ду–се ривояте, ки шунидаанд, он қадар даъвои диндорӣ ва ҳимояи шариъат мекунанд, ки гӯё он фатвоҳоро худашон навишта бошанд. Бохабаре иштибоҳашонро нишон бидиҳад, ба гардан намегиранд, ва ӯро кофир мегӯянд, ва душмани дину ойин медонанд.

– Дилатонро бисёр хун накунед. Бобойи ман мегуфтанд, ки «аз мулло натарс, аз нимчамулло битарс». Сесад сол аст, ки мадрасаҳойи Бухоро нимчамулло тарбия мекунанд. Шумо аз инҳо чӣ умед доред?!

– Хуб, гуфтем, ки мансабдорон аз бадном кардани бохаброн манфиат мебинанд. Ҷойи гарму маишати муфташонро нигоҳ медоранд. Обрӯву мақомашонро аз даст додан намехоҳанд. Ва ба ҳар фитна тайёранд. Аммо дигаронро кадом дев задаст, ки даҳон даронда тарафи онҳоро мегиранд? Бо як ишорати онҳо ба кӯчаву майдон мебароянд. Доду фиғон мебардоранд. Агар он касеро, ки бадном шудааст, дар гармогармӣ ба дасташон афтад, бе ҳеҷ таҳқиқу таҳлил, тикаву пора карда мепартоянд. Ман ба ҳаминаш ҳайрон.

– Ҳайрон нашавед. Рама ҳамеша аз паси серка меравад. Алҳол Қозикалон бо сеҳри мансаб ва Мулло Абдураҳмон бо таъсири даъво, барои онҳо серка ҳастанд.

– Пас, ҳақро ҳақу ботилро ботил, ва доноро донову нодонро нодон гуфтан ҳеҷ манфиате надорад?

– Фойида надорад. Зарар дорад. Мисолаш худатон. Гуфтед, натиҷа чӣ шуд? Дар бало мондед.

Натиҷа чунин буд, ки халқи бисёре ба шӯр омад, ва шаҳр ноором шуд, – дӯконҳоро бастанд, косибон ба кор

набаромаданд, толибилмҳо ба дарс наомаданд, дар бозор нарх боло баромад; ва аз тӯдаҳое, ки дар ҳар ҷо ғун омада буданд, як тӯда супориш гирифт, ки ба дарвозаи Арк раванд, ва аз амиру вазир талаб бикунанд, ки:

– Ба Раиси шиъа ва муфтии куфргӯ чора мебинед ё не?! Агар чора набинед, худамон ҳисобашонро меёбем!

Амир дар Арк набуд. Вай дар чорбоғи Ширбадан дам мегирифт. Агар дар Арк ҳам мебуд, ба назди ин тӯда намебаромад – аз ҷонаш метарсид; ва дар чунин мавридҳо ҳалли мушкиларо ба Қушбегӣ ва ё Қозикалон ҳавола мекард. Ва Қушбегиву Қозикалон дар рӯйи Амир ӯро «Сояи Худо дар замин» мегуфтанд, ва ба хилват раванд «Кундаи ҷувоз» ном мегирифтанд. Ва худҳошон дар паноҳи ин соя ба сари хосу ъоми мулк ҳукми раво доштанд, ва аз такия ба ин кунда манфиати зиёде мебардоштанд, – ба Соя хушомад мезаданд, ки «мо ғуломони даргоҳи олӣ ҳастем. Ҳарчи Ҷаноби олӣ фармоянд, ҳамонро мекунем.» Ба Кунда нигариста, мансабҳойи давлатиро мехариданду мефурӯхтанд; ва аз хешу таборашон як нафар мардинаи бемансаб ёфт намешуд; ва заминҳойи ҳосилхезу боғҳои серобро арзонакак баҳо мемонданд, ва ба зӯрӣ кашида мегирифтанд; ва шахсе, ки ба назарашон нофорам намояд, алалхусус, ба ақлу фаросаташон қойил набошаду эроде бигирад, саду як баҳона ёфта, – фатвойи нодуруст дод, куфр гуфт, тасбеҳ нагардонд, калимаи шаҳодатро намедонад, ба намози ҷумъа наомад, закот надод…, – хонахароб ва бадарға ва сангсор мекарданд.

Ва алҳол маврид ба муроди онҳо буд, – Раиси нав гапашонро намегирифт, ва Қурбонмуроди муфтӣ донишашонро писанд намекард…

Ва онҳо дар хилват машварат карданд, ки «Аз балво ба Кундаи ҷувоз хабар намедиҳем, – айшаш талх нашавад, ба фисқу фуҷураш ғӯтида гардад. Вай медонистагии худашро кунад, мо медонистагии худамонро мекунем».

Ва бо маслиҳат медонистагии худашонро карданд:

Дар берун ғавғо ором намешуд, ва ғавғогарон таги дарвозаи Арк, ба дарбонҳо дӯғ мезаданд, ки «ё монед, ба дарун дароем ва арзамонро ба Амир гӯем, ё Амир ба бе-

рун барояд ва арзи моро гӯш кунад».

Ва Амир, ки дар қаср набуд, арзи даъвогаронро бо маслиҳати Қозикалон, Қушбегӣ гӯш кард. Вай ба назди балвогарон набаромад, ва ба одамонаш фармуд:

– Ду–се даҳонкалони онҳоро даъват кунед!

Ва одамони Қушбегӣ берун баромаданду овоз доданд:

– Вакил интихоб кунед. Вакилонро Қушбегӣ қабул мекунанд.

Даъвогарон машварат оростанд ва ваколат доданд ба онҳое, ки эътимод доштанд; ва он вакилон рафтанд ба қабули Қушбегӣ, ва Қушбегӣ ба онҳо дастур дод:

– Садқаи як тори мӯйи Амирам шаванд онҳо! Ба Мулло Абдураҳмон расонед:

– Балвойи мадрасаҳоро хобонанд.

Ба шахси Раис зараре нарасонанд, ки боиси малоли хотири Амирам мешавад. Раисро русҳо ҳимоя мекунанд ва бадие ба ӯ расад, бадие ба нисбати русҳост, ва ҳар бадие аз русҳо зикр шавад, ба амирам хуш намеояд.

Қурбонмуроди муфтӣ мулҳид аст. Дар ҳар ҷое, ки ёбед, ба сазо расонед. Ва он кофирро, ҳар касе, дар ҷое, ки ёбад, дар ҳамон ҷо ҷазояшро диҳад, ҷояш, бешак, ҷаннат мешавад!..

Ва дар шаҳр, хоса дар мадрасаҳо, диндорони ғаюри бисёре дасту оринҷ барзаданд, ки муфтии палидро ёбанду ба сараш, лоақал, як санг бизананд, ва савоби ду дунёро бигиранд…

Ва ҳарчанд ки ҷустанд, наёфтанд.

## 2

Чиҳилу панҷ сол шуд, ки Бухоро аз Самарқанд ҷудо буд – Бухоро гӯё ба сари худ, вале дар назорати Русия, ва Самарқанд дар тасарруф ва мустамликаи давлати пуршавкати Рус.

Ва ҳамаи ин солҳо, ба монанди солҳову асрҳои гузашта, амиру вазиру раису қозие, ки дар Аморати Бухоро ҳукм меронданду ҳукм меронанд, ба маънойи давлат ва давлатдорӣ дуруст сарфаҳм нарафтанд, – ва ободии мулк дар

фаҳмиши онҳо ободии ҳавлиашон буд; ва рӯдҳо аз куҷо мегузаранд ва роҳҳо чӣ ҳол доранд, ва замин кай ҳосили хуб медиҳад, намедонистанду намедонанд; ва ҳикмати давлатдорие, ки медонистанду медонанд, гирифтан буду додан не ва даъво буду кардан не, ва хӯрдан буду хондан не, ва кушиш буду пурсиш не, ва кор фармудан буду музд додан не…

Аммо дар Самарқанд ҳамаи ин солҳо ба солҳову асрҳойи гузашта монанд набуд – як тартиби нави давлатдорӣ ва як диду фаҳми нави зиндагӣ ва як талоши нав барои сарватҷӯию сарватёбӣ рӯйи кор омад; дар ин ҷо, аз номи императори Вся Русия, генерал–губернатор ҳукм меронд ва ба маънойи давлату давлатдорӣ хело хуб сарфаҳм мерафт, ва ободии мулкро дар ёфтану сохтан медид, ва рӯдҳо аз куҷоҳо меоянду ба куҷоҳо мераванд, таҳқиқ мекарду медонист, ва аз ҳоли роҳҳо бохабар буду роҳҳои нав мекушод, ва ба замин техника медаровард, ва ҳарчи бигирад, муздашро медод, ва аввал мепурсиду баъд сазо муайян мекард, ва ҳам мехӯронду ҳам мехононд…

Рӯзгори наве сар шуда буд дар ин ҷо; ва чиҳилу панҷ сол пеш пулемётҳоро аз сари манору боми масҷидҳо ба поён, ба замин, фуроварда буданд, ва дар ин солҳо, андаруну беруни шаҳр, казармаҳо ва майдони машқ ва табобатхонаҳо сохтанд барои аскарҳо, ки меъмории нав дошт ва ҳаваси мардум меомад; ва суд метавонист ҳукми қозиро бекор бикунад, ва ин як ҳодисае буд, ки одамон медиданду бовар намекарданд; ва мактабҳои нав таъсис дод ва дар ин мактабҳо ба ду забон, ба забони тоҷикӣ ва ба забони русӣ, дарс медоданд, ва талабаҳо аз илмҳои таърих, ҷуғрофия ва ҳисоб дарс мехонданд, ва барои ин корашон муаллим ва талабаро касе таъқиб намекард, чунонки дар Бухоро таъқиб мекарданд ва мактабро мебастанд, ва ин воқеъият як афсона барин менамуд ба мардум…

Ва шаҳр сохтанд барои худашон, ва акнун Самарқанд аз ду шаҳр иборат буд, – шаҳри куҳна ва шаҳри нав. Кӯчаҳои шаҳри нав, ба монанди кӯчаҳойи шаҳри куҳна, каҷмакаҷу пурхоку танг не, балки ҷадвал кашидагӣ барин рост, васеъ

ва сангфарш буд, ва роҳи аробагард ҷудову роҳи пиёдагард ҷудо, ва тангкӯчаи сарбаста надошт; ва иморатҳойи ду канори кӯча он қадар баланд, равшан ва паҳн, васеъ ва хушсохт ва мустаҳкам, ки биноҳойи урфии шаҳри куҳна, дар муқоиса бо онҳо, пастак, торик ва танг ва бетартиб ва безеб ва амонат барин менамуд.

Дар идораи маҷаллаи «Ойна» аз ҳамин бобат сӯҳбат мекарданд ва муассиси маҷалла, қатори дигарон, Рӯзимуродро ҳам даъват карда буд, ки рӯзгори мулки Бухороро хуб медонад, ва саводи хуб дорад, ва ба муқобили Амир ҷангҳо кардааст, ва дар сӯҳбати равшанфикрон бисёр нишастаасту ҳамкорӣ кардааст, ва кору бори Губернаторро дидаасту медонад, ва ҳаёти Бухороро бо ҳаёти Самарқанд рӯбарӯ монда таҳлил карда метавонад, ва навишта метавонад, ки ба ин ё он дарди мардум мехӯрад, ва обрӯйи маҷалларо мебардорад. Рӯзимурод мақолаи навашро хонд. Сифати мактаби нав буд мақола, ва ҳозирон иншояшро писандиданд, ва худи ӯ, ба унвони далел писараш Азизмуродро мисол овард, ки «чор сол дар мактаби русию маҳаллӣ хонд, ду сол дар чопхонаи урусҳо кор кард, се сол дар рӯзномаи «Самарқанд» хабарнавису тарҷумон буд, алҳол як солу се моҳ мешавад, ки Губернатор ба худаш тарҷумон карда гирифтааст; ва ҳамаи ин солҳо ҳар китобе, ки ба дасташ афтад, мехонад, касе эрод намегирад, манъ намекунад, ҷазо намедиҳад. Ҳамаи ин солҳо ҳар моҳ музди корашро медиҳанд. Доим. Ягон бор ақиб напартофтаанд. Ягон бор фиреб надодаанд».

– Шумо дар коратон аз инҳо ибрат гиред, – ба муассиси маҷалла тавсия дод Рӯзимурод. – Мардуми дигар хел ин мардум. Мо барин не. Корашон ҳам дигару фикрашон ҳам дигар. Ғосибанд, вале ғосибии инҳо, аз соҳибии амирони худамон, сад бор беҳтар.

Ва беҳтар будани кори инҳо аз кори онҳо, дар ҳар сари қадам, ба назар мерасид, ва фикри хобро бедор мекард, ва чашми пӯшидаро мекушод; ва олимон дилгарм мешуданд ба нияте, ки доранд, ва ҳатто омиён, дар хона бо аёлашон ва дар берун, дар остонаи меҳмонхона, дар айвони масҷид

ва ҳангоми лойхобонию ҷӯйканӣ, ба ҳамнишастҳо, ба ҳамкорҳо, як навъ бо ҳайрат ва дар айни замон бо умед, сӯҳбат мекарданд, ки: «Мо бехабар будаем аз корҳои ҷаҳон. Дар рӯйи олам аҷаб корҳое будааст. Ҳатто давлатдорӣ фақат ғорат кардан набудааст. Фақат аз раъия зада гирифтан набудааст. Буду шуди мардумро бурда кӯшку қасри амиру вазирро обод кардан набудааст. Дар умрамон акнун дидем, ки ин хел набудааст. Давлатдорон, чунон ки дар мулки мо ҳаст, фақат вайрон намекунанд. Обод карда ҳам метавонистаанд. Иморат месохтаанд. Роҳ месохтаанд. Мактаб мекушодаанд. Арзи бечораву дармондаро мепурсидаанд… Одами надида бовар намекунад, лекин ҳамин хел корҳоро мо бо чашми худамон дидем».

Ба чашмашон ки медиданд, бо ақлашон бовар мекарданд, ва адолати Императори Вся Русия ҳамоқати амирон ва хонҳои Осиёи Васатро зина ба зина пахшу танг мекард – ҷабрдида арзашро қозихона намебурд, вай ба қозиву қозиюлқузот бовар надошт, ва дод назди маъмурони рус мебурд; ва дар Бухоро шахсеро таъқиб бикунанд, гурехта ба Самарқанд меомад, табааи рус мешуд, ва аз ҷазо раҳоӣ меёфт, агарчи ҳукми қатл гирифта бошад. Ва арбобони деҳаҳо ва ҳокимони тумонҳо, ва мирони дараҳо, орзу доштанд, ки дар паноҳи генерал–губернатор бошанд, ва аз байни онҳо баъзеяшон ихтиёрӣ ба итоати ӯ меомаданд ва бино ба таомули худашон, ба вай пешкашу дастовезҳо меоварданд. Ва ҳокими Ҷом як асп бо зину лаҷом ва як хӯрҷин зару зевар гирифту омад ба саломи губернатор, ва як шабу як рӯз дар хонаи ӯ меҳмон шуд, ва ҳангоми баргаштан, аз садоқат даҳон кушод:

– Аз худатон гап намемонад, мо дар мулке зиндагӣ мекунем, ки падар надорад. Акнун падар ёфтем. Падари мо Оқподшоҳ ҳастанд. Пушту паноҳи мо ҳамин кас. Мо дар қарзи фарзандӣ, фурӯгузорӣ нахоҳем кард.

Губернатор ба қади вай ҷома пӯшонд, ва тапонча ҳадия дод; ва беки Ургут ин рафтори ӯро шунида, айб карду эрод гирифт:

– Иззати нафс надорад. Шарманда кард ҳамаи моро.

Ва ин таъна ба гӯши ҳокими Ҷом расид. Қаҳраш омад мардака. Ва аз пайи он афтод, ки аз ӯ қасос бигирад. Бо ҳамин ният вай боз хӯрҷину дастархон оросту бардошт ва хару хингил карда, ба остонбӯсии губернатор омад, ва дар мавриди шукргузорӣ, ёдовар шуд:

– Лекин ношукрҳо ҳам ҳастанд, ҷаноб. Ба қадри Оқподшоҳ намерасанд. Дар ҳақашон носипосӣ мекунанд. Худатон беҳтар медонед, масалан, ҳамин беки Ургут, худаш кӣ шудааст, ки ба остонбӯсии губернатор намеояд?! Боз лоф ҳам зада мегардад, ки ба касе хушомад нагуфтааст ва намегӯяд. Боз аз худатон гап намемонад, ҷаноб.

Ва губернатор ин дафъа ба ӯ шамшер тӯҳфа дод, – як шамшер, ки дар теғаш номи вайро навиштаанд; ва худаш ба сафар тайёр шуд, – «ҳокимон дӯстони мо ҳастанд, ва мардум хайрхоҳи мо ҳастанд, пас дигар мо аз кӣ метарсем?! Айни вақташ аст ба беадабон адабро ёд бидиҳем, ва гардани гарданшахонро зада нарм бикунем».

Ва губернатори Самарқанд генерал Абрамов азми сафари ҳарбӣ кард ба ҷониби Ургут ва Азизмурод писари Рӯзимуродро ҳамроҳ гирифт, ки «аз русӣ ба тоҷикӣ ва аз тоҷикӣ ба русӣ, хеле хуб тарҷима мекунад».

Роҳи калони Ургут, ба монанди ҳама роҳҳое, ки аз Самарқанд ба дигар шаҳрҳо ва ба дигар бекигариҳо мебарад, замини похӯрда ва пурхок, ки то алҳол калонтарин нақлиёташ аспароба буд, ҳоло зери чархи тӯпҳои хурду калон як садои ношинос ва ҳавлангез мебаровард, ва чангу ғубораш ба ҳаво хеста, ба сари аскарон ва силоҳҳои дастиву чархии онҳо фурӯ мерехт, ва чӯпону подабонҳойи саҳро, даст болои абрӯ гирифта, ба ин балойи ногаҳонӣ менигаристанд:

– Боз чӣ бало омада бошад?!

Ин бало – як даста савораи мусаллаҳ, ва ду даста пиёдаи мусаллаҳ, ва ду пулемёт, ва як тӯпи дурзан, ки аспҳои чӯбур мекашанд, – бари роҳро пур карда ва ҳама чизи сари роҳро зери сум карда, пеш меомад; ва подабоне аз подабонҳо ҷонҳавл давид сӯйи шаҳр ва ба Қалъа хабар расонд:

– Салотҳо омаданд, бо тиру тӯпашон омаданд!!!

Бошандагони Қалъа ба таҳлука афтоданд, ва бек ба одамонаш фармуд:

– Мардумро ба по хезонед! Пиру ҷавонро хезонед. Аз дарвозаи шаҳр берун раванд. Пеши роҳашонро гиранд. Ба шаҳр даромадан намонанд.

Сарбозони Қалъа саф оростанд, – бо камонҳои пилтаբанд ва се берданка, ки фидойиёни гуреза аз ҷанги Каттақӯрғон оварда буданд ва найзаҳои чӯбин ва мардони шаҳр, ки одамони бек ба по хезонда буданд, камонҳои шикорӣ ба даст гирифтанд ва ба сари ходаҳо дос бастанд, – ва тӯда шуданд таги дарвозаи Қалъа ва пири кор одами давлатманд ва ҷаҳондида, Азимбой пеш баромад:

– Ҷаноби бек! Агар гапи маро гиред, губернаторро бо нону намак пешвоз гиред. Бо камони пилтабанд тӯпро зада намешавад. Агар гардан хам кунед, ба хуни мардум зомин намешавед.

Бек ба тӯда нигарист – аз ваҷоҳаташон маълум буд, ки маслиҳати Азимбойро дуруст мешуморанд. Андаке хомӯш истод, садои дигаре набаромад. Мардум хомӯшона интизор шуданд. Бек ҷавобе надод ва баргашта ба Қалъа даромад ва аз он ҷо одам фиристонид, ки «Азимбой ва ҳафт–ҳашт нафар одами боэътиборро ба дарун даъват бикунанд». Ва онҳо ки омаданд, дар хилват ба маслиҳат нишаст:

– Ман қудрати силоҳи русро медонам. Ба хуни раъия зомин шудан ҳам намехоҳам. Аммо бе ҷанг таслим намешавам. Бо маслиҳат, биёед, ин хел бикунем – Шумо мардумро ҷавоб диҳед, ба хонаҳошон раванд. Мо бо сарбозон дар Қалъа меистем.

– Кори беҳуда мекунед! – садо баровард пире.

– Кори беҳуда не, – рад кард Бек. – Расми мулкдорӣ ҳамин хел будааст. Бо дасти худ бароварда додан, хиёнат будааст.

Ва берун омаданд ва Азимбой, аз номи Бек, мардумро ҷавоб дод, ки «Раветон, дар хонаҳотон шинетон. Садои тир бошад, берун набароетон. Дар кӯчаҳо нагардетон. Ҳеҷ

кас дар гирди Қалъа набошад».

Ва ҳанӯз мардум дар хонаҳошон ҷо ба ҷо нашуда, гулдуроси гулӯлаи тӯп баромад, ва посбонхонаи дарвозаи Қалъа пош хӯрд, ва чӯбу хишту хокаш ба замин фурӯ рехт. Ва муқовимати беки Ургуту сарбозони кухнасилоҳаш, ба губернатору аскарони навсилоҳи ӯ, ва ҷанги як даста сарбози музофоту ҷангнадида, бо аскарони ҷангдидаву ғолиби муҳорибаҳои шадиди Дизаку Каттақӯрғону Самарқанд, ва ҷанги ҳифзи ҷон бо ғосибон, чор соату чил дақиқа давом кард; ва аз Қалъа деворҳои шикаставу кӯроташу кӯрдуд ва аз муҳофизон анҷому либосу тани сӯхта, боқӣ монд; ва генерал ба аскарон фармуд, ки «мурдаҳоро барореду дар як ҷо ҷамъ кунед» ва солорони шаҳрро даъват кард, ва майитҳоро нишон дод ба онҳо, ва пурсид:

– Дар байнашон Бек ҳаст?

Солорон ин тарафу он тараф гаштанд, – аз як сар зеҳн монданд ва ҷавоб доданд:

– Бек нест.

– Дурусттар бинед!

Солорон бори дигар чарх заданд, ва ҷасади хунолуди Бекро дар байни дигар ҷасадҳо диданд, вале бо мулоҳизае, ки генерал ҷасади ӯро таҳқир накунад, боз ҷавоб доданд:

– Дар байнашон Бек нест.

– Ҳеҷ мумкин нест, ки набошад. Роҳи гурез набуд.

Ва генерал ба солорон рухсат дод, ки мурдаҳоро гӯронанд. Бо расму одати худ гӯронанд. Имрӯзу фардо, ҳар оине ки доранд, ба ҷо биёваранд, ва Қалъаро тоза бикунанд, ва пасфардо соати даҳи зӯҳр, мардумро дар ҳамин майдон ғун оваранд.

Ва ғун оварданд мардумро, – як сари баланд ба назар намерасид – ҳама сари хам доштанд; ва губернатор дар болойи остонаи баланд рост истода ваъз гуфт:

– Бародарон! Мо ба шумо душман нестем. Мо дӯсти шумо ҳастем, ва бо душманони шумо меҷангем. Императори Аъзами Вся Русия нону ҷон ва пулу мол сарф мекунад, ки ба беадолатиҳо роҳ надиҳад. Ба ҳар ҷое, ки қадамаш расад, адолат биёварад, ободӣ биёварад, дониш

биоварад…

Ва Азизмурод писари Рӯзимурод суханони ӯро аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума мекард, – як ҷумла вай ба русӣ мегуфту ба ӯ менигарист, ва ӯ як ҷумла ба тоҷикӣ мегардониду таваққуф менамуд.

– Худатон медонед, ки дар аморати Бухоро қойида ва қонуни давлатдорӣ нест. Амир худаш қойида ва қонун ва худаш давлату савлат. Бекҳо ба вай тақлид мекунанд – худро мебинанду дигаронро не. Инроислоҳ кардан даркор! Мо омадем, ки ислоҳ бикунем! Таърих ин вазифаро ба ӯҳдаи Русияи пуршавкат гузоштааст, ки ба ин хоку замин ободӣ биёрад, адолатро ба роҳ монад ва қойидаву қонунҳое рӯйи кор биоварад, ки осоишу оромии зиндагии шуморо таъмин бинамояд. Акнун худатон ба худатон сардор интихоб бикунед, ва неку бади рӯзгоратонро саришта бикунед. Шамшери буройи рус ҳамеша дар ҳифзи ҷону моли шумост.

Ва ба мардум хуш омад суханҳои ӯ, чунки рост буд. Ба дилу ба дардашон мувофиқ – дар ҳақиқат як кори нек накарданд ин бекҳо. Губернатор ақалан нисфи гуфтаҳояшро бикунад, олам гулистон мешавад. Ва аксари ғолиби мардум қурбониҳои дирӯзаи Қалъаро, ки барои ҳифзи номуси онҳо ҷон фидо карданд, ба дасти фаромӯшӣ супориданд, ва гови парвоие оварданду пеши пойи губернатор қурбонӣ доданд: – Миннатдорем! Некии шуморо фаромӯш намекунем!

Баъде ки ба Самарқанд баргаштанд, губернатор, бо мулоҳизае, ки сухани одами таҳҷойӣ ба мардуми бумӣ таъсири бештаре дорад, аз Азизмурод хоҳиш кард, ки таассуроташро нависад ва ба рӯзномаи «Самарқанд» бидиҳад.

Таассурот дар ҳақиқат киройи навиштан дошт, – мардони саллаву фашдор рӯзи ҷанг дар хонаҳошон пинҳон шуданд, ва баъди ҷанг бо даъвати губернатор, ба майдон ғун омаданд, ки ақалан яке сари баланд ва китфи рост надошт, ва пас аз сӯҳбати губернатор, ҳама саллаҳо ҷон гирифтанд, ва ҳама фашҳо ҷунбиданд, – қоматашон рост

шуд, ва чашмонашон нур гирифт; ва тараддуд карданд, ва пеши пойи ӯ хун баровarданд, ва дастархон оростанд, ва дойрабазм тасфид; ва дастҳо пеши бар, то ним санг роҳ, гуселаш намуданд; ва розиву хурсанд буданд аз сиёсати силоҳи губернатор, ва шикастани Қалъа, ва фоҷеъаи беку сарбозон, ва аз тадбирдонӣ ва мавридшиносӣ ва итоати оқилонаи худ.

Азизмурод бо чунин маънову мазмун мақолае навишт, ва муҳаррири рӯзномаи «Самарқанд» Морозов он мақоларо хонд ва ӯро рӯ ба рӯяш паси миз шинонд ва дарс дод: «Мардуми дунёбехабар ва соддабовар ҳастед шумо мардум. Слышите звон, незнаете от куда он. Асли мақсад тамоман дигар аст, ки дар ситодҳо тарҳ мекашанду маҳфуз медоранд. Ба шумо як гап мегӯянд, вале дар асл корҳойи дигар мекунанд. Ин мустамликадори навбаромад, таърихи мустамликадории Бритония ва Франсияро дақиқ омӯхтааст. Омӯхта хулоса баровардааст. Усулҳойи навашро ёфтааст. Як сиёсати маккоронае ба роҳ мондааст, ки намудаш ободкорӣ ва мазмунаш ғоратгарӣ, зоҳираш одилона ва ботинаш худкомона аст. Баройи шумо, аз ҳазорон дастур, як мисол».

Морозов дафтари ғафсе аз ғалладони миз баровард, ва варақ зад, ва дар сархате ангушт гузошту хонд: «Коре, ки имрӯз анҷом наёфтааст, фардо ба анҷом хоҳад расид. Ба шарте, ки ҳоли мардум ва рӯҳияи мардумро нағз донем ва дар мавридаш хуб истифода карда битавонем. Ба шарте, ки хост ва манфиатҳойи Русияи пуршавкат боисрор, пайгирона, пайваста, мунтазам ва ҳамеша дар мадди назар бошад ва ҳимоя карда шавад. Халқу қабилаҳое, ки ба тасарруфи мо даромаданд ва минбаъд медароянд, бояд ки дар рӯзгори рӯзмарраашон воқеъан бубинанд ва ҳис бикунанд, ва эътиқод бубанданд, ки тартиби давлатдории мо нисбати он тартиботе, ки онҳо доранду дидаанд, беҳтар аст, одилона аст. Фақат дар ҳамон ҳолат сиёсати мо ба дилу ба дидаи онҳо ҷо мегирад. Ва заминаи муносибу мувофиқе фароҳам меояд, ки мо битавонем урфу одат ва дину диёнат ва забону миллати онҳоро, бо ҳар хел роҳ, ва бо ҳар гуна баҳона, ва бо

ҳама гуна восита, боэҳтиёту оҳиста, маҳдуд бикунем. Маҳдуд бикунем ва тадриҷан ба ҳоле бирасонем, ки гузаштаашонро фаромӯш бикунанд, ваояндаашонро ба мо пайванданд. Ва охиру оқибат ба мо маҳлул бишаванд ва кулли ин мулку мулкчаҳо қисми таркибии хоки Русияи муқтадир бошанд». Вот так! Урозумели!? Шумо ҳаққи гапро гуфтанӣ бошед, фаҳмиш ва фикри худатонро нависед, Фармудаи дигаронро нанависед.

Ва Азизмурод аз идораи рӯзнома ҳайратзада берун баромад – инаш ҳам урус, вайаш ҳам урус. Инаш ин хел мегӯяд, вайяш он хел мегӯяд… Ҳар дуяш хондагӣ, ҳар дуяш мансабдор… Кадомаш рост мегӯяд, кадомаш дурӯғ мегӯяд?..

3

Дар сари ағбаи Тахтақарача ду сутуни бетонӣ шинондаанд – нишони сарҳади ду давлат. Ин тарафаш тобеъи Русия, он тарафаш тобеъи Аморати Бухоро. Ва хоки яклухти як миллат ба ду тақсим шуд, ва ду хел тартибот ҳукм меронд, ки яке ба дигаре ҳеҷ шабоҳат надошт, ба масал як бому ду ҳаво буд. Ва ҳар ду тартибот ба молу ҷони раъия ҷабру ситам мекард, ва тартиби ҷабру ситами ҳар ду тараф ба якдигар ҳеҷ монанд набуд – яке нозукона ва дигаре дағалона. Ва мардум, ки кирдори онҳоро ба муқоиса мегирифтанд, хулоса мебароварданд, ки аморати Бухоро золим аст ва императори рус одил.

Чунки амири Бухоро ҳар вақте дилаш хоҳад, андоз мебарорад ва андоз мегирад, хоку обро пос намедорад, роҳҳоро назорат намекунад, наҳр намеканад, сағирхонаву мактаб надорад, сарбозонро намехӯронаду намепӯшонад, ғами гармиву сардии хонаи раъияро намехӯрад… Баъд подшоҳи рус аз вай беҳтар нест? Андозбарориву андозгириаш вақту соати муайян дорад, ба қадри хоку об мерасад, роҳҳоро обод мекунад. Ба заминҳойи беоб об мебарорад, сағирхонаҳо ва мактабҳо месозад, аскаронаш таъминоте доранд, ки бекҳойи мо надоранд, ангишт меканаду ба фурӯш мебарорад, ки танӯри мардум тафсону хо-

наашон гарм бошад…

Ва одамон барои тамошо ба Амонқутан мерафтанд, гӯё ки зиёратгоҳ бошад. Дар он ҷо русҳо, барои аскаронашон, табобатгоҳ сохта буданд, ва маҳалу биноҳойи он чунон озода ва хушнамуд буд, ки чашми бинанда нур мегирифт ва ба дилаш фараҳ медаромад; ва аскарони бемор аз гарнизонҳойи Самарқанд ва Тирмиз ва Кушка, дар ин ҷо табобат мегирифтанд; ва халқи таҳҷойӣ ҳавас дошт, ки як бор, бо ягон баҳона, ба саҳни он дарояд, рӯйи духтуронро бинад, болои кати симин бинишинад…

Ва губернатор дар Самарқанд бо бонкирҳо ва купетсҳо ва помешикҳо ва сармоядорон ба машварат нишаст, ки «кадом корҳоро кардед, кадом корҳоро накардед ва кадом корҳоро карданӣ ҳастед?» Ва онҳо гуфтанду ин шунид: – шохаҳойи роҳи оҳанро зиёд кардан даркор, ки доду гирифт осон шавад. Худатон як муқоиса бикунед, пештар аз ин ҷо пахта фиристонем, то ба фабрикаҳойи Русия баъди шаш моҳ, ва баъзан, баъди даҳ моҳ, мерасид. Акнун бо роҳи оҳан дар ду ҳафта мерасад. Дери дераш панҷ– шаш ҳафта вақт сарф мешавад… То омадани мо пахтаро ба мисли гандуму ҷав кишт мекарданд. Пахтаи америкойӣ умуман намекиштанд. Муллоҳошон фатво додаанд, ки «моли кофирон аст, ҳосилаш ҳаром аст». Ҳоло кишти ҷӯяро ҷорӣ кардем. Пахтаи америкойӣ ҳам мекорем… Шумораи бонкҳо, каму беш, дар афзоиш аст. Бахусус, бонкҳое, ки ба майдахоҷагиҳо қарз медиҳанд. Қарзи қариб, ки ҳасана… Таҳҷойиҳо пунбаи пахтаро месӯхтанд. Ба ҷойи ҳезум. Акнун равған мекашанд…

Ва Амири Бухоро аҳли рикобашро дар Ширбадан зиёфат дод; ва ин зиёфатхӯрон, ки чунин даъватро боиси фахр ва обрӯву эътибор медонистанд, бино ба одаташон, ҳар кадоме пешкашу тӯҳфа оварда буданд, ки дасти холӣ рафтан айб аст; ва баъди зиёфат Амир нақдинаҳойи овардаро банд баста ба хазина супорид, ва одамонашро фармуд, ки молу матоъҳойи овардаро фурӯшанд ва пулро ба хазинадор бидиҳанд; ва дар хазина тилло ҷудо, нуқра ҷудо, дар саночҳо рах задагӣ, вале ба харҷ кардан дилаш

намешуд; ва дар хилват ба Қушбегӣ шикоят пеш овард, ки:

– Мо азми сафари Тифлис дорем. Намедонем харҷашро аз куҷо барорем.

Қушбегӣ маслиҳат дод:

– Ба номи Қозикалон як хат нависед. Дар хат ишора кунед, ки як қуттичаи нуқра зарур шуд. Қуттичае, ки дар он сад панҷсадсӯмаи русӣ ғунҷад.

– Вай мумсики мурданӣ ишораро мефаҳмад?

– Шумо нависед, натиҷаашро баъд мебинем.

Ва натиҷааш зуд маълум шуд, – Қозикалон баробарои расидани хат, аввал, ба гузари заргарон одам фиристонд, ки қуттичаи нуқра фармояд, ва баъд, ба нӯҳ қозӣ дар нӯҳ тумон пайғом дод, ки «чанд пансадсӯмаи русӣ доред, ба ин ҷониб фиристонед». Ва дар муддати панҷ рӯз қуттичаи нуқра, ки дарунаш сад панҷсадсӯмаи русӣ дошт, дар Ширбадан ба дасти Амир расид.

Сафари Амир ба Тифлис шаш моҳ давом кард, ва шаш моҳ дар шаҳр ва деҳаҳойи Бухоро дар даҳани мардум ҳамун гап буд, ки вай як шаби торик аз Ширбадан ба Когон омадааст ва салотҳойи урус ӯро пинҳонӣ ба оташароба савор кардаанд ва касе намедонад, ки ба куҷо фиристониданд. Лекин яке аз занҳояш, ки ду сол умедвор будасту як бор ҳам ба висол нарасидааст, бо алам ба саиси ҷӯрааш гуфтааст, ки «хуб шуд ба ин бедиёнат! Аз кадом қаҳбае дарди сӯзок гузаштааст. Тифлис барои табобат рафтааст». Ва ин гап овоза шуд, ва боз овозаҳойи дигаре ба он зам гардид.

Ва дар тими шаҳр, ки қаторгунбазҳо аз лаби ҳавзи Девонбегӣ то ба Регистони Арк кашол буд, ва даруни ҳар гунбаз чанд дӯкону дӯкончa дошт, ва сохташ ҳазорхонаи шикамбаи говро ба хотир меовард; ва ҳавояш соямравшан буд, ки суроби одамонро равшан намедидед, ва пиёдаву савора пасу пеш мерафтанд, ва шутурсавор ба сари харсавор тозиёна мебардошт, ва харсавор пиёдаро тела медод, ва фолбинон фол медиданд, ва қаландарон наът мехонданд; сарбории ин ҳама беназмӣ, боз мардум даста–

даставу тӯда–тӯда рост истода, байни худ баҳсу гапгузаронӣ мекарданд, ки сабаби Тифлис рафтани Амир ин нест, он аст:

– Сифлис мебуд, Тифлис намерафт. Петербург мерафт. Табибҳойи машҳур ҳамааш дар ҳамон ҷо.

– Ҷони Амир ҷону ҷони мо ҷон набудааст? Ҷони вай дард кунад, ба Тифлису Петербург меравад. Мо ба куҷо равем? Ба ҷойи хароҷоти зиёд карда ба дигар давлатҳо рафтан бо ҳамон пул дар мулки худашон як табобатхонаи нағз созанд, намешавад?

– Ин манғит ақли сохтан надорад, ба болойи ин боақле пайдо шаваду чизе созад, роҳ намедиҳад – манъ мекунад, ҷазо медиҳад. Сироҷиддини сарроф буду шудашро фурӯхту роҳпулӣ кард. Рафту дар Берлин ду сол ва дар Теҳрон як сол илми тиббу табобат омӯхт. Баъд ба Бухоро омаду дар ҳавлии худаш шифохона кушод. Намонданд, ки кор кунад. Се бор харҷ кард, заҳмат кашид, шифохона кушод. Се бор ҳам бастанд. Ба сараш дӯғ заданд, ки «ту қудрати Худоро мункир шудай. Ту ба пояи дин табар мезанӣ». Мардака ҳам пулаш сӯхт, ҳам ҷонаш.

– Касалӣ як баҳона. Ба қавли худашон, як ҳилаи шаръӣ. Асли гап дигар. Тифлис тобеъи Русия. Амир ҳамон ҷо буду бош кунад, чунин маъно дорад, ки Бухоро ҳам тобеъи Русия шудааст. Ҳамин хел як сиёсат, ки давлатҳойи дигар бинанду донанд қудрати Русияро. Ана ҳамин аст асли гап.

– Ба шуниди ман Амир пинҳонӣ дини насороро қабул мекардааст. Баройи ҳамин ба Тифлис бурдаанд, ки ғусли тамъид бикунад…

Амир ҳамин хел сафарҳойи дуру дарозро дӯст медошт, – ташвишу тараддуд кам ва озодии фароғату маишату фосиқӣ бештар. Бори нахуст лаззати чунин корҳоро дар Петербург чашида буд, дар солҳойи ба ном таълими сиёсиву ҳарбӣ гирифтан ва валиаҳди тоҷу тахти аморати Бухоро шудан. Аморати Бухоро, баъди сулҳи Зирабулоқ, ҳарчанд ба ном давлати мустақил буд, дар асл, Амир, бе рухсати Русия, ҳатто ҳаққи атса задан надошт; ва фарзандонашро мефиристонид ба пойтахти Русия барои арзи са-

доқат ва итоат. Вале давлатҳойи муқтадири ҷаҳон ҳанӯз ин ғалабаи шамшери Русияро чандон эътироф намекарданд ва як тасодуфе медонистанд, ки бунёди мустаҳкам надорад. Ин ақидаро шикастан лозим буд, ва Императори Аъзам биталабид, ки Амир ба Петербург биёяд ва бо ҳузури худ ба оламиён собит бикунад, ки воқеан ҳам дастнишонда ва дастнигар аст.

Ва Амир ба сафар тайёрӣ дид, – ба маблағи чилу панҷ миллион пули русӣ тӯҳфаю дастовез харид, ва бо чанд нафар мансабдор, ки хирадмандони дарбор ба ҳисоб мерафтанд, машваратҳойи хоса орост аз одоби сафорат, то Императори Аъзам бинаду бидонад, ки «ин мардум аз саҳро наомадаанд».

Ва Шайхулислом маслиҳат дод:

– Амири Бухоро амири Қӯқанд нест. Савлат нишон диҳед, то ба урусо маълум шавад, ки Бухорои Шариф қуввати ислому дин аст. Муаллими ақсойи шарқ аст. Бухоро набошад, шарқ футур меравад.

Сарлашкар даъвойи мулк пешниҳод кард:

– Чилу панҷ миллион пули кам нест. Ин қадар ки харҷ мекунед, як фойда бояд диҳад. Императур ба аморати Бухоро ниёз дорад. Ниёзи бисёр дорад. Пас нози Шуморо мебардорад. Дастовезҳоро гирифта дилаш ки нарм шуд, Шумо, амирам, ишора бикунед, ки заминҳойи гирифтагиашро баргардонида диҳад. Аз Тошканд то Самарқандро баргардонида диҳад.

Ва китобдори китобхонаи амирӣ, ки Русия ва Маҷористон ва Франсияро дида буд, ва аз ҳоли ҷаҳон хабаре дошт, ва сиёсати давлатҳойи бузургро каму беш медонист, дар сӯҳбат гӯшзад кард, ки –

– Амирам беҳтар медонанд. Ба фаҳмиши ин фақир агар Аморатпаноҳ аз фурсати дидор бо Императур истифода бикунанд ва баъзе мушкилоти мулкиро ба самъи Императари Аъзам бирасонанд, ба эҳтироми рӯю риояи Ҷанобашон, он мушкилҳоро осон карданаш аз эҳтимол дур нест. Албатта, ба ғайр аз масъалаи Самарқанд. Самарқандро дигар баргардонида намедиҳад. Ин аниқ. Лекин дар

тақсими оби рӯди Зарафшон ва бино кардани фабрики қанду навот ва тиҷорати пашму пӯст ва корхонаи мовут ва даббоғӣ ва фиристонидани олими илми маъдан, ки конҳо кушояд, сухани Шумо, Амирамро, ба замин нахоҳад монд.

Ва Амир аз Бухоро ба Петербург нарасида ин ҳама насиҳату маслиҳатро фаромӯш кард. Вай ҳанӯз аз Бухоро набаромада ба худ гуфт, ки «дар байни инҳо боақлаш Шайхулислом. Дигаронаш ҳавойи даҳан. Акнун медонистагии онҳоро мо намедонистаем?! Агар ҳамаи гуфтаҳойи инҳоро мо ба Императури Аъзам гӯем, он вақт ун ҳама фурӯтаниҳойи мо назди он кас як пули сиёҳ мешавад. Ун ҳама кардаҳойи мо нокарда мешавад». Ва оҳанги маслиҳати Шайхулисломро нигоҳ дошту медонистагии худашро кард – се моҳи расо дар Русия савлат карда гашт ва дар ин се моҳ сад миллион пули русӣ ба боди фано дод ва ягон масъалаи давлатиро ба миён нагузошт, ва ба ягон театру аҷоибхонаву китобхона нарафт; ва коре, ки кард, ба як сафоратхона бунёд гузошт, ва сафоратхонаҳойи тамоми давлатҳойи рӯйи дунё кори давлатро кунанд, сафоратхонаи Бухоро зан меҷусту зан меёфт, ва занҳои қаҳбаро харида ва занҳойи солиҳаро фиребида, назди Амир меовард…

Ва дар аморати Бухоро ҷойи русҳо гармтар ва майдони ҷилваашон васеътар мешуд, – дар таги бинии шаҳри Бухоро, дар пояи адири Момоҷурғот, дар қади роҳи оҳан, шаҳре ба усули худашон сохтанд ва Когон ном монданд; ва дар ин шаҳр корхонаҳо бино карданд ва коргарони ин корхонаву сокинони ин шаҳр коргару тоҷиру афсару аскарҳойи худашон буданд. Ва Иван Иванович, ки пештар фаъолияти ҷосусиашро пинҳонӣ, дар ниқоби гиёҳшинос ва сайёҳи ҷуғрофия ба анҷом мерасонид, ва худро намозхону рӯзадор вонамуд мекард, ва ба ҳамсараш дар Петербург номаҳойи маҳрамона мефиристонид, ки «ман ба мулки одамони фиребгар ва дурӯя афтодаам ва бо таъсири хулқу хӯйи онҳо худам ҳам дар мунофиқӣ ва риёкорӣ хеле дастовардҳо дорам», акнун эҳтиёҷе ба ранггардонӣ надошт, ва мунофиқиву риёкориро лозим намедонист, ва мақсаду нияташро рӯирост

мегуфт, ва даъвойи мусулмонӣ ба фаромӯшӣ рафт, ва аз урус буданаш мефахрид, ва шаҳна «садқа» гӯён пеш–пеши аспи ӯ медавид, ва дар бозору мазор ба сари одамону хару аробаашон тозиёна мебардошту тозиёна мезад, ва барои вай роҳ мекушоду роҳ холӣ мекард; ва Қушбегӣ «садқа» гӯён назди ӯ одоби таъзим ба ҷо меовард… Ва ин ҳама диданиҳо алами англисҳоро меовард, ва онҳо дар кӯчаи шаҳрҳо ва дар роҳи тумонҳо ва дар деҳаву дараҳо ва дар ағбаву кӯҳҳо озоду дилпур гаштан, ва ба хоку оби ин сарзамин ҳамчун соҳиб нигаристани Иван Ивановичро дида, ба ғазаб меомаданд, ва бо дарду алам худ ва сарони давлати худро лаънат фиристониданд ва дашном доданд, ки «дар ғафлат мондем. Бозиро бой додем ба мужикҳо. Луқмаи фарбеҳ аз даст рафт».

Ва баъд аз ин ҳоле ки як вақтҳо Иван Иванович дар Мовароуннаҳр дошт, айнан ба сари Эрнер Эрстон омад, ки дар мақоми меҳмони нохонда ҷой гирифт, ва ҷома дигар кард – шайх шуд, қаландар шуд, тоҷир шуд, табиб шуд. Ва ҷунбиши шаборӯзиашро фаъол кард, ки ҳанӯз фурсат ҳаст, ҳанӯз имкони таъсир ба тамом аз даст нарафтааст, ҳанӯз пеши роҳи Русия санг мондан мумкин аст. Ва ҷойи поймонӣ меҷусту меёфт, – аз дуру наздик ба сиёсат ва ба иқтисодиёт ва ба иҷтимоиёти Бухоро сар мехалонд, ва даст дароз мекард, ва ба миёни дастоварди русҳо лагад мезад, ва аз байни умарову уламо дӯстон мехарид, ки дар корҳойи фардояшон ёр ва дастгир ва такиягоҳ бошанд, ва намонанд, ки урус бемалол ба даруни ин кишвар даромадан гирад, ва хокашро васеъ кардан гирад…

Ва Иван Иванович, чашму гӯши Петербург дар Осиёи Миёна, ин ҳама ташвишу тараддуди Эрнер Эрстонро медиду медонист, ва ба дастгоҳи Императори Аъзам ва ба генерал–губернатори Тошканд хабар медод, ва дӯстони харидаи Эрстонро ном ба ном менавишт, ва рӯҳияи аҳолиро далел меовард ва шаҳодат медод, ки «айни вақти кӯҳистони Зарафшонро фатҳ кардан аст».

Ва аз Петербург ба Тошканд, ва аз Тошканд ба Самарқанд, дастур расид ва губернатори Самарқанд, бино ба

он дастур, тарҳи ду сафарро кашид, ки яке илмӣ ва ҳарбӣ ном гирифт ва дигаре соф илмӣ; ва қофилаи илмию ҳарбӣ, бо сарварии генерал Абрамов, ҷониби болооби рӯди Зарафшон рафт, ва қофилаи илмӣ, таҳти роҳбарии Иван Иванович, роҳи ҳавзаи Кешрӯдро пеш гирифт.

Қофилаи илмӣ ва ҳарбӣ, аз аҳли илм як нафар рӯзноманавис, як нафар тарҷумон, ва як нафар топограф дошт, боқӣ ҳама аҳли силоҳ ва мусаллаҳ буданд, ва бо низоми ҳарбӣ мерафтанду бо риояи одоби мардуми шарқӣ нишасту хез мекарданд; ва дар қатори пулемёту камону тиру дору, дар борҷомаву тӯрбаю чобаю қуттиҳо, чой ва қанд ва карасин ва собун ва гӯгирд доштанд.

Қофилаи ба ном илмӣ ва ҳарбӣ дар асл соф ҳарбӣ буд – Абрамов фармон медод, ва Азизмурод тарҷима мекард, ва бекҳо ба ҷо меоварданд; ва бо ҳамин тартиб ба шаҳри Панҷекат даромаданд, ва аз он ҷо ба деҳаи Ёрӣ гузаштанд, ва қади оби рӯди Зарафшон боло рафтанду боло рафтанд то ба саргаҳи Фалғар ва то ба гулӯи Масчо. Дар шаҳри Панҷекат Абрамов аввал қудрат ва шаҳомати ҳарбиашро нишон дод – аскарони савора ва пиёда, дар пушт камонҳои панҷтира бо найзааш, шамшерҳо дар ронҳо ҳамоил, ва пулемётҳои сабук ба аспҳо бастагӣ, ва саф ба саф ороста, то ба майдони Дарвозаи Бухоро расид, ва аз ҳайбаташ тарсонд мардумро; ва баъд дар сӯҳбат бо ҳоким ва бо муфтиву қозӣ ва бо ашрофу ағниё, ки вай мегуфту Азизмурод тарҷима мекард, қарор баровард, ки «мардуми кӯҳистонро се сол аз ҳама намуди андоз озод мекунад; ва барои масҷид як чова карасин, ва барои ҳокимхона се қадоқ чой, барои қозихона ду кило қанду панҷ қуттӣ гӯгирд ёрии беғаразона мерасонад».

Муфт не, албатта! Ба шарте, ки ин обрав ба Русия пайвандад!

Ва обрави Зарафшон пайваста шуд ба давлати рус. Ва қофилаи Абрамовро дар Вотаву Урметан ва дар Дардару Искодар ва дар Варзи Манору Оббурдон бо нону намак истиқбол карданд, чунки овозаи адолату саховаташ фарсаххо пеш аз тӯпу туфангаш медавид, ва мардуме, ки садуҳафтод

сол аз амирони манғит, ғайр аз задаву гирифтан ва ҷавру ситам ва ришвахӯриву беадолатӣ, дигар чизе надида ва ваъдаи хуше нашунида буданд, омадани аскарони Абрамовро аз меҳрубониҳойи Худо донистанд ва «урус омад, дуруст омад» гуфтанду шодӣ карданд, ва маъракаҳойи зиёфат оростанд, ва ба аскарон ҷойи хобу дамгирӣ ва ба аспу хачирашон коҳу алафу ҷав доданд; ва генерал Абрамов дар зиёфатҳо аз боби ғамхорӣ ва ёрии Русия ба халқҳойи мазлум сухан гуфт; ва бекҳову пирони хирад, тарҷумаи суханҳойи ӯро аз забони Азизмурод шуниданд; ва барои генерал, аммо ба Азизмурод нигариста, изҳори итоату садоқат карданд:

– Шумо аз номи мо ба ҷаноби генерал гӯед, ки мо аз ин кас, аз замин то осмон, миннатдор. Боз гӯед, ки некие, ки ин кас ба мо карданд, ягон падар ба писараш накардааст. Боз аз забони мо гӯед, ки Оқподшоҳ подшоҳи бузург аст, мо Оқподшоҳро ҳурмат накунем, киро ҳурмат мекунем?!

Ва Азизмурод, нарезондаву начаконда, тарҷима кард, ва генерал аз сафараш хурсанду қаноатманд буд; ва дар чорсӯйи Варзи Манор ва Оббурдон ва Сарвода, ҳамчун нишони давлати Русия, нозирон таъин карду ҷо дод, ки «қавли ин мардум чандон устувор нест, ва байни худ ҳам хусумати зиёде доранд. Зери назорат набошанд, бачаҳойи беадаб барин, ҷангу ҷидолҳойи беақлона карда мегарданд».

Ва генерал Абрамов, агар душвориҳойи роҳ – танг, ҷару ҷӯ, сангу харсанг, шаху регрез, обхезу пулҳойи вайронро, ки гузаштанаш сахт душвор буду зарарҳойи бисёре ба аскарон ва савории онҳо мерасонд, сарфи назар шавад, бемамониат то ба Искодакӯл рафт, ва аз он ҷо, аз болойи як ағба гузашта, ҷониби дарайи Киштут фуромад, ва дар нишебӣ ба муқовимати мусаллаҳона дучор омад, – мардони Артуч сар бардоштанд ва аз Киштут довталабон ба мадад омаданд; ва онҳо дар барози Артуч сангар сохтанд – сангдевори баланду васеъе бардоштанд, ва камонҳойи думила, ки бо пахтапилта оташ медоданд, ва зоғнӯлу табар ба даст гирифтанд, ва дар камин нишастанд, ки «гузаштан намемонем, якта намонда қир мекунем»; ва ба

муқобили тири пулемёт ва камонҳойи панҷтира се соат истодагарӣ карданд, ва аз ин зиёд дошт дода натавонистанд, ва гурехтанд ба ҳар тараф; ва дар барози Артуч одамону дарахтону буттаҳойи саршикаставу миёншикаставу маҷрӯҳ боқӣ монд; ва генерал ба ғазаб омад, ва дар поён, дар Зериҳисор, фармон дод, ки Қалъаи мирнишинро покпокиза сӯзонанд; ва худаш аз дур, то хокистар шудан, алангаи отаршро тамошо кард: «Чашмашонро тарсондан даркор! Тарсондан даркор, ки дигару дубора сар боло накунанд!!!»

Генералҳо Черняев ва Романовский ва Кауфман дар хоки Осиёи Миёна хунҳойи зиёде рехтанду резониданд, ва ободиҳойи зиёдеро вайрон ва полезу боғи зиёдеро помол карданд; ва панҷ солу даҳ сол ҷангиданду ҷон коҳониданду ҷон канданд, то бутун– бутун вилоятҳойи ин кишвар таслим шуду ба давлати Русия пайваст, ва заминҳойи карту ҳосилхез, ва дасти кории муфт, аз даштҳойи паҳновари Сарой то ба доманакӯҳҳойи Хуҷанд, аз биёбонҳойи хушки Туркмон, то ба киштҳойи чор фасли соли Миёнкол, ба тасарруфашон даромад; аммо генерал–майор Абрамов, бо таъсири ташвиқот ва тарғибот, ки ҳам даҳонӣ ва ҳам дар амал сурат мегирифт, ҳамагӣ дар муддати чилу панҷ рӯз ва як ҷангчаи сесоата, ва ба коми оташ додани қалъаҳойи мирнишини Киштуд ва Моғиён ва Китоб, дар ҳисоботаш ба Императори Аъзам, бо ифтихор навишт: «раҳу рӯйи як кӯҳистони сахт, пуршикасту рез ва бадроҳу душворгузарро дидему омӯхтем; ва дар ҳар кунҷу дара як мир ҳукмраво будааст, ки барҳамаш додем – ба итоат даровардем, ва ба ном бекигариҳойи Фалғар, Масчо, Фон, Киштуд, Моғиён, Фороб ва Китоб, ба шӯъбаи Самарқанд дохил кардем, ки обҳои равони фаровон ва маъданҳойи муфиди фаровон ва қувваи кори арзону фаровон дорад; ва ба водии Ҳисор роҳ кушода шуд».

Ва дар водии Ҳисор қофилаи илмии Иван Иванович, аз Самарқанд то лаби рӯди Кофарниҳон, сурат кашиду сурат гирифт, ва роҳи хаму печаш, ва деҳоту аҳолиаш, ва замини кишту чарогоҳаш, ва пулу гузаргоҳашро ба харита даровард; ва як афсар, ки бо либоси харкор мегашт, бо

баҳонаи чиндани барги растаниҳо, ба дараи Алмосӣ рафту се рӯз меҳмон шуд; ва як урусеро, ки дар ҷанги Русу Туркия асир афтода ва дар бозори Хоразм ҳамчун ғулом фурӯхтаанд, ва ӯро аввал ба Тирмиз овардаанд, ва аз он ҷо ҳисорие харидааст, ва хислати хубашро дида, ӯро аз ғуломӣ озод намудааст, ва дасташро ҳалол кардааст, ва ӯ калимаи шаҳодат гардонида мусулмон шудааст, ва Абдулло ном гирифтааст, ба ӯ зан додаанд, ва ҳоло дар як деҳаи Алмосӣ мезистааст, ҷустуҷӯ карда ёфт, ва дар хилват ба ӯ аз фатҳу зафарҳойи Русияи оламгир сӯҳбатҳо кард, ва ба ӯ супоришҳо дод, ки «ҳар хабаре аз ту ба мо расад, ба фойдаи шамшери буройи Русияи пуршавкат аст».

Ва Рӯзимурод, баъди бозгашт аз болооб ба Самарқанд, сарбории кори тарҷумонӣ, рӯзномаи сафарро, ки ишораҳойи мухтасар дар варақҳои пароканда буд, муфассалу мусавада мекард. Дасташ менавишт, ки «мардум генералро бо нону намак истиқбол карданд», ва аз дилаш мегузашт, ки «мардум нангу номус надоранд, мунофиқӣ мекунанд». Ва дасташ ҷудо кор мекарду дилаш ҷудо, – дасташ ба муроди дили хӯҷаинаш, ки мансаб ва мартаба ва мақом додааст, дилаш ба дарде, ки роҳ ба манзили ободӣ, барои ин ватани вайрона ва халқи кулфатзада, кадом бошад?!

## 4

Дар аморати Бухоро ду гавҳари ноёб қадру қимат надошт – Одам ва Китоб.

Тақдири Одам ба хости Худо ҳавола буд, ва ҳама неку бади рафтору кирдори шоҳу гадоро бори гардани раҳмону шайтон мекарданд; ва худи Одам мақсаду мақоме надошт ва ҳурмат ва некӣ ва ростӣ, кайҳо боз, дусад сол пеш, аз забонҳо афтода ва аз муомила баромада, ба қатори орзуҳойи дерин ва хаёлҳои ширин даромада буд, ва Амиру Вазир дар симойи Одам фақат ва фақат ғуломи дари хонаи худро медиданд, ва Одаме, ки асолати одамӣ дорад, сар бардораду овоз барорад, ки «ҳой мардум, Шумо Одамед, Одам будани

худро фаромӯш накунед!», на ба гӯши Хоҷа медаромад ва на ба гӯши хизматгор, – на ба ин тараф таъсире дошт, ва на ба он тараф, ва ҳар ду тараф, чун одамони хуб ва ғамхору ғамшарик, бо таассуф оҳ мекашиданд, ки «ҳайфи одам! Илм зӯрӣ кардааст, ақлаш халал дидааст»; ва номи он Одами соҳибфикр ба девонагӣ мебаромад ва механдиданд ба ҳолаш, чунон ки ба ҳоли Мирзоумеди табиб. Мирзоумед дӯкони саррофӣ ва саройи пахтафурӯшӣ ва сармояи дурусте дошт, ва ҳоли тиббу табобати замонро дида дилаш ба мардум сӯхт, ва дӯкону саройро фурӯхт, ва буду шуди сармояашро сарф карда ба Париж ва ба Теҳрон рафт, ва дар он ҷоҳо илми тиббу табобат омӯхт, ва ба Бухоро баргашта шифохона кушод, ва ин кораш ба Қозикалону Раис нафорид, – «Дар мулкҳойи фаранг гашта бедин шудааст. Мехоҳад ки ҳамайи мардумро бедин бикунад!» – ва фатво доданд барои хосу ом, ки шифохонае, ки Мирзоумед ин қадар таърифу тавсиф мекунад, дар ҳақиқат куфрхона аст; ва онро бастанд, ҷарима андохтанд, ва нақдина, ки надошт, ҳавлиашро фурӯхта пулашро худашон гирифтанд; ва Мирзоумед баъди се бор шифохона кушодан, ва баъди се бор бастани Қозикалон ва Раис, ва баъди се бор ҷарима додан, рӯзе дар тимҳо байни дӯконҳо тамошо мекард, ва бозориён ба Тифлис рафтани Амирро ҳар гуна шарҳу эзоҳ медоданд, ва аз шунидани он суханҳо аламаш тоза шуд, ва пеши роҳи шаҳнаро баст, ва дилашро холӣ кард:

– Амират сифлис шавад, барои табобат Тифлис меравад. Раъия куҷо равад?!

Шаҳна тозиёна бозӣ доронид:

– Девонагиро бас кун!

– Девона манам, ё туву амират?! Ту медонӣ, ки сифлис аз ифлосист?! Алҳол ҳамаи шумо ба ифлосӣ ғӯтидаед. Ба ифлосии ҷисмонӣ, ба ифлосии рӯҳонӣ, ба ифлосии нодонӣ, ба ифлосии хурофот, ба ифлосии… Қасидахониро табобат медонед. Аластро девбандӣ мешуморед. Фолбинӣ барои шумо ояндабинист. Ҳамаат гӯшҳо лаққа, ба дард аз онҳо даво меҷӯед. Ӯй аҳмаққҳо! Ба илм бовар намекунед, ки мизоҷро шинохта, табобат мекунад. Аммо ба сафсатае

бовар мекунед, ки «агар аз хамир зоча созед, ва гирди сари зан гардонида, аз байни поҳош гузаронида, шаб дар ҷогаҳаш хобонед, ва рӯзи дигар зану шӯ он зочаро бурда дар ҷое дафн бикунанд, зиёни бачахӯракаш аз байн меравад, ва минбаъд фарзандаш солим мемонад». Ва ба ин гапҳо ту ҳам бовар мекунӣ, амират ҳам. Лекин ба ман, ки бист сол илми тиб омӯхтам, на ту бовар мекунӣ, на Амират... Вай Тифлис барои чӣ меравад? Подшоҳ ки бошад, дар ватани худаш шифохона созад?!..

Ва миршаб заҳрханда кард, ва тозиёна ба соқи чорух зад, ва чашм дар ҳаво гардонид:

– Девона! Аз девона чӣ мегирӣ!?

Ва котиби сафоратхонаи рус дар Бухоро, барои вазорати ҳарбӣ ахборе навишту ба Петербург фиристонид, – «Дар Бухоро ягон шифохона нест. Вақте ки Бухороро бигирем, таъсиси як шифохона бағоят зарур аст. Табиби бекоре ҳаст дар ин ҷо. Номаш Мирзоумед. Ин корро саришта ва сардорӣ карда метавонад».

Ва дар аморати Бухоро на фақат шифохона, балки китобхона ҳам набуд, – китобҳо дар таҳхонаи Арк мағор баста чанг мехӯранд, ва ин давлат китоб чоп намекард, – котибон дастӣ нусха мебардоштанд, ки ба як кас расад, ба саду як кас намерасид, ва китобхон, ба мисли китобати босифат, камёбу нодир буд, ва дастовардҳойи илм, ки дар замонҳойи Сомониён рушд дошт, ва баъди он таназзул кард, ба майдони амал намебаромад; ва Амири вақт, бино ба шунидаҳо, ба зоҳири он тақлид мекард, – дар боргоҳи шоҳон аҳли адабу аҳли тараб ғун меомаданд, – ва ӯ ҳам ғун овард, муносиби завқи худаш, албатта, вале намедонист, ки ақлу заковати онҳо барои чӣ даркор аст, ва онҳоро мефармуд, ки «хидмати маро кунед! Дар маҷлисҳойи айш шеър хонеду латифа гӯед! Дар сафарҳо аз дунболи ман кашола шуда гардед!» Ва худаш ҳам, хар аз хар монад, гӯшашро мебуранд, гуфтагӣ барин, ба онҳо тақлид карда, муносиби фаҳму фаросати худаш ва хушомадгӯёнаш, шеъракое мегуфт, ва дар маъракаи айшу ишрат мехонд, ва шоиракону мутрибаконе, ки даъват шудаанд, лаблесон калла меҷунбониданд:

– Бай, бай! Дурри маънӣ суфтаед! Ҳама шоирон як сӯ буд, шеъри амирам як сӯ.

Ва ростгӯёни шаҳр андаруни маҷлиси Амир ҳамдиле доштанд ва ин ҳамдил дар лаҳзаҳойи дилтангӣ (агар аз он дарун ба берун омада тавонад!), сар мехалонид ба маҳфилашон, ва заҳри дилашро мебаровард; ва рӯзи Душанбе, баъди намози пешин, вақте ки Амир ба тамошойи сабқати дегчапалав рафт ва баъди он ки Раис аз Қозикалон танбеҳ гирифт, ки минбаъд бе маслиҳати ӯ қароре набарорад ва ба коғазе мӯҳр намонад, ва баъди ба агентии сиёсии Русия узр пеш овардани Қкшбегӣ, ки ҷанҷоли мактаби нав кори ду–се муллост, на сиёсати давлат; вай ба маҳфили ростгӯён омад, ва хабарҳойи тоза овард, ва шеъри Амирро, ки бегоҳи якшанбе дар базм, дар Ситорамахоса, хонд ва надимон фарёд кашиданд, ки «Зиҳӣ, аморатпаноҳо! Доди суханро додаед!», маззакунон ва таъкидкунон қироат кард:

*Эй фалак, андеша кун, моро ҷигархун кардаӣ,*
*Нола бе мизроб аз ҳар тор берун кардаӣ.*
.............................................

– Ягон кас ёфт нашуд, ки бархезад ва бигӯяд, ки эй мунофиқ, мо аз дасти ту шикоят мекунем ва аз тақдири бад менолем. Ту аз кӣ шикоят мекунӣ ва аз чӣ менолӣ, ки дар ҳарамат фақат аз зан чилто дорӣ.

Соҳибхона, ки маҳфили ихтиёрӣ аз меҳмонони ҳамфикр ва ҳамдард, гоҳу бегоҳ ва пешу қафо, гирд меомаданд, на дар пешгоҳ, ва на дар поён, дар байн нишаста буд, ва дигарон дар атрофаш

– Ман гуфтам, нахеста, овоз набароварда, дар дилам гуфтам.

Ҳозирон табассум карданд, – табассумҳойи ҳархела – талх ва тунд ва турш, ва ҳатто бо таассуф, ва яке луқма партофт:

– Умри мо ҳамин хел мегузарад. Гапамонро доимо дар диламон мегӯем. Ғайратамон ҳамин қадар.

Аҳли сӯҳбат давродаври хона ва гирди дастархон ба ҳар тартиб нишастаанд, – ёнбош, чорзону, чука, ба пушт, парӯ, ки хилофи одоби маъмули давр аст, ва оҳанги эътироз дорад ба тартиботи ҷорӣ, ва дар симову либосашон ҳам нишонаҳойи ин эътирозу нописандиро намоён кардаанд, – ришу бурути кӯтоҳ доранд, камзӯл пӯшидаанд, салларо якшоха бастаанд, пойро луч кардаанд, …ки аз аҳли умарову уламои замон фарқе дошта бошанд; ва дар ҳақиқат ҳам аз дигар дарбориён фарқ мекарданд, зеро ки аз ҳар табақаи мардум буданд, ва қозӣ бошанд, дар қазоват ва муфтӣ бошанд, дар фатво ва мӯҳтасиб бошанд, дар тақво ва олим бошанд, дар амал ва омӣ бошанд, дар иҷро, аз ростӣ намекостанд, ва дар Бухоро, ки чунин рафтору кирдорҳоро саду панҷоҳ сол пеш ҳаром ва хислати одамони тарсу эълон карда буданд, вуҷуди чунин маҳфиле дар чунин мулке афсона барин менамуд, ва онро Маҳфили Ростгӯён ном ниҳоданд, ки рост гуфтан, дар ин аморат баробар буд ба радди маърака шудан, ва дарбору дарбориён ба хуни онҳо ташна буданд.

– Боғайратон ҳастанд, ҳанӯз решаи онҳо хушк нашудааст. Мавридаш расад, баъд мебинед.

– Ба ҳамин рафторе, ки мо, мардум, дорем, Худо медонад, ки ба ин қарибиҳо мавридаш мерасад ё не. Хушомадгӯ ва лаганбардор ва бетарафу бепарвоямон бисёр. Аз ҳад бисёр.

– Ин хел рафтор дар ҳама ҷойи дунё ҳаст, домулло. Дар ҳама ҷойи дунё мавридаш мерасад.

– Дар ҳамаи рӯйи дунё мавридаш расад ҳам, дар Бухоро мавридаш намерасад. Нишонаш нест. Худатон дар чор вилоят қозӣ будед. Дар чор вилоят кор кардед. Ба чашми худатон дидед ҳоли мардумро. Соле ду бор –дар баҳору дар тирамсоҳ, – ҳафт ё даҳ хел андоз мегиранд аз онҳо. Ин ҳама маблағ ба куҷо меравад ва дар куҷо сарф мешавад, сирф намедонанд. Аз ин бобат забон кушодан ва пурсидан, ҳатто ба хотирашон намерасад. Ба ҳамин аҳвол одат кардаанд. Як ташвиш ва як ҷунбиш доранд, – як илоҷ ёфта андозро диҳанд ва ҷонашонро халос бикунанд. Он та-

рафаш ба онҳо дахл надорад. Он тарафаш кори Амиру Вазир. Ба ин аҳвол маврид аз куҷо пайдо мешавад?!

– Мударрис, боз илова бикунед, ки буду шудашонро медиҳанд, боз хурсанд мешаванд, ки бало аз паҳлуяшон гузашт. Баъд худашон соли дароз, ё ки як умр, шукр карда мегарданд, – шукри Худо, ки бо пойи худ мегардем! – вале пояшон луч, шикамашон гурусна, либосашон ҷанда, бо таҳорату бе таҳорат, дасти дуъо ба осмон мебардоранду ба рӯй мекашанд, ки «умри Амирамон дароз шавад! Дар ду дунё сарашон дардро набинад!»

– Мо аз қазовати худ, ғайр аз зарар, дигар чизе надидем. Ҳар кори ҳалоле, ки кардем, оқибат ба ҳаром баровարданд.

– Боз умед доред, ки мавридаш мерасад ва ҳалолкорон рӯйи об меоянд?

– Умедворем. Агар чунин набошад, ҷаҳон обод намешавад.

– Ман, аз ин замону аз ин макон, ҳеҷ умеде ба беҳбудӣ надорам.

Кунҷакнишастае, ки асои дасташро пайваста ба замин мекӯфту хомӯш меистод, асо болойи сар бардошт:

– Аз ӯроқ пурсем. Ӯроқ гӯянд, ки дар пушт рӯшноӣ надидем, дар пеш рӯшноӣ намебинем, ҳоли мо тағйире меёбад, ё то қиёмат аҳволамон ҳамин аст?

– Не, то қиёмат як хел намемонад. Корҳойи ҷаҳон ҳеҷ вақт дар як қарор набуд ва минбаъд ҳам дар як қарор намеистад. Ҳар сархӯре як рӯз не, як рӯз, сари худашро мехӯрад.

– Кай? Чӣ тавр?

–Ҳамон тавре ки дар таърих то ба имрӯз шудааст.

– Ай устод! Кӣ мекунад ин корро?!

– Аз дохил не, аз хориҷ мекунанд. Ягон қувваи беруна. Ба ҳафтсад соли охир нигаред! Як қабила омадааст, сари як қабиларо хӯрдааст ва ҷояшро гирифтааст. Ҳамин тавр бо навбат. Мо ба ҳамааш тоқат кардаем. Бо ҳамааш кор кардаем. Ба ҳамааш тан додаем. Чашмамон намерасад, ки худамон як кори дурусте карда тавонем.

– Ман ин хел тоқат надорам. То кай нигоҳ карда шинам, ки касе аз берун биёяд ва дасти маро гираду аз бало берун барорад! Ягон тадбири дигар даркор.

– Тадбир, ҷаноби мӯҳтасиб, ин аст, ки тақдирамон чунин будааст. Тақдирро тағйир дода намешавад.

– Ман ба чунин тақдир розӣ нестам!

Ва ин мӯҳтасиб, ки ба чунин тақдир тан додан намехост, ба таҷрибаи рӯзгор нигарист, ба андеша гирифт ва қиёс карду хулоса баровард, ки айб дар Қозикалон аст, – вай шаръи шарифро пухта намедонад, қазоватҳойи нодуруст мекунад, ва ба ин сабаб мулк вайрон шудааст; ва ман ба ӯ хатоҳояшро гӯям, вай ба роҳи дуруст медарояд ва олам гулистон, мебинӣ, ки об ба лаби ҷӯ баробар шудааст; ва ӯ, дар як сӯҳбати хосаи Амир, дар ҳузури аъёну ашрофи зиёде, ки ҳамаашон дастон пеши бар таъзими заминбӯс мекарданд, ва ҷумла қабоҳатҳойи амoратро ба чашми вазорат малоҳат нишон медоданд, ба Қозикалон муроҷиат ва ба Амир гӯшзад, хатоҳойи вайро як–як шумурд:

– Аввалаш, бист сол шуд, ки золимро ҳимоя мекунеду ба мазлум зулм. Баъдаш, муллоҳойи доноро чашми дидан надоред, вале нимчамуллоҳоро рӯйи даст бардошта мегардед. Сейюмаш, ҷойи Инсофро соф ба Беинсофӣ додаед. Чорумаш, дар даврони шумо ҳаром раво шудаст. Ҳеҷ кас аз рибохӯрӣ ибо намекунад… Хулласи гап, ҳар вайроние, ки дар аморат шуду мешавад, аз касофати шумо рӯй додааст, ки фармудаҳойи шаръи шарифро риоя намекунед!

– Домулло, Шумо одами сипоҳпеша. Шаръи шарифу фармудаҳойи онро намедонед.

– Аз шумо беҳтар медонам. Аз ҳафт пуштатон, ки паси ниқоби қозиюлқузотӣ, шариатфурӯширо касб кардаетон, сад бор беҳтар медонам.

– Беҳтар донед, дар амал санҷида мебинем, – ба харханша хотима дод Амир ва…

Ва як ҳафта нагузашта мӯҳтасибро водии Қубодиён фиристонид: «Равед, аҳволро тафтиш кунед, ба ман нависед». Ва мӯҳтасиб ба роҳ баромад, бо роҳи Қаршӣ ва Тирмиз,

аспсавор ва бе тӯша, ва дар Қубодиён ӯро аз ҷар ба рӯди Вахш тела доданд, ва ҳарра[1] шуда, ба ҷӯши об рафта заданашро тамошо карданд, ва ба Бухоро хабар фиристониданд, ки «ҳарчанд ҷасадашро наёфтем, лекин дар лаби ҷар ҷанозаашро хондем». Ва минбаъд дар аморат касе ғайрат надошт, ки ба рағми тақдир садое баланд бикунад; ва хокпоше аз гуруснагӣ бимирад, ба гардани тақдир ҳавола мекарданд, ки «дар пешонияш навиштагӣ будааст». Ин хати пешонӣ ягона таъбири илмӣ буд. ки ин мардум медонистанд, ва ягона тасаллояшон дар зиндагӣ буд, ва умрашон ба умеди хати пешонӣ мегузашт, ва барои кашфу эҷоди олоту асбобе фикр намедавониданд, ки ину он мушкили рӯзгорашон обод бишавад; ва кундиву танбалӣ ҳамаро фаро гирифт; ва чун қойида дар ин хел ҳолатҳо аҳли фиребу найранг ва макру ҳила обрӯ пайдо карданд ва бозорашон гарм шуд, – табиб фақат бо дуди сипанд саду як дардро табобат мекард, ва аз он саду як бемор яктааш ҳам шифо намеёфт, вале молу мулки табиб меафзуд ва ӯ ду зану се зан мегирифт, ва шӯҳраташ даҳон ба даҳону деҳа ба деҳа мерафт, ки мурдаро зинда мекунад; ва он қадар мухлис ба таги остонааш меомад, ки дар кӯча намеғунҷид; ва силкасале, ки як буз ва як пуд арзан ва як ҷӯра карбос дошт, ҳамаашро бурд ба вай дод ва табобат гирифт, вале сиҳат нашуд; ва дар ин якуним соли рафтуомад ба хонаи табиб дардаш сироят кард ба аҳли байт ва хешу таборон ва ҳамсояи дуру наздик, ва як деҳа одам гирифтор шуд ба дарди сил. Ва фолбин, ки бино ба овозаҳо бобою бобокалонаш ғайбдон ва авлиё гузашта будааст ва бо шипондану кина баровардан муфлисро доро вадороро муфлис карда метавонистааст, гӯши корафтодаро кашид ва дастҳояшро сахт дошта силтав дод, такон дод, ва ба тахтапушташ тап–тап зад:

– Аз чорпо чӣ дорӣ?

– Як ғуноҷин ва ду-се тухливу чапиш.

– Чапиш намешавад. Тухлиро куш. Гӯштро аз устухон ҷудо кун. Гӯштро садақа кун. Устухонро даруни пӯст андоз, печон ва бурда дар ягон ҷойи дур гӯр кун. Ман дидаму ту надидӣ, ҳамаи балоҳо аз сари ту, аз хонаи ту гум

мешавад.

Ва корафтода, ки бачу качаш ду сол боз рӯйи гӯштро надидаанд, бовар мекунад, мераваду ҳамин корро мекунад, ва гӯштро фолбин мехӯрад албатта. Хоҷаи Хизр ва Хоҷаи Рӯшноӣ дастгири ин ҳама табибу азоимхону фолбину афсунгару ғайбдон ҳастанд, ва арвоҳи пиру мазорҳо ба онҳо ёрӣ мерасонанд, ва чун ҳамеша дар рӯзи сахт мардуми заҳматкаш на дастгир дорад ва на мададгор.

Ва дар Самарқанд, дар дастгоҳи губернатор, мудири шӯъбаи тарҷума Виктор Куклин, ба Азизмурод таъна зад:

– Даҳанкалонӣ мекунӣ, ки мо фалон ҳастему меҳмадон будем. Лекин номи узвҳойи баданатонро намедонед.

– Яъне, чӣ тавр намедонем?

– Аз гардан боло ноҷӯрие бошад, мегӯед, ки сарам дард мекунад. Ноҷӯрие аз гардан поён бошад, мегӯед, ки дилам дард мекунад. Баданатон дигар узв надорад.

– Ту бехабарӣ аз тиббу табобати мо. Намедонӣ, ки «Алқонун»-и Абӯалӣ Сино ҳафтсад сол, дар донишгоҳи тиббии Аврупо, китоби дарсӣ будааст.

– Шунидам ҳамин хел як даъворо. Лекин ҳарчанд ба гирду пеш менигарам, ҳеҷ нишонае ба чашм намерасад. Девона шавад, давояш банду занҷир, дойразаниву ҷаъркашӣ табобати касали саратон, табларза гирад, чораш куфу суф, вабо биёяд, пешгириаш азони бевақт... Одатҳое, ки аз замонҳойи ваҳшоният боқӣ мондааст.

– Ваҳшониятро кӯчманчиён оварданд. Аз саҳро барои ғорат омаданд ва маърифату маданиятро, ки ғоратро ҳаром медонад, поймоли аспу шутур карданд. То омадани онҳо ин хел набуд. Пеш аз омадани онҳо, ба илми тиб ва химия, ва алгебра бобоёни мо асос гузоштаанд. Тақвим ва спиртро бобоёни мо ихтироъ кардаанд...

– Асос гузоштанд, ихтироъ карданд... Натиҷааш канӣ? Чӣ шуд, куҷо рафт?! Замин кашид, ба осмон баромад?

– Муҳити фазлу дониш аз байн рафт. Ба ҷояш муҳити ҷаҳлу ҷаҳолат омад. Кӯчиён коре, ки метавонистанд, ҷангу ғорат буд. Ҷангу ғорат мудаввом, ки шуд, фарҳанг ба фаромӯшӣ рафт. Китобхонаҳо сӯхт. Китобҳо ба тасбеҳ

надаромад, – намехонданд, дарс намедоданд, тарғиб намекарданд. Кашфиёт ва ихтироъи бузургони мо аз саҳифаҳои китобҳойи камшумор берун наомад. Кор накард. Илме буд беамал. Баъд натиҷа аз куҷо мешавад?

– Одам беҳунар бошад, баҳонааш бисёр. Ба худаш нигоҳ намекунад. Айбро гардани дигарон партофтан мегирад, – вай халал расонд, ин зарар расонд.

– Мо мардуми беҳунар нестем. Ба мо имкон намедиҳанд, ки ҳунарамонро нишон бидиҳем.

– Шумо аз гузаштаатон бисёр мефахред, вале ҳозира надоред. Боре ман шоҳид будам, ки шаш марди ҳузарб бо ихлосу эҳтиром ба як нафари саллакалон хидмат мекарданд, ки «усто, пеш гузаред, усто, аз боло шинед, усто…» Пурсидам, ки «усто чӣ ҳунар доранд?» Ҷавоб доданд, ки «бобойи бобояш сабадбоф буд». Ҳозир ҳамон сабадро ҳам хушсифат бофта наметавонад.

– Метавонем, метавонем, фақат муҳит надорем.

– Муҳитро созед. Ягон каси дигар омада ба шумо муҳит месозад?!

– Ман ҳам кайҳо боз андар ин андешаам.

Гоҳ-гоҳ воқеъ мегардид чунин баҳсҳо ва ҳар вақте ки ба вуқӯъ пайваст, баъди анҷом, ба дили Азизмурод сиёҳӣ медаромад, – гӯё кори баде карда бошад, ки ислоҳаш даст намедиҳад; гӯё гуноҳ аз ӯ гузаштааст, ки номи Сино ва илми Сино фаромӯш шудааст; ва ӯ азоб мекашид, – офтобро бо доман пинҳон карда намешавад, Виктор дуруст мегӯяд, дидагиашро мегӯяд; худаш ҳам медонад, ки аҳвол ҳамин аст, вале аз забони каси бегона ва ба тариқи таъна шуниданаш алам кард, ва ин алам дарде шуду қафаси синаашро тазъиқ дод ва ба шикам фуромад ва вуҷудашро фаро гирифт, ки сих намезад ва намесӯхт, – кунд буд, кунда буд, ки фишор меовард ва хунаш вайрон мешуд, ки силоҳ ба даст, бе даъват ба хонаи ту дарояд, аз дастархони ту обу нон бихӯрад, ва боз ба ҳолат бихандаду таҳқир бикунад, баъд ҷонат намебарояд?!

Ва хунаш меҷӯшид, ва ғайраташ боло мегирифт, ки хомӯш истодан даркор нест, – як рисола ва ё як достон бинави-

сад аз ҳаёти одамони наҷибу қавиаш ва ба ин олими аз рӯзгори халқи бумӣ бехабар нишон бидиҳад, ки «мо низ мардони мард дорем, мо низ ихтироъу эҷод кардаем, мо низ нангу номусро медонем». Баъд ба гирду пеш менигарист, ва аз рӯзгор маводу мисоле меҷуст, ва бисёр меҷусту намеёфт мисолу маводе, ки дилаш мехост, маводу мисоле, ки муносибу мувофиқи даъвояш бошад, ва такя ба он дошта бошад ва лӯнда карда ба даҳони Виктор бизанад, ки дамаш дарун афтад. Набуд ин хел мисолу ин хел мавод. Дуруст ки як замонҳо будааст, ҳоло нест…

Ва аз фарти ғазаб вай ҳама айбу эроди мардум ва ҳама талабу фармуди авлоду аҷдодашро пушти по зад, ва ҳар ду писарашро ба мактаби русӣ дод…

Ва дар Бухоро фикрҳойи бедор ба ҷунбиш даромаданд, ва ба ҷӯйи муроди онҳо аз рӯдҳойи ҷавонтуркони Истамбул ва инқилобиёни Петербург об меомад.

5

Дар Бухоро ҳар касе, ки «хоки мадраса лесида» бошад, ба номи мулло машҳур аст, ва муллоҳо асосан ду сифат доранд, – доно ва нодон; ва муллоҳойи доно онҳое буданд, ки мутолиъа доштанд ва фикр мекарданд; ва онҳое, ки мутолиъа надоштанд ва фикр намекарданд, муллоҳойи нодон буданд; ва доноҳо аз пайи коре мегаштанд, ва нодонҳо овози баланду даъвойи мансаб доштанд; ва гурӯҳи якум шумораи хеле кам дошт, дар ҳоле ки гурӯҳи дуюм шумораи аз ҳад зиёди «саводдоронро» фаро мегирифт; ва муҳит чунон созиш ва парварише дошт, ки гурӯҳи дуюм, гурӯҳи якумро баддин ва бадбин медонист ва кофир мегуфту бадном мекард, ва ба корҳойи маърифатӣ ва рӯшангарӣ ва маъмурӣ роҳ намедод; ва аҳвол бадин сурат ҷилва мекард, ки илму амали доноён аз остонаи хонаашон берун баромада наметавонист; ва ҷомеъа ба дунёбехабариву фориғболӣ хӯ гирифт, ва ҷунбише зарур афтода буд, ки мардумро аз ин карахтии карахт барорад; ва мулло Бурҳон дар хонааш мактаб кушод, ки аз мактабҳойи маъмулии масҷиду мадраса фарқ мекард, – хондану навиштанро баробар ёд медод; ва мулло Абдураҳмон, ки

баъди маъзул гардонидани Раис ва фирориву гуреза кардани Қурбонмуроди муфтӣ, қаҳрамони ин майдон медонистанд, ҷомаро чаппа пӯшид, ва мактаби навро куфр эълон кард, ва тӯдае аз муридонашро ба кӯчаҳо баровард; ва Қушбегӣ, аз тарси он ки ин муллоҳо боз балво мехезонанд, мулло Бурҳонро ба Арк даъват намуд, ва бо фармон мактабашро баст, ва худашро танбеҳ дод, ва забонхат гирифт, ки аз ҳамин соат ба баъд рӯзнома нахонад ва ба мактабу мактабдорӣ машғул нашавад, илло гила аз худ бикунад! Ва Азизмурод аз Самарқанд ба Бухоро, ба мулло Бурҳон нома фиристод, ки «фозили мӯҳтарам, як дар баста бошад, сад дар кушода аст. Партоед Бухороро, бархезеду биёед ба Самарқанд. Дар ин ҷо майдони илму амал фарохтар». Ва худи Азизмурод мубалиғи мактабҳойи русӣ шуд, – «мусулмонон аз мактабҳойи рус ҳазар накунед! Фарзандонатонро баред ба мактаби урус! Хонанд дар мактабҳойи рус ва мисли мову шумо нодону беҳунару ғофил нашаванд!»

Ва мактабу матбуоти рус, ки фақат шуниданаш ғазаби муллоҳойи Осиёи Миёнаро бедор мекард, дар Тошканд, дар Хӯқанд, дар Самарқанд, дар Хуҷанд доман мегустурд, ва каму беш ба берун, ба Хева ва Бухоро ҳам сар мехалонд; ва мардуми бедор, он қисми камшумори китобхону газетахон, ки корҳойи ҷаҳонро ба муқоиса гирифта ғам мехӯрданд, ки «мо ҳам фарзанди одамем! Кай зиндагии одамворро ёд мегирем?!» ва аз ноилоҷӣ фарёд мезаданд, ва фарёдашон на ба гӯши давлат мерасид ва на ба гӯши раъия; медиданду маърифат мекарданд, ки мурод аз мактаб кушодан ва мактаб хондан, қориёд кардани чанд оят ва дону нодон тафсир додани он, ва умре ҳамон оятҳоро хонда, аз дастархони маъракаҳо шикам чаронидан ва ба дармондаву корафтодаҳо дуъо додану музд ситондан набудааст, – мактаб ҷойи илму амал будааст, ва мактабхонӣ барои донистани қонунҳойи табиат ва қойдаҳойи ҷамъият будааст, ки Инсон ҷаҳонро ободнигоҳ дошта тавонад, чунонки фарангиҳо кардаанд, чунонки русҳо дар пеши чашмамон карда истодаанд, чунонки Виктор Куклин мекунад!

Ва ин Куклин аз сафару саёҳат, аз дидану омӯхтан ва тарҳ

кашидану навиштан, ва аз газет баровардану китоб нашр кардан, ҳеҷ хаста намешавад, гӯё ки ҷонаш аз санг бошад, – имрӯз дар Зарафшон, пагоҳ дар Бадахшон. Ҳоло дар Бухоро гаштааст. Бори аввал ошкор ва озод ва ба ҳар ҷое дилаш хоҳад, меравад, ва ёд меоварад, ки дусад сол пеш, дар замони Пётри Кабир, нахустин фиристодаи ӯ ба Бухоро, дастури махфӣ гирифта буд, ки «Ҳар қадар ки метавонад, роҳҳойи Шарқро омӯзад. Роҳҳойи заминӣ ва обияшро аниқ бикунад. То ҷое имкон дорад, савдойи моли русро вусъат бахшад. Тавонад Амирро розӣ бикунад, ки Бухоро бо Русия шартномаи ҳарбӣ бубандад. Агар Амир майл дорад, Русия аскар мефиристонад, дар қатори сарбозони хосааш нигоҳ дорад. Фаҳмад ки кони тилло чӣ қадар ва дар куҷоҳост». Баъдҳо низ гаштану дидани ин кишвар пинҳонӣ буд. Агар фош мешуд, мекуштанд, ва раҳм кунанд, ба ҳабсхона мепартофтанд. Ҳоло замона дигар шудааст. Муносибатҳо дигар шудааст. Имрӯз сайёҳолимони русро Амир худаш пазиройӣ мекунад. Қушбегӣ ёрӣ мерасонад, ва ҳокиму бек роҳбалад медиҳанд, ки «меҳмонони азизанд». Ва меҳмонони азиз ҳаваси дидани мазори Баҳоваддини Балогардон карданд, ва шаҳна пеш даромаду ба он ҷо бурд, ва тамошо дод:

– Болойи бомро бинед. Дар сари ходаҳо шохи гов ва шохи гавазн. Рамзи қудрат ва шаҳомат. Аз муқаддасоти мазор ва мулк.

Сипас, ба лаби ҳавз бурд:

– Оби муқаддас. Ба саду як дард даво. Як бор оббозӣ кунед, гуноҳи садсолаатон мерезад.

Меҳмонони азиз ба оби ҳавз нигаристанд, – нофармон, ба дарунаш карасин рехтагӣ барин, чиркин, дилнокаш, – табъашон хира шуд, вале сир бой надоданд, зеро таълим гирифта буданд, ки «ҳар неку баде бубинед, ҳиссиётатонро зоҳир накунед, урфу одаташонро пос доред, ба бинишу донишашон эрод нарасонед, бо сабру таҳаммул ба дилашон ҷо гиред, фардо ин ҳама ба корҳойи мо ёр мешавад», ва ба оби ҳавз даромада пок шуда, баромаданд; ва шаҳна бибурд онҳоро ба хонақоҳи сӯфӣ, ва меҳмонон диданд, ки як тӯда ҷандапӯш, дар сар саллаҳойи хурду калон, росту нимхез, ва

нишастаю ёнбош, давра гирифтаанд ва суруд мехонанд, ва рақс мекунанд, ва ҷаър мекашанд:

– И-я! Ай! Уу! Илоҳо, ё ҳу илолоҳ!..

Ва халқи бисёре тамошобин – инҳо бозориёнанд. Чоршанбе дар ин ҷо рӯзи бозор ва онҳо имрӯз сешанбе омадаанд, ва аз «бекорӣ, кадукорӣ» вақт мегузаронанд, ва гуфтугӯйи завқоваре доранд байни худ:

– Тамошойи бепул. Кайф кунед!

– Беҳтарин ҷойи дамгирӣ.

– Доим зери бори ғам ҳастем. Фақат дар ҳамин ҷо як дами беғам мезанем. Ба шарофати қаландарҳо.

Ва шаҳна ба сӯҳбати онҳо шарик шуд:

– Мардони Худоянд қаландарон. Мардони Худо аз таъқиб ва аз ғам озоданд. Дидорашон роҳате дорад. Дил таскин меёбад.

Ҳангоми аз мазор берун омадан суратгири меҳмонон, бо рухсати шаҳна, дар таги дарвоза сурати бисёре гирифт, – сурати харон ва харкорон. Харҳойи дар мех бастагӣ. Харҳое, ки харкор аз гарданаш доштааст. Хару аспе, ки бор ва савор дорад. Харкоре, ки аз паси хару асп ва бору савор, пиёда медавад…

Баъди зиёрат Виктор аз шаҳна пурсид:

– Каромоти ин бузургвор чист?

Шаҳна ҷавоб дод:

– Ҳазрати Баҳоваддини балогардон ҳафтмоҳа таваллуд шудаанд, дар ҳафтсолагӣ қуръонро ҳифз кардаанд, дар ҳафдаҳсолагӣ фавтидаанд.

Виктор хандид:

– Ман аз синну солаш напурсидам, аз кору кирдораш пурсидам.

Шаҳна ҳам хандид:

– Ман аниқ намедонам. Ҳеҷ кас аниқ намедонад. Мегӯянд, ки замини бисёр дошт. Рамаҳойи гӯсфанд, подаҳойи гов, галаҳойи аспу уштур дошт. Худаш одами камгап буд, бузкашӣ ва пойгаро дӯст медошт. Ба халқ нону ош медод.

– Баройи ҳамин муқаддас аст?

– Надонам. Баройи ҳамин будагист.

Ва Виктор аз таассуроти ин зиёрат мақола навишт ва дар газетаи «Туркистанские ведомости» чоп кунонид; ва аз ҳаёти мардуми Осиёи Миёна мақолаҳо навиштан ва китобҳо баровардан, аз тарафи олимони рус хеле боравнақу ривоҷ буд, ва барои таҳқиқоиҳо ин ҳама ташвиш, як кори нав ва беҳуда менамуд, ки «бекор мардуме ҳастанд ин олимони урус, – ҷон коҳонда пасту баланди заминро чен мекунанд, буттаву дарахтро мешумуранд, аз гулу алаф намуна мегиранд, дар кӯҳу камар мегарданд, чӣ манфиате мебинанд аз ин корҳо, ҳеҷ кас намедонад». Ва мардуми бумӣ ба ҳоли табоҳ ва нодонии олимсайёҳони рус механдиданд, ки соддаҳо чизе гум накардаанду кофта мегарданд; ва олимсайёҳон ба фаҳму фаросат ва нодонии бумиён механдиданд, ки ҳавсалаи кор надоранд – кишварашонро намеомӯзанд, рӯзгорашонро намеомӯзанд…

Ва худи русҳо меомӯхтанд. Ва дар охирҳойи баҳор, дар мавсиме, ки сабзаи даштҳо ҳанӯз навиғидааст, ва дашту даман яксон аз алафу гул мурғак меравад, ва киштҳо сар кашидааст, ва дарахтон аз гул фуромада, мева об гирифтааст, ва обҳо аз байни сангу карафсу ҳулбӯ равонанд, рӯзе қофилаи олимсайёҳон ва олимҷосусон аз доманаи кӯҳу адири Ҳоҷӣ Ипак мегузашт: ва ин манзара мафтунашон кард, ва Виктор барои Петербург матни телеграмма тартиб дод: «Ҳоҷӣ Ипак хуб ва хуш маконест. Баройи муҳоҷирони мо ҷойе беҳтар аз ин ёфтан душвор аст. Иқлимаш ба иқлими Каменеск – Подолск монанд. Гандуму ҷав хеле хуб мерӯяд. Дар кӯҳистони Бухоро, гумон мекунам, ки ин хел ҷойҳо хеле бисёранд. Мо дар омӯзиш ва фатҳи Манҷурия вақт ва қувваи зиёде сарф мекунем, вале самараи кам мебардорем. Майдони ҷавлони арзон ин ҷост. Хатоҳоро ислоҳ бикунем, манфиати бештаре мебинем».

Ва пиёда ва савора қадам ба қадам кӯтоҳ мекарданд роҳи шаҳрҳо, деҳаҳо ва роҳи водиҳову дараҳо ва дар ҳама ҷо истиқболи гарм ва гусели нарм медиданд аз ҳокимону бекҳо; ва ба ҳар ҷое расанд, сурат мегирифтанд, тарҳ мекашиданд, ва ҳикояту ривояти шунидаашонро менавиштанд ва ба

рӯҳияи мардум шинос мешуданд, ва номи маҳалҳо ва аз кадом ҷониб будани дари хона ва оғилҳоро нишон медоданд, ва … Ва аз маҳаллаи Талошакон, ки бошандагонаш ҳар чизеро бинанд, талош карда мегирифтанд, беозору безарар гузаштанд; ва ба зисту зиндагии нонталабон, – туркманҳойи қаҳтизадае, ки ба умеди ёфтани як луқма нон, қади рӯди Омӯ фуромадаанд, шинос шуданд; ва аз ҳамвориҳо ва шикастагиҳо гузашта, ба дара даромаданд, – дарайи танг, буттазор, пур аз новаю зов, ва дар боло шаххҳойи баланди ҷулин ва қуллаҳойи нӯгтези пасу пеш ва дарозу кӯтоҳ, ва дар қаър як рӯдчаи тезҷараён, ки рафташ роҳгардии морро нусха бардоштааст, ва роҳи пурхавфу хатар; ва аз бағали кӯҳ, аз бузраҳаи регрези нишеб, ду савор аз пеш пайдо шуданд, – аспсаворанд ва аспҳояшон майда, андаке калонтар аз хар; ва дар ин талоқи бероҳа чунон чолок роҳ мегарданд, ки гӯё дар дашти васеъ бошанд. Ин саворонро амлокдори Қайнар фиристонидааст, ки меҳмонони азизро пешвоз бигиранд, ва роҳбалад бошанд, ки аз тангии Бузғолахона сиҳат ва саломат бигзаронанд. Ва дар даҳони тангӣ яке аз он фиристодаҳо ба Виктор лоф зад:

– Аз ин тангӣ ҳар кас гузашта наметавонад. Дар ин ҷо сарбозони ҳазрати Искандар хок шудаанд. Ба ҳар кас роҳи гузар намедиҳанд. Фақат ба ман роҳи гузар медиҳанд. Ман дуъояшро медонам.

Ва Виктор аз дил гузаронд: «Чӣ мардуме ҳастанд ин мардум?! Александр пеш аз мелод нест шуд. Як ҷаллод буд, ки ба ҷаҳаннам рафт. Инҳо, дар охири асри нуздаҳи мелодӣ, ӯро Шумо мегӯянд?! Ва аз хоки сарбозонаш метарсанд! Боз умедашон ба дуъо? Ғайр аз дуъо дигар умеде надоранд гӯё!» Забонаш хорид, ки ин суханҳоро гӯяд ба роҳбалад, вале худдорӣ кард, – дар Петербург, дар вазорати ҳарбӣ, ба онҳо таълим дода буданд, ва ҳар рӯз таъкиду таҳдид мекарданд, ки «Императори Аъзам фармудаанд ва ҳамеша дар ёд доред, ки мо истилогар нестем. Мо халосгар ҳастем. Мо таҳқир намекунем. Мо ҳамдард мешавем. Мо бояд бидонем ва як лаҳза фаромӯш накунем, ки қуръон ва шариат ва одат, се рукн ва се бунёде ҳаст, ки ҳаёту мамоти мардуми Осиёи

Миёнаро идора мекунанд. Риояи шариат ва одат, бахусус қуръон, ки решаи онҳост, воҷиб аст бар мо. Агар мехоҳем танҳо ғолиб ва ҳукмфармо набошем, агар мехоҳем фардо соҳиби ин мулк бошем ва бо мардумаш ончунон махлут бишавем, ки ба як гӯшаи хоки давлати пуршавкати рус будани он касе шубҳа накунад, аз ин фармуда сари мӯйе берун наравем.» Ва Виктор аз ёд медонист ин матнро, ва сари мӯйе берун намерафт, ва ин муомила ба таҳҷойиҳо хуш меомад, ва касе аз урусҳо шинос дошта бошад, боиси ифтихораш мешуд, ва ҳатто дар ҷомеа як навъ имтиёз ҳам медод, ки «ҷӯраи урус дорад».Ва Виктор суханони нӯги забонашро фурӯ бурд:

– Дуояшро донед, моро сиҳат саломат мегузаронед.

Ва аз лаҷоми аспҳо дошта ва аз гӯшаи бори харҳо бардошта, ва пеши по хӯрда, ва лағжидаву хеста, ва ба обу арақ ғӯтида, гузаштанд аз Бузғолахона; ва дар Деҳнав хобидаву хӯрда, баъди даҳ рӯз ба худ омаданд, – кӯфти роҳ бароварданд, ва хару хингилашонро дам доданд; ва Виктор дар рӯзномааш навишт, ки «Деҳнав пеш аз салтанати манғитиён шаҳри ободе будааст. Гурба аз Деҳнав то ба Тирмиз рӯрӯйи бом мерафтааст. Бозори Тирмиз ончунон калон ва ончунин серодаму сермол будааст, ки садойи гиру те ва раву биёяшро дар Балх мешунидаанд. Алҳол аз он ободиҳо чизе боқӣ намондааст»; ва ба унвони вазорати ҳарбӣ, ба шаҳри Петербург, телеграмма фиристонд: «Води Ҳисорро бигирем, муносиб аст, ки Деҳнав марказаш бишавад».

Ва дар Қаратоғ, дар зиёфате, ки беки Ҳисор ба эҳтироми меҳмонон, дар лаби рӯд ороста буд, Виктор сифати шаҳри Деҳнав кард:

– Мавқеи хуб дорад, лекин обод накардаанд. Вақташ мерасад ва обод мекунем. Умуман дар аморати Бухоро ободӣ қадр надорад. Вақташ биёяд, тағйир медиҳем ин фаҳмишро. Сарват дар ин ҷо аз сарвати Урал бештар асту камтар нест.

Беки Ҳисор луқма партофт:

– Ман эътимод дорам, ки Бухоро боз қомат рост меку-

над. Ғазаби Худо беохир нест.

– Шояд. Лекин ба ин қарибиҳо не. Ту, Азизмурод, ба забони худатон, сода карда, ба инҳо фаҳмон, ки даврони Бухоро бебозгашт гузашт. Дигар мадори хестан надорад.

– Бе тарҷима фаҳмидем, – ранҷид бек. – Шумо илми ғайбро медонед?!

– Не, ман ғайбдон нестам. Вале ҳамин қадар медонам, ки соҳиби молу мулк ҳамон касест, ки ину онро саришта ва истифода карда тавонад. Рӯйи замину таги замини ин мулк пуропури сарват, вале онро касе саришта намекунад, ва касе истифода намебарад. Намедонанд ва наметавонанд. Худатон натиҷа гиред, бо чунин аҳвол қудрат аз куҷо пайдо мешавад, ки қомат рост бикунад?..

Ва дар води Вахш, ба манзиле нарасида, шаб шуд, ва мусофирон дар замини бӯз, дар наздикии найзори азиме, бор фуроварданду хоб карданд; ва сари субҳ Азизмурод ба Виктор хабар дод:

– Аз дувоздаҳ ҷуфт пойафзол якта ҳам нест. Ҳамаашро дуздиданд. Дуои бади беки Ҳисор гирифтаст моро.

Ва ба мағзи сари Виктор тир барин расид. – Боз дуо! Мардуми лучу гурусна, чизе ба чашмашон расад, ғанимат, мебардоранду мебаранд. Дуо чӣ дахл дорад ба ин!

Роҳбалад хиҷолат кашид:

– Дар ин наздикиҳо деҳа нест, одам нест, ки дуздӣ кунад.

Хазинадори Виктор:

– Пар баровper дa паридаанд. Ба осмон рафтаанд?

Роҳбалад:

– Ба осмон не, албатта. Шағолҳо бурдаанд. Дар ин ҷоҳо шағоли дузд бисёр.

Олимсайёҳон то шаҳри Қӯрғонтеппа пойи луч рафтанд, дар бозори Қӯрғонтеппа тасдиқ карданд, ки пойафзолҳоро шағолон дуздидаанд, ва ин хел воқеаҳо бисёр рӯй додааст; ва дар бозор мӯза наёфтанд ва ночор кафшу маҳсӣ харида пӯшиданд. Ва дар Қубодиён, дар кӯҳи Пиёз, дар роҳи Дандоншикан, кафшу маҳсиҳо дарид, ва як рӯз ҳамон ҷо истода кафшу маҳсиҳоро кӯк заданду

дарбеҳ карданд; ва Виктор аз алам ба сари хазинадор дӯғ зад:

– Ман гуфтам ва боз такрор мекунам, ки мо ба ин кишвар кам аҳамият медиҳем. Лоақал дар ҳамин ҷо як аскархона медоштем, ин қадар азоб намекашидем. Баъд назорати Амударё ҳам осон мешуд. Мо соҳиби панҷсаду панҷоҳ мил роҳи киштигард мешудем.

Ва дар Самарқанд, ҳангоми аз Регистон гузаштан, диданд ки дар майдони беруни мадрасаи Шердор як марди қоматбаланди қаландармашраб танбӯр мезанаду суруд мехонад, ва мардуме, ки ба бозор мераванду аз бозор меоянд, ғун шуда гӯш мекунанд; ва Виктор аз Азизмурод пурсид:

– Чӣ мехонад?

Азизмурод тарҷима кард:

– Мехонад, ки паҳлавони багурдае намондааст, мардон либоси занон пӯшидаанд. Дер ё зуд гурдадорон пайдо мешаванд, занон либоси мардон мепӯшанд…

Ва чеҳраи Виктор тира шуд: ва дар қабули генерал Абрамов ӯ ҷанҷол бардошт:

– Роҳ додан даркор не ба ин хел ҳофизҳо. Шумо ин мардумро ба ихтиёри худ гузоштаед, ки мумкин нест. Умуман суст меҷунбед. То ҳол дар Шаҳрисабз, Қаршӣ, Шеробод, Бойсун, Қубодиён, Кӯлоб ва Дарвоз ягон қисми ҳарбӣ нест. Телеграф ва почта нест.

Генерал Абрамов табассум кард:

– Москваро якбора насохтаанд! Алҳол нест, фардо мешавад.

## 6

Рӯди Зарафшон, баъди Самарқандро гирифтани русҳо, ба ҳисобе, дигар ба Бухоро намерасид, – як ҷилдироба меомад, ки киштҳо ва боғҳо ва обчакориҳоро шодоб карда наметавонист, ва ин оби нимҷон сол ба сол беҷонтар мешуд; ва масоҳати заминҳойи хушк меафзуд, ва реги равон кишту боғро мелесид, ва дар боғҳо шохҳойи хушк аз шохҳойи тар бештар буд, ва аввал гунҷишкон кӯчида

рафтанд, ва баъд хомаҳойи рег аз як боғ ба боғи дигар кӯчидан гирифт; ва Қубоди сарроф, ки чор забони ғайр, – русӣ, туркӣ, франсавӣ ва немесиро медонист, ва пиллаву пунбаҷаллобӣ мекард, ва дар Бухорову Самарқанду Қӯқанду Фарғонаву Намангон саройҳову хидматгорҳо дошт, «ҷаҳономӯзӣ роҳи Амрикоро кушод, мо ҳам роҳе бикшоем», гӯён ба ҷаҳонгардӣ баромад, ва ҳашт сол дар мулкҳойи Осиё ва Аврупо, – Тошканд, Авлиёато, Оренбург, Москов, Берлин, Пориж, Лондон, Вена, ва Теҳрон, Сабзавор, Ҳирот, Деҳлӣ, – савораву пиёда бигашту бозоргонӣ ва сайёҳӣ бикард; ва рӯзгори дигаронро бидиду ба муқоиса гирифт, ва ба натиҷае расид, ки «дигарон бедору сари коранд, биноан, шаҳрҳояшон обод асту зиндагиашон серу пур, вале мо мардум хоболуду бекоргардем, ба ин сабаб шаҳрҳоямон вайрона ва зиндагиамон ночориву ғарибона»; ба номус омад, ва ба Тошканд рафт назди генерал–губернатор ва даъво пеш овард:

– Оби Зарафшон ба Бухоро намерасад. Боғу роғ аз беобӣ сӯхтааст. Дар тақсими об беадолатӣ мекунед.

Ва генерал-губернатор изҳори таассуф кард, ки чунин будани аҳволро касе ба ӯ хабар надодаст, ва ваъдаи устувор бидод, ки ба ислоҳ мерасонад ин норасоиро; ва ба номи Амир пайғом фиристонид, ки чанд одамро маъмур бикунад ва онҳо ба Самарқанд биравcovers and мушкилаи обро бубинанду одилона ба мувофиқа бирасанд; ва Амир ин пайғомро хонда димоғаш сӯхт, – Қубод кист, ки аз номи мо бо губернатор гуфтугӯ мекунад?! Обрӯйи моро мерезонад, эътибори моро паст мезанад?!

Ва фармони олӣ содир шуд:

– Қубод муртад ва ҷосус аст. Ба Обхона партоед. Молу мулкашро талаву тороҷ кунед!

Ва дар ҷавоби пайғоми генерал–губернатор нома навишт, ки «ношукру носипос ҳамеша дар ҳама ҷо ёфт мешавад. Вай муртад фитнагарӣ мекунад. Мехоҳад ба дӯстии мо халал расонад. Байни Шумову Мо низоъ андозад. Бовар накунед ба вай. Аз ҷиҳати об ҳеҷ шикояте нест. Мо меҳрубониҳойи губернатори Самарқандро ҳар соату

ҳар рӯз ҳис мекунем». Ва генерал–губернатори Туркистон дар ҳузури сардорони уездҳо лоф зад: «беҳтарин ҳокими уездҳойи ман амири Бухорост».

Генерал-губернатор рафторҳойи амири Бухороро таърифмекард ва раъияи аморати Бухоро аз Амир безор буданд ва корҳойи генерал-губернаторро сифат мекарданд. Корҳойе, ки генерал–губернатор мекард, аз тасаввури мардум берун буд, – дар паҳлӯи ҳар як шаҳри куҳна шаҳри нав месохт ва ин шаҳри нав аз шаҳри куҳна саду як бартарӣ дошт, – кӯчаҳо росту васеъ, иморатҳо устувору баланду озода, ва бомҳо чортарка, ки барф об шуда мерезад ва ҳоҷат ба бел кардан нест; ва обҳои равон соф ва гулгаштҳо ороста; ва дарғоти наҳрҳо пӯлодин, ва пали заминҳо калону ҳамвор, ва тухмиро ҳар сол таҷриба мегузаронанд, ки ҳосили кадомаш бисёр…

Ва собиқан, то омадани русҳо, пунбаро мисли тухми гандуму ҷав мепошиданд ба замин, ва баъди неш задан якаву каланд мекарданд ва ҷӯяк мекашиданд ва ниҳолаш як ваҷабу ду ваҷаб мешуд ва кӯракаш сахти каммағз буд, ки ба ҳаллоҷӣ андохта мебароварданд ва ҳосилаш барака надошт; ва пунбаро сӯзишворӣ мекарданд ба ҷойи ҳезум. Русҳо омаданд ва корҳо тамоман ранги дигар гирифт, – тухми пахтаи мисрӣ ва америкоӣ оварданд, ва бо сеялка кишт карданд, ва ниҳолҳо қади одам хест, ва ғӯза калону пурмағз шуд, ва дар зовуд тоза карда, той бастанд, ва зовуди равған сохтанд, ва аз пунба равған кашиданд… Ва муздурони аморати Бухоро чунин тарзи кордориро шунида ҳавасашон меомад, ва орзу доштанд, ки табааи Русия бишаванд; ва муздуроне, ки табааи Русия буданд, лаззати ин ҳама навовариҳоро чашида, сол ба сол сафи бекоронро афзуда, дар талоши ҷойи кор ва лахте замин ва ҷӯйе об ба шӯр меомаданд ва шӯришҳо мебардоштанд: дар Хуҷанд Бобомуроди ҷувозкаш, ки бо ду аспаш зовуди равғанро мегардонд, ва баъди ба тарзи техникӣ гузаштани зовуд бекор монд, бо чор нафар ҳамқисматонаш маслиҳат кард, ва онҳо забони якдигарро ёфта, саду сӣ бекору оворагардро ҷамъ оварданд ва шаби ҷумъа, пас аз намози шом, ба аскархона шабохун заданд ва аскаронро за-

даву гурезонида, силоҳашонро гирифтанд ва ба давлатхона ҳуҷум оварданд. Соддалавҳон гумон доштанд, ки аскари рус ҳамон як даста аст ва ҳукумат ҳамин иморат, ва бо як ҳамла ҳардуяшро мегиранд ва ҳукумат ба дасти худашон мегузарад; ва якуним рӯз ҳукуматдорӣ ҳам карданд, – «тартиби овардаи урусҳо бекор! Мо бо ҳамон тартиби куҳнаи худамон зиндагӣ мекунем!» – ва баъди якуним рӯз, аз Қӯқанду Тошканд, казакҳойи савораву пиёда омаданд, ва хуни шӯришгаронро рехтанд, ва чун ҳамеша ҷанг хезад, аз гунаҳкорон дида бегуноҳон бештар зарар мебинанд, ҷони хурду калони бисёре қурбон шуд, ва молу ҷони зиёде ба тороҷ рафт; ва қурбонидодаву зарардидаҳо солҳойи дароз дуои бад мекарданд:

– Илоҳо, гӯрат сӯзад Бобомурод! Рӯзи хушро набинӣ, Бобомурод!

Ғайури бетадбир буданд Бобомуродҳо, – ғайрат карда сар мебардоштанд, вале дар тадбир мелангиданд, ва пухта набуд корашон, ва хаёлашон, ки хом буд, оқибати кирдорашон ҳам хом мемонд, ва андешаашон дар ҳамин лаҳза маҳдуд меистод, ва нияташон бузург ва даъвояшон фарогири ормони миллат набуд, ва барои ба ҳадаф расидан ҷиддан омодагӣ намегирифтанд; ба назарашон осон буд корҳойи дунё ва осонакак шикаст мехӯрданд, ва рӯҳи халқро мешикастанд, ва вайронаву гуруснаву сағира зиёд мекарданд, ва қувваи арзони кор, ки бе ин ҳам кам нест, ба маротиб меафзуд, ва иштиҳойи соҳиби сармоя кушода мегардид; ва дар Петербург шиор партофтанд:

– Майдони кишти пахтаро васеъ кунед!

Ва ширкатҳо ва фабрикдорон миён бастанд барои васеъ намудани замин ва кишти пахта, – рушқазорро ҷуфт карданду ба пахтазор табдил доданд, ва аз ҳисоби кишти ғалла буриданду ба кишти пахта илова намуданд; ва мардуми норозӣ бисёр шуд, ва дили онҳоро таскин доданд:

– Дил бад накунед. Фойда ва зарарашро баркашида бинед. Шумо ба мо пахта диҳед, мо ба шумо ғалла медиҳем. Дар ин ҷо пахта нағз мерӯяд, дар Сибир гандум нағз мерӯяд. Аз ин ҷо пахта мебарем, аз он ҷо ғалла мебиёрем.

Фойдаи дутарафа.

Ва ин фойдаи дутарафа аслан аз фойдаи Русия бармеомад, – пахта бисёр бошад, арзон бошад, наздик бошад, ва фабрикаҳойи бофандагӣ муназзаму мунтазам кор бикунанд, миёни корашон нашиканад, матоъ ҳарчи бештар бофанд ва ба бозорҳо баророанд, ва сарват ғундоранд… Ва як ширкати калон, ки бо тиҷорат ва саноат машғул буд, ва панҷоҳу ҳашт саҳом сармоягузорӣ мекард, ва ба хариди пахта аз Осиёи Миёна ва Эрон сару кор дошт, ва дар даҳ шаҳр, – Оренбург, Тошканд, Қӯқанд, Қошғар, Бухоро, Чорҷӯ, Марв, Ашхобод, Кучан, Машҳад, – идораву анборҳо сохтааст, ба вазорати кишоварзӣ нақша фиристонид: «мо ҳисобу китоб кардем, ки сармояи фабрикдорони мо босамар сарф намешавад. Пул ба хориҷа меравад. Дар дохили мамлакат гардиш намекунад. Ба худамон нафъаш намерасад. Агар дар Осиёи Миёна ба панҷсад ҳазор десятина замин пахта корем, ба камаш ҳашт миллион пуд пахта мегирем. Алҳол ҳамин қадар пахтаро фабрикҳо аз Амрико, аз Миср, аз Бразилия мехаранд, ва навад миллион сум медиҳанд. Ҳамин навад миллион дар дохили мамлакат монад, беҳтар нест?!...» Ва вазорати кишоварзӣ ҷавоб дод, ки нияти нек, вале вазорат ин хел пул надорад; ва вазорати ҳарбӣ ба генерал-губернатори Туркистон ҳуқуқ дод, ки заминро иҷора диҳад, – давлат пул надорад, одамони пулдор ҳастанд!

Ва пулдорон ёфт шуданд, ва заминҳоро иҷора гирифтанд, бо шарташ, – ҳалол нигоҳ медорем, ҳалол кор мекунем, ҳалол ҳосил мегирем; ва ин қарори давлати рус буд, ва ба аморати Бухоро дахл надошт, вале сармоядорон ғолибан соҳибмансабони кишвари Туркистон, роҳашро ёфтанд, ва коми амиру вазирро ширин карданд, ва нафаре аз бонки Русия ва Осиё ба Қубодиён рафт ва ёздаҳ ҳазор гектар заминро ба номаш гузаронд, ва Амир ба княз Андроников, ки баъзе корҳояшро воситаи ӯ дар Тошканд буд мекард, бисту ҳафт ҳазору чорсаду ҳаждаҳ гектар замини дашти Қарширо мӯҳру имзо монда дод, ва як муҳандиси ҳарбӣ дар Шеробод ҳафтоду ҳашт ҳазор гектар заминро иҷора гирифт… Ва дар

ин заминҳо пахта мекориданд, ки заҳматаш ба дӯши безаминҳо ва камзаминҳои таҳҷойӣ буд, ва онҳо ин қадар музд мегирифтанд, ки ба нони шикамашон базӯр мерасид; ва бонкир гоҳу бегоҳ заминашро, гумоштагонашро ва муздуронашро хабаргирӣ меомад, ва ҳар дафъае, ки ба Қубодиён биёяд ва ҷониби плантатсияи пахта биравад, як марди ҳузарб ва пӯсти дасту рӯяш дар офтоб сӯхтаро медид, ки дар лаби ҷӯ нишастааст, – ё танҳо ва ё бо чор–панҷ марди дигар. Танҳо бошад, як ҷомаи куҳнаро лӯнда карда, болиш сохта, ёнбош мекашад, ва роғ меравад, ва хоб меравад, ва вақт кӯр мекунад. Ду-се ва ё се-чор нафар бошанд, як табоқи калони чӯбро байн гирифта, ба шӯрбо, ё дӯғоба нон тарид карда, бо панҷ ангушт шакида мехӯранд, ва дастархонро нағундошта нос мекашанд ва нифаи эзорро кушода қабати чинҳо чизеро гирифта мепартоянд, ва як ракаат ё ду ракаат намоз мехонанд, ва рӯз кӯтоҳ мекунанд. Ва боре, ки вай танҳо буду пинак мерафт, бонкир омаду дар паҳлӯяш нишаст:

– Паҳлавон, чӣ ҳолу аҳволе доред?

– Шумо забони моро медонед?

– Медонам.

– Аҷаб?!

– Аҷобате надорад. Хонед, ҳар забонро ёд мегиред.

Ва баъд бонкир аз рафти сӯҳбат донист, ки номи ӯ Зокир будааст, ва соли таваллудашро намедонистааст, вале аз рӯйи мӯлҷар солаш саг будааст, ва ҳамин баҳор чилу шашро пур кардаст, ва ҳо ҳамон иморати хаспӯш, ки болойи бомаш ғарами шибоғ дорад, хонаи ӯст, ва панҷ фарзанд дорад, – ду писару се духтар ва гову бузаш ҳаст, ва Худо хоҳад, тирамоҳ як хар мехарад, чунки одами бехар, ба ҳукми одами бедасту пост…

– Дар мулки шумо замини коршоям бисёр, – бонкир мавзӯи сӯҳбатро дигар кард. – Замини ҳосилхез ҳаст, оби равон ҳаст, офтоби тобон ҳаст. Кореду ҳосил гиред. Ҳосили бисёр медиҳад.

– Ха, ҳосили бисёр дод, баъд чӣ?

– Баъд мефурӯшед, пул меёбед, хонаву даратонро обод

мекунед.

– Ха, пул ёфтем, хона обод кардем, баъд чӣ?

– Баъд пул бақия монад, заминатонро васеъ мекунед, техника мебиёред, ва ҳосили коратон боз зиёдтар мешавад.

– Ха, боз зиёд шуд, баъд чӣ?

– Баъд қасру кӯшк месозед, чорбоғ месозед, маишати ойлатон хуб мешавад, либосу палоси нав мехаред.

– Ха, ҳамаашро кардем, баъд чӣ?

– Баъд серу пур кайф карда мегардед.

– Ман ҳоло ҳам кайф карда гаштем. Ҷонро ин қадар азоб додан чӣ даркор?!

Ва бонкир хиҷолат кашид, – мардакро ранҷондам, суханҳойи беҷо гуфтам; валекин шаб дер хоб кард, ва андешааш аз як мадори зиндагӣ ба мадори дигар мегашт, ва ба натиҷае расид, ки «Ҷабру ситамро дӯст медоранд ин мардум. Ба зӯрӣ кор фармойӣ, иҷро мекунанд. Аз худ донista кор намекунанд».

Ва фаълаву муздури Осиёи Миёна, ихтиёриву маҷбурӣ, дар майдони пахта, каланд мезананд, ва ширкатҳойи рус, нисбат ба заминдорони маҳаллӣ, музди бештар медоданд, ва ҳамин музди бештар, ки боиси ифтихори русия дар саҳифаҳойи матбуот ва дар муомилаҳойи сиёсиву байналхалқӣ буд, ба хӯрдан расад, ба пӯшидан намерасид ва ба пӯшиданӣ расад, ба хӯрданӣ намерасид, ва мардуме, ки бе замин ва бе чорво мондаанд, ва муздуроне, ки музди корашон ба рӯзгорашон кифоя намекард, ба таҳлука афтоданд, ва садойи эътирозҳо дар хонаҳо ва дар саҳроҳо баланд шуд; ва Исрофили роҳзан, ки ба сабаби роҳҳоро посбонӣ кардани аскари рус, дастааш майдони тохтутоз надошт, ҳамин норозиҳоро пушт гирифт, ва ҳангоми тақсими об дар сари наҳр, ба сардори уезд ва одамони ӯ ҳуҷум овард, ва панҷ нафарро кушт, ва ду нафар аспҳоро чорхез занонда гурехтанд. Ғоратгарони Исрофил балво бардоштанд, ки «Моро дар хонаи худамон рӯз намедиҳанд. Занед, кушед инҳоро!»; ва балвогарон белу каланд ва досу хода гирифта, ба хонаҳойи мансабдорон зада даромаданд, – тороҷ карданд, оташ заданд;

ва дар рӯзи дуввум, ки баталиони казакҳо расида омад, худҳошон, камонҳо дар гардани аспҳо гурехтанд, ва казакҳо тир заданд ба сару синаи белу каланддорон, ва досу ходадорон…

Ва ба фабрикҳо пахта даркор буд, ва ширкатҳо кишти пахтаро манбаи сарватғундорӣ медонистанд, ва замини алаф ва чарогоҳ ва даштҳойи беобро пахтазор мекарданд, ва харҷ зиёд мешуд, ва эҳтиёҷ ба пул меафзуд; ва бонкҳо кушоданд, ки қарз диҳад, ва бонкҳо шӯҳрат ёфтанд, ки ба амонат хиёнат намекунанд, ва маблағро на фақат бе хиёнат нигоҳ медоранд, балки моҳеву соле суд ҳам медиҳанд; ва дар Бухоро, бино бар шаръи шариф судхӯрӣ гуноҳи азим буд ва судхӯр фардо дар оташи дӯзах месӯхт, ва Амир шариатпаноҳ ном дошт, ва аввалин касе, ки ба бонкҳойи кофирон пул супорид, худи Амир буд. Вай бисту ҳафт миллион сум ба бонки давлати Русия ва ҳафт миллион сум ба бонкҳойи хусусӣ супорид, ва фориғ аз рухбозиву дуторзанӣ шавад, суди онро ҳисоб мекард, ва ҳар моҳ дар даруни муқоваи Қуръон менавишт, ки чанд сум фойда дидааст; ва қушбегӣ аз Амир ибрат гирифт, ва раис ба қушбегӣ тақлид кард, ва баҳсмабаҳс соҳибмансабони аморат ба бонкҳо пул гузарониданд.

Ва вазорати кишоварзии Русия кафил шуд, ки сармоядорон, мувофиқи иқтидорашон, ҳар вақт хоҳанд, қарз гирифта метавонанд, лекин фаълаву деҳқон чунин имкон надоранд, ва ба пахтакорӣ ҳавасманд нестанд, бонкҳо ба онҳо дар арафаи киштукор қарз бидиҳанд, ки дасту дилашон гарм бишавад ва ба кишти пахта шавқ пайдо бикунанд, – фақат ба умеди ширкатҳо шудан даркор нест, ҳар чӣ бештар одамон ба ин кор ҷалб шаванд, ҳамон қадар беҳтар! Ва соҳибони сармоя ба пуле, ки аз бонк қарз мегирифтанд, сеялкаву трактор мехариданд, ва замини киштро васеъ мекарданд, ва наҳрҳойи нав мебароварданд, ва зовуди пахтаву зовуди равған месохтанд, ва пулашон кор мекард ва бо гардиш пулашон пул меёфт ва ҳам қарзашонро меканданд, ва ҳам фойдаи соф мегирифтанд. Бесармояҳо қарз гиранд, ботадбирҳо ҷуфти гов мехариданд, ва бетадбирҳо дар охири сол худашон аниқ намедонистанд, ки он маблағ дар куҷо

сарф шуд, ва қарзи бонкро баргардонида наметавонистанд, ва муфлис мешуданд.

Ва Абдураҳими камбағал ҳавас кард, ки доро шавад, ва рафт ба бонк барои қарз гирифтан, ва забони русиро, ки намедонист, илтимос карду Азизмуродро ҳамроҳ бурд, ва дар бонк, бо ёрии Азизмурод, ба Абдураҳим фаҳмонданд, ки «гову асп дошта бошӣ, як кафил; бузу гӯсфанд дошта бошӣ, ду кафил; моле надошта бошӣ, се кафил мебиёрӣ»; ва Абдураҳим, ки чизе надошт, се нафар ба мисли худаш камбағалро зориву тавалло кард, ки кафили ӯ шаванд, ва онҳо розӣ шуданд, ва кафолат доданд, ки «Абдураҳим дарвоқеъ бебизоат, ба ёрии бонк эҳтиёҷ дорад», ва ҳамаи ин давутоз як даста қоғаз шуд, ки арбоб ва волостной тасдиқ бояд мекарданд; ва дар охири сол Азизмурод аз ҳисоботи солона хонд, ки «арбобу волостной ба ҳамин ёрии бонк чашми тамаъ дӯхтаанд, ва ҳуҷҷати камбағалонро имзову мӯҳр монда, ба соҳибонаш надоданд, ва як рӯйхати дароз сохта, аз номи бебизоатон ариза навишта, се кафили холис ёфта, ҳар чӣ қадар маблағе, ки дар бонк барои ёрӣ ба камбағалон будааст, ба номи хешу таборашон гузаронида, худҳошон гирифтаанд, ва волостной ба он пул, дар сарҷӯе кӯшку боғе сохтааст, ва арбоб се рӯз тӯю тамошо дода, дар болойи ду зан, зани сеюм гирифтааст…

Як сӯ кору як сӯ фиреб, ва ба ҳар ҳол, он сол аз пахта ҳосили хуб гирифтанд, – аз Осиёи Миёна ҳабдаҳ миллиону дусаду ду ҳазор пуд пахта ба фабрикаҳойи бофандагии Русия рафт, ки дар муқоиса ба панҷ соли пеш, қариб дуним баробар зиёд буд; ва Ананев, ки дар Шеробод ҳафтоду ҳашт ҳазор гектар замин дошт ва Андроников, ки аз чӯли Қаршӣ бисту ҳафт ҳазор гектар замин гирифта буд, сари роҳ як шаб дар Қаршӣ хоб рафтанд, ва ҳокими Қаршӣ ба шарафи ҳузури онҳо зиёфат дод, – аз Самарқанд роҳаткурсӣ ва мусаласи панҷсола овард, ва танҳо аз кабоб чор хелашро рӯйи дастархон гузошт, – думғозабирён, қабурғашашлик, танӯркабоб, ва гӯшти серкаи дампаз; ва онҳо рӯзи дигар, дар коляскаи сеаспа, дар роҳи Самарқанд, дидаву шунидаҳояшонро ба якдигар ҳикоя карданд:

– Фиребашон бисёр ин мардума. Ҳокимаш ҳам фиребгар, мардумаш ҳам. Агар ҳамин фиребгарӣ намебуд, имсол ҳоҷат ба пахтаи Миср ва Америка набуд. Муздурон бад кор карданд.

– Ба хислати инҳо сарфаҳм рафтан душвор. Дар сӯҳбаташон нишинӣ, аз ҳикмати зиндагӣ ва рисолати одамгарӣ сухан мегӯянд. Суханҳойи хуб ҳам мегӯянд. Лекин дар амал корҳойе мекунанд, ки ба он гуфтаҳо ҳеҷ рост намеояд. Ҳатто васияти бародару хоҳарашонро пос намедоранд. Ятиме, ки аз онҳо мондааст ва сарпарастиашро ба инҳо супоридаанд, ғуломи худ мекунанд. Меросашро намедиҳанд. Соф мункир мешаванд. Боз ба он ятим миннат ҳам мекунанд, ки «ман набошам, чашмонатро зоғон кофта мехӯранд».

– Ман ҳам мушоҳида кардам, ки аз фойдаи муфт рӯ наметобанд. Табиат бисёр чизҳоро муфт додаст ба инҳо. Офтоб, обҳойи равон, заминҳойи ҳосилхез анвои долу дарахт ва зироат… Як навъ ба муфтхӯрӣ хӯ гирифтаанд. Гумон доранд, ки фикри бисёр кардан даркор нест. Дигар чизҳо низ ҳамин хел осон ба даст меояд.

– Мардуми нодон гӯйӣ, дурӯғ мешавад. Вале ба доно гуфтан ҳам забон намегардад. Таваҷҷӯҳ карда бошед, барзгариро хело хуб медонанд. Аниқ медонанд, ки кадом замин чӣ хел ҳосил медиҳад. Ба кадом замин кадом кишт мувофиқ аст. Дар куҷо себ ҳосили нағз медиҳад ва дар куҷо зардолу… Лекин асбоби киштро такмил намедиҳанд. Аз ин бобат фикр давондан нест. Ба будаш қаноат карда, бепарво мегарданд. Фароғатро нағз мебинанд.

– Пулро ҳам нағз мебинанд. Мехоҳанд, ки пули бисёр дошта бошанд. Аммо роҳи пулёбиро намедонанд. Ҷустуҷӯ ва талош ҳам намекунанд. Агар пул ёбанд, шоҳу гадо, дар сандуқ руст мекунанд. Дар замин гӯр мекунанд. Дар зарбулмасалашон мегӯянд, ки «пулро пул меёбад», дар рӯзгор пулашонро дуруст кор намефармоянд, ба муомилот намебаранд, ки пулашон пул ёбад. Дар сандуқ, дар таги хок бекор мехобад, мепӯсад, нест мешавад.

– Не, сарф мекардагиҳо ҳастанд. Лекин сарфи беҳуда,

сарфе, ки фойда не, зарар мебиёрад. Дар зиёфатҳойи пуртакаллуф, барои ифтихори панҷ–даҳрӯза. Дар сурҳойи пурдабдаба, барои худнамойӣ ва худситойии даргузар. Ман гумон мекунам, ки то ба ин дараҷа хароб шудани ин кишвар аз чунин хислатҳойи бошандагонаш баромадааст.

– Барои ману шумо ҳамин хел буданаш беҳтар. Асло ёд нагиранд роҳи пулёбиро. Ёд нагиранд роҳи пул сарф карда, пул ёфтанро. Ёд гиранд, майдони мову шумо танг мешавад. Бозори мову шумо касод мешавад.

Ва ҳар ду ба завқ хандиданд.

Ва дар деҳаи Косон як сарватманди овозадор, ки Эшони Калон ном дошт, ва дер боз аз ҷогаҳ хеста наметавонист, худро сахт беҳол дид, ва писарашро ҷеғ зад, ва дар ҳузури муллое, ки чилёсин мехонд, ба вай васият кард:

– Андак пасандоз дорам. Агар аҷал амон надиҳад, ту бо ҳамон маблағ дар Мадинаи мунаввара як хона соз.

Писараш аз зумраи одамони рӯзномахон буд. Ҳар чӣ аз матбуоти давр дастрас шавад, мехонд; ва медид, ки сармоядорони русу немесу яҳудӣ пулашонро бекор намемонанд, – ба савдо мебароранд, замин мехаранд, корхона месозанд, гардиш медиҳанду фойда мегиранд, ва ба ин сабаб дар ҷомеа ва дар корҳойи давлат мақоме доранд, ва суханашонро дигарон гӯш мекунанд, ва таҳҷоиҳоро ғулом барин кор мефармоянд; ва андеша дошт, ки ҳамин корҳоро худамон ҳам карда метавонем; ва бо ҳамин андеша, сари хам хомӯш наистод, чунонки урфу одат буд:

– Он пасандози андаке, ки шумо мегӯед, сиву панҷ ҳазор сум аст. Ба ҳисоб гирем, ки дар бозор нархи як гов бисту панҷ сум, нархи як асп сӣ сум, ин маблағи андак–мундак нест. Биноан, ..

– Биноан ба ту васият кардам, …– шӯрид падараш.

Писар ба муллои ёсинхон нигарист, – ба маъное, ки «фаҳмонед ба ин кас!» Муллоро мижааш хам нахӯрд:

– Васият чуну чаро надорад. Иҷройи васият фарз ва суннат…

Ва писар маъюс шуд. Ва сар ба сари сина хам кард.

## 7

Аз саргаҳ, аз пиряхи Масчо, то ба даштҳойи Саразм, оби рӯди Зарафшон ба киштукор қариб ки истифода намешуд, – хонаи об паст ва замини кишт баланд буд. Фойдае, ки мардуми ин обрав аз оби фаровони Зарафшон медиданд, ҳар баҳору тобистон, ҳангоми обхез, роҳҳойи гузарашонро мекофту вайрон мекард ва пулҳоро шуста мебурд, ва шумори ҷару селкандаро зиёд мекард…

Баъди дашти Саразм, то шаҳр ва музофоти Бухоро, оби Зарафшон, як қатра намонда, ба кишту боғу обчакорӣ сарф мешуд, ки қисми зиёдаш ба Самарқанд рост меомад; ва аз рӯзе, ки Самарқанд ба дасти русҳо гузашт, сармоядорон ба дунболи зиёд кардани пахта афтоданд, ва ҳар сол замини киштро васеъ мекарданд, ва замини бекорро ба кор медароварданд, ва об бештар аз пештар лозим мешуд, ва ҷӯйҳойи мавҷуда аз об таъмин карда наметавонист, ва каналҳойи нав меканданд; ва то Бухоро об камтар мерафту камтар мерасид, ва аз киштзорҳойи гӯшаву канор зоғу гунҷишк фирор кард, ва дар боғҳо шохи хушки дарахтҳо зиёд шуд, ва заминҳойи обӣ ба лалмӣ табдил ёфт, ва реги равон таноб-таноб замини корамро фурӯ бурд; ва як ойла малах, тирамоҳи соли гузашта, аз куҷое омад, зимистон ба хомаҳойи рег даромад, ва дар ҳамон ҷо тухм монд, – ҳар як малах ҳазору ҳафтсад – ду ҳазор тухм зери рег хобонд! – Ва баҳор ҳамаи он тухмҳо ҷон даровард, пар баровард, ва айни авҷи майсаву гул аз таги рег баромад, ва аз замин ба ҳаво хест, ва абри сиёҳ барин ба водии Сурхондарё расид, ва нишаст ба замин. Ва анбӯҳи малах дар ҳар ҷо нишинад, сабза, майса, барги бутта ва барги дарахтро пок-покиза мелесид, ва замини нобототу зироату боғ ранги дашти сӯхтаро мегирифт, ва чанги хок ба ҳаво мехест.

Дар тамоми масҷид, мадраса ва мазорҳойи водӣ, азони бевақт гуфтанд, – бовар ин хел буд, ки агар балову офате ба сари халқ ояд, сари манорҳо бароянду азони бевақт бигӯянд, он бало дафъ ва он офат рафъ мешавад; ва ҳарчанд азон гуфтанд, ба гӯши малах надаромад – малах ҳар

чизе, ки сабз аст, ва ҳар чизе, ки об дорад, аз як тараф мелесид, ва фарбеҳ мешуд, ва бо кадом як восита, ба хайлҳойи боқимонда хабар медод, ки «ҷойи кайфу сафо ин ҷо будааст», ва ҳар рӯз, аз регзор ба сабзазор, хайлҳойи нав ба нави малах меомад.

Ба Амир хабар фиристониданд. Вай дар Кармина буд. Аз пойтахт, аз Бухоро, гурехта мегашт, – метарсид, ки ӯро ғофил мекушанд. Ин тарс шабу рӯз аз вуҷудаш берун намебаромад. Чил посбону ҷондор нишасту хез ва хӯрду хӯрок ва дарову барои ӯро муҳофизат мекарданд, вале тарсаш кам намешуд. Ва аҷузаҳойи далла ва мардони миёнарав занҳойи никоҳӣ ва беникоҳи ӯро назорат мекарданд, бо вуҷуди ин аз занҳояш метарсид, – ба ҳарам дарояд, ба зудӣ гашта мебаромад, ва шаб дар ҳарам хоб намерафт; ва ба болин сар монад, баръало медид, ки Кенагасхонум, духтари мири Шаҳрисабз, ба қасоси падар, ба гӯши Амири ғолиб симоб рехт, ва Амири ғолиб дигар сабру қарорро гум кард, – сарашро ба деворҳо мезад, ва болиштро бо дандонҳо мегазид… ва аз ин диданҳо метарсид, ва гурехта ба Кармина меомад, ва ба сафарҳои дурмадароз мерафт; ва аз Тифлис ба наздикӣ баргашта буд, ва алҳол ба сафари Петербург тайёрӣ медид, – чӣ барам? Чӣ биёрам?.. Ва ин сафар, ба мисли ҳама сафарҳое, ки амирони Бухоро ба пойтахти давлати рус кардаанд, нияту мақсади сиёсӣ ва марзӣ надошт. Ғолибан, барои тамошо додани аҳли авлод, ва садоқат нишон додан ба Императори Аъзам, ва тӯҳфаҳойи гаронбаҳо гирифтан буд. Ва аз Бухоро шоҳӣ, парча, асп, маймун ва паланг барин чизҳо дастовез мебурданд, ва азбаски роҳ дароз буду сафар се, севу ним моҳ давом мекард, маймунҳо ва палангҳо, аз гуруснагиву ташнагӣ, ва гармиву хунукӣ, дар роҳ мемурданд, ва хӯсаашон то манзил мерасид. Ва дар Петербург ба онҳо шоҳин, сукно, чиниворӣ, соат барин чизҳо ҳадия медоданд; ва Амир ният дошт, ки ин дафъа як-ду мил камони навбаромад, ва… нӯҳ аврат, аз ҳисоби асираҳо, аз Император бипурсад… Ва банд буд сари вай дар ташвиши сафар, ва бо зарда ба мулозим хитоб кард:

– Дар Бухоро, ғайр аз ман, дигар кас нест?! Ҳар кор шавад, пеши ман медаванд!? Гӯед ба ҳамон одам, ки пеши раис равад. Раис ба ҳокимҳо фармояд, ки мардумро ба ҳашар бароранд. Пеши роҳи малах ҷӯй кананд. Ҷӯйи калон. Бараш дуним газ. Чуқуреш як газ.

Ва ба ҳашар баровардананд мардумро, – аз ҳар як оила як нафар коргар бо белу каландаш. Ва ҳашар кори бепул буд, ва рӯзе як бор, дар чоштгоҳ, шулон медоданд: ва дасту дили одамон ба кор гармӣ надошт, – дилу бедилон белу каланд мезаданд, вале аз тарси ҳуҷуми малах, ба ҳар ҳол, ҷӯро кандан лозим меомад, ва канданд аз ин сари дашт, то он сари дашт, вале роҳи малахро нагирифт, – малах хез заду гузашт. Ва аз Бухоро, аз номи раис, пайғом расид, – «Бо кадом ақлатон ҷӯ кандед? Магар ҷӯ садди роҳи малах мешавад? Нодонҳо! Мурғ ҷамъ кунед, лашкари мурғ. Мурғҳоро бурда сар диҳед, дар як шабонарӯз аз малах ному нишон намемонад. Ҳамаашро мурғҳо чинда мехӯранд».

Ва андози нав гирифтанд аз аҳолӣ, – камбағал бошад, як мурғ, ва миёнаҳол бошад, ду мурғ ва доро бошад, панҷ мурғ; ва лашкари мурғ ҷамъ омад дар ҳар деҳа, ва аз ҳар як деҳа се лашкаркаш таъин карданд аз одамон, ва сафу ҷамъ оварданд аз сар то сари водӣ, ва бо ҳайу ҳуй бурданд ба майдон, ба ҷанги малахон. Рӯзи якуму дуюм хеле фаъол ҳуҷум карданд мурғҳо, ва шасти ҳуҷуми малах хеле паст шуд; ва минбаъд, аз рӯз ба рӯз, ҳавсалайи мурғҳо каму камтар мешуд, ва бист рӯз пас, тамоман беҳавсала, лекин фарбеҳ шуданд, ва аз фарбеҳӣ ба роҳгардӣ хушашон намеомад; ва лашкаркашон ҳар рӯз ду бор, – чоштгоҳу бегоҳ, –гӯшту шӯрбойи мурғ мехӯрданд, ва мурғҳо малах мехӯрданду фарбеҳ мешуданд, ва одамон гӯшти мурғ мехӯрданду фарбеҳ мешуданд, ва ҳуҷуми малах кам не, зиёд мешуд… Ва мурғкушӣ он қадар авҷ гирифт, ки дар андак вақт як мурғи зинда намонд, ва одамон ҳазл мекарданд, ки «мурғҳо малахро не, малах мурғҳоро мехӯрад».

Аҳолӣ арзу шикоят ба Тошканд бурданд, ва аз генерал-губернатор ёрӣ пурсиданд, ва генерал-губернатор аз Ҳин-

дустон даҳ вагон майна овард, ва майнаҳо дар ҳабдаҳ рӯз малахро пок-покиза чинда хӯрданд; ва аксарияти мардум, ҳарчанд ки беризқу рӯзӣ монданд, нафаси озод кашиданд, ва дар хонаву бозор таъриф карданд, ки «ҳамин урусаш ҷони одам», ва дар забони халқ зарбулмасали нав пайдо шуд, – «урус омад, дуруст омад». Ва бо ҳавас менигаристанд ҷониби Русия, ва ҷабр бинанд, орзуи Русия мекарданд, ва аз таҳдиду таъқиб мегурехтанд тарафи Русия. Ва Амир, ки худро соҳиби зиндаву мурдаи аморат медонист, ва ободиву осоиши мулкро таъмин бояд мекард, худаш рӯйи осоишро намедид, – доим дар ташвиш ва таҳлука рӯз мегузаронид, ки «ҳама ба ман душман шудаанд, ҳама дар қасди куштани мананд», ва баҳонае меёфт ва рахти сафар мебаст ба Қирим, ба Петербург, – чорта дами беғам занем!.. Ва Қурбонмуроди муфтӣ, дар саройи пахтаҷаллобон, дар шаҳри Оренбург, дар сари дастархон, ба тоҷирон дилашро холӣ кард:

– Бешараф! Занғар! Ту Петербург рафта дами беғам мезанӣ. Ман куҷо равам?! Шумо куҷо равед?! Халқ куҷо равад?!

Ва Куклину ёронаш ҳамин дарди куҳнаи Қурбонмуроди муфтиро, ки даҳонӣ мегуфт, вале ба гӯши касе намедаромад, дар мақолаву рисолаҳо ба тадқиқу таҳлил гирифтанд, ва дар Тошканду Қазону Петербург ба дасти чоп доданд, ва ба дасту гӯши ҷаҳониён расониданд, ки панҷсад сол боз фикру андеша дар Осиёи Миёна дар хоби ғафлат буд, ва рафторҳойи одилона дар саҳифаҳойи китобҳои камшумор ва дастнависҳо, зери чангу ғубор, дар таххона ва сандуқҳо бекор хоб мерафт; ва ба рӯзғори тиpаву тори аҳли заҳмат, аз осмону замин нуреву зиёе намерасид; ва шамшери бурройи рус буд, ки дари адолат ба рӯйи инҳо кушод, ва роҳи аз ҷаҳолат раҳиданро нишон дод, – лаҷоми мирҳо ва бекҳоро кашид. Ба ном миру бек дар ин заминҳо он қадар бисёр шудааст, ки дар замини шӯр ин қадар талха намерӯяд; ва моҳу соле нест, ки инҳо ба рӯйи якдигар теғ накашанд, ва хунрезиву талаву тороҷ накунанд, ва хонаҳойи ободро вайрон накунанд; ва ҳар

кадомаш гумон дорад, ки дар рӯйи ҷаҳон аз ӯ зӯртар ва аз ӯ боақлтар касе нест; ва зарби силоҳи рус онҳоро дар ҷояшон шинонд, ва пахта барин мулойим кард…

Ва ба роҳзанӣ хотима дод. Чӯлу дараҳо пури роҳзану ғоратгар буд. Корвонҳоро мезаданд. Рамаҳоро мебурданд. Одамонро мекуштанд. Ҳамашонро саркӯб кард лашкари рус. Ва алҳол замин ва одамон ва чорпоён ба ҳаёти осудаву ором, оҳиста секин, хӯ мегиранд. Хӯ мегиранду ибрат намегиранд. Ибрат намегиранду лоф мезананд… Ҳавойи даҳонашон бисёр. Корашон кам…

Ва Азизмуроди тарҷумон пайваста мехонд он мақолаҳо ва он рисолаҳоро, ва қойил буд ба илмашон, ва намунаву пораҳое тарҷума мекард ба умеди ба дидаву гӯши халқ расонидан, ва мебурд ба идораи маҷаллаи «Ойна»; ва як мушт муштарӣ, акнун насиҳатҳойи хушк не, балки суханҳойи зинда аз рӯзгор мехонданд, ки «Бухоро яксаду се мадраса дорад, ва ба таъсиси ин мадрасаҳо аз даҳ аср то панҷ аср шудааст, ва ҳама ин асрҳо талаба қабул кардаанд, ва дарс додаанд, ва хатм кунонидаанд, ва шуморааш аз лаку дар лак гузаштааст, вале дар соҳае корафтод шавӣ, як мутахассиси варзида намеёбӣ, ки коратро буд бикунӣ.

– Нақшайи рӯдро кашед.

– Наққош надорем.

– Рӯйхати конҳо ҳаст?

– Нест. Коншинос надорем.

– Рӯҳи мардум чӣ хел? Рӯҳияи мардумро медонед?

– Рӯҳияи мардум ба мо чӣ лозим?! Мо ин хел касбҳо надорем!!

– …………………………………

Ва ин хел мақолаву рисола бисёр чоп мешуд, ба забони русӣ чоп мешуд, ва дар аморати Бухоро бо забони русӣ хондан манъ буд, – бадарға мекарданд, сангсор мекарданд; ва Азизмурод аз русӣ ба тоҷикӣ баргардонд, ки: «Мардуми Бухоро, ба мисли мардуми кулли маҳалҳойи кишвари Туркистон, асосан тоҷик ва ӯзбаканд. Тоҷикон мардуми бумӣ ҳастанд, ва аз нажоди ориёнанд. Ӯзбакон туркнажод ва кӯчманчианд, ки ба ин сарзамин дертар омадаанд, ва пайваста

ғоратгарӣ кардаанд, ва аз пайи забти чарогоҳҳойи сералаф будаанд, ва дар ҳар ҷойе, ки даст додааст, бошандагони таҳҷойиро танг карда баровардаанд, ва ҷойу маконашонро ҷабран гирифтаанд. Тоҷикон ҳавсалаи кӯчокӯч надоранд, ташвиши зиёдро дӯст намедоранд, майли хотирашон ҷониби осоишу фароғат бештар аст, ва мардуми мазҳабианд, ба низоме, ки дини ислом ҷорӣ кардааст, кӯр-кӯрона итоат мекунанд, ва дар фикру андеша сахт пойбанди шаръи шариф ҳастанд, ки роҳи кӯшиш, ҳаракат ва ҷустуҷӯю ихтироъро соф бастааст, ва бад-ин сабаб рӯзгори маҳдуде доранд дар чаҳорчӯбаи дастовардҳойи асри ҷоҳилия, ва камҳавсала ва карахт, ва ба имрӯзу фардойи ватану миллат ва забони модарӣ бепарво ҳастанд. Хислати ӯзбак акси хислати тоҷик. Ин тоифа кӯчӣ ва нимкӯчиянд, ки сабук аз ҷое ба ҷое meравaнд, ва эътиқодашон ба дину диндорӣ сабук тағйир меёбад, ва агар ба манфиати рӯзгори шахсияшон бошад, ба ҳеҷ ваҷҳ хости худашонро маҳдуд намекунанд, – медузданд, ба ғорат мебаранд, талаву тороҷро айбу гуноҳ не, ҳунару мардонагӣ медонанд; ва аз онҳо ҳар касе ҷоҳилтару бераҳмтар, мартабаву эътибораш баландтар. Ва инҳо зӯровариҳое ба сари тоҷикон кардаанд, ва бо қисме аз онҳо махлуту омехта шудаанд, то ба ҷое, ки тоҷикон аз баҳри забони худ гузаштаанд, ва забони онҳоро қабул кардаанд. Бо вуҷуди ин дар Осиёи Миёна забони ҳукмрон забони форсист (мардуми авом забони тоҷикӣ мегӯянд), чунонки дар Аврупо забони франсавӣ.

Дар атрофи шаҳрҳойи калон, ба мисли Самарқанду Бухоро ва Марғелону Фарғона ва Хоразму Тошканд, тоҷику ӯзбак якҷоя зиндагӣ мекунанд, ва урфу одат ва асбобу анҷом ва либосу палосашон як хел, қариб ки фарқе надорад, вале қиёфаашон хеле фарқ мекунад, ва хислаташон ба тамоман дигар хел аст, ҳатто муқобили якдигар.

Тоҷик соҳиби давлат нест. Вай ҳукумат надорад. Ғолибан аз паси тиҷорат мегардад. Дар кор чолок ва маккор аст. Ба фосиқӣ ҳавас дорад. Аз тоҷик фақат авлиё баромадааст, на ғозӣ. Авлиёҳо ба рӯзгори худ бепарвоянд, дар ғами пок нигоҳ доштани дину ойин умр ба сар мебаранд, ва ғарқи обо-

дии он дунё ҳастанд; ва биёбониҳойи даштҳойи Қипчоқ ва Туркистони Чинро ҳаминҳо мусулмон кардаанд. Тоҷик дар ғами худ ва халқу ватани худ нест. Вай ғами ахлоқу одоби инсониятро мехӯрад. Дар натиҷа на ба худ мерасад ва на ба ватани худ. Ӯзбак хислати дигар дорад, – манфиати худ ва қавми худро болотар аз ҳама чиз медонад, ва барои худ зиндагӣ мекунад, на барои риояи дину диёнат, ва ба ахлоқу одоби тамаддун сахт пойбанд нест, ва тақозойи нафсро лаҷом намезанад. Тоҷик пеш тобеи араб буд, ҳозир тобеи ӯзбак аст; ва тобеияти дурудароз боис шуда, ки нисфи аҳолӣ забонашро гум кардааст.

Дар Осиёи Миёна, ба мисли ҳамаи мамлакатҳойи мусулмон, аҳолӣ ҳисобу китоби саҳеҳ надорад. Вале ба мо гуфтанд, ки дар шаҳри Бухоро ҳашт ҳазор хонавода ва ҳафтод ҳазор одам ҳаст, ва се ҳиссааш тоҷику як ҳиссааш ӯзбак ва ӯзбак ғолибу тоҷик мағлуб; ва мағлубҳо ба беадолатӣ ва беҳуқуқӣ он қадар унс гирифтанду одат кардаанд, ки дар кулбаи худ, дар назди оташдон, бо аҳли хонадон, нишаста сурудҳойи шикоят аз замон ва таронаҳойи ғарибӣ мехонанд. Мо қариб нисфи ҷаҳонро гаштем, вале ягон қавму қабилайи дигарро надидем, ки сурудҳойи шикоятӣ ва таронаҳойи ғарибӣ ба ин дараҷа зиёд ва бадин поя ҳазин бошад. Нолишро дӯст медоранд, аз нолиш лаззат мебаранд, аз нолиш як дараҷа фахр ҳам доранд, ки «Ин дардро ман хубтар гуфтам»; аммо ҳавсалаи фикр давондан надоранд, дар роҳи ҳақ устувор нестанд; ва ба пулу мол ҳарисанд, ва нафсашон ба ақлашон ғолиб, ва ба васвасаи роҳати безаҳмат гирифторанд... Ду кас рӯ ба рӯ оянд, аз боби ҳалолу ҳаром ва равою нораво баҳси олимона мекунанд, вале дар амал, ба фойдаи худаш бошад, ҳалолу ҳаром ва равою нораво ба ёдашон намерасад; ва майдон танг ояд, одаму одамгариро ба як пули пучак мефурӯшад; ва як марди ҷаҳонгашта, ки барои беҳ шудани рӯзгори Инсон ҳафт достон навиштааст ва худаш шоҳиди ҳоли амирону хонҳойи Хоразм ва Кӯқанд ва Бухоро ва Кобул будааст, ба мо ҳикоят кард, ки мардуми ин кишварҳо асрҳост, ки аз роҳи рост зарарҳо дидаанд ва аз

роҳи каҷ манфиатҳо бардоштаанд, – роҳи рост якта, роҳи каҷ садта, – ва агар хоҳони зиндагии серу пуре бошанд, аз ҳалолкорӣ метарсанд, ба кори ҳаром даст мезананд. Азбаски дар ин мулкҳо серу пур зистан, одатан, фақат ба мансабдорон даст медиҳад, ва курсии мансаб каму талабгор бисёр аст; фиребу найранг ба авҷи аъло расидааст, – ришвахӯрӣ, тӯҳмат, фитнагарӣ, ҳасад, бахилӣ, ва инҳисори авлодӣ, дар ин давлатҳо як чизи муқаррарист, ва сиёсати ҳукуматро фалаҷ кардааст. Гӯё бад–ин сабаб будааст, ки ростро дурӯғ медонистаанд, ва фиребгарро кордон мегуфтаанд ва хиёнатро садоқат мепиндоштаанд.Ва одамони соф ва хирадманд аз хидмати дарбор мегурехтаанд, ки агар дуздӣ ҷавонмардист ва агар лаганбардорӣ одоб аст, мо шарик нестем ба ин корҳо, ва кори бад аст ин корҳо…»

Ва Азизмурод тарҷимаашро бурд ба идораи маҷаллаи «Ойна», ва мудири маҷалла мақоларо хонд ва қаҳраш омад:

– Таҳқир кардаст, лаънатӣ!

Азизмурод умедашро канд, – мақоларо чоп намекунад!

Мудир бо пушти даст қоғазҳоро тарафи Азизмурод тела дод:

– Ин олимони шумо таърихи моро намедонанд. Рӯҳи халқро намедонанд. Ҳамчун роҳгузари тамошобин навиштаанд. Намедонанд, ки аспро дар охури хар бандӣ, хар мешавад.

Азизмурод қоғазҳоро ғундошт, дар бағал зад, ва аз паси миз хест. Дарро кушод ва баромаданӣ буд, ки мудир баргардонд:

– Биёед, ин ҷо шинед. Мақоларо диҳед.

Вай мақоларо гирифт ва аз аввал, то охир тез чашм давонд:

– Худам ҳам медонам, ки аҳвол аз ин бадтар асту беҳтар нест. Аз забони каси бегона шуниданаш алам кард, ифтихору ҳимояи ҷоҳилона… Мақоларо чоп мекунем.

Ва чоп шуд мақола, ва хабарбарон ба гӯши Амир расониданд. Ва Қозикалону Раис ба ташвиш афтоданд, ва ман-

сабдорон ба ғазаб омаданд, ва Аълам фатво дод, ки:

– Куфр гуфтааст. Кофир аст. Хунаш ҳалол.

Ва охири моҳи январ дар Тошканд, дар идораи рӯзномаи «Туркестанские ведомости» барои беҳтарин мақолаи сол, ба Василий Бобров ҷоиза доданд; ва тарҷумон Азизмуродро касе на таъриф кард ва на танқид. Вале мудири маҷаллаи «Ойна» ба бало монд, – дар Бухоро хунашро ҳалол донистанд, ва дар Самарқанд, рӯирост не, пинҳонӣ, иғвогар гуфтанд, ки байни ду давлати дӯст низоъ меандозад; ва бо маслиҳати дутарафа Қурбони дуздро хариданд, ва Қурбони дузд, ҳангоми як сафар, дар корвонсаройи Қаршӣ, шаб дар ҷойи хобаш, ӯро ба ҳалокат расонд; ва шӯре афтод андаруни халқ, ва Губернатор изҳорот дод, ки қотилони сияҳкор душманони оромиву осудагии кишвар ва ду халқи дӯст ҳастанд, аммо ба мақсади нопокашон намерасанд ва мо якҷоя ба муқобили онҳо муборизаи беамон хоҳем бурд; ва Амир ба Губернатор телеграмма дода, изҳори миннатдорӣ кард; ва ҳар ду тараф худро сафед карданд, ва собит гардониданд, ки пеши роҳи донишро нагирифтаанд, ва ба қадри одамони машҳури мулк мерасанд; ва шаҳри Қарширо шаҳри Беҳрӯз ном монданд, ва хотираи нашири шаҳидро абадӣ гардониданд.

Ва Амир, бори нахуст дар умраш, намозро пурра хонд, ва шукрона ба ҷо овард:

– Хуб шуд, ки нест шуд. Ношукру носипос буд. Қадри моро, ки нашинохт, сазояш ҳамин.

Ва аз забони Бибисоҷида, беваи Саидмурод, Қушбегии мақтул, ки ба валӣ ва ғайбдон буданаш акнун касе шубҳа надошт, ва беморон, аз кӯру кар сар карда, то калу шал, ва аз безурёт сар карда, то ҳез таги дараш тӯда-тӯда навбат меистоданд; ва мардум байни худ нақл мекарданд, ки як ҳафта пеш кӯре ба ҳузури вай даромада аз он ҷо бино берун омад, ва безурёте баъди давойи ӯ, ҳомила шуд, ва… Ва қасам мехӯрданд, ки ин мӯъҷизаро бо ду чашми худ диданд ва шоҳид меоварданд, ки он безурёт ҳамсояи духтари холаи ман аст.., дар шаҳру деҳ овоза паҳн шуд, ки Фариштаи ободӣ, ки арвоҳи Акамулло ба Арши аъло рафта, ба Бухоро

оварда буд, аҳволу аъмоли раъияро дида, сахт ба ғазаб омадааст, ва малоикаҳойи аҳли рикобашро ҳайфи ту гуфта, танбеҳ дода, ҳамаашонро аз кор пеш кардааст, ва аз ҷумлаи малоикаҳойи ҳуқуқшинос ва мӯътамад дастаи муфаттишон ҷамъ оварда, супориш додааст, ки вазъи ҳолро омӯхта, сабабҳойи ба ҷаҳолат ғарқ гардидани Бухороро ёфта, гунаҳкоронро ба ҷаҳаннам партояд, ва роҳи ислоҳашро пешниҳод бикунад, ва ин кор анҷом ёбад, дар зарфи панҷ-даҳ сол, аморати Бухоро яке аз мамлакатҳойи ободтарини дунё мешавад; ва садқа шавем арвоҳи Акамуллоро, ки ин ҳама кори хайрро ҳамон арвоҳ карда истодааст.

Ва Қурбонмуроди муфтӣ, ки дар Каркӣ, дар Чирчиқ, дар Ӯш, дар Ҳирот, дар Балҷувон, дар Марғелон, дар Чуст, гуреза шуда мегашт, ва дар ҷойе имоми масҷид мешуд, ва дар маҳалле миробӣ мекард, ва дар деҳае мактаб мекушод, ва дар ноҳияе муфтӣ интихоб мекарданд; ҳангоми амри маъруф ва сӯҳбатҳойи меҳмонхона ва дар ҳалқаи ёру ошно, дар омади гап, гӯшзад мекард, ки «каромотҳойи Бибисоҷида ва сиёсати мулкдории Амир ҳар ду дар як поянд ва ҳар ду аз як чашма об мехӯранд. Инаш ҳам ба фарти ифрот расидааст. Ваяш ҳам ба фарти ифрот расидааст. Инаш ҳам заҳри ҳалолил дар тану рӯҳ аст. Ваяш ҳам заҳри ҳалолил дар тану рӯҳ. Як хел зарар дорад ба дониш, ба биниш, ба фаҳмиш, ва ба ҳолати моливу маънавии давлат. Нусха ба асл баробар. Ҳар ду ҳам аломати касофат ва фалокат ва футурравист».

Ва дар соҳили дарёи Нева, дар пажӯҳишгоҳи мардумшиносии Миклухо Маклай, аз рафтор ва кирдори амирону хонҳойи Осиёи Миёна ҳар хел латифаҳо мегуфтанд, ва механдиданд, ки «наход дар рӯйи замин ҳамин хел одамони нодон бошанд?!», ва рӯзе, дар рӯзномае хабар хонданд, ки Амири Бухоро дар Петербург аст, ва дар Гостинний Двор зиндагӣ мекунад, ва кунҷковиашон боло гирифт, ва ҳар рӯз ду нафар-се нафар ба тамошойи дидори Амир мерафтанд, ки «афту андоми нодонҳо чӣ хел бошад?» Ва мерафтанду медиданд, ки афту андомаш дуппа-думруст, одам барин, ҳатто базебу хушрӯй, ва меомаданду сифат мекарданд аз

ҳуснаш, ва шунидагиҳо бовар намекарданд, ки «одами хушрӯ зишткор намешавад», ва худҳошон ба тамошо мерафтанд, ки бо чашми худ бубинанд. Ва ин рафтуомадҳо хеле зиёд шуд, ва ба Амир хеле хуш омад, ва боиси ифтихор донист, ва ҳар шому саҳар ба аҳли рикоб мегуфт:

– Одамони хубанд мардуми Петербург. Меҳрубон. Қадри одамро медонанд. Мардуми мо барин не. Қадрношинос не. Иззату икром мекунанд моро.

8

Дидагиҳо пушаймон, надидагиҳо дар армон.

Ормони фозилони Бухоро ба салоҳ овардани низоми давлатдорӣ дар аморат буд, ва дар тарғиботашон низоми кори Русияро намуна нишон медоданд, ва даъват мекарданд, ки онҳо ҳам ба мисли мо одаманд, ва мо ҳам ба мисли онҳо одамем, пас чаро онҳо ину он корҳоро карда тавонистаанду мо карда наметавонистаем?! Ва ободихоҳони Бухоро, ки ба ҷаҳонгардӣ баромадаанд, хиёбонҳойи ороста ва меҳмонхонаҳойи percтаи Русияро дида ҳавасашон мерафт, ва ба хиёбонҳову меҳмонсароҳойи ватанашон муқойиса мекарданд, ва фарқҳо дар сифату маънӣ медиданд, ва алам мекашиданд, ва аз алам ончунон талх мегиристанд, ки аз гиря варам мекарданд. Ва рӯшанфикрони Бухоро ҷону мол ба қурбонӣ медоданд, ки мактабҳойи нав кушоянд, ва бачаҳо савод омӯзанду касб ёд гиранд, чунонки дар мактабҳойи Русия ҳаст. Ва таъқибдидагон ва ислоҳотхоҳон гурехта ба Самарқанду Тошканд мерафтанд ва табааи рус мешуданд, ва табааи рус аз ҷавру ситами аморат озод буд. Ва Бухоро зиндон буд барояшон ва қаламрави Русия гулистон менамуд дар назарашон.

Ва дар қаламрави Русия озодфикрон Русияро зиндони халқҳо, ва низоми давлатдориашро низоми ҷаллодӣ мегуфтанд; ва рӯзномаҳо мебароварданд, ва китобҳо менавиштанд, ва мухотабашон аҳли заҳмат буд ва ҳоли онҳоро, бо мисолҳо, ба худашон нишон медоданду мефаҳмонданд, ва даъват мекарданд, ки соҳиби ҳақиқии молу мулк шумоед, шумо ба ин ҳама беҳуқуқиҳо тан

надиҳед, ҳаққу ҳуқуқи худро шиносед, ва ҳаққатонро кашида гиред, зада гиред; ва коргарони зовуду фабрик корро мепартофтанд, ва асбобу анҷоми зовуду фабрикро мешикастанд, ва анбӯҳ шуда, байрақ бардошта, ба кӯчаҳо мебаромаданд:

– Рӯзи кор аз ҳашт соат зиёд набошад!

– Ҷойи кор бехатар ва озода бошад!

– Музди кор муносиби кор бошад!..

Ва крепостнойҳои бесоҳибу бекор, ба соҳибони собиқашон помешчикҳо дӯғ мезаданду таҳдид мекарданд, ки агар кору нону ҷойи хоб надиҳед, мо ҳавливу молу мулкатонро месӯзонем; ва дастёрони ҳукумати мутлақа крепостнойҳоро ғун оварда, тарафи Осиёи Миёна мефиристод, ки раванду хонаву дар кунанд, ва фардо, дар рӯзи мабодо, дастгиру такиягоҳ бошанд; ва алҳол дар вилоятҳойе, ки русҳо, аз надонистани таърих, Кишвари Туркистон ном додаанд, яксаду бисту чор маҳаллаи руснишин ба вуҷуд омадааст, ки ҳафтод ҳазор аҳолӣ дорад; ва дар паҳлӯи шаҳрҳойи куҳна шаҳрҳойи нав сохтанд, ки бошандагонаш аз худашон аст, ва ҷамъулҷамъ шумораашон аз дусад ҳазор бештар шудааст; ва гурезаҳо ва бадарғашудаҳо чӣ миқдоранд, касе ҳисобашро нагирифтааст, ва аскару казакҳо чӣ қадаранд, фақат худашон медонанд; ва ҳамайи инҳо ҷойталабу ҷоҳталаб ва ҳукмравою сарватҷӯ буданд, ва заминҳойи ҳосилхезро ғасб мекарданд, ва заминҳойи вақфро мегирифтанд, ва ҷӯйҳойи нав меканданд; ва ҷанҷолу тархаша сари замину сари об, аз сол ба сол, зиёдтару зиёдтар мешуд, ва андоз, бино ба қонун, даҳ фойизи ҳосил буд, вале бист фойизу чил фойиз меситониданд; ва шумораи безаминҳо ва бебизоатҳо ва гуруснаҳо меафзуд, ва қаҳру ғазаб дар хирмани дилҳо ғарам мешуд…

Ва Азизмурод дар андеша буд, ки бо кадом рӯзнома ҳамкорӣ бикунад – бо «Туркистанские ведомости», ё бо «Самарқанд»? Ҳардуяш ҳам моли русҳо буд, ҳардуяш ҳам ба забони русӣ нашр мешуд, ва ҳардуяш ҳам дар Осиёи Миёна як ҳодисаи нав буд, ки собиқа надошт. Ва дар ҳалқаи дӯстон аз ҳамин мавзӯъ гап кушод:

– Рости гапро гӯям, ба ман ҳардуяш ҳам маъқул. Ҳар-

дуяш аз рӯзгори воқеӣ менависад.

Онҳо, Азизмурод ва Шодимуроди муаллим, дар чопхона бо ҳарфчинҳо, нақшаи хомакии китоби хонишро медиданд.

– Дуруст, воқеаҳойи рӯзро менависанд, – тасдиқ кард Шодимурод. – Нағз ҳам менависанд. Лекин ҳамааш ба забони русӣ. Ба мардуми мо дастрас не. Шумо, беҳтараш, бо мо ҳамкорӣ кунед. Китобҳойи мо нусхаи хеле кам доранд. Лекин ба забони худамон. Даҳ-понздаҳ кас мехонад.

– Гапи шумо дуруст, вале ман таҷрибаи муаллимӣ надорам. Баъд, чизҳое, ки ман мехоҳам бинависам, барои бачаҳо нест.

– Барои бачаҳо нависед. Бачаҳо фардо мардак мешаванд. Имрӯз ёд гиранд, фардо ба кор меоянд.

– Фардо ба роҳи худаш. Алҳол мавриде шудааст, ки аввал имрӯзро бубинем. Амиқтар бубинем, ки дар чӣ ҳолем, ба чӣ машғулем? Ҳоламон бад бошад, чӣ хел беҳ карда метавонем? Шуғламон бесамар бошад, кадом шуғл самар медиҳад? Ҳамин чизҳоро, ба фикри ман, донистану гуфтан лозим. Газетаҳойи русӣ ҳамин корҳоро мекунанд.

– Шумо ҳам кунед. Кӣ ва чӣ халал мерасонад?

– Касе ва чизе халал намерасонад. Лекин даруни сарам титу парешон ва тагу рӯ. Бо кадом роҳ рафтан даркор дақиқ маърифат карда наметавонам. Инаш ҳам мегӯяд, ки Осиёи Миёна торикистон буд, мо омадему равшанистон кардем. Ба атроф менигарӣ, мебинӣ ки рост мегӯяд. Ваяш мегӯяд, ки Осиёи Миёна зери зулм буд, Русия ки омад, ин зулм дутарафа шуд. Менигариву мебинӣ, ки рост мегӯяд. Мо чӣ гӯем? Тадбири мо чист?

– Инаш истилогар, сиёсати худашро мегузаронад. Ваяш хаёлпараст, баробарии ҳамаро мехоҳад. Ҳардуяш дар рӯзгори мо ба кор намеояд. Мо бояд муносиби рӯзгори худ кор карданро ёд гирем.

– Он кори муносиби ҳол кадом аст?

– Ба фаҳмиши ман, мардумро аз хоби ғафлат бедор кардан даркор. Бо роҳи шариат, бо зӯрии сиёсат ва бо роҳи мактаб, ба сару дилашон ҷо кардан даркор, ки Одам

вуҷуди шарифест, ва рӯзгори бошарафонаро фақат худаш бо дасти худ метавонад таъмин намояд. Вагарна рӯзгораш парешон ва шарафаш поймол хоҳад монд.

Ва одамони мубориз, дар ҳама ҷойи рӯйи ҷаҳон, бар ҳамин фикр буданд; ва дар Русия талошҳойи расидан ба чунин мақсад, шаҳру деҳа ва дару деворро фаро гирифта буд; ва шабу рӯз, пинҳону ошкор, талқин мекарданд, ки одаму оламро фақат ва фақат дороҳо бадбахт кардаанд, ва одаму оламро фақат ва фақат заҳматкашон метавонанд хушбахт бикунанд; ва доро бо хушӣ, бо хости худ, аз пулу мол ва айшу ишрат ва истисмори заҳматкаш, даст намекашад, ва ҳаққи ҳалоли муздурро намедиҳад, ва шарафи инсонии фаълаву деҳқонро поймол мекард ва минбаъд ҳам мекунад; ва заҳматкаш як роҳ дорад, – ҳаққи ҳалоли худро задаву кашида мегирад, ва шарафи худро бо зӯри бозу ва силоҳ ҳимоя мекунад; ва он вақт, ӯ ки дар асл соҳиби асосии молу мулки ҷаҳон ҳасту бо ҷабр бенасиб мондааст, дар воқеъ ҳам соҳиби молу мулк мешавад, ва неъматҳойи мавҷударо баробар тақсим мекунад, – касе ҳақ надорад, ки ҳаққи каси дигарро хӯрад…

Ва шӯриши бузурге, ки бояд ҳақро ба ҳақдор мерасонд, – ҳукуматро аз дасти ашрофон зада мегирифту ба дасти заҳматкашон медод, – дар пойтахти императори Вся Русия шаҳри Петербург сахт шикаст хӯрд; ва сар то сари мамлакат шӯришҳоро пахш карданд; вале оташе, ки даргирифта буд, ниммурда шуду хомӯш нашуд. Ва байни мардум ҷудойӣ афтод, – халқ ба ду гурӯҳ ҷудо шуд. Гурӯҳи ашроф ва гурӯҳи ранҷкаш. Ва ранҷкашони як зовуд маслиҳат карданду ғун омаданду корро партофтанду берун рӯйи ҳавлии зовуд баромаданду ҷониби бинойи маъмурӣ даст ёзонданду даъвояшонро як ба як бо овози баланд шумурданд:

– Канӣ, берун бароед! Шумо аз мо чӣ фарқ доред, ки дар кӯшкҳойи барҳаво кайфу сафо доред, ва ба мо аз оғилхонаҳо ҷой додаед? Оғилхонае, ки андоваи девораш рехтагӣ, фаршаш наму заҳ, сақфаш дудзадаву торик. Корро мо мекунем, кайфро шумо мекунед?! Не, ин хел намешавад! Дар хо-

наи шумо чароғ фурӯзон, оташдонатон гарм. Хонаи мо бе чароғ, оташдонамон сард… Не, ин хел намешавад!.. Шумо ду даст дар киса гардед, мо рӯзе дувоздаҳ соат араќи ҷабин мерезем. Боз дар иморате, ки ҳаво роҳи гузар надорад, равшанӣ дуруст намерасад, чангаш роҳи нафасро мебандад… Не, ин хел намешавад!.. Ҳар рӯз як фалокат ҳаст, – чархи мошин дасти касеро мехояду меканад, тахтаи оҳан ба сари касе фурӯ меғалтад, дар торикӣ пешпо хӯрда буҷулаки пояш мебарояд, ва шумо парво надоред… Не, ин хел намешавад!..

Ва ашрофи калон дарунтари кӯшк рафт ва ду–се ашрофи хурдро фиристонид, ки «ҷавоби даҳанмардҳоро бидиҳанд». Ашрофони хурд ба айвони болохона баромаданд:

– Ин хел намешавад, ин хел намешавад, .. чӣ хелаш мешавад?!

– Ҳамин хелаш мешавад, ки зиндагии мо ҳам мисли зиндагии шумо бошад!

– Ин хелаш намешавад! Шумо коргар, мо корфармо. Ҳар дуйи ин як чиз нест.

– Мо ҳам медонем, ки ҳар дуйи ин як чиз нест. Баройи ҳамин корпартойӣ кардем. Лекин коргар мол медиҳад, шумо муфт мехӯред. Ҳар дуйи ин ҳам як чиз нест! То имрӯз безаҳмат роҳат кардед, акнун бас. Мо ҳам бояд роҳати заҳматамонро бубинем. Алҳол талаби мо ин аст:

Рӯзи кор ҳашт соат шавад.

Ҷойи корро хушҳаво, рӯшан ва бехатар мекунед.

Ҷойи хоб озода ва обод бояд бошад.

Музди заҳматро муносиби кор медиҳед.

– Будаш ҳамин. Хоҳед, ки нон хӯред, кор мекунед. Нахоҳед, чор тарафатон ќибла. Мо кафили саломатӣ ва рӯзгори шумо нестем!

– Нонро худамон меёбем, бо иҷозати шумо бихӯрем?! Аз гиребонаш каш, поён фарор ӯро! Ду–се мушт ба сараш хӯрад, ҳушаш ба ҷо меояд!

Ва гиребонкашӣ сар шуд. Ва муштзанӣ сар шуд. Ва дорову нодор, ба муќобили якдигар ба ҷанг даромаданд. Гиребонҳо дарид ва сарҳо кафид. Ва аскари ҳукумат ба

ёрии дороҳо омаданд, ва нодорҳо мағлуб шуданд…

Ва дар Машҳади Разавия, дар рӯзи Ошуро, рофизиён маъракаи бузурге ороста, маросими мотам ва қасос барпо карданд, ва ҳама расму одат ба ҷо оварданд, ва дар охир калони онҳо фармуд:

– Он беадаби золимро биёред, хок ба даҳанаш!

Ва оварданд, – сурате аз чӯб ва гӯё ба шакли Абӯбакр, ва Калон ҷониби он хитоб кард:

– Шарм надоштӣ, хилофатро, ки ҳаққи ҳалоли Муртазо Алӣ буд, ба ҷабр аз ӯ гирифтӣ?!

Ва ишораи бурут кард, ва тӯда чӯбҳо гирифтанд ба даст ва заданд ба сару бари сурати чӯбин, ва пора-пора карданд. Ва он порапарчаҳо дур андохтанду сурати дигаре оварданд аз чӯб, ва гӯё ки ба шакли Умар, ва ҳамон гуноҳ ба рӯйи ӯ гуфтанд, ва чӯб заданду тикаву пора карданд, ва дур партофтанд; ва сурати саввум оварданд аз чӯб, ки ин аст Усмон, ва ҳамон айб ба гарданаш бор карданд, ва чӯб бардоштанду заданду титу питашро баровարданд. Баъд сурате оварданд аз чӯб, калонтар аз он суратҳо ва аз ҳамааш хушрӯтар. Ва Калон даҳон ба гила кушод:

– Туро шери Худо гуфтанд. Туро соҳиби зулфиқор карданд. Асадулло ал–ғолиб ном доданд. Туро чӣ бало зад, ки ба мағлубӣ тан додӣ, ва ба ноҳақ кардани инҳо ҷавоби савобе надодӣ?

Ва Калон имойи бурут кард.

Ва тӯда чӯбҳо бардоштанд ва ба сари сурати чӯбин фурӯ кӯфтанд, ва шикастанду дур андохтанд; ва оварданд сурати наве аз чӯб, ва Калон даъво пеш гузошт:

– Худойи таъоло мавҷудоти рӯйи замин ба туфайли ту халқ кард. Туро писари амак ва домоде буд, ки ворис донистӣ. Пас чаро ҳукм накардӣ, ки ба ғайри вай дигар касе дар курсии хилофат нанишинад?!

Ва Калон ишораи бурут кард.

Ва тӯда ҳуҷум оварданд, ва чӯбҳо ба фарқи сари сурати чӯбӣ кӯфтанд, ва қима-қимаашро баровարданд…

Ва як сиистонӣ, ки шоҳиди ҳол буд, дар Бухоро ин ҳодисаро дар мадраса нақл кард, ва толибилмони мадраса, ҳан-

гоми саёҳат дар беруни шаҳр маросими Ошуроро диданд, ва аз ҷумлаи онҳо яке тамошокунон он қиссаро ёд овард, ва хандаашро нигоҳ дошта натавонист, ва хандаи ӯ ба шиъаҳо сахт расид ва ӯро дошта мушту лағат заданд; ва ёрони вай тарсиданду гурехтанд, ва фиғонкунон ба шаҳр даромаданд, ки «шиъаҳо толибилмро зада куштанд», ва мадрасаҳо ба по хест, ва Қозикалону Раис, ки ормони Қушбегӣ шудан доштанд, ва баҳона меҷустанд, ва Қушбегӣ, ки бобокалонаш шиъа будаст, мавридро муносиб ёфтанд ва суннињоро шӯр андохтанд, ва оташи ҷанги сунниву шиъа дар шаҳр даргирифт, ва дар як шабонарӯз аз ду тараф хуни даҳ ҳазор марду зан ва кӯдак рехт…

Ва дар ин Ҳайҷойи азим, ки Оламу Одам ном дорад, кулли munoқишаҳойи хурду бузург, ва ҷангҳойи дохиливу хориҷӣ, ва табаддулоту инқилобҳо, ба даъвоҳойи бартарии дину мазҳабҳо ва судхоҳии дорову нодорҳо, бунёд шудааст, ва бунёд мешавад. Ва дар макону замон мадду ҷазри доимӣ доштаасту дорад. Ва агар Инсонҳо рӯ ба Хирад наёваранд ва Хирадро роҳбари рӯзгор нагиранд, ва аз ин ду манбаи балову офат ҳазар накунанд, аз ҷаҳли ҷанг ва ҳирси ғорат халос нахоҳанд шуд.

9

Дар аввали асри бист ҳирси молу мулк рӯз ба рӯз бештар шуд, ва рақобати дороҳо авҷ гирифт, – ба заминҳойи беоб об мебароварданд, майдонҳойи киштро васеъ мекарданд, зовуду фабрик месохтанд, аз кори дастӣ ба кори механикӣ мегузаштанд, қувваи кори арзон меҷустанд, бозорҳойи серхаридор ёфтан даркор буд. Ва нодорҳо безамин мешуданд, асбоби кишт надоштанд, ҷуфти гову аспу ароба харида наметавонистанд, хонаву дарашонро гарав мемонданду мефурӯхтанд, коркобиву нонёбӣ мебаромаданд, дари зовуду фабрикҳо мерафтанд, коргарони кироя ва каммузд буданд онҳо. Ва дороҳо ба дороияшон доройӣ меафзуданд, ва нодорҳо аз он рӯзи бадашон боз ба рӯзҳойи бадтар гирифтор мешуданд… Ва дар фабрикаи бофандагии Иваново-Зуево мошини чит-

бофӣ дасти коргарро хойид ва аз бандаш канд; ва дар Львов якбора сию чор коргар аз заҳри масолеҳи зовуд заҳролуд шуд, ки табибон муолиҷа карда натавонистанд; ва дар биёбони регзор, байни Ашқобод ва Келиф, аз ҳабдаҳ коргаре, ки роҳи оҳан месохтанд, нӯҳ нафарашро офтоб зад – сип-сиёҳ усӯхта барин сӯхтанд; дар заводи пахтаи Қӯқанд ғарами бастаҳойи пахта фурӯ рехт ва коргарон зери бастаҳо монданд, ва сутунмӯҳраи ду кас шикаст; ва дар анбори Когон боркаше дар торикӣ пешпо хӯрд. Ва буҷулаки пояш баромад… Нонталабон нон наёфта ҷон медоданд, ва ҳақиқатталабон дар талош, ки ҳақро ба ҳақдор расонанд, ҷон мекоҳонданд; ва дар Каркӣ омадани поезди аввалинро пешвоз мегирифтанд – бо тантана, бо байроқу шиор, бо нону намак, бо гулу гулдаста; ва зану мард ва пиру ҷавоне, ки арбобон хабар карда, ба зӯрӣ ба вокзал овардаанд, тамаллуқе ба мансабдоре мезаданд, чолокии худро нишон медоданд, хамёза мекашиданд, роғ мерафтанд, ва дастаҳойи хос карнай мекашиданд, дойра мезаданд, ашӯла мехонданд, рақс мекарданд, ва ваъз мегуфтанд, ки «Императори Аъзам ғами шуморо мехӯрад, эй мардум! Ба қадраш расед! Ба ҷонаш дуъо бикунед!» Ва як нафар пири бонуфузи шаҳр ва як нафар аз аҳли савдо, ва як нафар намояндаи занҳо, ва як нафар аз ҷумлаи коргарони ҷавонро болойи минбар даъват карданд, ва онҳо ба минбар баромаданд, ва арзи садоқату сипос карданд; ва ҳар кадоме аз онҳо, дар оғоз ва анҷоми суханаш, таъкид кард, ки «ман аз номи худам ва аз номи ҳамкасбонам, ба Императори Аъзам, барои ғамхориҳояш дар ҳаққи мо, ҳазор ташаккур мегӯям, ва қавл медиҳам, ки ба хидмати Императори Аъзам вақту ҷонамонро дареғ намедорем». Ва болшевик Петрухин, ки дар роҳи оҳан кор мекард, бе рухсати раёсати митинг, сари минбар баромад, ва рӯ ба сухангӯёни фармуда овард:

– Гапатон бошад, аз номи худатон гӯед. Ба шумо кӣ ҳақ додааст, ки аз номи халқ гап занед? Ё аз номи гурӯҳи одамон гап занед? Шумо ин хел ҳуқуқ надоред! Шумо дар роҳи оҳан кор накардаед, шароитро надидаед, азобу

маҳрумиятҳояшро намедонед, аз кадом ғамхориҳо лоф мезанед?! Дар таги ҳар як тахтаи ин роҳ ҷасади гуруснаву ташна ва азиятдидаву офтобзадаи як коргар хобидааст. Ин поезд аз болойи ҷасади мардуме мегузарад, ки дар талоши рӯзгор нон наёфта ҷон бохтаанд. Ташаккур ба кӣ бояд гуфт? Ба онҳое, ки дар сахтӣ ҷон додаанд, ё ба Императори Аъзам, ки ҷабран ҷон ситонидааст?!

Ва аз гиребони Петрухин кашида аз минбар фуроварданд, ва бадарға карданд. Аслан худаш дар бадарға буд, – аз Қазон ба Чирчиқ бадарға шуда буд, ҳоло гирифтанду аз Осиёи Миёна тарафи Шарқи Дур пеш карданд. Ва бадарға, ва пеш кардан хеле бисёр шуда буд дар Русия, ва одамони ба табъашон нофорам, – ростгӯ, озодихоҳ, инқилобӣ ва асирони ҳарбиро бадарға мекарданд ба кишвари Туркистон, ки аз марказҳойи маданӣ дур аст, музофот аст, азоби бемаърифатиро кашида гарданд; ва номи Туркистон, ки ба ҷуғрофия ҳеҷ рост намеомад, аз такрори бисёр ва шумори ҳуҷҷатҳо гӯшнишини ҷаҳониён мешуд, ва номи аслии мулку миллат ба фаромӯшӣ мерафт, ва мардуми бумӣ ба туркӣ шӯҳрат меёфтанд, ва ин номи сохта дар харитаҳо ҷо гирифт, ва оқибат кӯчиҳоро ватандор ва соҳибони аслии ватанро ватангадо кард; ва ҳамайи ин баъдҳо тақвият меёбад, вале алҳол ин кишвар, аз як сӯ ҷойи бадарға ва аз сӯйи дигар ҷойи паноҳбарӣ буд. Ва парешониву шӯру шаре, ки давлати муқтадири Русияро фаро гирифт, ба ин тарафҳо кӯч мебаст, ва рӯзгори ошуфтайи халқро боз ошуфтатар мекард, – инқилобиёне, ки ба ин ҷо бадарға шуданд, ва озодихоҳоне, ки аз таъқиби ҳукумати подшоҳӣ гурехта ба ин тарафҳо омадаанд, чун мубалиғони зиндагии одилонаи фарзанди инсон фикрҳойи хобро бедор мекарданд, ва фикрҳойи бедорро ба ҷунбиш меоварданд; ва муздурон аз иҷройи фармонҳо саркашӣ мекарданд, ва даст ёбанд, мансабдоронро мушту лагад мезаданд, ва ҷабрдидагон ғун омада, аз ҷабркардаҳо қасос мегирифтанд, ва дузду роҳзанҳо моли одамон ба ғорат мебурданд, ва лоф мезаданд, ки дасти афтодаҳоро гирифтаанд, … Ва чилу панҷ баталион аскар ва чилу ҳашт дастайи саднафарайи казакон ва нуздаҳ батареяи артиллерия ва шасту

се ҳазор аскари варзидаву ҷангдида, ки посдори амният дар ин кишвар буданд, ҷидду ҷаҳд доштанд, вале наметавонистанд амниятро таъмин бинамоянд... Ва андозе, ки ҳукумат аз мардуми ин кишвар мегирифт, аз андозе, ки фуқаройи рус медоданд, се маротиба зиёд буд; ва яксаду сию шаш маҳаллае, ки русҳойи муҳоҷир сохтаанд, ба деҳоти атроф фишор меоварданд, – об намедоданд, заминашонро зӯран мегирифтанд; ва бечораву бехонумон зиёд мешуд, ва шуморайи ҷиноятҳо меафзуд, ва... Ва вазорати корҳойи хориҷии Вся Русия ба генерал-губернатор дастур фиристонид, ки «Замин надиҳед ба шахсоне, ки раияи рус нестанд. Замин надиҳед ба одамоне, ки ба дини насоро нагаравидаанд». Ва муздурон рӯ оварданд ба дасту бозуйи худашон, – надиҳанд, зада мегирем!..

Ва коргарони роҳи оҳани Тошканд миёни корро шикастанд, ва шиор бардошта ба кӯча баромаданд, – эҳтироми моро нигоҳ надоред, хидмати шуморо намекунем! Ва коргарони почтаву телеграф ба онҳо ҳамроҳ шуданд. – Дуруст мегӯянд! Агар моро писанд намекунед, мо ҳам шуморо писанд нахоҳем кард! Ва инҳоро коргарони заводи оҳангарӣ ва коргарони фабрикайи дӯзандагӣ дастгирӣ карданд; ва безаминҳо ва коргарони мавсимӣ, ки аз ҳар гӯша мардикорӣ омаданд, «мо ҳам шарик» гӯён ба майдон баромаданд; ва аз Самарқанд ба Тошканд барқия омад, ки «Мо тарафдори шумо ҳастем. Аз ҷумлаи одамони таҳҷойӣ, ки забони русиро медонанд, барои мо сухангӯй фиристонед»; ва сардори уезди Красноводск ба номи генерал-губернатор хабар фиристонид, ки «Феъли мардум гаштааст. Бесар шудаанд. Дар асари воқеаҳойи солҳойи охир, фикру зикри одамон вайрон шудагӣ. Пештар фақат коргарони рус шӯру ғавғо мебардоштанд. Ҳоло мардуми маҳаллӣ ҳам гапгардону даъвогар шудаанд. Андоз намедиҳанд. Пеш аз мансабдор метарсиданд. Акнун мансабдорро сангу кулӯх мезананд ва метарсонанд...» Ва растаи дӯкону бозорҳо холӣ шуд, – орду биринҷу нон ноёб, човаҳойи карасин холӣ, шикаму чашми халқ гурусна, ва девори раҳму шафқат рахнаву афтида... Ва пристав Михайлов ҳамроҳи тарҷумон Азизмурод ба деҳаи

Офтобрӯ рафтанд ва дар меҳмонхона, ки одатан ҳарифонахӯрон барои дегу оташдон навбат мепойиданд, ва ҳоло дегҳойи холӣ сарпарӯ ва оташдонҳо сард буданд, мардони деҳаро ҷамъ овард, ва аз сумкае, ки дар гарданаш овехта буд, як даста қоғаз баровард ва якта-якта гирифта, ном ба ном хонд:

– Аҳмад ҳафтоду нӯҳ танга, Маҳмад шасту ҳафт танга, Раҳмат яксаду дувоздаҳ танга… қарздор. Ҳамин қарзҳоро ҳамин ҳозир додан даркор.

Мардҳо бо сари хам хомӯшона гӯш мекарданд. Ва вақте ки Михайлов номи Мақсудро гирифту эълон кард, ки яксаду чил танга қарздор аст, Мақсуди деҳқон рост аз ҷояш хест, ва рост ба рӯйи вай нигарист:

– Як танга намедиҳам! Буду шудамро ғорат кардед. Дигар як танга намедиҳам!

Ва аз меҳмонхона баромада рафтанӣ шуд. Се қадам намонда буд, ки Михайлов хесту ба сари Мақсуд қамчин бардошт. Ва писари Мақсуд парида хесту дасти ӯро дошт, ва Мақсуд пас гашту чанг зада гиребони вайро қабза кард, ва чанд каси дигар хестанду ба ӯ часпиданд, ва Михайловро зери мушту лагад гирифтанд, – ба замин афтонданд ва кашола карда берун бароварданд; ва Азизмурод дар байн даромад, ки хӯҷаинашро халос бикунад, ва худаш ба чанголи ҷанҷолиҳо афтод, – зада сару рӯяшро хуншор карданд… Ва пристав афтону хезон револверашро аз ғилоф баровард ва ду бор ба ҳаво тир паронд, ва садойи тир ҷони ӯро халос кард, – ҷанҷолиҳо тарсиданду сараш доданд, ва Михайлову Азизмурод, фурсат ғанимат, ба таъҷил аспҳоро савор шуданду гурехтанд.

Овозаи дар Офтобрӯя зада гурезондани пристав дар вилоят зуд паҳн шуд, ва одамонро шерак кард, – дар чарогоҳи байни кӯҳҳо, дар девлохи козанишинони мавсимӣ, як ҷангалбон, бо ду шогирдаш, ба козаҳо даромада пағозҳоро медид, ки чандтояш хушк ва чандтояш тар, ва кадом козае пағози тар дошта бошад, ҷарима мебаровард, ки навдаҳойи дарози бурсро буридайӣ ва ба давлат фалон қадар зарар расондӣ; ва дар девлох фақат занҳо буданд, – мардҳо дар

чӯпонӣ ва дар деҳаву даштҳо банди кори деҳқониву боғдорӣ; ва занҳо аз пурсуков ва тафтишу таҳдиди ҷангалбонҳо ба танг омаданд, ва хода, мех ва усӯхта ба даст гирифтанд, ва сагҳоро кишкиш доданд, ва бо дуъойи баду дашномҳойи қабеҳ ба сари онҳо ҳуҷум ов863оварданд, ва суронда аз девлох баровrouteарданд, ва то дар нишебии бароз аз назар пинҳон шуданашон, аз дунбол санг ғуронданд, ва таҳдид карданд, ки :

– Як бори дигар ҳамин ҷоҳо биёед, зиндаву саломат намеравед!

Ва одамони волостной, барои тарсондани чашми мардум, дар остонайи деҳаи Ёрӣ ҳаштод хар ҳезум ва ҳаштод табарро мусодира гирифтанд, ва мардум ба ғазаб омаданд, ва бо сангу чӯб он қадар ба сари он амалдорон ва аспҳойи онҳо заданд, ки бо як азобе гурехта, ҷон ба саломат бурданд. Ва баҳори ҳамон сол сели калоне омаду деҳаи Киштӯдакро шуста бурд; ва мардуми бехонумон баъди сел, аз рӯди Кӯҳак як моҳ болору сутуну васа бароварданд, ки «ҳар чӣ аз бало монад, ба фойдаи мост», вале одамони ҳукумат даъво карданд, ки «дурӯғ мегӯед, чӯбро бе иҷозат буридед, товонашро бидиҳед». Ва ҷанг шуд байни аҳолӣ ва одамони ҳукумат, ва аҳолии деҳа одамони ҳукуматро зада-зада то идораашон, то шаҳри Панҷекат сур карданд; ва дар деҳаи Чоркӯҳи волости Исфара, сардори уезди Қӯқанд капитан Румянсевро, ки барои ба салоҳ овардани ҷанҷоли об ба ин ҷо омада буд, бо даҳ нафар ҳамроҳаш ба иҳота гирифтанд:

– Занед инҳоро! Кушед инҳоро!

Ва заданд бо ҳар чизе, ки зери дасташон омад, ва аз асп афтонданд, ва поймол карданд, ва қоғазу ҳуҷҷатҳоро кашида гирифтанд, ва даронда партофтанд, ва Румянсев ду даст боло бардошт, ки:

– Ман ба корҳойи шумо дахолат намекунам. Ихтиёр ба худатон. Осақоли нав интихоб кунед. Обро худатон тақсим кунед. Ман кордор не.

Ва дар сар то сари империяи Русия аҳвол чунин буд, – мардуме, ки дирӯз мутеъ буданд, имрӯз итоат кардан намехостанд, ва пештар музди корашонро надиҳанд, ҳосили

кишташонро тороҷ кунанд, заминашонро гиранд, ба кори маҷбурӣ баранд, аламашон меомад, азоб мекашиданд, ғазабашон мечӯшид, вале тоқат мекарданд, дардашонро фурӯ мебурданд, ва зиёди зиёдаш дар хонаву чойхона, аз дасти замона, ҳасрату шикоят мекарданд, ва акнун ин дарду аламҳо дар дилу дар хона намеғунҷид, ва берун зад, ва ба кӯча ва ба майдонҳо ва ба минбарҳо баромад; ва дар шаҳрҳо асбобу олоти зовуду фабрикро мешикастанд, ва дар музофот хонаи мансабдоронро месӯзонданд, ва помешчиконро аз пояшон ба шохи дарахтҳо меовехтанд… Ва аз вилоятҳову кишварҳо ба пойтахт, ба Петербург, пайи ҳам чунин хабарҳо мерасид; ва аз Петербург ба вилоятҳо ва кишварҳо дастур омад: «Пахш кунед, паронед, ба суд диҳед, ба ҳабсхонаҳо партоед». Ва ба генерал-губернатори Туркистон барқия расид: «Сустӣ накунед. Ошӯбҳоро беамон пахш кунед. Бахусус, мардуми бумӣ ҳаракатҳойи бадбинӣ ва эътироз кунанд, филҳол пешашро гиред. Бераҳмона ҷазо диҳед. Решаашро сӯзонед, ки ба дигарон ибрат шавад. Ба қувва ва қудрати мо минбаъд шакку шубҳа боқӣ намонад».

Ва Императори Аъзам решаҳойи ошӯбу исёнро месӯхт, ки дигарон ибрат гиранд, ва решаҳо ончунон мустаҳкам буданд, ки дар Чорҷӯ сӯзонанд, дар Хоразм аланга мезад; ва дар Хоразм фурӯ нишонанд, дар Фарғона дармегирифтанд… ва Азизмурод хабарҳойи аз дуру наздик расидаро тарҷима мекард барои губернатор, ки «Гулмуроди дузд дафъаи саввум аст, ки аз ҳабсхона гурехтааст. Алҳол бо як гурӯҳ ҳамдастони мусаллаҳ дар Ҷому Арабхона ва дар Чалаку Даҳбед ва дар Ургуту Панҷшанбе ва дар Митану Қипчоқ, ғоратгарӣ мекунад. Одамони вай молу мулки дороҳоро зада мегиранд. Дар Нурато, Кармина, Зирабулоқ, Қаршӣ ва Китоб пайравон доранд». Ва ин Гулмурод дар асл як одами Худотарс буд, ки хидмати қозии Даҳбед эшони Невархонро мекард, ва Невархон шаҷараашро то Шайх Махдуми Аъзам мерасонд, ва гӯё ба мерос аз Махдуми Аъзам деҳоти се дараи болооби Зарафшон, ки бисту ҳафт деҳа дошт, ба ӯ ҳар тирамоҳ назр медоданд; ва анборҳояш аз чакка, қурут, равған, ғӯлинг, тутмаиз, пашм, ва оғилҳояш аз

бузу гӯсфанд, пур мешуд, ки вай аз ин ҳама моли ройгон хасе ба касе намедод, аммо дар сӯҳбату ваъзҳо, бо даҳони пур, аз адолату саховати Шайх Махдуми Аъзам сухан мегуфт ва мисол меовард, ки «агар гуруснаеро медиданд, аз ғам шаб хобашон мепарид, ва лучеро бинанд, ҷомаи танашонро кашида медоданд». Ва Гулмурод андак саводи омиёна дошт, – бино ба шаръи шариф ва қонуну қойдаҳое, ки урусҳо овар-данд, равою нораворо фарқ карда метавонист, – ва бовар дошт, ки қозию пристав молу манол ва шаъну шараф ва ҷону тани раъияро ҳимоя мекунанд, ва инҳо ҳимоя накунанд, кӣ ҳимоя мекунад? Хилоф дар андешаҳойи вай, дар пояи муқойисаҳо пайдо гардид, – дар шиор қозиву пристав ҳомии халқ буданд. Вале дар рӯзгор, бо сад фиребу таҳдид, халқро хонавайрон мекарданд, ва Гулмурод аз кору рафтори онҳо дилмонда мешуд, ва бад медид онҳоро; ва аввали баҳор шаш кас ба қозихона омаданд, ки ҳама ҷандапӯш буданд, ва шикоят карданд:

– Амлокдор беинсофӣ мекунад. Заминро чен накарда, бо хоҳиш ва раводиди худ, як танобро се таноб ва се танобро панҷ таноб менависад. Мувофиқи ҳамин андоз мебарорад. Ин куҷоя гапаш?

Қозӣ ба одамонаш фармуд, ки:

– Ин раҳгумзадаҳоро аз дар берун кунед. Раванду муомилаашонро дар ҷояш бо амлокдор бикунанд.

Ва Гулмурод дар байн даромад:

– Тақсир, бечораҳо чораҷӯӣ омадаанд.

– Чораи онҳо дар дасти Худо. Ҳамин хел офаридаст, ҳамин хел мурда мераванд. Тақдирро дигар карда намешавад.

Ва ин ҷавоб ба Гулмурод нафорид. Вай хидмати қозиро партофту рафт, ва дар сари замин, ҳамроҳи он шаш нафар, аз амлокдор талаб карданд, ки заминро чен кунад, баъд андоз нависад, ва амлокдор аз асп нафаромад:

– Чашми ман худаш ченак. Ҳоҷати боз чен кардан нест!

Ва Гулмуроду он шаш нафар лаҷоми аспи амлокдорро доштанд, ва ӯро аз зини асп поён кашиданд ва ба замин хобонда, хуб кӯфтанд…

Ва Гулмуродро ҳамчун саркардаи ин ҷиноят ба Самарқанд бурданд ва ҳабс карданд. Ҳабсхона аз гунаҳкорон лабрез шуда буд, ҷо намерасид, ва барои ҷой холӣ кардан қарор доданд, ки ҳафтод касро ҷониби Сибир фиристонанд, ва дар байни ин ҳафтод нафар Гулмурод ҳам буд; ва дар шаҳри Томск инҳоро тақсим карданд ба маҳалҳо, ва дар ҳамон вақт Гулмуроду Абдуқодир гурехтанд... Ва баъди се моҳ, дар охирҳойи тирамоҳ, дар дили шаб, ҳавлии қозии Даҳбед, эшони Невархон, ва идораи пристав даргирифт, ва алангаи оташ нисфи деҳаро, чун рӯз, равшан кард, ва одами арасоте ғун омад, ва як марди сару рӯяш саллапеч ба ҳозирон рӯ овард:

– Ҳар чизе, ки дар ин хонаҳо ва дар ин анборҳо ҳаст, моли шумост. Дароед, молатонро бигиред. Ҳаққи ҳалоли худатон аст.

Ва он марду ёронаш аспҳоро савор шуданду рафтанд; ва оташ, аз бом ба бом давида, аланга мезад; ва аҳли байту муридони Эшони Невархон бо доду фиғон, ёрӣ металабиданд; ва ғаниматгирон ҳар чӣ ба чашмашон расад ва ба дасташон афтад, мерабуданду мебурданд.

Ва рӯзона, ҳангоме ки аз Самарқанд казакони мусаллаҳ омаданд, Эшонро ба дасту по ва даҳони баста, дар боғ ёфтанд, ва идораи пристав кӯрдуд месӯхт, ва ҳавлии эшони қозӣ чордевори вайрона буд.

Ва ҳамон рӯз номи Гулмурод дар забонҳо афтод, – яке шефтайи ғайрату ҷуръаташ, дигаре дуъогӯ, ки қасди ҷабрдидагонро аз ҷабборон мегирад; яке дар орзуйи он ки дар тарафҳойи мо ҳам чунин мард пайдо шавад, дигаре дар тарсу ларз, ки ин бало ба сари мо ҳам набиёяд. Ва губернатор ӯро дузд эълон кард, ва супориш дод, ки кобанду ёбанду доранду ҷазояшро диҳанд. Ва фақат суди уезди Самарқанд, аз ҷиноятҳойи Гулмуроди дузд, сенздаҳ бор дафтар кушод, ва ду бор панҷсолӣ маҳкум кард, ва як бор ба бадарғаи якумра ҳукм баровард; ва се бор дар ҷанг мурд гӯён дар газетаҳо хабар навиштанд, вале тохтутози дастаи Гулмурод, имрӯз дар ин ҷо, фардо дар он ҷо, арзи вуҷуд мекард, ва волостное, арбобе, қозие, дорое, молу

мулк ва ҷонашро барбод медод.

Ва агар қозӣ бошад, ба дарвозааш менавишт: «Шумо аз номи шариъат ҷону моли мардум ба худ ҳалол донистед. Мо аз номи мардум ҷону моли шумо ба худ ҳалол донистем». Ва агар арбоб бошад, дар болинаш хат мемонд: «Арбоб занад ба ҳар боб, гуфтеду халқро ғорат кардед. Мо ғорат кардем, ки задагиҳойи арбоброо баргардонем ба халқ». Ва ин навиштаҳо шӯҳрат меёфтанд ва байни мардум эътиқоде устувор мешуд, ки «Дар шонаи Гулмурод пайи панҷаи Хӯҷаи Хизр ҳаст. Тиру шамшер таъсир намекунад. Аскари урус вайро кушта наметавонад».

Губернатори ҳарбии Самарқанд ба пристави Даҳбед супориш дод: «Гулмуроди дуздро зинда ё мурда дастгир кунед. Ҳар чӣ тезтар, ҳамон қадар беҳтар». Ва пристав Олейников хабар паҳн кард, ки «ҳар кас ҷойи Гулмуродро гӯяд, даҳ ҳазор сӯм тӯҳфа мегирад», ва осиёбон Эшов, баъди даҳ рӯз, ба пристав хабар дод, ки «Гулмуроду одамонаш ин шаб ба ҳавлии ман омаданд». Ва Олейников, бо чилу як казаки тирандоз, роҳ кашид, ки Гулмуродро ғофилгир бикунад; ва хирманкӯбон, ки болои дӯнгие хирман доштанд ва гандум бод мекарданд, субҳи содиқ ҷониби деҳа омадани аскаронро диданд ва донистанд, ки ба сари Гулмурод мераванд, ва дастёре фиристода ӯро огоҳ карданд; ва аскар ба канори деҳа расида буд ва Гулмурод имкони фирор надошт, ва ҷанг даргирифт байни аскарону Гулмурод, ва аскарон аз чил нафар зиёдтар буданд, ва ёрони Гулмурод ҳамагӣ ёздаҳ тан. Ва ҷанги ёздаҳ бо чил, аз дами субҳ то қиёми офтоб тӯл кашид, ва Олейников нӯҳ казак талаф дод ва ақиб гашт, ва аз ёрони Гулмурод чортояшро асир бурд; ва аз ёрони Гулмурод, ба ғайр аз асир афтодаҳо, се нафари дигар ба шаҳодат расиданд.

Ва чорёри Гулмурод дар панҷ рӯз сиву панҷ нафар шуд, ва дар вилояти Самарқанд се дастаи мусаллаҳи дигар амал мекард, ки ба номи Гулмурод мегузашт. Ва губернатори ҳарбӣ ба ҳамаи волостҳо ва арбобони деҳот дастур фиристонид: «Аҳлона ва якҷоя мубориза баред. Бояд ки дар ҳама ҷо одамони боэътимод дошта бошед. Одамоне ки омадура-

фти шайкаҳоро сари вақт хабар диҳанд. Ҷояшон, ки маълум шуд, фавран облава кунед». Ва хабар медоданд одамони боэътимод ҷойи шайкаҳоро, ва мардум, ки таваҷҷӯҳ доштанд ба «шайкаҳо», воқиф мешуданд ва огоҳ мекарданд Гулмуродро. Ва аскарон облава мекарданду шайкаҳоро намеёфтанд, – онҳо ҷой дигар карда буданд.

Ва губернатори ҳарбӣ, ба тариқи узр, ба генерал–губернатор хати маҳрамона навишт, ки «Гулмуроди дузд, ҳар ғанимате, ки аз мансабдорон ва дороҳо мегирад, ба камбағалу мӯҳтоҷон бахш мекунад. Дили онҳоро ба даст овардааст. Онҳо, бо ҳар восита ӯро тарафдорӣ мекунанд. Ҷояшро намегӯянд. Дар хона ва оғилҳояшон руст мекунанд. Аз омадан ва ниятҳойи мо пешакӣ ба ӯ хабар мерасонанд. Ба вай аспу аслиҳа медиҳанд. Алҳол ёфтан, дастгир кардан, несту нобуд карданаш мушкилаҳойи зиёде дорад».

Ва бо ёрии хабаркашҳо ҷойи Гулмуродро ёфтанд ва деҳаро муҳосира карданд, – казакҳо аз беруни деҳа ва ёрони Гулмурод аз даруни деҳа оташ кушоданд. Ва командири казакҳо Казантсев дид, ки бо қуввае, ки дорад, ғолиб омада наметавонад, – ба Самарқанд чопар фиристонид, ва аз Самарқанд, аз полки чорум, сӣ нафар казак ба дастгирӣ омад. Тирпаронӣ танаффус надошт. Казакҳо аз шинак ба шинак пеш мерафтанд. Ва даме, ки аз ду тараф ба ҳавлиҳо даромаданд, ҳуҷуми онҳо осонтар шуд, ва бо пошнаи панҷтира дару дарвозаро шикаста, ва деворҳойи похсаро кандаву афтонда пеш мерафтанд. Ва ёрони Гулмурод ҳафт тан талаф доданд, ва як ҳавлиро сангар карданд, ки похсадевори баланде дошт, вале садд шуда натавонист, – казакҳо тарконданд, ва аз маҷрӯҳе, ки ба даст афтод, пурсиданд:

– Гулмурод дар куҷост?

– Дар таҳхона, – гуфт ӯ.

Деворҳойи хона фурӯ рафта буд. Казакҳо аз мардони деҳа даҳ-дувоздаҳ кас ғун оварданд, ва фармуданд, ки хоку кулӯхи рехтаро яктарафа бикунанд, ва аз зери хок, аз таҳхона, ду шаҳид ва се маслуқи асп бароварданд, ва панҷ

нафар маҷрӯҳро асир ва ҳашт аспро ғанимат гирифта, ғолибона аз деҳа баромада рафтанд: ва полковник Сусанин барқия дод ба Петербург: «Дузди машҳур Гулмурод, ки дар вилояти Самарқанд роҳзаниву ғорат мекард, кушта шуд».

Ва баъди шонздаҳ рӯз аз ҳар гӯша ба губернатор хабарҳо расид: «Дуздони Гулмурод идораи маъмурии Ҷомро тороҷ карданд». «Ҳангоми бархӯрди казакҳо бо дастаи роҳзанон, дар Дархон устохонаи силоҳбарорӣ ёфт шуд. Силоҳсоз як марди рус. Худи Гулмурод гурехт. Аспи нағз дошт». «Одамони Гулмурод дар бозорҳо мегарданд ва шахсони серпулро таги чашм мекунанд».

Ва генерал-губернатори Туркистон ба губернатори ҳарбии Самарқанд қатънома дод, ки «Ё вазифаатро ҳалол иҷро мекунӣ, ё ки мо чораҳойи дигар мебинем». Ва полки дуввуми Уралро ба ихтиёри вай фиристонд.

Ва дар Бухоро аз корномаҳойи Гулмурод, бо шавқу завқ ва сифатбандиҳойи афсонамонанд, қиссаву ҳикояҳо мегуфтанд; ва дар маҳфили домулло Исмат, ки аз шогирдони мулло Озодаи шаҳид буд, ва озодандешон гоҳу бегоҳ ғун меомаданд, Гулмуродро қаҳрамони даврон гуфтанд; ва домулло Исмат оҳи сард кашид:

– Зоҳиран қаҳрамон менамояд. Балки, ба як маънӣ, қаҳрамон ҳам ҳаст. Лекин қаҳрамонии авомона. Қаҳрамонии бехирадона.

Табъи ҳозирон хира шуд, ба мисле, ки онҳоро касе таҳқир карда бошад. Ва ҷавоне луқма дод:

– Устод, Гулмурод марди майдон. Кошкӣ, ба монанди вай дар Бухоро ҳам ёфт мешуд.

– Ба марди майдон буданаш шакку шубҳа нест. Аммо марди табаҳкор. Дилу нияти корҳойи бузург надорад. Ин ки чанд мансабдорро мекушаду ғорат мекунад, як худнамойии авомона аст. Аз ин корҳо ба халқ фойда не, зарар мерасад. Деҳаҳо хароб мешавад, ҷону моли мардум барбод меравад, ятиму гадо меафзояд. Агар ҳамин ғайрату ҳимматашро оқилона ба кор гирад, обрӯву шӯҳраташро дуруст истифода

барад, ва лашкари оростае дошта бошад, ва ободии мулк ва осоиши халқ аз ҳадафҳойи асосиаш шавад, он гоҳ қаҳрамон гӯем, арзандаву зебанда аст. Вагарна аз ин яккатозиҳо манфиате нест, талафи беҳуда бисёр аст.

Ва полки Урал, ки ба Самарқанд омад, дар деҳаи Ҷом ҷой гирифт, ва Амири Бухоро ба ташвиш афтод, ва Қушбегиро, ки забони русиро андаке медонист, ҳамроҳ гирифт ва ба Когон, ба саломи гумоштаи Русия ҷаноби Каблуков рафт, ва аз ҷомаву шириниву меваҳойи полезиву ҷавоҳирот дастовези амирона бурд, ва Қушбегӣ аз забони амир арзи гилаолуд кард:

– Дар назди мо Русия ба монанди як дарахти азамат ва мустаҳкам аст. Мо дар сояи ҳамин дарахт маскан гирифтаем. Дудаста ба ҳамин дарахт часпидаем. Русия обод ва муқтадир бошад, файзаш ба мо мерасад. Мо ҳам ободу осуда мешавем. Мо ба ғаври ин маънӣ расидаем. Аммо овозаҳое ба гӯш мерасад, ки Русия ба Ҷом аскари зиёде овардааст. Нияти ба Бухоро лашкаркашӣ дорад. Мо ба ин гапҳо бовар намекунем. Мо хуб медонем, ки барои Бухороро гирифтан, ҳеҷ ҳоҷате нест, ки Русия лашкари бисёр оварад. Бигзор, генерал–губернатор ба дасти як казак як қоғаз фиристонанд, ва гӯянд, ки аз кадом шаҳри Русия ба мо ҷой медиҳанд. Мо бечунучаро баромада меравем. Бе ҷангу ҷидол аморатро месупорем ба дасташон. Мо ёри ҷанги русия нестем.

Каблуков хандаи малеҳе кард:

– Шумо ёри вафодори мо ҳастед. Мо ба қадри ёрони вафодор мерасем. Он хел гапҳоро душманон паҳн мекунанд. Душманони мову шумо. Бовар накунед ба ин овозаҳо.

Бунёди ҳама ҷунбиш ва муноқиша ва балво ва шӯришҳо даъвойи шахсҳо ба шахсҳо ва даъвойи синфҳо ба синфҳо буд, ки «ту ҳаққи маро мехурӣ», ва «мо кор мекунем, шумо роҳат мебинед», ва «ҳокимияти шумо одилона нест, мо ҳокимиятро нав мекунем, одилона мекунем». Ва фарқ танҳо дар макону замон аст, – дар ҷоеву замоне

барои нони шикам ва дар ҷоеву замоне барои ҷаҳон гирифтан.

Ва дар Осиёи Миёна қасди фақирон қасд гирифтан аз дороёни диёр ва пуштибонҳойи онҳо аз Русия буд, ва дар Русия фирқаҳойи инқилобӣ коргару муздуронро даъвату муттаҳид мекарданд, ки тартиботи куҳнаро бишкананд ва тартиботи коргару деҳқонро барпо намоянд; ва дар ҷаҳон давлатҳое, ки зовуду фабрикаҳо ва дастгоҳҳойи бузурги молбарорӣ ва техникаи рӯзафзун ва иқтисоди пурқувват ва силоҳҳойи оташфишони дурзан ва лашкари бонизом доштанд, даъвойи бузургиву муқтадирӣ мекарданд, ва дар тараддуд ва талош буданд, ки мамлакатҳойи бештареро фурӯ баранд, ва дар ин замина байни якдигар рақобати нонӣ ва ҷониро тарҳ мекашиданд. Ва Германия бо Австро-Венгрия аҳд бастанд, ки дар ҳар шароит дасти якдигарро мегиранд; ва Юнон ва Италия ба ин Аҳднома шарик шуданд, ки коратон дуруст ва мо ҳамфикру ҳамроҳи шумо. Ва ба рағми онҳо Англия бо Франсия шартнома баст, ки дар сиёсат аз як гиребон сар мебарорем; ва Русия ба инҳо шарик шуд, ки мо ҳам дар ҳамин хаёл будем. Ва зӯроварони ҷаҳон ду гурӯҳи мухолиф шуданд ва ду иттиҳод барпо карданд, – иттиҳоди сегона ва иттиҳоди Антанта. Ва нуздаҳуми июл, соли як ҳазору нӯҳсаду чордаҳ, қувваҳойи ҳарбиву манфиатҳойи иқтисодии ин ду иттиҳоду иттифоқ ба ҳам бархӯрданд, ва Ҷанги Якуми Ҷаҳон сар шуд. Бо як баҳонаи ночиз сар шуд ҷанг, – кадом як шоҳзодаи ҳарҷогардро куштанд, ва ин ҳодиса дар Сербия рӯй дод, ва сербҳо гуфтанд, ки кори ношуданӣ шуд, мо хунбаҳояшро, ҳар чӣ талаб кунед, розӣ ҳастем, ки бидиҳем. Вале даъвогарон австро-венгерҳо қабул накарданд, омодаи ҷанг шуданд, ва шарикашон Германия, ки ташкили иттиҳод ташаббуси вай буд, ва аз нав тақсим кардани ҷаҳонро орзу мекард, онҳоро афра дод, ки сулҳ накунед, ҷанг кунед, зеро Антанта ноҳақ нисфи кураи заминро мустамлика кард, ва ҳаққу ҳуқуқи моро нашинохт, ва мо бояд қудрат нишон бидиҳем, ва ҳаққи худро бо зӯри силоҳ бигирем. Ва австро-

венгерҳо ба муқобили сербҳо ҷанг эълон кард, ва Русия тарафдори Сербия шуду ба майдон даромад, ва Германия тарафи Австро-Венгрияро гирифт, ва бо Русия ва Франсия лашкар кашид, ва Англия ба рағми Германия бархест, ва Юнон ва Италия ба ёрии Германия камар бастанд, ва Америка ба мадади Антанта омад, ва ҷанг рӯйи ҷаҳонро фаро гирифт, ва ба гурӯҳи Антанта бисту панҷ мамлакат, ва ба гурӯҳи Сегона сенздаҳ давлат дохил шуданд; ва як миллиарду панҷсад ҳазор одам дар ин ҳайҷойи азим ҳаёт ба сар мебурданд, ва ин ҷанг даҳ миллион мардро кушт, ва бист миллион мардро маҷрӯҳ кард, ва…

Ва давлати пуршавкати Вся Русия бемадор шуд, ва андозҳойи нав ба нав мебаровард; ва вазорати ҳарбӣ, ки ба қобилияти ҷанговарии халқи Осиёи Миёна бо чашми бад менигарист, ва ба садоқаташон бовар надошт, зарур бошад, раво бошад, гуфтагӣ барин, фармон баровард, ки мардони нуздаҳсола то чилу сесола ба хидмати ҳарбӣ даъват шаванд, ва дар ақибгоҳ ва дар боркашониву хандақ кандан кор бикунанд. Ва Азизмурод он фармонро тарҷима карда, бо замимааш ба уездҳо ва волостҳо мефиристонид, ки то фалон рӯз фалон қадар одам ҷамъ биёваранд, ва ба фалон шаҳр, ба фалон маҳал, ба фалон вокзал биёранд, ва ё фиристонанд. Ва ба уезди Хуҷанд, супориш буд, ки ҳашт ҳазору нӯҳсаду чилу ҳашт одам бидиҳад барои фронт. Ва мардоне, ки пахта мекоранд, аз ин ӯҳдадорӣ озод буданд. Ва маъракаи номнавис кардани мардон, ва тартиб додани рӯйхати онҳое, ки бояд ба фронт раванд, оғоз гирифт. Ва бозори хислати куҳна – ришва додану ришва хӯрдан, ва фиребу найранг гарм шуд. Мансабдорон аҳли авлодашонро аз ин дахмаса халос карданд, – ба рӯйхат дохил нашуданд онҳо. Эшонзодаҳо ҳуҷҷатҳойи қалбакӣ ёфтанд, ки ба киштукори пахта машғуланд. Дороҳо пул дода, ҷони хешу таборашонро хариданд. Ҳилагарон, ба воситайи табибони ҳаромхӯр ва шоҳидони муфтхӯр, далел оварданд, ки ба дарди сил ва шайтонлабӣ ва диққи нафас ва дар ҷогаҳ мезидан, гирифторанд. Ва ба рӯйхат даромаданд мардони сарбаланд, ки гапи

ҳар касро намехӯрданд, ва мардони забонашон тез, ва мардони бепулу бепушту паноҳ. Ва як рӯзи гарми тобистон панҷсад ҷавонмарду миёнасол ба Қалъаи нав, ба дари қозихона омаданд ва аз қозиву пристав талаб карданд, ки «Ҳаромкорӣ накунед! Одамонро холисона ба рӯйхат гиред! Ба пулдору бепул ва ба соҳибдору бесоҳиб ҷудо накунед! Мо аз кори шумо розӣ нестем!» Ва қозиву пристав худро канор гирифтанд ва ба сардори уезд ҳавола карданд, ки «равед додатонро дар ҳамон ҷо гӯед. Мо як одамони хурд. Ҳар чӣ гӯянд, ҳамонро мекунем». Ва мардон роҳи бозори Чоршанбе, роҳи идораи уездро пеш гирифтанд, ва дар роҳ, аз ҳар кӯчаву паскӯча одамон баромада, ба онҳо ҳамроҳ шуданд, ва ҳангоме ки ба идораи уезд расиданд, анбӯҳашон аз ҳафт ҳазор зиёд буд. Бинойи идораро аскарон посбонӣ мекарданд, – ду нафар дар дами дарвоза ва шаш-ҳафт нафар дар зинапояву дари даромадгоҳ ва панҷ-шаш нафар дар болойи бом. Ва раиси уезд, дар иҳотаи чанд маъмури дигар, ба айвончаи ошёнаи дуюм баромад. Ва карнай пеши даҳан гирифт ва гуфт:

– Хизмати ҳарбӣ кори маҷбурист, ихтиёрӣ нест. Хоҳед ҳам меравед, нахоҳед ҳам меравед. Беҳуда худатонро азоб надиҳед ва шаҳрро нооором накунед. Ба хубӣ баргардед ва ба хонаҳоятон равед. Аз ин ғавғойи шумо ҳеҷ мурод ҳосил намешавад.

Ва аз ҳар ҷойи издиҳом садоҳо баланд шуд:

– Рӯйхатро нав кунед. Холисона кунед.

– Мо ба хизмати маҷбурӣ намеравем.

– Мо бо касе ҷанг накардаем. Ба ҷанг ҳам намеравем.

– Он рӯйхатро даронед. Аз нав ба рӯйхат гиред…

Ва раиси уезд овозашро баландтар кард:

– Мардум! Ба гапи ҳар хел иғвогар наравед. Ба зиндагӣ бо чашми кушода нигаред. Маслиҳат ҳамин, ки пароканда шавед. Хона ба хона равед. Аз талабҳойе, ки иҷро намешавад, даст кашед. Кори давлат бозича нест, ки дар кӯча, бо балво ҳал бикунед. Ба хости Худо ва ба хости давлат тан додан даркор. Хона ба хона равед.

– Намеравем! Ба хона ҳам намеравем, ба ҷанг ҳам намеравем.

– Наравед, ба худатон ҷабр мекунед.

– Намеравем! Аз онҳое, ки ба мо ҷабр кардаанд, қасдамонро мегирем!

Ва анбӯҳи одамӣ дарвозаро пахш кард, ва аз даруни бино фавҷи полису аскар берун давид ва тир кушод, ва издиҳом пош хӯрд, ва дар шаҳр ҳолати ҳарбӣ ҷорӣ шуд; ва ҳафтсад марде, ки аз Қистакӯз ба мадади хуҷандиён омаданд, субҳи рӯзи дигар ба шаҳр расиданд, вале аскару полис роҳ надоданд, ки дарун дароянд…

Ва шӯриши хуҷандиёнро, бо зарби тиру туфанг ва куштору сӯхтор, хобонданд; ва дар пайравии хуҷандиён мардони шаҳрҳойи дигар бархестанд, – мардуми Ургут шӯриш карданд; дар Самарқанд ва Тошканд аҳолӣ ба майдонҳо баромада, ба зидди сиёсати Императори Аъзам шиорҳо баланд бардоштанд; дар Фарғона ҷунбиши халқӣ ба вуҷуд омад; ва дар Ӯротеппа ва дар Ашт ва дар Панҷекат ва дар Қаршӣ ва дар Қубодиён ва дар Ғарм ва дар Қалъаи лаби об мардум роҳи исёнро пеш гирифтанд…

Ва хабари эътирозҳову шӯришҳову исёнҳо дар як шабу рӯз аз Петербург ба Самарқанд ва аз Тошканд ба Хоруғ мерасид, ва фаълаву деҳқон аз Москов то ба Бодкӯба ва аз Харков то ба Фарғона як ормон доштанд, – рӯзгори беҳтаре мехоҳем! Ва дар талоши ба он рӯзи беҳбуд расидан коргарони зовудҳойи мошинбарорӣ, пахтакашӣ, чармгарӣ, собунпазӣ, матоъбофӣ, ва дар конҳойи тилло, сурма, ангишт коршиканӣ мекарданд. Ва заминкорон хонумони заминдоронро месӯхтанд, ва бекорон тӯда шуда, ҷониби шаҳрҳо ба суроғи кор мерафтанд, ва ҳар одаме, ки якпула мансаб дошт, аз корафтодаҳо сад пул ришва меситонид… Ва халқ захирае аз хӯрданӣ надошт, – алаф ва решаи алаф мехӯрд; ва ба кор дар тобистон дасташ хунук мехӯрд, ва аз додани андоз саркашӣ мекард, ва ба ҳашар намебаромад; ва дар Миёнкол, бо фармоиши раиси уезд, бисту як одамро дар майдони лаби ҳавз қатор рӯйи замин

хобониданд ва панҷоҳ тозиёна заданд, ки «ҳар касе ба ҳашари каналковӣ наравад, сазояш ҳамин!» Ва сипас, дувоздаҳ нафарашро бурда дар ҳабсхона партофтанд, ва нӯҳ нафараш ба бадарға ҳукм шуд. Ва Катамуроди чавандоз ҳамон шаб ёру дӯстонашро ғун овард, ва баъди нисфи шаб ба ҳабсхона ҳуҷум кард, ва он бисту як нафарро ҳамроҳ гирифт, ва ба саҳро рафт, ва андак вақте нагузашта ба мирӣ ном баровард.

Ва дар волости Н. интихоби волостной буд, ва аз дастгоҳи генерал–губернатор намоянда омад; ва бо вакилоне, ки ҳар кадомаш аз номи панҷоҳ кас овоз медод, дар масҷид машварат кард, ва қарор доданд, ки пешниҳоди пристав капитан Котович шоистаи дастгирист, – Мирзобойро властной интихоб мекунем, вай забони русиро хуб медонад; ва бо ҳамин ният пеши мардум баромаданд, ва мардум ин пешниҳодро рад карданд, – Мирзобой одами худпараст, вай парвойи гарму сарди рӯзгори халқ надорад. Ва ҷанҷол хест, ва мардум намояндаи генерал–губернатор ва пристав Котович ва он вакилоне, ки ҳар кадомаш намояндаи панҷоҳ нафар буд, тела дода ва зада аз маҷлис пеш карданд, ва одами ба худашон маъқулро волостной бардоштанд.

Ва дар Ӯротеппа ба сари раиси уезд дӯғ заданд, – «Ҳай кун харата! Аз куҷое омадӣ, ба ҳамон ҷо рав! Андози навро намедиҳем!» Ва пеш карданд ӯро. Ва андозро надоданд. Ва дар уезди Хуҷанд аҳолии панҷ деҳа белу каланд ва чӯбу санг гирифта ба саҳро баромаданд ва заминҳойи вақфро, ки ба мадрасаи Рустамбек тааллуқ дошт, ғасб карда гирифтанд…

Ва граф Пален аз Петербург, барои тафтиши ҳол, ба кишвари Туркистон омад, ва генерал–губернатор ба волостной супориш дод, ки меҳмони олиқадрро дар остонаи шаҳр, бо нону намак, бо карнаю сурнай ва бо рақсу суруд, пешвоз бигиранд; ва волостной ба маҳаллаҳо одам фиристонд, ва он одамон рафтанду аз дашти сӯхта ва замини сафолакбаста, аз кулбаҳойи хаспӯш ва сари чоҳи оби шӯр

ва боғҳойи нимхушк ва палакҳойи хазонзада, халқро хабар карданду оварданд сари роҳ, ва саф оростанд, ва имоми масҷид ваъз гуфт, ки «бо рӯйи туршу сари хам наистед. Бо чеҳраҳойи кушода ва сари баланд истед. Меҳмони олиқадр шуморо бинаду хурсанд бишавад. Ба дилаш фараҳ дарояд. Бигзор, донад ки мо дар сояи давлати Императори Аъзам, рӯзгори осоишта дорем… Бахти мо будааст, ки дар сарамон чунин подшоҳ ҳаст».

Ва ҳар касе, ки ақлаш даромадааст, баъди чунин ваъз, ки ҳафтоду ҳафт бор шунидааст, бо ҳар баҳона, – об мехӯрам, халоҷо меравам, чорух поямро зад, дойраро тасфонам, ба ҳамсоя як даҳон гапи зарур дорам, – аз саф баромад ва гурехт; ва меҳмони олиқадрро як мушт кӯдаки пойлуч ва сурнайнавоз ва ду-се рақосаву се-чор овозхон, ки илоҷи гурез надоштанд, ва як гурӯҳ амалдор, истиқбол карданд. Ва граф Пален дар ахбораш ба Петербург навишт: «Мо ба мардуми таҳҷойӣ назари нописандӣ дорем. Инҳоро одамони паст мешуморем. Ба фаҳми мо инҳо хислати ғуломӣ доранд. Чӣ будани иззати нафсро намедонанд. Лекин алҳол вазъи рӯҳии инҳо тамоман дигар аст. Аз ваҷоҳат ва рафторашон маълум, ки агар даст ёбанд, саркашиҳойи хеле бебокона мекунанд. Инҳо он мардуми пештара не. Пеш бе миннат, бо сари хам кору итоат мекарданд, истироҳат надоштанд, табобат надоштанд. Дар кулбаҳойи торик ва заҳу нам ва пур аз кайку кана зиндагӣ мекарданд, вале розӣ буданд, эътироз надоштанд. Акнун розӣ нестанд, эътироз мекунанд, сар мебардоранд, чангу балво мехезонанд». Ва аз Петербург телеграф доданд: «Сари саркашонро зада бишканед. Тиру доруро дареғ надоред!».

Ва ҳукумати подшоҳӣ, бо ҳабсу бадарға ва бо полису аскар, сарбардоштаҳоро сар мешикаст, ва дар як ҷо фурӯ нишонад, дар се ҷойи дигар авҷ мегирифт; ва Империяи Русия, аз Қафкоз то Хабаровск ва аз Осиёи Миёна то Шарқи дур, ба ҷунбиш омад. Ва ин ҷунбиши оммавиро ҳизбҳойи инқилобӣ дастгирӣ ва ташкил ва роҳбарӣ ме-

карданд. Ва ҳукумат, бо тамоми қувваташ, муқобил меистод, ва сариштаву ором карда наметавонист. Ва сокинони Империя ҷудо шуданд ба ду синф – синфи ҳукмрон ашрофону молдорон ва синфи мазлум коргарону бекорону бенавоён; ва яке ҷаҳд дошт, ки сиёсату тартиботи мавҷударо нигоҳ дораду мустаҳкам бикунад, ва дигаре бо азму ҷазм бархеста буд, ки кухнаро барҳам занад ва тарҳи нав барандозад, ва ҳар ду тараф умеду такия ба пуштибонии мардуми ъомӣ дошт. Ва то алҳол ин тоифаи сершумори ъомиро касе қатори одам намешуморид ва будану набуданашро писанд намекард; ва акнун, ба масал, «садаспаро ба якаспа кор афтод», – барои ҳимояи мансабу мақом ва фабрику зовуд ва замину ҳосил, ба онҳо ҳамин ҷандапӯшон даркор шуданд, ва рӯйи эҳтиёҷ ба «фалакзадаҳо» оварданд; ва ҳамон бекорсарсонҳо ва ҳамон ҷафокашу таҳқирдидаҳо ба даъвати онҳо, Худо медонад дар ин ҳазорсолаҳо бори чандум бошад, ки бовар карданд, – «Ватан дар хатар!», ва бархестанду силоҳ ба даст гирифтанд ва бархӯрданд бо онҳое, ки пештар бархеста буданд, ва ҳадафашон озод кардани мазлумон аз дасти золимон дар рӯйи ҷаҳон буд, ва ҳизбҳойи инқилобӣ онҳоро ба муборизаи беамон ба зидди муфтхӯрон бармеангехтанд, ки «соҳиби молу мулк шумоед, ва шуморо, ғайр аз қувваи бозуатон дигар ҳеҷ қуввае, аз маҳсият озод нахоҳад кард, ва аз як гиребон сар бароред, ҳақро ба ҳақдор расонед, ва халқу мулкро наҷот бидиҳед, ва ғофил намонед, ки оядаи Ватан дар хатар аст!». Ва ҳар ду ҷабҳа дар фаҳмиши худ устувор буданд, ва ҳар ду ҷабҳа шаккеву шубҳае надоштанд, ки маҳз онҳо сипари Ватан ҳастанд, ва ҳар ду ҷабҳа ҳеҷ аниқу дақиқ собит карда наметавонистанд, ки кадом ҷабҳа соҳибватан асту кадом ҷабҳа беватан…

Генерал-губернатори ба ном кишвари Туркистон ба номи вазири дохилии Русия шикоят навишт, ки «ташвиқгарони инқилоб шаҳру деҳро фаро гирифтаанд. Ба ҳама ҷо, ҳатто ба идораҳойи маъмурӣ, сар даровардаанд. Халқро ба шӯр меоваранд. Силоҳ медиҳанд. Ба майдонҳо

мебароранд. Алайҳи Императори Аъзам балвоҳо мехезонанд. Раъияро билкул аз роҳ задаанд. Раъия ба қонуну қарорҳо итоат намекунад. Фармони шумо чист?» Ва вазир Столипин фармон дод: «Ҳамагуна худсарӣ, ҳамагуна ғоратгарӣ ва ҳамагуна дастдарозӣ ба замин, ба чарогоҳ, ба ҷангалро, қатъан роҳ надиҳед. Бечунучаро пахш бикунед. Бо силоҳ, бе ягон мулоҳиза. Зарур бошад, ҳавлиҳо, кӯчаҳо, ва деҳаҳоро зада несту нобуд бикунед. Аз рӯйи замин рӯфта партоед».

Ва сартосари Империяи Русия рӯзномаҳойи ҳизби коммунист мактубҳойи падару модарон ба фарзандонро чоп мекард: «Агар фарзанди дилбанд ҳастӣ, нӯги найзаатро ба сари синаи волидайн рост накун. Сар боло гир ва сари найзаро ҷониби золимон гардон. Ба синаву шикамашон бихалон». «Мешунавам, ки аскарони як рота шӯриши камбағалонро хобондаанд. Ба чанд аскари фаъол медол додаанд. Онҳо сари сина овехта каттагӣ мекардаанд. Шири модарашон ҳаром шавад. Агар чунин аст, ман аз баҳри ин хел фарзанд баромадам». «Дар ин ҷо роҳи зиндагӣ гум. Дар он ҷо ту киро ҳимоя мекунӣ?! Тараф гирифта тавонӣ, тарафи бечораҳоро гир. Тарафи падару модарат нигар, ки чӣ ҳол доранд? Мо ба ин аҳволу ту ба сари мо баринҳо камон мебардорӣ? Читу дастат меравад? Ба дигар аскарҳо мактуби маро хон. Хонеду фикр кунед»...

Ва дар Петербург аскарон бо командирон ва матросҳо бо крейсерашон ба тарафи коргароне гузаштанд, ки шӯришҳойи бесилоҳашон ба мурод нарасонд, ва оқибат исёни мусаллаҳонаро пеш гирифтанд ва ҳуҷум оварданд ба Қасри зимистона, ба қасри Императори Аъзам; ва заданд, шикастанд, куштанд, гурезонданд ва асир гирифтанд; ва ҳукумати подшоҳӣ барҳам хӯрд, ва ҳукумат ба дасти Кумитаи инқилобии коргарон ва аскарон гузашт; ва дар қаламрави Империяи Русия ситамдидагон он қадар якдилона ва он қадар бадқаҳрона ба муқобили ситамгарон ба муборизаи беамон бархестанд, ки таърихи башар ёд надошт, ва гӯё на фақат қасди худро аз ҳукмдорони даврон мегирифтанд, бал-

ки ҳисоби садсолаҳоро, ки авлод ба авлод ва насл ба насл, ранҷ бурдаанду ганҷ наёфтаанд, ва заҳмат кашидаанду роҳат надидаанд ва дашном шунидаву ҷавоб надодаанд, ва ҷафо дидаву лаб накушодаанд, ва шаллоқ хӯрдаву ғайр аз дуъои бад, дигар чорае наёфтаанд, бо ганҷдорону бароҳатон ва хӯҷаинҳову ҷафокорону мансабзӯрон, яку якбора баробар бикунанд. Ва Азизмурод писари Рӯзимурод дар рӯзномаи «Самарқанд» мақола навишт, ки «ғофилтарин одамони ҷомеа, ки дунёро об барад, пинакашон вайрон намешуд, имрӯз бедор шудаанд. Имрӯз ҳақталошӣ мекунанд». Ва Гадомуроди гӯлахӣ, ки ба ғайр аз алов мондан ба таги деги зовуд дигар на парвойи Одам дошту на парвойи Олам, ҷуволи холии ангиштро бардошт ва бурду ба сари соҳиби зовуд андохт, ва ӯро хафа кард, ва афтонд ба рӯйи замин. Ва командири баталион як аскарро, бо гуноҳи он ки рӯзномаи ҳизби коммунистиро хондаст, дар казарма рост монда хуб танбеҳи даҳонӣ дод, ва баъд ротаро саф ороcт ва ба майдони машқи ҳарбӣ бурд, ва се соат бе танаффус гирди майдон давонид, ки «вайрон кардани уставро дидед, ба командир нагуфтед ё ба ман хабар надодед». Ва дар истгоҳи роҳи оҳан ва дар дарвозаи бозори калони шаҳр, дар матоъҳойи сурхи дароз, бо ҳарфҳойи калон–калони сафед, шиорҳо пайдо шуд: Роҳро васеъ кушоед! Пролетарҳо меоянд! Ба пролетарҳо роҳ диҳед!

Ва аскарони баталиони тирандоз, ки одатан вақти чоштхӯрӣ аз казарма то ошхона, саф кашидаву суруд хонда мерафтанд, имрӯз суруд нахонданд, ва ба фармони батакрори старшина, – Суруд хонед! Саровоз овозатро барор! Ба шумо мегӯям, суруд хонед!! – итоат накарданд, суруд нахонданд. Ва старшина дӯғ зад:

– То суруд нахонед, ба ошхона намедароед!

Ва аскарон боз итоат накарданд, – бетартиб ба ошхона даромаданд, ва мизу харакҳо ва деги таъому косаҳойи тунукаро бардоштанду чаппа карданд:

– Мазза надорад таъомҳо. Ба мо оби раббано медиҳед. Чор моҳ шуд, ки нонпулӣ намедиҳед. Либос надорем.

Шаҳр баромада наметавонем. Афсарон бо мо чунон муомила мекунанд, ки гӯё мо ғуломи онҳо бошем.

Ва командирони ротаҳо давида омаданд. Командири баталион омад. Командири полк омад. Ва бо фармону таҳдид аз ошхона баровroutанд, ва дар берун, рота ба рота, саф кашониданд, ва бино ба устави ҳарбӣ рафтору кирдори онҳоро маҳкум карданд, ва муттаҳам донистанд, ва панҷ нафарашонро дар ҳамон ҷо, ҳамчун иғвоандоз ва саркардаи балво, ба ҳабс гирифтанд. Ва лаҳзае, ки маҳбусонро аз пеши сафи ротаи панҷум, ҳамон ротае, ки барои рӯзнома хондани як нафар, комбат се соат дар майдон давонд ва ҷонашонро ба ҳалқашон овард, гузаронида ҷониби гаупвахта мебурданд, аскарони рота яклухт ва якбора ҳуҷум оварданд, ва камони посбонҳоро кашида гирифтанд, ва рафиқонашонро озод карданд; ва комбат фармон дод:

– Паронед онҳоро!

Ва садойи тир набаромад, – ҳама сафи аскарон омехта шуданд ва ба афсарон муқобил истоданд. Ва рӯзномаи «Самарқанд» варақа бароварду варақа паҳн кард: «Вақти озодии мо расид! Рафиқон! Даст ба дасти якдигар диҳед. Ба ёрии бародаронатон бархезед! Муттаҳид шавед! Бидонед, ки шумо озодӣ ва ҳаққу ҳуқуқи инсониатонро фақат ба иттиҳод ва фақат бо муборизаи боисрор ба даст оварда метавонед».

Ва рафиқон бархестанду муттаҳид шуданд, – коргарони роҳи оҳан бархестанд ва рафтуомади поездҳо қатъ гардид; ва полисмейстри шаҳр доду фарёд бардошт, ки ба мадади полисҳойи вокзал дастаҳойи илова фиристонед; ва қувваҳойи илова ба вокзал нарасида, коргарони зовуди собун бархестанд, ва аробакашон ва машкобон ва ҳаммолон бархестанду ба аскарон ва коргарон пайвастанд; ва чорбоғи шаҳр пур–пури одам шуд, ва байрақҳо ва шиорҳо мавҷ мезад; ва губернатор бо казакҳояш ба чорбоғ омад, ва ғулғула хест:

– Ҳокимият ба шӯроҳо дода шавад.

– Шӯроҳойи аскару коргар гиранд ҳокимиятро.

– Генерал-губернатор Сахаров хунхор. Вай хуни ноҳақ рехт. Баройи куштор дар қалъаи Тошканд вай гунаҳкор. Сахаровро ба ҷавобгарӣ кашидан даркор…

Ва шаҳр симо дигар кард, – тагу рӯ шуд, ва дари дӯконҳоро бастанд ва бозорҳо дар як соат хоп–холӣ гардид, ва аҳолиро ваҳму ҳарос фаро гирифт:

– Ба рӯзи мабодо ягон чиз захира кунед.

Ва пиру ҷавон, дар ҳар ҷойе, ҳар чизе медиданд, даркор ҳаст, ё даркор нест, ба ҳар эҳтимол мехариданд.

Ва телефону телеграфи Самарқанд ва Тошканд, байни ситоди инқилобиён, хабар мебурд ва хабар меовард.

Самарқанд:

– Сахаровро дастгир кардетон?

Тошканд:

– Не. Алҳол дастгир нашудааст. Дераш фардо ба ҳабс мегирем.

Самарқанд:

– Халқ ба шӯр омадагӣ. Талаб мекунад, ки ба ҳабс гиред. Ба суд диҳед. Бароварда дар майдони қалъаи Тошканд, дар пеши чашми халқ суд кунед. Ба ҳамаи ин balову офат, ки ба сари халқ омадааст, генерал-губернатор Сахаров гунаҳкор аст. Ҷавобашро диҳед.

Тошканд:

– Сахаров руст шудааст. Ҳоло ҷояшро наёфтаем. Меёбем. Гуфтаст, ки сарамро арзон намедиҳам. Шаҳрро ғарқоби хун мекунам.

Самарқанд:

– Ёрӣ даркор бошад, мо аскар фиристонем.

Тошканд:

– Алҳол зарур нест. Лозим шавад, ба шумоён хабар медиҳем. Чӣ ёрӣ дода метавонед?

Самарқанд:

– Озуқа. Аслиҳа. Поезди ҳарбӣ… Гарнизони Тошканд ба тарафи шумо гузашт?

Тошканд:

– Гузашт. Лекин пурра не. Сапёрҳойи Тошканду Хуҷанд. Боз ду-се рота. Аскарон асосан тарафдори мо. Танҳо казакҳо муқобил. Аҳволи шумо чӣ тур аст?

Самарқанд:

– Аскарони роҳи оҳан фаъол. Баталиони тирандоз дудила. Байни халқ шӯру валвала. Қалъаро гирифтем. Шумо чӣ, қалъаро гирифтед?

Тошканд:

– Мегирем. Муҳосира кардем.

Самарқанд:

– Сахаров пинҳон шуда бошад, дар қалъа кист?

Тошканд:

– Дар қалъа казакҳо. Баталиони захираро дар казармаашон ҳабс кардаанд. Баталион силоҳ надорад. Вале рӯҳашон бақувват. Марселеза мехонанд. Боз ротаи крепостнойҳо дар ҳамон ҷо.

Ва гумоштайи Русия дар Бухоро ба губернатори ҳарбии Самарқанд мактуби маҳрамона навишт, ки «тоҷикон аз Самарқанду Фарғонаву Тошканд ба тарафҳойи Бухоро тез-тез ва бисёр меомадагӣ шуданд. Аз Бухоро силоҳ мехаранд. Ошкору пинҳон ҳамроҳашон мебаранд. Мегӯянд, ки дар Самарқанд хонае нест, ки тиру камон ва револверу шамшер надошта бошад. Дирӯза худаш дар роҳи оҳани Бухоройи нав Комили Алӣ ном хуҷандиро доштанд, ки бисту се револвер ва ду ҳазору яксаду ҳафтоду панҷ тир харидааст. Мехост ба Хуҷанд барад».

Ва пешу қафо дар Тошканду Самарқанд инқилоби коргарон ва аскарон ва деҳқонон ғалаба кард, чунонки андаке пештар дар Петербургу Москва ва Киеву Волгоград ғалаба карда буд.

Ва дар Вся Русия тартиботи давлатдории подшоҳӣ барҳам хӯрд. Ва тартиботи давлатдории сотсиалистӣ ҷонишини он шуд, ки шӯроҳо, – шӯройи инқилобӣ ва шӯройи коргарон ва шӯройи аскарон ва шӯройи деҳқонон

ҳокимиятро соҳибӣ карданд.

Ва аҳолии ин мулки васеъ, ба ҳукми аксарият, картошкаро дар об ҷӯшонда бе намак мехӯрданд, – намак ёфт намешуд, ва кампираки сарфакоре як донаи гӯгирдро чор бӯлак карда, чор маротиба таҳдаргирон мекард, ва Раҳмонбой ғарамҳойи ғаллаашро намекушоду намекӯфт, – хуб қимат шавад, баъд мекӯбаду ба фурӯш мебарорад…

## 10

Ва Мулло Абдураҳмон дар Бухоро садойи эътироз баланд кард:

– Дину диёнат хор шудааст. Куфри имон ба ҷойе расидааст, ки дар мадрасаи Мағора шабҳо чароғи карасинӣ дармегиронанд! Аҳли раҳмонро ба по хезонд, то ки бубанданд роҳи аҳли шайтонро!

Ва аҳли раҳмон ба по хестанд ва даъво пеш оварданд, ки «Чароғи карасинӣ ихтирои шайтон аст. Истифода аз он ҳаром аст». Ва наваду се ҳиссаи муллоҳойи амордати Бухоро даъвати Мулло Абдураҳмонро нек пазируфтанд ва ӯро тарафдорӣ карданд, ва ҳафт ҳиссаи дигарро, ки муқобил истода буданд, «шиъа ва ҷадид» гуфтанд, ва ҳукмашонро гузаронидаанд, – сӯхтани чароғи карасиниро нораво донистанд, ва дар масҷиду мадрасаву мазорҳо даргиронидани чароғи карасиниро қатъан манъ карданд; ва амиру вазир, ки ба даъвойи онҳо розӣ шуданд ва талабашонро қонеъ гардониданд, дӯғу пӯписаашон зиёд шуд, – кӯчаи шаҳрро сангфарш накунед!, гуфтанд. Санг зикр мегӯяд, таги по карданаш гуноҳ, гуфтаанд; ва устоҳойи урусро, ки нияташон аз заҳмати хоку лой халос кардани одаму аспу ароба буд, аз шаҳр бароварда пеш карданд. – Хоки поки моро ҳаром накунед!

Ва ҳолу аъмол дар аморати Бухоро чунин буд. Сесад сол пеш ба ҳамин донишу биниш умр ба сар мебурданд ва алҳол ҳам дониш ҳамон асту фаҳмиш ҳамон асту биниш ҳамон. Ва сесад сол боз чаҳор ҳокими аморат – амиру вазир ва қозиву раис дар хидмат ва гирифтори нафси худ

буданд, ва хидмати кас ба ёди касе намерасид; ва ҳамеша бошарафон аз хидмати дарбор мегурехтанд ва бешарафон дум меликонданду таъзими заминбӯс ба ҷой меоварданд; ва китобхонаҳо тадриҷан нест шуд, ва мардум китоб намехонданд; ва наваду се ҳиссаи муллоҳо ба лафзи бегона мехонданду маънояшро намефаҳмиданд, ва дар мадрасаҳо аз тиббу табобат, аз илми обу замин, кишту боғ ва кону маъдан, дарс намедоданд; ва ҳар қавму қабилае, ки ваҳшитар ва хунрезтар бошад, ғолибтар ба ҳисоб мерафт ва низоми давлат ғафлату ғорат ва тохтутоз ва ҳараму каниз ва хӯрдану зино буд; ва сиёсати давлату ғояи миллат ба хурофот ғарқ шуд; ва рӯзгори халқ ба ҷойе расид, ки ҷавонмардони як деҳа як ҷомайи домодӣ доштанд, ки бо навбат ва сол ба сол мепӯшиданд, ва як хонавода як эзор дошт, ки бо навбат пӯшида кӯча мебаромад. Ва мансабдорони мулк аз тарафи давлат маоши моҳонаву солона намегирифтанд ва харҷи сарвату дороияшонро бори гардани беваю бечора мекарданд ва бо ҷабру ситам замин, ғалла, мева ва аспу хару гӯсфанду бузашонро кашида мегирифтанд; ва одамони ғаюр исён мекарданд…

Ва гумоштайи Русия дар Бухоро Сомов ба Амир маслиҳат дод:

– Мехоҳед, ки орому осуда зиндагӣ кунед? Мехоҳед! Пас ба мансабдорон маош диҳед, моҳона диҳед, ки онҳо халқи бе ин ҳам муфлисро худсарона талаву тороҷ накунанд. Зиндагии халқ осуда бошад, салтанати Шумо ҳам осуда мешавад.

– Мо ин хел расму одат надорем, – риш хилол кард Амир. – Худи ман беки Қаршӣ будам. Медонам, ки бедахле аз ҳисоби мардум, бекигарӣ карда намешавад. Агар онро манъ кунем, ба ҳамаи мансабдорон маош додан лозим меояд. Як дарди сари зиёдатӣ.

Ва Қурбонмуроди муфтӣ ҳам дар сари чунин ақида буд, ки Сомов мегуфт; ва ҳафт ҳиссаи муллоёни аморати Бухоро, ки аз ботлоқи хурофот раҳида, ба ҳоли Оламу рӯзгори Одам бо чашми кушода ва гӯши шунаво менигаристанд,

ғам мехӯрданду талош доштанд, ки як рӯзгори наве барои мардум зарур аст, ва ҳукмдорон бояд, ки тарафдору дастгири салоҳи кор бошанд, чунки агар чунон нашавад, оқибаташ войу вовайлост; ва ба шаръи шариф тафсирҳойи нав менавиштанд ва ҷадвали дарсҳоро тағйир медоданд, ва мактабҳойи нав мекушоданд, ки талаба дар як сол хонаду навиштанро баробар ёд гирад; ва ширкатҳову иттифоқҳо пайдо мешуд, ки дастбадаст мушкилеро осон бикунанд, ва ширкатҳову иттифоқҳо маблағҳойи муштарак ғун меоварданд, ва харҷи сафари толибони илм ва харҷи нашри китоб ва харҷи таъсиси рӯзнома мекарданд. Ва Амир ҳамаи онҳоро душмани дину имон ва душмани имрӯзу охирати халқу халоиқ донист, – онҳоро таъқиб кард, бадарға кард, ҳукми қатл баровард. Ва дар таърихи аморати Бухоро нахустин бор ташкилотҳое арзи вуҷуд кард, ки гурӯҳи одамон як ҷо шуданд, ва бо амири вақт дар муқовимат истоданд, ва суханҳо гуфтанд ва мақолаву рисолаҳо навиштанд, ки «Зиндагӣ дар Бухоро бисёр бад аст. Онро хеле хуб кардан мумкин аст».

Ва муқовиматгарон дар оғози кор забон як карда натавонистанд, ва дар нимароҳ ба ҷадидони қадим ва ҷадидони нав ҷудо шуданд, ва дар сиёсату мақсад ба ду меҳроб рӯй оварданд – ба Туркияи Усмонӣ ва ба Русияи инқилобӣ.

Ва бесару сомонӣ дар ҷомеа, чун ҳамеша, бозори фолбину ғайбдонҳоро гарми гарм кард, ва кароматҳойи Бибисоҷида, беваи Саидмуроди Қушбегӣ, нуқли сӯҳбат дар хонаҳо, дар меҳмонхонаҳо, дар кӯчаҳо, дар бозорҳо ва ҳатто дар мадрасаву мазорҳо буд; ва мартабааш ба пояе баромад, ки хурду калон ва ҳозиру ғойиб боэҳтиром ӯро Бибисоҷидаи Валӣ мегуфтанд; ва аз ному забони Бибисоҷидаи Валӣ ривояте паҳн шуд, ки Фариштайи Ободӣ, ҳамон Фариштае, ки арвоҳи Саидмуроди Қушбегӣ рафта аз Осмони ҳафтум ба аморати Бухоро овард, ҳолу аъмоли касифи мулку халқро дида сахт ба ғазаб омадааст, ва чилу чор малоикаеро, ки кафили ободии ин сарзамин

таъин карда будааст, сахт ҷазо додааст, ки ту айшу ишрати худатро муқаддам аз хизмати халқ донистӣ, рав, ҷойи ту дӯзах; вай ҳаромхӯрӣ кардааст, ришва гирифтааст ва ҳақро ноҳақу ноҳақро ҳақ гуфтааст, равад ба ҷаҳаннам; шумоён рӯйи хотири як нони равғанӣ ва як порча матои рангин, хушомад гуфтаеду лаганбардорӣ кардаед, ва рисолати Инсонӣ ба ёдатон наомадааст, ҳамаатон воҷибулқатлед.

Ва барои ислоҳи кор як Комиссиони бонуфуз фиристодааст, ки бинед сабаби вайронӣ чист?

Ва дар бисту ҳашт бекигарӣ ва нӯҳ тумони аморати Бухоро фақат аз ин бобат гап мезананд, ва мегуфтанд, ки Фариштаи Ободӣ ба раиси Комиссион супориш додааст ва таъкид кардааст, ки Шумо дар кори хайр суст набиёед ва бо мансабдорони беинсофи аморат ҳамон кореро бикунед, ки ман бо малоикаҳойи бепарвою бемасъулият кардам; ва халқи бисту ҳашт бекигарӣ ва нуҳ тумон ба умед буданд, ки Комиссион сабабҳойи вайрониро меёбад ва сабабгоронро ба ҷавобгарӣ мекашад, ва Бухоро обод мешавад, қатори мамлакатҳойи серу пур мешавад, ва Фариштайи Ободӣ қавл додааст, ки минбаъд худи ман сару сомони кори аморати Бухороро назорат мекунам, ва мардум бовар мекарданд.

*1 ноябри соли 2005*

## Дафтари саввум

# САЛТАНАТИ АДОЛАТ

Дилмуроди Азизмурод бехонумон шуд. Ҳавлиашро сӯзонданд. Ва дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои Ҳисор, Кофарниҳон, Норак, Данғара, Сарбанд, Вахш ва ағбаҳои Фахрободу Ёвон ҷангҳои бетартиб торафт авҷ мегирифт. Ва амнияти давлатро касе ҳимоя намекард, – вазорати корҳои дохилӣ эълон кард, ки «мо ба ҷанҷоли шумо дахолат намекунем. Мо бетараф». Кумитаи бехатарии давлат тамошобин шуд, ки «худатон ҷанг кардаед, худатон ҳисобатонро ёбед». Ва давлат бесоҳиб монд, ҳарчанд ки дастаҳое сари дастархони мансаб нишаста буданд ва маҷлису машваратҳо мегузарониданд, ва муроҷиатномаҳо нашр мекарданду қарорҳо мебароварданд, таъсире ба вазъи ҳол надошт, – гурӯҳҳои даргир бо якдигаркушӣ ва ғоратгарӣ машғул буданд, ва халқ дар хонаи худаш, дар Ватани худаш, гуреза шуд. Ва акнун на фақат оби наҳри шафати деҳаи Дилмурод, балки ҳавлиҳо, анборҳо, гармхонаҳои лимӯ, автобазаҳо месӯхт.

Ва Дилмурод ҳам аз водии Вахш фирор кард. Вай дасту по ва гурдаи силоҳ гирифтан ва ҷанг кардан дошт, вале силоҳ нагирифт, ҷанг накард, – сахт бемаънӣ буд ин ҷанг ба фаҳмишаш. Бо кӣ меҷангӣ? Барои чӣ меҷангӣ? Ба муқобили падару модару бародарат?! Барои мансаб гирифтани ину он намояндаи маҳалат?! Ҷангро ҳам бадном карданд ин автоматдорони навбаромад.

Ва Дилмурод аз идораи Суди Олӣ, ки ба умеди шуғле ёфтан рафта буд, ноумед баргашт ба хобгоҳи фабрикаи бофандагӣ. Фабрика кор намекард. Хонаҳои хобгоҳ аз нисф зиёд холӣ буд ва гурезаҳо панаҳ мебурданд ва ӯ ҳам. Раиси Суди Олӣ дар кадом як машварат будааст, ва ду-се шиносашро дид ва онҳо гуфтанд, ки «ҳоло саг соҳибашро намеёбад, ягон илоҷи рӯзгузарониатро худат ёб, дар ин

ҷоҳо ҳеҷ умеде нест». Ва хоҳ дар хона бинишинад, ва хоҳ ба кӯча барояд, ва хоҳ бедор бошаду хоҳ дар хоб, андаруни мағзи сараш диданиҳои имрӯза ва навиштаҳои он дафтарҳои куҳна паи ҳам меомаду чарх мезад ва муқоиса мешуд ва сарашу дилаш дард мекард, – ҳадафҳои бузурге доштанд Одамон! Ку он ҳадафҳо?! Бадин пастӣ, бадин ночизӣ!

1

Ва Замин дар ҷояш буд. Аммо замона тагурӯ мешуд. Ва Шамшер ҷанг мекард, – мардонаву номардона. Ва Пул, чун ҳамеша, саррофу ҷаллобу қаллоб дошт. Ва ба тагурӯ шудани замона дар Империяи Русия, ки вилояти Самарқанд тобеъи он буд, Азизмуроди Рӯзимурод, як марди авлод ба авлод ҳақиқатҷӯву адолатхоҳ, ки аз насл ба насл мехостанду меҷустанд, вале намеёфтанду саргардон ва овора мешуданд, бо майли хотир ва бо тақозои хислат, ба майдон даромад ва ҷон дареғ надошта барои хидмат ба ин ақида ва ба ин мубориза камар баст, ки «тартиби замонаро дигар бояд кард».

– Бидонед ва огоҳ бошед! – аз минбар муроҷиат кард вай ба тӯдаи коргарони зовуди пахта ва равған, ки ба тарафдории ҳокимияти шӯройӣ ғун омада буданд. – Замонаи куҳна балойи ҷони мову шумо буд, замонаи нав давойи ҷони мову шумо мешавад. Мову шумо агар низоми давлатдории куҳнаро решакан накунем, дониста бошед, ки навашро сохта наметавонем.

Ва ин шиору даъвати нав набуд. Сухани аз дил баровардаи Азизмурод ҳам набуд. Аз Петербург ва аз Москов омада буд. Ва Азизмурод варақа менавишт ва дар рӯзномаҳо мақола чоп мекунонд ва дар маъракаҳои коргару деҳқон ваъз мегуфт, ки «пеш аз ин коммунизм, яъне баробарии Шоҳу Гадо, афсона буд, як орзуи ширини дерина буд, ва аз рӯзе, ки қаламу дафтар вуҷуд дорад, Одамоне ёфт шудаанд, ки шикастани куҳна ва сохтани нав ва дидани як ҷомеъаи бародару баробари Инсонро мехостаанд ва дар хаёлашон он гуна шаҳрҳову мулкҳоро бунёд мекар-

данд ва дар китобҳояшон менавиштаанд, вале наёфтанду нагуфтанд, ки чунин ҷомеъаи Одилонаро кӣ месозад ва чӣ тавр месозад? Ба ин савол ҷавоб набуд, ва онҳо ин муаммои сарбастаро кушода натавонистанд, ва бечора монданд, ва оқибат ба қазову қадар ҳавола карданд, ки «худат офаридаӣ, худат ҳисобашро ёб!» Худатон медонед, ки аз оғози зулм то ба имрӯз на Қазо тағири ҳол кард ва на Қадар парвойи рӯзгори бади мову шумо дошт.

Ва имрӯз он кӯргиреҳро кушоданд. Марксизм кушод, – аз ҳар кашфиёти илмӣ мағзашро гирифт, аз баҳри пӯсташ гузашт, ва собит намуд, ки айб дар Қазову Қадар нест, айб дар худамон аст, ки мақоми Инсониамонро нашинохтаем ва қадри худро намедонем ва ҳаққи худро гирифта наметавонем. Ва муттаҳид нашудаем, ки ҷомеъае ба муроди диламон бисозем. Акнун он рӯз фаро расид, ва фаълаву деҳқон ҳаққашро шинохт, ва аз як гиребон сар баровард, ва дар шашяки рӯйи замин Инқилоб шуд, ва адолат ғолиб омад, ва гуфторҳо оқибат ба кирдор роҳ кушод, ва ин роҳро дар таърих бори аввал мову шумо, ҷабрдидагону ситамкашидагон, тай мекунем, ва дар амал ба чашми ҷаҳониён нишон медиҳем, ки коммунизм афсона нест, як амри воқеъ аст, ва инак намунааш, бубинеду ибрат бигиред!

Ва мубаллиғони коммунизм дар гаҳвораи инқилоб шаҳри Петербург ба ҳамин забон гап мезаданд, ва дар Москову Харков ва дар Тифлису Бодкӯба ва дар Қазону Тошканд, ба ҳамин забон ваъз мегуфтанд, ва тартиби куҳнаро маҳкум ва тартиби навро ҳоким мекарданд; ва ин ҳама суханҳои хушку холӣ набуд, – самар медод, аз лафз ба амал меомад ва заҳматкашон натиҷаҳояшро медиданд ва шаҳдашро мечашиданд, ва ба чашми ҷаҳониён нишон медоданд.

Нишон медоданд, ки Бибиҳалима, як бевазани серфарзанд, дар замони куҳна, ҳар шаб пеш аз хоб, лахчаи алови оташдонашро таги хокистар гӯр мекард, то ки субҳи дигар барораду пуф бикунаду боз алов даргиронад; ва агар лахча мурда бошад, сари субҳ хокистардон ба даст ба да-

ри ҳамсояҳо мерафту як пора лахча металабид ва ба хона оварда алов дармегиронд; акнун ба шарофати ҳукумати шӯравӣ вай на ба лахчагӯркунӣ эҳтиёҷ дорад ва на ба талабидан аз дари ҳамсояҳо, – ҳоло хонааш пури гӯгирд ва гӯгирдро ҳукумат дар дӯкон мефурӯшад. Ва Бобомалики чӯпон чароғи милмилакашро, ки аз бобояш мерос мондааст ва як лаб сафоли пачақест, ки равғани андов меандохт ва пилтааш пахтаи тофта буд ва дуди талхаш чашму гулӯро месӯзонду нураш суроби одамро хира равшан мекард, берун баровварда партофт, – акнун вай чароғи лампа дошт, бо ҳавзи карасин, бо даставу сархонаву пилтаи бофтаву шиша; ва собуни зовуд фаровон шуд; ва барои маҳви бесаводӣ мактабҳои шабона кушоданд, ки «одами бесавод ба ҳукми кӯр аст», замони кӯр-кӯрона зиндагӣ кардан гузашт, халқи шӯравӣ бояд ки оқилона зиндагӣ карданро ёд бигирад, вагарна чӣ фарқ мемонад байни феодализму сотсиализм? Ва бачаҳои бепарасторро аз кӯчаҳо ғундошта ба сағирхонаҳо бурданд, ки харҷи хӯрдану пӯшидану хобидан ва таълиму тарбияш ба ӯҳдаи давлат буд; ва собиқ ҳаммолони зовуди пахтаву роҳи оҳан коргар ном гирифтанд, ва ба онҳо ҷои хоб доданд ва дар деворҳои бинои зовуд тиреза шинонданд, ки рӯшан бишавад ва ҳавокашак сохтанд, ки ҳавояш тоза бошад; ва …

Ва дар деҳаи Боғибаланд Азизмурод маҷлис гузаронд, маҷлиси камбағалон, ки иттифоқе мебоист барпо бикунад; ва маъракаи ташкили Иттифоқҳо дар авҷ буд ва аҳли ҳамагуна касбу кор дар иттифоқе аъзо мешуданд ва ба арсаи вуҷуд омад иттифоқҳои бофандагон, машкобон, аробакашон, саисон… Ва маҷлиси камбағалон дар масҷид ба як маъракаи ҳақталабӣ ва адолатхоҳӣ шабоҳат дошт, ки бо ҷӯшу хурӯш мегузашт, – «Хуб, иттифоқи ҷуфтгарон шуд, аз ин ба мо чӣ фойида?», «Кӣ ҳаққи аъзо шудан дорад ва кӣ не?», «То ин вақт ҳам мо ҷуфт мекардему ҳаштяки ҳосилро мегирифтем, минбаъд чӣ хел мешавад?», «Ман юғу омоч дорам, дигаре говрона ҳам надорад, ҳаққу ҳуқуқ фарқ мекунад ё баробар аст?»… Ва Азизмурод ба саволҳо ҷавоб дод, – ҷуфтгарон, ки муттаҳид шуданд, ҳақи худро

ба замин, ба об, ба кор, ба ҳосил якҷоя ҳимоя мекунанд. Дигар касе онҳоро фиреб дода наметавонад, истисмор карда наметавонад, заминашро гирифта наметавонад, ҳосилашро ғорат карда наметавонад. Дастибадаст заҳмат мекашанд, паҳлу ба паҳлу меистанд, рӯзгори осоишта, серу пурашон таъмин мегардад. Ана, фойда ҳамин!.. Ҳар як камбағал ҳақ дорад, ки аъзои иттифоқи ҷуфтгарон шавад. Касони миёнаҳол ҳам, агар ба шартҳои иттифоқ розӣ бошанд. Лекин дар ин иттифоқ ба муфтхӯрон,– истисморгарон, бекорхӯҷаҳо, заҳматгурезон ҷой нест!.. Минбаъд чоряккору хаштяккор гуфтанӣ гапҳо нест. Ҳар кас барои худаш ва барои ҳама кор мекунад. Ҳаққи ҳалолашро худаш мегирад. Дигаре ҳақ надорад, ки ба моли вай даст дароз кунад. Зеро ки соҳиб худаш аст, барои ягон соҳиби дигар кор намекунад, барои худаш кор мекунад!.. Ҳар кӣ, ҳар чӣ дорад, худаш истифода мебарад. Хоҳад ба дигарон ёрии беғаразона мерасонад ва дигарон ҳам ба ӯ холисона дасти ёрӣ дароз мекунанд…

Ва овоз доданду иттифоқи ҷуфтгаронро ташкил карданд ва номгӯи аъзоёнро навиштанд, ва қарор баровароданд, ва шаб фаро расида буд, Азизмурод имкони ба шаҳр баргаштан надошт, ва Ниёзбой бино ба одати дастархондориаш ва андешаи он ки «амалдоре меҳмони хонаи ӯ бошад, байни мардум обрӯяш баланд мешавад, ва аз амалдорони шинос ҳамеша манфиате мерасад», ба вай наздик омад:

– Имшаб меҳмони мо шавед.

Ва Азизмурод рад кард:

– Ҳукумати шӯро, ҳукумати камбағалон. Ман намояндаи ҳамин ҳукумат. Меҳмони камбағале мешавам.

Ва ӯ ба меҳмонхонаи васеу равшану ороставу сернозу неъмати Ниёзбой не, ба кулбаи пахсадевору тангу торики Ҳасани ҷуллин рафт, ки соҳибхона на барои меҳмон, балки барои аҳли хонаводаи худ ҷой ва асбоби зарурии хоб надошт…

Ва Холиқдоди безамин, хизматгори дари Эшони催Бобоамин, ҳангоми тақсими замин, аз гирифтани ҳақаш рӯ

гардонд:

– Намегирам замини каси дигарро. Ҳосилаш ҳаром аст ба ман.

Фардо рӯзи қиёмат чӣ ҷавоб медиҳам?!

Танобгар шарҳ дод:

– Эй мардаки ғафлатзада ва дунёбехабар! Ҳамин қадар фаҳм надорӣ, ки замин моли Худост ва барои бандаҳои Худост. Ту ҳам бандаи Худо ҳастӣ ва ту ҳам ба замин ҳақ дорӣ.

– Медонам, ба замин ҳақ дорам. Замини моро падарам дар вақтҳои ҷавониаш фурӯхта падарашро гӯру чӯб кардааст. Чилу се сол шуд, ки ман безамин. Лекин замини каси дигарро намегирам, гуфтам, намегирам.

– О ин замини каси дигар нест. Замин ҳамааш давлатӣ шудагӣ. Давлат замин медиҳад ба ту.

– Гуфтам-ку! Замини мардумро намегирам…

Ва танобгар аз ҷабри бою муллову эшон ва адолати ҳукумати нав гуфту гуфт, – гуфт, ки ситамгарони бераҳму носерам, бо ҳар баҳонаву ҳиллаву найранг, заминро соҳибӣ кардаанд ва ману ту барин нодонҳоро фиреб дода кор фармудаанд, ва дар мағзи сару ҷонамон сунба задаанд, ки тақдири пешониамон чунин будааст, – заҳмат аз мо, роҳат аз онҳо, ва мо, дунёбехабарон, онҳоро ҷанобу хӯҷаину валиву эшону мулло гуфтем, – даст пеши бар гирифтем ва итоату таъзим ба ҷо овардем, ва бо сари хаму шиками гуруснаю либоси дарида, мурда-мурда арақи ҷабин рехтем, ва обилаи дастамон малҳаме надид, вале умре якамон ду нашуд. Ҳукумати нав он ҳама беадолатиҳоро барҳам дод, ёри ману ту баринҳо шуд, ки чашм кушо ва сар баланд бикун, ту аз онҳо кам нестӣ! Балки беҳтарӣ! Ақлатро кор фармо ва ҳаққу ҳуқуқи худро бишинос! Ту бошӣ, ҳоло ҳам аз кадом як ҳалолу ҳароме сухан мегӯйӣ, ки истисморгарон ба сари мо бор кардаанд. Фаҳмидӣ гапу калочаи ҷаҳонро!?

Вале Холиқдод нафаҳмид, – аз раъяш нагашт ва бо эътироз аз маъракаи тақсими замин бaромаду рафт.

Ва Эшони Бобоамин, ки собиқан аз номи ӯро ба забон

гирифтан ъор мекард, ба садоқати вай имон овард, ва рафтори ӯро, ҳамчун намунаи ибрат ба минбари ташвиқу тарғиб баровард, – мусулмонӣ ҳамин аст, ки Холиқдоди намакшинос дорад! Ва Холиқдодро саиси хоси сарлашкари ислом таъин кард, ва худашро мубалиғи ин лашкар медонист, ва алҳол аз пайи ёфтани сарлашкар мегашт.

Ва аз дарвозаи Чуқурбозор анбӯҳи одамон китф ба кифтзанон медаромаданду мебаромаданд; ва ду нафар деҳотӣ, ки гӯсфандҳояшонро дар молбозор фурӯхтанд ва нияти либосу палосу латтавор харидан доштанд, ба ин ҷо омаданд, ва таҷрибаи бозоргардии Расул бештар буд, ва медонист, ки агар ҳамроҳат як қадам пеш равад, ё ақиб монад, дар ин одамҷӯшак дигар якдигарро ёфта наметавонӣ ва сарсону саргардон мешавӣ, ва ба ҳамроҳаш таъкид кард:

– Мулло Ҷӯра, ақиб намонед! Аз бари ҷомаи ман доред. Ин ҷо Самарқанд аст. Аз худу аз кисаатон бохабар бошед.

Ва Мулло Ҷӯра аз остини Расул дошт ва ибо карда ба таги девори похса бурд, ки аз ҷаҳида гузаштану молиш хӯрдан, суфтаву нимрахна шудааст, ва дар бехи гӯшаш пичирос зад:

– Абдурасул, мулло нагӯед, рафиқ гӯед. Мулло нагӯед, рафиқ гӯед.

– Мулло гуфтем, чӣ шудааст? Муллоро мулло мегӯянд,омиро омӣ!

– Он давраҳо дигар буд. Ҳоло ҳар чӣ шуданаш мумкин. Замони ҷанобу муллову эшон гуфтан нест. Ба гӯши одамони ҳукумат расад, ё расонанд, на рӯи бозорро мебинем ва на роҳи хонаамонро меёбем. Мулло будаст мегӯянд, мегиранду мебаранд. Тагашро кӣ кофта гаштааст. Доим рафиқ гӯед, як дарди сар кам.

– Ин гапҳо ба мову шумо баринҳо дахл надорад. Шумо кисаро эҳтиёт кунед, кисаро, ки дарди сари зиёдатӣ нашавад.

Ва дарди сар дар ҳақиқат бисёр буд, – ҳам барои фуқаро ва ҳам барои давлат. Ва Мулло Ҷӯра даруни анбӯҳи одам роҳ мерафту ҳар дам даст ба даҳони киса ме-

хаст, – кисаи калони куртаи суф аз дарун бо ришта бастагӣ буд, ва ҳамеша барҷо меёфту хотираш ҷамъ мешуд, ва гоҳе ки гилеми қолини хушрангу хушгулеро савдо карданд ва пулашро бояд медод, даст бурду дид, ки ришта дар ҷояш , аммо киса нест:

– Э, Абдурасул, инҳо мебуриданде?!

Ва буридану даридан фақат хоси бозорҳо набуд, балки сар то сари мамлакат аз ҳавои задухӯрд нафас мекашид, – майдадуздон ба дараҷаи ғоратгарон расиданд ва ғоратгарон ба хидмати ҳарбӣ рафтанд; ва шиори «даври хоҷаву хизматгор гузашт», акнун ва минбаъд «давру даврон, давру даврони коргару деҳқон», ба коми коргару муздурон ширин омад, ва коми хоҷаву арбобро талх кард; ва аҳолии як мамлакати паҳновар, ба умеди аз ин шириниҳо баҳра бардоштан ва бо талоши аз ин талхиҳо раҳо ёфтан, гирудор мекарданд ва қисме дӯсти халқ ном гирифту қисми дигар душмани халқ. Ва байни ин ду ибора, – дӯсти халқ ва душмани халқ– аз сӯхтору куштору талаву тороҷ ва фитнаву хиёнату фиребу найранг, моломол буд; ва қарорбаророну камондори бисёре пайдо шуд, ва ин қарор мебаровардагиҳо ва камон ба даст гирифтагиҳо, дар роҳи ба амал овардани ниятҳояшон он қадар саросемавор шитобзада буданд, ки воқеаҳову ҳодисаҳо пайиҳаму рӯйиҳам ба сари халқ мерехт ва аксарияти мардум вақту фурсат намеёфтанд, ки таги онро кобанду ёбанд ва донанд, ки кадом тараф ҳақ аст ва кадомаш ноҳақ.

Ва болшевик Азизмурод ба кумитаи инқилобии марказ ахбор навишт, ки «…дар музофотҳои атрофи шаҳри Самарқанд, фақат дар се моҳи охир яксаду чилу нӯҳ нафар хизматгор ва муздури безамин, аз шӯроҳо рӯ гардониданд. Онҳоро муллоҳо аз роҳ заданд. Аз гӯру қиёмат тарсониданд. Дар натиҷа ба тарафи душманони халқ гузаштанд»…Ва дар марказ аз ингуна хабарҳо хеле зиёд меомад, ва шӯрои инқилобӣ маҷлисе орост:

– Равияи бад. Пешгирӣ кардан даркор!

Ва пешгирӣ карданд, – қарор бароварданд, ки ғояи коммунистӣ як чизи шахшуда нест, ки як бор гӯиву то

абад боқӣ монад. Не, ин хел нест! Вай ба шароит нигоҳ карда тағйир меёбад. Масалан, мо ҳозир равему ба фақирони мусулмон бигӯем: «Рӯзгоратон бад аст. Рӯзгори нек хоҳед, ба тарафи мо бигзаред. Мо истисморгарони шуморо аз гарданашон гирифта, ба ахлоттӯда мепартоем! Ҳамин хел гуфта метавонем? Не, наметавонем! Чунки онҳо дар зери таъсири таблиғоти муллоҳои худ ҳастанд. Пас, ба мо зарур аст, ки бо онҳо муносиби фаҳму эътиқоди худашон муомила бикунем».

Ва «муносиби фаҳму эътиқодашон» муомила карданд, – гуфтанд, ки муллоҳо ду хел мешаванд, – оқил ва ҷоҳил. Ҷоҳилон шикамбандаанд ва сармоядоронро парастиш мекунанд ва қабоҳати онҳоро ҷомаи адолат мепӯшонанд ва аз ин рӯ душмани заҳматкашонанд. Оқилон Худотарсанд ва ба дину диёнат хиёнат намекунанд ва аз роҳи инсоф берун намераванд ва моҳиятан дӯсти халқанд. Ҳукумати шӯройӣ золимони халқро саркӯб мекунад ва сари мазлумонро сила, ва муллои одилро, ки дар замони феодалӣ ҷабр дидааст, ба ҳимоя мегирад». Ва муфтӣ Акрамхоҷаро, ки собиқан дар таъқиб буд ва ҷои гурез намеёфт, ҷустанду ёфтанду муфтии вилоят таъин карданд, ва ӯ фатво дод: «Ҳукумат, бо хости Худо, соҳиби молу мулки мамлакат аст, ҳар чизе, ки ҳукумат ба раият медиҳад, ҳалол аст». Ва безаминҳо замин гирифтанд ва замини бекор намонд, ва обиву лалмиашро ҷуфт карданду киштанд, ва расми бекориву талбидану гадойӣ ба фаромӯшӣ рафт; ва муздуре, ки дирӯз хирман мекӯфту менолид, ки «хирмане дорему худ як дон намегирем, …майдае, майдае…» имрӯз бо сурур суруд мехонд, ки:

Як зарра намедонам раҳи қонунро,

Ҳукумати ман аввал дароз кард нунро…майдае, майдае…

Ва коммунизми хаёлӣ, ки аҳли савод то ҳол аз китобҳо мехонданд, ва ҳеҷ ақл бовар намекард, ки вуҷуди чунин рӯзгоре дар рӯйи замин амри воқеъ бошад, акнун, дар даврони ҳукумати шӯройӣ, майда-майда ба ҳақиқати рӯзгор наздик мешуд, – шоҳу гадо гуфтанӣ гап оҳиста-

оҳиста барҳам мехӯрд, ва тӯдаи бекоронро, ки дар тартиби давлатдории собиқ ба ҳукми бесоҳиб буданду касе аз аҳволашон намепурсид, акнун ғамашонро мехӯрд, – суроғ мекард ва кору ҷойи хобу маош ёфта медод, ва одами бекоргард бад менамуд дар назари ҷомеъа... Ва муборизаи шадиде мерафт, ки «Касе кор накунад, намехӯрад!»

Ва тоифае, ки кор намекарданду мехӯрданд, ба таҳлука афтоданд, – ин куҷоя гапаш, ки як хизматгор хезаду молу мулки хӯҷаинро соҳибӣ кунад? Дунё чаппа шудааст магар? Ба ин тартиби бетартибӣ мутлақо роҳ додан мумкин нест!

Ва хӯҷаинҳо сар бардоштанд, – аввал ҳукумати ин пойлучонро нест кардан даркор. Баъд сад лагад ба сару баданашон задан, ки ҷойи худу мақоми худашонро фаромӯш накунанд! Ҳеҳ, дилашон ҳукмронӣ кашидааст?!

Ва дар шашяки рӯи замин хӯҷаинҳо барои саркӯб кардани хизматгорон ва хизматгорон барои сарнагун кардани хӯҷаинҳо камар бастанду ба ҳайҷо баромаданд. Ва Ивани хӯҷаин қудраташро нишон додан хост, ва Ивани хизматгор мусаллаҳ шуд, ва Ивани маллоҳ аз итоат сар тофту найза ба дили фармондеҳ рост кард; ва Аҳмади мардикор ба сари Аҳмади корфармо теғ кашид, ва Аҳмади чоряккор замини Аҳмади заминдорро зада гирифт; ва Ивану Аҳмади говзӯру дузду роҳзан, ки майдони озоди худнамоӣ надоштанд, фурсатро ғанимат донистанду дастаҳо ғун оварданду командир шуданд...

Ва Хоҷаҳо даъват карданд:

– Ба хизматгорон ҳукумат надиҳед!

Ва хизматгорон ливо бардоштанд:

– Роҳҳоро кушоед, ҳукумати шӯройӣ меояд!

Ва дар талоши роҳбандиву роҳкушойӣ бархӯрдҳои хунин мавҷ зад, ва сипоҳи Хоҷаҳо гвардияи Сафед ва сипоҳи хизматгорон аскари Сурх ном гирифт. Ва гвардияи Сафед ҳам даъвойи ҳифзи Ватану салоҳи рӯзгори Халқ мекард, ва аскари Сурх низ аз ободии Ватану ҳаёти хуши оянда халқ шиор мепартофт. Ва ҳарду тараф фарзандони Халқро мекуштанд, ки «мо дӯсти шумо ҳастем, осоишу

беҳбуди шуморо мехоҳем». Ва ба марги Халқ фақат хешовандонашон мегиристанд, вале командире ба шаҳодат расад, мотами умумихалқӣ барпо мекарданд, – ва ҷангии соҳибмансабе аз аскари Сурх ба ҳалокат расад, унвони Қаҳрамонӣ медоданд, ки ҷонашро барои Озодии халқ фидо кард. Ва гвардияи Сафед низ ҷонбохтагони намоёни худро Қаҳрамон медонистанд, ки шарафи Халқу Ватанро ҳимоя кардааст.

Ва Халқ, ки андар даруни ин ҳама балову офат монда буд, дуруст сарфаҳм намерафт, ки дӯсти воқеъӣ кисту душмани ашаддӣ кист? Ва ангушти ҳайрат мегазид:

– Халқе, ки инҳо мегӯянд, дар асл кисту чист? Ва кадоме Қаҳрамону кадоме Хойин?!

Ва дар мамлакат саршумори мард кам мешуду кам мешуд, ва шумори беваю бечораву ятимони дарбадар меафзуду меафзуд.

Ва дар Осиёи Миёна аз дусаду чилу нӯҳ зовуди пахта, буду шуд бистояш кор мекард ва боқӣ ҳамааш сӯхту рехту несту нобуд шуд; ва аз замини корам чилу ҳашт фисадаш бекор монд, ва ҳосили пахта наваду панҷ маротиба поён фуромад, ва аз шолӣ ҳафтоду ҳафт бор кам ҳосил гирифтанд, ва чилу ҳашт қисми гову гӯсфанду буз ба талаву тороҷ рафт…

Ва гуруснагӣ сар шуд ва шикамҳойи гурусна чашмҳоро низ гурусна кард, ва чашмҳойи гурусна серӣ надошт; ва нону силоҳ додан зарур буд, ки нонталабону иззатталабон ҷанг бикунанд.

Ва раиси Кумитаи иҷроияи бехатарии Самарқанд Азизмуроди Рӯзимуродро фиристониданд, ки «рав, нон ёб!» Ва комиссияи озуқа баромад ба шикори нон, – дар бозор ғалладонае, ки ёфтанд, мусодира карданд, аз худ карданд; ва соҳибони мол ду даст ба бинӣ монданд; ва дари дӯконҳоро кушоданд, ғалла, орд, сабӯс, ҳар чизе ки ёфтанд, кашидаву зада гирифтанд, ва лабҳойи соҳибони дӯкон аз таби баланд торс-торс кафид; ва ба хамбаҳойи хонаҳо сар халонданд, ва агар пур бошад, холӣ карданд, ва туфи соҳибхонаҳо дар гулӯяшон хушк шуд… Ва дили Азизмурод ба ҳоли онҳо

месӯхт , – камон ба даст гирифтаем ва сина сипар мекунем, то решаи ситам ва ситамгаронро биканем ва бисӯзем, вале худамон ҷабру ҷафоро раво мебинем, ва моли мардум ба ноҳақ меситонем, чӣ ҳол аст ин?! – ва дилаш бисёр мехост, ки аз баҳри чунин мубориза ва аз баҳри чунин хидмат ба адлу адолат бигзарад ва пушти по бизанаду биравад, аммо ваъдаи фардойи болшевикон пеши роҳашро мегирифт. Бағоят ширин ва бағоят дилнишин буд он ваъда, – номи шоҳу гадо минбаъд аз ҷаҳон гум мешавад, ва хоҷаву хизматгор гуфтанӣ гап нест; ва ҳамайи одамон баробару бародаранд ва неъматҳойи оламро баробар тақсим мекунанд, ва ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки каси дигареро ранҷонад ва ё таҳқир бикунад…

Ва Азизмурод бо чунин умедҳо худро тасаллову таскин медод ва бо ҳамин умеду орзуҳо нони даҳони халқро кашида мегирифт ва ба ивазаш забонхат медод, ки имрӯз бад аст, фардо нек мешавад!..

Ва гвардияи Сафед дар ҷангҳойи рӯёрӯ шикастандаршикаст мехӯрд.

Ва аскари Сурх ғалаба аз паси ғалаба ба даст меовард.

Ва пояҳойи Ҳокимияти шӯройӣ рӯз ба рӯз мустаҳкам мешуд.

Ва Коммунизм аз рӯҳ ба ҷисм табдил меёфт.

Ва имрӯз, ки дар як мамлакат ғолиб омадааст, фардо ҷаҳонгир хоҳад буд.

Ва олами сармоя тарсид:

– Вабои замон аст коммунизм. Алҳазар, аз ин вабо! Агар чорае наҷӯему илоҷе наёбем, он балое, ки ба сари ашрофони Русия омад, ба сари мо ҳам меояд.

Ва чора ҷустанду илоҷ ёфтанд:

– Бо Русия ҷанг эълон намекунем. Ҷанг дар дохилаш ҳаст. Баъд давлати Шӯроҳо як ҷомеъаи парешон ва ноустувор аст. Яклухт нест. Ихтилофҳойи дохилӣ сарашро мехӯрад. Вазифаи мо ин аст, ки мусоидат бикунем ба қувваҳойи мухолиф. Имкон надиҳем то ин тифл болиғ бишавад. Дар гаҳвора буғӣ кардани кӯдак осонтару беҳтар. Дафъ шавад коммунизм аз рӯйи замин! Бунёдаш аз дарун

вайрон аст. Аз мо мусоидату мадад, ки заволашро тезонем.

Ва ситоди аз рӯи замин рӯфтани қадами коммунизм шаҳри Лондон шуд, ва барномарезону коргардонҳояш лордҳои англис. Ва усули куҳнаи дар қатормустамликаҳо санҷидаро истифода карданд, – ҷосусҳои касбӣ ва олимону тоҷирону сайёҳони мубаллиғ фиристониданд, ки пинҳон-пинҳон «муҳитро омӯзанд», такягоҳҳо ёбанд, байни мардум тафриқа андохта тавонанд ва маҳорати иғво кардану фитна барпо намудан доштанд. Ва аз чунин усул фойдаҳойи фаровон дида буданд англисҳо, – бо ҳамин усул дар Аврупову Осиёву Африқо бутун-бутун давлатҳоро тобеъ гардониданд ва мустамликаҳо сохтанд ва сарватҳои ҳангуфти пулу мол ғун овარданд ва хазинаҳойи лабрезашонро истифода мебурданд, ки бозори даholаташон дар арсаи ҷаҳон боз ҳам васеътар бишавад…

Ва дар Русия, ва заминҳойи тасарруф кардаи он, Ҳокимияти шӯройӣ ғояҳои коммунистиро зина ба зина аз хаёл ба амал меовард, ва аз саҳифаи китоб ба рӯйи замин мебаровард, – истисмори одам аз тарафи одамро қатъан манъ кард ва ба қатори корҳойи ҷиноятӣ даровард, меросӣ будани мансабҳову ашрофону сайидҳову эшону шайххҳову валиҳоро аз беху бун барҳам дод, ва замину об, заводу фабрик, кону бонкҳоро сарвати миллӣ ва моликияти давлатӣ эълон намуд, ки моли ину он шахс нест, моли ҳамаи мардум аст ва ба ҳама баробар тааллуқ дорад…

Ва дар шаҳри Хӯқанд шайхи Раҳимхон, дар ҳалқаи шарикон ва муридон, ки ғолибан заминҳои бисёри обӣ ва рамаҳои калони гӯсфанд ва галаҳои асп доштанд, ҳозиронро даъват кард:

– Ғоратгарӣ дар роҳи калону рӯзи равшан! Моли мӯъмин, хуни мӯъмин. Молатонро мебаранд, хунатонро мемаканд, ҳамту даст пеши бару сар хам мешинед?! Диёнат намондаст. Ба адлу инсоф қаҳтӣ омадааст. Хезед, молу хунатонро ҳимоя кунед! Досу каланд гиред, пуштибони адлу адолат шавед!

Ва бархестанд ва силоҳ гирифтанд, ва даҳонмардону

хуниҳову луздону хаёлиҳо бо онҳо пайвастанд, ва сипоҳи Сафеди мусулмон таъсис доданд.

– Адлу инсоф ба хотирашон расидааст!?, – заҳрханда кард Абдуҳакими муздур дар маҷлиси шӯройи камбағалон. – Ҳамин қадар солҳо гузашт, як бор адлу инсоф ба хотирашон нарасид. Кайк барин хуни беваю бечораро макиданду боре аз адлу инсоф ёд накарданд. Акнун ки зӯр омадаст, адлу адолат ба ёдашон расид?! Мунофиқҳо! Хунашон ҳалол, ҳалол хуни ситамгарон!

Ва ситамдидагон дастаҳои мусаллаҳ тартиб доданд, ва шӯроҳо калтакдорони Сурх гуфтанд онҳоро.

Ва ҷосусони ваколатдор Бейливу Блаккер дар айни ҷӯши ҳамингуна муборизаҳо ба Тошканд омаданд, ва одамони худу зархаридҳойи таҳҷойиро фиристониданд ба вилоятҳойи шарқии Русия ва Осиёи Миёна назди муқобилони Инқилоби коммунистӣ ва хабар доданд, ки «душмани шумоён, душмани Британияи Кабир аст. Биёед бо ҳамдастӣ муқовимат бикунем».

Ва ин зоҳири муомила буд, ки «мо дӯсти шумо ҳастем, барори кори шуморо мехоҳем», вале дар асл дардашон дигар буд, – мехостанд, ки фабрику заводҳои дар Русия аз даст додаашонро баргардонида бигиранд ва сарбории он дар Сибиру Осиёи Миёнаву Кафқоз соҳиби сарвату бозорҳо бишаванд, ва метарсиданд, ки аҳвол бадин минвол давом бикунад, фардо дар Ҳиндустону Афғонистон ва Африко нуфузашон кам мешавад ва хазинаҳояшон зарар мебинад ва хавфи касодшавӣ ҳаст.

Ва ваколатдорони англис бо вакилони генералҳойи гвардияи Сафед ва сипоҳи Сафеди мусулмон сари дастархони тадбир ғун омаданд ва аҳду паймон бастанд:

– Ба шӯр овардан ва ба шӯриш бархезонидани мардум аз шумо. Ёрии пуливу молӣ аз мо. Мо нону силоҳ медиҳем. Шумо ҷанг мекунед.

Ва аз нӯги хамир фатир, шоҳигарии Британияи Кабир ба қӯрбошиҳои Осиёи Миёна ду миллион сӯм пул дод:

– Дастхарҷӣ. Ғалаба бикунем, дар Осиёи Миёна як ҷумҳурии демократӣ месозем. Озоду обод мешавем. Гум

мешавад аз рӯйи ҷаҳон ғояи коммунизму номи коммунизм.

Ва генерал Блаккер бо полковники гвардияи Сафед Корнилов забон як кард ва бо миёнаравии ӯ ба Фарғона рафт ва бо қӯрбошиҳо вохӯрд ва қӯрбошӣ Аъзамхон ба вай гуфт:

– Мо алҳол дуним ҳазор нафар ҳастем. Агар ба ростӣ дили дастгирӣ кардан доред ва мо аз ҷониби шумо дилпур бошем, дар як моҳ – чил рӯз то бисту панҷ ҳазор сипоҳӣ ғун оварда метавонем.

– Дилпур бошед, – ваъда дод Блаккер. – Ғун оваред. Пулу мол ва тиру туфанг сари вақт мерасад. Хавотир нашавед. Зарурат пеш ояд, аз тарафи Эрон мадади ҳарбӣ ҳам мекунем.

Ва аҳд бастанд, сипоҳи Сафеди мусулмон фақат дар Фарғона бисту панҷ ҳазор нафар мешавад, ва Англия барои онҳо бисту панҷ ҳазор винтовка, чил пулемёт, шонздаҳ горная орудия медиҳад; ва ба ҳар як сипоҳӣ дар як рӯз аз панҷ то даҳ сӯм маош таъин мекунад, ва саркардаҳо, ҷои гап нест,музди бештар хоҳанд гирифт ва ба сипоҳиёни савора асп хоҳанд дод… Ва анборҳо дар Читрал ва Пишовар сохта мешавад, ва аз Читрал молу сипоҳ, бо роҳи ағбаи Мустоғ ба Қошғар ва аз он ҷо ба Ош мерасад; ва аз Пишовар, бо роҳи ағбаи Хайбар ба Афғонистон ва аз он ҷо ба Кушка ва ба Дузбод ва Ашхобод ва ба Бухоро ёрии ҳамаҷониба таъмин мешавад…

Ва оғозу анҷоми мубориза ву муҳориба ба тариқи зайл бояд бошад, – аввалан, ҳама гурӯҳҳо аз як гиребон сар бароранд ва тобеъи як ситоду як нақша будан шарт аст ва ҳар гурӯҳе худсарона коре накунад. Баъдан муҳориба дар ҳама ҷо баробар ва дар як вақт сар шавад, ва алоқаи байни якдигар бурида нагардад. Ба риояи ҳамин дастур гвардияи генерал Дутов аз ҷониби шимолу шарқӣ ба шаҳри Актюбинск ҳамла мекунад, ва ҳамзамон гвардияҳойи Сафед, ки дар моваройи баҳри Каспӣ ҳастанд, ба ноҳияҳое, ки шӯроҳо ғасб кардаанд, ҳуҷум меоваранд. Ва коммунистҳо маҷбур мешаванд, ки қувваҳойи ҳарбияшо-

нро ҳамон тараф равон бикунанд. Ва маврид мусоид мешавад барои босмачиҳо.[1]

Онҳо ба ҷиҳод бармехезанд аз ду самт. Қувваи зарбдор аз дашти Мирзоработ ба ҷанг медарояд ва аввал пули Чинозро мегирад ва сипас, аз оби Сайҳун гузашта тарафи Тошканд меравад. Ва ҳамдам қувваҳойи мададгор аз дарайи Оҳангарон ҳуҷум мекунанд ва инҳо низ ҷониби Тошканд мераванд.

Ва дар айни замон туркманҳойи Ҷунайд аз Чорҷӯ бармехезанд ва аз Омӯ мегузаранд, ва роҳи оҳани Арис ва Тошкандро мебуранд. Ва лашкари Сурххо, ки дар Актюбинск ва Ашхобод ҳаст, дар муҳосира мемонад, ва чор дасту пояш аз замину осмон канда мешавад, ва ғайр аз таслим шудан дигар чора надорад… Ва дар ҳамин маврид афра додан даркор, ки амири Бухоро шерак бишавад, ва роҳи оҳанро, аз Амударё то ба Сирдарё забт бикунад…

Ва дар хаёл ва дар рӯйи қоғаз дар Осиёи Миёна Ҳокимияти Шӯравӣ барҳам хӯрд ва халқҳойи мазлуми ин сарзамин аз империализми болшевик халос шуд ва зери боли Британияи Кабир даромад.

Ва суханро аз гулӯ то ба забон роҳи дарозест, чӣ ҳоҷат аз гуфтан то ба кардан. Бо истифода аз ихтилофҳо империализм ба оташи ҷанг равған рехта тавонист, аммо… Аммо на генералҳову қӯрбошиҳо муттаҳид шуданд ва на босмачиҳо зери як ливо даромаданд, ва на Ҳокимияти Шӯравӣ барҳам хӯрд, ва на мардум аз даъвои коммунизм гузаштанд. Ва задухӯрд дар ҳар гӯшае ва ба ҳар баҳонае кам нашуд, зиёд шуд; ва одами бешумори ин хоку замин, бо шумораҳойи гуногун аз паси командире ва қӯрбошие ва мубаллиғе рафтанд, ва имрӯз аҳди дӯстӣ бастанду фардо аҳду паймонро шикастанду душмани ҷонӣ шуданд…

Ва лордҳо ба дили шоҳи Афғонистон васваса андохтанд, ки «мусулмонҳо аз тасарруфи болшевикони зиндиқ берун биёянд, шумо Халифа мешавед», ва шоҳи Афғонистон Амонулло ғарраи ин ваъда шуд ва ба Фарғона сафорат фири-

[1] Босмачӣ – истилоҳи дақиқ нест, вале маъмул шудааст

стонид, ва…

Ва харҷу ваъдаву талошу таҳдиду умед бисёр буд, вале ҳама ҳалҳалаву валвала баробари як шиори инқилобӣ вазн надошт, – мазлумон, вақти озодии шумо расид! Ва мазлумон, – коргаре, ки кор мекарду рӯйи роҳатро намедид, ва деҳқоне, ки дон мепошиду лучу гурусна мегашт, ва аскаре, ки хидмат мекарду миннат мешунид, ва ҳама мардуме, ки дар назари сармоядорон табақаи пасту ҳақир буданд, ва ашрофон ба рӯзгор ва кори онҳо нигариста завқ мебурданд, ки «харро гӯшташ ҳаром, кораш ҳалол», вақти озодиро ғанимат донистанд, ва бо орзуи озодӣ ба по хестанду қомат рост гирифтанд, ва садову силоҳ баланд карданд, ки «худи шумо сармоядорон, худи шумо ашрофон, ҳаром ҳастед ва гӯштатон ва рӯзгоратон ва сарвату савлататон ҳаром аст, ва лафзу луқмаатон ҳаром аст, ва минбаъд муфтхӯрӣ бас, ва мо аз шумо қасос мегирем, қасоси ҳазорсолаамонро мегирем, қасоси худамон, қасоси падаронамон, қасоси бобоёнамонро мегирем. Ва барои ба озодӣ расидан, ва барои аз золимон қасос ситонидан, ва барои роҳати заҳмати худро дидан, даста даставу фавҷ фавҷ ба лашкари Сурх пайвастанд, ки «соҳиби азалӣ ва аслии хоку об ва кишту ҳосил ва фабрику зовуд ва қонуну қойида мо ҳастем».

Ва соҳиб буданашонро собит мекарданд, – комиссарони халқӣ ва кумитаҳойи халқии иҷроия ва шӯроҳойи мухталиф ва иттифоқҳойи ҳар табақаи мардум, – камбағалон, бинокорон, оҳангарон, косибон, аробакашон, ҷуфтронон ва майдасавдогарон ташкил доданд. Ва миёнаҳолон дар ҳоли дуӣ рӯз мегузарониданд, – ҳамчун заҳматкаш сиёсати Шӯроҳоро меписандиданд, ва чун соҳиби мол майли хотирашон ҷониби сармоядорон мерафт.

Ва тарафҳо дар ҷанг буданд. Ҷангҳойи мардонаву номардона мекарданд; ва дар Петроград раиси шӯройи комиссарони халқро номардона[1] куштанд, – ғофил аз хами кӯча паронданд, ва роҳбарони Ҳокимияти шӯроӣ дар сар то сари мамлакат маҷлисҳойи анбӯҳ оростанд ва суханҳойи

[1] Бо террор.

пурҳарорат гуфтанд, ва қасам хӯрданд, ки ба ҳар як террори сафед ба даҳ террори сурх ҷавоб хоҳанд дод. Ва ба хотири мақтул як шаҳр ва дар дигар шаҳрҳо як кӯча ва дар ҳар ҷо понздаҳ мактаб ва бисту се клубро ба номи ӯ гузоштанд, ва қарор баровarданд, ки ҳайкали вай сохта шавад. Бигзор номи ӯву кори ӯ абадуддаҳр дар дилу дидаҳо зинда бимонад!

Ва Хоҷаҳо барои мансабу мартабаву имтиёзҳояшон меҷангиданд, ки «бимирем, ба ҷаннат меравем». Хизматгорон ба хотири баробариву бародарии инсонҳо меҷангиданд, ки «бимирем, ному ҳайкаламон ҷовидона мемонад».

Ва он ваъда буд, ин воқеъият. Ва Воқеъият бар Ваъда ғолиб меомад.

Ва шарту шароити киштукор ва бофтану дӯхтан муҳайё набуд ва… Ва зимистону баҳор ба хӯрданиву пӯшиданиву сӯхтанӣ қаҳтӣ омад ва Ҳақбердӣ, ки «бӯ дорад» гӯён, гӯшти аспро намехӯрд, лашу луши анборро тагурӯ кард ва ду-се пора чарми куҳна ёфт ва ба дег андохта ҷӯшонд ва обашро чун шӯрбо ба табақ кашид ва бо аҳли аёлаш хӯрд; ва гуруснаҳойи Осиёи Миёна, ба умеди нони шикам ва либоси тан, муносиб ба шароити маҳал, ё ба сипоҳи Сурх пайвастанд ва ё ба қатори босмачиҳо даромаданд.

Ва сиёсатшиносони англис фол гирифтанд, ки агар чунин рафтан гирад ва сиёсати худмухторӣ ба интиҳойи мантиқиаш бирасад, худсарӣ ва хусумати хосу ъом ва нобоварӣ ва бетартибӣ ва бедодӣ ногузир авҷ мегирад ва хоҳу нохоҳ ин давлат маҳкуми заволу фано аст; ва ба ҷанги сухан гузаштанд, ва рисолаву китобҳо навиштанд.

Ва лордҳо аз Лондон ба гумоштаашон Эсертон дар Қошғар супориш доданд:

– Коре бикунед, ки пахтаи Осиёи Миёна ба Русия наравад.

Ва Эсертон дар Қошғар ва Бейливу Блаккер дар Тошканд нишастанду нақша кашиданд, – Русия аз Амрико ва Осиёи Миёна пахта мегирад, ва роҳи пахтаи Амрикоро бастан душвор нест, – флот пешашро мегирад ва гузаштан намемонад; ва нисфи аҳолӣ бекору саргардон шуд гӯед, ва нисфи

дастовардҳойи Инқилоб барбод рафт гӯед, ва коргар аз деҳқону деҳқон аз коргар норизо шуд гӯед. Ва агар пахтаи Осиёи Миёна ҳам ба Русия наравад, боз нисфи фабрикаҳо аз кор мемонад ва боз нисфи аҳолӣ воситаи рӯзгузаронӣ надорад, ва боз нисфи ғалабаҳойи Инқилоб барбод рафт гӯед; ва коргару деҳқон, айбро бори гардани якдигар карда даст ба гиребон мешаванд гӯед, ва байни мардум нифоқ афтод гӯед, ва сари шӯроҳоро хӯрд гӯед. Аммо дар ин ҷо флот нест, ки пахтаро гузаштан намонад; роҳи оҳан ва роҳи корвон дар дасти худи Шӯроҳост ва мо баста наметавонем, ва барои мо фақат як илоҷ мемонад, – хару хингил! Роҳ ба ҷониби Шарқ нисбатан кушода аст, ва пахтаи Осиёи Миёнаро, як паға намонда, харида мегирем, ва хару хингил карда ба Қошғар мебарем, ва шикасти Инқилоб ногузир гӯеду монед.

Ва ҳисобу китоб карданд, ки барои ба Қошғар бурдани пахтаи Осиёи Миёна ҳафт миллиону панҷсад ҳазор шутур даркор аст. Дар чунин коре хару асп ба кор намеояд, – бори бисёр бардошта наметавонад, маҳз шутур бояд бошад, ки аз ӯҳдаи инчунин коре барояд; ва харҷи роҳ бисту ду миллион рупияи ҳиндӣ мешавад. Ва се моҳу даҳ рӯз ҷамъу тарҳ карданд, ва дар охир аз лордҳойи Лондон дастур гирифтанд, ки «Ин орзуятон хом аст». Шутурони рӯйи дунёро ҷамъ биёваред, ҳафтуним миллион намешавад; ва баъд маълум нест, ки корвонеро бо чунин бузургӣ аз сарҳад гузаронида метавонем ё не. Не, роҳи мурод ин нест, ягон илоҷи дигар ва роҳи воқеъии беҳтарашро ёбед». Аммо ҳамон замон роҳи беҳтар ёфт нашуд. Ва Сафедҳо мағлуб шуданд ва Сурхҳо ғолиб омаданд, ва Ҳокимияти шӯройӣ барномаашро эълон кард:

– Мо таърихро нав кардем. Шоҳу гадоро баробар кардем. Мо ҷомеаи нав месозем. Ҳамаи тартибот ва бинишу дониши куҳнаро нав мекунем. Одамро ҳам нав мекунем.

## 2

Ва сад ҳазор марде, ки ҳукумати подшоҳии Русия, дар соли як ҳазору нӯҳсаду шонздаҳ, аз Осиёи Миёна, барои хизмати маҷбурӣ дар ақибгоҳи фронт бурда буд, баъди

ғалабаи Инқилоб, озод шуданду ба ватан баргаштанд. Онҳо, дар муқоиса бо дигар ҳамватанон, ҷаҳондидаву таҷрибаандӯхтаву донотар ба ҳисоб мерафтанд, ва аксарияташон ғояҳои сотсиалистиро хуш истиқбол карданд, ва командирону роҳбарони сиёсиву хоҷагӣ ва аскароне шуданд, ки барои барпо ва пойбарҷо гардидани Ҳокимияти шӯравӣ аз хуну пӯст гузашта, софдилонаву фидокорона мубориза бурданд.

Ва дар ин қатор фуқаройи аморати Бухоро ҳам буданд, ки он вақто дар шаҳрҳойи Тошканду Қӯқанду Самарқанд, дар заводҳо ва роҳи оҳан мардикорӣ мекарданд, ва ин марзу бум ба Русияи подшоҳӣ тааллуқ дошт, ва аз ҳамон ҷойҳо ба ақибгоҳи фронт фиристонида шуданд; ва ба озодӣ, ки баромаданд, ба зодгоҳҳои худ баргаштанд, ба ёду дидори хешу табор, ва орзуяшон зуд пир шуду хурсандиашон бақо накард, – дар қаламрави аморати Бухоро сиёсати давлату рӯзгори мардум аз куҳнаҳо ҳам куҳнатар буд. Ҳамон деги шикаставу косаи холӣ. – Амир дар ҳамон ақида, ки аҳолӣ ғуломони ӯ ҳастанд ва бекҳо нозирон бар сари ин ғуломон. Ва ҳар як бек дар ғундоштани андоз соҳиби мутлақи молу ҷони мардум…

Ва Амир супориш дод ба беки Кӯҳистон, – барои мо ҳаштсад асп ва сесад той бор ва се духтари бокира ва ду амради бериш фиристед. Мӯҳлат– се ҳафта.

Ва одамони Бек ба шикор баромаданд ва деҳа ба деҳа рафтанд, ва даҳ рӯз таҳдиду зану кӯб карданд ва супориши ҷаноби олӣ бекаму кост иҷро шуд – доду фиғони занҳо ва дуъои бади онҳо фақат ба гӯши худашон расид, ва яккамеҳҳо бе асп монд, ва хамбаҳоро рӯфтанд, ва бӯхчаҳои занҳову арӯсу домодони оянда ба ғорат рафт…

Ва мардҳо ғазаби ба лаб омадаашонро бо оби шилмаки даҳон бо азоб фурӯ мебурданд, ва эътироз мекардагиҳо низ ёфт шуданд:

– Баройи бачукач хӯрданиву пӯшидание намондед. Ҳамин кӯдаку чӯдакро ҳам гиреду баред!

– Кӯдакони шумо ба кӣ даркор? Худатонро мебарем.

Дар корҳойи амирӣ дасти кор даркор!

Ва аз ҷумлаи гарданшаху гапнодароҳо, аз нӯҳ деҳа бисту ҳафт мард гирифтанд барои корҳойи амирӣ.

Ва Маҳкам, ки аз ақибгоҳи фронти Ҷанги ҷаҳонӣ баргашта буд, ва шиори «Бархезед, ситамдидагон! Вақти озодии мо расид!», дар гӯшаш нишаставу ба дилаш расида, ва ғалабаҳойи муздуронро бо чашм дида, ба ду деҳаи дигар, ба ҳамқисматонаш Адҳаму Раҷаб одам фиристонид, ки «биёед, як маслиҳат ҳаст!» Ва онҳо омаданд.

Маҳкам аз хона як намад гирифт ва рафтанду болотар аз деҳа, дар лаби чашма, густурданду нишастанд.

– Дар нияти худ устувор ҳастетон?– пурсид Маҳкам.

Ва нияташон чунин буд, – минбаъд фиреб намехӯрем. Бас аст фиреб хӯрдан ва нолиш кардан! Мо аз онҳо чӣ камӣ дорем?! Дасту по надорем?! Лабу даҳон надорем?! Ана дидем. Ситамкашон тахти ситамгаронро яксон карданд ба хок. Мо ҳам якдил шавем, ҳамон корро карда метавонем.

Дар роҳи баргашт ба Ватан аҳдашон ҳамин буд.

Ва Аҳмаду Раҷаб ҷавоб доданд:

– Устуворем!

Ва дар ду рӯзу як шаб ҳафтсад пиёдаву савора ғун омад, ки аз онҳо дусаду чил нафараш камони пилтабанд дошт, ва боқӣ табару шамшеру корду хода.

Ва дар ҳавлии анбор корвон ба сафар омода мешуд, – амалдорон мефармуданд ва ҳаммолон он ҳама бору бунаеро, ки ҷабран аз раъия гирифтанд, аз анбор баровcovarда ба хару асп бор мекарданд, ва садоҳойи рав, биё, те, гир, бар, мон, ва пойи одаму суми аспу хар ба ҳаво мепечид… Ва дар айни ҷӯши ин садоҳо аз беруни ҳавлӣ ғавғову ғалоғулае бархест азим, ва шӯру ғавғои даруни ҳавлиро пахш кард, – одами савораву пиёдаи арасоте гирди анборро печонида гирифт, ва пешсафҳо ба ҳавлии монанд ба корвонсаро даромаданд, ва амалдоронро асир гирифтанд, ва ҳаммолонро фармуданд, ки халтаву ҷуволҳоро фаровар-данду рах заданд, ва он бисту ҳафт нафаре, ки маҷбуран ба корҳойи амирӣ мерафтанд, ба онҳо пайвастанд, ва ғо-

либон ҷор андохтанд:

– Ҷабрдидагон! Дасти ҷабборон кӯтоҳ шуд! Марду зане, ки ҳастед, аз дуру наздик, хезеду биёед ба анбор. Чизу чораатонро бубинед, бишиносед ва бигиреду бибаред.

Ва омаданд бечораҳо аз деҳоти дуру наздик ва анбӯҳ шуданд, ва бо оҳувоҳ, бо таъҷилу теладиҳӣ, ҷустанду ёфтанду гирифтанд хару аспу ғаллаву бӯхчаву пашму пӯсту равғану нақдинаи худро; ва се духтару ду амрадро пешкашӣ бурданд назди Маҳкам, ҳамчун тӯҳфа ва ҳамчун арзи сипосу миннатдорӣ ва эҳтирому эътироф, ки «акнун амири мо шумоед, мо аз замин то осмон аз Шумо миннатдор, мо як умр аз Шумо қарздор»…

Ва Маҳкам ба ҳолате афтод, ки гӯё дар як боғи хушҳаво байни гулҳо буд, ногоҳ аз гиребонаш кашиданду ба оғили бадбӯю ифлосе тела доданд:

– Чӣ одамоне ҳастед шумо?!.. Одам будани худро фаромӯш кардаед!

Ва хушомадгӯёнро пеш кард Маҳкам:

– Ҳамин феъли хушомадгӯйӣ ва рӯҳи ғуломӣ Хоҷаҳоро Хоҷа кардаанд. Аз ин феълатон гардед. Рӯҳатонро дигар кунед. О, мақсади мо бандаҳоро озод кардан аст. На озодҳоро банда кардан. Худатонро аз ҳеҷ кас кам нагиред, Шумо аз ҳеҷ миру бек кам нестед!.. Меравем, қалъаи бекро мегирем.

Ва рафтанд ба нияти қалъаи бекро фатҳ кардан ва дар ин бекигарӣ ҳукумати халқӣ, ҳукумати шӯройӣ барпо намудан. Ва дар роҳ, ки тақрибан ҳафт километр буд, довталабони бисёре аз ҷумлаи одамони ҷабрдида ва беморгардони гушнамаст ва сарҳуёни моҷароҷӯ, ба шӯришгарон ҳамроҳ шуданд, ва шумораи лашкари Маҳкам ба се ҳазор дакка хӯрд, ки панҷсаду ҳаштод нафараш савора ва боқимонда пиёда буданд.

Ва аҳли қалъаро воҳима фаро гирифт, – ранги рӯяшон парид, аз савлату такаббур нишоне намонд, ва ин одамони ҳукмашон ба сағиру кабир раво ва фукашон дар осмон ба ҳоле афтоданд, ки муши ниммурдаро мемонданд ва дар талвоса буданд, ки ба кадом хафол сар халонанд… Ва Бек

паноҳ бурд ба дину оин, ба силоҳи мӯътамади Хоҷаҳо, ки асрҳо боз кор фармудаву фоидаашро дидаанд ва халқро мутеъ нигоҳ доштаанд – як эшон ва чаҳор муллойи бонуфузро, ки резачин ва ҷорӯби дастархонаш ҳастанд, вакил карда назди Маҳкам фиристонид ва ба онҳо ваколат дод, ки аз номи ӯ гӯянд:

– Ба Маҳкамбой салому паём, аммо баъд мардумро ҷавоб диҳанд, ба хонаҳошон раванд. Ҳар шарте, ки доранд, мо қабул мекунем. Ҳар камбудие, ки аз мо гузашт, ислоҳ мекунем. Ман ҳамаи маҳбусоне, ки Маҳкамбой бегуноҳ медонанд, озод мекунам. Гуноҳи ҳамаи онҳоеро, ки аз хизмати навкарӣ гурехтаанд ва ё саркашӣ кардаанд, мебахшам. Ҳар андозе, ки ҳаст ва Маҳкамбой онро нораво медонад, бекор мешавад. Ман ба Маҳкамбой аз Амир мансаби Бий гирифта медиҳам.

Ва роҳ кашиданд вакилон, ва Бек ба ҳокими Ҳисор хабар фиристонид аз шӯриш, ва мадад пурсид. Ва ҳам дар шаҳрча, дар маркази бекигарӣ, ғазо эълон кард.

Ва вакилонро Маҳкам хуш қабул кард ва арзашонро оромона шунид ва эҳтиромашонро нигоҳ дошт, ва дар хотима посух дод:

– Ба ҷаноби Бек бигӯед, ки ин мардум барои садақапурсӣ не, барои дигар кардани Ҳукумат омадаанд. Мегӯянд, ки даври истисмори одам аз тарафи одам гузашт. Акнун ҳукми номаҳдуди беку миронро дигар таҳаммул намекунанд. Корд ба устухонашон расидааст. Он кас дигар ҳукми номаҳдуд надоранд, ки пеши дасти худ ҷазо бидиҳанд, ва ё бубахшанд, андоз бароранд, ё бекор бикунанд. Замон дигар шуд. Халқ ҳукму ҳокимиятро мегирад. Ба зорӣ не, ба зӯрӣ мегирад. Оштӣ хоҳанд, таслим шаванд.

Ва Бек таслим нашуд, – чилу ҳафт навкаре, ки дошт ва яксаду ҳафтод нафаре, ки ба даъвати ҷиҳод омада буданд, мусаллаҳ кард ва ба ҷанг даровард.

Қалъаи Бек, монанди ҳама қалъаҳои аморати Бухоро, дар баландӣ буд ва дарвозаву бора дошт, ва чаҳор тарафаш майдони холӣ, ки ҷунбандае гузарад, намоён мешуд.

Ва шӯришгарон нияти пинҳон шудану шинак гирифтан ҳам надоштанд, – онҳо аз ду ҷониб якбора ба ҳуҷум гузаштанд ва сели баҳор дар кӯҳистон барин меомаданд. Аз бораҳои қалъа тир кушоданд ва чанд савору асп каллапо рафтанд, ва байни шӯришгарон саросемагие ба амал омад, – саворон ба росту чап сари аспҳо гардониданд ва пиёдаҳо дар ҷояшон истоданд, вале саф вайрон нашуд; ва лаҳзае пас тирпаронӣ аз ҳар ду тараф суръат гирифт, ва шӯришгарон тӯда-тӯда тақсим гардида, гирдогирди қалъаро печонданд, ва… Ва ҷанг тасфид, ва ду-дуним соат давом кард, ва Хизматгорон ба Хоҷаҳо ғолиб омаданд, – ҳукумат ба дасти халқ гузашт.

Ва шӯройи халқ маҳбусонро озод кард, ва мансабдоронро, ки баъзеяш таслим, баъзеяш дар гӯшаи каҳдон руст шуданд, ва баъзеяш гурехтанӣ буд, гирифтанду ёфтанду доштанду ба ҳабсхона фиристониданд; ва нишастанду маҷлис оростанду интихоб карданд:

Маҳками Ҳамдам, раиси шӯройи халқ.

Адҳами Давлат, ҷонишини якум.

Раҷаби Исмат, ҷонишин.

Ва маҷлиси якуми шӯро аввалин қарорҳояшро баровард, – андозҳое, ки то ба имрӯз аз заҳматкашон меситониданд, аз қабили хироҷи пешакӣ, закоти савоим, закоти чакана, закоти тавореъ ва аминонаро беадолатӣ донист ва бекор кард; ва ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки дар қалъа буд, чун нишонаи ҷабру ситам ва чун боқимондаи даврони амирӣ, ба рӯйи ҳавлӣ баровард, ва дар пеши чашми мардум оташ заду сӯхт; ва барои ҳифзи қалъа шасту панҷ нафар аз ҷумлаи шӯришгарон ҷудо карда гирифт; ва арбобони собиқи деҳотро маъзул гардонид ва ба ҷойи онҳо, аз байни шӯришгарон, раисони шӯройи ҷамоа таъин кард; ва ба дигарон рухсат шуд, ки раванд ба хонаҳошон ва ба муроди дил рӯзгори худро саришта бикунанд.

Ва Исҳоқ як нафаре, ки зӯран ба навкарӣ burданӣ буданд ва бо шарофати шӯриш озод шуду ба шӯриш шарик гардид, аз ҷои нишасташ, аз байни одамон бархест ва ду даст пеши бар гирифт барои таъзим:

– Намедонам ҷаноб гӯям, ё раис. Замона чунон ногаҳон дигар шуд, ки ҳоло одат накардаем. Ба ҳар навъ мо дар ин ду-се рӯз лаззати озодиро чашидем. Одам буданамонро ҳис кардем. Бо роҳбарии шумо. Бо шарофати шуҷоати шумо. Ҳеҷ бадӣ надорад, агар пеш аз ба хонаҳо рафтан, як оши шукрона хӯрем. Ҳамин гапро гуфтанӣ будам.

Ва ин гапро ҳамаи ҳозирон маъқул донистанд:

– Хуб мешавад!

– Шукрона кардан даркор!

– Бе ин намешавад! Рӯзи муборак аст.

Ва оши шукрона ба маъракаи калону ботантана табдил ёфт, – гову гӯсфанд, биринҷу равған, орду нон, қанду мағз, дегу табақу коса, ҳезуму табаре, ки дар анборҳои Бек буд, берун бароварданд, ва дар айвонҳову саҳни ҳавлӣ гилему намаду пӯстаку кӯрпачаҳойи яккад густурданд, ва баковулҳо, қассобҳо, кундакафонҳо, аловмонҳо, пазандаҳо, чойҷӯшонҳо, дастархондорҳо пайдо шуданду дасту оринҷ барзаданд, ва қатор дегҳои маърака шинонданд дар оштонҳойи заминӣ, ва самоворҳо устувор карданд, ва ба дараҷае аҳлонаву бо шавқ машғул шуданд, ки агар ба дигар мушкилаҳои рӯзгор бо чунин аҳливу ҳамин шавқ мечаспиданд, Худо шоҳид, ки ҳеҷ гоҳ рӯйи хориву зориро намедиданд.

Ва оши шукронаи якрӯза, ончунон гарм шуду тафсиду вусъат гирифт, ва хурсандиву шодӣ, ва миннатдориву сипосгузорӣ ба роҳбарони шӯриш ва тартиби нави зиндагӣ, ба дараҷае мавҷ зад, ки севу ним шабу рӯз давом кард. Ва се шабу севуним рӯз дегҳо аз ҷӯшидан намонд ва дастархонҳо холӣ нашуд; ва ошомиданд оби шӯрбову оши угрову чойи кабуд, ва хӯрданд гӯштбирёну гӯшти дампазу танӯркабобу палов, ва дона карданд себу ноку ғӯлингу майизу мағзи бодом; ва рақсиданду суруданду гӯштин гирифтанду масхарабозӣ карданд, ва фақат шароб намерасид, вале ҳама бе шароб маст буданд, масти ғалаба ва кайфи ҳукуматдорӣ, ки минбаъд тақдирашон ба дасти худашон.

Ва рӯзи аввал дар омади гап ду-се бор ва дар рӯзи дув-

вум як соат саҳариву як соат бегоҳӣ, ва дар рӯзи саввум як соат дами субҳ, ду соат вақти чошт, се соат пеш аз хоб, хираду фаросат ва ғайрату салоҳият ва одамгариву халқдӯстии Маҳкамбойро сифат карданду сано гуфтанд.

Ва гоҳе ки бори нахуст гуфтанд:

– Мо то имрӯз мардуми бепадар ва бесоҳиб будем. Акнун ҳам падар ва ҳам соҳиб ёфтем. Шумо падари мо, Шумо соҳиби мо.

Маҳкам ончунон шарм кард, ки хуни ҳаё то гӯшҳояш дамид:

– Айб аст гуфтани ин хел гапҳо. Нагӯед ин хел гапҳоро. Ман… Ман ҳам шумо барин як одам…Аз шумо на каму на зиёд… Ғалаба кори ҳамаамон. Дасти танҳо коре карда наметавонад…

Ва ҳозирон бас накарданд, боз гуфтанд ҳамон гапҳоро, вале бо фосила, дам гирифта, дам гирифта – аз хӯрдан, ошомидан ва рақсу суруд ва тамошойи гӯштингирон фориғ, ки шуданд, ба таърифу тавсифи Маҳкамбой даҳон мекушоданд, – Шукри Худо, сад бор шукр, ки парвардигори ҳар ду олам ба мо, Шумо барин фарзанд додаст; Шумо назаркардаи Худо, Худо назар накарда бошад, одам даллоли бозор намешавад, чӣ ҳоҷат ба ин мартабаҳо?! Шумо ба ин торикистон нур овардед, адолат овардед, дасти ситамгаронро кӯтоҳ кардед, дасти афтодагонро гирифтед…

Ва акнун Маҳкамро хиҷолат пахш намекард. Андаке нороҳатӣ дар ботинаш буд, вале дар рӯзи дуввум он ором гирифт, ва дар рӯзи саввум эътимодаш ба худаш афзуд, ва аз маддоҳон ҳар кадоме ширингуфтор бошад, даъват карда болотар меовард, ва ба худ наздиктар мешинонид ва фурӯтанӣ нишон медод:

– Ин ғалабаи халқ аст. Ғалабаи ситамкашон ба ситамкорон.

Ва тадриҷан гӯшу ҳуши Маҳкам ба саногӯиҳои ҳозирон одат кард, ва он хиҷолатҳову нороҳатиҳойи ботиние, ки қаблан дошт, дар кадом як гӯшаи нимбедори майнааш фурӯ рафт; ва аз таъомҳойи рангоранг бо рағбату иштиҳо

хӯрд, ва шавқи ваъзгӯияш боло гирифт:

– Дар ҳамин умри кӯтоҳамон сахтиҳои бисёр дидем. Шатта ҳам хӯрдем. Дар ақибгоҳи фронт азоби гӯрро кашидем. Бегуноҳ гунаҳкорамон карданд, паст заданд, лагад заданд; ёфтагиамонро кашида гирифтанд, моро луч карданду худашон пӯшиданд, моро гурусна гузоштанду худашон хӯрданд... Чӣ рӯзҳое, ки аз сар гузаронидем?! Акнун ҳамааш пушти сар шуд. Акнун мо он одамоне нестем, ки дирӯз будем! Акнун Миразизи ҷон, пардаи танбӯрро дигар кун. Дигар сурудҳойи ғарибӣ ва шикоят аз тақдир нахон! Акнун тақдирамон ба дасти худамон. Сурудҳойи хуш хон. Бо шавқу завқ хон! Ту, Давлаталӣ, раву аз ҳамон чашмае, ки бек об мехӯрд, об биёр. Акнун аз оби он чашма мо чой мехӯрем.

Ва он рӯзу он шаб сухангӯён, хоҳ се-чор ҷумла гӯянд ва хоҳ ним соат ваъз, сари ҳар ҷумла номи Маҳкам ба забон гирифтанд, ки «бо сарварии хирадмандонаи шумо мо ба ин рӯзҳойи нек расидем».

Пайи ҳам шунидани номаш, ва оҳанги миннатдориву сипосгузориаш мефорид ба гӯши Маҳкам ва баданаш қувват гирифт, ва ин қувват дар пӯсташ нағунҷид, ва супориш дод, ки «базми бе гӯштин ним базм аст!» Ва маъракаи гӯштингирӣ оростанд, ва ҳар паҳлавон, ки аз майдон ғолиб мебаромад, Маҳкам гумон мекард, ки ҳамон зӯр худаш аст.

Ва ба зӯри худаш имон овард, ва нишасту хест ва нигоҳу ишора ва китфу бозуяш ба дараҷае дигар шуд, ки аз он Маҳками пештара дигар нишоне боқӣ намонд, – бо виқор ва салобат менишасту мехест ва омиронаву калонгирона менигарист ба рӯйи одамон, ва ишорааш ҳукми фармон дошт, ва китфонаш боло хест, баланд шуд, ва бозувонаш гӯё аз пӯлод буданд, ва касе дар суханаш номи ӯро нагирад, ба дилаш сахт мерасид, зери чашм мекард; ва дар хотимаи ҷашни ғалаба, бузкашии Раис гузарониданд, ва Раис ба беҳтарин човандозҳо тӯҳфа дод, ки хурдаш шутур буд ва калонаш мансабе дар ҳукумати халқ.

Ва ҷашн ба охир расид, – он ҳама нозу неъмате, ки аз

мансабдорони собиқ ба мусодира гирифта буданд, сарф шуд, ва роҳбарон ба маслиҳат нишастанд, ки «ҳокимиятро гирифтем, ҷашни ғалабаро гузаронидем, минбаъд чӣ кор хоҳем кард?» Ва баъди гуфтугузори бисёр маълум шуд, ки ҳукуматро гирифтан осон, сариштa кардан душвор. Ҳамаи халқ баробар роҳбар шуда наметавонад. Роҳбарон, ки интихоб шуданд, собиқаи корӣ надоранд. Таҷрибаи роҳбарӣ надоранд. Дар раёсати ҳукумат одамони ботаҷриба даркор. Одамони таҷрибадор дар ҳабсхона. Бо онҳо муросо кардан лозим барин?

Ва муросо карданд, – қозӣ, муфтӣ, хазинадор, хонсолор ва охурсолорро аз ҳабсхона бароварданд ва дар ҷойи худашон монданд, ки «шумо ҳам аз байни ҳамин халқ баромадаед, хизмати ҳамин халқро кунед». Ва онҳо розӣ шуданд, – «супориш аз шумо, хизмат аз мо! Мо ҳамаамон бандаи Худо. Ва дар назди Худо ҳама бандагон баробару ба якдигар бародар. Иншооллоҳ, бо ҳидояти шумо барои баробарӣ ва бародарии халқ ҳар коре, ки фармоед, кӯтоҳие аз ҷониби мо намешавад!»

Ва ҳукумати халқ аввалин қарорҳояшро баровард:

1. Андози аминона ва закотҳойи чаканаву шавореъ, аз имрӯз ба баъд бекор эълон шавад.

2. Хироҷ дар як сол як бор, баъди ғундоштани ҳосил, бо ҳисобу китоби аниқ гирифта шавад.

3. Касе ҳақ надорад, ки каси дигарро озор диҳад. Агар озор диҳад, ба ҷазо гирифтор мешавад.

Ва арбоб таъин карданд ба ҳар як деҳа аз ҷумлаи фаъолони шӯриш ва хоса шахсоне, ки дар ин рӯзҳо номи Маҳкамро бештар ба забон оварданд.

Ва баъди як ҳафтайи ҳукмронии ҳокимияти халқ, муфтӣ, хонсолор бо ҳамроҳии хазинадор ба қабули Раис рафтанд.

– Овозаи ғалабаи Шумо то ба Бухоро расидааст, – хабар дод Хонсолор. – Амир албатта, дар таҳлукаву ташвиш, вале фуқаро хурсанд, дар даҳони хурду калон номи шумову корзори шумо. Ҳама дар орзуе, ки шумо барин роҳбар ёбанду рӯйи озодиро бинанд. Аз ҷумла, деҳаҳойи

даҳони дара, нӯҳ деҳа ҳамашон маслиҳат карданд, ки ба мо ҳамроҳ шаванд. Сидқан ба итоати шумо омаданӣ ҳастанд. Лекин роҳу равишашро намедонанд. Одам фиристонидаанд, ки мардони баобрӯйи ин деҳаҳо фардо дар масҷиди Шоназар ҷамъ мешаванд. Хоҳишу илтимос кардаанд, ки шумо ҳамон ҷо равед. Бо онҳо сӯҳбат бикунед. Арзи сипос ва садоқаташонро шунавед. Роҳи ба ҳукумати халқ пайвастанашонро нишон бидиҳед.

Ва муфтиву хазинадор ин матлабро тасдиқ карданд, бо болобардораш, албатта.

Ва Маҳкам даъватро фоли нек донист, ва рафт ба назди талабгорон, ки роҳи ҳукумати халқро нишон диҳад.

Ва то масҷиди Шоназар қариб чор фарсанг роҳ буд ва тобеъият ба бекигарии дигар дошт. Роҳи кӯҳистон, – шах дар гардиши шах, нишеб андар бароз лаб-лаби оби рӯд, каҷу килеб, сангзор, ҷарҳои хурду калон, пулҳои чӯбини ҷо-ҷо тахтаҳо пӯсида… Ва Маҳкаму дувоздаҳ нафар аскараш баъди намози пешин ба ин ҷо расиданд, ва касе онҳоро пешвоз нагирифт, ва дар ҳавлии масҷид касе набуд – на одамони бообрӯ ва на одамони беобрӯ. Фақат сӯфии масҷид дар кунҷи айвон пинак мерафт, ва ӯ аз омадани саворахои мусаллаҳ тарсид ва ҳайрон ҳам монд, – киҳо бошанд? Ва баъди фаҳмидан, ки инҳо кистанд ва барои чӣ омадаанд, ба ҳоли аслиаш баргашт:

– Ҳеҷ касе аз дигар деҳаҳо ба ин ҷо наомадааст. Ҳафтҳашт намозхон аз деҳаи худамон буданд, ки намозашонро хонда рафтанд. Хӯш, чӣ рост истодаем? Аз роҳи дур омадетон. Марҳамат, ба айвон.

Ва аз дилаш гузаронид, ки «Ҳукумати шӯройи халқ! Касе, ки ақл дорад, ба ин афсона бовар намекунад!»

Ва бегоҳии ҳамон рӯзе, ки Маҳкам ба тарафи масҷиди Шоназар роҳ пеш гирифт, хонсолор Адҳамро хонаи қозӣ ба меҳмонӣ бурд, ва зиёфатхӯрӣ то торикии шаб давом кард; ва «номи шумоён номи шумову Маҳкамбой дар таърих монд, номи шумоёнро мардуми ситамдида ва бечораву дармонда ҳеҷ вақт фаромӯш намекунанд; мо ҳам қатори мардум шабу рӯз дуъои ҷони шумоёнро мекунем»

барин суханҳо бисёр гуфтанд; ва аз ҳавлӣ бо таъзиму дастфишорӣ гусел карданд, ва панҷ дақиқа пас дар хамгашти тангкӯча се нафар – хонсолору дастёронаш якбора ба сари Адҳам ҳуҷум оварданд ва пахш карданд ва ба сараш бо санг кӯфтанд, ва ба гулӯяш хафадавак андохтанд; ва ба қалъа омада Бек ва шариконашро аз ҳабсхона бароварданд; ва Раҷаб аз ҳодиса воқиф гардиду гурехт, ва шӯрои халқӣ баъди ҳукмдории понздаҳрӯза, ҳамон шаб барҳам хӯрд.

Ва фардо ин хабар ба Маҳкам расид. Маҳкам дар ҳисори бекнишин аз пайи тафтиш буд, ки ихтиёриён дар куҷоянд, ва агар нестанд, ин гапи дурӯғ аз куҷо пайдо шудааст ва ғаразашон чӣ будааст?

Ва ҳамон шаб Маҳкам бо ёронаш дар масҷиди Шоназар хоб карданд, ва рӯзи дигар умедвор шуданд, ки одамони бообрӯи деҳаҳои ин дара имрӯз меоянд, ва арзи вуҷуд кардани ҳокимияти шӯройи халқро муборакбод мегӯянд, ва аҳд мекунанду бо онҳо ҳамроҳ мешаванд, ва ин шӯриш оҳиста секин сар то сари аморати Бухороро фаро мегирад, ва халқ аз ситамгарон халос мешавад ва ба муроду мақсади чандинасрааш мерасад. Вале вақт мегузашт ва аз омадани касе дарак набуд. Ва Маҳкам аз пайи тафтиш шуд, ки ихтиёриёну хоҳишмандон барои чӣ наомаданд ва ин гап аз куҷо пайдо шуд, ва рост буд, ё дурӯғ, ва ғаразашон чӣ будааст?

Ва ин гап аз куҷо пайдо шуду ғаразаш чӣ буд, қарибиҳойи нисфи рӯз маълум гардид, – аз Қалъа саворе расид, ки «қозиву муфтӣ макру ғадр карданд, Адҳамро номардона куштанд, бек аз нав ҳокимиятро гирифт; ва Маҳкам бо дувоздаҳ ёраш таъҷилан ба роҳ баромаданд бо умеде, ки халқ тарафдори онҳост, халқ онҳоро дӯст медорад; ва маҳзи расидан ба Қалъа сафу ҷамъ меоянд ва бекро сарнагун мекунанд, ва ин дафъа бо ҳабс қонеъ намешаванд, хунашро мерезанд,» ва …

Ва ин дафъа халқ тӯда шуда ба ёриаш нарасид ва беку қозиву тарафдоронашон зӯр бароманданду Маҳкам ва дувоздаҳ ёрашро нӯги тир карданд.

Ва муфтӣ фатво дод, ки Маҳкам осии дини ислом аст, ӯро ҷанозаву гӯр кардан раво нест. Ҷасади ӯро аз болойи ҷар ба ҷӯши оби рӯд партоед.

Ва баъди тӯй нағора, дили халқ ба Маҳкам сӯхт; ва се ғаввос ёфтанду фиристониданд, ва дили шаб ҷасадро бароварданд ва кафан пӯшониданд, ҷаноза хонданд, ба хок супориданд.

Ва рӯзи дигар бек он се нафарро дастгир кард ва бо ҳар яке як ҳазору панҷсад танга ҷарима андохт ва молу мулкашонро тарака кард…

3

Ва аморати Бухоро пеш аз инқилоб васали Русияи подшоҳӣ буд ва пас аз инқилоб ҳам дар ҳоли васалӣ монд, вале ба ном давлати мустақил шинохта мешуд. Ва Амир лоф мезад, ки Бухоро бо Русия собиқаи дӯстӣ ва ошнойии шасту сесола дорад ва ин дӯстии давлатҳо барқарор аст ва абадан бардавом хоҳад монд; ва давлати Рус бо давлати Бухоро муоҳида намуда, ки аскари бисёре нигоҳ надорад, чунки лозим шавад, мо ҳифз мекунем ва ҳама асбобро муҳайё медорем; ва шумо ҳеҷ эҳтиёҷ нахоҳед дошт, фориғ бошед, ба осудагӣ ҳукмронӣ бикунед ва ба ободии мамлакат машғул бишавед. Ва пас аз инқилоб ин муоҳидаро нав карданд, ва вазири мухтор Преображенский ба дорулфохираи Бухорои Шариф омад ва истиқлоли давлати Бухороро ба ихтиёри ман дод; ва баъди ҷанги Когон, ки мо ғолиб шудем, Илиава ва Бриуде ба Бухоро омаданд, ва узр хостанд аз ман барои Колесов, ки ваҳшиву нодон аст. Давлати рус зиёда аз ним аср аст, ки бо давлати Бухоро дӯстиву ошнойӣ дорад ва аз ин дӯстӣ ҳар ду тараф манфиатҳо дидаанд. «Ҳар қадар хизмати давлати шумо бошад, давлати ҷумҳурии моён ёрӣ мерасонад. Ҳамчунин ваъда доданд, ки барои ман панҷоҳ ҳазор камон ва панҷсад пулемёт ва панҷоҳ аэроплан ва панҷоҳ миллион пули тилло мефиристонанд. Алҳол аз нӯгаш ёздаҳ тӯп аз Тошканд фиристониданд, ки тир надорад…

Ва Амир рост мегуфт, – вакилони давлати шӯравӣ хоки

мулки Бухороро, ки сад сол пеш ба он тааллуқ дошт, ба тамомӣ ба ихтиёри ӯ вогузоштанд, ва ваъда доданд, ки аз ҷиҳати моливу пулӣ ва ҳарбиву амонӣ ёрии холисона мерасонанд…

Ва сафиронашу ҷосусон ба ситодҳойи ҳарбӣ ва роҳбарони ҳукумати шӯроӣ хабарҳои пинҳонӣ мефиристониданд, ки «Амири Бухоро дар зоҳир бо мо аҳди дӯстӣ мекунад, вале дар воқеъ ба корҳои дигар машғул аст, – вазир Мулло Қутбиддинро ба Кобул ва Ҳоҷӣ Сафарбийро назди комиссияи англис ба Машҳад фиристонид, бо мақсади аҳди ҳарбӣ бастан, ки муқобили мо биҷангад. Генерал Муҳаммадхони афғон ба Бухоро омад ва тӯҳфаҳойи бисёре овард, ва Амир ба ӯ гуфт:

– Хулосаи машварат ин аст, ки мову шумо, бо дастгирии якдигар, бо болшевикон биҷангем. Зеро ки фурсат ғанимат, ҳоло ҳозир давлати онҳо гирифтори заъф аст. Вақти муносиб ҳамин аст.

Генерал ҷавоб дод:

– Мову шумо бародарем. Афғонистону Бухоро бародаранд. Афғонистон ба муқобили Британия камар бастааст. Шумо аз ин тараф бо болшевикон ҳарбу зарб сар бикунед. Баъд аз он бо салоҳу машварату раводиди ҳамдигар кор бикунед, ҳам ба манфиати шумост ва ҳам ба манфиати мо. Ба манфиати олами ислом низ ҳаст.

Ва Афғонистон барои Бухоро дусад аскар ва як дастаи мусиқӣ ва ҳафт тӯп ва ҳафт фил фиристонид.

Ва кумитаҳои ҳизбӣ ва ситодҳойи ҳарбӣ дар Москову Тошканд пинҳону ошкор машваратҳо карданд ва харитаи аморати Бухороро рангҳои сабзу сурх кашиданд; ва дар асл талаби фатҳи чунин як луқмаи ширину равғанӣ чун хоки Бухоро ҳамеша дар мағзи сару пеши чашмашон чарх мезад, бо вуҷуди чунин ҳолат баҳс хеле тӯлонӣ буд, – сиёсатмадорон дар андешаи он буданд, ки ғосибӣ идеологияи сохти сотсиалистӣ нест, балки мухолифи он аст ва дар арсаи байналхалқӣ обрӯйи ҳукумати шӯравиро мерезад. Ва ҳарбиён исбот мекарданд, ки кишвари Туркистон сад сол боз қисми таркибии Русия аст ва ба таркиби ҳукумати

шӯравӣ дохил кардани он ғосибӣ нест, балки айни адолати ҷуғрофист, ва Бухоро ба Туркистон дохил мешавад; ва сарбории ин ҳақиқати таърихӣ аморати Бухоро ба ҷанги муқобили мо тайёрӣ мебинад, ки далелҳояшро дар даст доред. Ва баъд Бухорои имрӯз пуштибони гвардияи сафед шудааст ва афсарони зиёде дар он ҷо паноҳ ёфтанд ва бо қувваҳои аксулинқилобӣ ҳамкорӣ мекунанд, ва ҳатто ба вилояти Самарқанд лона мондаанд, ва мо ахбори аниқ дорем, ки урусҳое аз гвардияи сафед дар кӯҳистони Масчоҳ, дар деҳаи Оббурдон корхонаи тиру дорубарорӣ сохтаанд, ки тобеъи мост; ва муҳимаш халқ аз ҷабри амир ба ҷон расидааст ва ташнаи ислоҳоту рӯзи беҳтарест ва ҷадидон – коммунистони Бухоро кафолат медиҳанд, ки халқ ба инқилоб тайёр аст, ва мунтазири як ишора, ва дар ҷое шӯриш сар шавад, дар як зум ҳазорон-ҳазор муздур ба по мехезанд, ва он ҳама саллакалонҳойи хурдмағзро тӯъмаи ҷаҳаннам хоҳанд кард.

Ва ҳамагон розӣ шуданд, ки ин ҳама далелҳо ба муроди инқилоби ҷаҳонӣ нест; ва сарвату тиллову тангаи Бухоро-ро гирифтан орзуву ормони ҳамаашон буду ҳаст, валекин дар ҳолате ки мо ба Бухоро лашкар кашем, он гоҳ байни диктатураи пролетариати озодибахш ва капитализми мустамликахоҳ фарқе намемонад. Нозукии масъала дар ҳамин ҷост.

Ва Амири Бухоро низ сиёсати дурӯя дошт, – аз як тараф ба ҷанги муқобили болшевикон, бо ёрии Афғонистон ва Англия, тайёрӣ медид, ва аз тарафи дигар ба Москов вакил фиристониданӣ буд, ки аҳди дӯстиро наву мустаҳкам бикунад.

Ва аз шаҳри Бухоро корвони дӯстӣ ба роҳ баромад, бо қатори шутурҳо ва тӯҳфаҳо, – пӯсти барраи қароқӯлӣ ва як даста пӯсти бабр, ки тир нарасидааст, ва ҷомаҳойи зарҳалкорӣ, ва ду аспи зину лаҷомаш нуқракӯб ва майизи соягӣ, ва ба сарварии генерал Маҳдихон.

Ва аз Москов ба Тошканд фармоиши сирф махфӣ расид: «Амирро сарнагун кунед. Ба ҷояш ҷавонбухороиёни ба мо содиқро бинишонед».

Ва ин супориш дар Тошканд, дар ситоди фронти Туркистон ва дар маркази ҷадидоне, ки ба тарафи болшевикон гузашта буданд, мавриди гуфтушунид қарор гирифт, ва хулоса баровարданд, ки дар Бухоро ситамдидагон инқилоб карданд ва онҳоро дастгирӣ кардан қарзи инқилобии мост; ва дар ин машварат раиси ҷадидон-коммунистон Аҳмади Мирсаид ба бомба партофтан ба шаҳр сахт муқобил баромад:

– Инқилоб даркор. Инқилоб мешавад. Ягона роҳ ҳамин. Вале шаҳри Бухороро бомбаборон кардан ба ҳеҷ ваҷҳ мумкин нест. Зарурат ҳам надорад. Бухоро сарвати таърих аст. Ҳар кӯча, ҳар як бино ва ҳар як хишташ арзиши бебаҳои таърихӣ ва фарҳангӣ дорад. Ман қатъан муқобили аз аэроплан ба шаҳр бомба партофтан ҳастам.

Ва котибаш Файзуллои Хоҷа луқма партофт:

– Он ёдгориҳо ҳамааш боқимондаҳойи замони феодализм аст. Мо сотсиализм месозем. Дар замони коммунизм ҳамаи он арзиш надорад. Ҳар як чизи куҳна дар роҳи нав санги сари роҳ аст. Халал мерасонад.

Ва аксарият гапи аққалиятро баргардонида ба даҳонаш заданд, ки алҳол ҷои ваҷҳ пеш овардану ваҷҳ ҷустан нест. Алҳол сухан аз сарнагун кардани аморат меравад, то ки халқи мазлум аз зулми номаҳдуди даврони феодалӣ халос шавад.

Ва Аҳмади Мирсаидро ҳамон замон аз мансаб ронданд, ки манфиати халқи заҳматкашро сарфи назар мекунад, ва ҳамон лаҳза раиси нав интихоб карданд ва раиси нав, собиқ ноиб Файзуллои Хоҷа, ба зарур ва ҳатмӣ будани ҳуҷуми бетаъхири армияи сурх ба аморати Бухоро далелҳойи шайъӣ овард, – мардуми Бухоро аз ҷабр ва зулми амир ба дод омадаанд. Шабу рӯз ғам мехӯранд, ки ин рӯзгори бад кай ба охир мерасад? Як садои адолат ва озодӣ баланд шавад ва ба гӯшашон расад, яксара ба по мехезанд. Фақат дар шаҳри Бухоро мо бист ҳазор тарафдори мусаллаҳ дорем, ки мунтазири ишора ҳастанд…

Ва қарор доданд, ки ҳамин рӯзҳо дар атрофи Бухоро инқилобхоҳон шӯриш мебардоранд, ва аскари сурх бояд

тайёр бошад, ки дар ҳар лаҳза ба ёрии онҳо бирасад, қарзи инқилобии худро иҷро бикунад, зеро ки озодии мардуми Бухоро дари озодиро ба рӯйи мазлумони Шарқ мекушояд.

Ва барои ин маъниро ба гӯши бухороиён расондан дар Самарқанд бо сардории Азизмурод, як гурӯҳи шиорнавис таъсис доданд, ва бо қаламу коғазу чопхонаву дастур таъмин карданд, ва онҳо шурӯъ карданд ба варақанависӣ ва он варақаҳоро пинҳонкорон даст ба даст мебурданду даст ба даст медоданд дар шаҳру деҳот, ки «бархезед, вақти озодии мо расид!»

Ва корвони вакилон бо тӯҳфаву пешкаш ҳанӯз ба Оренбург нарасида буд, ки чанд фиристодаи ситоди ҳарбии Туркистон, дар либоси фақирон, дар Шакарбозор як ҷанги авбошона барпо карданд, ва ба Тошканд аз номи ситамдидаҳо телеграмма доданд, ки шӯриш хест ва ин шӯришро тарафдорони амир хезондаанд, ки мо бечорагонро саркӯб бикунанд ва охирин луқмаи нонро аз даҳонамон бигиранд; ва лашкари сурх шитобон рафт ба ҳимояи ситамкашон, ва сар шуд оғози инқилоб дар аморати Бухоро, ва гӯё бо хоҳиши коргару деҳқон ва дар асл бо нияти забткории ғосибон. Ва як даста силоҳбадасти таҳҷоиро, ки калтакдорони сурх ном дода буданд, пеш гузарониданд, ки «аввал шумо ҳамла бикунед!», – то вонамуд шавад, ки халқ худаш силоҳ гирифтаасту ба по хестааст ва инқилоб мекунад, – «мо аз дунболи шумо меравем. Дилпур бошед, мо шуморо танҳо намемонем».

Ва аскари сурх бо як ҳамлаи сабукак ба Шакарбозори назди Чорҷӯ даромад, ва шабошаб Чорҷӯро зери итоат даровард; ва калтакдорони сурх, ки вазифаи пешгардиву пешоҳангӣ доштанд, дар шаби торик роҳгум заданд, дар ҷанг иштирок накарданд, ва рӯзи дигар қариби чоштгоҳ ба шаҳри Чорҷӯ расиданд, ва диданд, ки дар пештоқи қалъа байрақи сурх шинонидаанд…

Ва соати дувоздаҳи шаб, бе эълони ҷанг ва аҳдшиканона, аскари болшевикон ба роҳи оҳани Когон ҳуҷум карданд, ва чиҳил нафар посбону роҳдоре, ки дар он ҷо буд,

куштанду асир гирифтанд; ва соати дуи шаб, бо тӯпу туфангу мошинҳои зиреҳпӯш, бо тирпарониву ғурроси азими мошинҳо, то ба девори Бухоро расиданд.

Ва девори Бухоро даҳ метр баландӣ ва панҷ метр ғафсӣ дошт, ва дувоздаҳ дарвоза, ки ҳамааш аз дарун баста буд; ва ёздаҳ аэроплан ҳафтоду нӯҳ соат бе танаффус дар осмони шаҳр парвоз кард, ва яксаду ҳафтод бомба ба дару деворҳо партофт, ки ҳар як бомба яксаду бисту се пуд вазн дошт; ва ба майдонҳойи васеъи шаҳр, ки бомба наафтидааст, се пуд коғаз, се пуд варақа, аз аэропланҳо парвозкунон фуромад, ки ба мардум хабари фаро расидани рӯзи беҳиро мерасонд, – Ситамдидагон! Вақти озодии шумо расид! Зинда бод, инқилоб!

Ва аз даруни шаҳр як нафар ситамкаше ҳам ёфт нашуд, ки силоҳ гираду овоз барораду барои нест кардани ситамгарон ба майдон барояду ба ҷанг дарояд, ва он бист ҳазор нафар инқилобиёни мусаллаҳ ва маҳтали ишора, ки ҷадидон лоф зада буданд, аслан вуҷуд дошт ё не, то ҳол касе аниқ намедонад.

Ва девори машҳури Бухоро аз бисту ҳафт ҷояш рахна шуд ва минбаъд касе парвои он накард, ва соҳибмулкон мисрону метин ба даст гирифтанд ва канданд яксара он ёдгории даврони феодалиро, ва кулӯху хокашро бурданду рехтанд ба заминҳои кишт, ба решаи дарахтон, ба ҷӯяи токзор, ки хоки бегона ва кулӯхи офтобхӯрда, заминро кунад девона!

Ва шаҳри Бухоро бист шабу рӯз дар коми оташ буд ва фақат дар Арк сад хонаи обод ба усӯхтаву лахчаву хокистар мубаддал гашт, ва дар маҳаллаҳо чор ҳазор бино таркиду сӯхту вайрона гашт…

Ва ғанимате, ки аз хазинаҳойи амиру сокинони шаҳр гирифтанду бурданд, то алҳол ҳисобу китоби аниқу дақиқ надорад, вале шоҳидон шумурданд, ки аз маркази як музофот, аз шаҳри Шаҳрисабз, яксаду панҷоҳ сандуқ тиллову нуқра бароварда ба фойтуну аробаҳо бор карда бурданд, ки ҳар як сандуқ якуним оршин дарозӣ дошт.

Ва лётчикони аэропланҳо дар паҳлуи дарвозаи Са-

марқанд дар ошхонаи пур аз дуди кабоб, се кати чӯбинро ҷафс монда, дастархони пурнеъмате ороста, арақро андаруни пева андохта менӯшиданд, ва латифаҳо мегуфтанд аз рӯзгори хону амирони Осиёи Миёна , ва мастона суруд мехонданд:

*Мо Бухороро бомбаборон кардем.*
*Мо аморати куҳнаро вайрон кардем.*
*Ситорамаҳхосаро ҳам бомбаборон кардем.*
*Ҳар ҷое, ки аз он бӯи амир меомад,*
*Мо бомбаборон кардем.*

Ва аморати Бухоро ҷумҳурӣ шуд, Ҷумҳурии Халқии Бухоро, ва лаҷоми корҳо ба дасти Бухчека[1] буд.

4

Пеш сарҳади давлатҳоро ҷанг муайян мекард. Акнун қарор муайян мекунад.

Ва Азизмуроди Рӯзимурод рафт ба Тошканд, то ки ба қарор даст бимонад. Вай ба ҳизби болшевикон хизмат мекард. Коммунист буд. Ва аз таҳти дил хизмат мекард, зеро даъво ва шиорҳойи болшевикҳо ба орзуву ормон ва хости дили ӯ як буд, монанд буд, ва ба дараҷае ҳамоҳанг буд, гӯё ки ин ҳизб аввал бо ӯ маслиҳат мекард ва фикрашро мепурсид ва баъд қарор мебаровард.

Ва дар Тошканд кори комиссия давом дошт, сардорони онро аз Москов фиристониданд ва аз халқҳойи Осиёи Миёна намояндаҳо – вакилон таъин кардаанд, ки дар қатори онҳо вакиле аз тоҷикон нест. Вазифаи комиссия ин буд, ки тақсимоти миллӣ бигзаронад. Ва ин кор, ба монанди ҳама корҳойи Ҳукумати шӯравӣ, кори нав буд, ки дар таърих собиқа надошт, ва бино ба сиёсати миллии Ленин сурат мегирифт, ки мақсадаш ба ҳар як халқ озодӣ додан, ватан додан ва соҳибдавлат кардан буд, то ки халқе ҷабр набинад, то ки

[1] Бухчека – Бухарская черезвычайная комиссия.– Комиссияи фавкулоддаи Бухоро.

аз беадолатиҳойи замонҳойи гузашта ному нишоне боқӣ намонад, то ки адолат оламгир бошад, то ки ситамкашони рӯйи дунё бубинанду ибрат бигиранд, ки дар рӯйи замин кулли фарзанди инсон озодона ва баробару бародарона зиндагӣ карда метавонад, ва инак, намунаашро бароятон нишон медиҳем.

Ва дар Самарқанд, пеш аз ба Тошканд рафтан, Азизмурод пеши роҳбарони вилоят, ба тариқи шикоят, арз кард:

– Бино ба хабарҳойи дастрас масъала гӯё ҳал шудааст. Хомнависи Қарорҳо низ тайёр будааст. Аз рафтану нарафтани ман чӣ фойда?

– Бояд ки равед, – гуфтанд ба ӯ.– Даъват ки кардаанд, ягон зарурат дорад. Баъд масъала ҳал нашудааст. Масъала акнун ҳал мешавад. Нав ранги тоза гирифт.

Ва масъала чунин буд, ки халқҳойи ӯзбаку туркману қароқирғиз, гӯё мардуми бумии Осиёи Миёна будаанд ва майдамиллатҳое ба мисли яҳуду тоҷикҳо ҳам ҷо-ҷо зиндагӣ мекардаанд, ва биноан ба номи ҳамон халқҳойи таҳҷойӣ ҷумҳуриҳо таъсис мешаванд, ва майдамиллатҳо дар дохили ҷумҳуриҳо меистанд, ва баъзеяшон номи вилояти мухтор мегиранд; ва ранги нав гирифтанаш гӯё ба тоҷикон додани ҷумҳурии мухтор дар таркиби Ӯзбакистон будааст.

Ва Азизмурод рӯзномаву маҷаллаву рисолаву китобҳоеро, ки аз ин бобат баҳс мекард, ғундошту даста басту гирифту ба роҳ баромад. Аслан ин мавзӯъ ҷойи баҳс ҳам надошт, – ва дар ҳафтоду ҳафт пушти таърих сабт ва маълуму машҳур аст, ки тоҷикон мардуми муқимии ин хоку об буданду ҳастанд, ва ҳеҷ вақт лозим наомадааст, ки ин масъала мавриди баҳсу талош қарор бигирад, ва зарурат ба дифоъ бошад; ва ин мардум зиндагӣ мекарданду дар ин марзу бум ба ҳамон тарзи табиӣ ва азаливу абадӣ, ки аҷдодонашон рӯз гузарониданд, ва асрҳову наслҳо аз гӯшаи хотирашон намегузашт, ки замоне меояд ва қувваҳое пайдо мешавад, ки вуҷуди онҳоро инкор мекунанд. Не, набуд чунин ҳодисаҳо, ва дар андешаи тоҷикон ҷой надошт чунин даъвоҳо, ва бепарво умр ба сар мебурданд дар мулке, ки Ху-

до ба онҳо додаст, ва барояшон фарқе надошт, ки амирашон аз кадом қавм ҳасту хокашон аз кадом қавм, ва ҳамсояашон кисту миллаташ чист.

Валекин мавриди баҳсу мунозираҳо шуд дар ҳамин замонҳойи охир, ва хоса, баъди ҷумҳурии халқӣ эълон кардани аморати Бухоро, ва ин баҳс дар мавриде пайдо шуд, ки дағдағаи Туркистони Бузург сохтан ба миён омад, ва аввал дар қасрҳо буд, ки пешвоён тарҳ мекашиданд, ва ҷуғрофияшро ба нақша мегирифтанд, ва усули тарғибу ташвиқашро муайян мекарданд, ва марказҳову мактабҳо мекушоданд; ва Инқилоби соли 1905 дар Русия деги нимҷӯши идеологияи онҳоро ҷӯшонд, ва ҷунбишу кӯшиш, ки вақти барпо кардани Туркистони Бузург расид аз Туркия то ба Бухорову Фарғонаву Қошғар доман паҳн намуд; ва дар солҳойи ҷанги якуми ҷаҳон он қадар қувват гирифт, ки дигар ба ин даъвойи бузургнажодӣ гӯё касе аз сиёсатмадорон шубҳа надошт; ва гоҳе, ки болшевикон аморати Бухороро ғасб карданд ва ҷумҳурии халқӣ ном доданд, забони туркиро забони давлатӣ эълон кардани ин ҷумҳурӣ, як воқеъаи таҳрифи бешармонаи таърих ва беадолатии гӯшношунид нисбат ба мардуми таҳҷоийи ин мулк ба ҳисоб нарафт, балки эҳёи адолати таърихӣ ва ба асли худ баргаштани қабилаҳои турк шуморида шуд.

Ва баҳс ба саҳифаи рӯзномаҳо баромад, ва шасту ду рӯзномаву маҷаллае, ки бо забони туркӣ нашр мешуд, акнун на фақат даъвойи забонӣ мекарданд, балки ҳукм мебаровcovarданд ва ҳукмашонро ҷомаи амал мепӯшонданд, ки дар Осиёи Миёна тоҷик ном халқе нест, ва онҳое, ки худро тоҷик мегӯянд, аслан туркҳое ҳастанд, ки забонашонро гум кардаанд. Ва танҳо як рӯзнома ба он шасту ду рӯзномаву маҷалла муқобил меистод, – ба забони тоҷикӣ чоп мешавад ва далел меоварад у исбот мекунад, ки дурӯғ мегӯед, халқе бо номи тоҷик ҳаст, шумо ҳақ надоред, ки онро нодида бигиред… Ва Азизмурод бо чунин андешаҳо ба Тошканд расид, ва бино ба ҳуҷҷатҳое, ки дар даст дошт, умеде дар дилаш буд, ки ҳамаи аъзоёни комиссия аз таърих у ҷуғрофия бехабар набудагистанд, медонистагиҳо

низ будагистанд ва муҳимаш, Ҳукумати шӯройӣ ҳукумати одил аст, ба беадолатӣ роҳ намедиҳад…

Ва дар Тошканд комиссияи миллӣ дар тараддуди қарор баровардан буданд, ва ҷузъиёташро аниқ мекарданд, ва таҳрири Московро илова менамуданд, ва иловаи ба тоҷикон дахлдораш ин буд, ки «Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва дар дохили он Ҷумҳурии мухтори Ӯзбакистон таъсис дода шавад», ва боис ҳамин будааст, ки қариб дар охири кор зеркомиссияе аз тоҷикон буданашро лозим донистаанд; ва аз шунидани ин хабар дили Азизмурод қувват гирифт ва дар муддати шонздаҳ рӯзе, ки ба ӯ мӯҳлат дода буданд, то ҷое ки метавонист, ҳуҷҷат ёфту санад оварду дархост навишту пешниҳод кард ба комиссия.

Ва рӯзи маҷлиси якҷояи комиссияҳо, аз маърӯзаҳо ва хомнависи қарорҳо, маълум шуд, ки «азон ба гӯши шутур гуфта будааст», – бурҳону гузоришҳои ӯро заррае ба инобат нагирифтаанд ва пешниҳодҳояшро ҳатто ёдовар нашуданд; ва ӯ ба раиси комиссия савол дод:

– Рафиқ Раис, чаро таҳрири Московро ба маҷлис набаровардед? Баъд чаро ҳуҷҷат ва пешниҳодҳои зеркомиссияи тоҷикон мавриди гуфтугӯ ва баҳс нашуд?

Ва раис ҷавоб дод:

– Шумо, рафиқ Рӯзимуродов, ё хобатон бурдаст, ё ки худатон дар ин ҷову хаёлатон дар ҷойи дигар. Дар маърӯза, гузоришҳо ва қарорҳо, ба саволҳоятон ҷавобҳои муфассал буд. Бо диққат гӯш накардаед. Масалан, ба тоҷикон вилояти мухтор не, чунонки дар аввал пешбинӣ буд, балки ҷумҳурии мухтор доданд, ки бино бар таҳрири Москов аст. Даъвоҳойи ватандорӣ, ки дар пешниҳоди зеркомиссия омадааст, таърихан беасос будааст, ва дар музокираҳо аъзоёни комиссия бо далелҳойи қотеъ исбот карданд, ки дигар ҷойи баҳс надорад. Осон ва бе ҳеҷ шакку шубҳааш, Қӯқанд давлати мингҳо, Бухоро давлати манғитиён, Кӯлоб давлати қатағаниҳо ва яклухт бигирем, ин сарзамин кишвари Туркистон ном дорад, пас шумо аз кадом давлати тоҷикон ҳимоя кардан мехоҳед?! Тоҷикон

акнун давлатдор мешаванд. Бо шарофати сиёсати одилона ва озодибахши марксизм ва ленинизм соҳибдавлат мешаванд. Бо чашми бино ва бо гӯши шунаво нигаристану шунидан даркор.

Ва ҳозирони маҷлис хомӯш истоданд, ва дар қатори якум ду нафаре, ки паҳлу ба паҳлу нишастаанд, кӯтоҳ гӯшакӣ карданд ва бесадо хандиданд.

Ва Қарорҳоро хонданд, ба овози тасдиқу бетарафиву рад вогузор карданд, ва ҳозирони толор ба ҳар як қарор фаъолонаву якдилона дасти рост боло бардоштанд, – ба тасдиқаш овоз доданд ва Азизмуродов низ овоз дод, қатори ҳама, ва қатори ҳама, – хар аз хар ақиб монад, гӯшашро мебуранд, – бо навбат ба зери ҳамаи қарорҳо даст монд; ва давлатҳойи нав – ҷумҳуриҳойи шӯройии сотсиалистӣ дар харитаи ҷаҳон пайдо шуд, ва Тоҷикистон дар тобеъи Ӯзбакистон монд.

Ва хеле дертар шаб дар меҳмонхона, ҳуши Азизмурод ба сараш зад, – ростро дурӯғ баровcovered, ба дурӯғ ҷомаи ростӣ пӯшонданд, ва ман ҳам шарики ҳамин беинсофӣ! Ва аламаш омад, сахт алам кард…

Ва хобаш парид, – аз таърих бохабару бехабар баробар аз ҳақиқат чашм пӯшиданд, ва адолати ҳукумати шӯравӣ низ зери шубҳа монд, ва чунин ҳам мешудааст, ки ҳастро нест ва нестро ҳаст, гӯён қарор барориву ҳукми қонунӣ бидиҳӣ! Ва модом ки чунин шуд, пас сабабе дорад, чунки корҳойи ҷаҳон бесабаб нестанд, ҳар коре сабабе дорад. Вуҷуди наве, – кӯдаке, баррае, хӯтуке, – ба дунёи равшан ояд, сабабаш ин аст, ки нару модае ҷуфт шудаанд, ва гӯсфандонро гург хӯрад, сабабаш ин аст, ки рама бесоҳиб мондаст, ё ки чӯпон ғафлат кардааст… Ва хоки моро гирифтанд, ва худи моро писанд намекунанд, сабаб?! Ҷуфт шуда наметавонем? Бесоҳиб мондаем? Ғафлат кардаем?

Ва Азизмурод, аз ҳамон шаб то охири умраш, гирди ин мавзӯъ фикр мекардагӣ шуд, ва ӯ аввалин касе буд, ки ба таърихи тоҷикон аз паҳлуи дигар аз паҳлӯи хислати мардум нигарист.

Ва нигаристу бидид, ки на ҳамешаву пайваста ҷуфт

шуда тавонистем; ва на ҳамеша барои асолати миллат ва давлат бедорона ҷаҳд кардаем; ва на ҳамеша соҳибдор будаем... Ва сари соҳибонамонро бурида ба Бағдод фиристодаем, то ки халифа шод шавад ва аз мо розӣ бошад, ва ба мо мансаб бидиҳад, ҳокимият бидиҳад, ва мо боҷу хироҷро ғундорему ба хазинаи ӯ биспорем, ва қасрнишину фармонраво бошем; ва китобҳоямонро сӯхтанду хатамонро барҳам заданд ва худамонро габр ном доданд; ва мо дар мактабҳо китоби бегонаро хондем, ва хати бегонаро қабул кардем, ва худамон шеъру достонҳо навиштем, ки гузаштагони мо габр буданд. Ва шикасти ирода аз ҳамон вақт сар шудааст, ва хислат ба тағйир рӯ овардааст, вагарна собиқан хислати дигаре доштаем, – ҳифзи Ватанро волотар аз ҳифзи Бадан медонистаем, – ва баъдтар, баъди тохтутоз ва асорату ғорати муғул, ин ғайрату ҳиммат чаппа шудааст, – ҳифзи Баданро аз ҳифзи Ватан беҳтар донистаем; ва ҳатто шиори ба шариъат ороста ба гардани мардум бор кардаем, ки «Худо аспу шамшерро ба турк ва қаламу қоғазро ба тоҷик додаст», ва модом ки Худо додаст, банда чорае надорад, бояд ки тан ба тақдир бидиҳад, ва бечунучаро итоат бикунад.

Ва Қаро Ботур соле як бор, ду бор, дар мавсими ҳосилғундорӣ, ба асп савору шамшер бадаст, ҳуҷум меовард ба киштзорҳо ва шаҳри обод ва талаву тороҷ мекард ҳар чизе, ки ёбад, ва мебурд ба саҳро, ба хаймааш, ва хӯрдаву нӯшидаву пӯшида мегашт. Ва Аҳмад паҳлавон, ки ғорат шудааст, дар хонаи холӣ, дар равшании чароғи милмилак сари хонтахта нишаста, ҳасрати пулу молашро мехӯрд ва қаламу қоғаз мегирифт ва менавишт, ки «хости Худо чунин будааст, – худаш доду худаш гирифт».

Ва Қаро Ботур аз сол ба сол далертар мешуд ва дилпуртар мешуд, ки зӯру ғолиб ҳаст, ва ба зӯру ғолиб ҳама кор равост; ва раво донист, ки пас аз ғорат нагурезад, – ҷоеро, ки ғорат кард, дар ҳамон ҷо биистад; ва чарогоҳи Аҳмад Полвонро зада гирифту мулки худ кард – чодар зад. Ва Аҳмад Полвон бе чарогоҳ монд, ва бе рамаву бе гала шуд, ва тақдирам ҳамин будаст, гуфту ба шаҳр кӯчид, ки «як

ҳунарамро Худо гирифта бошад, даҳ ҳунари дигар дорам»…

Ва бо мурури замон Қаро Ботурони бисёре дар шарқу шимолу ғарбу ҷануби Хуросони Бузург ғун омаданд, ва шаҳрҳоро ғасб карданд, вилоятҳоро ғасб карданд, ва ҳар якеаш худро миру амиру хон эълон кард ва сарлашкар шуд. Ва Аҳмад Полвонҳо низ афзуданд, – «барои мо чӣ фарқ дорад, ки амиру хон аз кадом қавму қабила аст. Вай кори худашро мекунад, мо кори худамонро».

Ва минбаъд Қаро Ботур кори худашро кард, – вилоятеро, ки ба дасти тасарруф овард, нахуст талаву тороҷ кард, ва ободиҳоро ба вайронӣ расонд, ва сарҳади давлатӣ сохт, ва арбоби деҳаву шаҳру ноҳияҳову қалъаву қасрҳоро нав кард ва дар ҳамаи мансабҳо аз қавми худаш одам монд, ва забони худашро забони коргузории маъмуриву ҳарбӣ донист, ва ин қавми ғолиб ба сари қавмҳойи мағлуб ҳукм меронд…

Ва Аҳмад Полвон низ ба корҳойи худаш машғул шуд, – замин меронду кишт мекард, ҷӯ меканду об мебаровард, ва ниҳол мешинонду боғу бӯстон пайдо мешуд, ва лой мехобонду хишт мерехту коху қаср месохт, ва путк ба сангдон мезаду оҳан нарм мекарду шамшеру наъли асп мебаровард, ва дар мактабу мадраса ва аз минбари масҷиду айвони мазору хонақоҳҳо, аз гӯру қиёмат ва одоби нишасту хез ва савоби рӯзаву намоз, дарс медоду ваъз мегуфту насиҳат мекард…

Ва Хуросони Бузург пораву пароканда гардид, ва мардуми таҳҷойӣ тақсиму парешон шуд, ва дар ин хоку бум, дар дарозои асрҳо, Қаро Ботурҳо чандин давлати калону хурд сохтанд, ва Аҳмад Полвонҳо, агар зид буданд, шикаст хӯрданду фирор карданд, ва агар бетарафу бепарвойу муросокор буданд, ба хизмат рафтанд, ва ҳатто лашкариву вазиру қозикалону шайхулислом шуданд; ва хонҳо ҳавасу даъвойи Хоқонӣ доштанд, ва шарти Хоқонӣ чунин буд, ки аз авлоди Чингиз бошанд; ва Аҳмад Полвонҳо таърихи ҷаҳонгириву зафарҳойи Қаро Ботурҳоро муболиғаомез бинавиштанд, ва далелҳойи часпону ночаспон ёфта, шаҷараи

ину он амиру хонро бурда ба Чингиз часпонданд, ки ҳақ дорад Хоқон бишавад…

Ва амиру хонҳо дар талоши он ки Хоқон бишаванд, байни худ ҷангҳо мекарданд ва Осиёи Миёнаро ҳамонҳо ба ҳайҷойи доимӣ табдил дода буданд; ва Аҳмад Полвонҳо дар сафи лашкари онҳо даромаданд, ва ба масал дар тобеъи хонигарии Хоразм бошанд, муқобили Аҳмад Полвонҳое меҷангиданд, ки дар итоати хони Қӯқанд ҳастанд; ва бо ҳамин тартиб Аҳмад Полвони Бухоро душмани Аҳмад Полвони Балх, ва Аҳмад Полвони Ғазнин душмани Аҳмад Полвони Марв, ва Аҳмад Полвони Фарғона душмани Аҳмад Полвони Самарқанд, ва Аҳмадҳо аз ҳам ҷудо, ба якдигар душман, ва ғами миллат ва орзуи давлат дар сар не, ва дар ватани худ, бе ватан; ва баъзе мулкҳо яклухт забони модариро гум кардаанд; ва бесабаб нест, ки вақти ба рӯихат гирифтани аҳолӣ одамони ҳафтоду ду пушташон тоҷик, ба саволи «шумо тоҷик ё ӯзбак» фикр накарда, бе ҳеҷ истиҳола ҷавоб доданд, ки «мо аслан ӯзбак, лекин забонамон тоҷикӣ шудагӣ».

Ва Азизмурод ҳам то ба ҳол аз ин бобат фикру андеша намекард – ба фаҳми ӯ вуҷуди тоҷикон дар ин сарзамин, чун халқи таҳҷоиву муқимӣ, як амри таърихиву табиӣ буд, ва аз гумони касе намегузашт, ки имрӯз онро зери шубҳа мегузоранд, ва акнун баракс, – пайваста дар сар ва дилаш ёфтани сабаби ба чунин аҳвол гирифтор шудани тоҷикон аст; ва ҳар вақте хислати Аҳмад Полвонҳо ва Қаро Ботурҳо ва рафтору кирдори онҳо дар ину он мавриду ҳолатро ба муқоиса мегирад, ҳатман суханони бо иддаъои раиси комиссияи тақсимот дар гӯшаш ҷарангос мезанад, – «Осон ва бе ҳеҷ шакку шубҳааш, Қӯқанд давлати мингҳо, Бухоро давлати манғитиён, Кӯлоб давлати қатағанҳо, ва яклухт бигирем, хоки Осиёи Миёна кишвари Туркистон ном дорад, пас шумо аз кадом давлати тоҷикон ҳимоя кардан мехоҳед?!» Ва раёсати маҷлис ва гӯшакӣ кардану беовоз хандидани ду нафар аз қатори якум, баръалову зинда пеши назараш меояд, ва бо рагу пӯсташ ҳис мекунад, ки он ду нафар зотан Аҳмад Полвонҳо

ҳастанд, вале тарафи Қаро Ботурҳо гузаштанд, ва бо дархостҳойи ӯ ва ба мулзаму танҳо мондани ӯ механданд; ва он як нафаре, ки ҳамеша аз тарафи дасти рости Раис менишинад, ва муаллифи асосии маърӯзаҳо ва хомнависи қарорҳост, дар асл ва насл аз нажоди Аҳмад Полвонҳо буданд, лекин ба авлоди Қароботурҳо гаравиданд; ва ин нафароне, ки аз миллаташон рӯ гардонидаанд, ва ба ивази кадом як имтиёзҳо миллату ватанашонро фурӯхтаанд, дар талоши инкор кардани мавҷудияти халқи тоҷику забони тоҷикӣ, аз Қаро Ботурҳойи асил дида, сад бор фаъолтар ва бадтаранд. Ва ҳамин Аҳмад Полвонҳое, ки ҷомаи Қаро Ботурӣ пӯшидаанд, дар аввали бедорӣ ва таъсири инқилоби рус дар соли 1905 ва ҳаракатҳойи машрутахоҳӣ дар Эрону Туркия, ба майдону минбари сиёсат баромаданд ва ҳизбҳо таъсис доданд ва байни халқ мартабаву эътибору нуфузе доштанд, ва дар маҷлисҳо бо забони тоҷикӣ сухан мегуфтанд, ва бо забони тоҷикӣ қарору дастуру хитобаҳо менавиштанд ва шеъру достонҳо эҷод мекарданд, баъдҳо, дар арафаи ҷанги ҷаҳон дар соли 1914, якбора миллати худ ва забони худро сирф инкор карданд, – ватанро ҳафтсад сол пеш ба баҳои осоиши бадан фурӯхта буданд, алҳол ба васвасаи мансаби калон дар Туркистони Бузург гирифтор шудаанд ва рӯ ба Туркия овардаанд, ва шабу рӯз хоб мебинанд, ки халифат аз Бағдод ба Исломобод кӯчид, ва минбаъд Истамбул Исломбул хоҳад шуд. Не, ин хелаш намешавад! Хислати мардумро дигар кардан даркор!

Ва худ ин чӣ хислате ҳаст, ки Қаро Ботур ба касе, ки туркӣ ҳарф намезанад, мансаб намедиҳад, ва Аҳмад Полвон, аз тарси он ки бе мансаб мемонад, аз миллату аз забони модариаш рӯ мегардонад?! Ва Қаро Ботур хӯрҷинҳоро пур аз шаҳодатномаву шиноснома мекунад ва ба асп савор мешавад ва кӯча ба кӯча мегардад, ба хонаву дӯконҳо медарояд, ва ба одамон ҳуҷҷат медиҳад, ки «ту ӯзбак»; ва Аҳмад Полвон муқобил нест, ба муқовимат барнамехезад, балки баландтар аз Қаро Ботур ҷор меандозад, ки «дар шаҳрҳо тоҷик нест, ҳар касе, ки худро

тоҷик мегӯяд, харашро бор бикунад, кӯчаду равад ба кӯҳистонаш». Ва Қаро Ботур мегӯяд: «тоҷик бошӣ, эронӣ ҳастӣ, пас, ту шиъа», ва Аҳмад Полвон метарсад: «Худо нигоҳ дорад, навис, ман ӯзбак»... Не, бад хислат аст, чунин хислат. Хислатро дигар кардан даркор, ки мо ҳам ба манзил ва мурode бирасем!

Ва Азизмурод миёнашро аз ҳафт ҷо сахт бибаст, ки хислати мардумро дигар бикунад.

5

Ва душманони коммунизм дар дохили СССР торафт каму камтар мешуд, ва дар ивазаш душманони хориҷӣ рӯз ба рӯз меафзуду меафзуд; ва акнун ҳизби болшевикон аз инқилоби ҷаҳонӣ даъвойи камтаре дошт ва бештар ба мустаҳкам кардани ғалабаи сотсиализм дар дохили мамлакат машғул шуд, - – замину об моли шахсӣ нест, моли давлат аст, ки ба ҳамаи одамони мамлакат баробар дахл дорад ва фарзанди инсон, бе истисно, дар ҷомеъа як хел ҳуқуқ дорад, – дар озодӣ, дар хондан, дар интихоби касб, дар интихоб кардану интихоб шудан, ва давлат кафили ин ҳама корҳост.

Ва талаби сиёсату фаъолияти раёсат чунин аст, – як кас ҳақ надорад, ки худро боло гираду дигареро паст занад, ва ба як нафар мутлақо манъ аст, ки нафари дигареро истисмор кунад, ва марду зан баробарҳуқуқанд, ва хондану савод баровардан барои ҳамаи аҳолӣ ҳатмист, ва тарғиби осоре, ки гӯшанишиниву дунёбезориву хаёлпарастиву ноумедиро талқин мекунад, қатъан раво нест ва мансабдор ба халқ хизмат бикунад, на халқ ба мансабдор...

Ва дар СССР, дар шашяки рӯйи замин, Қаро Ботуре моли Аҳмад Полвонро ғорат бикунад, ӯро дошта ба ҳабс мегирифтанд; ва сардоре зердастеро таҳқир бикунад, маҷлис ороста, ӯро ба муҳокима кашида, «ҳайфи ту» мегуфтанд; ва вазире ба хешу табораш мансаб бидиҳад, зуд аз курсӣ бардошта ба замин мешинонданд; ва кӯдаке бесаробон монад, гирифта ба сағирхона мебурданд, мепӯшонданд, мехӯронданд, мехононданд, ва.. Ва ин ҳама

корҳойи хайрро коммунистон мекарданд; ва заҳматкашон аз чунин адолатҳо ба шавқу завқ омада, ариза навишта, ба сафи коммунистон медаромаданд, ки коммунистон поктарин инсонанд ва дар сафи онҳо будану хизмати халқу ватанро кардан шарафи бузургест.

Ва коммунистон Азизмурод ва Раҷаб, ки роҳбарони баландрутбаи Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон таъин шудаанд, дар деҳаи Душанбе барои исботи «аз даруни феодализм бо як ҷаҳиш ба сотсиализм гузаштан» машғул шуданд, ва ин деҳаро пойтахт эълон карданд, ва шиор партофтанд, ки «дар сари санг давлат бунёд мекунем», ва як сари таноб ба дасти Раҷаб ва сари дигараш ба дасти Азизмурод, мӯза то соқ хоколуд, кулоҳи комиссарӣ дар сар, бадану рӯ арақшор, тарҳи шаҳр кашиданд.

– Ду аспароба бемалол гузарад. Кӯчаи калони шаҳр мешавад.

– Баъд сангфарш мекунем. Майдони пеши хонаи ҳукуматро васеъ гирифтан даркор. Масалан, Регистони Самарқанд барин.

– Хонаи ҳукумат, алҳол, дар ҳамон бинои хаспӯш меистад. Аввал табобатхона месозем. Як мактаби барҳавойи ҳозиразамон обу ҳаво барин зарур.

– Маҷлиси муассисонро дар куҷо мегузаронем? Дар клуби деҳқон?

– Кулуби деҳқон тангӣ мекунад. Дар лаби ҳавзи Чинорҳо гузаронем беҳтар. Аз ҳамаи районҳо одам мебиёяд. Дар кулуб намеғунҷад.

Ва ба ороиши лаби ҳавзи Чинорҳо супориш доданд, – аз лаби ҳавз то кулбаи наългар, ва аз он ҷо то тути якка, ва аз дарахти тут то саройи аробакашҳо, ва аз он ҷо то пушти чойхона, ки ба ҳавз мепайвандад, гирдогирд, ба баландии як метру ҳаштод сантиметр, алвон кашанд, ва дар минбар сурати Ленин, қадаш се метр, бараш якуним метр, шинонанд, ва дар ҳошияи минбару ҷо-ҷойи рӯбарӯ ва паҳлуҳо, ба ду забон, забони тоҷикӣ ва ӯзбакӣ, шиорҳо нависанд, ва дар чор гӯша баландгӯяк устувор бикунанд.

Ва маҷлиси муассисон ниҳоят бошукӯҳу ботантана гу-

зашт, – ваъзгӯён аз бунёди давлати мустақили Тоҷикистон, бо шарофати Инқилоби Кабири Октябр, сухан гуфтанд; ва меҳмонон аз ҷумҳуриҳойи бародар, ва намояндаҳойи районҳо, ва вакилоне аз косибону батракону чорводорону коргарону аскарон, аз ғалабаи беназири сотсиализм ва шукронаи озодӣ, сухан гуфтанд; ва духтарчаи мактабхон, аз номи насли наврас, матни тайёреро хонд; ва қисме аз сухангӯён ва қисми ғолиби анбӯҳи шунавандаҳо, ба маънои «озодии виждон» ва «баробарҳуқуқии инсон», ва «сиёсати миллии ленинизм», ва «капитализмро надида, якбора ба сотсиализм гузашта, сарфаҳм намерафтанд, вале дилпурона сухан мегуфтанд ва бо шавқ гӯш мекарданд, ва аз таҳти дил «Зинда бод! Поянда бод!» гӯён каф мекӯфтанд.

Ва аробакашону машкобон ва ошпазону нонпазону ҳалвопазон, ва нишавлову роҳатиҷонфурӯшони шаҳраки Душанбе ҳамон рӯз он қадар пул кор карданд, ки дар бинои умрашон ин қадар пул кор накарда буданд; ва ҳофизону раққосон он қадар таҳсину офарин шуниданд, ки дар бинои умрашон нашунида буданд; ва деҳқоне аз Дарвоз ба шариконаш гуфт, ки «ин ҳама албонро агар ба ихтиёри ман медоданд, барои чорсад зану духтар куртаву лозимӣ медӯзондам».

Ва Тоҷикистон, ба ибораи роҳбарон ва рӯзноманигорон, рӯз ба рӯз тараққӣ мекарду гул-гул мешукуфт, – замин ду баробару се баробар зиёд ҳосил медод, ва муфтхӯрӣ решакан мешуд, ва халқ бояд саросар якто намонда, савод мебаровард, чунки бесаводӣ торикисту торикӣ дастнигарист, ва дастнигарӣ бунёди ҳама гуна истисморҳост; ва амиру қозӣ, бист сол пеш аз ин, ба кушодани мактабҳо сахт муқобил буданд ва равшанфикронро таъқиб мекарданд, ба обхона мепартофтанд, ҳафтоду панҷ чӯб мезаданд, ки бачаҳоро дониш омӯзонда, аз роҳ бероҳа накунанд; ва акнун ҳукумат худаш мактаб месозад, худаш ба муаллимон моҳона таъин кардааст, худаш қарор баровардааст, ки хондан ҳатмист, ва…

Ва ба ҳар коре бингарӣ, одилона, ва ба ҳар рафторе ни-

гоҳ бикунӣ, хирадмандона, ва ҳаваси кас меояд аз чунин давлату чунин сиёсату чунин рисолату чунин раёсат, ки кумитаи марказии ҳизби коммунистии болшевикон ном дорад,. Ва Азизмуроду Раҷаб мафтуни ҳамин адолату ҳамин хираду ҳамин сиёсату фаросат буданд, – ба рағми душманон, ки вуҷуди миллати моро мункир буданд, мавҷудияти моро эътирофу дастгирӣ кард? Кард! Вилояти мухторро, аввал ҷумҳурии мухтор кард? Кард! Баъд ба Ҷумҳурии мустақил табдил дод? Дод!.. Боқимондаи беадолатиҳоро ислоҳ мекунад.

Ва беадолатӣ дар тақсими марзу бум ва асолати миллӣ ва забони модарӣ бисёр буд, – вилоятҳо аз Тоҷикистон берун монданд, ва Қаро Ботур, бо шарикии фаъоли Аҳмад Полвон, ки аз худ Қаро Ботур тарошидааст, таърихдонони номдорро аз академияи Русия хариданд, ва ба Тошканд оварда хонаву ҷо ва имтиёзҳо доданд ва кор фармуданд; ва онҳо, ки то ба имрӯз тадқиқоти холисона мекарданд, якбора ба таҳриф гузаштанд, ва китобҳои ғафс навишта, «исбот» карданд, ки «Осиёи Миёна аз аввалу азал мулки туркҳост». Ва зӯран ӯзбак навиштани тоҷикон дар паспорту шаҳодатномаи таваллуду ақди никоҳ, сиёсати маъмулии ҳукумати давр шуд, ва тарғибот ба мағзҳо таъсире дошт, – касе ба тоҷикӣ гап занад, ӯро «ҷуҳуд» мегуфтанд; ва маъмурони ҳукумати Ӯзбакистон, ки заминҳойи ҳамвору киштбобу ҳосилхез, ва шаҳрҳо ва роҳи оҳан ва фабрику заводҳо, ва синфи коргар, ва аҳли саводу ҳунар, дар тасарруфи онҳо монда буд, ба Тоҷикистон бо чашми кам менигаристанд ва ҳақир медонистанд, ва пайваста бартарии худро намоиш медоданд, ва мехостанд, ки Тоҷикистон дар кору бораш ҳамеша ба даҳани Ӯзбакистон бинигарад, ба мисли як эҳтиёҷманд ба эҳтиёҷбарор.

Ва «Овози тоҷик» овози эътироз мебаровард, ва «Бедории тоҷик» ба бедорӣ даъват мекард, ва хеле кам касон ин овозу ин даъватро мешуниданд, – ғолиби мардум бепарво буданд, ва муштарӣ намешуданд, рӯзнома намехонданд, ва ба майдон намебаромаданд. Ва он гурӯҳи андак, ки рӯзнома мехонанду майдондорӣ мекарданд, – аз Бухорову Са-

марқанд, аз Шаҳрисабзу Бойсун, аз Намангону Фарғона, – ба рӯзномаҳо, ба идораҳойи боло, – ба Душанбе, ба Тошканд, ба Москов, арзу шикоят менавиштанд, ки «мактабамон тоҷикӣ, китобамон туркӣ, маҳаллаамон тоҷик, шӯроямон турк; худамон тоҷик, ҳуҷҷатамон ӯзбак». Ва Азизмуроду Раҷаб ҳамаи ин санаду далелҳоро ғун овარданд ва даста бастанд, ва фиристонидан ба Москов, ба маркази адлу адолат. Ва аз Москов комиссия омад барои дидани ҳақиқати ҳол; ва Тошканд ба вилоятҳо мубаллиғон фиристонид ва он мубаллиғон дар ду шаб гузар ба гузар гаштанд; ва рӯзи вохӯриву сӯҳбат бо аъзоёни комиссия, даъвогарон ба майдон баромада натавонистанд, – ба онҳо роҳ надоданд, ва онҳое, ки аъзоёни комиссияро пешвоз гирифтанд, дар даст нону намак ва шиорҳо доштанд, ки «мо ӯзбакем».

Ва Раҷаб ба идораи Азизмурод даромад ва шапотӣ ба пешонаи худаш зад, ва рӯбарӯи ӯ нишаст:

– Забонкӯтоҳ шудем! Моро забонкӯтоҳ карданд ин мардум!

Азизмурод пушти сар хорид:

– Умеди дигаре доштам. Умед доштам, ки мардуми ин вилоятҳо ҳам, ба монанди мардуми Конибодом, аҳлона шиор бардошта ба майдон мебароянд, ки «Бизлар тоҷик!» Он вақт як қатор мушкиламон осон мешуд. Акнун мушкилтар шуд. Хеле мушкилтар.

– Аз куҷо пайдо шудааст чунин рафторҳову чунин кирдорҳо? Наход, мумкин бошад, ки Одам ба ин сабукиву ба ин осонӣ аз миллаташ мункир шавад?!

– Дидем, ки мумкин будааст.

Ва Азизмурод аз ғалладони миз дафтареро баровард, варақгардон кард ва аз саҳифае хонд:

– Мо чунин дидем, ки пешиниёни мо дар дину ойини худ, нисбат ба мо, қавитар , дар зиндагӣ ва душвориҳойи он варзидатар ва дар илму амал ва фазлу карам бузургтар, дар кору ҳунарҳойи худ чиратар будаанд. Онҳо будаанд, ки моро бо донишҳойи гузаштагон шарик сохтанд ва бо таҷриба ва донишҳойи худ ғанӣ гардониданд. Онҳо дар тамоми бахшҳойи илму амал аҳамият ва иноят бештаре доштанд. Ин

эҳтимомии онҳо ва ғамхорӣ нисбат ба наслҳойи оянда, бадон ҷо расид, ки агар ба рӯйи марде аз онҳо дар илме калимаи савобе кушуда мегардид, ва ӯ дар ҷойи ғайри маскун мезист, онро ба рӯйи санге менавишт, то бар асари марги ногаҳонӣ онро бо худ набарад ва пасояндагон аз он бебаҳра ва бенасиб намонанд.

– Кадом дардошно гуфтааст ин суханҳоро?

– Беҳрӯз, машҳур ба Ибни Муқаффаъ гуфтааст. Як ҳазору сесад сол пеш гуфтааст.

– Пас, тағйири хислат аз ҳамон замон сар шуда будааст?

– Ҳамин хел хулоса бармеояд.

– Боз як ҳазору сесад сол даркор аст, ки хислати мардумро дигар бикунем?

– …

## 6

Ва масъалаи тоза кардани сафҳойи ҳизби коммунистӣ ба миён омад.

Бино ба устав ва программаи ҳизб, коммунист касе буд, ки даҳони ҳалол, тани ҳалол, кори ҳалол дошт, ва луқмаи ҳароме намехӯрд, ва имтиёз аз дигаронро ба худ раво намедонист, ва шахсе агар ҳамин расму русумро риоя накунад, аз саф берун мепартофтанд, ки манфиати шахсии худро аз манфиати халқу ҷомеъа боло гузоштааст; ва покиза нигоҳ доштани сафи ҳизб сиёсати рӯзмарраи кумитаи марказии ҳизб ба ҳисоб мерафт, вале ба таври маъракае не, ки саросари хоки СССР-ро фаро бигирад. Ва ин дафъа чунин сиёсат муборизаи шадид бо душманони халқ ном гирифт.

Ва дар Москов фармондеҳи фронт, маршалро ҳабс карданд, ва думравони ӯро ҷустанду ёфтанд аз округҳойи ҳарбӣ, аз дивизияҳо, аз полкҳо, аз баталионҳо; ва онҳоро суд карданд ва қарорҳойи суд дар рӯзномаҳо чоп шуд, ки ҷинояткорони ҳарбӣ будаанд, ва ҷосуси империалистҳои хориҷӣ, ва бо онҳо забон ёфта, муттаҳид шуда, ҳокимияти шӯравиро барҳам додан мехостанд.

Ва ин тӯфони ба ҳабс гирифтан ва судҳойи пуровоза барпо намудан, ва шарҳу эзоҳашро дар рӯзномаву маҷаллаҳо навиштан, идораҳойи кумитаи марказии ҳизб, кумитаи бехатарии давлат, шӯройи комиссарони халқ, академияи илмҳо, редаксияи рӯзномаҳо ва нашриётҳоро фаро гирифт, ва сардорони ҷосусҳо, тарафдорони буржуйҳо, оппортунистон, калавандаҳо, ва думравони онҳоро фош карданд, ва ҳукми парон баровартанд, ва ё якумра ба зиндонҳо фиристониданд.

Ва тӯфони бало то ба Тошканд расид, ва аз он ҷо гузашта ба Душанбе омад; ва соати сейи шаб шаш ҷавонмарди мусаллаҳ ногаҳон ба ҳавлии похсадевори Азизмурод даромаданд, ва дар ҷои хобаш ба дасти ӯ кишанг заданд:

– Шумо ҳабс шудед!

– Бо кадом сабаб?

– Душмани халқ ҳастед.

– Ман душман бошам, ин халқ аслан дӯст надорад.

Ва Раҷаб бовар дошт, ки чунин худсарӣ ва бедодӣ кори душманони ҳукумати шӯравист, ва дар Боло асли воқеъаро намедонанд; ва фавран роҳи Московро пеш гирифт, ки ба Боло хабар бидиҳад ва пеши роҳи бадкирдориҳойи ин дастаҳойи силоҳшӯрро бигирад; ва дар Москов худи ӯро бигрифтанду партофтанд ба таҳхона паси панҷараҳойи оҳанин; ва сафи ҳизбро ончунон тоза карданд, ки дар райони Файзобод як нафар коммунист монд.

Ва расми одамизод чунин будааст, ки хирадманде ғояеро пеш мебарорад бо нияти беҳтару хубтар кардани рӯзгори Инсон, ва он ғоя ба орзуву ормони аксари мардум мувофиқ меояд ва аз паси татбиқаш мешаванд, ва ҳангоми ба амал овардан дар тафсири он ғоя аз асли ният дур меравандy дур мераванд, ва ба ифрот мерасонанд, ва як мақсади неки нек ба як маъракаи бади бад мубаддал мегардад, ва даво бало мешавад.

Ва аҳолии мамлакат аз ин гирудорҳойи сиёсиву қудратӣ аввал ба ҳарос афтоданд, – имрӯз вайро гирифту бурд, фардо маро мегираду мебарад!; ва бо мулоҳизае, ки ӯро нагираду набарад, Маҳмуд, ки боре аз Вадуд мушту

лагад хӯрда буд, ба Вадуд тӯҳмат навишта ба рӯзнома фиристонд, то ки аз ӯ қасос бигирад, ва ҳам худро нағз нишон диҳад; ва Худодод ба шербачаҳойи бехатарӣ хабар дод, ки Худойбердӣ ашрофзода ҳасту дар ҳар маврид коре мекунад, ки ба заҳматкашон зарар мерасонад, то бигиранду бибаранд ва ӯ ҷойи вайро бигирад ва раиси шӯройи район бишавад; ва Раҳим аз болойи Раҳмон навишт, ки дар асарҳояш шоҳону амиронро таъриф мекунад, ба умеде, ки душмани халқаш бикунанд, ва ӯ аз таънаи «ту бесавод!» халос шавад, ва…

Ва дар авҷи душманҷӯиҳо як қатор берӯёне пайдо шуданд, ки барои панҷ-даҳ сӯм пули муфт гирифтан, бо якдигар ба мусобиқа даромаданд, – канӣ, кӣ бештар душман меёбад ва кӣ зиёдтар пул!.. Ба ҳар сари душман понздаҳ сӯм медоданд.

Ва баъд аҳолӣ ором шуд, ки тӯфони бало гузашт, ва дигар ҷойи хавфеву тарсе нест, ва ҳатто як дараҷа рӯҳбаландиву хурсандӣ эҳсос кард, – хуб шуд, ки ҳукумат шохи ҳаромкоронро шикаст. Он ҳама нуқсонҳо ва бебарориҳо, ба мисли гуруснагӣ, ҷабран кашида гирифтани ғаллаву нақдина, нопурсида ҷазо додан, аз худ ҳокими навбаромад сохтани мансабдорон, бо айби ҳокимияти шӯравӣ набудааст, ин ҳама беадолатиҳо кори ҳамин роҳбароне будааст, ки ҳокимияти шӯравӣ ва ғояҳойи сотсиалистиро дар дохилу хориҷ беобрӯ ва бадном кардан мехостаанд.

Душмани халқи заҳматкаш будаанд. Хуб карданд, ки несташон карданд.

Ва дили заҳматкашон ба ҳокимияти шӯравӣ боз ҳам гармтар шуд, – дар боло нишастагиҳо, ба монанди замонаҳойи пеш дар ғами тану ишкам ва кайфу сафо ва кӯшку қасри худ нестанд, инҳо ғами халқро мехӯранд, ғами беваю бечораро мехӯранд, ҷойи кор медиҳанд, нону намак медиҳанд, гӯгирду карасин медиҳанд…

Ва бо хоҳиши худу муроди дил заҳмати ҳамагуна корро ба дӯш гирифтанд, ва аҳлона ба ҳашар баромаданду ҷӯй канданду об баровarданд, ва ҷару ҷӯву шаху сангро буриданду парч бардоштанду дар яксаду панҷ рӯзу шаб панҷсаду

шасту ҳафт километр роҳи мошингард кушоданд; ва пулҳоро устувор карданд, ва хок канданду лой ҷӯлонданду хишт хобонданду девор бардоштанду мактабу клуб сохтанд; ва то ба имрӯз «аз бекор Худо безор» мегуфтанд, акнун аниқ карданд, ки «ҳар касе кор накунад, нон намехӯрад», ва одами бекорагард ради маърака шуд; ва ҳукумат барои он ҳама корҳое, ки оғозаш душвору оқибаташ ободӣ аст, маблағҳо медод, асбобу анҷом медод, шароити мусоиди кор фароҳам меовард; ва коргаре, ки аз таҳти дил кор мекард, – хоҳ дар кишт, хоҳ дар чорводорӣ, хоҳ дар сохтмон, хоҳ дар фабрику зовуд, дар кадом соҳаву дар кадом ҷое, ки бошад, – он қадар мартабаи баланд ва обрӯву эътиборе насибаш мешуд, ки дар ягон давру замон на касе дидаасту на гӯше шунидааст.

Ва дар саҳро, дар байни ғарами хокҳо, дар ҳузури анбӯҳи мардони пиру ҷавон, ки занбарҳо чаппа ё бел уреб ва ё домани ҷомаро лӯнда монда рӯи хоктӯдаҳо нишастаанд, ё метин ба даст ёнбош кашидаанд, ва ё ба мисрон такия кардаанд, шоир болои хомаи хок баромад ва шеър хонд:

*Шод бимон, эй ҳунари ранҷбар,*
*Эй шарафи дудаи навъи башар!*
*Эй зи ту ободи ҷаҳони вуҷуд,*
*Ҳеҷ набуд ар ки вуҷудат набуд.*
*Давлати шоҳон асари ганҷи туст,*
*Роҳати аъён самари ранҷи туст.*
*Гар ту ду рӯзе надиҳӣ тан ба кор,*
*Яксара нобуд шавад рӯзгор.*
*Боиси ободии олам туйӣ,*
*Ранҷбаро, маънии Одам туйӣ!*

Ва Шоҳгадойи получ ба ҳамкораш Алишоҳи ҷандапӯш хитоб кард:

– Маънояшро фаҳмидӣ?

– Ҳа, фаҳмидам.

– Балоро нафаҳмидӣ!

Ва ӯ аз ҷо хест ва ҷелакашро таги якабанд ҳамвор кард ва саллаи хурдакаки куҳнаро ба сараш нимшоха монд, ва

бардам қадам бардошта назди шоир рафт, ва дар паҳлуи вай рост истод:

– Шоирон барои шоҳону амирон, дар васфи зафарҳову саховати онҳо шеър мегуфтанд. Имрӯз шоир дар васфи мову шумо, мардуми оддӣ ва либосаш даридаву дасташ пуробила, шеър гуфт. Ин кас шоири мову шумост. Шоҳу амир имрӯз мову шумо ҳастем. Ободии олам ба дасти мову шумо. Одам, ба маънойи пуррааш мову шумо будаем. Ура, рафиқон. Ура-а!

Анбӯҳ ба по хест, ура-а-а! гуфту каф кӯфт.

Онҳо дар канали калони Фарғона кор мекарданд, ки ба даштҳойи хушк об бароранд ва заминҳойи бекорро ба кор дароранд ва киштбоб бикунанд ва ватанашон обод бишавад, ва мардум минбаъд рӯйи бечорагиву нонгадойиву нодориву носериро набинанд; ва дар ҳафтоду панҷ рӯз ба дарозии яксаду бисту панҷ километр канал канданду об баровwarданд ва панҷ ҳазор гектар замини хушк обӣ шуд; ва анбӯҳҳои дигаре монанди онҳо, ки дар даврони амирӣ «ҳеҷ буданд», ва дар замони шӯравӣ «ҳар чӣ шуданд», барои оббиёрӣ дар водии Ҳисор ва дар водии Вахш каналҳо меканданд, дарғотҳойи оҳанину мустаҳкам месохтанд, ва ботлоқҳоро мехушкониданд, ва найзорҳоро мебуриданду месӯзониданд; ва фақат дар ҳудуди Ҳисор ҳафт ҳазор гектар замини ноободро обод карданд; ва майдони кишти пахта васеъ мешуду васеъ; ва СССР аз Амрикову дигар мамлакатҳойи хориҷӣ пахта намехарид, ва мӯҳтоҷи шартгузориҳойи онҳо намешуд; ва фабрикаҳойи ресандагиву бофандагӣ ва зовудҳойи равғанкашиву собунпазиву кунҷорабарорӣ таъмину дар афзоиш буд. Ва Латишурус – котиби якуми ҳизби коммунистии Тоҷикистонро мардум ҳамин хел ном мебурданд, – ҳоли мардум ва вазъи корҳойи водии Вахшро дидан рафт. Вайро, баъди безарар гардонидани Азизмуроду Раҷаб барин зарарrасонҳо, аз Москов таъин карда фиристониданд, ки:

– Кадрҳои кордону содиқ дар ҳамон ҷо ҳам ёфт мешаванд. Лекин хабарҳову мактубҳое, ки меоянд, далели он аст, ки ҳамон беҳтаринҳо ҳам аз мафкураи деҳотӣ ва

музофотӣ халос нашудаанд. Ба пояи мафкураи сотсиалистӣ набаромадаанд. Чӣ ҳоҷат ба дигарон? Ҳукуматдор, ки шуданд, ба ҳамаи хешу таборашон мансаб медиҳанд. Салоҳият дорад, ё надорад, аз ӯҳдаи кор мебарояд, ё намебарояд, барои онҳо ҳеҷ фарқаш нест. Мову шумо медонем, ки ҳукумат қавмӣ бошад, ҳама корҳойи давлатӣ дӯлоб мешавад. Қарору қонунҳоро вайрон мекунанд. На танҳо обод карда наметавонанд, балки ҳамон ободиҳойи будагиро вайрон мекунанд. Бинобар ин ҳукумати миллӣ сохтан даркор. Ҳукумати миллӣ барои он мардум чизи нав аст. Мафкураи нав аст. Ҳизб ба шумо бовар дорад, ки ба он ҷо мефиристонад.

Ва Латишурус барои халос кардани мардум аз мафкураи маҳдуди авлоду маҳал ва одат кунонидани онҳо бо мафкураи рӯзгори сотсиалистӣ, ки рангу бӯи миллӣ дорад, мактабҳойи омӯзиши сиёсӣ, касби мубаллиғӣ, ҳунари роҳбарӣ ва такмили ихтисос кушод, ва худаш дар гуфтору кирдор намунаи ибрат нишон медод, ки роҳбар чӣ гуна бояд бошад, ва давлатдорӣ чӣ масъулияту чӣ нозукиҳое дорад. Ва пеш аз сафар ба водии Вахш, ба ин сохтмони азими давр ва умумимилливу умумииттифоқиву зарбдор, нақшаи дарғотҳо, каналҳо ва шаҳрчаҳойи коргарон ва бошишгоҳи муҳоҷирон ва таркиби аҳолии таҳҷоиву омадаро бори дигар омӯхт, ва дурӯза тӯшаи роҳ гирифт, ва дар сафар як соат барои субҳона, ва як соату бист дақиқа барои чошт, ва якуним соат барои таъоми шом вақт сарф мекард, ва боқии рӯз мегашту медид сифати корро, аҳволи коргарону техникаро, чайлаву заминканҳойи муҳоҷиронро, ва маҳалҳоеро, ки дар ояндаи наздик мебоист иморат мекарданд, – мактаб, чойхонаи сурх, идораи шӯро, магазин… Ва дар Сарбанд, ҳангоми хотимаи маҷлис, вай пурсид:

– Кӣ камбудӣ ва ё шикояте дорад?

Ҷавонмарде, ки андаке пештар сари минбар баромада, аз номи бригадаи комсомолон ва ҷавонон ваъда дода, ӯҳдадорӣ гирифта буд, ки кори дурӯзаро дар як рӯз иҷро мекунанд, даст бардошт ва аз ҷояш хест:

– Камбудӣ нест. Шикоят ҳам нест. Фақат ҳамин қада-

раш ҳаст, ки Васия ва Гена ба мо бовар намекунанд. Ман чанд бор ба онҳо гуфтам, ки ҷӯраҳо, гоҳ-гоҳ монед, ки як соат – ним соат бо экскаватор ва булдозератон кор кунам, ҳеҷ розӣ намешаванд.

Ва Латишурус ҷавоб дод:

– Албатта, расми ҷӯрагиро риоя накарданд. Хуб не. Вале экскаватор ва булдозер, ҳар қадаре, ки вазни гарон доранд, нархашон низ ҳамон қадар гарон. Агар забонашро надонӣ, зуд вайрон мешавад. Аз кор мебарояд. Аввал хонда, забонашро ёд гирифтан даркор. Шумо дар мактабаш хонед, забонашро ёд гиред. Ёд ки гирифтед, ман ба шумо якто наппа-навашро медиҳам.

Ва дар Лондон як китоб чоп шуд, ки овозааш то ба Душанбе омад. Муаллифи китоб навишта буд, ки таърих хаёлӣ ва хаёлпарастони зиёдеро дидаасту медонад, вале хаёлпарастони Кремл аз ҳамаи онҳо гузарониданд, ва ба дараҷаи ифрот расониданд. Инҳо даъво доранд, ва рисолаву китобҳо навишта, ва қарорҳо бароварда, гӯё дар заминаи илмӣ исбот карданианд, ки аз як мамлакати хароб ва бехабар аз техникаву саноат, дар муддати даҳ– понздаҳ сол, як давлати обод ва мутараққӣ сохта метавонанд. Ҳамин қадар кофист, ки тартиботи сотсиалистӣ ва илова ба он таъмини қувваи барқ муҳайё бошад, дар андак вақт коммунизм ғалаба хоҳад кард. Ҳамин хобу хаёли хом ба Осиёи Миёна сироят кардааст, – ҷумҳуриҳойи ин минтақа мустамликаи империяи Русия ҳастанд, вале худро давлати мустақил медонанд. Гузашта аз ин рӯзгоре доранд дар пояи бисёр пасти феодализм, аммо боди даҳонашон бели оҳанро мекафонад, ки мо сотсиализм барпо мекунем, мо ҳокимияти шӯравӣ дорем, мо дарвозаи Шарқ ҳастем, мазлумони шарқ аз мо ибрат мегиранд…

Ва аз Москов олимони шӯравӣ, ба Лондон, ба олими буржуазӣ, як силсила мақола навишта, ақидаи ӯро рад карданд, ки қонунҳойи табиат ва ҷамъиятро намедонад. Намедонад, ки замони ғуломдорӣ ба даврони феодалӣ овард. Феодализм барои капитализм ҷой холӣ кард. Ногузир капитализм ба коммунизм роҳ мекушояд. Ва дар зери

ҳар як мақола , аз панҷ то ҳафт академик имзо мондаанд. Ва Душанбе, ки акнун Сталинобод ном дошт, бетараф наистод, ва гурӯҳи олимонаш радия навишта, бо ду забон, – забони тоҷикӣ ва забони русӣ, – дар ду рӯзномаи ҳизбӣ чоп карданд, ва он муаллифро танбеҳ доданд, ки буржуйҳо ҳеҷ гоҳ дӯсти заҳматкашон набуданд ва дӯст ҳам намешаванд. Душман бошад, зафарҳойи моро чашми дидан надорад. Агар чашми дидан медошт, медид, ки Тоҷикистон ливо дорад, герб дорад, конститутсия дорад. Каналҳои азимро медид, ки мо бо ҳашар ва белу каланд кандем. Даштҳойи лабташнаи дирӯза ва заминҳойи кишту обии имрӯзаро медид. Медид, ки мо ағбаҳоро бурида ва шаххҳоро шикофта роҳи мошингард кушодем. Не, душман ин хел чизҳоро намебинад. Озодӣ ва зафарҳойи мо ба чашми душман хор барин мерасад.

Ва адибону олимон дар васфи сангу чӯб ва обу хок ва роҳбарии хирадмандонаи ҳизби коммунистӣ, ва адолату саховати ҳукумати шӯравӣ, ва заҳматкашоне, ки аз сидқи дил зарбдорона кор мекунанд, шеъру достон ва мақолаву рисолаҳо навиштанд, ва ҳамду сано гуфтанд; ва ҳамаашон аз як забон эътирофу ифтихор аз он доштанд, ки Тоҷикистон саросар кӯҳистон аст, мо кӯҳистонием, ва ин сарзамини камзамин ватани асливу азалии мост; ва дар китобҳо ба таъкид такрор карданд, ки аз сад наваду ҳафт қисми ин мулк кӯҳ аст, ва ин хулосаи «илмӣ» ба китобҳойи дарсии таърих ва ҷуғрофия ва ҳатто ба Алифбо даромад; ва дар зеҳни дӯсту душман ва ошнову бегона нишаст, ки дар ҳамвориҳо, дар шаҳрҳо, тоҷикон набуданду нестанд; ва ин даъвойи бебунёд ва беасоси пантуркистон буд, ки қариб сад сол боз тарғибу ташвиқ мебурданд, ва ба сари таърих ва мардум ҷабран бор мекарданд; ва акнун «олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кашфиёти илмиашон» хату мӯҳр карда ба дасти пантуркистон доданд, ки «даъвойи шумо дуруст!»

Ва Сангин Вафозода ба Холмурод Рӯзимуродзода хулосаи дардашро гуфт:

– Ҳамин хислат миллати моро парешону парокандаву аз

ҳамдигар ҷудо ва ба тақдири ватан бепарво кардааст. Ҳамин хислати қаноат кардан ба як тика нон, ки бемалол муҳайё мешавад, ва хислати танпарварӣ, ки гардани хамро шамшер намебурад, моро ба ҳамин рӯзҳои сахт овардааст, агар дигар нашавад, оқибат моро мекушад.

Ва онҳо, Сангину Холмурод, дар Ленинград, дар ошхонаи Академияи илмҳо, таъом мехӯрданд, – Сангин ба ин ҷо аз Сталинобод барои навиштани рисолаи илмӣ омада буд, ва Холмурод дар курси дуввуми омӯзишгоҳи ҳарбӣ мехонд, дӯст буданд. Ҳар ду дар як сағирхона зистанду хондаанд. Ҳафтае як бор ё Сангин ба хабаргирии Холмурод меравад, ва ё Холмурод омада Сангинро хабар мегирад. Ва гоҳе, бо таъсири ягон ҳодисаву муомила, хондани рӯзнома ё китобе, мавзӯи мақому мартабаи тоҷикону Тоҷикистон дар СССР пеш меояд, ва дилашон бисёр мехоҳад, ки аз аҳлу тифоқ будани халқ ва ҳомии тоҷикон будани Тоҷикистон, ва сарҷамъ будани мардум дар як давлат, назди дӯсту душман, мисолҳое биоваранд ва фахре бикунанд. Вале воқеъият, ки аз чор се ҳиссаи тоҷикон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон берун мондаанд, ва аз чор се ҳиссаи онҳо аз миллат ва забони модариаш рӯ гардонидаанд; ва дар даруни ҷумҳурӣ ҷанҷоли шикоятнависӣ ба Москов, ки чаро дар сари ҳукумат аз фалон ҷо одам ҳасту аз фалон ҷо нест, як дами осоиш даст намедиҳад; дилашонро мефишорад ва забонашонро кӯтоҳ мекунад, ва дар сӯҳбатҳо аламашонро аз сухан мегиранд.

Ва Холмурод оҳ кашид:

– Падарам орзу доштанд, ки хислати мардумро дигар бикунанд. Хислати мардумро ҳатман дигар кардан даркор, мегуфтанд.

Ва ҳукумати шӯравӣ бо сарварии ҳизби коммунистӣ, тартиб ва сиёсати давлатдориро аз беху бунаш тағйир дод, нав кард, – ҳукумат меросӣ нест, интихобӣ аст, ва сарватҳойи рӯйи замин ва таги замин моликияти шахсҳойи алоҳида нест, моликияти ҷамъиятӣ аст, … Ва дар талоши аз решааш тағйир додану нав кардани хислати Инсон қарору қонунҳо мебаровард, – дар замони куҳна одам гурги одам буд, дар замони нав одам дӯсти одам ме-

шавад; замони навро одамони фикру ақидаашон нав месозанд, ва одамони нав, марду зан, роҳбару коргар, дар хондан, касб омӯхтан, кор кардан, ба истироҳат рафтан, табобат гирифтан, баробарҳуқуқанд ва ҳаққу ҳуқуқи онҳоро давлат бо тамоми қудраташ ҳимоя мекунад.

Ва дар СССР сотсиализм пешипо хӯрда ва гоҳе ба тундравӣ афтода, дар рафти кор бархеста ва солорона ба ислоҳ расонида, роҳи расидан ба коммунизмро кӯтоҳ мекард, – халқи ҳамаи ҷумҳуриҳо ва мардуми ҳамаи миллатҳо ва аҳли ҳамаи дину оинҳо ба якдигар дӯсту бародар ҳастанд, ва чун фарзандони як оила, дар як хона зиндагӣ ба сар мебаранд, ва неъматҳои рӯҳониву моддӣ ба ҳамаи аъзоёни ҷомеъа баробар тааллуқ дорад, ва баробар заҳмат мекашанд ва аз самараш баробар баҳра мебурданд; ва намунаи айёнии Одами нав коммунист аст, ва коммунист касе ҳаст, ки фақат луқмаи ҳалоли худашро мехӯрад, ба молу номуси мардум чашм ало намекунад, ба фиребу хиёнат даст намезанад; ва манфиати халқро аз манфиати худ болотар медонад, ба ғун овардани пулу мол машғул намешавад, ва қасру кӯшк намесозад, ва як куртаи зиёдатӣ дошта бошад, ба нафари бекурта медиҳад; ва одаме, ки чунин хислатҳо ва чунин сифатҳо надорад, вай коммунист нест.

Ва давлат ғами обу нон, либосу палос, ҷойи кору муҳити зисти мардумро мехӯрд... Ва ҳар як шахс муносиби қобилияташ имтиёз дошт...

Ва хурду калонро мехононд, то ки дар мамлакат як нафар одами бесавод набошад; ва илму адабро аз қасру кӯшкҳо, аз тасарруфи ашрофон, берун овард, ки хизмати заҳматкашонро бикунанд, ва адибон аз рӯзгори коргару деҳқон асар бинависанд, ва машшоқону сурудхонон, дар саҳрову клубҳову сохтмонҳову зовудҳо, барои халқ рақсанду сароянд, ва косибон асбобҳое бароранду матоъҳое бибофанд, ки як дегу кафгир ва як косаву чумча ва як кӯзаву дӯлча, ва як метр матоъу як ҷуфт попӯшу як куртаву эзор, он чунон бадошт бошад, ки солҳо хизмат бикунад ва дер шиканаду дер дарад.

Ва дар Осиёи Миёна занҳо гулханҳо афрӯхта, фаранҷӣ

сӯхтанд, охирин нишонаи замони феодалиро сӯхтанд, ва аввалин занҳоеро, ки дар ину он ҷо дар маъракаҳойи озодии занон, ба майдон баромаданд, фаранҷӣ аз сар гирифта, ба коми алангаи оташ партофтанд, раиси шӯройи деҳа, бригадири бригадаи шоҳибофон, мудири шӯъбаи бачаҳо дар идораи милисаи халқӣ таъин карданд, ва Ҳакими Мӯриро, ки ду зан гирифтааст, ба муҳокима кашиданд, ва аз сафи ҳизб баровардданд, ва ба ҳабсхона фиристониданд; ва занҳоеро, ки дар истеҳсолот пешқадам шудаанд, ба депутатӣ дар шӯройи маҳаллӣ ва шӯроҳойи вилоятиву ҷумҳурӣ ва шӯройи олии СССР пешбарӣ мекарданд; ва депутати шӯройи олии СССР, раиси кумитаи иҷроияи вилояти Ленинобод Мастура дар рӯзномаи «Правда» мақола чоп кард, ки «фаранҷӣ бори гарон аст, нест карда шавад», ва барои дастгирии фикри ӯ ҳаштсаду панҷоҳ маҷлис оростанд, ва сиву панҷ ҳазор зан иштирок кард.

Ва дар арсаи ҷаҳон обрӯ ва эътибору эҳтироми Иттиҳоди Шӯравӣ аз рӯз ба рӯз меафзуд, ва ранҷбарони рӯйи дунё ҳавас мекарданд, ки боре ба СССР оянд ва адолату саховаташро бо чашми худ бубинанд ва як даме аз ҳавойи озодӣ нафас бикашанд; ва дар дили озодихоҳон ва адолатҷӯён ва ситамкашон, орзуи чунин идеалҳоро пеш бурдан ва давлате ба мисли Ҳукумати Шӯравӣ барпо кардан, ва дар ватани худ, ба монанди мардуми шӯравӣ, озоду ободу фаровонрӯзӣ гаштану зистан, ҷӯш мезад; ва дар Эрону дар Ироқу дар Ҳиндустону дар Чин ва дар Аврупову Амрикову Африқо садойи озодӣ баланд мешуд, ва ҳизбҳойи халқӣ, демократӣ, сотсиалистӣ, коммунистӣ таъсис меёфт, ва даъват мекард: «Ранҷбарон! Вақти озодии мо расид!», ва барои ба озодӣ расидан муборизаҳо мебурданд, – муборизаҳойи ғоявӣ, маъмурӣ, инқилобӣ, ва нониву ҷонӣ.

Ва…

## 7

Ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ сар шуд.

Бисту дуввуми моҳи ийуни соли як ҳазору нӯҳсаду чилу якум, Германияи фашистӣ, аҳди дӯстие, ки ду сол пеш бо

СССР баста буд, хоинона шикаст, ва ҳанӯз субҳ надамида буд, ки бо тамоми қувваи ҳарбӣ ва таблиғотияш, ғофил ба давлати шӯравӣ, аз замину аз осмон, якбора ҳуҷум кард. Ва фақат рӯзу соати ин ҳуҷуми мусаллаҳона ногаҳониву ғофилгирона буд, вагарна аз рӯзе, ки инқилоби коргару деҳқон ғолибият ба даст овард, чунин зафар ба чашми сармоядору сармояҷӯву сармояпарастон як хори чилсара шуд, ки пайваста аз ҳар тараф халида меистод; ва онҳо ба коммунизму ғояҳои коммунизм «вабойи коммунистӣ» ном ниҳоданд, ва доим дар фикру дар талоши несту нобуд кардани он вақту қувваро дареғ намедоштанд; ва чунонки дилашон мехост, дар гаҳвора буғӣ кардану куштанӣ буданд, аммо натавонистанд; ва тартиби рӯзгори сотсиалистӣ дар рушт буду ба камол мерасид, ва ба вуҷуд омадани ҳар як ҳизби озодихоҳ дар дигар давлатҳо, як хишт аз қасри капитализму империализм меканд, ва бо ҳар роҳе, ки бошад, пеши ин ваборо гирифтан барои онҳо шарту зарур буд, масъалаи ҳаёту мамоташон буд.

Ва рақобати шадиде буд байни ду тартиби ҷаҳондорӣ ва ду ғояи ҷаҳонбинӣ.

Ва андаруни ин рақобати шадиди иқтисодӣ, ҳарбӣ, техникӣ, маишӣ, дар паси ниқоби рӯзгори сотсиалӣ, дар Германия тарғиботи фашистӣ сари қудрат омад, ва фашистон бар чунин ақида буданд, ки «миллати немис аз нажоди пок аст ва дигар миллатҳо нажоди нопок доранд, ва немисҳо аз рӯҳи поканд, ва дигар халқҳо аз мушти хоканд; ва тақсими хоки ҷаҳон дар ин замон нодурусту беадолатона сурат гирифтааст; ва нопокон бояд дар итоати покон бошанд ва мушти хокон барои хизмат ба рӯҳи покон офарида шудаанд; ва беҳтарин қитъаҳойи хоки рӯйи замин бояд дар тасарруфи немисҳо бошад».

Ва Берлин бо Москов як ҳуҷҷати гургоштӣ имзо карданд, ки дӯст ҳастанд, ва Москов ба давлатҳойи назди Балтик дарояд, Берлин дахолат намекунад, ва Берлин Полшаро гирад, Москов шарик намешавад.

Ва фашистони Германия аввал Полшаро фатҳ карданд, ва баъд пайдарпай Данияро дар як рӯз, ва Голландияро

дар панҷ рӯз, ва Белгияро дар нуздаҳ рӯз, ва Франсияро дар чилу чор рӯз, ва Норвегияро дар шасту се рӯз, заданду гирифтанд.

Ва сипоҳу силоҳи немис дар тамоми дунё ном баровард, ва машҳуру вирди забонҳо шуд, ки «онҳо шикаст хӯрд гуфтанӣ гапро намедонанд, ва ҳеҷ гоҳ, дар ҳеҷ ҷо, мағлуб намешаванд»; ва худашон ҳам бовар доштанд, ки ҳамеша дар ҳама ҷо ва дар ҳама гуна шароит, ғолиб ҳастанд; ва сармасти ғалабаҳо шакку шубҳае надоштанд, ки СССР-ро ҳам бо як ҳамла, барқвор фатҳ хоҳанд кард.

Ва нишастанду нақшаи ҷанг ва пас аз ҷангро кашиданд, – бино бар нақшаи «Барбарос» СССР як иттифоқи ноустувор ва сохтаест, ки аз халқу қабилаҳойи бисёр зӯран фароҳам овардаанд, ва ҳар яки онҳо дину ойин ва хислату одати дигаре доранд, ва яке мухолифи дигарест, ва дар рӯзи аввали ҳамлаву ҳуҷум титу пораву пароканда мешавад, ва аз ҳам фурӯ мерезад; ва дар муддати панҷ моҳ, ва агар бисёр тӯл кашад, дар шаш моҳ, ғалаба ба даст меояд; ва ҷаҳони мутамаддин аз хавфи марговари болшевизм халос мешавад, ва аз ҳукумати шӯравӣ ному нишоне боқӣ намемонад; ва мақсад фақат забт кардани Москову Ленинграду Қофқозу Осиёи Миёна нест, балки мақсад нест кардани халқҳост, ва аз он халқҳо ҳар қадаре ки боқӣ мемонад, танҳо як вазифа дорад, – дар корҳойи чиркин ба манфиати саноату иқтисоди Германия хизмат кардан аст.

Ва нақшаи «Ост» пешбинӣ мекард, ки коммунистон ва комсомолонро асир нагиред, дидеду ёфтед, дар ҷояш нӯги тир бикунед; ва пеш аз ҳама ёдгориҳойи таърихӣ ва миллиро несту нобуд бикунед, зеро ки ёдгориҳо миллатро зинда нигоҳ медорад, ва онҳоро несту нобуд бикунед, дар умри як-ду насли оянда миллат ҳам мемурад; ва дар бисту панҷ-сӣ соли минбаъда, аз хоки шӯравии имрӯза, яксаду бист-яксаду чил миллион сокинашро кушта ва ё кӯчонда, ба ҷойи онҳо немисҳоро оварда мондан лозим аст…

Ва Германия, бо иттифоқ ва мадади Италия, Венгрия, Руминия, Финландия, Хорватия, Словакия лашкар кашид,ва ҷанги одаму автомату танку тӯпу минамёту самолёту верто-

лёт даргирифт, ва паронданду тарконданду сӯзонданд, ва постҳову казармаҳову ситодҳо, ва заводу фабрику конҳо, ва деҳаҳову шаҳрҳо ба коми оташ рафт, ва пулҳову роҳҳову лӯлаҳойи об, шикасту ҷару ҷӯ шуд. Ва баталиони пиёдагарде, ки ба муҳосира афтод, ва ақибнишинӣ мекард, ки роҳ ба саломат барад, дар канори рӯде истод, ва рӯд оромҷараёну серобу чуқур буд, ва комбат дар андеша афтод, ки асбобу силоҳ ва бору бун ва беморону захмдоронро чӣ тавр аз рӯд бигзаронад; ва дар пешу атроф дарахту буттае набуд, ва фақат як хона дар баландӣ менамуд; ва соҳиби хона Мария Ивановна, кампири қоматхамида, ба чӯбдасте такиякунон омад назди аскарон:

– Аз куҷо меоед? Ба куҷо меравед?

– Аз рӯд он тараф гузаштанием, – ҷавоб дод комбат.– Душман таъқиб мекунад. Дар ҳамин наздикиҳо пуле ҳаст?

– Нест. Ҳамаашро бомба заданд. Аз осмон заданд.

– …

– Чӯбу дарахт ҳам нест. Бе пул асбобу анҷоматонро гузаронида наметавонед. Тагаш чуқур, соҳилаш баланд.

– …

Ва набераи кампир омад. Бачаи нӯҳ-даҳсола.

– Як роҳаш ҳаст, – кампир тарафи хонааш нигарист. – Чӯбҳойи хонаро кашеду пул созед.

– Мо ки фашист нестем, – ғурингид комбат.

– Фашист нестед, ки чӯби хонаамро медиҳам.

Ва дар Ленинград омӯзишгоҳи артилериро бастанд, ва курсантҳо бояд ба фронт бираванд, ва ба курсантҳойи соли севу чор рутбаи ҳарбӣ доданд, ва Холмурод рутбаи лейтенантӣ гирифт; ва бародари калонаш Мирзомурод, бо кадом роҳи фақат ба худаш маълум, ба ӯ пайғом расонид, ки «додар, ба ҷанг нарав. Гурез. Агар корат барор гирад, бо роҳи Кушка ва Тирмиз ба Афғонистон гузар. Дар он ҷо одамони мӯътамад ҳастанд. Онҳо туро ба воситаи Покистон ба назди ман, ба Маккаи Мукаррама мефиристанд. Агар корат барор нагираду дастгират кунанд, ҳеҷ қисса не. Ҳабс мекунанд. Дар ҳабс нишастан беҳтар аз

он аст, ки ба ҷанг равӣ ва барои болшевикони бедину бемурувvату хунхор ҷони азиз ба қурбон бидиҳӣ…

Худи Мирзомурод, писари калонии Азизмурод, пас аз он ки падарашро душмани халқ карданд, аз роҳи Панҷи поён ба Афғонистон фирор кард, ва баъд ба Пишовар рафт, ва якуним сол пас азми зиёрати Хонаи Худо ӯро ба шаҳри Маккаи Мукаррама бурд, ва дар ҳамон ҷо сокин шуд, ва дертар имомии як масҷидро ба ӯ супориданд, ки як рӯзгори серу пуре дошт; ва Холмуроду хоҳари калонаш Муродгул ба шаҳри Бухоро, ба ҳавлии аммаашон рафтанд ва Муродгул дар мактаби русӣ хонд, ва Холмуродро ба сағирхонаи Чорҷӯ доданд; ва инҳо бо Мирзомурод робитае надоштанд, ва дар куҷо буданашу чӣ кор карданашро намедонистанд; ва ин пайғом барои Холмурод хеле ногаҳонӣ буд. Вай ба ин пайғомбиёри шубҳаангез ҷавоби даҳонӣ дод:

– Бародарамон зиндаву барҳаёт будаанд, умрашон дароз бод. Аммо ман дар Ватани худам ҳастам. Хатар ба сари ватан омадааст, ман барои ҳифзаш ҷанги рӯёрӯ хоҳам кард. Дар ҷанг, бо садоқат, номи падарамро сафед хоҳам кард.

Ва Холмурод ба фронт рафт.

Ва дар СССР пиру ҷавон ё ба фронт рафтанд, ва ё барои фронт кор мекарданд.

Ва дар чилу ҳафт рӯзи аввали ҷанг, дар Тоҷикистон шаш ҳазор ҷавонмард ва мардони миёнсол ва занҳо ариза навиштанду ба комиссариатҳои ҳарбӣ оварданд, ки «мо ба ҷанг меравем, моро ба фронт фиристонед», ва сиву ду нафари онҳо одамоне буданд, ки мӯҳри «падараш душмани халқ» доштанд, ва аз ин боис таҳқир медиданд, ва маврид расида буд, ки он доғҳои сиёҳро бишӯянд бо хун, ва номи падарашонро сафед бикунанд, ки онҳо душман набуданд, балки дӯстон буданд, ки бо тӯҳмати ноҳақ гирифтор шудаанд; ва худро аз зери бори таҳқир халос бикунанд; ва ҳабдаҳ нафарашон аз ҷумлаи ҷавонмардоне буданд, ки дар идораҳои давлатӣ мансаб ва дар ҷомеъа

мавқеъ доштанд, ва мардумро даъват мекарданд, ки ватан-модарро ҳимоя бикунанд, ва қарзи фарзандӣ ба ҷой биёваранд; ва ҳарифони ҳасуд таъна ба онҳо мезаданд, ки ҳавойи даҳананд, даъвояшон дурӯғ аст, вагарна худашон барои чӣ ба фронт намераванд?», ва онҳо таъҷил доштанд, ки зудтар ба фронт бираванд, ва ба чашми ҳасудон нишон бидиҳанд, ки дилу забонашон як аст».

Ва яксаду бист миллион сӯм пул ҷамъ карданду ба хазинаи фронт доданд, ки танку самолёт созанд барои ҷанговарон; ва либосу пӯсту пашму гӯшту гову гӯсфанд гирифтанд аз мардум, ва ба яксаду панҷоҳу як вагон бор карданд, ва тӯҳфа фиристониданд ба аскарон; ва вилояти Сталинобод ба дастгирӣ ва ёрӣ барои ҷангзадагони Белоруссияву Украина як ҳазору шашсаду ҳафтоду ҳафт гов ва ҳафт ҳазору чорсаду наваду як гӯсфанду буз, гирд оварданд ва ба корвони вагонҳо бор карданд, ва роҳи оҳан бурд ба шаҳру деҳаҳое, ки эҳтиёҷ доштанд.

Ва дар роҳи Гомел фашистон сокинони се хутори ҳамсояро ғун оварданд, ва бо посбонии як рота сипоҳӣ, ба роҳ андохтанд, ва пода барин ронда бурданд ба марзи як авраги дароз, ва саф кашонданд, ва фармуданд. ки чоҳ биканананд, аз қади одам боло биканананд, ва тӯлаш сад метру бараш якуним метр бошад; ва чоҳро канданду тайёр карданд; фашистон фармон доданд, ки сафу ҷамъ ба чоҳ дароянд, фақат бист марди боқувват берун истанд; ва мардум ба чоҳ фуромаданд, ва онҳоеро, ки таъхир карданд, бо пошнаи автомат задаву тела дода дарун партофтанд; ва бист марди берунро фармуданд, ки аз болойи мардуми зери чоҳ хок гардонанд, ва чоҳ аз хок ки пур шуд, ва доду фарёдро фурӯ бурд, ун бист нафарро паронданд; ва сад метр хоки сари води авраг се рӯз беист ҷунбид.

Ва дар майдони калони шаҳри Севастопол варақае дар деворҳо часпонданд: «Даҳгонаи мо, ки душман дивизия гумон меунад». Ва ин даҳгона пионерони дувоздаҳ– сензадаҳсола буданд, ки аз даҳ ҷумҳурии Иттиҳоди Шӯравӣ дар истироҳатгоҳи Артек дам мегирифтанд, ва дар ҳамин

ҷо шинос шуданд, ва дар ҳамин ҷо «дивизия» ташкил доданд:

Командир Владимиров – урус
Аспсавор Заиров – қазоқ
Танкист Бурбонис – латиш
Табиб Мулукиян – арманӣ
Лётчик Охундов – озарбойҷонӣ
Баҳрнавард Петренко – украин
Артиллерист Ҳабибов – тоҷик
Пулемётчик Примқулов – ӯзбак
Разведчик Алехно – белорус
Минаёб Куусберг – эстонӣ.

Ва шабона якнафариву дунафарӣ аз истироҳатгоҳ берун баромаданд, ва дар роҳи мошингард ғун омаданд, ва як мошини боркаши роҳгузарро нигоҳ доштанд, ва гуфтанд, ки «ба слёти пионерон мераванд, слёт фардо сар мешавад ва агар ҳозир нараванд, дер мемонанд», ва ронанда саворашон кард ва бо роҳи кӯҳи Собун[1] ба Севастопол омаданд; ва бо ҷустуҷӯ аввалин идораи комиссариати ҳарбиеро, ки диданд, ба ҳамон ҷо даромаданд, ва талаб карданд, ки «дивизияи онҳоро фавран ба фронт бифристанд», ва навбатдори комиссариат хандид: «фронт ҷое нест, ки ҳар кас бо ихтиёри худ рафтан гирад. Тартибе дорад»; ва андак ба андеша рафт, ки ин кӯдакон дар ин шаҳри калон саргардон мешаванд, ва роҳ нишон дод, ки равед ба мактаби шасту якум, дар канори шаҳр, аз ин ҷо чандон дур не, даъватиҳо дар ҳамон ҷо ҷамъ мешаванд, ба шумоён ягон маслиҳат медиҳанд, ёрӣ мерасонанд. Ва «дивизияи дӯстон» рафтанд, мактабро ёфтанд ва як капитану ду сержантро диданд, ки гирди мизи куҳнае, як даста қоғази сафедро тагурӯ ва ҳисобу шумур мекунанд; ва капитан ба онҳо гуфт, ки «равед, ба хонаҳотон. Калонтар шавед, баъд даъват мекунем. Имшаб дар ҳамин ҷо, дар ошёнаи дуюм, рӯи дараш синфи ҳафт навиштагӣ, матрас

[1] Сапунгора.

дорад, дам гиреду хоб равед. Фардо роҳи хонаҳотонро пеш гиред».

Ва фардо дар ҳамон гузар ҷанг шуд, – фашистон ногаҳон пайдо шуданд ва парон-парон карда меомаданд, ва қасдашон гирифтани бинои мактаб буд.

Ва капитан бачаҳоро ду даста кард ва панҷнафарӣ ба ду сержант супорид, ва панҷтираву тирдону граната дод ва дар чор бурҷи бино тавре ҷо ба ҷо шинонд, ки чор тарафи мактаб намоён бошад, ва фармуд:

– Ҳушёр бошед! Ҳар фашистро бинед, паронед!

Ва худи капитан дар ошёнаи якум шинак гирифт.

Ва садойи тир торафт ба бинойи мактаб наздик меомад.

Ва ягон ним соат пас капитан фашистонро дид, – онҳо понздаҳ –шонздаҳ нафар буданд, ки ду-ду, силоҳ сари даст, нишон гирифта, гоҳ-гоҳ тир паронида, аз рӯ ба рӯ ва аз ду кунҷи кӯча меомаданд; ва ба дарвозаи мактаб расиданду хуб зеҳн монданд, ва як нафараш ба тарафи тирезаҳойи ошёнаи дуюм як навбат тир зад, аз дарун ҷавобе наомад, ва онҳо далер шуданд, ва чор нафарашон китф ба китф, дарвозаро кушоданд, ва ба дарун медаромаданд, ки аз ошёнаи якум ва дуюм садойи тир баромад – тирпаронии бардавом, ва фашистҳо ба замин хобиданд; ва садойи тир, ки хомӯш гардид, як фашист хеста гурехт, ва сетойи дигараш нахестанд – ба хоби абад рафтанд. Ва чанд лаҳза нагузашта фашистон аз се ҷониб дару девори мактабро тирборон карданд, ва аз даруни мактаб бо тирпаронии бафосила ҷавоб медоданд. Ва се соат ҷангиданд – яке аз сержантҳо аз китфи росташ тир хӯрд; ва фашистҳо қурбонии дигаре доданд, ё не, маълум набуд, вале ақибнишинӣ карданд.

Ва як ё ду соат пас фашистон аз нав пайдо шуданд, ва ин дафъа қариб сӣ нафар буданд, ва ду бор ҳамла оварданд, ки биноро гиранд, вале ҳар дафъа талафот дода, пас мегаштанд. Ва капитан ҳалок шуд, ва Зоирову Бурбонис ҷароҳатҳойи вазнин бардоштанд...

Ва «дивизияи дӯстон» ҳабдаҳ шабу рӯз сангарашонро

тарк накарданд, ва сенздаҳ ҳамлаи фашистонро зада гардониданд, ва ҳашт нафарашон ба шаҳодат расиданд, ва ду нафарашон, бо ҳамроҳии сержант, ҷангу муқовиматро давом медоданд; ва ҳабдаҳ шабу рӯз кампиракони гузар, шабона, ё рӯзона, пинҳонӣ барои онҳо нону об бурданд; ва фашистон, бо гумони он ки дар ин бино аскару афсари бисёре ҳаст, аз осмон бомба партофтанд ва мактабро тарконданд; ва «дивизияи дӯстон» дар ҳифзи Ватан ҷон доданд, вале ба душман тан надоданд.

Ва урдуи сар то по мусаллаҳи фашист дар Белоруссия, дар маҳаллаҳойи Малый Тростенетс ва Масйуковщина, аҳолиро баровbooарданд ба саҳро, ва тақсим карданд ба гурӯҳҳо, – ҳар як гурӯҳ дусад зану мард ва пиру наврас, – ва даҳ фашисти камондор ба сари ҳар як гурӯҳ посбон; ва пешандоз карда мебаранд ба лаби роҳу воти замин, ва аз коғазҳойи дасташ мебинад командирашон нақшаро, ки дар куҷоҳо минаҳо хобонидаанду гӯронидаанд; ва ҳай мекунанд одамонро мисли рама ба ҳамон ҷо, ба рӯи минаҳо, ва аз зарби пову вазни одамон метарканд минаҳо, ва порапора мешаванд марду зану кӯдак, ва фашистон лаззат мебаранд аз тамошойи он; ва ҳар касе, ки ба рӯйи мина пояш нарасиду зинда монд, медоштанд ва аз сараш бензин мерехтанд ва месӯхтанд... Ва ҳамон ҳафта, дар ҳамон маҳалҳо, ҳаждаҳ ҳазор сокини ин диёрро куштанду сӯхтанд.

Ва алҳол фашистон дастболо буданд, – шаҳр аз паси шаҳр, деҳа аз паси деҳа, забт мекарданд, ва сад километру саду панҷоҳ километр даруни хоки СССР даромаданд; ва танба ба полки омехта зӯр омад, – полк ҷангҳои мудофиавӣ мекард ва зина ба зина ақиб мегашт, то ки дар ягон ҷойи мувофиқ сангар бигирад ва омадани қувваҳойи навро интизор бишавад; ва ақибнишинӣ чандон осону мураттаб даст намедод, – дар асари ҳамлаҳойи ҳавойӣ ва заминии душман алоқа бо баталионҳо ва батарияҳо душвор гардид, ва командири полк як нафар ефрейторро супориш дод, ки ба баландии он тарафи ботлоқ бирав, да-

руни ҷангал пинҳон шав, алоқаро муназзам нигоҳ дор; ва ефрейтор, ғалтаки сим дар даст ва радиоалоқа дар тахтапушт ва автомат дар китф, давону гаваккашон рафт, аз ботлоқ гузашт, ба баландӣ баромад, ва андаруни буттаҳойи анбӯҳ даромад, ва алоқаро барқарор кард; ва ним соат нагузашта буд, ки садойи мусалсали тир баланд шуд ва сими телефонро ягон панҷ – шаш қадам дуртар аз ӯ кирт бурид, ва ҳамон лаҳза парӯ ба замин афтид, – дарди сӯзоне аз байни сина ва гулӯяш гузашт, ва ҳар ду дасташ шилҳа шуд, ва аз дил гузаронд, ки «то ба сим расидан аз ҳуш наравам!», ва дилғеҷ ба сим расид, ва бо лабу забон ламс кард, ва ду нӯги симро бо гардонидан бо забон, навъе карда зери дандон овард, ва сахт газид, ки пайваст шавад, ва аз ҳуш рафт; ва сими телефон баста ва риштаи умри ӯ канда шуд.

Ва сипоҳии фашист Эмил Голдс, барои таърих, рӯзнома менавишт, ва дар дафтари ғафсе бо шамотат қалам кашид: «Ба ҳар деҳае, ки медароем, ман одамонро бинам, дастам мехорад. Дилам мехоҳад, ки тапончаро аз ғилоф берун кашам, ин тӯдаи мардумро, ки гуногунсолу гуногунлибосанд, нишон гирам ва аз як лаб паронаму паронам, ҳаловат барам». «Мо бозӣ ба бозӣ гранати дастиро мепартоем ба хонаҳойи истиқоматӣ. Хонаҳо ҳамааш аз чӯб. Зуд дармегирад. Аланга мезанад. Алангаи оташ ба хонаи ҳамсоя мегузарад. Инаш ҳам месӯзад. Забона мекашад. Ба хонаи дигар мерасад. Ваяш ҳам оташ мегирад. Кайф! Манзарае, ки тамошое беҳтар аз он нест.

Сокинони хонаҳо мегирянд. Мо ба гиряи онҳо бо завқ механдем.»

Ва инженер Заславский дар кони ангишт як дастаи хурд, иборат аз се нафар ангиштткан, пинҳонкоронро ташкил кард, ва бомба сохта ба онҳо медод, ва онҳо бомбаҳоро мебурданд ба кон, ба лойобаи ангишт меҷӯлонданд ва ба вагонҳо бор мекарданд; ва фашистон мебурданд ин ангиштро барои сӯзишвории поездҳо, ва дар роҳҳо ангиштбомбаҳо ҳангоми ба оташхонаи локоматив

партофтан месӯхту метаркид, ва поезд, ки лавозимоти ҳарбӣ дошт, аз роҳ бероҳа мешуд, чапа мегашт; ва дар ҳаждаҳ рӯз чилу се поезд бо танку тӯпу тиру доруяш, ки ба фронт бояд мебурд, дар роҳҳо таркиду сӯхту ба чару ҷӯ афтиду нобуд шуд; ва Заславский ба тарафи Берлин нигариста мегуфт: «Чӣ хаёл кардед? Ғофилгир кардед. Самолётҳои моро дар аэропортҳо таркондеду сӯзондед; инак, ҷавобашро бигиред!»…

Ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар солҳойи 1941-1945, дар рафти муҳорибаҳо ба Ҷанги Ҷаҳонӣ табдил ёфт, – шасту як давлатро фаро гирифт, ва як ҳазору чорсаду ҳаждаҳ рӯзу шаб давом кард, ки як ҳазору сесаду бист шабонарӯзаш ҷанги бетанаффус буд, – ҳама ин муддат садойи тиру тӯп ва кафидани минаву таркидани бомба хомӯш нашуд, ва дар ҳар як шабонарӯз, аз ҳар ду тараф фақат аз фарзанди инсон, чордаҳ ҳазору панҷсад нафар ҷондор беҷон мешуд; ва яксаду даҳ миллион одам шинел пӯшид ва силоҳ ба даст гирифт.

Ва аҳолии СССР яксаду наваду чор миллион буд, ки агар кӯдакон ва гурезагон ва хоинонро истисно бикунем, дигар ҳама ё дар майдони ҳарб ҷанги рӯёрӯ мекарданд, ва ё барои таъмини фронт заҳмат мекашиданд. Ин ҷанг ҷанги умумихалқӣ буд, – хурду калон, дар сафи пешу дар ақибгоҳи душман, ба ҳифзи Ватан бархестанд; ва дар соли дуюми ҷанг ягон аскар аз сангари гирифтааш, як қадам ақиб нагашт; ва дар кори саҳрову заводу фабрик як нафар ақибмонда набуд; ва аскарбача бо сари синааш даҳони амбразураро баст, ва лётчик самолиёти сӯхтаро тарк накард, балки ба рӯйи истеҳкоми душман фуруд овард, ки вай ҳам бисӯзад; ва партизан дар ақибгоҳи душман роҳҳойи мошингард, роҳҳойи оҳан ва аэропортҳоро вайрон кард ва анборҳойи силоҳу ғалларо сӯзонд, ва пулҳойи дарозу кӯтоҳро таркonданд, ва … Ва он солҳойи ҷанг сипоҳу силоҳу сухану қалам як вазифаву як хел қудрату як хел таъсир дошт; ва шоири тоҷик либоси сипоҳӣ пӯшиду силоҳ гирифту даъват кард:

*Вақти он аст , эй қалам, бурандатар гардӣ зи теғ,*
*Вақти он аст, эй сухан, ғурандатар гардӣ зи барқ.*

Ва теғи бурандаву сухани ғурандаи сотсиализм ва умеди ба рӯзгори коммунизм расидан ғолиб омад ба тарғиботи фашистӣ, ки немисҳо аз нажоди пок ҳастанд ва дигар нажодҳо барои хизмат кардан ба онҳо офарида шудаанд, ва заминҳойи хушобу ҳаворо бояд холӣ бикунанд, ки лоиқашон нест, ва ин амри таърих аст ва ногузир ҳамин хел шуданаш даркор.

Ва ин ғалаба ба халқҳойи Иттиҳоди Шӯравӣ бағоят гарон афтод, – фашистон як ҳазору ҳафтсаду даҳ шаҳри калону хурд, зиёда аз ҳафтод ҳазор деҳаву деҳача ва шаш миллион хонаву дарро сӯхтанду ба замин ҳамвор карданд, ва бисту панҷ миллион оила бесарпаноҳ монд, ва сиву ду ҳазор фабрику завод, шасту панҷ ҳазор километр роҳи оҳанро шикастанду вайрону валангор карданд, ва наваду ҳашт ҳазор колхоз, як ҳазору ҳаштсаду ҳафтоду шаш совхоз, ду ҳазору ҳаштсаду навад бошишгоҳи мошину тракторро харобу талаву тороҷ карданд, ва ҳафт миллион асп, ҳабдаҳ миллион гов, чандин миллион мурғу харгӯшро куштанду хӯрданду ба Германия бурданд.

Ва СССР дар ин ҷанг бисту ҳафт миллион одам талаф дод, ки бисту се ҳазор нафараш аз Тоҷикистон буд, – бисту се ҳазор ҷанговари тоҷик, ва ҳамаи онҳо ҷавонони ҳаждаҳсола ва мардони то чилсола буданд.

Ва лейтенанти калон Холмурод Азизмуродов як нафаре аз онҳост, ки бо ҳафт артилеристаш, дар Волхов, дар баландии беном, то охирин гулӯлаву тиру гранаташон, ва то охирин нафасашон ҷангиданд, ва таслим нашуданд.

Ва муаллифи номдори нақшаи «Барбарос», ки дар муддати панҷ-шаш моҳ торумор шудани СССР ва аз рӯйи ҷаҳон барҳам хӯрдани ғояи коммунизмро пешгӯйӣ карда буд, дар Нйурнберг, дар мурофиаи байналхалқӣ бар алайҳи ҷинояткорони ҳарбии Вермахт, фелдмаршал Паулйус, дар соли

1946, аз минбар иқрор шуд: «илми ҳарбии шӯравӣ аз илми ҳарбии мо то андозае беҳтар будааст, ки ман ба гумон аст дар мактаби ибтидоийи ҳарбии русҳо дарс дода метавонистам. Мисоли равшанаш муҳориба дар Волга, ки ман асир афтодам, ва ин ҳама ҷанобоне, ки дар ин ҷо, дар курсиҳойи ҷинояткорон нишастаанд».

Ва сиёсатмардону ҳарбишиносони Лондону Вашингтону Париж, ки аз таҳти дил заволи СССР ва тартиби ҳаёти коммунистиро мехостанд, вале аз тарси тасарруфи фашистӣ, дар солҳойи охири ҷанг, тарафи давлати шӯравиро гирифтанд, баъди ғалаба ба андешаву таҳлука афтоданд, – Берлини абарқудрат шикаст хӯрд ва Москови камқувват ғолиб баромад. Чаро? Мебоист ҳар ду тараф харобу абгор мешуданд ва абарқудратӣ ба дасти Лондон мегузашт, аммо корҳо ҳамааш чаппа гашт, – шӯравии камқувват ва «вабойи асри бист, коммунизми оламсӯз», оламгир шуд. Охир, умед инчунин набуд?! Фашистҳо фақат аз ёздаҳ давлате, ки забт карданд, барои яксаду панҷоҳ дивизия техникаи ҳарбӣ ғанимат гирифтанд. Сипоҳу силоҳи худи немисҳо аз сипоҳу силоҳи шӯравӣ ба маротиб бартарӣ дошт, – Аскару афсараш қариб ду баробар ва танкҳояш якуним баробар ва самолётҳойи навбаромади ҳарбияш севу ним баробар зиёд буд. Бо вуҷуди ин ҳама қувваи оташфишон ва тарканда ва сӯзанда, боз ғолиб омада натавонист, ба хок яксон шуд. Муаммо?!

Ва дар Лондону Вашингтону Париж сиёсатдонҳову равоншиносону ҷомеъашиносону аҳли илми ҳарбу ҷосусони идеологӣ, дар парламонҳову академияҳову ситодҳо машғули омӯхтан ва кушодани ин муаммо. Ва омӯхтанду ҷамъу тарҳ ва зарбу тақсим карданду ниҳоят ба хулосае расиданд, ки «Ғолиб рӯҳи мардум аст. Сипоҳро ҳарчанде, ки қодиру қоҳир бошад, мағлуб кардан мумкин. Силоҳро, ҳар қадаре ки бадошту зиёд бошад, шикастанаш имкон дорад. Лекин рӯҳи мардум қавӣ бошад, мағлуб кардан мумкин нест. Эътиқоди мардум ба хосташ ва орзуву ормонаш сахту мустаҳкам бошад, шикастан имкон надорад.

Пас, рӯҳи мардумро мағлуб ва эътиқоди мардумро шикастан, ягона илоҷи ба коммунизм шикаст додан аст».

Ва дар ин бобат дастуре навиштанд ва асоси идеологиву тарғиботияшро муайян карданд, ва роҳу хароҷоти ба амал оварданашро ун се давлати хеле мутараққӣ ва пешрав ба ӯҳда гирифтанд:

«Ҷанг ба поён мерасад, рӯзе ҳама кор ба тартиб медарояд, ҷобаҷо мешавад. Ва мо ҳар он чӣ дорем – ҳамаи тилло ва кулли иқтидори моддиро барои гӯл задану аҳмақ кардани одамон ба кор меандозем… Майнаи инсон, тафаккури одамон, ба тағйир ёфтан қодир аст. Мо ба майнаи одамон тухми ҳарҷу марҷ кошта, ҳатман ҳама муқаддасоти онҳоро бо чизҳои қалбу беарзиш бадал мекунем ва маҷбур мекунем, ки ин мардум ба ҳамин арзишҳои қалбу хасакӣ бовар бикунанд. Чӣ тавр? – Мо ҳамфикрони худамон, иттифоқчиёни худамонро дар дохили Русия пайдо мекунем. Аз онҳо ба фойдаи худамон истифода мебарем. Бино ба мақсадамон фоҷиъаи густурда меофарем, ки дар натиҷа фано ёфтани саркаштарин халқ оғоз мегардад. Баъд ин фоҷиаро зина ба зина ба бозӣ медарорем. Фоҷиъа болойи фоҷиъа. Ба нияти фурӯ мурдани чароғи Худогоҳии ин халқ…

Мо, масалан, аз адабиёту санъат, мояи иҷтимоии асарҳоро батадриҷ берун мебарорем. Рассомону адибонро вомедорем, ки аз одати иҷтимоигаройӣ даст кашанд. Рағбати тасвирро тарк бикунанд. Таҳқиқи равандҳоеро, ки дар аъмоқи оммаҳои мардум ба зуҳур меоянд, аз димоғашон дур меандозем. Адабиёт, театр, кино – ҳама ин соҳаҳо палидтарин эҳсосоти инсониро тасвир ва тараннум хоҳанд кард… Мо ба истилоҳ санъатваронеро ҳарҷониба дастгириву бардор хоҳем кард, ки парастиши шаҳват, таҷовуз, бераҳмӣ, хиёнат – хуллас ҳар гуна бадахлоқиро дар тафаккури инсон роиҷ мегардонанд. Зӯр зада ҷойгир мекунанд… Дар идора кардани давлат мо ҳарҷумарҷ ва бесарусомонӣ ба вуҷуд меоварем. Мо ноаён, вале фаъолонаву пайгирона, ба худсарӣ ва худдонамии мансабдорон,

ришвахорӣ ва бемаслакии онҳо, мусоидат хоҳем кард. Бюрократизм (коғазбозӣ) ва дӯлобкорӣ ҳамчун накӯкорӣ таъбир карда хоҳанд шуд… Инсофу поквиҷдонӣ хандахариш қарор ёфта, як чизи ба ҳеҷ кас нолозим хоҳанд шуд ва ба хурофоти замони гузашта табдил хоҳанд ёфт. Беҳаёию берӯӣ, фиребу дурӯғ, бадмастию нашъамандӣ, бешуурона аз якдигар тарсидан, бешармӣ кардану хиёнат варзидан ва миллатгароиву адовати халқҳо, қабл аз ҳама адовату бадбинӣ нисбат ба халқи рус – ин ҳама ба лавни гули хушранг, ба шукуфтан медароянд… Ва танҳо баъзе касон, миқдори ниҳоят ками одамон, пай хоҳанд бурд ё ҳатто дарк хоҳанд кард, ки чӣ воқиаҳое ба амал омада истодаанд. Аммо ин гуна касонро мо дар вазъияти аҷзу нотавонӣ қарор медиҳем, хандахариш мегардонем, роҳи ба онҳо бӯҳтон заданро меёбем ва партовҳои ҷамъият эълонашон мекунем. Маънавиятро решакан, заминаҳои ахлоқи маънавиро фосид ва нобуд хоҳем кард. Мо ба мардум аз кӯдакиву наврасӣ сару кор мегирем, асосан ба ҷавонон умед хоҳем баст, ин тоифаро аз роҳ мебарорем, бадахлоқ мекунем, фосиқ мегардонем. Мо аз онҳо касони беору беномус, разил, ватанбезор ба воя мерасонем».[1]

8

Ва Муродгули Азизмурод дар вокзали роҳи оҳан духтарони бисёреро даста-даста ба сафҳо ҷудо мекард, ва қаламу коғаз дар даст дошт, – аз дафтари дасташ номи духтар ва номи падари ӯро мехонд, ва бист нафар, ки шуд, як нафарашонро сардор таъин менамуд:

– Сардори ин гурӯҳ ту. Шумоён ба вагони сейум савор мешаветон. Ин рӯихат. Дар дасти ту истад.

Ва духтарон чорсаду панҷоҳ нафар буданд. Ҳамаашон аъзои комсомол. Ҳамаашон ихтиёрӣ барои обод кардани шаҳри Сталинград мерафтанд, ва дар паҳлӯи вагонҳо бо ранги сафед дар матоъи сурх бо ҳарфҳои калон-калон

[1] Ин иқтибос аз руи тарҷ умаи Ҷумъабой Азизқулов

шиор навиштаанд: «Бо белу каланд обод мекунем вайроназҳои Сталинградро, чунонки аскарон бо тиру камон аз дасти душман озод карданд», ва Муродгул роҳбари онҳо дар роҳ буд.

Ва Муродгул ба Душанбе, ки Сталинобод ном гирифтааст, аз Бухоро омад, расман барои ёрии кадрҳо, аслан ихтиёрӣ омад. Баъди тақсимоти миллии халқҳо дар Осиёи Миёна ва баъди таъсис додани вилояти мухтори Тоҷикистон дар дохили ҷумҳурии Ӯзбакистон, гӯё собиқ бехабарон, ногаҳон гӯё бохабар шуданд, ки Тоҷикистон ягон шаҳри маъмурӣ ва маданӣ надорад. Халқи муқимии ин хоку об, халқе, ки ин сарзаминро ободу маъмур кардааст, – наҳрҳо баровардааст, заминҳо кушодааст, ба кишту ҳунару обчакориву боғдориву оҳангариву заргариву бофандагӣ бунёд гузоштааст ва шаҳрҳо сохтааст, имрӯз аз ҳамаи он офаридаҳо маҳрум шудааст. Ва дар вақташ Комиссияи тақсимоти миллӣ ин ҳама сарвати моливу ҷониро додаст ба Ӯзбакистон ба он далел, ки собиқ амиру хонҳо аз қабилаҳойи туркон будаанд ва шаҳрҳо аз ҷиҳати бозору додугирифт ба ӯзбакҳо наздик будааст ва рӯдҳо мушкилаҳойи обро осон мекардааст, ва дар якҷоягӣ пешрафту тараққиёти ин ҷумҳуриро таъмин менамудааст. Ва аз Душанбе ба Москов арзу шикоятҳо мерафт, ки ҳама шароит ба Ӯзбакистон даркор аст, магар ба Тоҷикистон барои пешрафту тараққиёт шаҳрҳойи маданӣ ва бозорҳойи доимӣ ва заминҳойи ҳамвори ҳосилхез даркор набудааст?!

Ва Москов қарор баровард, ки ҳамаи ин майда-чуйдаҳо ба истиқлолу ба озодиву ба дӯстии халқҳо халале намерасонад, зеро ки ҳамаи ҷумҳуриҳойи сотсиалистӣ як давлати шӯравӣ ҳастанд, баробару бародар ҳастанд, ва турку тоҷик бир кишист, ва байни тоҷику ӯзбак даъвойи марзиву миллӣ нест, ва Ӯзбакистон ҳамчун бародари калон ба додари хурдаш Тоҷикистон ёрии ҳамаҷониба мерасонад ва дар ҳолатҳойи мушкил дастгирӣ мекунад. Ва дар амал ёрӣ ва дастгирии бародари калон ба додари хурд чунин сурат мегирифт, ки маблағҳойи аз Марказ, аз Москов ба Душанбе

додаро дар Тошканд сарф мекард ва ба Душанбе намедод; ва кӯдакони навтавлиди тоҷикро бе ҳеҷ як пурсиш дар шаҳодатномаашон ӯзбак менависонд, ва рӯзномаи тоҷикиро руст мекард, ки тоҷикон набинанд, нахонанд, ва ба мактабҳойи тоҷикӣ муаллимони ӯзбак мефиристонид, ва барои хок пошидан ба чашми Москов, дар ҳуҷҷат дар ину он ҷо, шӯроҳойи тоҷикӣ таъсис медод, ва ӯзбакро раис таъин мекард… Ва Москов қарор баровард, ки аз Москову Ленинграду Тошканд, барои ёрӣ додан ба Душанбе, кадрҳойи боихтисос фиристонанд; ва Муродгул як нафаре аз онҳо буд, ва дар кумитаи марказии комсомол кор мекард.

Ва поезди комсомолдухтарон бо шиори «Бо белу каланд вайронаҳои Сталинградро обод мекунем, чунонки аскарон бо тиру камон аз дасти душман озод карданд», ба роҳ даромад; ва овозаи ташаббуси духтарони Сталинобод, қад-қади роҳи оҳан ба истгоҳҳойи хурду вокзалҳойи калон, як соату ду соат, нимрӯзу як рӯз, ду рӯзу се рӯз пеш аз омаданашон ба гӯши шаҳрчаву шаҳрҳо мерасид; ва ин духтаракон, комсомолонро, пешвоз мегирифтанду гусел мекарданд бо нону намак, бо мусиқиву рақсу суруд, бо дуои неку дастафшониҳойи мавҷ ба мавҷ.

Ва ҳанӯз ҷанг тамом нашуда буд, ва касе ҳам намедонист, ки кадом солу кадом моҳу кадом рӯз ба охир мерасад ин муҳорибаҳойи хунрезиву оламсӯзӣ, фақат ҳаминаш маълум буду рӯи ҷаҳон медонист, ки ба ҳамон шасте, ки рӯзи аввали ҷанг ва соли якуми ҷанг фашистон ба хоки СССР даромаданду дастболойӣ доштанд, акнун армияи сурх бо ҳамон шасту бо ҳамон суръат ба хоки тарафдорони Германия ва худи Германия даромаданд ва дастболойӣ дорад.

Ва аз Сталинобод то Сталинград Муродгул бо духтаронаш ҳар рӯз се бор ахбори Совинформбюроро мешуниданд, – дар вагонҳо радио буду аз вазъи муҳорибаҳо ва ғалабаҳойи пайдарпайи лашкари шӯравӣ хабар медод; ва дар бозгашт Муродгул худаш танҳо буд ва рӯзи дароз аз радиои вагон хабарҳо гӯш мекард аз ғалабаи халқи шӯравӣ ва тас-

лим шудани Германияи фашистӣ; ва дар вокзалҳо рӯзномаҳо мехариду мехонд, ки пурпури қаҳрамониҳо ва лабрез аз ифтихору шодиву нишот буд.

Ва дар соли сейуми баъд аз ҷанг рӯзгори мардуми шӯравӣ ба дараҷае беҳтару хубтар шуд, ки ҳатто дар пешрафти техникаву саноат аз солҳойи пеш аз ҷанг бартарӣ дошт. Ҳукумати шӯравӣ барои ҳифзи Ватан ва барои ҳифзи тартиби давлатдории сотсиалистӣ талафотҳойи ҷониву молии ҳангуфте дод, вале аз ҷанг заифу нотавон не, балки бардаму тавоно берун омад. Ин ҳукумат ҳукумати коргару деҳқон, ҳукумати халқ буд, ва коргару деҳқон, халқи авом ин ҳукуматро дӯст медошт, – пояш луч буду говрона бо даст ҷуфт мекард, тухм мепошид, хар надошту бо чиғна банди гандуму алафашро хирманҷову коҳдон меовард, анбори худаш холиву ҳосилро амбори колхоз мебурд; соҳиби рама набуд, аммо хобу роҳатро раво намедид, ки рамаи колхоз серу пур бошад, то дар вақти тӯл аз сад меш ба камаш навад, наваду панҷ барра бигирад; басти кори худашро иҷро мекард, ва вақту қувваашро дареғ намедошт, – боз як басти дигар ба ҷойи он ҷавоне, ки ба фронт рафту барнагашт, сари дастгоҳҳойи зовуду фабрик истода маҳсулот мебаровард; коҳиливу танбалиро, ки дар вуҷуди ҳар як инсон ҳаст, бо азми ирода аз худ дур меронд ва илова ба вазифааш, бо як мошин не, бо ду мошин ришта мересид, матоъ мебофт, мӯза медӯхт, оҳану пӯлод мегудохт, ангишт меканд…Ва ҳамаи ин фидокориҳоро хушу хурсандона, бо шавқ ва бо ихтиёри худ мекард, ки ҳукумати мо ҳукумати коргару деҳқон аст ва коргару деҳқон ҳар коре, ки мекунад, барои ободиву осоиши худаш мекунад, ихтиёрӣ ва аз худ дониста мекунад, ки озод аст, баробарҳуқуқ аст, ҳеҷ кас аз ҳеҷ каси дигар каму зиёд нест, хоҷаву хизматгор гуфтанӣ фаҳмишҳову одатҳо, ҳамроҳи феодализму капитализм, решакану хоки туроб шудааст.

Ва ҳукумати шӯравӣ бо тамоми қудраташ, – бо карору қонун, бо сипоҳу силоҳ, бо сиёсату раёсат, бо илму адаб, бо

китобу мактаб, бо ташвиқу тарғиб, манфиати коргару деҳқонро ҳимоя мекард, шаъну шарафи коргару деҳқонро таъмин менамуд, ғами ҳифзи сиҳат ва хонаву дар ва ҷойи кори коргару деҳқонро мехӯрд. Ва матоъе мебофт мебоист бадошт бошад ва мӯзае медӯхт, бояд, ки дар як-якуним сол намедарид, ва табар вазне дошт, ки кундаро мекафонду мӯҳрааш намешикаст, ва трактор даҳ– понздаҳ сол кор мекарду баъд ба таъмир мерафт...

Ҳукумати камбағалон буд ҳокимияти шӯравӣ, ва мақсади сиёсати давлатдориаш чунон буд, ки камбағали пешина, имрӯзу фардо дигар камбағал набошад, ва бечораҳое, ки аз дасти ситамкорону ҷабри фалак ба дод омаданду сурудҳойи шикоятӣ мехонанд, минбаъд бидонанду бикунанд, ки ситамкашӣ аз ҷаҳолати худашон аст, ва ҷабру зулмро худашон бо дасти худ аз сарашон дафъ бикунанд, ва сурудҳойи шодмониву сурурбахш бисароянд.

Ва ҳар андозе, ки давлат аз халқ мегирифт, барои эҳтиёҷи халқ сарф мекард, – кӯчаҳойи дар тобистон пурхоку дар зимистон пурлойи шаҳрҳо сангфарш ва ё мумфарш мешуд; пайраҳаҳойи танги харгузар ба роҳҳойи васеъи мошингузар табдил меёфт, ба ҷойи ҷувоз зовуди равған, ба ивази осиё комбинати орд, ба ҷойи хумдон заводи хишт, ба ивази чарху дук фабрикаи ресандагӣ сохт; барои кӯдакон боғча, барои бачаҳо мактаб, барои ҷавонон донишгоҳ, барои омма китобхона месохту мекушод; касбу кор ҳисобу китоби пешакӣ дошт, ки дар куҷо, ба кадом ихтисос, чанд нафар мутахассис даркор, ва мутахассисро мехононду мефиристонид ва ӯ мерафт ва ба кадом ҷое, ки равад,ҷойи кор ва ҷойи хобаш тайёр буд; орду равғану намаку гӯгирду собунро оварда дар ҳар гузари шаҳр ва дар ҳар як деҳа, дар магазин муҳайё нигоҳ медошт; аз Душанбе ин тараф то Ашт, он тараф то Панҷ, ин тараф то Ҷиргатол, он тараф то Мурғоб, ҳар рӯз як бор-ду бор самолиёт мепарид...

Ва афсонаҳо ранги воқеъӣ мегирифтанд.

Ва орзуҳойи дерина ба амал меомад.

Ва сотсиализм зина ба зина сӯйи коммунизм мерафт.

Ва ғояи коммунизм ҳамон ормонҳойи куҳнаи Инсоният буд, ки аз замони ҳазрати Одам то ба ҳоли ҳозир вуҷуд дошт, – дар афсонаҳойи ширин, дар достонҳойи адибони хаёлпараст, дар чаҳор китобе, ки аз осмон фуруд омадааст, – Таврот, Инҷил, Забур, Қуръон ва дар андешаҳойи инсондӯстии олимон. Вуҷуд дошт дар сухан, дар забони воизон, дар саҳифаи китобҳо, ки фарзанди Инсон озод аст, ҷабри як инсон ба инсони дигар гуноҳ асту азоб дорад, ва ҳамаи онҳо дар ҳаёт ҳаққу ҳуқуқи баробар доранд ва ҳамаашон ба якдигар бародару хоҳаранд, ва биноан дар ҷомеъае зисту зиндагонӣ бикунанд, ки золиму мазлум, забардасту зердаст, серу гурусна, пӯшидаву луч, надошта бошад. Ва мегуфтанду менавиштанд, вале дар амал чунин ҷомеаро касе дар ягон гӯшаи дунё надидаасту намедид, ва то ғалабаи тартиби давлатдории сотсиалистӣ рӯзгор чунин буд; ва акнун чиҳил солу панҷоҳ сол шуд, ки коргару деҳқон ҳамон ҷомеъаи ормониро месохт, ва ҳизби коммунистӣ роҳбарӣ мекард; ва коммунист намунаи Одами комил ба ҳисоб мерафт, ва бо рафтори худу кирдори худ нишон медод ва ба исбот мерасонд, ки халқҳои ҷаҳон имкон доранд озоду ободу хушу хурраму ёру бародар умр ба сар баранд.

Ва худнамоиву худхоҳиву кибру ғуруру нони муфт хӯрдан ба коммунист раво нест, ва ӯ намунаи ибрат аст барои дигарон дар лафзи ҳалол ва ахлоқи ҳалол ва кори ҳалол ва луқмаи ҳалол. Ва агар чунин хислатҳову чунин сифатҳоро надорад, вай коммунист нест.

Ва Назар Ҳакимовро, ки вазири саноати сабук буд, дар маҷлиси ҳизб ба тахта рост монда, пурсиданду ҷавоб гирифтанду қарор бароварданд, ки дар идораҳойи тобеъи вазораташ фақат хешу табор ва ёру ҷӯраи худашро роҳбар мондааст, ва лаёқати кадрҳоро, ки айни адолат аст, сарфи назар кардаст, ва лоиқи номи коммунист нест, ва аз сафи ҳизб хориҷ шавад ва минбаъд ба корҳойи роҳбарӣ ҳақ надорад; ва Барот Нуриевро, ки директори мактаб-интернат буд, ва бачаҳоро дар рӯзҳойи истироҳат ба хонааш бурда, дар сохмони иморат ва ободии ҳавлиаш кор фармудааст, ба

райком оварда, билети ҳизбиашро кашида гирифтанд, ва аъмолашро ҳавола ба суд карданд; ва барои он ки маблағи сохтмони клубу кинотеатрро котиби якуми кумитаи марказии ҳизби вилоят ба сохтмони бинои маъмурӣ истифода бурдаст, ӯро аз мансаб сабукдӯш карданд ва ба як райони дурдаст фиристониданд; ва Карими бригадирро як сол аз озодӣ маҳрум намуданд, ки ҳар рӯз аз зовуди орд як киса орд медуздидааст; ва сардухтури табобатхонаро танбеҳи сахт доданд ва дар дафтари аъмолаш навиштанд, ки ба як бемор сари вақт ёрии тиббӣ нарасонидааст; ва…

Ва овозаи адолати ҳукумати шӯравӣ ба гӯши мардуми ҷаҳон мерасид ва мешуниданду ҳавасашон меомад.

Ва бинобар он ки капитализм қади аҷалаш аз коммунизм метарсид, ва таблиғу ташвиқ мекард, ки «коммунизм вабойи асри бист аст», ва бо мақсади ростро дурӯғ нишон додан, ҳамон барномаеро, ки баъди Ҷанги Дуйуми Ҷаҳон қабул кард, ва он барнома байни худи капиталистҳо ошкор, вале барои Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳамфикронаш пинҳонӣ буд, бо «ҳамаи тилло ва кулли иқтидори моддӣ» ба кор даровард ва ба муомилот баровард, то ки одамонро «гӯл задану аҳмақ кардан» ҳарчи зудтар натиҷае бидиҳад; ва «баъзе касоне, ки» асли ин нияти фоҷиаборро фаҳманд, ва ё пайхас раванд, аввалан, ин хел одамон хеле кам ёфт мешаванд, ва баъдан мо «ин гуна касонро хандахариш мегардонем, роҳи ба онҳо бӯҳтон заданро меёбем ва партовҳойи ҷамъият эълонашон мекунем». Ва марказҳойи илмӣ, ситодҳойи ҷосусӣ ва чопхонаву шабакаҳойи радио таъсис доданд ва ҳамаи ин муассисаҳо меомӯхтанду таҳлил мекарданду тарғиб менамуданд, ки ғояҳои коммунистӣ арзише надорад, як хаёли ботилест ва рӯзгори одамро тангу тира мегардонад.

Ва ин ташвиқоти зоҳиран ғамхорона, вале дар асл бадхоҳона, ба тадриҷ, пинҳону ошкор, ба СССР роҳ меёфт.

Ва Муродгул дар анҷумани комсомол, аз минбар, зимни сухангӯйӣ, мисол овард:

– Дур наравем, гирем райони Ҳисорро. Ободтарин вилоя-

ти аморати Бухоро гуфтаанд сайёҳон. Ин вилояти обод дар чӣ ҳоле буд? Обҳойи дарёҳойи Варзоб, Хонақо ва Қаратоғ, аз тангноҳойи дараҳойи кӯҳистон берун, ки мебаромад, дар поён, дар ҳамвориҳо ба шоху шохчаҳойи бисёре тақсим мешуд, паҳну парешон мешуд, ва ҷару ҷӯ меканд, кӯлмаку кӯлчаҳо ба вуҷуд меомад. Замин лойу пурнам мешуд. Сияҳбеду газу най мерӯид. Соҳили рости дарёи Варзоб, аз Буни Ҳисорак, то резишгоҳаш ба дарёи Кофарниҳон, буттазор андаруни ботлоқ буд. Роҳи гузар надошт. Ҳаво ҳам роҳи гузар намеёфт. Об мегандид, лой бӯй мегирифт, парандаву хазандаву ҳашарот замину замонро зер мекард. Нами заминҳойи шолӣ ба он илова мегардид. Оби касиф, ҳавойи касиф, хоки касиф, одамонро ба саду як дарду мариз гирифтор мекард. Табларза ва ҷоғар хонаи мардум, бадани мардумро гӯё иҷора гирифта буд. Тобистон одамон орзу мекарданд, ки ба ягон ҷойи хушобу ҳаво гурезанд. Ҳоким, ба аҳли аёлашу рикобаш, ба Қаратоғ, ё Душанбе мегурехт.

Имрӯз дарёҳо маҷройи аниқ доранд, ботлоқу буттазор нест, табларзаву ҷоғар аз байн рафт. Кишт шуд, боғ шуд, бӯстон шуд. Одамони калонсолу миёнсол чунин манзараҳоро дидаанд, чунин корҳоро кардаанд. Онҳо фарқи дирӯзу имрӯзро мебинанд, медонанд, ба қадраш мерасанд, ба ҳар гуна дасисаҳо фирефта намешаванд. Аммо ҷавонон гапи дигар. Инҳо, ки надидаанду накардаанд, фиреб доданашон осонтар.

Ман барои шумоён як мисоли ҷузъӣ овардам. Мисолҳойи куллиаш ба раводиди худатон. Харитаи Тоҷикистонро бигиред, дирӯзу имрӯзашро бубинед, муқоиса бикунед, хулоса бибароред. Хулоса бароред, ки матбуоти буржуазӣ дар ҳаққи ватани мову мардуми мо чиҳо мегӯянд, ва дар воқеъ сиёсати ватани мову зиндагии мардуми мо чӣ рангу бӯе дорад.

Ва замон нав шуда буд, макон нав шуда буд, ва одам ҳам бояд нав мешуд; ва ба тарбияи одами нав ташкилотҳойи нав – октябрятҳо, пионерон, комсомолон ва иттифоқи касаба, ва иттифоқҳойи нависандагону рассомону

оҳангбандону киносозон машғул буданд. Албатта, бо сарварии кумитаи марказии ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ ва бюройи сиёсии он. Ва одами нав, бино ба ният, одаме ба воя расондан зарурат дошт, ки мушкилиҳоро осон карда тавонад; аз гуфтани сухани ҳақ дар ҳеҷ ҷой, аз ҳеҷ кас натарсад; манфиати ҷамъиятро болотар аз фойдаи шахсӣ донад; ба тақдири дигарон бетарафу бепарво набошад; ба камбудиҳо муросо накунад…

Ва Нарзулло Раҷабов дастпарвари ҳамин мактаб буд. Дар идораи рӯзнома кор мекард. Баъди панҷ соли мухбирӣ, як ҳафта пеш, мудири шӯъбаи маданияту маишат таъин карданд. Ва ӯ се рӯз аст, ки ғалладонҳойи мизро баровarda, қоғазҳойи бетартибро як-як дида, ба тартиб меоварd – даркорашро ҷудо карда мегирифт ва нодаркорашро даронида мепартофт.

Ва аз байни он ғарами қоғаз як баста мактуб ёфт, ки ҳамааш аз шаҳру району деҳаҳойи Ҷумҳурии Ӯзбакистон омадааст, – аз Соктаре, аз Шофирком, аз Афшана, аз Намангону Фарғонаву Чирчиқ, ва дар солҳойи гуногун омадааст, – баъзеяш чор сол пеш, баъзеяш ду сол пеш, баъзеяш ҳамин сол. Мактуби бисёре, аммо ҳамааш ба як мазмун, – кӯдакони тоҷикро бе пурсиш дар ҳуҷҷатҳо ӯзбак менависанд; мактабҳойи тоҷикиро мебанданд; тоҷикон аз тарси он ки фарзандонашон ба мактабҳойи олӣ дохил шуда наметавонанд, онҳоро ба мактаби ӯзбакӣ мебаранд.

Ва Нарзулло дар асоси ҳамаи он мактубҳо як мақола навишт ва номи шаҳру району деҳаро овард ва номи соҳибони мактубҳоро зикр кард ва бурда ба дасти муҳаррири рӯзнома дод. Муҳаррир як моҳ хомӯш гашт, ва баъди як моҳ ӯро ба идорааш ҷеғ зад:

– Сафири пешинаи Англия дар Ӯзбакистон як рисола навиштааст. Як бобаш дар бобати тоҷиконе, ки имрӯз дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбакистон ҳастанд. Ҳавай таҳлил кардаасту хулоса баровардааст, ки дар шароити сиёсии имрӯзаи ҷаҳон, тақдири тоҷикони Ӯзбакистон ба дасти худашон, фақат ба дасти худашон. Ту ҳам ба корҳойи

онҳо дахолат накун. Худҳошон ҳисобашонро меёбанд.

Ва сейфи калонашро кушоду мақоларо дарунаш монду қуфл кард.

Ва Нарзулло чанд рӯз ангу гаранг ба андеша рафт, ва дилаш тоқат накард, ва ин дафъа мазмуни мактубҳоро мухтасар бо услуби мурочиат навишт, ва назди вазири маориф бурд, бо умеде ки мактабу мактаббача бевосита ба ӯ дахл дорад; ва вазир мурочиатномаро хонд ва вараққоро баргардонида ба дасти Нарзулло дод:

– Понздаҳ чумҳурӣ ба ҳукми понздаҳ бародаранд. Мо ҳама як оилаи калон ҳастем. Вазифаи мо дӯстиро тарғиб кардан, дӯстиро мустаҳкам кардан аст, на низоъандозӣ. Аз пайи ин хел корҳо нагардед. Дӯстии халқҳоро вайрон накунед. Ба фойдаи халқ кор кунед, на ба зарараш.

– Онҳо миллати як халқро дигар кунанд, забони як халқро дигар кунанд, ин ҳама ба фойдаи дӯстии халқҳо, дӯстии халқҳоро мустаҳкам мекунад. Мо гӯем, ки дар ҳуччатҳо миллатамонро дуруст нависед, дар мактабҳо бачаҳо бо забони модариашон дарс хонанд, ба зарари дӯстии халқҳо, дӯстии халқҳоро вайрон мекунад. Мантиқ дорад?!

– Дорад! Онҳо кунанд, мо намекунем!

Ва Нарзулло пеши худ қарор дод, ки ба кумитаи бехатарӣ меравад ва маслиҳат мепурсад, ки ин мактубҳойи шикоятиро кучо барад, ба кӣ нишон диҳад, оё идорае ва ё маъмуре ҳаст, ки шикояти ин мардумро тафтиш бикунаду мададе бирасонад; ва дар он чо маслиҳат доданд, ки ба вазири корҳойи хоричӣ мурочиат карданаш мумкин, вале беҳтараш сари худу сари дигаронро гаранг карда нагардад, аз баҳри чунин талошҳойе, ки дарунаш фитна дорад, барояд, ба фаромӯшӣ супорад, ҳам ба худаш нағз мешавад ва ҳам ба дигарон.

Бо вучуди чунин маслиҳати оқилона Нарзулло, ба умеди ягон натича гирифтан ва арзу доди чабрдидагонро ба гӯши додрасе расонидан, ба вазорати корҳойи хоричӣ рафт. Дар ҳамон чо донист, ки Точикистон вазорати хоси

корҳойи хориҷӣ надоштааст, пас вазир ҳам надорад ва иҷройи ин вазифа ба ӯҳдаи раиси шӯройи вазирон будааст. Ва Раис қоғазҳойи бурдагии Нарзуллоро нагирифту нахонд, фақат даҳонӣ пурсид ва шарҳи даҳонии ӯро гӯш кард ва даҳонӣ ҷавоб дод:

– Мо агар ба арзҳойи майда-чуйда машғул шавем, масъалаҳойи муҳим зарари куллӣ мебинанд. Бухусус дӯстии халқҳо. Ба шумо ҳам маслиҳат ҳамин ки дӯстии халқҳоро эҳтиром бикунед. Сахт пос доред.

Ва Нарзулло ҳайратзада ва мулзам монд; ва аз ҳамон рӯз то ба ҳоло, гоҳо дар дил, гоҳо бо овози баланд, такрор мекунад:

– Рост гуфтааст Азизмуроди Рӯзимурод. Ҷони гапро гуфтааст, ки «хислати мардумро дигар кардан даркор». Дигар кардан даркор!

Ва ду рӯз пас ӯро аз вазифаи мудири шӯъба озод карданд, ва аз редаксияи рӯзнома ба типография гузарониданд, ки ғалатгир шуда кор кунад, ва таҷрибаи кори матбуотро омӯзад.

## 9

Ҳукумати Шӯравӣ ва Иттиҳоди Шӯравӣ бино ба нақшаи пешакӣ кор мекард, – барои панҷ сол нақша мекашид, ки дар куҷо, кадом соҳаҳойи ҳаётан муҳими маданӣ, саноатӣ ва деҳқонӣ, ва ҳарбӣ, алҳол аз талаби вақт ақиб мондасту эҳтиёҷи мардум ва давлатро қонеъ карда наметавонад, ва дар куҷо, дар кадом мӯҳлат, кадом корҳоро иҷро кардан зарур ва ҳатмист, то ки рӯзгори халқ ва иқтидори мамлакат, аз дирӯза дида имрӯз, ва нисбат ба имрӯз дар фардо, боз ҳам беҳтар, осудатар ва бақувваттар бишавад.

Ва дар охири ҳар як панҷсола анҷуман барпо мешуд, ва ҳисобот медоданд, ва нақшаи навро тасдиқ мекарданд боз барои панҷ соли дигар.

Ва ба пешқадамҳо унвонҳову ҷойизаҳову имтиёзҳо медоданд, – орден, медал, байрақи сурхи сайёр, бригадаи

зарбдор, ва ба монанди ҳамин.

Ва дар ҷамъбасти панҷсолаи панҷум Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар байни понздаҳ Ҷумҳурии Сотсиалистии Иттифоқи Шӯравӣ, дар се бобат ҷойи якумро гирифт:

1. Таваллуди кӯдак.
2. Шумораи онҳое, ки маълумоти олӣ доранд.
3. Номгузорӣ ба маҳалҳо.

Ва ба се нафар зан, ки зиёда аз дувоздаҳ фарзанд таваллуд карда буданд, унвони олӣ ва ифтихории Қаҳрамонмодар доданд; ва як нафарашон, ки Шодигул ном дошт, қаҳрамони очерк ҳам шуд, – якбора се очерк дар се рӯзномайи ҳизбу ҳукумат чоп карданд, ва баъд маълум гардид, ки Шодигул аммазодаи райиси шӯройи олӣ будаст, ва ҳамин хел супориш шуда будааст; ва ба қавли муаллифи очерк, падари фарзандон, ба саволи «шумо дар куҷо кор мекунед?» ҷавоб додаст, ки «дар зовуди одамбарорӣ!», вале ин саволу ҷавобро хат задаанд, чоп накарданд.

Ва шумораи одамоне, ки мактабҳойи олиро хатм кардаанд, ба саршумори аҳолӣ ҷамъу тақсим шавад, дар Тоҷикистон на фақат аз дигар ҷумҳуриҳо, балки аз баъзе давлатҳойи пешрафти ҷаҳон, зиёдтар аст; вале роҳбарони ҳизбу ҳукумат бемор шаванд, барои табобат Москов мерафтанд; ва иморате сохтан лозим ояд, аз Ленинград меъмор меоварданд; пажӯҳишгоҳи илми физика, ё химия таъсис бидиҳанд, олимонро аз Русия даъват мекарданд; ва муҳандиси комбинатҳойи орду нону гӯшту ширу равған, ва режиссёрони кинову театрро аз дигар ҷойҳо кофта меёфтанд…

Ва дар номгузорӣ Тоҷикистон умуман дар ҷаҳон собиқа надошт, – шаҳрҳояш бо номи доҳиҳо, районҳояш ба номи аъзоёни бюройи сиёсӣ, колхозу совхозҳояш ба номи доҳиҳо, аъзоёни бюро, командирони зиндаву мурда, адибони сурх, кӯҳҳояш низ инчунин. Ва Дилмурод, писари Муродгул, донишҷӯйи университет, ҳангоми хондани китобҳойи таърих ва ҷуғрофия, ҳамеша ба як савол ҷавоб намеёфт, – пеш аз инқилоб ҳамин замин, ҳамин манзил,

ҳамин маҳал, ҳамин кӯҳҳо, ҳамин пирях буд ё набуд? Агар буд, мардум бо ягон ном ёд мекарданд, ё намекарданд?

Ва дар дигар бобатҳо Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар байни понздаҳ ҷумҳурӣ, ҳатто аз бобати истифодаи об ҳам, ҷойи охиринро гирифт, ва дар ҳамин мавқеъаш устувор меистод.

*26.04.09*

## Дафтари чорум

# ХАРОБ ШУД ОБОДИҲО

1

Ва Идеология комил буд.

Ва идеологҳо, аз сол ба сол, ноқис мешуданд.

Ва кам касе ёфт мешуд, ки ба ғаври ноқисиҳо сарфаҳм биравад, зеро ки алҳол, дар яклухтии яклухтӣ, корҳо ба тавре мерафт, ки барнома ва хости ҳизби коммунист талаб мекард; ва гӯё хурду резаҳо чандон аҳамият надошт, – дар ин шоҳроҳ санги сари роҳ шуда наметавонист.

Ва Муродгул имрӯз, ба мисли ҳама рӯзҳойи се соли кораш дар вазифаи раиси кумитаи иҷроияи вилоят, субҳи барвақт аз хоб хест, ва нонушта кард, ва мӯзаи сариаш лата пӯшид, ва ба мошини «лӯхкабой», ки ҳукумат бо ронанда ба ихтиёри ӯ додаст, ва доим нимободу нимвайрон аст, савор шуд ва ба роҳ даромад. Ва шаб пеш аз хоб хаёлан нақша кашида буд, ки фардо бояд ки ба куҷоҳо биравад ва киҳорову чиҳоро бубинад. Ва аввал рафт ба обанбори шаҳр, ки об аз он ҷо тақсиму таъмин мешуд, ва шикоят омада буд, ки чанд вақт боз дар ду-се гузар об нест; ва тафтиш карду дид, ки обанбор нуқсе надорад, – дарғотҳо бедарзу шикоф ва мурватҳо солим ва оби наҳр мувофиқи меъёр медароямду мебарояд, ва нозирон касби худро медонанд ва лаҳзае аз назорат фориғ нестанд, ва пас сабаб чӣ будааст?

– Сабабаш ба мо маълум нест, – гуфт муҳандис. – Касе шикоят ҳам накардааст.

– Сабабашро кӣ бояд бидонад?! Ман!? Сабабашро маълум бикунед. Корро то ба шикоят нарасонед. Зиндагии мардумро душвор накунед, осон бикунед. Вазифаи мову шумо ҳамин.

Ва аз он ҷо рафт ба МТС[1] ва устоҳойи таъмиргар, ки дар айвони чойхона нишаста қартабозӣ мекарданд, мошинро аз дур, аз каҷгардии роҳи канал, диданд, ва баробар аз ҷояшон бархестанд, – «раис омад, қабрамонро меканад», ва рафтанд тарафи комбайне, ки нисфи кабина ва бордонаш кандагӣ ва асбобҳояш дар замин парешон партофтагӣ буд; ва Муродгул даруни дарвоза аз мошин фуромад ва рост ба назди устоҳо рафт, салом дод, ҳолу аҳвол пурсид, ба се комбайни қатор, ки ҳамааш нимвайрону чангзадаву лойолуд аст, тӯлонӣ нигарист:

– Дер боз ба ин аҳволанд?

– Не, ба наздикӣ оварданд.

– Наздикияш чанд рӯз? Аз куҷоҳо оварданд?

– Инашро аз колхози Карл Маркс оварданд. Се рӯз шуд. Ун дутояш даҳ-дувоздаҳ рӯз боз дар ҳаминҷо. Надонистем, ки аз кадом колхозҳо оварда бошанд.

– Директоратон дар куҷо?

– Бо инженер ба кадом як анбор рафтанд. Баройи асбобҳое, ки иваз кардан даркор.

– Ба вай гӯед, ки шикамаш ғафс шудааст. Оби шикамашро ҷунбонад. Комбайн дар вақти дарав даркор. Дарав тамом шавад, хоҷагиҳо комбайнро ба сарашон мезананд?!

Ва дар зовуди шишабарорӣ директор узр пеш овард, ки автобаза шартномаро риоя намекунад – мошинҳойи самосвале, ки мефиристад, аксар рӯзҳо баъди чошт кор намекунанд. Мегурезанду мераванд. Бинобар ин сангу рег намерасад. Дар вақташ намебиёранд. Маҳсулаш кам. Шишаву бонка ба комбинатҳойи консерву шир аз нақша камтар меравад. Роҳбарони комбинатҳо аз мо домангир. Гӯё қасдан миёни кори онҳоро мешикаста бошем. Ва Муродгул ба директор фаҳмонд, ки «дуруст мекунанд, ки домангир мешаванд. Мошин сари вақт рег овард ё наовард, кори онҳо не, кори шумо. Аз онҳо гила накунед, аз худатон гила бикунед, ки чашми корро намедонед, мушкили коратонро худатон осон карда наметавонед ва бори худро

---

[1] МТС – Машинотракторная станция.

ба гардани дигарҳо мепартоед. Баройи роҳбар, барои коммунист, айб аст ин хел баҳонаҳо». Ва сари роҳи идора ба кӯдакистоне даромад, ки соли гузашта, бо душвориҳо, бо ҷангу ҷанҷол аз ҳисоби ҳукумат сохта буд, ва ин дар вилоят нахустин биное буд, ки махсус барои кӯдакон сохтанд, ва талабгор бисёру ҷо камӣ мекард, ва арзу шикояти падару модарон то ба кумитаи иҷроия меомад, ки маъмурият навбатро риоя намекунад, хешу таборӣ ва ёру ҷӯрагӣ мекунад, ва бепушту паноҳҳо ба куҷо рафтану чӣ илоҷ ёфтанашонро намедонанд; ва мудири кӯдакистон ба раис арзи ҳол кард, ки «имкони фаро гирифтани ҳамаи кӯдакон нест. Ин бино резинӣ нест, ки ман кашида васеъ бикунам. Инро медонам. Лекин ба ҳар падару модаре, ки ҷавоби рад медиҳам, дар назди онҳо худро муттаҳам ҳис мекунам. Гӯё айби ман бошад»; ва Муродгул ӯро тасаллӣ дод, ки «шумо айбе надоред. Айб аз мост. Айби ҳукумат аст, ки талаботи мардумро қонеъ карда наметавонад. Лекин дар ғамаш ҳаст. Ислоҳ мекунад».

Ва дар идора аввал телегрому хатҳойи омадаро хонд ва дар гӯшааш навишт, ки ба кадом шӯъба дахл дорад. Ва баъд ахбори ҷонишинҳо ва мудирони шӯъбаҳоро шунид, ва супоришҳо дод; ва вақти чошт шуд, ва аз ошёнаи саввум ба поён, ба ошёнаи якум фуромад, ва дар ошхона мехост ба курсии мизи нимхолие бинишинад; ҳамон лаҳза пешхизмат дар паҳлӯяш пайдо шуд:

– Раис, шумо боло гузаред, ана даруни хонача.

Ва Муродгул бо сарзаниш ба рӯи ӯ нигарист:

– Одамону мизҳоро дар ошхона ба гурӯҳҳо ҷудо накунед! Ба ҳама як хел муносибату муомила бикунед. Ҳар касе ки биёяд, дар кадом мизу курсии холӣ бошад, шиштан мегирад. Сӣ сол шуд, ки мо бе хоҷаву хизматгор зиндагӣ мекунем. Фаромӯш накунед!

Ва ӯ дар ҳамон курсӣ ҳамроҳи дигарон нишаст.

Ва пас аз тановули чошт ба идорааш баргашт ва як варақ қоғазро ба дасти котиба дод:

– Бо навбат занг занед. Ба ман пайваст кунед.

Ва котиба, бино ба рӯихати ноҳияҳо ва ному насаби

одамон, ки дар варақ буд, занг мезаду бо навбат ба Муродгул мепайваст. Ва раис ба ҷойи даркориву шахси масъул, сӯҳбат мекард, – ва бо раиси кумитаи иҷроияи ноҳияи А. бо таъкид гуфт, ки «бино ба шунидам, дар ноҳияи шумо раисони шӯройи деҳот дастнигари раисони колхоз ва директори совхоз шудаанд. Агар чунин аст, онҳо чӣ будани ҳокимияти шӯройиро нафаҳмидаанд ва намедонанд. Ин кори хурд нест. Гап дар бораи мавқеъ ва обрӯи шӯро меравад. Коре накунед, ки эътибори шӯроҳо коста шавад!»; ва аз раиси суди ноҳияи Б. пурсид, ки «натиҷаи тафтиши кирдори мудири тоҷикматлубот чӣ шуд?» Аз он тараф ҷавоб омад, ки «мурофиа ба фардо монд». Ва аз ин тараф маслиҳат шуд, ки «ба итмом расонед. Қарор ки баровардед, бо шарҳу эзоҳаш дар рӯзнома чоп кунонед. Мардум донанд, ки дузанӣ ва канизак гирифтанҳоро ҳукумати шӯро, кайҳо боз аз беху бунаш сӯхта барҳам додааст»; ва ба директори Кони нав, ки дар ноҳияи В. воқеъ аст, дастур дод, ки «партовҳойи заҳролуди комбинатро минбаъд дар хамгашти дунгии назди рӯди калон гӯр накунед. Аз поёноби он рӯд як водӣ одам об мехӯрад», ва директор бо забони русӣ иддаъо кард, ки «раис, шумо ба корҳойи худатон машғул шавед. Мо ба Москов итоат мекунем»; ва раис ҳушдор дод, ки «медонам, ба Москов итоат мекунед. Лекин ҷойи коратон дар вилояти мо. Обу замини ин вилоятро пок нигоҳ доштан ва саломатии мардумро ҳифз кардан вазифаи мост»; ва аз мудири маорифи ноҳияи Г. пурсид, ки «ҳамон нӯҳ духтаре, ки ба мактаб наомадаанд, сабабаш чӣ будааст?, ва натиҷааш чӣ шуд?»; ва дар охири кор сари роҳи ба хона рафтан, ба як ҳавлии пастаку дудзада даромад, – як тараф ҳарф мечинданд, як тараф саҳифа мебастанд, ғалатгирон аз ин тараф ба он тараф ва аз он тараф ба ин тараф рафтуо доштанд ва мошинҳо тақутуқ рӯзнома чоп мекарданд ва мебуриданд ва мебароварданд ва коргарон мебардоштанду даста мебастанд…, ва раис аз ҳар гурӯҳ пурсид:

– Ҳар саҳар шир медиҳанд?

– Ҳа, медиҳанд.
– Доим!?
– Доим!..

Ва Муродгул ҳаррӯзу ҳамеша, ба ғайр аз рӯзҳои якшанбе, ки рӯзҳои истироҳат аст, бо ҳамин тартиб ва бо ҳамин масъулият ва бо ҳамин хел одоби муколимаву муомила, дар доираи салоҳияти мансабаш, кор мекард; ва чунин кор кардан, дар маҷмӯъ «муносибати коммунистона ба вазифа ва ба заҳмат» ном дошт, ки агар ҳар як коммунист, ҳамчунин рафтор накунад, номи коммунист бар вай ҳаром буд.

Ва дар СССР, дар давлати паҳноваре, ки бисту ду миллиону чорсад ҳазор километри квадратӣ масоҳат ва дусаду ҳафтоду ҳашт миллиону ҳафтсад ҳазор аҳолӣ дошт, ва саду як халқу миллатро фаро гирифта буд, чордаҳ миллион коммунист, бо ҳамин хел донишу биниш ва бо ҳамин хел дилгармиву ғамхорӣ, ва ҳамин хел рӯзро шабу шабро рӯз мекарданд; ва нахустин давлати сотсиалистӣ дар таърихи ҷаҳон, – ба рағми таҷрибаи чандҳазорсолаи рӯзгор, ки «ҷомеъа бе шоҳу гадо набуду намешавад», ва ба рағми даъвойи файласуфон, ки «одам бародари одам нест. Одам гурги одам аст»; ва ба рағми ҳикмати мардумӣ, ки «ту ӯро накушӣ, вай туро мекушад», – аз рӯз ба рӯз, аз моҳ ба моҳ, аз сол ба сол ва аз панҷсола ба панҷсола, мубориза мебурд ва тарғибу татбиқ мекард, ки инсонфиребист ҳамаи он ташвиқоту таҷрибаву андарзҳо, ва нуқсаш дар худи одамон ва дар тарбияи одамон ва дар иззати нафси одамон аст; ва қадам ба қадам, бо кору рафтор ва бо қонуну қарор, дар амал собит мекард, ки агар ҳокимият халқӣ бошад, ва агар ҳукумат меросӣ неву интихобӣ бошад, ва агар мафкураи куҳнаи куҳнаро, ки истисмори одам аз тарафи одамро азаливу абадӣ медонад, барҳам шикаста мафкураи нав ҷойгири он бишавад, ки як одам ҳақ надорад, ки як одами дигарро ба фойдаи шахсии худаш кор бифармояд, фарқи шоҳу гадо аз байн бардошта ва ҷомеъа бе шоҳу гадо мешавад ва ҳамаи одамон як хел озод ва дар рӯзгору дар ҷомеъа ҳақу ҳуқуқи баробар доштанро ёд мегиранд, ва мебинанду мефаҳманду

медонанд, ки одам гурги одам буданаш шарт нест, балки одам бо одам баробару бародарвор ҳаёт ба сар бурда метавонад, ва гар ту дасти ӯро бигирӣ, вай дасти туро мегирад, чунонки дар мамлакати мо ҳаст.

Ва Раҳими Мӯриву Раҳмони Харбоз, ки бобокалонҳошон, барои навбати об, дар сари ҷӯ, аввал аз инсоф гап кушоданд, ки таъсире надиданд, баъд ба ҷанги даҳониву дӯғу пӯписа гузаштанд, ки мурод ҳосил нашуд, ва ниҳоят гиребонгириву гиребондарӣ карданд, ва бобокалони Раҳим белро бардошту ба сари бобокалони Раҳмон зад, ки аз фарқи сараш хун шорида ба рӯяш фаромад, ва бобокалони Раҳмон ҷаста дастаи белро гирифт ва нисфи гӯши бобокалони Раҳимро газида хакаракашро дар ҷӯй туф кард; ва аз ҳамон замон то ба сари қудрат омадани болшевикон, ин ду авлод бо якдигар даъвойи хун ба хун доштанд ва бо ҳар баҳонаву дар ҳар маврид, ҷангҳову қасосгириашон давом мекард; акнун паҳлу ба паҳлу истода чилу ҳафт гектар кишти пахтаро об медоданд, ва аз як дастархон нон мехӯрданд ва аз як пиёла чой менӯшиданд ва як хел музди заҳмат мегирифтанд ва як хел дар ғаму талош буданд, ки пахта ҳосили хуб диҳад ва нақша сари вақт иҷро бишавад ва дар майдони коре, ки ба манфиати ҷомеъа ҳаст, рӯсурху сарбаланд бошанд. Ва мусулмону насрониву яҳуду бутпарасту говпарасту сагпараст, ки собиқан сояи якдигарро аз девор метарошиданд ва салом додан ба якдигарро ор медонистанд, алҳол дар Сибиру Назди Балтику Фарокавказу Қрим ва Украинаву дили Русияву хоки Осиёи Миёна, дар зовуду фабрик ва конҳойи ангишту нуқраву тиллову уран ва дар заминҳойи серҳосилу камҳосил ва дар кушодани роҳҳои оҳану обиву заминӣ ва дар кандани наҳрҳойи даҳкилометраву садкилометра ва обшор гардонидани биёбонҳойи хушк, дастбадасту зарбдор кор мекарданд, ва касе аз касе ҳазар надошт, ва таҳқире нафаре ба нафаре бирасонад, боиси мазаммат мешуд ва «ҳайфи ту!» мегуфтанд ва ҷазо медоданд, ки «одамон дар давлати шӯройӣ ҳама баробаранд!»

Ва Аҳмади Ятим дигар ятимчаи таги дари касе набуд,

ӯро давлат сарпарастӣ мекард, ва ӯ акнун нони худро хӯрда миннати хӯҷаинро намешунид; ва мактабу китобу дафтар ва ҷойи хобу сару либосу хӯрду хӯрокаш ба тартибе буд, ки падардорон дида ҳавасашон мерафт ва ҳатто ҳасад ҳам мебурданд; ва Раҳмати кӯдак медонист, ки ҳафтсола шавад, ба мактаб меравад, мактаби ибтидоиро тамом бикунад, ба мактаби миёна медарояд ва баъд дар мактабҳойи олӣ мехонад ва муносиби касби омӯхтааш ӯро мефиристонанд ба ҷое барои коре, ва дар он ҷо ба вай хона медиҳанду ғами рӯзгорашро мехӯранд, ва… Ва дар бозору кӯчаҳо гадову талабандае набуд, ва нафаре дар кӯчаҳо хамёзакашон бекор гардад, аз дасташ дошта ва ё аз гиребонаш гирифта, ба ҷавобгарӣ мекашиданд, ки «чаро аз кор гурехтӣ?!»

Ва ҳукумат, аз Масков то ба Душанбе ва аз Душанбе то ба Мурғоб, ҳар коре, ки мекард, барои осудаву серу пур зистани кулли мардум мекард; ва тартибу талабот чунин буд, ки асбоби рӯзгор ва хӯрданиву пӯшидании Инсон худ ба худ аз ҳавойу ҳавасу хаёл муҳайё намешавад, ҳар як одам рӯзгорашро бо ақлу дасти худаш обод нигоҳ медорад, ки тақозойи заҳмати ҳаррӯза ва доимӣ дорад; ва дар ҷомеаи сотсиалистӣ ба бекорону муфтхӯрон ҷой нест:

– Дар ҳар ҷойе бекору муфтхӯреро бубинед, аз гиребонаш дошта ба даруни кори ҷамъиятӣ бибаред. Агар гардан нафурорад, се лағат ба дунбааш занеду ради маъракааш бикунед.

Ва шарту зарур аст, ки ягон бачаву духтари ҳафтсола аз мактаб берун намонад, ва ҳеҷ касе ҳақу ҳуқуқ надорад, ки аз заҳмати ноболиғон истифода бибарад; ва мактаб макони таълиму тарбияи Одами нав, Одами даврони сотсиалистӣ, Одамест, ки манфиати ҷамъияту давлатро аз манфиати шахсу ойла беҳтару болотар медонаду мешиносад, ва агар чунин нест, вай Одами нав нест, Одами даврони сотсиалистӣ нест, Одаме нест, ки коммунизм бисозад.

Ва чунин Одам бо усули куҳна ба воя намерасад, – аз усулҳо ва фаҳмишҳойи куҳна, яку якбора ва доимӣ, даст бояд кашид ва маҳкум бояд кард; ва дар мактаб ра-

вияҳойи ҳаётбезорӣ, гӯшанишинӣ ва бечорагиро омӯхтану омӯзонидан раво нест, ва нашру паҳн кардани чунин китобҳо қатъан манъ аст; ва Одаме тарбият кардан зарурат дорад, ки дар рӯзгор ба умеди кадом як қувваи фавқултабиат набошад, ва аз тақдир нанолад, ва ба сеҳру ҷоду, ба фолбину пешгӯ ва ба ҳар гуна куфу суф ва аласу тӯмор, бовар накунад ва эътиқод набандад; вай дар рӯзгор, фақат ва фақат умед аз ақлу фаросат ва дасту пойи худ бикунад,ва донад, ки тақдири Инсон ба дасти худи Инсон аст, дигар ҳама гапҳо бофтаву дурӯғу фиребанд, ва ноқисии ақлу танбалии танро, зери пардаи ҳаргуна хаёлу хурофот, пинҳон доштан мехоҳанд.

Ва Муродгул як сарояндаро, ки ҳар рӯз ду бор, – сари субҳ ва нисфи рӯз, – аз радио ва шабҳо дар хатнасуру ақди никоҳ, дар ҳавливу тарабхонаҳо суруд мехонд, ва аз ин бобат хеле машҳур буд, ба идорааш даъват кард:

– Шумо ҳар шабу рӯз, аз радиову маъракаҳо, ба гӯши мардум мехонед ва нола мекунед, ки «назди номард хорам накун, мӯҳтоҷам накун!», аз кӣ мадад мепурсед, ба умеди дастгирии кӣ ҳастед? Аз дасти кӣ, назди кадом номард, хор шудед? Кӣ шуморо ба киву ба чӣ мӯҳтоҷ кард? Кӣ бояд шуморо аз ин залолатҳо халос бикунад? Мухотабатон кист?

– Ман ҳамту мехонам. Дигар тарафҳояшро фикр накардаам.

– Минбаъд, ҳамту нахонед. Минбаъд, фикр карда хонед. Минбаъд, донистанатон шарт аст, ки ҳукумати шӯройӣ Одами дастнигар не, Одами дастболо тарбия мекунад. Одаме, ки қадри Одам буданашро медонад. Ба қадри худ мерасад. Қадри худро медонад. Ҳимоя карда метавонад қадрашро. Медонад, агар надонад, ёд бояд дод, ки «ту эҳтиёҷатро ба дасти худат барор. Ба умеди каси дигар нашав. Эҳтиёҷ назди номарде набар, тамаъ накун, тамаллуқ назан, олам гулистон, хор ҳам намешавӣ! Коратро худат ки кардӣ, мӯҳтоҷи каси дигаре нестӣ. Осону арзон. Ба муроҷиату шикояту нолиш, на ҷой ҳаст ва на зарурат. Ба гӯши мардум ҳамин ҳадафҳоро расонидан лозим. Ва-

зифаи мову шумо ҳамин.

Ва академик Ҳикматов Солеҳ Ҳукуматович, ки исми аслиаш Худобандаи Худойдод ибни Муҳаммадсолеҳ буд, ва ҳангоми аъзойи ҳизби коммунистӣ шудан, бино ба хости сиёсати нав ва ҳамқадами ҳаёт будан, номашро дигар кард, ва дар университети навтаъсис аз илми фалсафа дарс медод, ба донишҷӯёни соли саввуми факултаҳойи таърих ва филология ва ҷуғрофия, ки дар як толори калон ғун омадаанд, аз мавзӯи «форматсияҳойи ҷамъияти инсонӣ» ваъз гуфт; ва шарҳу эзоҳ дод, ки пешрафти ҷомеъа ба асбоби истеҳсол ва тарзи истеҳсол ва усули заҳмат ва ҳосили заҳмат вобаста аст, ва бино ба ҳамин асбобҳову ҳамин муносибатҳо, зина ба зина тағйир меёбад ва ин тағйироти доимӣ ва ногузир буду ҳаст; ва мо медонем, ки ҳамин роҳу равиш инсониятро аз даврони ибтидойӣ баровард ва ба замони феодалӣ овард, ва феодализм рушд карда, ба муносибатҳойи капиталистӣ расид, ва империализм авҷи аълойи капитализм аст, ки бешаку шубҳа, ба сотсиализм роҳ мекушояд, ва интиҳо коммунизм фаро мерасад, ки саодати фарзанди Одамро дар рӯйи замин таъмин менамояд. Ва Одам, бори аввал дар таъриху тамаддун, озод аз ҳамагуна фишорҳойи осмониву заминӣ ва рӯҳиву ҷисмонӣ, зиндагӣ ва кор карданро ёд мегирад; ва агар дар ҳама давру замонҳойи гузашта, бо фаҳмишу донише рӯзгор ба сар мебурд, ки «замона бо ту насозад, ту бо замона бисоз!», минбаъд мегӯяд, ки «Не! Ин роҳи дуруст нест!», ва бо фаҳмишу бинишу донише умр ба сар мебарад, ки «Замона бо ту насозад, ту замонаи дигар соз!» Ва созиш накун ба беадолатиҳо, бо зулм, бо ҷабр муросо накун ба ҳоле, ки шаъну шарафи туро зери по карданист, ҳақир мабош ва худро паст магир! Ва даъвати «Шаҳри якчашма равӣ, якчашма шав»-ро таҳқир ба рисолати Одамият бидон, ва берун андоз аз саҳифаи китобҳо. Ва дур парто аз муомилаву муколама; ва ливо бибардор, ки «Шаҳри якчашма равӣ, чашми дигарашро бино бикун!»

Ва дар воқеъ чунин буд таблиғу ташвиқ ва азму талош ва кору бор, – замонаи нав месохтанд, ва танбалро фаъолу

коргурезро кордӯст, ва тарсуро далеру беорро баномус, ва нодонро донову кӯрро бино, ва беинсофро боинсофу дуздро солеҳ, ва дурӯғгӯро ростгӯйу порахӯрро ҳалолхӯр кардан мехостанд.

Ва ҳукумати шӯройӣ адолати иҷтимоӣ ва сиёсиро дар мулкаш сахт пуштибонӣ ва ҳалол риоя мекард, – ба сарвазир ва прокурор ва деҳқони хокпош, як хел, як андоза, замин дод, на каму зиёд; ва дар меъмориву иморат кардан ҳамагуна зебу ороишу дабдаба, аз қабили шаҳсутунҳойи қатор ва тоқу тоқчаҳойи бисёр ва гунбазҳойу равоқро барҳам дод, ки худнамойии сарватмандони муфтхӯр аст, ва одамонро ҷудо мекунад ба хосу ом, ба дорову нодорам, ва умуман дар рӯзгори мардум як чизи зиёдатии нодаркор, ки ба дарди коргару деҳқон намехӯрад, ва боқимондаи тафаккури феодаливу капиталистист; ва хонаҳо месохтанд арзонбаҳову бисёр, то ки ҳама соҳиби манзил бишавад; ва ҳар як корхона ташкилоти иттифоқи касаба дошт, ки ҳуқуқи коргаронашро ҳимоя мекард. Ва аз рӯзи нахусти ба кор омаданаш, дар навбат мемонд ва навбаташ ки расид, хона медод мутобиқ ба аҳли оилааш, – танҳо бошад, як хона ва фарзанддор бошад, ду хонаву сехонаву…

Ва ҳангоме ки дар Осиёи Миёна ба номи ҳар як миллат як давлати алоҳида сохтанд, ба Тоҷикистон фақат деҳаҳоро доданд, аз шаҳрҳояш ақалан якто ҳам надоданд; ва тоҷикон чандин маҷлис оростанд ва чанд моҳ баҳс карданд ва оқибат қарор бароварданд, ки «аз деҳаи Душанбе шаҳр месозем, Душанберо пойтахт мекунем, ва, ба кӯрии камбинону бадхоҳон, Сталинобод ном мегузорем, ки онҳо ҳасад бурдаву сӯхта гарданд».. Ва аз шаҳри Самарқанд Олим оварданду Президенти академияи илмҳо таъин карданд, ва аз шаҳри Бухоро устодони «Шашмақом»-ро даъват карданд ва хонаву ҷо доданд ва оҳангҳои мақомҳоро сабт намуданд, ва …

Ва пахтаро мошин мечинд ва Файзӣ Мухторов, ки дар ҷумҳурӣ, бо комбайн, аз ҳама зиёд пахта чинд, мукофоти олии СССР, унвони Қаҳрамони кори сотсиалистиро гирифт, ва имтиёз доданд, ки метавонад бо пули худаш, бе-

навбат, мошини сабукрави «Волга» бихарад; ва ба Хосият Ашӯрова ордени Ленин ва роҳхат ба Москов, ба Намоишгоҳи дастовардҳойи хоҷагии халқ доданд, ки аз ҳар сар модагов сесаду чил литр шир дӯшидааст.

Ва дар Мурғоб подабонеро қутос шох зада гӯшти лингашро даронид, ва хабар, ки ба вазорати тандурустӣ расид, чархбол фиристода ба Сталинобод оварданд ва табобат карданд.

Ва дар Москов Марди-Ристе, бо оҳанги савол ва андаке бо тамасхур, аз Муродгул пурсид:

– Шумо мардум, ҳаргоҳ сухан аз ҳукумати шӯройӣ равад, бо шавқу завқ мегӯед, ки «дирӯз афсона буд, имрӯз ҳақиқат шуд». Ҳамин гапу ҳамин сипосгузорӣ чӣ маъно дорад?

Онҳо, Муродгул аз Тоҷикистон ва Марди-Ристе аз Эстония, вакили съезди бистуми ҳизби коммунистии иттиҳоди шӯравӣ буданд, ва ин ҳизб ба мартабае расида буд, ки номашро бо ҳарфҳои калон ва номи дигар ҳизбҳойи коммунистии ҷаҳонро бо ҳарфҳои хурд менавиштанд; ва дар толори калони Кремл, ки аз тамоми давлатҳойи рӯи замин вакил омада буд, се рӯз боз паҳлӯ ба паҳлӯ менишастанд, ва дар меҳмонхона ҳуҷраҳояшон ҳам паҳлӯ ба паҳлӯ буд, ва гуфтугӯву нишасту хези якҷоя, ки доштанд, дугона шуданд гӯё, ва дар ҳуҷраҳойи якдигар дастархон мекушоданду сӯҳбат мекарданд.

– Дирӯз орзуи ширин буду хаёли рангин, Имрӯз ҳақиқати ҳол шудасту воқеъияти рӯзгор, – ҷавоб дод Муродгул. – Осонашро гирем, панҷоҳ сол пеш бедорфикрони мо орзу доштанд, ки бачаҳо дар мактаб хондану навиштанро баробар ёд гиранд. Медонед, оқибаташ чӣ шуд? Муқобилон чунон ба шӯр омаданд, ки тарафдорони ин ақидаро саркӯбу бадарға карданд. Имрӯз дар мактаб, на фақат хондану навиштан, балки илмҳойи чорамал, ҷуғрофия, таърих, физика, химия ва ғайраро ёд медиҳанд. Дирӯз фозилони мо орзу мекарданд, ки як рӯзнома ба забони модариашон нашр шавад. Имрӯз панҷ рӯзнома ва се маҷалла нашр мешавад ва хаткашон хона ба хона бурда медиҳад. Дирӯз занҳо аз афсо-

нагӯйҳо мешуниданд, ки дар як макон, дар як замон, зану мард баробарҳуқуқанд. Занҳо озодона дар кӯчаву бозор бо рӯйи кушода мегарданд. Имрӯз чунин озодиро мебинанд дар сари ҳар қадам. Дирӯз пуле месохтанд вақти кам шудани оби рӯд. Вақти обхез он пулро меканду мебурд. То гузаштани мавсими обхезӣ аз ин тарафи рӯд ба он тарафи рӯд роҳ набуд. Имрӯз пул месозанд баланду мустаҳкам. Чор фасли сол роҳ кушода. Дирӯз…

– Кифоя, Муродгул! Дигар мисол набиёрӣ ҳам мешавад. Ҳамааш маълум шуд.

– Чӣ маълум шуд?!

– Маълум шуд, ки шумо мардуми хеле ҳақир будаед. Нотавон, бечора, ғофил, дунёбехабар. Қаҳрат набиёяд, мардуми танбал, беҳунар. Ҳар чизи хубе, ки доред, худатон бо ақлу дасти худ накардаед. Дигарон кардаанду ба шумоён доданд. Аз қатор мисолҳое, ки овардӣ, яктааш росту дуруст бошад, шумо сад дар сад ҳақ доред, ки аз ҳукумати шӯройӣ, аз замин то осмон, розӣ бошед. Миннатдору сипосгузор бошед. Ҳар қадар ҳамду сано гӯед, боз кам аст. Лекин ҳол дар ватани мо дигар аст. Мо ҳарчи ки дорем, худамон бунёд гузоштаем. Касе чизе ба мо надодааст. Бале, надодаанд. Баракс, аз мо гирифтаанд. Бо ҷабру зулм гирифтаанд. Бино бар ин ҳукумати шӯройӣ, дар назди мо, озодибахшу наҷотбахшу ободгар нест, истилогар аст, ғоратгар аст, ғосиб аст.

– Ту Марди-Ристе, аз муқоисаҳойи ман хулосаҳойи нодуруст баровардӣ. Мардуми мо танбалу беҳунар нестанд. Ман фарқи феодализму сотсиализмро гуфтанӣ будам. Дар асл мо таърихи куҳан ва фарҳанги ғание дорем. Ту ки таърихи моро, шояд, надонӣ ва нахондаӣ, аз асли воқеъа хабар надорӣ ва хулосаҳоят чандон воқеъбинона нестанд. Мо дар таърихи тамаддуни ҷаҳон ҷойгоҳи хосе дорем. Ҳатто бузургони илму фарҳанги Аврупо саҳми олимону адибони моро эътироф кардаанд. Ба онҳо тақлид кардаанд. Аз онҳо ибрат гирифтаанд. Масалан, Ҳуте ва Пушкин…

– Рост мегӯйӣ, Муродгул. Ман таърихи шуморо нахон-

даам, намедонам. Вале гап аз имрӯз меравад. Имрӯз, бо забони худат гуфтӣ, ки ҳолатон чунон будаасту баъди инқилоби октябр чунин шудааст. Пас, хулосаи мантиқӣ он аст, ки ман гуфтам. Он тарафаш ба ҳолу аҳволи ҳозира чандон муҳим нест. Муҳим нест, ки мурдаҳо чӣ корҳо карда будаанд. Муҳим ин аст, ки зиндаҳо чӣ корҳо мекунанд.

Ва дар толори калони Кремл рӯзи панҷум аст, ки вакилон аз минбар ваъз мегуфтанду шиор мепартофтанд, ва ҳозирони толор каф мекӯфтанд, ва радиои СССР ин суханҳоро ва ин кафкӯбиҳоро ба оламиён мешунавонид ва телевизиони СССР ба ҷаҳониён нишон медод; ва дувоздаҳ рӯзи расо шунавониданду нишон доданд, ки ҳар рӯз чаҳор маротиба, – ду бор вақти ба толор даромадани аъзоёни раёсат ва ду бор ҳангоми аз толор баромадани онҳо, – аҳли толор барқад рост мехезанд ва каф мекӯбанд мавҷи ба мавҷ; ва нотиқ соф аз зафарҳо дар мамлакат сухан гӯяд, раёсатнишинон аҳлонаву бо ҳавсала каф ба каф мезананд, ва нотиқ музаффариятҳоро ном бараду мушкилаҳоро ёдовар шавад, толорнишинон бе завқу шавқ кафкӯбӣ мекунанд.

Ва октябрятҳо, пионерони оянда, ва пионерон, комсомолони оянда, ва комсомолон, коммунистони оянда, ки давомдиҳандагони кори бунёдгузорони ҷомеъаи сотсиалистӣ ҳастанд, ва ғалабаи коммунизмро таъмин хоҳанд кард, маҳфилҳову маҷлисҳову конфронсҳо меоростанд, ва қарорҳову дастурҳойи Съездро мехонданд, шарҳу эзоҳ медоданд ва якдилона ӯҳдадорӣ мегирифтанд; «роҳи ҳизб, роҳи мост. Ҳизб фармояд, мо иҷро мекунем! Аз ҳизб гуфтан, аз мо кардан!»

Ва бино ба анъана ва ба тақозои одат, – дар оғоз ва анҷоми ҳар як съезди ҳизб ва дар рӯзҳойи иди инқилоби кабири Октиябр, Соли нав, Ҳаштуми март ва Якуми май, – вожатий пионеронро, ки аслан ҳамаи талабаҳойи мактабро фаро мегирифт, ба майдони саҳн баровард, саф кашонид, ва ба гурӯҳҳо тақсим кард ва гурӯҳҳо бо мусобиқа давиданду ҷаҳиданду дар турник кашидандy вазнбардорӣ

карданд, ва дар анҷом боз саф оростанд, ва вожатий дар рӯ ба рӯйи саф истод ва ба онҳо мурочиат кард:

– Бачаҳойи хушбахт дар ҷаҳон кадом бачаҳоянд?

Пионерон аз як забон:

– Бачаҳойи Иттиҳоди Шӯройӣ!

Вожатий:

– Хушбахттарин мардуми олам кадом мардуманд?

Пионерон бо як забон:

– Мардуми Иттиҳоди Шӯройӣ!

Вожатий:

– Одилтарин давлат кадом давлат аст?

Пионерон бо як овоз:

– Давлати Иттиҳоди Шӯройӣ!

2

Ва Муродгул аз Москов, аз Съезд, хеле рӯҳбаланд ва хеле бардаму бақувват баргашт, – вақтҳойи охир анча рӯҳафтода ва анча хаста шуда буд ва дар сару дар дилаш зуд-зуд ҳаргуна андешаҳойи ногувор чарх мезад, ва хусусан шабҳо ғам мехӯрду азоб мекашид; ва азоб мекашид, ки «одамони дар назар афту андомашон дупадуруст, аз рафтору кирдорҳойи бадашон дар назди мардум, шарм намекунанд, азоб намекашанд».

Ва боре ба районни А. рафт барои ширкат ба машварати фаъолон. Ва дар сари зинаи бинойи ҳукумат, бо котиби якуми ҳизби коммунистии райком, рост истода сӯҳбат мекард; ва фаъолон, яъне мансабдорон, аз ҳар идора мошинсавор меомаданд, ва аз мошинҳо бо савлат мефуромаданд, ва шикамбаву шикамчаҳояшонро пеш бароварда бо виқор то зинапоя мерасиданд, ва аз зинапоя бо ниқоби фурӯтанӣ мебаромаданд, чунки дар боло раиси облисполком истодааст, ва бо тамаллуқ салом медоданд, ва якпаҳлуву нимрӯя дохили бино мешуданд, то ки пушташон ҷониби Раису Котиб набошад. Ва қариб ҳамаашон шикамҳойи дамида доштанд; ва Муродгул ба котиб гуфт:

– Фаъолҳоятон, аксарияташ, ҳомиладор барин.

– Таъомул ҳамин хел шудааст, – ҷавоб дод котиб. –

Андаке шикамаш баромадагӣ набошад, калонзеб нест. Зеби калонигарӣ ҳам даркор, ки ҳурматаш бикунанд.

Муродгул ба шиками Котиб нигоҳ кард:

– Осон будаст обрӯ гирифтан, ҳурмат дидан. Заҳмати омӯхтан даркор не, омӯзондан шарт не, кор кардан дарди сари зиёдатӣ. Хуру нӯш. Шикам мон. Дар оянда аҷаб кадрҳойи кордоне ба воя мерасанд!

Ва ҳар қадаре ки Инқилоби Октябри Кабир дерсолтар шавад, ва ҳар қадаре ки бунёдгузорони тартиботи ҳаёти сотсиалистӣ камтар шаванд, пайгирии ғояҳойи коммунистӣ ҳамон қадар аз аслаш дуртар мерафт, ва ҳамин қадар фосилаи байни гуфтору рафтор дарозтар мешуд, ва роҳбар худро аз коргар ҳамон қадар болотар мегирифт, ва …

Ва Муродгул медиду мешунид ин ҳама шикамбандагиҳо ва бепарвоию бетарафиҳо ва дидаву нодида гирифтанҳо ва каҷбиниву каҷрафториҳо, ва ғам мехӯрд, ки ғояҳойи солими коммунистӣ оҳиста-оҳиста рахна мешавад, ва рахна шуданашро роҳбарон намебинанд, ва бадтараш гумон доранд, ки рафторашон дуруст аст ва онҳо кори худро медонанду дуруст иҷро мекунанд; ва рӯзонаҳо саргарми ташвишҳойи кори идора, андешаҳойи ногувор беранг мешуданд, як андоза ба фаромӯшӣ мерафтанд, вале шабҳо аз нав баръало пеши назараш меомаданд ва ғамаш меафзуд, ки «ғоя дигар аст, мақсад дигар аст, воқеъият дигар шуда истодааст». Ва ғам мехӯрд, ки ҳар қадар зӯр мезанаду ҷон мекоҳонад, пеши роҳи рахнагаронро гирифта наметавонад; ва сараш дард мекард, дилаш дард мекард… Ва рӯзе, дар маҷлисе, Абдусалом Ҳабибов, прокурори ҷумҳурӣ, ба ранги рӯйи ӯ зеҳн монд ва гуфт:

– Муродгул Рӯзимуродовна! Дар замин як бефаросате сар аз тирезаи автобус берун бароварда нос туф кунад, шумо ғам мехӯред. Дар осмон ғилдираки самолёте кушода нашавад, шумо ғам мехӯред. Дар байни ин замину осмон ҳар кори баде шавад, ки ба ахлоқи коммунистӣ зиён дорад, шумо ғам мехӯред. Ин борро як кас бардошта наметавонад. Ғами саломатии худатонро ҳам хӯред.

Ва Муродгул худ ба худ андешид, ки «аслан, зиёнкор бояд худаш ғам хӯрад, ки ба мардум зиёнаш расид, нодон худаш ғам хӯрад, ки ман чаро нодонам?, беҳунар худаш ғам хӯрад, ки ман аз фалонӣ чӣ камӣ дорам?... Вале дар рӯзгор чунин нест. Баракс аст. Бад бадиашро кардан мегирад. Нек ғам мехӯрад, ки вай чаро неку бадро фарқ карда наметавонад?!»

Ва дар Кремл, дар Қасри съездҳо, аз шунидани маърӯзаҳо ва гузоришҳо, гиреҳи дилаш кушода шуд, ва рӯҳу ҷисмаш сабукие ҳис кард, ки «ғами беҳуда мехӯрдаам, ман дар фикру ақидаам танҳо набудаам, он ҳама чизҳое, ки мебинаму намеписандам, роҳбарони олимақоми ҳизбу давлату ҳукумат низ медидаанду намеписандидаанд. Пас, кор кардан даркор, мубориза бурдан даркор, тарбия кардан даркор, ба ислоҳ расондан даркор».

Ва Муродгул, бо ҷидду ҷаҳде, ки дар солҳои Ҷанг фаъолият мекард, ба ҳамон шавқу умед, бо дилпурие, ки ҳизби коммунистӣ фардо ҳатман коммунизм барпо хоҳад кард, ва ҳар як коммунист масъул аст, ки барои ба ин мақсад расидан, қуввайу ҷони худро дареғ надорад, ва ҳар мушкиле, ки пеш ояд, коммуниствор осон бикунад, ва нуқсону камбудиҳоро беамон фош намояд, шабро ба рӯз ва рӯзро ба шаб мерасонд, ки «дар бадани мо, коммунистон, тарс гуфтанӣ гап нест».

Ва дар СССР касе аз касе наметарсид, – вай ҳам одам, ман ҳам одам! Ҳуқуқамон баробар! Хоҷаву хӯҷаин ва хидматгору дастнигар нест!

Ва ба муфтхӯр на ҷой медоданд, на рӯз, – дар бозор ҳар кас чизу моли худашро мефурӯхт, ва дар рӯзгор ҳар кас фақат чизу моли худашро мехӯрд. Ва Ҳасани ҷаллобу Ҳусейни қаллобу Ҳайдари ҳаннотро дар гузарҳояшон, дар назди мардум, ба таври намуна, суд карданд, ва аз якуним сол то ба ду сол аз озодӣ маҳрум гардониданд, ки: бубинед, инҳо аз кор мегурезанд ва ба муроди ҷомеъа кор кардан намехоҳанд, ва роҳи фиребу найрангро пеш гирифтаанд, ва инҳо дар ҷамъияти сотсиалистӣ унсурҳойи бегона

ҳастанд, ки беху бунашонро сӯхта партофтан лозим!

Ва дар қасрҳо шоҳ набуд, дар кӯчаҳо гадо набуд, – калимаҳойи ҷаноб, ҳазрат, амир, шайх, мулло, бой, валинеъмат ва бечора, ситамкаш, гурусна, берӯзӣ, бепул, бехона, бадбахт, бесавод, беақл, аз гардиш монд, – ба шаъни одами шӯравӣ намезебид! Одами шӯравӣ, бино ба таълимоти коммунистӣ, дар таърихи тамаддун, Одамест, ки Қадру Қимати худро медонад ва ҳеҷ вақт, дар ҳеҷ шароит, дар назди ҳеҷ касе, шаъну шарафи Инсониро паст намезанад, – хушомад намегӯяд, ришва намедиҳад, даст намебӯсад, аз дурӯғ парҳез дорад, фиреб намекунад, ба оҷизӣ тан намедиҳад, аз мушкилиҳо наметарсад… Ва Одам дар гузашта иззати нафси худро ҳимоя карда наметавонист, ҳозир метавонад, чунки давлат пушту паноҳ шудааст, ва тартибу талаби замони нав, даврони сотсиалистӣ, Одами нав тарбия кардан аст, ва мақсаду муродаш ин аст, ки Одам мутеъи Одам набошад; ва хондани сурудҳои ҳузноварро манъ кард, ва нашру тарғиби китобҳоеро, ки оҳангу мазмуни яъсу ноумедӣ доранд, зараровар донист, ва одамбезориву гӯшанишиниву Худоҷӯиро, ки ҳамчун нишонаи ҷаҳолат ва шуғли одамони беиродаву тарсончак, маҳкум намуд, ки ин ҳама ба Рисолати Одам дар Ҷамъият, ҳеҷ муносибате надорад, балки таҳқирест ба номи Одам ва мақоми Одам. Ва дар қарор, дар мактаб, дар матбуоту китоб, аз фотеҳони илму амал, аз рӯзгори мардони майдону мубориз, аз беҳбудиҳойи ҳаёти фаълаву деҳқон, аз зиндагии озоду осоиштаву ободу пуропури шодмонӣ мегуфтанду менавиштанд; ва чанги кӯчаи норӯфта, даҳ тин зиёд гирифтани пешхидмати ошхонаву ресторан, ба мактуби касе дер ҷавоб додани маъмуре, бовар кардан ба фолбин, ва табобати бемор бо дуди ҳазориспанд, рӯза гирифтан, мавзӯҳойи машҳури ҳаҷву фелетон буд.

Ва овозаи серу пур ва шоду хуррам зистани Одам дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба чаҳор тарафи дунё мерафт, ва мардуми рӯйи ҷаҳон шунида ҳавасашон меомад, ва ҳизбҳо ташкил медоданду муборизаҳо мебурданд, ки чунин давлату ҳукумате созанд.

Ва феодалҳову капиталистҳову империалистҳо аз чунин

бедориҳову талошҳо ба ҳарос афтоданд, ва тадбир аз паи тадбир меҷустанд, ки Иттиҳоди Шӯравиро аз беруну аз дарун вайрон бикунанд.

Ва мусаллаҳ мешуданд, – Америка дар Аврупойи ғарбӣ ва обҳойи мутааллиқ ба он, ҳафтсад пойгоҳи бурдану партофтани бомбаи атомӣ сохт, ки самолиёт – бомбапартоҳойи Ғ-111, Ғ-4, Ғв-111, А-6, А-7 дошт; ва Англия чаҳор киштии атомии зериобӣ бо шасту панҷ мушаки Полярис ва панҷоҳу панҷ бомбапартойи Вулқон, ва Франса панҷ киштии зериобии атомӣ бо ҳаштод мушак ва чиҳилу шаш бомбапартойи Мираж дошт, ва ба Иттиҳоди Шӯравӣ таҳдид мекард; ва шабакаҳойи пурқуввати радио ва газетаву маҷаллаҳойи зиёде, ва ҷосусони ҳавоийу заминӣ, ба муқобили тартиботи сотсиалистӣ ташвиқоти забонӣ ва пуливу молӣ мебурд.

Ва Иттиҳоди Шӯравӣ ғофил набуд албатта…

Ва Муродгул ҳам дунёбехабар набуд, – аз ҷиҳати ҳарбӣ, ба хусус баъди дар Съезд ширкат кардан, дилаш пури пур буд, ки ҳар касе ба сари СССР даст бардорад, дасташро мешикананд, ва ҳар касе як тир парронад, ду тир ба синааш мезананд, ва мушаке бо бомбаи атомӣ сар диҳанд, дар ҳаво, ба замин нарасида, зада титу пора мекунанд; валекин масъалаи тарғиботи идеологӣ дигар аст, – дар ин бобат ба душман дастак додан лозим нест, ва коммунист, ки дилу дидаи халқ аст, ҳар камбудие, ки ҷой дорад, ва боиси мазамммати душман мешавад, сари вақт бояд ислоҳ бикунад, ва рафтору кирдораш хирадмандона ва ҳатман ба фойидаи ҷомеъа ва орзуву ормони заҳматкаш бошад, ки дилмонда нашавад. Ва дар маҷлиси аъзоёни Кумитаи марказии ҳизби коммунисти ҷумҳурӣ, ки ҳаёту мамоти мардум бастаи раводид ва қарори онҳо буд, ва онҳо бо либоси озода ва галстук бастагӣ ва риш тарошидагӣ ва хомнависи қарор наздашон рӯйи миз мондагӣ ва қалам дар даст, бо виқор нишастаанд, ва маърӯзаи котиби идеологии кумитаи марказиро гӯш мекунанд; ва котиб матни дасташро, дар ҳаҷми панҷ саҳифаи чопӣ, ба забони русӣ, бурро хонд, ва мазмуни мухтасараш чунин буд, ки «мухбир Мухтор Одинаев директори совхози

«Ғалаба», қаҳрамони заҳмати сотсиалистӣ Ҳайдар Одиловро дар мақолааш танқид кардааст, ки арзу ниёзи коргаронро гӯш намекунаду ба инобат намегирад, ва дусола музди кори онҳоро надодааст, ва он маблағро сарф кардааст ба сохтмони як қасри боҳашамат, ва агар идораи худи директору хазинадорашро истисно бикунем, дигар хонаҳойи ин қаср доим холӣ ва бекор аст ва ба мардум ҳеҷ хел манфиате намерасонаду надорад. Рафиқ Одилов коммунист аст ва мухбир ҳар айберо, ки ба ӯ нисбат медиҳад, ба ҳизби коммунистӣ дахл дорад. Ҳизбро бадном мекунад. Як тӯҳматест дар ҳаққи ҳизб. Чунин тӯҳмат боз дар рӯзномаи марказии ҳизб чоп шудааст. Худатон хонеду хулоса бароред.

Ва сиву ҳафт аъзои кумитаи марказӣ, ки фақат се-чор нафарашон он мақоларо хонда буданду боқимондаҳо нахонданд, қариб якдилона ва бо хашму ғазаб хулоса бароварданд, – ҳардуи онҳо, ҳам мухбир ва ҳам сармуҳаррир, саводи сиёсӣ надоранд. Ҳардуяшон дар ҳизб одамони зараровар будаанд. Ҳардуяшон ба осиёи душманони ҳизби коммунист об мерезанд. Ҳизбро бадном мекунанд. Ҳизбро бадном кардан чунин маъно дорад, ки онҳо давлати шӯравӣ, тартиботи сохти сотсиалистиро бад мебинанд. Ба ҳардуяшон ҷазойи сахт додан даркор. Сафи ҳизби коммунистӣ ҷойи ин хел одамон нест.

Ва Муродгул низ навбати сухан гирифт:

– Рафиқон, аъзоёни кумитаи марказии ҳизб! Масалан, аз байни ҳозирони ҳамин маҷлис, Зарифов гӯяд, ки Шарифов сарам дилам кор мекунад, соҳаеро, ки бовар карда ба ӯ супоридаанд, аз ӯҳдаи роҳбарияш намебарояд, эроди вай фақат ба фаъолияти Шарифов дахл дорад, на ба фаъолияти ҳамаи аъзоёни кумита, на ба фаъолияти ҳизб умуман, бо далеле, ки вай аъзои ҳизб аст. Вай як нафар аъзост, на ҳизб. Мухбир ва муҳаррир директори як совхозро танқид кардаанд. Хуб кардаанд. Танқид меваи коммунизм аст. Бад кор мекунад, аз танқид хулоса барорад, хуб кор карданро ёд бигирад. Сазовори хитобу итобу ҷазо директори совхоз аст, на мухбиру муҳаррир.

Ва котиби якуми ҳизби коммунисти ҷумҳурӣ, аз зери ай-

наки сиёҳ ва оинааш паҳни чоргӯша ба Муродгул песонда нигоҳ кард, – нигоҳи норозӣ ва бо таҳдид; ва сиву се аъзои кумита, ҳама мансабдорони калон, ҷониби Муродгул, аз зери чашм, песонда норизоёна, нигаристанд, ва се нафар, вазъи рӯҳашонро пинҳон доштанӣ шуданд ва сар хам гирифтанд; ва лоиҳаи қарор, бо таҳрири ду-се калима – ба ҷои шунида, шунидем, ба ҷои огоҳӣ, огоҳии қатъӣ ва ба ҷои иҷро кунад, иҷрояшро назорат кунед, тасдиқ шуд, – мухбир ва муҳаррир аз сафи ҳизб баровардa шаванд; минбаъд дар матбуот кор кардани онҳо мумкин нест; ташкилоти ҳизбии редаксияро бақувват кардан даркор, ки минбаъд чунин хатоҳо такрор нашавад.

Ва ҳамаашон ба ошхонаи хосашон чоштхӯрӣ рафтанд, – котиби якум, раиси шӯройи вазирон ва раиси шӯройи олӣ дар як хона ва дигар аъзоён дар як хона. Ва ҳангоми тановули таъом Котиби якум луқма партофт:

– Муродгул Рӯзимуродовна, аз афташ, пир шудааст. Вақтҳойи охир моҳияти қарору дастурҳойи ҳизбро дуруст сарфаҳм намерафтагӣ шудаст.

– Осори пирӣ ҳам ҳаст, – тасдиқ кард раиси шӯройи вазирон, – хуни меросӣ ҳам дорад. Падараш ҳам худаш барин буд.

Ва раиси шӯройи олӣ, дар ҳолате, ки дулунҷа нон мехоид ва луқмаи даҳонашро нимхойда фурӯ мебурд, бо ишораи тасдиқ сар ҷунбонд, – «дуруст мегӯетон!»

Ва дар хонаи дигар Абдусалом Ҳабибов, прокурори генералӣ, ба нияти дилбардорӣ, дар мизи Муродгул нишаст, – вай ҳанӯз аз давраҳойи комсомолӣ бо Муродгул ҳамкориҳо дошт, ва ҳарчанд ки шартакигӯйиҳои ӯро чандон намеписандид, вале эҳтиром дошт ва ҳурмат мекард барои одами ҳалолу якрӯ буданаш, барои аз ҳақиқати ҳол чашм напӯшиданаш, барои дилсӯз буданаш ба ғояҳойи коммунизм, – ва ҳоло мехост вайро тасалло бидиҳад ва дарду аламашро камтар бикунад:

– Шумо ҳаққи гапро гуфтед, мағзи гапро гуфтед, лекин…

– Лекин шунидани гапи ҳаққу мағзи гап ба шумо маъқул

не.

– Не, ин тавр не. Лекин мавриди гуфтани чунин гапҳо, дар ҳамин маҷлис, чандон мувофиқ набуд. Зеро ки…

– Зеро ки гуфтани гапи ҳақ бамавриду бемаврид намешавад. Дар вақти зарурат ё мегӯйӣ ва ё намегӯйӣ. Дигар ҳамааш ё муросо, ё тарс, ё мунофиқист. Баҳонаи худсафедкунӣ.

– Аслан ҳамин хел ҳам ҳаст. Ҳамин хел бояд бошад. Дар назария. Дар хаёл. Дар рӯзгор дигархелтар. Дар ин ҷо роҳи рост нест. Каҷу килеб ва бе мавридшиносӣ намешавад. Дар ин маҷлис маврид мувофиқ набуд, зеро ки ҳозирону нозирон банди хаёли нигоҳ доштани ҷойи гарми хеш буданд, на дар фикри ҳақиқату адолат.

– Ҳамин қадар ки мефаҳмидаед, чаро ҳамин фикратонро дар маҷлис нагуфтед?

– Ман девонаам, ки аз барои як мухбир, ҷойи гармамро хунук мекунам! Гуфтаи ман ба онҳо таъсире намекунад, лекин онҳо хоҳанд, дар як лаҳза, маро аз осмон гирифта ба замин мезананд.

– Баъд устав ва программаи ҳизб чӣ мешавад?

– Устав ва программа ба ману шумо эҳтиёҷ надорад. Дар боло, дар Москов, ғамашро мехӯранд. Бо роҳи худаш рафтан мегирад.

Ва Муродгул ба хаёл рафт.

Ва қарори КМ-ро ҳамаи рӯзномаҳо, – ҷумҳурӣ, вилоятӣ ва районӣ чоп кард; ва ҳамаи ташкилотҳойи ҳизбӣ, дар вазоратҳо, дар колхозу совхозҳо, дар фабрику зовудҳо, дар мактабҳойи олӣ, омӯзишгоҳҳойи касбӣ ва дар ҳар муассисае, ки ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ дошт, маҷлисҳойи кушод гузарониданд, ва қарорро якдилона маъқул донистанд, ва қарорҳойи худашонро баровარданд, ва ба КМ ҳисобот навиштанд, ки дар маҷлис чанд нафар одам буд, ва чанд нафарашон сухан гуфт; ва ба дӯсту душман нишон доданд, ки дар СССР ҳизбу халқ аз ҳам ҷудо нестанд, балки ҳизб ва халқ як тану як ҷонанд, ва ҳизб фармояд, халқ, бечуну чаро, ба роҳбарӣ мегирад.

Ва дар пленуми навбатии Кумитаи марказии ҳизб Му-

родгул пешакӣ, ҳанӯз ба толор надаромада, дар дил аҳд кард, ки хомӯш мешинад ва хомӯш баромада меравад, – модом ки фикру ақидаи ӯ ба касе даркор нест, суханро бекурбу ҳайф кардан, ба қавли Абдусалом Ҳабибович, мавридношиносӣ мешавад.

Ва дар рӯзномаи маҷлис ду масъала буд:

Боз ҳам баланд бардоштани маданияти деҳот.

Масъалаҳойи ҷорӣ.

Ва чун одат котиби дуйум маърӯза хонд, ва чун ҳамеша дар боло, дар Москов, кумитаи марказии ҳизби коммунисти Иттиҳоди шӯравӣ Пленум гузаронида буд, ва чун анъана аз бобати пешрафтҳойи беназири деҳоту деҳотиён ва рӯзгори озоду ободи онҳо ва бартарии маданияти сотсиалистӣ нисбати ҷомеъаи капиталистӣ, далелҳову рақамҳойи пуливу молӣ оварданд ва гуфтанду шуниданд ва қарор баровარданд, ки «деҳоту маданияти деҳот ҳар рӯз дар тараққист, вале баъзе камбудиҳо низ ҷой дорад, ки бартараф кардани онҳо вазифаи таъхирнопазири ҳизб аст; ва дар поён, дар Сталинобод, ҳамон қолаб ва ҳамон матлабро айнан, вале бо далелу рақамҳойи ҷумҳурӣ, такрор карданд, ва айнан ҳамон хел қарор бароварданд.

Ва Муродгул хеле нороҳат дар курсии бароҳат нишаста ин ҳама маърӯза, гузориш ва қарори батакрору якрангу дилбазанро гӯш кард, ва ҳикмати прокурор Абдусаломро, – «Сухани ман ба инҳо таъсире надорад, вале инҳо метавонанд дар як лаҳза манро аз осмон гирифта ба замин заНАНД» – ба инобат гирифта, андешаҳояшро бо оби даҳон фурӯ бурда, ҳаяҷонашро базӯр фурӯ нишонда, хомӯш нишаст.

Ва ҳангоми баррасии масъалаҳойи ҷорӣ, мудири шӯъбаи маданият ахбор дод, ки баъзе ҳизбиён, аз ҷумла Кабиров, Холиқов ва Алиев, маросимҳойи коммунистиро поймол мекунанд, ва ҳар кадоме аз инҳо дар соҳае роҳбар ҳастанд, ба ҷойи он ки ба боқимондаи урфу одати бойиву феодалӣ мубориза баранд, худҳошон хатнасур ва бузкашӣ дода, писаронашонро хатна кардаанд; ва аз байни ҳозирон садоҳо баланд шуд, ки «аз сафи ҳизб ронед»; Муродр-

гул аҳди худ ва насиҳатҳойи прокурор, – хомӯш мешинаму хомӯш меравам; ман девонаам, ки барои як мухбир, ҷойи гармамро хунук мекунам» – ро ғирт фаромӯш кард, ва аз ҷой хест:

– Рафиқон, раёсати пленум! Рафиқон, аъзоёни пленум!

Аз раёсат луқма партофтанд:

– Одоби маҷлисро риоя кунед!

Ва Муродгул он луқмаро нашунид:

– Навакак мо боз ҳам баланд бардоштани маданияти деҳотро муҳокима кардем. Таҳлил кардем. Ҳоло ба фаъолони деҳот, ки барои маданияти сотсиалистӣ хидмат мекунанд, айб медонем, ки маросимҳойи коммунистиро зери по мекунанд, ва далели даъвогарон ин аст, ки онҳо хатнасур кардаанд ва хатнасур боқимондаи урфу одатҳойи бойиву феодалист. Ман Кабиров, Холиқов ва Алиевро хуб мешиносам. Борҳо аз кору борашон хабар гирифтаам. Кабиров як фермаи ақибмондаи говро дар се сол пешқадам кард. Саршумор зиёд шуд. Ширу равған бисёр гирифт. Аз нақша зиёд гӯшт супорид. Бригадаи таъмиргарони Холиқов, дар байни МТС-ҳо, ду панҷсола ғолиби мусобиқаи заҳмати зарбдор шуд, ва ҳоло ҳам Байрақи Сурхи Сайёр дар дасти онҳост. Алиевро камтар мешиносам, вале шунида будам, ки соли гузашта ғалладонаву коҳе, ки вай аз кишти лалмӣ гирифтааст, дар анбору коҳдонҳойи колхоз нағунҷидааст.

– Аз мақсад дур наравед, – бо қалам ба шиками графин зад раиси маҷлис.

Ва Муродгул эътирози ӯро нашунид:

– Маданияти деҳотро ҳамин хел касон боло мебардоранд. Дар бобати поймол кардани маданияти сотсиалистӣ ва тарғибу ташвиқи урфу одатҳойи бойиву феодалӣ бошад, хатна кардан бо баланд бардоштани маданияти деҳот он қадар зарар намерасонад, ҳарчанд ки одати куҳна аст. Корҳойи муҳимтар ҳаст ин ҷо. Корҳойи заруртар, ки зарарашон бештар аст. Дар ҳақиқат аз феодализм боқӣ мондааст. Дар ҳақиқат зараровар аст. Ҳам ба ҷони мардум, ҳам ба маданияти рӯзгор.

– Кадом корҳо будаанд, он корҳойи муҳим?! – садое баланд шуд аз толор.

– Бисёранд ин хел корҳо дар деҳа. Машҳурашро бигирем, дар саргаҳи ҷӯйи об занҳо дегу оштон карда, об ҷӯшонда, либос мешӯянд. Дар лаби ҷӯ, рӯйи тахтасанг, чӯб зада софкорӣ мекунанд. Мағзоба ба ҷӯ меравад. Аз поён об мегиранду об мехӯранд… Як деҳа, гуфтем, ки саду бист – саду панҷоҳ хонавода дорад, лекин як мабраз ва як ҳаммом надорад…

– Гапро дароз накунед, – шиддат кард раиси маҷлис. – Ин гапҳо ба рӯзнома дахле надорад. Шумо, коратон ҳамин ки доим маҷлисҳоро вайрон мекунед.

Муродгул суханашро давом дод:

– Боқимондаи феодализм ҳамин хел кору рафторҳост, на хатнасуру бузкашӣ.

– Ба гапҳойи ӯ эътибор надиҳед, – гуфт як нафар аз қатори пеш. – Лоиҳаи қарорро ба овоз монед!

Ва раис лоиҳаи қарорро ба даст гирифт; ва ҳозирони толор, бо ваҷоҳати норизо, хомӯш шуданд, ва ин хомӯшие буд, ки хулқу одоби Муродгулро баръало маҳкум мекард.

3

Ва сол ба сол, ҳар қадаре ки «сотсиализм ба камол мерасид ва ба коммунизм наздик мешуд» таълимоти Маркс ва Ленин ҳамон қадар аз аслаш дур мерафт.

Ва қарору китоб мебароварданду менавиштанд дар асоси ғояҳойи асосгузорони коммунизми илмӣ, ва илми марксизму ленинизм ягона илми саҳеҳ ва ростин буд, ки дигар равияҳоро қатъан ба илм бегона медонист, ва олимону адибону табибон тадқиқ ва бо иқтибос аз гуфтаҳойи доҳиён, собит мекарданд, ки Одаму Олам ба зинаи нав, ба ҳаёти муносиби номи Одам, танҳо ба шарофати таълимоти коммунистӣ шарафёб мешавад, ва рӯзгори хушу осудаву серу пури Инсон, ва озодиву ободиву баробариву бародарии Одамон, фақат дар замони сотсиализм муяссар мегардад, ки ғалабаи коммунизмро таъмин менамояд, ва намунаи чунин рӯзгор СССР аст. Ва мардум шаҳди чунин

сиёсату амалро мечашиданд, ва ба чунин маърӯзаву қарорҳо бовар мекарданд, ва…

Ва асари тадқиқотии адабиётшинос Розиқ Каримов дар шӯрои илмии Академия баҳои бад гирифт, – муҳаққиқ дар ягон ҷо аз доҳӣ иқтибос наовардааст! – ва ба ӯ унвони докторӣ надоданд, ба нашри китобаш ҳам рухсат нашуд; ва Қароре, ки дар панҷсолаи якум қабул карда буданд, муддати дарозе иҷро нашуд, ва дар панҷсолаи панҷум покпокиза аз хотирҳо баромад, – шӯрои олии СССР қарор кард, ки давлати шӯравӣ мамлакати сермиллат аст, ки аз ҷумҳуриҳои мустақил, ба таври ихтиёрӣ, таркиб ёфтааст, ва забони давлатӣ дар ҳар як ҷумҳурӣ забони модарии ҳамон миллат аст, ва касоне, ки забони он халқро надонанд, ҳаққу ҳуқуқ надоранд, ки роҳбари ин ё он идора бишаванд; ва бино бар он қарор ҳамаи понздаҳ Ҷумҳурӣ Қарорҳои худро бароварданд, ва дар ҷумҳуриҳо ҳар як вилоят ва ҳар як район қарори дахлдор қабул кард; ва дар ҳамаи идораҳо курсҳои омӯзиши забони тоҷикӣ кушоданд, ва дар як ҳафта се рӯз, бегоҳи баъди вақти кор, одамоне, ки ин забонро намедонистанд, дарс мехонданд.

Ва дар панҷсолаи якум Душанбе ба нақша гирифт ва Москов тасдиқ кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яксаду чилу як ҳазору яксаду бисту як километри мураббаъ масоҳат дорад ва ғолиби ин масофа кӯҳу дара аст, ки дар даврони амирӣ роҳҳои обод насохтанд, чунки Амир зани нав гирифтанро дӯст медошт, на обод кардани мулку рӯзгори мардумро. Ҳукумати шӯройӣ роҳҳои нав сохтанро дӯст медорад, чунки обод кардани мулк ва рӯзгори халқ мароду мақсади ӯст. Ба шарофати ҳамин сиёсати хирадмандонаи ҳизби коммунист, ҳизби Ленину Сталин, то охири панҷсола роҳи оҳан байни Самарқанд ва Панҷекат то Киштут сохта мешавад, ки сад километр тӯл дорад. Ҳамзамон сохтмони роҳи мошингард аз Сталинобод то ба Киштут ба охир мерасад, ки яксаду даҳ километр аст ва роҳи байни пойтахт ва се округи шимолиро даҳ баробар кӯтоҳ мекунад…

Ва дар панҷсолаи панҷум воқеъият тамоман ранги ди-

гар гирифт, – акнун касе, ки забони русиро надонад, ба остонаи мансаб роҳ намедоданд, ва съездҳову сессияҳову конференсияҳову маҷлисҳои фаъолон ба забони русӣ мегузашт ва ҳуҷҷатгузорӣ, аз кӯдакистон то ба шӯрои олӣ, ба забони русӣ буд, ва вазоратҳои маорифу фарҳанг фармону дастурҳояшонро ба забони русӣ менавиштанд, ва вазоарти тандурустӣ маҷалла дошт, ки дарду дармонҳоро ба хосу ом бояд бифаҳмонад, ва он ҳам бо забони русӣ таблиғот мебурд, ва дар иттифоқи нависандагон, ки як аъзои русзабон дошт, дар маҷлису маҳфилҳо бо забони русӣ сухан мегуфтанд, ки миллатгаройӣ нашавад ва дӯстии халқҳо зарар набинад.

Ва котиби дуйуми КМ ҳизби коммунистии Тоҷикистон ва ҷонишини якуми раиси шӯрои вазиронро аз Москов мефиристониданд, ва онҳо ҳатман бояд, ки рус бошанд ва ё русзабон, ва ба ҳаминаш ҳам қаноъат накарданд – бо шиори «мадад ба кадрҳойи миллӣ» як даста «кадри аз ҷиҳати сиёсӣ обутобёфта ва пухтаро» фиристониданд ва мансабҳойи ҷонишини вазирон ва котиби дуйуми райкомҳоро мӯҳру имзо карда ба онҳо доданд; ва мардум мегуфтанд, ки «Инҳо чашму гӯши Москов ҳастанд. Одамони маҳаллӣ ба ном роҳбаранд. Дар асл ҳукумату қудрат ба дасти ҳаминҳост».

Ва дар панҷсолаи панҷум ба хотири касе намерасид, ки чунону чунин нақшаҳо будааст, ва касе ба таҳқиқ ҳам намегирифт, ки чаро гуфтан будаасту кардан набудааст?!

Ва Шокир Боғиров, агрономи вазорати кишоварзӣ, мақолае чоп кард дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» ва бонги изтироб зад, ки заминро киштгардон кардан аз заруратҳойи кори деҳқонист, ва агар чунин тартиб риоя нашавад, замин дам намегирад, таркиби хокаш вайрон мешавад ва ҳосили хуб намедиҳад, ва ҳатто аз кор мебарояд; ва ду сол гузашт, касе ба он мақола эътиборе надод, гӯё вай ба девор муроҷиат карда бошад. Баъди ду сол ҳамон мақоларо тарҷима кард ба забони русӣ ва дар газетаи «Коммунист Таджикистана» ба табъ расид, ва фавран дар КМ ва вазорат ва районҳо боиси гуфтугӯ ва баҳсу му-

нозираҳо гардид.

Ва мардум, саргардони обу нони хона, парвое надошт, ки кадом қарор кай баромада буд, ва кадомаш иҷро шуду кадомаш иҷро нашуд; ва сиёсатмадорон ва олимон ҳисобот медоданд ва китобҳо менавиштанд, ва ифтихор доштанд ва исбот мекарданд, ки «дар соли 1967, нисбат ба соли 1913, истеҳсоли ғалла якуним баробар, ҳосили пахта яксаду нуздаҳ баробар, кандани ангишт ҳафтоду панҷ баробар, саршумори чорво ду баробар… зиёд шуд».

Ва авлодони Ивани муфлис дар Ленинград, ва аҷдоди Одинаи камбағал дар Сталинобод, доро нашуданд албатта, валекин гадо ҳам набуданд, – хӯрданиву пӯшиданиву хонаву дар доштанд, ва аз рӯзгор шоду аз ҳокимияти шӯройӣ миннатдор буданд, ки бобоҳояшон ҳаминро ҳам надоштанд; ва дар рӯзи Иди якдилии заҳматкашони ҷаҳон Якуми Май ва ҷашни солгарди ғалабаи Октябри Кабир, сару рӯяшонро дурустакак шуста, либосҳойи озода пӯшида, ва дар ҷойи корашон байрақ, ё сурати калони яке аз дувоздаҳ аъзойи Политбюроро мегирифтанд, ва сари даст бардошта ба майдони идгоҳ мерафтанд, ва ҳангоми бо тантана аз назди минбар гузаштан аз боло, аз сари минбар, ки аъзоёни ҳукумат ва қаҳрамонони ҷангу заҳмат ва пешқадамони истеҳсолот ва фаъолони ташкилотҳойи комсомоливу пионерӣ, рост истодаанд, яке аз зафарҳойи соҳае, шиореро бурро мехонд, ва онҳо Ура! Ура! Ура! мегуфтанд.

Ва ҳар сол аҳвол ҳамин буд, ва ҳар сол роҳбарон – минбарбудагон, ҳар кадоме бо «шайкаи» худ, дар ҷойи хилвате ба айшу ишрат менишастанд; ва котиби якуми КМ ба раиси шӯройи вазирон, ба дараи Варзоб, ба бӯстонсаройи Зимчуруд рафтанд; ва сари кайф маслиҳат карданд, ки «куртаҳойи нейлон фақат дар унвермаги марказӣ ва фақат бо сертификат фурӯхта шавад; ва телпакҳойи андатра ба ихтиёри раис истад». Ва Раис, дар омади гап луқма партофт:

– Муродгул, вақтҳойи охир, хира шудаст. Порсол даҳ метр атласи Хӯҷанд те гуфт, додам. Имсол ба телпаки ан-

датра чашм ало кардааст.

– Вай аз ҳад гузашта истодааст, – Котиб бо дастмол лабашро баҳузур пок кард. – Вақти ба нафақа фиристоданаш расидааст.

– Ҳоло ду-се сол намерасад.

– Бо сабаби беморӣ.

– Инаш ҳам мумкин. Лекин дар Москов ҳар хел фаҳмиданашон ҳам мумкин. Шиносҳойи бисёр дорад. Баъд масъалаи занҳо ҳаст, ки ба корҳойи роҳбарӣ кам пешбарӣ мешаванд…

Ва ба Муродгул як телпаки андатра доданд, ва раиси комиҷроияи райони Ворошилов таъин карданд, ки «ин район хоку оби фаровон дорад, лекин ҳосили кам мегирад. Имкониятҳояшонро дуруст истифода бурда наметавонанд. Ақиб мондаанд. Шумо таҷрибаи хуб доред. Мераведу ҳамин вайронаро обод мекунед». Ва дар охири сол, ба сабаби «иҷро нашудани плони пахта», аз он мансаб гирифтанд ва директори бойгонии ҳизб монданд.

Ва сарҳади СССР қулфу калид буд, ва сензура матбуоту нашриёт ва радиову почтаву телеграфро назорат мекард, ки сири давлат фош нашавад, ва дониставу надониста дастгираке ба душманҳойи идеологӣ надиҳанд; ва касе ба сафари хориҷа равад, агар дар шаҷарааш шубҳае бошад, умуман роҳ намедоданд, ва агар эроде набошад, дар чандин зина сӯҳбатҳойи хос мегузарониданд ва насиҳату маслиҳатҳо медоданд, ва баъд мефиристониданд. Ва бо вуҷуди ин ҳама эҳтиётҳо сири хона берун мебаромад ва барои душманони идеологӣ дастак мешуд, ва мубалиғони душман, бо муболиғаву ифрот, ба фойдаи худашон истифода мебурданд; ва фойдаи онҳо дар барномаи муштараки капиталистону империалистон бист сол пеш сабту паҳн шуда буд, – «мо сарвату қудрат дорем. Мо метавонем коре бикунем, ки адабиёт, театр, кино, ҳамаи ин соҳаҳо палидтарин эҳсосу хислати инсониро ба тасвир ва тараннум бигиранд… Мо аз аҳли адабу ҳунар ҳамонҳоеро ҳамаҷониба дастгирӣ ва болобардор хоҳем кард, ки парастиши шаҳват, таҷовуз, бераҳмӣ, хиёнат, хулоса, ҳар гу-

на бадахлоқиро дар тафаккури инсон ҷойгир мекунанд ва ривоҷ медиҳанд ва зӯр зада ба амал меоваранд… Мо ноаён, вале пайгирона, бо худсарӣ ва худдонамии мансабдорон, ришвахӯрӣ ва ба бемаслакии онҳо, роҳ хоҳем кушод. Қоғазбозӣ ва дӯлобкории онҳо ҳамчун кордонӣ ва накӯкорӣ таърифу тавсиф хоҳад шуд… Инсофу поквиҷдонӣ ва некиву накӯкорӣ корҳойи беҳуда, беарзиш ва ба ҳеҷ кас нолозим мешавад ва ба хурофоти замони ҷоҳилия табдил хоҳад ёфт…Маънавиятро решакан, заминаҳойи ахлоқи маънавиро фосид ва нобуд хоҳем кард. Мо ба мардум аз кӯдакиву наврасӣ сару кор мегирем, асосан ба ҷавонон умед хоҳем баст… Мо аз онҳо касони беору номус, разил, ватанбезор ба воя мерасонем».

Ва ин барнома, аёну ноаён ва шабу рӯз, кор мекард, – ба воситаи матбуоту нашриёту радиову кинову суруду мусиқиву рақс, ва ба воситаи харидани ақлҳову истеъдодҳову ҳунарҳо; ва пулу молу вақтро дареғ намедоштанд.

Ва рӯзгори воқеъии халқҳойи Иттиҳоди шӯравӣ, аз панҷсола то ба панҷсола, ба ин барномаву маблағҳойи ҳангуфту дастгоҳҳойи абармуқтадираш, ғизову дастгираки бештар аз пештар медод.

Ва аммо нақшаҳойи панҷсола зиёду барзиёд иҷро мешуд, ва шумораи пешқадамон ва Байрақҳои Сурхи Сайёр ва ордену медалҳо ва Қаҳрамони заҳмати сотсиалистӣ ҳам зиёд мешуд; ва дар панҷсолаи якум шахсони алоҳида, ки дар ҳақиқат беҳтар аз дигарон кор кардаанд, ҷоизаҳо ва ордену медалҳо гирифтанд, ки ҳаққи ҳалоли худашон буд; вале дар панҷсолаи дуввум андаке ғиромӣ роҳ ёфт, – маъмурони ҳуҷҷатгузор, дар қатори одамони арзанда, номаълум карда, боэҳтиёт, номи одамони худашонро даровper даровтанд; ва чунин найранг фош нашуд; ва дар панҷсолаи саввум натарсида, дилпурона, шахсони дилхоҳашонро пешниҳод карданд ва бемалол аз комиссияҳо зина ба зина гузашт ва онҳо номдору ордендор шуданд; ва дар панҷсолаи чаҳорум хешу таборӣ ва ҷӯрабозӣ ба мадди аввал баромад ва боиси он шуд, ки байни мансабдорони

хурду калон хунукӣ афтод ва онҳо ба маҳалҳо ҷудо шуданд, ки «чаро аз мо неву аз онҳо орден мегирифтааст?!»

Ва дар панҷсолаи панҷум, барои соҳибунвону соҳиборден шудан, ришва додану ришва гирифтан силоҳи аз ҳама силоҳҳойи мавҷуда заруртару бурандатар буд.

Ва Дилмурод, муфаттиши ҷавон, дар прокуратураи ҷумҳурӣ, аз бинойи горком, пакар ва як навъ дилмондаву хастаҳол баромад, – вай дувоздаҳ рӯз пеш дар ҳамин бино аз комиссияи қабул гузашт ва ӯро ба узвияти ҳизби коммунист қабул карданд, ва имрӯз омада билети ҳизбиашро гирифт; ва ҳамон рӯз кори комиссия ба ӯ маъқул нашуд, - раиси комиссия пурсид:

– Устав ва программаро хондед?

– Хондам.

Ва котиби комиссия илова кард:

– Ин кас ҳуқуқшинос. Унверстетро тамом кардагӣ.

Яке аз аъзоёни комиссия савол дод:

– Ба кинову театр меравед?

– Ба театр меравам, ба кино не.

– Чаро?

– Телевизор дорам.

Ва хомӯшӣ.

Ва дигаре пурсид:

– Рӯза мегиред?

– Не.

Котиб савол дод:

– Дар хориҷа хешу табор доред?

– Не, надорам.

Ва ҳамаашон овоз доданд, ки «қабул карда шавад».

Ва ба назари ӯ он ҳама тайёриҳо ва таъкидҳойи парторг ва ҳаяҷонҳойи худаш, ва ин ҳама кару фару ҳашамати хонаву аъзоёни комиссия, сахт нодаркор ва ночаспон намуд. Ва имрӯз, вақте ки ба анкета имзо монд, дафтардор эрод гирифт:

– Имзо ғалат. Шумо Каримов. Дар имзо ҳарфи аввал Р. Бояд К бошад. Қойда ҳамин.

Ва ӯ пеш аз ҳарфи Р ҳарфи К-ро илова кард.

Ва шоми ҳафтуми ноябр ду нафар ҳизбиёни куҳнакор ба дидори Муродгул омаданд ва сари дастархон муборакбодҳо гуфтанд, ва гап аз гап баромаду сухан ҷониби интизоми ҳизбӣ ғел гашт, ки на ҳамеша ва на дар ҳама ҷо риоя мешавад; ва рӯзномаро кушоданд, ки суханрониҳо дар Машварати фаъолони ҳизбро, ки дар арафаи Иди Кабири Октябр барпо шуда буд, чоп кардааст, ва он рӯзнома расман дар чор саҳифа мебаромад, ва ҳоло ҳашт саҳифа дошт, ва ҳашт сурат ҳам, ки вакилон ё ба диққат гӯш мекарданд, ва ё аз ҷо рост хеста каф мекӯфтанд; ва ҳизбиёни кӯҳансол онро варақ гардонданд, аз ҳар ҷояш иқтибосҳо хонданд, – «Оё чунин коммунистон дар идораҳойи давлатӣ каманд, ки ҳамаи шиорҳо ва дастурҳо ва ҳарфҳойи ҳизбро хуб медонанд, дар маҷлисҳо мегӯянд ва худро содиқ нишон медиҳанд?! Инҳо дар амал ягон ғояи нави ҳизбро дастгирӣ намекунанд, ба навовариҳо роҳ намекушоянд»; ва ба ҳамин монанд мисолҳоро аз маърӯзаҳо хонданд, ва баҳсҳо карданду хулоса бароварданд:

– Болобудагиҳо бехабар не. Дар Москов ҳамаашро медонанд. Ислоҳ мекунанд. Ба тартиб мебиёранд. Интизом ҷорӣ мешавад.

– Кӣ медонад, – шубҳа кард Дилмурод. – Аз минбар як чиз мегӯянд, дар поён корҳойи дигар мекунанд. Корафтод нашавед, он қадар маълум не. Корафтод шавед, мебинед, ки касе ба маънӣ коре надорад. Ба зоҳири кор часпидаанд. Дар коғазпуркунӣ дақиқ. Ҳатто хӯрдагир. Лекин интизоми ҳизбӣ рӯякӣ. Масъулият гӯё бо анкета маҳдуд мешавад. Ибрат, ба назарам, аз боло, аз Москов меояд.

Ва Муродгул, модари Дилмурод, ба андеша рафт.

Ва меҳмонон, ҳамсафони ӯ, хомӯш шуданд.

Ва аз боло, аз Москов, дар ҷамъбасти ҳар як панҷсола, ба ҷумҳуриҳо дастур меомад, – барои ҷумҳурӣ ду ҷой Қаҳрамони заҳмати сотсиалистӣ, панҷ ордени Ленин, ҳафт ордени Ситораи сурх ва чилу се медол ҷудо карда шуд. Ҳуҷҷатҳоро сари вақт тайёр карда супоред; ва дар ҷумҳурӣ, аввал, ин унвонҳову орденҳову медалҳоро тақсим карданд ба вилоятҳо ва районҳо, ва баъд, комис-

сияҳо ташкил доданд дар ҷумҳуриву вилояту районҳо, ва лимит муайян шуд, ки чанд коргар, чанд колхозчӣ, чанд чӯпон бояд унвону ордену медол бигирад; ва комиссияҳову аъзоёнаш, ки роҳбарони хурду калони ҳизб ва фаъолони иттифоқи касаба ва комсомол буданд, ба заҳмат барои манфиати ҷомеа миён бастанд; ва ин анбӯҳи калони босалобат ному одамони арзандаро аз заводу фабрик, аз колхозу совхоз, аз муассисаву ташкилотҳо, мепурсиданд ва менавиштанд, ва шаҷараи он одамро мекофтанду меёфтанд. Ва агар аз авлоди коргару деҳқон бошад, ба рӯйхат мегирифтанд, ва агар гузаштаи шубҳаангезе дошта бошад, – доро, мулло, босмачӣ, гуреза, – қабул намекарданд ва ятимони бепадару модар, имтиёз доштанд; ва ҳолномаву тавсия аз ташкилотҳойи ибтидойии ҳизб ва иттифоқи касаба талаб мекарданд ва ғун меоварданд, ва медӯхтанд дар папкаҳо; ва анкетаҳо тартиб медоданд ва мебурданд ба райкому исполком..., ва корашон бисёр нозук ва масъулияташон аз ҳад зиёд буд.

Ва Сафаралии Трактор талабгори қаҳрамонӣ шуд, чунки «пахта шаъну шарафи Тоҷикистон буд» ва бо мошин чиндани пахта нав расм мешуд, ва алҳол обрӯву эътибори хосе дошт, ва агар унвони қаҳрамонӣ доданӣ бошанд, бе шакку шубҳа, аввал ба пахтакору пахтағундор медиҳанд; ва Сафаралии Трактор, пеш аз оғози мавсими пахтачинӣ, аз чор шишаке, ки дар оғил охурӣ баста, се моҳ боз ба алафи рушқаву ҷав парвариш мекард, якеро баровард ва ба гарданаш ресмон баст ва шабона ба ҳавлии парторги колхоз бурд, ва парторг бо фурӯтанӣ маломат кард, ки «ёриву бародарӣ ин хел нашудааст. Наход кори шумо ба ман афтаду ман аз шумо музд талаб бикунам?! Ёриву бародарӣ ин хел намешавад, ман, ҳар коре, ки аз дастам ояд, барои шумо мекунам». Валекин гӯсфандро рад накард, гирифт, ва байнашон маслиҳат шуд, ки «нияти бад нест, нияти хуб аст. Як кӯшиш карда дидан даркор». Ва ҳангоми хайрухуш парторг таъкид кард:

– Ин хел масъалаҳо бе Раис ҳал намешавад. Ҳуҷҷатгузориаш ба ӯҳдаи ман албатта. Лекин бе Раис пеш намеравад.

Дар ҳама идораҳо, аз кумитаи марказӣ сар карда то райком, ҳукм ба дасти ҳизб, вале дар колхоз раиси колхоз ҳукмрон. Мо дастнигар. Кӯшиш кунед, ки бо Раис муомилаи хуш дошта бошед.

Ва мавсими пахтачинӣ сар шуд, ва Сафаралӣ мошини пахтачин гирифт, ки «киштии сабз» мегуфтанд, ва муносибату муомилааш бо бригадиру раис нарму гарм буд; ва пахтае, ки ҳар рӯз ду мошин, як мошини нави Сафаралӣ ва як мошини куҳнаи Мирзоалӣ, хоҳарзодаи Сафаралӣ, мечинданд, ҳар бегоҳ дар ҳуҷҷатҳо ба номи Сафаралӣ менавиштанд; ва дар рӯзномаҳойи Сталинободу Москов суратҳойи пахтазор ва киштии сабз ва Сафаралии чанбардор ва хирмани пахта, бо таърифу тавсиф чоп мешуд, ки «ин аст заҳмати зарбдорон, ин аст намунаи заҳмати коммунистӣ».

Ва рӯзномаи райони Кировобод шартҳойи мусобиқаи сотсиалистиро интишор дод, ва аз ҷумла навиштагӣ буд, ки «ҳар чӯпоне аз сад меш яксаду панҷ барра бигирад, мошини сабукрав (Волга) медиҳанд»; ва Ҳақдод аз колхози Ғалаба ва Мелибой аз колхози Энглис, баҳс ба баҳс, мусобиқаи нонавиштае байни худ доштанд, ки ғолиб шаванду волгасаворӣ бикунанд; ва мавсими тӯлгирӣ, бо раводиди мудирони ферма ва бо дастгирии хешу таборе, ки дар рамаҳойи колхоз панҷтаву даҳта мешашон буд, барраҳойи онҳоро ба шумори барраҳойи колхоз даровsecuritiesанд.

Ва ҳангоми аз об баровардани ғалбер шуд, ва бино ба ҳисобу китоб Сафаралии Трактор дар ҷумҳурӣ, дар байни онҳое, ки бо мошин пахта чиндаанд, ҷойи якумро гирифт, ва шакку шубҳае набуд, ки унвони Қаҳрамони заҳмати сотсиалистиро мегирад, ва аммо нагирифт, – ин унвони олиро ба Мехчагул доданд ва далели шайъӣ оварданд, ки ин унвон аслан барои мардҳойи механизатор не, барои занҳойи механизатор пешбинӣ шудааст, ва аз занҳойи механизатор бештар аз ҳама Мехчагул ҳосили пахта ғун овардааст; ва мардум мегуфтанд, ки гап дар зану мард нест, гап дар сари он аст, ки раиси колхози Жданов, нисбат ба раиси колхози Ватан, обрӯй ва эътибори зиёдтаре

дорад дар назди роҳбарон, ҳам дар Душанбе ва ҳам дар Москов, ва тӯҳфаҳояш ба Душанбе бо мошини КАМАЗ меоянд ва ба Москов бо вагони поезд; ва Мирзоалӣ аз газета қарори Шӯрои Олии СССР-ро хонд ва номи Сафаралиро дар қатори қаҳрамонон надид, ва ба дилаш алов афтод, ва бегоҳирӯзӣ хесту ба хонаи Сафаралӣ рафт:

– Акнун шарту байъи мо чӣ мешавад?

– Ҳеҷ чиз намешавад!, – бо зарда ҷавоб дод Сафаралӣ. – Ба ман, ки нарасид, ба ту ҳам ҳеҷ чиз намерасад!

– Шумо қаҳрамон шудед, ё нашудед, ба ман дахл надорад. Одама гӯшташ ҳаром, лафзаш ҳалол. Шумо лафз карда будед, ки ба ман Жигули харида медиҳед. Ба лафзатон вафо кунед.

– Мо чӣ хел байъ кардем? Ба хотират ҳаст? Байъ кардем, ки пахтаи чиндагии ту ба номи ман мегузарад. Ман ки қаҳрамон шудам, ба ту Жигули медиҳам.

– Дуруст. Ҳамин хел буд.

– Акнун ки ба ман қаҳрамонӣ надоданд, чаро ман ба ту Жигули диҳам?!

– Инаш нодуруст. О пахтаи ман ба номи шумо гузашт?! Гузашт. Пас Жигулии шумо бояд ба номи ман гузарад.

– О қаҳрамонӣ надоданд-ку!

– О доданд, надоданд, кори ман чӣ?!

Ва тағою ҷиян ҷангӣ шуданд, ва дар тарафгирии онҳо авлод ба ду қисм ҷудо шуд ва ин қисм он қисмро бад диду бад гуфт ва он қисм ин қисмро бад диду бад гуфт; ва аҳли колхоз, тараф ба тараф, якеро дӯсту дигареро душман гирифтанд, ва бадгӯиву бадбинӣ ба ҷое расид, ки як колхоз ба ду колхоз табдил ёфт, ва ду раис ҳафт сол бо ҳам дар ҷангу ҷидол буданд, ва ба ҳафтод идораи боло шикоят навиштанд, ки «тақсимоти молу мулки колхоз одилона набуд».

Ва «Волга»-ро Ҳақдод гирифт, вай аз сад сар меш яксаду се барра дод ва аз барраҳойи Мелибой ду сар зиёд буд; ва Мелибой ба прокурор хаттӣ хабар дод, ки «ҳисоби Ҳақдод дурӯғ. Вай барраҳои хешонашро барраҳойи колхоз навишт. Комиссия ва давлатро фиреб дод». Ва муфат-

тиш рафт. Тафтиш кард ва хабари ӯ рост баромад; ва ҷанҷол бағоят калон шуда рафтанаш мумкин буд, ки обрӯйи районро ду пули сиёҳ мекард, валекин худи котиби якуми райком восита шуд, – вай прокурорро ба идорааш даъват кард:

– Ҳамин корро хобонед. Ягон роҳи қонунимонандашро ёбеду хобонед. Аз барои як «Волга» роҳбарони як колхози пешқадамро байни мардум беобрӯву шарманда кардан хуб нест. Баъд нангаш ба район ҳам мерасад. Ба мову шумо ҳам. Хобонед, раису мудири ферма дар хизмат ба шумо, ман бовар дорам, кӯтоҳӣ намекунанд.

Ва ба Мелибой «Москвич» доданду корро хобонданд, вале қусураш аз ҷойи дигар зада баромад, – колхози Ғалаба кӯҳсору дараҳойи серобу алаф дошт ва чарогоҳҳои хушҳавойи тобистонӣ, ва шартномаашон буд бо колхози Энгелс, ки ба рамаҳойи гӯсфанду подаҳойи говаш ҷойи чаро медиҳад, ва имсол шартномаро яктарафа вайрон кард ва тобистон дар чарогоҳҳояш барои чорпоҳойи калону хурди колхози Энглис ҷойи чаро надод; ва колхози Энглис соҳиби талу теппаҳойи васеъу сералаф буд, ки дар зимистон шароити хубе дошт барои чорводорон, ва барқасд ин зимистон моли хурду калони колхози Ғалабаро роҳ надод ба чарогоҳҳояш; ва байни ин колхозҳо хунукӣ афтод, ва низоми анъанавии доду гирифт ва рафтуомад вайрон шуд…

4

– Аслан, имрӯз ҳаво чилу ҳафт-чилу нӯҳ дараҷа гарм. Вале инро радио намегӯяд. Дар газетаҳо наменависанд. Аз мардум пинҳон медоранд. Чунки, бино ба қойдаҳойи байналмилалӣ, агар гармӣ аз чил зиёд бошад, ба одамон музди илова бояд бидиҳанд. Баройи он ки пули илова надиҳанд, пинҳон медоранд, дурӯғ мегӯянд.

Ва маълум набуд, ки мухотаби Дилмурод кист? Валекин аз даруни ҳавзи об ҷавоб омад:

– Коммунистон худашон хуб медонанд, ки чиро гӯянд ва чиро нагӯянд. Қойдаҳойи байналмилалӣ ба роҳи ху-

даш, корҳойи коммунистӣ ба роҳи худаш. Ба кӣ, барои чӣ пул медиҳанд ва ба кӣ барои чӣ пул намедиҳанд, сиёсати дохилист. Росту дурӯғашро ҳизби коммунистӣ муайян мекунад, на термометр.

Ва онҳо, панҷ нафар, се аъзои суди вилоят ва ду раиси суди ду район, то миён луч ва почаи эзорҳо то зону барзадагӣ, дар саргаҳи канали калон, иморати навсохти Дилмуродро бӯрёкӯбон мекарданд.

Ва оби калони дарё бо шаст ба деворҳойи оҳану бетони дарғот бархӯрда, гирдоби азиме мешуд, ва аз ду дарвозаи оҳанин, яке васеъ, дигаре камбартар, ҷӯшидаву фавворазада мебаромад, ва бо ду канал, яке калону дигаре хурдтар, ба ҷониби ҷанубии водӣ ҷорӣ мешуд, ва ин каналҳо печутоб хӯрда, ба сарҷӯйҳойи сершуморе тақсим гардида, қаду бари водии сӣ сол пеш аз ин биёбони хушку хорзору ҷарканда ва найзору ботлоқро, ба заминҳойи ҳамвори корам, ҳосилхез ва деҳоти обод ва боғу бӯстон табдил дода буд, ва ҳоло бо ифтихор Водии зархез мегуфтанд; ва оби каналҳо ба ҳар ҷое ки расад, сабзу хуррам ва ба ҳар ҷое ки нарасад, хушку сӯхта буд.

Ва дарғот дарвозаи дутабақаи оҳанин ва посбонҳо ва хизматгорҳо дошт, ва дар тоқи дарвоза бо ҳарфҳойи якметраи тунука шаъну шараф ба ҳизби коммунистӣ навиштаанд, ки шабҳо чароғҳояш дармегирифт; ва андаруни дарвоза бӯстонсаройи ҳукумат сохтаанд бо тамоми асбобу анҷомаш, – хонаҳо, катҳо, роҳравҳо, растаҳойи дарахту бутаву гул ва ҳавзи шиноварӣ. Ва Дилмурод бо ёронаш болойи кати зери маҷнунбед дастархон густурдаанд, ва панҷ метр дуртар қассоб шишаки ҳисориро аз пояш ба дарахти чормағз овехтаасту пӯст меканад; ва аз ошхона бӯи кабоб меояд, ва чанд кас, аз ҷумлаи хизматгорони дарғот, ҳезум мешикананд, чой меҷӯшонанд, хуришҳову газакҳо тайёр мекунанд ва табақи кабоб мебиёранду мебаранд…

Ва Дилмурод дар бачагӣ, дар наврасӣ, дар солҳойи таҳсил дар университет ва се соли аввали кор, ки муфаттиш дар милитсия ва дар прокуратура буд, аз услубу одоби ком-

мунистӣ ва аз фармудаҳойи ахлоқ ва қарор ва шиорҳойи бинокорони коммунизм сари мӯйе берун намерафт, – дар бачагиву наврасӣ дар раҳу рӯ чизи бесоҳиберо бубинад, даст дароз намекард ва намегирифт, ки «моли ман нест, моли каси дигар аст», ва дар мактаб аз дарсҳо ақиб намемонд, вазифаи хонагиашро бекаму кост иҷро мекард; ва дар ғуноварии оҳанпора ва рӯзҳойи ҳашар, ки «шанбеи коммунистӣ» мегуфтанд, ва дар мавсими пахтачинӣ, пешсаф буд, ки «коммунизмро бо дасти худамон месозем»; ва дар давраи донишҷӯйӣ аъло мехонд, ки «мушкили ҷомеаро кадрҳо осон мекунанд»; ва дар оғози кори муфаттишӣ ҷон меканд, ки «беадолатие дар ҳаққи касе содир нашавад»; ва ҳамеша одамонеро, ки ба воситаи ягон кас ину он корашонро буд мекунанд, дум ликонда гирди ину он мансабдор мегарданд, бади бад медид, ки «иззати нафс надоранд, бешарафанд»; ва бо ғаразе зиёфатҳо оростан ва дастовезҳо бурдан, дар назараш як кори пасти паст буд, ки «ҳеҷ ба шаъни Одамӣ намезебид»; ва ришвахӯрону ришвадеҳонро аслан Одами давронни сотсиалистӣ ҳисоб намекард, ки «боқимондаҳойи замони феодалӣ ҳастанд».

Ва дертар, баъди ба дӯш афтодани бори рӯзгор ва дидану шунидани муносибату муомила дар байни роҳбарони ҳизби коммунист, ки дар айни замон роҳбари давлату ҳукумат низ буданд, ва баъди бевосита корафтод шудани худаш ба арзу ниёзи мардум ва риояи Қонун, ва мансабдорони хурду калони ҷамоаву райну вилоят, феълу хӯяш дигар шуд, ва рафтору гуфтораш ба дараҷае тағйир ёфт, ки дӯстони наздикаш, ва ҳатто модараш Муродгулро, ба ҳайрат гузошт. Ва зарбаи сахти нахустин ба эътиқоди коммунистии Дилмурод ҳолу аъмоли модараш буд, ки дар пеши назари худаш шуду гузашт, – модараш зиндагии шахсӣ надошт ва барои худаш не, барои идеологияи коммунистӣ ва барои ғалабаи пурра ва бебозгашти сотсиализм ва саросар хушбахт шудани халқи шӯравӣ ва адолати иҷтимойӣ, рӯзро шаб ва шабро рӯз мекард; ва дам намегирифту фароғат надошт, ва умраш ба ташвишу тараддуд хазон шуд, ки касе номи коммунистро доғдор

накунад ва ба шаъну шарафи аввалин давлати бешоҳу гадо дар рӯйи замин халал нарасонад; ва оқибати ин ҳама ҷонкоҳониву ҷонфидоиҳо чунин шуд, ки зина ба зина мартабаашро паст карданд ва дар охир ҳамчун як чизи нодаркор, аз майдони сиёсӣ баровbooарданду берун партофтанд, ки дар хонааш, ғайр аз як мизу шаш курсӣ ва як ҷевон пур аз китобҳойи Ленину Сталин ва қарорҳойи Съездҳову Сессияҳо, дигар асбобу анҷоми дурусте надорад. Ва зарба сахт буд, лекин решаи эътиқоди Дилмуродро наҷунбонд, – корҳойи дунё бе камбудӣ намешавад, якта-нимта беадолатӣ ҳанӯз беадолатии ҳизб ва давлат нест, имрӯз не, фардо ислоҳ мешавад!

Ва аммо ислоҳ нашуд, ҳарчанд ки Қарору қонунҳойи сохтмони сотсиалистӣ, дар яклухтӣ, кор мекард, ва даъво доштанд, ки сотсиализм акнун ба зинаи нав, ба зинаи сотсиализми мутараққӣ қадам монд, ва боз як зина ба коммунизм наздик шуд, ва насли имрӯзаи Иттиҳоди Шӯравӣ дар замони коммунизм зиндагӣ хоҳад кард; ва ҳеҷ кас сарфаҳм намерафт, ки сотсиализми мутараққӣ аз сотсиализм чӣ фарқ ё чӣ имтиёзе дорад, валекин ҳама дар ҳамин хаёл буданд ва аҳлона заҳмат мекашиданд, ва воситаҳойи истеҳсолот, ки моликияти давлатӣ буд, ҳосилаш сарвати ҷамъиятӣ ном дошт ва ҳар кас муносиби кораш саҳм мегирифт, ва касе кор накунад, ҳақи хӯрдан надошт; ва корҳо дар ҳама ҷабҳаҳо бо равнақу ривоҷ буд; ва бино ба нақша аз зери замин тиллову нуқра ва оҳану оҳаку ангишту нафту газ мегирифтанд, ва аз рӯйи замин ғалладонаву пахтаву канаб мерӯёниданд; ва заводу фабрикҳо самолёту танку тӯп, ва мошину трактору экскаватор ва орду макарону нон, ва матоъу кафшу мӯзаву миёнбанд мебароварданд, ва ҳамайи он, бино ба талабот, ҳатман моли бадошт буд, ки ба соҳибаш муддати дароз бояд хизмат мекард, ва агар чунин нест, масъулонро ҷазо медоданд; ва шаҳрҳо месохтанд ва иморатҳо оддиву бисёр буд, ки ба ҳама бирасад, ва зебу ороиши зиёдатӣ сарфи нодурусту беҳуда ва нораво ба ҳисоб мерафт; ва роҳҳойи нав ба нав мекушоданд ва роҳҳои тангро васеъ мекарданд, ва роҳҳойи каҷукилебу пасту баланд ҳамвору мумфарш мешуд;

ва дуртарин деҳа дӯкон дошт ва дӯкондор барои бошандагон орду намаку керосину гӯгирд, ва либосу палосу китобу дафтар меовард... Ва фаровон буд неъматҳойи сотсиализм, ва рӯзгори хуше доштанд мардум. Ва дар заминаи ин ҳама неъматҳо ва хушиҳойи зиндагии рӯзмарра, баъзе каҷрафториву қонуншиканиву беодобиҳо, дар назари Дилмурод майда-чуйдаву гузарон менамуд, ва муҳим он буд, ки асосу бунёди давлат покизаву мустаҳкам аст, ва ӯ, чун одат, фаъолияти коммуниствор дошт, ва ҳар нуқсоне, ки бинад, бепарво намегузашт ва дахолат мекард, ки ислоҳ бишавад, ва ба дигарон дарс медод:

– Ман ислоҳ накунам, ту ислоҳ накунӣ, вай ислоҳ накунад, кӣ ислоҳ мекунад? Ҳама бепарво бошад, оламро дузду ғар зер мекунад.

Ва боре барои тафтиши як шикояти хаттӣ ба шӯъбаи маорифи район фиристониданд ӯро, ва мудири маориф ҳамсабақи собиқаш дар мактаби миёна буд, ва гарм истиқбол карду бурд ба ресторан, ва нишастанд дар як гӯшаи аз толор маҳрамона, ва зиёфати шоҳона дод, ва ӯ ноҳинҷор ҳис мекард худро, ва таъомҳойи дар асл бомазза дар даҳонаш лаззат надошт; ва баргаштанд ба идора ва Дилмурод аз ҷузвдон ду варақи дафтари чоррах бароварду ба мудир дод, ва мудир баҳузур хонд ва варақҳоро баргардонид ба ӯ:

– Дуруст навиштааст. Ҳама гапҳош дуруст.

– Пас, шумо иқрор мекунед, ки аз муаллимон ришва мегиред?

– Ришва не, як навъ андоз. Аз муаллимон не, аз директорони мактабҳо.

– Шумо аз директорон мегиред, директорон аз муаллимон?

– Мантиқан ҳамин хел мешавад.

– Дар асл чӣ?

– Дар асл низ ҳамин хел ҳаст.

Ва баъд мудир эзоҳ дод, ки ҳар ҳафта ба район аз ину он идора комиссияе ё муфаттише мебиёяд. Аз вилоят, аз ҷумҳурӣ, аз Москов, бо ҳар сабабе. Аз райком ягон ташки-

лотро вобаста мекунанд, ки пешвоз гирад, ҷо ба ҷо кунад, хӯрду хӯрокашро бинад. Мо ҳам дар ҳамин қатор. Ҳамаи ин харҷу хароҷот дорад. Аз куҷо ёбем? Аз директорони мактабҳо мегирем. Нагирем, шармандагӣ, расми меҳмондорӣ вайрон мешавад.

Ва Дилмурод бо ҷаҳл дар дилаш гуфт, ки «саратона хурад меҳмондӯстиатон!», валекин дафтари ҷиноятӣ накушод; на барои он ки ҳамсабақаш буд, ва на барои он ки зиёфаташро хӯрд, балки бо андешае, ки ҷиноят ҷанбаи маъмурӣ дорад, ва аз райкому исполком сар шудааст, ва барои ба роҳбарони район сарокалла рафтан дасташ кӯтоҳӣ мекунад, – вай онҳоро ба ҷавобгарӣ кашида наметавонад, вале онҳо метавонанд дар як рӯз ба гардани ӯ сад хел гуноҳ бор бикунанд.

Ва бори дигар, дар як водии дигар, дар сӯҳбати хоса, бо тағобачааш аз ҳалолхӯрӣ гап кушод:

– Шумо як одами баобрӯ. Дар байни мардум мақому мартабае доред. Чӣ зарур аст, ки миёнаравӣ мекунед. Аз ришвадеҳон пулу мол мегиред. Бурда ба ришвахӯрон медиҳед. Ҳам қонун вайрон мешавад ва ҳам луқмаи ҳалоли пайвандонатон ҳаром.

– Шумо, ҷиян, ҳоло ҷавон. Корафтод нашудаед. Ришвадиҳӣ беҳтарин роҳи осудаву ором зиндагӣ кардан аст. Албатта, пулу мол сарф мешавад. Лекин одам аз як тӯда ташвиш, ғаму андӯҳ ва ҳатто, аз хонавайронӣ ва марги базӯрӣ халосӣ меёбад. Кадомаш беҳтар? Ғам хӯрдан, азоб кашидан, аз идора ба идора саргардон шудан, таҳқир дидан, ва ё аз баҳри як миқдор пулу мол баромадану хотирҷамъ зистан? Канӣ, ҳамчун муфаттиш як муқоиса карда бинед, ки одам ба кадом тараф майл дорад?

Ва минбаъд Дилмурод муқоиса мекардагӣ шуд, – ҳолу аъмоли мудири маориф ва муҳити кору борашро муқоиса кард; ва миёнаравӣ ва натиҷаҳо ва фойдаҳойи тағобачаашро муқоиса кард; ва дар маҷлисҳо бо кадом лаҳн гап задани сардорону балегӯёнро, ва кӣ бо кӣ чӣ тавр муомила карданашро, ва тартиби зиёфатдиҳиву зиёфатхӯрӣ ва тӯҳфа бурданҳоро муқоиса кард, ва натиҷа гирифт, ки ҳар касе қо-

идаву қонунро муқаддам медонад, ба зарари худаш кор мекунад, ва на рӯзгори обод дорад ва на ба мансабе пешбарӣ мешавад ва на мақоме меёбад; ва касоне, ки пойбанди қойдаву қонун нестанд, ба манфиати худашон кор мекунанд, ва хонаву дари обод доранд, ва мансаб паси мансаб мегиранд, ва обрӯву эътиборашон меафзояд. Пас, ё ҳақиқат меҷӯиву радди маърака мешавӣ, ва ё аз баҳри ҳақиқат мегузариву дар маърака болонишин.

Ва ба Дилмурод болонишинӣ маъқул буд, – ҳақиқатҷӯӣ нону ош намедиҳад, болонишинӣ нуқлу май ва хизматрасону мошин дорад, – ва «шарми гадо, то дари якум», ва эътирозу ҳазари ришвахӯр, то ба киса даромадани аввалин бандчаи пул; ва дар се сол вай се зина боло рафт, ва раиси суди район шуд; ва ҳавлии дуошёна сохт ва мошини Волгаи нав дар таги дарвоза; ва ҳоло бӯрёкӯбон дар бӯстонсаройи ҳукумат; ва бӯстонсаро сабзу салқин, ва як ваҷаб берун аз бӯстонсаро рустаниҳо хушку виғидагӣ ва хоки дар тафи офтоб сӯхта; ва...

Ва матбуот дар СССР фақат аз адолат менавишт, ва дар хориҷа матбуот фақат беадолатӣ дар СССР-ро тарғиб мекард.

Ва давлати шӯройӣ даъво дошт, ки империализм зинаи охирини капитализм аст, ва чархи таърих ақиб намегардад, ва ғалабаи коммунизм ногузир; ва империалистҳо исбот мекарданд, ки чунин даъво як хобу хаёл аст, ва оқибаташ бесарусомонӣ ва валу вайронӣ.

Ва Иттиҳоди шӯравӣ маблағҳойи зиёде сарф мекард барои дастгирии ҳизбҳойи коммунистӣ дар ҳама гӯшаҳойи дунё, ки бақувват шаванд, сари қудрат биёянд ва дар ватанашон сотсиализм бисозанд ва тартиботи коммунистӣ ҷаҳонгир бишавад; ва иттиҳоди империалистон аз коммунизм безор буданд ва роҳи заволашро меҷустанд, ва азбаски куҳнабисоту сарвати бештаре доштанд, пулу моли ҳангуфте ҷудо мекарданд, ки номи коммунизмро аз ҷаҳон бардоранд.

Ва ҷанги муддавом мерафт байни сотсиализму капитализм, – ҷанги даҳонӣ, ҷанги нонӣ ва ҷанги силоҳсозиву

силоҳшӯрӣ, ва ҷанги забти ақлҳову кашфиётҳо ва ҷанги фатҳи хоку обу ҳаво.

Ва кураи замин як ҳайҷойи яклухт шуд, ки дар заминаш ва дар обаш ва дар ҳавояш, ду муштзӯр ва ду абарқудрат, мушакҳойи дамидаи бозӯ ва иқтидори идеологӣ, ва дастовардҳойи илму техника, ва қувваи сиёсиву иқтисодиву ҳарбияшонро намоиш медоданд ва аз таҷриба мегузарониданд, ва даъво доштанд – қисмати давлатҳо ва халқҳоро тавре нависанд, ки хости онҳост ва ба муроди онҳост; ва хароҷоташ ба гардани мардум буд, ва ҷабру азобашро заҳматкашон медиданд, ҳам дар мамлакатҳойи сотсиалистӣ ва ҳам дар мамлакатҳойи капиталистӣ.

Ва халқҳойи ҷаҳону мулкҳойи ҷаҳон, дар яклухтӣ ва бо баъзе тафовутҳо, ду хислат ва ду ормон доштанд:

а) халқҳову мулкҳойи ҳушёр, маккор, сарватдӯст, сарватғундор, моҷароҷӯ, фойдабардор, ҳукмраво.

б) халқҳову мулкҳойи гаранг, соддалавҳ, сарватношинос, бепарво, гапдаро, нафъу зарарашро намедонистагӣ, итоаткор.

Ва ҳушёрону маккорон гарангҳову соддалавҳонро ҷанг меандохтанд, ва бо фиребу найранг дасти дӯстӣ дароз мекарданд, ва харҷи задухӯрдро мебардоштанд, ва сипоҳу силоҳ медоданд; ва соддалавҳони гапдаро якдигарро мезаданд, мекуштанд, ва шаҳрҳоро месӯзонданд, ва сарватҳоро ҳушёрон ба ғорат мебурданд; ва мулк хароб мешуд ва худашон муфлису гадо; ва иғвододаҳо аз лаби сарватҳойи ғораткардаашон як лаб ноне, ва кухналибосе ба онҳо садақа мефиристониданд, ва миннат мекарданд, ки «мо инсондӯстем, ба шумо ёрии башардӯстона мерасонем»; ва гӯлу гарангҳо, ки падару писару додару хоҳарашон қурбон шуд ва хонаву дарашон сӯхт ва молу мулкашон бесоҳиб монд, аз шодӣ ба куртаашон намеғунҷиданд, ки «раҳмат бар падарашон, дар рӯзҳойи сахт моро дастгирӣ карданд».

Ва водии Вахш дар ин харитаи Ҳайҷо, ки рӯйи ҷаҳонро фаро мегирифт, як холе баробари як дон арзан буд ва муносиби ҳолу ҷойи ҷуғрофиву иқтисодиву сиёсияш, макко-

рону соддалавҳоне дошт, ва ин водиро дар ҳуҷҷату китобу матбуоти Тоҷикистон бе сифати зархез ном намегирифтанд; ва ҳукумати шӯравӣ дарёи Вахшро лаҷом зада, каналҳо баровард, ҷару дӯнгиҳоро ҳамвор карда, ботлоқҳоро хушконида, буттаву найзорҳоро сӯзонда ва аз ҳар гӯша муҳоҷир оварда, водии собиқан макони дарандаву чарандаву хазанда ва ҷойи бадарғайи одамони фармоншикану дузду ёғиро, ба ободиву зархезӣ табдил дод. Ва ҳукумат ба ном шӯройӣ, дар асл ҳизбӣ буд, ҳизб мефармуд, шӯро иҷро мекард; ва ҳар кори хубе ба анҷом расад, ба номи ҳизби коммунист мечаспонданд ва муҳорибаи азими одаму белу каланду экскаватору трактор бо обу хоку сангу рег ҳамчун ғалабаи коммунистон ба саркашиҳойи табиат, васфу тафсир шуд; ва ҳар як райони нав номи як аъзойи политбюроро гирифт, чунки пойтахт ва маркази вилоят ба номи доҳиҳо Сталин ва Ленин буд, ва роҳбарони Тоҷикистон ҳамин хел номгузориҳоро нишонаи сидқу садоқат ба ҳизби коммунистӣ медонистанд.

Ва кӯчаҳойи калони кулли шаҳру шаҳракҳои ҷумҳурӣ ба номи Ленин шуд, ва ҳар як район як колхоз дошт ба номи Ленин, ва ҳар як мактаб як гӯша кушод ба номи Ленин, ва ҳар боғе барои истироҳат ҷое созанд, боғи Ленин гуфтанд; ва дар ҳар маконе, ки ба номи Ленин буд, ҳайкали Ленин гузоштанд; ва дар ҳама ҷо шиор навиштанд: «Ленин аз зиндаҳо ҳам зиндатар!»

Ва вакили андоз Раҳматуллои Ланг, ки дар деҳот, хона ба хона гашта андоз мегирифт, ҳангоми шумурдани пул, чорзону менишаст ва замзама мекард:

– Офарин ба Ленини мо! Худаш ҷудо ҳукм меронад, сураташ ҷудо. Пулаш ҷудо ҳукм меронад, ҳайкалаш ҷудо.

Ва ба ҳар ҳол адолат ҳукм меронд, – дар Вахш халқу қабилаҳойи тоҷик, немес, лақай, қунғурот, ӯзбак, урус, тотор, асетин, ки қисме ихтиёрӣ аз Бухорову Фарғонаву Ҳисор омаданд ва қисмеро ихтиёрию маҷбурӣ аз кӯҳистони Рашту Вахиёву Дарвозу Бадахшон кӯчонда овардаанд, аҳлона зиндагӣ мекарданд, ва қойдаву қонуни сотсиалистӣ чунин буд, ки ҳеҷ кас ҳақ надошт каси дигареро наҳ

занад, таҳқир бикунад; ва дар мактаб бачаҳо бо забони модариашон дарс мехонданд; ва табобатхонаҳо ба аҳолӣ якхел ва бемузд хизмат мекарданд; ва нокасе болои занаш зани дигар бигирад, маломат мешунид, ё ҳабс мешуд; ва ҳаромхӯре аз пули ҳаром кӯшке бисозад, кашида мегирифтанд ва ба истифодаи кӯдакон медоданд; ва мардум на доройи доро буданд ва на камбағали камбағал.

Ва ҳама аз сиёсати ҳизби коммунист розӣ буданд.

Ва Дилмурод ҳам розӣ буд, – хононд, касб дод, соҳиби мансаб кард ва обрӯву эътибор дорад; ва мулк осуда ва рӯзгори мардум босомон ва чашми одамон серу пур, ва ба қадри ин ҳама нозу неъмат расидан даркор; ва ӯ на фақат қадрдон буд, балки қойдаву қонунҳойи сотсиализмро ҳимоя мекард дар мурофиаҳо ва мақолаҳойи тарғиботӣ менавишт ва дар рӯзномаи вилоятӣ ба чоп медод; ва рафту омадаш ба редаксия аз вақт ба вақт, такрор ки мешуд, бо Ҳайдар – мудири шӯъбаи сиёсӣ, андаке дӯстӣ ҳам дошт; ва Ҳайдар ӯро одами нозғунҷи худ медонист, ва Дилмурод ҳам Ҳайдарро чун рафиқи рози ниҳон мешинохт, ва зиёфатҳо медод, аз шароб сарашон гарм шавад, аз мавзӯҳое баҳс мекарданд, ки одатан ба овози баланд гуфтан мумкин набуд, ва ягон боғайрати бемуросо гӯяду нависад, ҳеҷ рӯзномае чоп намекард, ва он касро одами беандеша ва бадбин мегуфтанду аз маърака дур нигоҳ медоштанд.

– Дилмурод, занакабозӣ аз дузаниву сезанӣ фарқ дорад? Қонун чӣ мегӯяд?

– Қонун мегӯяд, ки фарқ дорад. Дузана қонунро вайрон мекунад. Ҷиноят мекунад. Занакабоз бадахлоқ аст, ҷинояткор нест. Дузана ҷазойи ҷинойӣ мегирад, занбоз ҷазойи маъмурӣ. Аммо табиати инсон мегӯяд, ки занбозӣ ҳоҷатбарорист ва ҳоҷатбарорӣ савоб аст.

– Пас, ду зан гирифтан раво нест, вале занбозӣ равост?

– Ҳардуяш раво нест. Аммо дар амал пеши занбозиро гирифтан муҳол аст.

– Занбозӣ хароҷот дорад. Мисол кофта нагардему худатро гирем. Моҳонае, ки аз ҷойи кор мегирӣ, ба ду зиёфат мерасад. Баройи рӯзгори хона, мошин, иморат, кайфу

сафо бо одамони даркорӣ дар бӯстонсароҳо, курортҳо ва бардоштани нозу ниёзи хушрӯён, чӣ қадар пул даркор?! Ин қадар пулро аз куҷо мегирӣ?

– Аз хазинаи бетаг!

– Дар куҷост он хазинаи бетаг?

– Дар кисаи мардум.

– Мардум ҳамту аз киса мебароранду ба ту медиҳанд?

– Не, албатта. Роҳу равишашро донистан даркор. Ин як илми дигар.

– Ин илм ҳам ба илми коммунизм дохил мешавад?

– Не, албатта. Лекин ба ғалабаи коммунизм зиёне намерасонад. Асосҳойи коммунизм мисли оби ана ҳамин дарёи Вахш, қудрату тавоне дорад, ки лашу лушҳойи сари роҳашро рӯфта мебарад.

Ва бинокорон иморате сохтанд шаш ошёна ва ҳаштод дар хона, барои ҳаштод ойла, ва комиссияи давлатӣ омад ва беруну дарунашро дид ва ҳуҷҷат навишт, ва қабул кард, ки «норасоие надорад, ба истифода дода шавад»; ва бинокорон рафтанд ба ошхона ва арақу кабоб фармуданд ва сардорашон қадаҳ бардошт:

– Аз масолеҳи бино дуздидед, фурӯхтед, боз бино буд шуду нуқс надорад. Кор инчунин бояд! Нӯшидем!

Ва раиси колхоз шудгори тирамоҳиро дар баҳор анҷом дод, ва дар кумитаи марказии ҳизб, ки восита дошт, бо дахолату тавсияи ӯ, вазорати кишоварзӣ ба раис Байрақи Сурхи Сайёр супорид ва номзад ба вакилии мардум дар шӯройи олӣ пешниҳод кард, ки:

– Корҳойи коммунистӣ инчунин бояд!

Ва директори мактаб, дар мавсими пахтачинӣ, муаллимонро ӯҳдадор кард, ки ҳар рӯз панҷоҳ-шаст кило пахта бичинанд, ва ҳар муаллиме, ки саркашӣ мекунад, ба ҷазоҳойи сахт гирифтор хоҳад шуд, ва он вақт аз маъмурият не, аз худаш гила бикунад; ва муаллимон се моҳи таҳсил, ба ҷойи китобу дафтар, халтаи пахтачинӣ гирифта гаштанд; ва дар соли нави таҳсил бюрои ҳизбии кумитаи район он директорро мудири маориф таъин кард, ки:

– Ташаббус инчунин бояд!

Ва…

Ва дар СССР ҳамин хел коммунистон, ки ҳам ба ғалабаи коммунизм, бечунучаро, бовар мекарданд, ва ҳам эътиқод доштанд, ки ҳизби коммунист ақл, фаросат ва шарафи замон аст, ва ҳам манфиати шахсиашонро зарууртар аз риояи идеалҳойи коммунистӣ медонстанд, аз сол ба сол меафзуд, ва ҳаминҳо, бо садоқати кӯр-кӯрона ба зоҳири шиорҳо ва ҳарфи нақшаву иҷройи он, – шаъну шараф ба КПСС, нақшаи панҷсоларо дар чор сол!, – кордониро иваз мекарданд ба корчаллонӣ, ва дастак медоданд ба тарғиботи империалистҳо алайҳи коммунистҳо.

Ва дастгоҳҳойи муқтадири табъу нашри империалистон, бино ба тарҳрезии маълум, ки дар соли 1949 муттаҳиданд маъқул диниста буданд ва бедареғ хароҷот мекарданд, аз камбудиҳойи ҷузъӣ ва хаторавиҳойи фаръӣ, хулосаҳойи куллӣ ва бунёдӣ мебароварданд, – Иттиҳоди Шӯравӣ давлати истибдодист, ки ҳуқуқи Инсонро поймол мекунад, дар он ҷо озодии сухан нест ва озодандешон зери фишору таъқибанд, ва марксизм илми тараққиёту пешрафти ҷомеъа нест ва ин назария агар ба интиҳойи мантиқиаш бирасад, ҷомеъаи ҷаҳон, ночор ба фалокатҳойи мудҳиш дучор хоҳад шуд. Ва менавиштанду мегуфтанд аз ин бобат, ва навиштаҳоро пинҳонӣ медароварданд ба СССР, ва гуфтаҳоро шабакаҳойи радиои Садои Амрико ва Озодӣ, шабу рӯз бе танаффус, бо забонҳойи русиву форсиву туркӣ, такрор мекарду такрор мекард, ва «ноаён, вале пайгирона, ба худсарӣ ва худнамоии мансабдорон, ришвахӯрӣ ва бемаслакии онҳо», заминаи муносиб фароҳам меовард, ва ҳафт миллион доллар дар як сол сарф кард, ки дар Осиёи Миёна низоъҳойи миллӣ ва диниро ангезиш бидиҳад; ва Яҳудурусро, ки дар сар дағдағаи бузургиву шӯҳрат дошт, дар Масков харид, ва пулу моли фаровон дод, ва Яҳудурус пинҳону рустӣ маҷаллаи адабиёт баровард, ки «палидтарин эҳсосоти инсониро тасвир ва тараннум мекард»; ва дар Лондону Вашингтон ҳикоя, повест ва мақолаҳойи ин маҷалларо Яҳудянкӣ ба забони англисӣ баргардонд, ва ин китоб

миллион нусха чоп шуд, ва муаллифонаш ҷоизаҳойи байналмилалӣ гирифтанд, ки «ҳунари нависандагӣ ин аст!»

Ва мубаллиғони коммунизм ҳам бекор нанишастанд, – китобҳойи ғафс-ғафс навиштанд ва қувваҳойи сензураро сахт тофтанд, ва шарҳ медоданду исбот мекарданд, ки империализм зинаи охирини капитализм аст, ва ҳоло ба ҳолати наъз гирифтор шудааст. Ва имрӯз не, фардо, ҳатман, барои коммунизм ҷой холӣ мекунад; ва коршиканиҳойи оммавӣ дар заводу фабрикҳо ва бӯҳронҳойи пуливу молӣ дар ин мамлакатҳо ва афзудани шумораи бекорон ва ривоҷи бадахлоқиву фисқу фасод дар ҷомеъа, гӯётарин нишонаҳойи заволи ҳамагуна давлату сиёсат буд ва ҳаст; ва ҷавобҳойи савоб медоданд ба душманони марксизм, вале догматикӣ ва фаромӯш мекарданд, ки марксизм догма нест, ва фурқон нест, ки «аз осмон фуруд омада» бошад ва тағйир наёбад ва мувофиқ ба талаботи замон нашавад; ва худи асосгузорони марксизму сотсиализм ба таъкид гуфтаанд, ки марксизм илм аст ва илм, ба монанди рӯзгор, доим дар як қарор намеистад, ва роҳу равишаш тағйир ёфта меистад.

Ва дар муҳорибаи идеалҳойи ду сохти давлатдорӣ ва ду сиёсат, – сотсиалистӣ ва капиталистӣ, – яке ба эътиқод такия мекард, дигаре ба пул; ва силоҳи дурзану бунёдкани ҳарду тараф адабиёт, театр, кино ва рақсу суруд буд; ва истеъдодҳову ҳунармандони ҳамаи ин соҳаҳо агар парастиши некӣ, раҳмдилӣ, дӯстӣ, бародарӣ, баробарӣ ва ҳалолкориву ҳалолхӯриро васф бикунанд, СССР ба қадрашон мерасид ва осорашонро нашру тарғиб мекард, ва ҷоизаҳо медод, ва обрӯву мартабаашонро баланд мебардошт; ва агар парастиши шаҳват, таҷовуз, бераҳмӣ, хиёнат ва ҳузну дилшикастагиву гӯшанишиниро васф бикунанд, Амрико дастгирӣ ва болобардорашон мекард, ва ҷоизаҳо медод, ва шӯҳрат меёфтанд.

Ва ҳарду тараф як ҳадаф доштанд, – дар мамлакати душман ҷавонон ва умуман одамони беору номус ва ватанбезор ва разил ба воя расонанд, ва дар набарди идеологӣ ғолибият ба даст биёваранд.

## 5

Ва ҳизби коммунистӣ Съезд мегузаронд ва Қарор мебаровард.

Ва мардум Қарор мехонданд ва кор мекарданд.

Ва дар аввал ҳизби коммунистии коргару деҳқон буд, ва баъд ҳизби коммунистии коргару деҳқон ва сипоҳиён шуд, ва дар охир Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ ном гирифт.

Ва иттиҳоди шӯравӣ, ки давлати заҳматкашон буд, ва аҳли қаламу ҳунар ба қатори заҳматкаш дохил намешуданд, политбюро як қарори пинҳонӣ баровард, ки ба сафи ҳизб аз заҳматкашон бештар ва аз аҳли қаламу ҳунар камтар қабул карда шавад.

Ва кулли ташкилотҳойи ҳизбӣ Қарорро якдилона маъқул донистанд.

Ва кумитаи ҳизбии шаҳри Сталинобод, дар асоси он як Қарори пинҳонӣ баровард, ва бино бар он қарор аз завуди смент шаш нафар ва аз фабрикаи бофандагӣ ҳашт нафар ва аз ҳамаи автобазаҳойи шаҳр нӯҳ нафар ва аз бинокорон ҳафт нафар ва аз ҷавонони коргар дувоздаҳ нафар ва аз мактабҳойи олӣ ду нафар ва аз академияи илмҳо, бо сенздаҳ пажӯҳишгоҳаш, ду нафар ва ҳатман, аз ҷумлаи пешқадамон, бояд ки ба сафи ҳизб ҷалб мешуданд; ва дар районҳо низ интихобу қабул ба ҳамун тартиб буд ва фақат як фарқ дошт, ки ба пахтакорон ва чорводорон имтиёзи бештаре медоданд.

Ва дар СССР ба касе, ки аъзойи ҳизби коммунистӣ набошад, мансаб намерасид, ва на танҳо ба мансабҳойи калони давлатӣ, балки ба сардории як дастаи коргарон ва ё мудири шӯъбаи як рӯзномаи район, пешбариву тасдиқ намекарданд. Мумкин набуд.

Ва Қодир Иззатович, коммунист, бригадир, дар лаби ҳавз, дар сояи ду маҷнунбед, як қумғони дудхӯрда ва ду пиёлаи нимшуста дар пешаш, ёнбош кашидааст, ва гоҳо ғанаб меравад ва гоҳе ба майдони пахта ва пахтачинҳо менигарад, ки ҳамаашон зану духтарҳойи сурхпӯшанд, ва халтаи канаб ба гардан андохта ба миён бастаанд, ва дар гармойи тоби-

стон, қади ҷӯяҳо, даруни ниҳолҳойи шукуфтаи пахта, роҳравон хаму рост мешаванд, ва дастонашон аз ниҳол ба халта, ва аз халта ба ниҳол мераваду меоянд, мераваду меоянд, ва аз тафси ҳаво лабонашон, чун тароша, хушк шудааст ва нам надорад; ва ӯ ваъда додаст, ки аз ҳар як гектар чил сентнер ҳосил бигирад.

Ва Миралӣ Валаматович, пешқадам, коммунист, раиси колхоз, се соати дароз дар маҷлиси ҳукумат наҷунбида нишаст, ва ду соати дигар дар ресторан ба инспектороне, ки аз вазоратҳо омаданд, нону намак, яъне шаробу кабоб дод, ва хаста шуд, ва ронандаи мошинро гуфт, ки «ҳай кун ба Сарчашма!»; ва мошин аз роҳи саҳро, ки дағар буғур аст, ва ду тараф колхозчиён гандуму алаф медараванд, ғарғару патпаткунон гузашту дар Сарчашма истод, ва раис аз мошин фуромад, ва шиками дамбашро молида боло сари ҳавзча баромад ва мӯзаҳояшро кашид, ва поҳояшро даруни об монд; ва оби ҳавзча аз новадоне поён мерехт, ва дар таг деги маърака меҷӯшид, ва ошпазҳо аз новадон об мегирифтанд; ва сатилбадасте ҷонибаш бо савол нигарист ва ӯ хандид:

– Обата гирифтан гир! Пойи раис аз дасти шумо ҳалол аст.

Ва Қудрат Додоевич, коммунисти собиқадор, номзад ба аъзойи Кумитаи марказии ҳизби коммунистии ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби якуми ҳизби коммунистии район, тараддуди курорт рафтан дошт, ва раисони колхозу директорони зовуду автобазаро даъват кард ба зиёфати гусел; ва гирдогирди хонаи ёздаҳболор кӯрпачаҳойи яккад партофт, ва ҳангоми сӯҳбату хӯрдану нӯшидан, ва рост хеста ба васфи беҳтарин одаму бохирадтарин роҳбар, нӯшбодҳо гуфтан, ҷойи нишасти ҳар яки онҳоро зери чашм кард; ва баъди гусели меҳмонон лаби кӯрпачаҳоро бардошт, ва ҳар яки онҳо маблағе зери кӯрпача монда буданд барои роҳпулӣ ва дамгирӣ; ва ҷойи нишасти директори заводи биринӣ холӣ буд; ва раиси колхози Дӯстӣ директори заводи биринҷро бад медид, ва номаълум маблағи мондаи ӯро ғеҷонда ба ҷойи нишасти худаш гузошт,

ки ҷазояшро диҳад; ва баъди аз курорт баргаштан, аввалин фармоне, ки вай дод, аз мансаб гирифтани директор буд…

Ва Дилмурод саду панҷоҳ – дусад грамм арақ хӯрад, одами оқилу одил мешуд, ва Ҳайдар феъли ӯро медонист, ва дар чунин мавридҳо аз масъалаҳойи нозук сӯҳбат мекард; ва дар ресторан, дар гӯшаи хосе, ки онҳо нишаста буданд, рафтору кирдорҳойи бригадир, раис ва котибро нақл кард ва маслиҳат пурсид:

– Дар ҳолати ногуворе мондаем. Мухбир ҳар рӯз мебиёяд. Далелу шоҳидҳойи нав ба нав мебиёрад. Дар рӯзнома чоп кардани ин хел хабарҳо мумкин не. Ба мухбир ҷавоби савоб дода наметавонем, ки қаноатбахш бишавад.

– Худи ҳамон мухбир чӣ хел одам?

– Одами ростгӯ. Устухонаш дар корҳойи пионерӣ, комсомолӣ ва ҳизбӣ сахт шудагӣ. Ҳоло дар нафақа. Муросо гуфтанӣ гапро намедонад. Мардум дар рӯяш ва дар ғайбаш таъриф мекунанд, ки рости гапро мегӯяд, дурӯягӣ намекунад, вале обрӯву эътибору эҳтироме надорад. Ҳурмат намекунанд.

– Ба раис ва котиб зӯратон намерасад. Аз паси ин корҳо нагардед. Лекин бригадирро фелетон кардан мумкин. Фелетон нависед, бо имзойи мухбир чоп кунед. Мухбир хурсанд, ҷони шумо халос.

Ва дар рӯзнома фелетон бо имзойи мухбир чоп шуд, ва ин фелетонро дар бюройи ҳизби район хонданду маъқул донистанду қарор бароварданд: «Фактҳо тасдиқ шуд. Бригадир, барои вайрон кардани интизоми ҳизбӣ аз вазифа озод ва аз сафи ҳизб бароварда шавад». Ва нусхаи қарорро фиристониданд ба редаксия, ва рӯзнома дар гӯшаи Ҷавобҳо чоп кард; ва ҳангоми таъоми чошт Абӯбакри обдор, рӯзнома ба даст, дар назди самовори ба қадаш баробар, рост истода, бо овози баланд қарорро хонд, ва чеҳраи колхозчиён равшан шуд, гӯё хастагиашон баромад; ва Абӯбакр бо даст ба осмон ишора кард:

– Дар боло коммунистони ҳалол ҳастанд. Чанд нафаре,

ки дар поён ҳаромкорӣ мекунанд, коммунистони нохонда ва нодонанд. Агар боло набошад, инҳо дар як сол оламро фаромӯш мекунанд.

Ва дар боло як ҳайҷойи дигар буд, – коммунистони асил ва асосгузорон ва ҷонфидоёни сотсиализм, ки ғайр аз ғалабаи коммунизм дар рӯйи ҷаҳон ва несту нобуд кардани капитализм, шавқу завқ ва орзуву ормони дигаре надоштанд, аз сол ба сол дар сари кор кам мемонданд, ва коммунистони тайёрхӯр бисёр меомаданд; ва охирин бунёдгузор дар як сӯҳбати хоса луқма партофт, ки сафи коммунистон олуда шудааст, коммунистони ба ғояҳойи коммунистӣ содиқ каманд; ва болонишинон аз мансби худ ва ҷони худ тарсиданд, – боз тоза кардани сафҳойи ҳизб сар мешавад! Ва бо кӯшише, ки худҳошон зинда ва дар сари кор бимонанд, дасисаву ҳиллаву найрангро силоҳ сохтанд, ва ғаддоронаву бомаслиҳат пири ботадбири сотсиализмро заҳролуд карданду куштанд, ва маргашро ду рӯз аз халқ пинҳон доштанд, ва мансабҳоро байни худ тақсим карданд, ва ба маснади ӯ Кункалларо биншонданд, ки дастпарвари худамон аст ва аз хати кашидаамон берун намеравад.

Ва даҳ рӯз ҳамроҳи мардум мотам гирифтанд.

Ва баъди даҳ рӯз, баъди ҷасади ӯро Мавзолей бурда дар паҳлӯйи Ленини абадзинда хобонидан, пленуми ғайринавбатӣ даъват шуд, ва пленум Кункалларо котиби генералии ҳизби коммунисти Иттиҳоди шӯравӣ интихоб кард.

Ва Кункалла тахаллуси ҳизбии вай буд. Солҳойи аввали Ҳокимияти шӯравӣ кони ангишти Донбасс ҳар сол як ташаббус нишон медод, – дар як баст баробари ду баст ангишт кандан, нақшаи панҷсоларо дар чор сол иҷро кардан…, – ва он солҳо вай, чун роҳбари сиёсии ҳавзаи ангишт, хеле шӯҳрат дошт, ва дар мавзӯи «роли роҳбарикунандаи ҳизб» ваъз гуфтанро нағз медид; ва боре ба чоҳи ангишткканон даромад. Ва вақти танаффуси онҳо ваъз мегуфт, ки шифти чоҳ фурӯ рафт ва ҳозирон таги сангу хок монданд; ва халосгарон омаданд, ва онҳоро халос карданд, ва маълум шуд, ки воиз, ғайр аз кун ва сар, дигар узви зинда надорад; ва беҳта-

рин ҷарроҳҳоро оварданд ва ҷарроҳон кунро гирифтанду ба сар дӯхтанд, ва ӯ сиҳату саломат ба ҷойи кораш баргашт, ва ҳамсафони ҳизбияш ба вай тахаллуси Кункалла муносиб диданд.

Ва мухбирон очеркҳо навиштанд ва носире роман навишт аз иродаи беҳамтойи Кункалла, ки намунаи воло ва гӯёи садоқат ба ғояҳойи коммунистист, ва чунин одамонро фақат ҳизби коммунистӣ ва ҷомеъаи сотсиалистӣ тарбия ва ба воя расонида метавонад.

Ва Кункалларо бурданд ба вилоят ва ҷонишини котиби якуми кумитаи ҳизбии вилоят таъин карданд, ва вакили халқ дар Шӯройи Олӣ шуд, ва ҳамин хел аз мансаб ба мансаб рафт то аъзойи бюройи сиёсӣ, ва инак, Котиби Генералӣ.

Ва он гурӯҳе, ки Кункалларо кофтанду ёфтанду бардоштанд ва ба курсии олӣ бинишониданд, бовар доштанд, ки дар бозиҳойи сиёсӣ вай аз як лӯхтак бештар мақоме нахоҳад дошт, валекин дар амал вай сиёсатбозиҳое кард, ки ҳамаи онҳо лӯхтаки дасти ӯ шуданд, – аввал маршали аз онҳо норизову озурдахотирро оварда Вазири мудофиа монд, баъд як аъзойи бюро, ки сусту мусту латта буд, бо пешниҳоди ӯ, Раиси шӯройи вазирон шуд; ва бо такия ба ин ҳарду дигаронро дар ҳоли ноустуворе гирифтор кард, ки аз сояи худ метарсиданд, ва хости ӯро хости ҳизб медонистанд.

Ва Кункалла ба Конститутсия ва ба оинномa ва ба Барнома тағйиротҳо даровард; ва ин ҳуҷҷатҳойи калидӣ, ки дар ҳаҷм хурд ва дар маънӣ бузург буданд, пас аз тағйиротҳо дар ҳаҷм бузург ва дар маънӣ хурд шуданд; ва Сарвазири Британияи Кабир ба президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нома фиристонид, ки «Ман ба давлати шӯравӣ зарарҳойи бисёр расонидаам. Лекин на ба он андозае, ки Кункалла расонид».

Ва Кункалла се чизро дӯст медошт:

Ҳар саҳар дар наҳор хӯрдани як хукбачаи бирён ва як шиша коняк.

Съезду пленуму машваратҳо даъват кардан ва ваъз

гуфтан.

Сафар кардан.

Ва ваъзҳойи ӯ, ки маърӯза ном дошт, хеле ва хеле тӯлонӣ буд, – аз се то панҷ соат беист гап мезад; ва вакилоне, ки аз ҳар шаҳру деҳ омадаанд, гластукҳо сахт бастагӣ, наҷунбида гӯш мекарданд, ва агар аз раёсат яке каф кӯбад, коҳилона каф мекӯфтанд, ки ба вай сахт мерасид; ва дар съезди навбатӣ ба раиси шӯройи олӣ супориш дод, ки «ту дар қатори якум биншин. Аз раёсат касе каф кӯбад, ту рост хеста қарсак бизан», ва Раис ин навбат супоришро иҷро кард, – рост хеста дуру дароз каф кӯфт, ва аҳли толор аз ҷо хеста каф кӯфтанд, ва минбаъд аз ҷо рост хеста дуру дароз каф кӯфтан одат шуд; ва рӯзномаҳо, аз Правдаи Москов то Ҳақиқати Ҷиргатол, ки расман чаҳор саҳифа буданд, рӯзҳойи маърӯза кардани вай аз ҳашт то дувоздаҳ саҳифа нашр мешуданд; ва навбатдори шумора, ки шаби дароз хоб накардааст, саҳифаи дасташро ғиҷим карда, бо қаҳр зери миз мепартофт, – «шутурро печондан мумкин бо ин маърӯзаву бо ин рӯзнома!»

Ва маърӯзаро як даста олиму котибу услубдон менавиштанд ва китоб бо номи ӯ чоп мешуд, ки муаллиф аст, ва се ҷилдаш, ки аз чоп баромад, ба сари Кункалла савдойи Академикӣ даромад; ва ҳуҷҷат пешниҳод карданд ба Академияи илмҳо; ва академикҳо рад карданд, – ба ӯ унвони академик надоданд, ва ин хабарро як рӯзномаи музофотӣ чоп кард; ва пас аз як моҳ вай моҳонаи олимону рӯзномабаророн ва музди қалами аҳли қаламро панҷоҳ дар сад кам кард, ки «ягон коргару деҳқон ин қадар пул намеигирад».

Ва назарияҳойи нав баровард, то ки дар қатори доҳиҳо бошад, – нақшаи панҷсолаи тараққиётро бекор кард, ки илмӣ нест, бино бар илми иқтисод, нақшаи тараққиёт, бояд ҳафтсола бошад, фақат нақшаи ҳафтсола имкон медиҳад, ки захираҳо дуруст истифода шаванд ва ҳосили матлуб ба даст ояд; ва пойгоҳҳойи мошину тракторҳоро, ки бо шартнома ба колхозу совхозу заминкушову каналбарор хизмат мекард, барҳам дод, ки ба касе мошину

трактор лозим бошад, худаш бихарад; ва ба ошхонаҳо фармуд, ки ба хӯрандагон нони бепул бидиҳанд, бигзор, аз неъматҳойи коммунизм баҳра бардоранд!..

Ва Ҳайдар аз Ховалинг, аз сафар баргашт, ва дар редаксия ба ҳамкорон нақл кард:

– Подаи говони зотӣ, ки аз Голландия овარданд, ва дар саҳро сар доданд, ки тобистону зимистон озод чарида гарданд, ва ширу гӯшту насли бисёр бидиҳанд, ва ташвишу хароҷоташ кам аст, чашмаҳоро зери пову вайрон кардаанд, оби чашмаҳо таг ғалтида хушк шудааст. Сарбории ин боз говон ба касалии шушу ҷигар гирифтор шудаанд, ки ба дигар ҷондорон, аз ҷумла ба одамон, сироят мекардааст. Калони калонамон ин хабарро шунида подаро хабаргирӣ рафтааст. Мардум латифа гуфта механданд, ки «Ғамхориро бинед?! Гов касал шавад, аҳволпурсӣ меравaнд. Одам мурад, касе парво надорад».

Ва муҳаррири рӯзнома ин лавҳаро аз мақола хат зад, ва Ҳайдарро танбеҳ дод, ва дар маҷлиси кушоди ҳизбӣ, таъкид ба таъкид, ба гӯши мудирону мухбирон ҷо кард, ки «рӯзномаи ҳизбӣ» ҷойи латифагӯйӣ нест. Дар ин ҷо ҳар як калимаро баркашида гуфтан даркор. Рӯзномаи ҳизбӣ сиёсати ҳизбро тарғиб мекунад, на ғайбатҳойи кӯчаро!»

Ва сиёсати ҳизб дар қонуну қарору дастурамалҳо ва дар даҳон аз минбарҳо ва дар коғаз аз анборҳо буд; ва ҳақиқати ҳоли рӯзгор дар ғайбатхонаҳову шикоятномаҳову зиндону дилу майнаи ҳақиқатҷӯён.

Ва сензура, ки дар асл ҳифзи сири давлат ва сири ҳарбӣ ва дифоъ аз харобкории ғояҳои ғайри марксистӣ буд, дарвоқеъ номаълуму ноаён ва ба мадади пайвастаи донотарошони нодон, ба ҳомии пучгӯйӣ табдил меёфт, ва сухани бамаънӣ нодаркору зараровар, ва сухани бемаънӣ айни муддао ҳисоб мешуд; ва мухбир барои он ки мақолаaш калон шавад, ба ҷойи Н.К.Крупская «ҳамсари вафодори доҳии пролетариати ҷаҳон Владимир Ильич Ленин, яке аз асосгузорони педагогикаи шӯравӣ, Надежда Константиновна Крупская» менавишт, чунки редаксия ба сифат коре надошт, барои ҳаҷм ҳаққи қалам медод.

Ва Съезду Пленуму Машваратҳойи ҳизби коммунистӣ сари вақт, мунтазам, даъват мешуд, ва аз ҳизбҳойи коммунистиву сотсиалистии рӯйи ҷаҳон вакилу меҳмон меомад, ва аз бобати дастовардҳойи сотсиализм сухан мегуфтанду мешуниданд, ва аз ҷо бархеста каф мекӯфтанд; ва дар танаффусҳо навбат истода аз дӯкони хоса либосу палосу чинивории камёб мехариданд, ва ба тарафдории қарорҳо якдилона овоз медоданд; ва қарорҳо бо таъкиди «Боз» сар мешуд, – Боз ҳам мустаҳкам кардани интизоми ҳизбӣ, Боз ҳам баланд бардоштани маданияти деҳот, Боз ҳам беҳтар кардани сифати китобҳойи бачагон…, – ва ин «бозҳо» аз съезд ба съезд, аз пленум ба пленум, такрор мешуд; ва дар ҷумҳуриҳо дар асоси он қарорҳо ва барои иҷройи он қарорҳо Съезду Пленуму Машваратҳо мегузарониданд, ва айнан ҳамон хел қарорҳо мебароварданд.

Ва нуздаҳ ҳазор мубаллиғон ваъз гуфтанд дар шаҳрҳову деҳот, ва шарҳ доданд моҳияти қарорҳойи як съездро; ва даҳ ҳазору панҷсад аъзойи ҷамъияти «Дониш» панҷ соли расо аҳамияти таърихӣ ва нақшаҳойи хирадмандонаи съезди ХХУ1-ро ташвиқу тарғиб карданд дар байни аҳолӣ; ва се ҳазору дусаду панҷоҳу як коммунисту комсомол дар маҳфилҳойи «маорифи сиёсӣ» асноди съездро омӯхтанд ва ба роҳбарӣ гирифтанд; ва дар як ҳазору сесаду сиву ҳафт хонаи маданият, клуб ва чойхона – қироатхона, бахшида ба ин санаи таърихӣ, намоиши рисолаҳо ва суратҳойи ранга ташкил карданд ва рӯйи мизҳо гузоштанд ва дар деворҳо часпонданд, ва даҳ ҳазор нозирони халқӣ анҷоми ин ҳама чорабиниҳоро назорат мекарданд…

Ва дар охири сол ҳамаи ташкилотҳойи ҳизбӣ, – аз колхоз то вазорат, – ҳисобот навиштанд, ки чанд маҷлис шуд, чанд одам ҳозир буд, чанд нафар сухан гуфт, синну солашон аз чанд то чанд, чиҳо гуфтанд, чӣ ӯҳдадориҳо гирифтанд; ва ҳисобот аз деҳшӯро ба район ва аз район ба вилоят ва аз вилоят ба ҷумҳурӣ меомад, ва аз ҷумҳурӣ ба иттиҳод, ба Москов мерафт, ва аз муваффақиятҳойи беназир башорат медод.

Ва ҳамон сол кумитаи марказии ҳизби коммунисти ҷумҳурӣ аз зафарҳо башорат дод, ки дар Тоҷикистон одамоне, ки маълумоти олӣ доранд, ба ҳисоби ҳар сад сари аҳолӣ, аз Франсаву Дания зиёд аст; дар партави қарорҳойи ҳизб шоҳибофони мо он қадар атлас бофтанд, ки гирди кураи замин якуним печ мегардад; пахтаи маҳиннахи мо, ҳам аз ҷиҳати ҳосил ва ҳам аз ҷиҳати сифат, дар Иттиҳод дар ҷойи якум меистад; дар комбинати ресандагӣ дувоздаҳ ҳазор коргар, ғолибан занҳо, аз чилу як миллат, дар ду баст, аҳлона кор мекунанд, ки намунаи воқеъии дӯстии халқҳост; захираи оби Тоҷикистон дар ҳудуди СССР ҷойи сейумро мегирад ва пойгоҳи барқи «Дӯстии халқҳо» дар Осиёи Миёна калонтарину пурқувваттарин аст; ҷумҳурӣ конҳойи маъдане дорад, ки дар ягон ҷойи дигар нест…

Ва ҳамон сол Анвар Додалиев, ходими калони пажӯҳишгоҳи фалсафа, ба шӯройи илмии Академия рисола пешниҳод кард барои унвони илмӣ гирифтан; ва дар рисола, дар мавриде мисол оварда буд, ки «Шумора дуруст. Ҳамин қадар одам диплом гирифтагӣ. Давлат барои хонондани онҳо вақту маблағи зиёде сарф кардагӣ. Лекин дар вақти зарурат, – кашидани тарҳи бинойи зебо, ё тарошидани ҳайкали қаҳрамоне, ё сабзонидани гандуми серҳосил, ё ки кашф кардани маъданҳо, ё навиштани китоби дарсӣ, хусусан аз тиббу табиат, ё,.., – худи ҳамон давлатдорон бечораҳолона эътироф мекунанд, ки мутахассис надорем. Чаро?! Шояд дуруст бошад, ки атласи Хуҷанд ба гирди кураи замин якуним давр мезанад. Аммо дар машварати фаъолони аҳли заҳмат, пешқадамон як чек дар даст, дар навбат якдигарро тела дода, ба дари дӯкони хоса роҳ кушода, як либосворӣ атлас мегиранд. Чаро?! Рӯдҳойи пуроб ҳаст. Об фаровон. Вале шаст бар сади аҳолӣ аз ҷӯҳойи ифлос об мегиранду об мехӯранд. Ба оби кашонда зиндагӣ мекардагиҳо низ кам нест. Чаро?!..» Ва дар шӯройи илмӣ академикҳо даъвоҳойи Анварро баргардонида ба даҳони худаш заданд ва ӯро муттаҳам карданд, ки «Додалиев фарҳанг ва истеъдод ва ҳунари халқро инкор мекунад. Вай ба осиёи

душманон об мерезад. Ношукру носипос аст. Ба қадри файзу баракати ҳаёти сотсиалистӣ намерасад». Ва ба ӯ унвони илмӣ надоданд, ва аз ходими калон гирифтанд, ва бо шарт ходими хурд монданд, ки агар ислоҳ нашавад, аз кор пеш мекунанд.

Ва Муродгул, модари Дилмурод, ки аз фарти эътиқод ба ахлоқи коммунистӣ ва ба ғалабаи коммунизм, ҳатто аз писараш дилмонда буд, ва пояш накашид, ки рафта иморати дуошёнаи ӯро як назар бубинад, – рафтори коммунистона нест ин рафторҳо! Кирдори коммуниствор нест ин кордорҳо!, – ҳисоботи солона ва хабари моҷаройи Анварро аз рӯзномаҳо хонд, ва хонду заҳракаф шуд; ва Дилмурод аз таҳти дил мотам гирифт, ва дар айни ҳол гӯё сабукие дар рӯҳаш ҳис кард, зеро модараш ягона касе буд, ки бубинад, аз корҳои кардааш пушаймон мешуд, ва хиҷолат мекашид, ва акнун бори пушаймонӣ ва шарму ҳаё аз дӯшаш афтид.

Ва ҳамон сол ба унвони кумитаи марказии ҳизб аз номи заҳматкашон ёздаҳ ҳазору ҳафтсаду ҳафтоду шаш мактуби шикоятӣ ва арзу дод омад, ва аз ҷумла шашсаду шасту се тояш такрори дуву себора буд.

Ва Ҳақназари Закун, ки дар маҷлисҳо ва сӯҳбатҳо доим аз Ленин иқтибос меовард, ба ҳимояи Маҳмуди Телешка ҳафт мактуб ба ҳафт идораи боло навишт ва як ҷавоби дуруст ҳам нагирифт; нусхаи он мактубҳоро ғун овард, ва ба лифофаи паҳне андохт, ва сахт ширеш кард, ва ба миёнаш баст, ва рафт ба Москов, ва дар Майдони Сурх чор соату бист дақиқа дар байни мардуми анбӯҳе навбат гирифту истод, ва даромад ба Мавзолей, ва лифофаро баровард ва бо ду дасти адаб монд болойи тобут, – ҳоли моро худат напурсӣ, дигар каси мепурсидагӣ нест!; ва нозирон безобита шуданд, ва ду ҷавонмарди низомӣ аз ду оринҷаш доштанду баровараданд берун, ва бурданд ба як ҳуҷраи нимторик, ва ду рӯз пурсуков карданд, ва баъди як ҳафта саду панҷоҳ сум ҷарима гирифтанду ҷавоб доданд.

Ва Кункалла ҳар наҳор як хукбачаи бирён ва як шиша коняк мехӯрд, ва маҷлис мегузаронд, ва мансаб тақсим

мекард ва ба сафар мерафт; ва дар маҷлисҳо аз қудрати сиёсиву иқтисодиву иҷтимоиву ҳарбии СССР гап мезад, бисёр гап мезад, ва аз Ленин иқтибосҳо меовард; ва куллиёти асарҳойи Ленин дар панҷоҳу шаш ҷилд, дар ҷевони ойнакории базеб рах задагӣ буд, ки андаруни ғилофҳойи кардонӣ меистод ва дасте ба китобе нарасидааст; ва мансабҳойи давлатиро ба касоне медод, ки беҳтару хуштар хушомад гуфта метавонанд; ва раиси кумитаи бехатарии давлат дар як сӯҳбати маҳрамона ёдрас кард:

– Хушомадгӯй ақли давлатдорӣ надорад. Вай дар ғами мартаба ва айшу ишрати худ аст. Аз вай ба давлат зиён мерасад. Хатар ҳам дорад.

– Акнун мо ҳаминро надонистем!?, – ранҷид Кункалла.

Ва интихоби кадрҳо бадин минвол давом мекард, ва дар кумитаи марказӣ ҳар як мансабдор хушомадгӯйи худашро сари кор меовард, ва дар ҷумҳуриҳо ва вилоятҳо ва ноҳияҳо ҳар як сардор хушомадгӯй дошт, ки мансабу имтиёз медод, ва чунин тартиб ба расмият даромад ва сиёсати давлатӣ шуд.

Ва сафарҳояш дар ҳудуди СССР сурат мегирифт, ва ба ҳар шаҳре, ки равад, шаҳрдорон марду зан, пиру ҷавонро зӯран аз ҷойи кор ва хона ба кӯча мебароварданд, ва ба дасташон байрақчаҳо медоданд ва аз аэропорт то бӯстонсаройи ҳукумат, дар ду канори роҳ саф меоростанд, ва ӯ савори Чайкаи рӯкушода, бо аҳли рикобу ҷондорони низомӣ, аз роҳи холӣ дастафшон мегузашт, ва анбӯҳи одам байрақафшон Ура,Ура! мегуфтанд; ва ҳатман дар маҷлиси фаъолон, дар толори беҳтарин, маърӯза мехонд, ва ҷумлаи «Мо, коммунистон, аз байни халқ баромадаем»-ро фаровон истифода мебурд; ва донишҷӯи соли чорум дар толори Университет ба устоди файласуф савол дод:

– Мо, коммунистон, аз байни халқ баромадаем, чӣ маъно дорад?

– Маънояш ҳамин ки коммунистон як ҷузъи халқанд. Ба халқ бегона нестанд. Буду нобуди рӯзгори халқро медонанд. Баройи некӯаҳволии халқ заҳмат мекашанд.

– Ба гӯши ман ҳамин хел медарояд, ки коммунистон аз

байни халқ берун баромадаанд. Яъне дур шудаанд. Аҳволи халқро намедонанд. Аз халқ фарқ доранд.

– Не, ин хел маъно надорад. Шаккокӣ накунед. Шумо ҷавон. Фардо ба худатон зарар дорад.

– Ҳоло маълум не, ки фардо ба кӣ зарар дорад…

Ва хабарчинҳо ба Кункалла хабар расониданд, ки «Дар Белград вазири мудофиаро чунон бо ҳашамат ва бо дабдаба пешвоз гирифтанд, ки дар ягон ҷо, ягон роҳбари давлатро ин хел истиқбол накардаанд».

Ва дар Белград машварати вазирони мудофиаи мамлакатҳойи сотсиалистӣ даъват шуда буд, ва Белград бо Москов муносибати хубе надошт; ва Кункалла дар Ашқобод сайр мекард, ва таъҷилан рафт ба Москов ва пленуми фаврӣ ҷеғ зад, ва вазири мудофиа дар ҳаво дар самолёт парвоз мекард, ки пленум ӯро аз вазифааш гирифт; ва қойдаи байналмилалӣ иштироки котибони ҳизбҳоро, бигзор генералӣ бошад, дар машваратҳойи байни давлатҳо ғайриқонун медонист, чунки бино бар қонун роҳбари давлат раиси шӯройи вазирон буд, на сарвари ягон ҳизб; ва Кункалла раиси шӯройи вазирони СССР-ро, ки дастнишондаи худаш ва латтахислат аст, озод намуд ва дар ҷойи ӯ худаш нишаст, то ки ҳуқуқи ба чунин машваратҳо рафтан дошта бошад; ва баъд аз ин майдони сафараш вусъат гирифт, ва на фақат ба ҷумҳуриҳо ва мамлакатҳойи гурӯҳи сотсиалистӣ, балки ба давлатҳойи капиталистӣ ва нимкапиталистӣ ва феодалӣ ҳам сафар мекард, ва аз минбарҳойи баланду паст маърӯзаҳойи дурмадароз мехонд, ва тарҷумонҳойи маънирасу услубшинос аз панҷ-шаш ҷумлаи муғлақи вай як ҷумлаи бамаънӣ сохта тарҷима мекарданд; ва дар Лондон мухбире ба ӯ савол дод:

– Дар Иттиҳоди шӯравӣ чанд коммунист ҳаст?

Ва ӯ ҷавоб дод:

– Ҳаждаҳ миллион.

Мухбир боз пурсид:

– Чанд дузд ҳаст?

Ва ӯ гуфт:

– Ман ба як савол ду бор ҷавоб намедиҳам!

Ва тарҷумон тарҷима кард:

– Коммунистон дуздӣ намекунанд! – вале омада ба маъмурони Кумитаи марказӣ асли гапро хабар дод…

Ва вазиру раису директору мудир ҳамаи ҳамаашон коммунистон буданд, ва мудирони кӯдакистон ҳаққи кӯдакон, ва директори зовуд ҳаққи халқу давлат, ва раиси колхоз ҳаққи колхозчиёнро ва вазири сохтмон ҳаққи бинокорону иморатро медуздид.

Ва дигарон аз онҳо ибрат мегирифтанд, – бинокор чӯбу тахтаву хишт, ва чӯпон барраву бузғола, ва бофанда калобаву салла, ва дӯзанда риштаву малофа, ва табиб сӯзану дору, ва фурӯшанда қанду қурс, ва таъмиргар меху муфту тунука медуздид; ва дар дарвозаи фабрикаи чой посбон монданд, ва ҳангоми корбаро вай бағалу кисаи коргаронро кушодаву чаппа карда медид, ки чой дуздидаанд ё не; ва фабрика пури носкаш шуд, ва онҳо чойи дуздиро ба носкаду андохта мебаровარданд.

Ва раиси кумитаи бехатарии давлат, аввал, боэҳтиёт аз аъзоёни бюройи кумитаи марказии ҳизб ва аъзоёни кумитаи марказӣ, рамуз гирифт, ва донист, ки аксарият дар таги дил бо ӯ ҳамфикранд, дар сауна наздиктаринҳоро ғун овард, ва бо рамзу ишора гуфтугӯ карданд, ва ӯ дар омади гап хандид:

– Худаш кори маро сабук кард. Вазири мудофиаро аз сари роҳ бардошт. Ёдатон ҳаст? Масъаларо ҳал карда будем, ки вай ба кори дигар мегузарад. Дар лаҳзаи охир вазири мудофиа омад. Бо қатъият гуфт, ки «ман ба армия муроҷиат мекунам. Армия тарафи Кункалларо мегирад». Масъала ҳал нашуда монд. Акнун унхел пуштибон надорад.

Ва баъди ин сӯҳбат раиси кумитаи бехатарӣ ташаббускор шуд ва сӯиқасд ташкил кард, ки «давлатро аз ин хатар халос бояд кард»; ва онҳо дар боло ҳамзабону ҳамфикр шуданд, ва Кункалларо Қрим фиристониданд, ки «Шумо хаста шудед. Саломатии шумо фақат барои худатон не, барои халқу ватан даркор аст. Эҳтиёт кардан лозим. Раве-

ду дам гиред. Истироҳат кунед». Ва ӯро гуселониданд ва пинҳонӣ мансабҳойи олиро ғасб карданд, ва силоҳу дигар қувваҳойи ҳарбиро ба даст гирифтанд, ва пас пленум ҷеғ заданд, ва масъалаи аз кор гирифтани ӯро рӯйи об баровrouters-варданд, ва якдилона маъқул донистанд, ва якдилона овоз доданд, ва қарор бароварданд, ва қарорро радио хонд ва рӯзномаҳо чоп кард.

Ва сарвари ҳизб нав шуд ва роҳбарони давлату ҳукумат нав шуданд.

6

Ва мағзи таълимоти сотсиалистӣ ковок шуд.

Ва таълимоти буржуазӣ ба мағзи ғояи марксистӣ даромад.

Ва марксизм қонунҳойи гардиши табиат ва қонунҳои гардиши ҷамъият, ва сайри таърихиву ранг бадал карданҳойи ҳардуро тадқиқ ва таҳлил кард, ва пӯсташро партофту мағзашро гирифт, ва бо далелҳойи илмӣ ба хулосае омад, ки Инсоният, то даме ки дар рӯзгор ба худ ва ақли худ умед бастану кор карданро ёд нагирад, вай озод нест, ва ҷомеаи ҳуқуқи ҳамаи аъзоёнаш баробар сохта наметавонад; ва аввалин давлати сотсиалистӣ бояд ки ҳамчунин Инсонеро тарбия бикунад ва ба камол бирасонад. Ва то фавтидани доҳиҳо ҳамин корро мекард; ва баъд аз сари онҳо аз берун ба ном барномаи Далесс фаъол шуд, ва аз дарун коммунистоне сари кор омаданд, ки қолаби зоҳирии ҷомеъаи сотсиалистиро нигоҳ медоштанд, ва ҳимоя мекарданд, валекин маънойи «ба худ ва ақли худ умед бастан ва кор карданро» амиқ сарфаҳм намерафтанд; ва аз беруну аз дарун ақидаҳойи бегона нуфузи бештаре пайдо мекард.

Ва Котиби Генералии нав нақшаи ҳафтсолаи тараққиётро барҳам дод ва боз ба нақшаи панҷсола баргашт; ва шиори «насли имрӯза дар замони коммунизм зиндагӣ мекунанд!» аз даҳон монд, ва аз ёдҳо ба фаромӯшӣ рафт; ва кишти ҳатмии ҷуворӣ дар сар то сари мамлакат, ки ягона навоварии Кункалла буд ва ягона роҳи зудтар аз дарвозаи

сотсиализм баромада ба дарвозаи коммунизм даромадан медонист, ва дар як сафараш аз як фермери Амрикойӣ шунида буд, ки ҳосили фаровон медиҳад, ва ҳам нон мешавад ва ҳам чорворо тез фарбеҳ мекунад ва ҳам равғани хуштаъм дорад, ва худаш дар сафарҳо аввал ба тамошойи кишти ҷуворӣ мерафт, ва ба кори роҳбарон аз рӯйи вусъати ҷуворипарварӣ баҳо медод, як кори беақлона даниста шуд, ва рухсат доданд, ки касе зарур донад, бикорад ва касе нахоҳад, накорад.

Ва, бино бар анъана, Конститутсияро нав карданд.

Ва рӯзномаи «Вашингтон пост» як силсила мақола аз чоп баровард, ва ба тамоми ҷаҳон ҷор кашид, ки «СССР империяи беқонунист. Ҳар Котиби Генералие, ки ба сари кор ояд, конститутсияро ба муроди худаш дигар мекунад, яъне қонуни асосии давлатдорӣ надорад. Давлате, ки Қонуни асосӣ надорад, давлати истибдодист. Китоберо бо тасвири Герби давлатӣ ва бо номи Конститутсия нашр кардан маънойи онро надорад, ки дар СССР Қонуни асосӣ ҳаст. Балки чунин маъно дорад, ки ҳар кас дар СССР Котиби Генералӣ шавад, дар айни замон худаш Конститутсия аст».

Ва дар СССР, бино бар ҳисобу китобҳойи маъмурӣ, маҳсулоти хӯрданиву ошомиданиву пӯшиданиву сӯхтанӣ ва асбобсозиву мошинсозиву самолётсозиву ракетабарорӣ, нисбат ба соли як ҳазору нӯҳсаду сенздаҳ, ҳар сол се баробару ду баробару якуним баробар зиёд мешуд.

Ва мардум коҳилона кор мекарданд, – ун ҳавсалаву ун шавқу завқи пештара набуд. Ва мисли пештара дар рӯзҳойи ид, – якуми моҳи май, нӯҳуми моҳи май, ҳафтуми моҳи ноябр, – ливойу ливочаҳо ва суратҳойи калони доҳиҳову аъзоёни бюрои сиёсиро бардошта, саф-сафу мавҷ-мавҷ, дар шаҳрҳову шаҳрчаҳо, дар Майдони сурх, аз пеши минбари баланд мегузаштанд; ва аз минбари баланд , ки дар пасаш роҳбарону қаҳрамонону намояндаҳойи Иттифоқи касаба ва кумитаи комсомолӣ ва ташкилоти пионерӣ, рост истодаанд, нафаре ба фавҷе нигариста, аз коғази дасташ, бо овози баланд, шиор мехонд:

Зинда бод ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ!
Зинда бод иттифоқи синфи коргару деҳқон!
Зинда бод ҷавонон, бинокорони коммунизм!
Ва издиҳом бо низом
Ура!
Ура!
Ура!

мегуфтанд, ва ливоафшониву дастафшонӣ мекарданд; валекин дар саҳрову дар зовуду дар фабрику дар сохтмону дар идора мисли пештара рӯҳбаландонаву дилгармона ба кор намечаспиданд; ва куҳнааскар ба наваскар маслиҳат дод, ки «Фармони командирро гӯш кун, вале ба иҷрояш шитоб накун. Мумкин аз фикраш баргардад»; ва Ҳоҷикулӯли боғбон саҳаргоҳон дар рӯйи ҳавлиаш дид, ки шохи дарахти шафтолуро шикастаанд ва ғазабаш ҷӯшид, ки агар медидам, дасти ҳамон дарахтшиканро мешикастам; ва ба боғи совхоз расид, ки дарахтони зардолу як шохи сиҳат надоранд, ва нардҳойи токи ангур дар замин яксон, ва сахт алам накард, ва «ҳайвонҳойи бетамиз» гуфту ором шуд. Вай акнун моликияти ҷамъиятиро моли худ намешуморид.

Ва Тоҷикистон бояд чанд идора дошта бошад, ва дар фалон идора чанд кас бояд кор бикунад, чанд сӯм моҳона бигирад, аз Москов, аз Госплан, дастур меомад, ва онро якта зиёд, ё якта кам кардан ҷиноят буд: ва дар як идора сад нафар одам кор кунад, бистояш ҳалол заҳмат мекашид ва ҳаштод нафари дигараш саланг-саланг рӯз кӯр мекард, валекин ҳамон моҳонаашро мегирифт.

Ва Ҳайдар дар ресторани Вахш, дар болохона, ҳамроҳи Дилмурод нишаста, аз ҳамин бобат сӯҳбат мекард:

– Ман то ба Душанбе ба кор омадан, дар Қӯрғонтеппа гумон доштам, ки ин ҷо музофот ва кадр намерасад. Ночор се-чор нафар бори понздаҳ-шонздаҳ нафарро мекашад. Дар ин ҷо, дар редаксияи Тоҷикистони Советӣ, дидам, ки аҳвол айнан ҳамон хел. Ягон фарқ надорад.

– Фақат дар редаксияҳо не, дар ҳама ҷо аҳвол ҳамин хел, – бо дили пур гуфт Дилмурод. – Вале ин гапҳоро ба

кӣ мегӯйӣ? Ба худи ҳамон ҳаромкорон гӯйӣ, ки ҳалол кор карданро ёд гиред, меранҷанд. Туро душман мегиранд. Ба ҷойи он ки фикр кунанд, кӯшиш кунанд, омӯзанду ёд гиранд, вақтро беҳуда сарф карда дар кӯчаву бозор, дар нишасту хӯрдҳо, дар маҳфилу идораҳо, туро ганда карда мегарданд, ки фалонӣ маҳалпараст аст, маро бад мебинад. Ба маъмурони болотар гӯйӣ, боз сахттар мерасад, – инашро вай тавсия кардагӣ, ваяш хеш ё ҷӯраи инаш. Дар байн боз худат ганда мешавӣ. Таҷриба кардем. Дидем. Натиҷаашро худат медонӣ.

– Ин ҳам дард. Аммо ҳамаи дард не. Дар редаксия як мудири шӯъба буд. Ду ҷумларо пайваста наметавонист. Гирифтанду фиристониданд ба мактаби олии ҳизбӣ. Аз он ҷо омад, ҳоло инспектори шӯъбаи пропаганда дар кумитаи марказӣ. Алҳол сифати кори кулли матбуоту нашриётро назорат мекунад.

– Худаш барин одам доштаст дар ҳамон болоҳо. Ман як шинос дорам. Котиби якуми райком буд. Худаш институти кишоварзия тамом кардагӣ. Районро ба кун шинонд. Ягон соҳаи обод намонд. Шармандавор аз кор гирифтанд. Дар боло як одам дошт, бурданду раиси кумитаи кинематография таъин карданд. Ба ин ҳикматҳо ақли ману ту намерасад.

Ва дар боло Госплан нақша мекашид, ва нақшаро Котиби Генералӣ тасдиқ мекард, ва дар миёна ба роҳбарӣ мегирифтанд, ва дар поён фиребу найранг ва дуздиву ғорат ва ришвахӯриву қонуншиканӣ ривоҷ меёфт, ва ахлоқ фосид мешуд; ва нозирони Назорати ҳизбӣ мубориза мебурданд, ва Дружинаҳойи халқӣ мубориза мебурданд; ва милисаҳо вазифадор буданд, ки мубориза бибаранд, ва як милиса аз сардораш пурсид, ки «авбош худаш чист?», ва ҷавоб гирифт, ки «ҳамагуна коргурезу беодобу дузд», ва дӯғ зад, ки «ин хел бошад, ҳар рӯз даҳтаву бистаашро мекапам», валекин шумораи «авбошҳо» зиёд мешуду кам не; барои он ки ахлоқи коммунистиро покиза нигоҳ доранд, ва аз сирояти ахлоқи буржуазӣ пешгирӣ

бикунанд, дар Съезди навбатӣ ба Барномаи ҳизби Коммунисти Иттифоқи Советӣ тағйирот даровარданд, ва Қонуни ахлоқи бинокори коммунизмро тасдиқ карданд (айнан):

Садоқат ба кори коммунизм, муҳаббат ба Ватани сотсиалистӣ, ба мамлакатҳойи сотсиалистӣ.

Меҳнати софдилона ба нафъи ҷамъият: касе ки кор намекунад, вай намехӯрад.

Ғамхории ҳар кас дар бораи нигаҳдорӣ кардан ва афзун гардонидани сарвати ҷамъиятӣ.

Ба дараҷаи баланд фаҳмидани вазифаи ҷамъиятӣ, норавоӣ ба риоя накардани манфиатҳои ҷамъиятӣ.

Коллективизм ва ёрии рафиқонаи байниҳамдигарӣ: як кас барои ҳама, ҳама барои як кас.

Муносибатҳои инсонпарварона ва якдигарро эҳтиром кардани одамон: одам ба одам – дӯст, рафиқ ва бародар аст.

Бовиҷдонӣ ва ростгӯӣ, покизагии ахлоқ, оддигӣ ва хоксорӣ дар зиндагонии ҷамъиятӣ ва шахсӣ.

Ҳурмат кардани якдигар дар оила, ғамхорӣ дар бораи тарбияи кӯдакон.

Оштинопазирӣ нисбат ба беадолатӣ, муфтхӯрӣ, бевиҷдонӣ, шӯҳратпарастӣ, чизпарастӣ.

Дӯстӣ ва бародарии тамоми халқҳои СССР, роҳ надодан ба адовати миллӣ ва нажодӣ.

Оштинопазирӣ нисбат ба душманони коммунизм, нисбат ба душманони кори сулҳ ва озодии халқҳо.

Ҳамраъии бародарӣ бо меҳнаткашони тамоми мамлакатҳо, бо тамоми халқҳо.

Ва матни Кодексро (Қонунро) дар Тоҷикистон, ба монанди ҳамаи Фармону Қонуну Қарорҳойи Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ, шӯройи вазирони СССР, Президиуми Шӯройи Олии СССР, аз забони русӣ, ҳарф ба ҳарф, ба забони тоҷикӣ баргардониданд, ва ин матн ҳам, монанди он ҳама матнҳо, ҳарфҳойи қатор дошту маънояшро касе фаҳмида наметавонист, ва забони тоҷикӣ

ном дошт, вале аз иншои тоҷикӣ, – сохти ҷумла, мантиқ, савт, ифода, – нишоне набуд; валекин дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп карданд, ва баробари саршумори аҳолӣ китобча ба нашр расид, ва ба китобҳойи дарси хониш даровglobalарданд; ва лекторон назди заҳматкашон мерафтанд, ва шарҳу эзоҳ медоданд; ва ду олим ду рисолаи илмӣ навиштанд, ва яке номзади илми таърих ва дигаре доктори илми фалсафа шуд; ва дар даромадгоҳи шаҳри Конибодом, дар каҷгарде, ки аз роҳи Исфара ҷудо шуда тарафи шаҳр меравад, аз дасти рост ахлотпартое буд қад-қади роҳ, ва қади онро чен карданд, яксаду панҷоҳу чор метр будааст, ва зарбу тақсим карданд, ва дувоздаҳ фонертахта буриданд, ки бараш панҷ метр ва қадаш ду метру бист сантиметр, ва рангу бор карданд, ва ҳар як ҳикмати Кодексро дар як тахта бо ҳарфҳойи калон – калон ва бо ранги сурх навиштанд, ва аз сангу смент поя сохтанд, ва қатор шинонданд, ва хурсанд шуданд, ки «бо як тир ду нишон задем! – ҳам супориши боло иҷро шуд, ҳам ахлотпарто аз чашми роҳгузарон пинҳон».

Ва радиои дохилии беморхона эълон кард, ки «ҳамаи коргарон дар толори калон ҷамъ шаванд. Ҳатман ҷамъ шаванд»; ва бинойи беморхона пеш идораи кумитаи иҷроияи район буд, ва раиси кумита барои худашон иморати нави дуошёна сохтанд, ва бинойи куҳнаро, ки брак мегуфтанд, ба райздрав доданд, ва беморхона шуд; ва таҳкурсии паст дошту деворҳойи хиштu лойу андоваваш рехтагӣ, ва намкашида, ва тахтаҳойи фарш нимпӯсидаву ҷо-ҷо фурӯрафта, ва калламушҳо бемалол даруну берун мегаштанд; ва ду ҳуҷраи кунҷакаш таваллудхона буд, ва доя кӯдаки дасташро парпеч карду хобонд даруни катча ва худаш рафт ба толори калон, ва аз минбари толор лекторе, ки аз марказ омадааст, лексия хонд; ва лектор як дастаи ғафси коғаз дар пешаш, айнак дар сари бинӣ, варақ мегардониду мехонд, варақ мегардониду мехонд, ва аҳамияту зарурати Кодексро шарҳу эзоҳ медод, ки ҳизб чаро маҳз ҳамин хел Кодекс баровард, ва ба амал овардани он ба ҷамъияти сотсиалистӣ умуман, ва ба ҳар як ташкилот хусусан, чӣ манфиатҳо дорад, ва коркунони соҳаи

тиббу табобат, ки тақдири одамон ба дасташон аст, бояд пеш аз дигарон ин Кодексро хонанд, донанд, аз ёд кунанд, то ки хизмати шоистае ба ҷомеъаи коммунистӣ расонида битавонанд; ва доя дар толор ғизойи маънавӣ гирифту баргашт ба ҳуҷра, ва баробари аз дар даромадани ӯ калламушҳо титу парешон гурехтанд, ва… ва калламушон ҳам ғизо гирифтаанд, – гӯшу бинии кӯдакро хӯрдаанд.

Ва Котиби Генералии нав интизоми ҳизбиро сахт риоя мекард, – ҳар ҳафта як бор аъзоёни бюройи сиёсиро ҷамъ меовард, ва бо сардории вай машварату маслиҳат ду-се соат тӯл мекашид. Ва ҳар як котиб аз соҳае, ки маъмур аст, ахбор медод, ва хулосаро ӯ мебаровард, ва дигарон маъқул медонистанд; ва пленуму съезду сессияҳо дар вақт вақташ даъват мешуд, ва вакилони зиёде меомаданд, ва ӯ маърӯзаеро, ки дигарон навиштаанд, назди микрофон рост истода мехонд, ва вакилон фосила ба фосила каф мекӯфтанд, ва гоҳи хондани саҳифаи даҳум фаромӯш мекард, ки дар боло чиҳо хонда буд; ва ҳанӯз хондани маърӯза давом дошт, ки ба редаксияи рӯзномаҳо супориш меомад. – ҷавоб ташкил кунед!, – ва рӯзноманигорон ба корхонаҳойи наздик рафта, ё сари телефон нишаста, аз номи заҳматкашон ҷавоб (отклик) ташкил мекарданд, ки «дар маърӯза масъалаҳойи ҳаётан муҳим таҳлил шудааст. Мо бо ҳисси масъулият тарафдорӣ мекунем».

Ва маърӯзанависону маърӯзахонон фориғи кор, ҳар яке бо гурӯҳи худаш, ба саунаҳойи хос мерафтанд; ва котиби идеологӣ дар ҳузури Котиби Генералӣ, ба ҳоли лидерҳойи ҳизбҳойи коммунистии Хитой ва Югославия механдид, ки «марксизму ленинизмро намедонанд. Роҳи коммунизмро гум кардаанд». Ва Котиби Генералӣ низ ба ҳоли онҳо механдид, ва ният дошт китобе нависад, ки онҳо хонда ибрат бигиранд ва аз роҳи хато баргарданд; ва ба дастёронаш фармуд:

– Ду нафар одам ёбед, ки қалам доранд, вале аз пушти қаламашон рӯзашон ба серӣ намегузарад.

Ва ёфтанду оварданд ду нафар қаламтези кисахолӣ, ва

онҳо маслиҳат доданд, ки «беҳтарин китоб саргузашти шумост. Боиси ибрат ба ҳама, хоҳ дар даруни мамлакат бошад, хоҳ дар берунаш».

Ва қаламтезҳо ду китоб навиштанд аз саргузашти ибратбахши ӯ, ва тасвир карданд, ки коммунист ақли тарсидан надорад, ва «қалъае нест, ки коммунист фатҳ карда натавонад»; ва аз кору бори вай дар зовуд ва дар ситоди ҳарбии полк, ва дар корам кардани заминҳойи нокорам, мисолҳо оварданд, ва исбот карданд, ва дар муқоваи китобҳо номи ӯро навиштанд, ки муаллиф аст; ва китобҳо бо нусхаҳойи зиёде аз чоп баромад. Ва кисаҳойи холии қаламтезон пури пур шуд, ва китобҳоро тарҷума карданд ба ҳама забонҳое, ки ҷуҳудурусҳо медонистанд; ва Котиби Генералӣ, ки шаш мошини сабукрав, аз ҳар ҷо дар рӯзи таваллудаш, тӯҳфа оварда буданд, ва ӯ кушодану пӯшидани дари мошинҳо ва дар курсиҳойи аҳораш нарехта нишастану ёнбош кашиданро дӯст медошт, дар ҳар мошин аз ин китобҳо чанд нусха оварда монд, ва гоҳ меомаду менишасту якеро мегирифт, ва дар муқова номашро мехонд, ва ҳузур мекарду ҳаловат мебурд, ва пинак мерафт.

Ва дар шаҳри Қизилаврат ба аскарони дивизияи пиёдагард, ба ҷойи нони гандум, нони ҷуворӣ ва ба ҷойи гречкаву перловка, арзану қӯноқ доданд; ва афсарони рутбаашон хурд, реб дода, ба «хлеборезка» медаромаданд ва хлеб металабиданд; ва ҳангоми ба ҳизб аъзо шудан, аз сержант Мансур Файзов пурсиданд:

– Дар СССР чанд иди калон ҳаст?

– …

– Дар кадом рӯзҳо таъоми бомазза медиҳанд?

– Бисту сейуми феврал, нӯҳуми май, ҳафтуми ноябр.

Ва мардум аз сари шаб таги дари дӯконҳойи нон навбат мегирифтанду навбат меистоданд; ва муаллим, ки одами баобрӯ ва болонишини маъракаҳо буд, аз назарҳо афтид, ва мудирони дӯконҳо боэътибору болонишин шуданд; ва ҳасиби дудхӯрдаро фақат аз дӯконҳойи хоси ҳукумат, ва фақат бо талон мегирифтанд; ва вакилони мардум дар

Шӯройи Олии СССР ва дар Шӯройи Олии ҷумҳурӣ, бо умед ба сессияҳо меомаданд, ки аз дӯконаш ягон либоси хориҷӣ бихаранд, ва барои як чатри японӣ ва як ҷуфт мӯзаи чехӣ ва як риштарошаки англисӣ, ҳамдигарро тела медоданд, пойи якдигарро зер мекарданд, либоси якдигарро медаронданд; ва Бибиҳоҷари пахтакор, ки калӯши резинӣ ва куртаи синтетикӣ мепӯшид, ва дар ҳавойи чил-панҷоҳ дараҷа гарм, дар як ҷӯяки пахта, ба камаш, як ҳазору дусад бор хаму рост мешуд, ва як ҳазору дусад бор каланд мезад, ва барои як килограм пахтаи чиндааш буду шуд даҳ тин музд мегирифт, аз ночорӣ ариза бардошта ба идораи кумитаи иҷроияи район рафт, ки «ба ман иҷозат бидиҳед, зарур шуд, ҳафт метр суф, дар дӯкон бе хату мӯҳри шумо намедиҳанд»…

Ва талабаҳойи мактабро бароварданд ба стадион, ва ҷашни Инқилоби Кабири Октябр буд; ва директори мактаб аз зафарҳойи бемислу монанди давлати шӯравӣ, аз роҳбарии хирадмандонаи ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ ва аз дастовардҳойи мактаб, ваъз гуфт, ва муборакбод гуфт, ва даъват кард, ки «дар хондан, дар одоб, дар кор, ҳамеша ва дар ҳама ҷо, шоистаи ин давлат, шоистаи номи коммунисту комсомолу пионер бошанд»; ва Вожатий пеш баромад:

– Дар ҷаҳон хушбахттарин бачаҳо кадом бачаҳоянд?

Бачаҳо бо як забон ва баробар:

– Бачаҳойи Иттиҳоди Шӯравӣ!

Вожатий:

– Хушбахттарин мардуми олам кадом мардуманд?

Бачаҳо баробар бо як овоз:

– Мардуми Иттиҳоди Шӯравӣ!

Вожатий:

– Одилтарин давлат кадом давлат аст?

Бачаҳо бо як овоз:

– Давлати Иттиҳоди Шӯравӣ!

Ва аз байни саф садойи фиқ-фиқ гиристани касе ба гӯшҳо расид, ва директору вожатий ба ҳамон тараф

рафтанд, ва бачаҳо ба ҳамон тараф нигоҳ карданд, ва диданд, ки Сайид Мирзоев, талабаи синфи панҷум, аълохон ва дар корҳойи пионерӣ фаъолу пешқадам, бо пушти ду даст, ду чашмашро молида гиря мекунад; ва директор сари ӯро молид:

– Сайид, ягон воқеъа шуд? Ягон кас зад?

– Не, ҳеҷ чиз нашудааст, – ҳиққос зад вай. – Ман мехоҳам, ки ба Иттиҳоди Шӯравӣ равам.

7

Ва дар Самарқанд мудири анбори роҳи оҳан ба хонааш ду наъли куҳна овард, – як наъли асп ва як наъли хар, ва наъли аспро зад дар поёни дарвоза ва наъли харро дар остонаи дари даромад, – балогардон будаст, аз чашми бад нигоҳ медоштаст, баракоти хона намепаридаст, рӯзгор обод мешудаст; ва мардум диданду шуниданд, ва овоза рафт ба чаҳор тараф, ва шикори наъл сар шуд, ва дар хонаву кӯчаву бозору партовҷойҳо ягон наъли куҳна намонд, – ҳамаашро кофтанду ёфтанду гирифтанду заданд дар остонаи хонаҳошон, ва дигар ҳатто бо пул наъли куҳна пайдо кардан душвор шуд; ва Самандари Дузд, ки нисфи умраш дар ҳабсхонаҳо гузашт, ба ҷустуҷӯ баромад, ва аз деҳаи Ҷом як наългар ёфт, ва ин наългари пир кайҳо дӯконашро баста буд, чунки харидор надошт; ва асбобҳояш дар як гӯшаи оғил зангзадаву зери чангу ғубор мехобид; ва Самандари Дузд бо ӯ шарту байъ кард, ва ба шаҳр овард, ва дар ҳавлияш ҷо дод, ва дӯкон сохт, ва ду ҷавонмарди корталабро дастёр монд, ва наългарӣ сар шуд; ва аввалин харидорон занҳо буданд, занҳое, ки ба ҳаммоми ҳамин гузар меомаданд, ва пеш аз ҳаммом, ё пас аз ҳаммом, ба дӯкон медаромаданд ва наъл мехариданд; ва баъд дар ҳамин ҳаммом, дар сӯҳбат бо ҳамсояҳо, дар маъракаҳойи суру мотам, лоф мезаданд, ки «Наълҳои Самандар аз наълҳойи куҳна беҳтар. Файзаш зиёдтар. Аз бозе ки наъли Самандарро овардаму дар остона задам, намедонам, ки ғам чисту кам чист?» Ва наъли Самандару худи Самандар машҳур шуд. Он қадар машҳур шуд, ки ин тараф аз Деҳқонобод ва он тараф аз Ҷиззах одамон меомаданд ва наъл мехариданд.

Ва сар шуд силсила воқеъаҳое, ки одатан, дар ҳама давру замонҳо, дар остонаи футур рафтан ва пош хӯрдани ину он империя, ину он сулола ва ину он идеология, авҷ мегирад ва ривоҷ меёбад; ва одамон ба ақлу тамизи худ не, ва ба қудрати давлату ҳукумат ҳам не, балки ба фол-

бин, ба пешгӯй, ба фиребгару қаллобу ҷаллоб умед мебанданд, ва бозори найрангбозон гарму ҷӯшон мешавад.

Ва дар СССР чӣ бисёр шуд, табибони мӯъҷизакор ва ҳизбҳойи ҳаваскор!

Ва табибон фақат бо гармии кафи даст дусад дардро дармон мекарданд, ва ҳизбҳо фақат бо маҷлис як давлати obод месохтанд.

Ва Раъно Давлатова, собиқ пешхизмати ресторан, дар якуним сол, ду ҳавлӣ харид, ва мошинсавор мегашт, ва ду бӯзбала шабу рӯз ӯро посбонӣ мекарданд; ва таги дарвозааш мудом тӯдаи одамон нишаставу истода буданд, ва буғумдарду шикамдарду бехобу бетоб, бо навбат аз дари пеш медаромаданд, ва ӯ бо ангуштони гиро, гоҳ ба пӯсти бемор расонида, ва гоҳ нарасонида, табобат мекард, ва бемор пулеро, ки нахӯрдаву напӯшида ҷамъ кардааст, ба вай медод ва аз дари пушт баромада мерафт; ва ба шиносу ношинос аз мӯъҷизаҳойи дасти Раъно ҳикояҳо мегуфт, ва ҳар дардманде шунавад, бовар мекард, ва тӯдаи таги дарвозааш бештар аз пештар мешуд.

Ва Раиси вилоят падари оҷизашро ба мошин савор кард, ва дар бордони мошин дастовезҳо гирифт; ва мошин мошини давлат буд ва давлат барои он дода буд, ки корҳойи давлатиро зудтару беҳтар анҷом бидиҳад, ва ӯ кори давлатӣ ва кори шахсиро фарқ карда наметавонист; ва бо ҳамин мошин аз Қумсангир хесту рафт ба Фарғона, ва дар он ҷо як табиби номӣ будаст, ки кӯронро бино мекардааст, ва ба қабули вай даромадан он қадар осон набудааст, – аз чор гӯшаи олам оҷизон омадаанд ва як моҳу ду моҳ навбат меистодаанд; ва ин раис, бо роҳи шиносӣ, раиси он вилоятро восита кард, ва падарашро бе навбат ба табиб нишон дод, ва табиб як аросот пулу чиз гирифт ва як тӯмор навишт, ва як шишача оби замзам дод, ва фармуд, ки «ҳар саҳар пеш аз тулӯъи офтоб тӯморро ба оби замзам тар бикунад, ва се бор аз тарафи рост ба тарафи чап ба чашмонаш бимолад, баъди чил рӯз ман дидаму ту надидӣ, сип-сиҳат мешавад».

Ва ҳизбҳои навбаромад, рӯзномаҳои нав баровар-данд, ва барномаҳояшонро дар рӯзномаҳояшон чоп кар-данд, ва барномаҳои онҳо, агар калимаҳои демократия, озодии сухан ва озодии матбуотро истисно бикунем, аз барномаи ҳизби куҳна, ба ғайр аз ҳаҷми варақҳо, дигар навоварие надоштанд, – ҳамон адолати иҷтимоӣ, ҳамон истифодаи сарватҳои рӯйи замину таги замин, ҳамон ис-лоҳоти мактаб, ҳамон муносибати оқилона ба кадрҳо, ва ҳамон даъво, ки «барои беҳбуди рӯзгори халқ аз ҳама им-кон истифода бояд кард!», ки қариб сад сол боз мегӯянд, ва ҳамеша ғами осудаву шоду хуррам зистани халқро мехӯранд; ва ин ғамхорони куҳнаву нав даъво доштанд ва даъво доранд, ки ғами шахсии худашонро намехӯранд, ғами онҳо ғами халқ аст, ва дар ин роҳ аз баҳри гӯшту пӯсти худ гузаштаанд, ва миёнашонро аз ҳафт ҷо сахт ба-стаанд, ки ба халқ хизмат бикунанд; ва бисёранд чунин даъвогарҳо, – вазиру вакил хизматгори халқ ва коммуни-сту комсомол хизматгори халқ, ва сотсиалисту демократ хизматгори халқ, ва олиму адиб хизматгори халқ, ва…, ва ҳатто андозғундору мудири дӯкон хизматгори халқ; ва ҳамаашон аз номи халқ сухан мегӯянд, ва мансаб меги-ранд, ва ҳаққи ҳалоли мардумро медузданд; ва дақиқ равшан нест, ки худи халқ кисту чист? – ҳамонҳое, ки ман-саб надоранд?, ҳамонҳое, ки дар маҷлисҳо ба даҳон об ги-рифта менишинанд?, ҳамонҳое, ки бо мурдаву зиндаи мансабдор хушомад мегӯянд?..

Ва Дилмурод, судя дар суди вилоят, аз Қӯрғонтеппа ба Душанбе омад, ва Ҳайдарро хабаргирӣ рафт; ва Ҳайдар рост истода бо телефон гап мезад:

– Дар иттиҳодия нӯҳ ҳазор гов ҳаст. Медонед?!

Аз он тараф:

– Инаша медонам.

– Лекин дар дӯконҳои иттиҳодия гӯшт нест!

Аз он тараф:

– Инаша ҳам медонам.

– Пас, гӯшти он говҳо куҷо меравад?!

Аз он тараф:

– Инаша намедонам.

Ва Ҳайдар гӯширо бо зарда ба ҷояш монд:

– Дилмурод саросема нестӣ?

– Не. Чӣ буд?

– Ҳозир аз Норак репортаж мешавад. Радиоро мону гӯш карда шин. Зиқ нашав. Ман сари қадам телетайпро мебинаму зуд бармегардам.

Ва дар Норак маҷлиси фаъолони шаҳр будаст. Бо сардории Котиби Якуми Кумитаи марказии ҳизби коммунисти Тоҷикистон, ба муносибати ба китобхонаи Норак супурдани китобҳойи Котиби Генералии Кумитаи Марказии ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Раиси Президиуми Шӯройи Олии СССР, бо соядасти муаллиф; ва радио бо тантана аз толори маҷлис репортаж дод, – мусиқӣ ва кафкӯбӣ, ва котиби якум дар минбар, дар назди микрофон:

– Иншооти азими энергетикии соҳили Вахш ифтихори тамоми мамлакат гардид. Комитети марказии партияамон, шахсан Котиби Генералии КМ КПСС, Раиси Президиуми Совети Олии СССР, дар бораи сохтмон ғамхории дар ҳақиқат падарона зоҳир менамоянд. Ба стансияи электрии обии Норак омадани Котиби Генералӣ, мулоқоти ҳаяҷоновар бо вай, сӯҳбатҳойи амалӣ, маслиҳатҳойи хирадмандонайу пурқимат, майлу хоҳиш, суханони неки самимии ӯ, ки ба кас барои хубтар меҳнат кардан илҳом мебахшанд, аз хотири мо ҳаргиз фаромӯш намешаванд.

Мо дар Москва аз корҳои меҳнаткашони республика ахборот дода партия ва ҳукумат, шахсан Котиби Генералиро бовар кунондем, ки тамоми меҳнаткашони Тоҷикистон минбаъд ҳам зарбдорона кор мекунанд…

Ва Ҳайдар омад, ва Дилмурод радиоро кушт.

– Чаро куштӣ?

– Он тарафаш маълум. Ба мисли ҳарвақта. Як қаҳрамон, як зани фаъол, як комсомол, як пионер ба минбар

даъват мешаванд. Матни суханонашонро пешакӣ навишта доданд. Мо миннатдор. Мо тарафдор. Шаъну шарафи коллективи зарбдори меҳнати коммунистиро афзун мегардонем. Ба бовари Котиби Генералӣ сазовор мешавем. Ҳамин хел гапҳо. Намеравем дар ягон ҷо заҳру зақуме бихӯрем?

Ва онҳо аз бинои редаксия баромаданд. Ҳайдар пурсид:

– Ошхона. Ё ресторан?

– Ба кисаи ту вобаста, – хандид Дилмурод.

– Ин хел бошад, ба чойхона – ошхона.

Ва дар роҳ Дилмурод савол дод:

– Калон матни хондагиашро худаш навишта бошад?

– Аз куҷо? Вай ҳунари навиштан надорад. Ёрдамчиҳо навишта медиҳанд.

– Баъд як ёрдамчии босавод гирад намешавад? Забонаш махлуту муғлақ. Халқ, халқ мегӯянд, халқ ин тавр гап намезанад-ку?

Ва дар чойхона-ошхона як деги маърака пури шӯрбо буд, ва пешхизмат надошт, ва ҳар кас таъомашро худаш мегирифт, ва мизи холие ёфта менишаст; ва онҳо яккосагӣ шӯрбо гирифтанд, ва мизи холие ёфтанд, косаҳоро монданд, ва дари буфет рафтанд, ва арақ фармуданд, – дуто саду панҷоҳ грамӣ дар ду истакон, ва оварданду нишастанд паси миз ва нӯшидаву хӯрдаву чақ-чақ карданд аз ҳар бобат; ва Дилмурод, дар байни сӯҳбат, ба мавзӯи дигар гузашт:

– Ман Қӯрғон равам, белати ҳизбиамро месупорам.

– Аз инаш мебаройӣ, ба ҳизби демократаш медаройӣ?

– Не! Ин андеша хеле вақт аст, ки дар сарам чарх мезанад. Барои он ки ҳеҷ кас аз рӯйи устав кор намекунад. На дар райком, на дар исполком, на дар суду прокуратура. Як коммунист надидам, ки аз рӯйи устав кор кунад.

– Ҳастанд коммунистоне, ки аз рӯйи устав кор мекунанд. Ман чанд нафар ҳамин хел коммунистро мешиносам. Лекин обрӯ надоранд. Дар идораҳо онҳоро ҳурмат намекунанд. Фитнаву лаққӣ мегӯянд.

– Ман аввалҳо худамро тасалло медодам, ки баъзе норасоиҳо ҳаст. Ҳаромкориҳо ҳаст. Ҳаромхӯриҳо ҳаст. Худам ҳам моҳи беайб нестам. Аз пулу моли муфт на ҳамеша ҳазар мекунам. Лекин ҳамаи инҳо хурду реза. Ба қасри азиму мустаҳками сотсиализм зараре намерасонад. Зарар расонида ҳам наметавонад.

– Ҳама корҳо аз хурду реза бармехезад. Саъдии Шерозӣ ин маъниро гаштаву баргашта, бо таъкид гуфтааст, ва мисолҳо овардааст, ва оғозу анҷомашро нишон додааст. Дар дунё корҳойи майдаву чуйда нест, ҳамааш оқибат дорад, ҳамааш аз ҷое сар мешавад ва ба ҷое рафта мерасад.

– Ба фикрам, рафта расидааст. Гирем, Котиби Генералиро. Пушту паноҳи ҳизб. Пушту паноҳи сотсиализм. Пушту паноҳи ахлоқи коммунистӣ. Китоберо, ки касони дигар навиштаанд, ба номи худаш чоп мекунад. Боз соядаст навишта ба китобхонаҳо мефиристонад, ки «ман навиштам, шумо хонед, омӯзед, ва ёд гиред, ки коммунист чигуна касест, ва коммунизмро чӣ тавр месозанд!» Котиби якум, ки сояи Котиби Генералист, фаъолони ҳизб ва пешқадамони мусобиқаи сотсиалистиро ҷамъ оварда ваъз мегӯяд, ки «ғамхории падарона ва дастурҳойи хирадмандона аз ин беҳтар намешавад». Акнун ту ба ман гӯй, ки аз устави ҳизб, аз сохтори сотсиалистӣ, аз кодекси ахлоқи бинокори коммунизм, чӣ боқӣ монд? Фақат Съезду пленум?!

– …

– Демократҳойи навбаромад беҳуда Сталинро танқид мекунанд. Кори ҳавай дуруст будаст. Сафи ҳизбро, аз вақт ба вақт, тоза кардан даркор. Тоза мекардем, ба ин рӯзҳо намерасидем.

Ва дар боло, дар Съезду Пленуму Сессияҳо, мегуфтанду қарор мебароварданд, – «Дар бобати боз ҳам беҳтар кардани некӯаҳволии халқ; Дар бобати боз ҳам баланд бардоштани сифати таълиму тарбия…, – ва дар поён, дар бозору дӯконҳо мевайу сабзавот, рӯз ба рӯз кам мешуд, ва орду равғану ширавор камёб, ва ду сол мешавад, ки касе аз дӯконе гӯшт нахаридааст, ва қурби пул паст мерафт.

Ва дар Иттиҳоди Шӯравӣ кулли мардум ҷойи кор доштанд, ва ҳарчанд ки ҳама ҷойи кор доштанд, ҳеҷ кас бо дили гарм кор намекард; ва ҳарчанд ки ҳеҷ кас бо дили гарм кор намекард, нақшаҳо сад дар сад иҷро мешуд; ва ҳарчанд ки нақшаҳо сад дар сад иҷро мешуд, дӯконҳо холӣ буд; ва ҳарчанд ки дӯконҳо холӣ буд, ҳама ҳама чизро доштанд; ва ҳарчанд ки ҳама ҳама чизро доштанд, ҳама уздӣ мекарданд; ва ҳарчанд ки ҳама дуздӣ мекарданд, ҳама чиз ба ҳама мерасид.

Ва Котиби Генералӣ, ки Раиси Президиуми Шӯройи Олӣ ҳам буд, ба дасти рост Қарор имзо мекард, ва бо дасти чап ордену медол гирифта дар сари синааш меовехт; ва демократҳо, ки аз империалистон пулу дастур мегирифтанд, ва аз воқеъияти дохилӣ мисолу далелҳо меоварданд, ба мағзу гӯши одамон сунба мезаданд, ки «сотсиализм балойи сари мардум аст ва инсонро бадбахт мекунад, ва роҳи халосӣ ба капитализм рӯ овардан аст, ки инсон хушбахт мешавад».

Ва Котиби идеология ба Котиби Генералӣ хабар дод, ки як ҷуҳудянкӣ китоб навиштааст дар Амрико ва як миллион нусха чоп кардааст, ва даъво дорад, ки дар СССР озодӣ нест, дар СССР ғуломдорӣ ҳаст; ва Котиби Генералӣ фармуд, ки як олими ҷуҳудурус ёбед, гӯед, ки ҷавоб нависад, ва ҷавобашро як миллион нусха чоп кунед.

Ва раиси кумитаи бехатарӣ ба Котиби Генералӣ гӯшрас кард, ки дар Ҷумҳурии Н. миллатгаройӣ кам-кам авҷ гирифтааст, ва бартарияти миллаташонро тарғиб мекунанд, ва шоҳу вазирони гузаштаашонро болобардор карда истодаанд; ва Котиби Генералӣ фармуд, ки Котиби Якӯмашро изофанавис ва занбоз гӯед, аз мансаб гиред. Як каси дилпурро дар ҷойи ӯ шинонед, ва квоти қаҳрамон, ордендор, вакил дар шӯройи олӣ, дар он ҷумҳурӣ се-чор нафар зиёд шавад.

Ва гузориш доданд:

– Дар вилоят ҷавонони бекор зиёд шудааст. Бетартибӣ бисёр шудааст.

Ва ӯ фармуд:

– Аз кору бори ҷавонон дар сохтмони БАМ[1] як филм нишон диҳед. бо консерташ.

Ва гузориш доданд:

– Дар як кишвар нон камчин шудаст. Нон намерасад.

Ва ӯ фармуд:

– Консерт ташкил кунед. Консерти устодони санъат.

Ва гузориш доданд:

– Дар даҳ завод нақшаи солона иҷро нашудааст.

Ва ӯ фармуд:

– Аз як бригадаи ғолиби мусобиқаи сотсиалистӣ кино гиред. Ба ҳамаи он даҳ завод баред. Ҳар се моҳ як бор нишон диҳед.

Ва гузориш доданд:

– Байни ду район дилхунукӣ афтодааст. Муноқиша доранд.

Ва ӯ фармуд:

– Фестивали дӯстӣ гузаронед.

Ва...

Ва яҳудурусе ёфтанд, ки ҷавоб навишт ба яҳудянкӣ, ва исбот кард, ки вай косалеси сармоядӯстон аст, ва ҳасад мебарад ба музаффариятҳойи ҳаёти сотсиалистӣ, ва тӯҳматҳойи ӯ нав нестанд, ва таърих ҳамаашро маҳкум кардааст, ва саг меҷакаду корвон меравад; ва ба ӯ ордени Ленин доданд, ва Котиби Генералӣ ордени Ғалаба гирифт.

Ва дар ҳар ҷое бӯйи миллатгаройӣ барояд, котиби якумашро ба изофанависӣ ва занбозӣ муттаҳам карданд, ва аз мансаб гирифтанд; ва раиси комиссияи тафтишот дар ҳамон ҷо котиби дуйум таъин шуд, ва Котиби Генералӣ ордени Дӯстии халқҳо гирифт.

Ва ба муаллифони филми Зарбдорони БАМ ҷоизаи давлатии СССР доданд, ва Котиби Генералӣ ордени Қаҳрамони заҳмати сотсиалистӣ гирифт.

Ва ба артистҳо унвонҳо доданд, ва Котиби Генералӣ

[1] БАМ – Байкало-Амурская магистраль – Шоҳроҳи Байкалу Амур.

ордени Ленин гирифт.

Ва дар шонздаҳ сол Котиби Генералӣ он қадар ордену медол гирифт, ки дар сари синааш, аз китф ба китф ва аз хекиртак то ноф, як ангушт ҷойи холӣ намонд, ва пури пур ордену медолҳо овезон буд; ва ӯ ин ордену медолҳоро дӯст медошт, ва бисёр дӯст медошт, ва қатор-қатор овехта ба мошинсарояш мерафт, ва чархзада дари мошинҳоро мекушод, мепӯшид, ва хаста ки шуд, ба курсии аҳории яке аз мошинҳо менишаст, ва аз китобҳояш як нусха ба даст мегирифт, ва ба муқова, ба номи худаш зеҳн мемонд, ва хобаш мебурд.

Ва латифабозон дар кӯчаҳову бозорҳову майхонаҳо нақл мекарданд, ки дар маҷлисе, бино ба тартиб, бояд понздаҳ дақиқа сухан мегуфт, вале ним соат давом кард; ва ӯ ба сари мушовиронаш дӯғ зад, ки коратонро намедонед, ман гуфта будам, ки барои понздаҳ дақиқа нависед, шумо барои ним соат навиштаед! Ва мушовирон гуфтаанд, ки мо ба шумо ду нусха дода будем. Шумо ҳар ду нусхаро хондаед.

Ва сауна[1] равад, ҳамон пиджаки пурорденашро пӯшида меравад; ва дар оғози соли ҳабдаҳуми давлатдорӣ, дар сауна, ба ҳамсафони наздикаш арзи дил кард:

– Фаромӯшхотир шудаам. Ба истеъфо меравам.

Ва ҳамсафон медонистанд, ки вай гоҳо номи худашро ҳам фаромӯш мекунад, ва худи ӯ ба онҳо даркор ҳам нест, ва аз бесалоҳиятиҳояш безор шудаанд, валекин аз мансабҳойи худ дил канда наметавонистанд, ва метарсиданд, ки ба ҷойи вай одами нав биёяд, онҳо мансабҳоро аз даст медиҳанд, ва аз ҳама имтиёзҳо маҳрум мешаванд; ва аз чаҳор тарафи ӯ нишастанд, ва таъриф карданд:

– Шумо доҳии мо. Шумо имрӯз доҳии пролетарҳойи ҳамаи рӯйи ҷаҳон. Шумо роҳбари хирадманди ҳизб ва давлати бузург Иттиҳоди Шӯравӣ. Шумо устоди ҷавонон. Шумо ба истеъфо равед, ҳоли пролетарҳойи ҷаҳон, ҳоли

[1] Сауна – ҳаммоми финҳо. Бе об гарм мекунанд.

ҳизби коммунистӣ, ҳоли давлати абарқудрати шӯравӣ, ҳоли ҷавонон, бинокорони коммунизм, чӣ мешавад? Не, ин хаёлро ба саратон роҳ надиҳед. Ҳаргиз роҳ надиҳед!

Ва ӯ чунин хаёлро дигар ҳаргиз ба сараш роҳ надод.

Ва ҳамсафон дигар дилпурона дар курсии мансабҳойи баланд менишастанд, ва аз ҳама имтиёзҳо бо ронандаҳойи хизматгор, ҷондорҳойи ҳушёру тайёр, мушовирони ҳозиру нозир, хонаҳойи ашрофнишин, кӯшкҳо дар мавзеъҳойи хушҳавойи беруни шаҳр, дӯконҳойи хоса, тамаъкороне, ки мунтазам дастовезу тӯҳфаву пешкашҳо мебиёранд, – зиёду барзиёд бархурдор буданд; ва миннатдор буданд аз ӯ, ва орденҳойи нав ба нав мехостанд барояш бидиҳанд; ва дар пеши бари вай ҷойи холӣ набуд, ки орден часпонанд; ва машварату маслиҳат карданд ва ба қароре омаданд, ки ҷарроҳи беҳтарин ёбанд ва он ҷарроҳ қафаси синаи ӯро бикшояд ва васеъ бикунад; ва бо пули тилло аз Амрико ҷарроҳ оварданд, ва…, ва ӯ аз тахтаи ҷарроҳӣ дигар барнахест.

Ва Котиби Генералии нав фаъолияташро аз Бозсозӣ1 сар кард ва Қарор баровард, ки «бебарориҳойи кори мо аз машруботхӯрист», ва истеҳсоли машрубот ва фурӯши машруботро маҳдуд кард, ки минбаъд, ба тадриҷ, тамоман барҳам медиҳад; ва чандин заводи машруботро бастанд, ва чандин миллион шишаро шикастанд, ва садҳо ҳазор гектар токзорро решакан карданд; ва роҳбарони баъзе шаҳрҳо ва баъзе районҳо ва баъзе коллективҳо, бо шиори «қарори ҳизбро дастгирӣ мекунем», шаҳрашон ва районашон ва коллективашонро «шаҳри ҳушёрон, райони ҳушёрон, коллективи ҳушёрон» эълон карданд; ва ҳолу моли мулк рӯ ба беҳбудӣ наовард, ва қонуншиканӣ, бесарусомонӣ, авбошӣ, мансабфурӯшӣ, ришвахӯрӣ, бемасъулиятӣ, кам нашуд, зиёд шуд. – ва машруботро дар хонаҳову таҳхонаҳо тайёр мекарданд, ва аз райони ҳушёрон ба райони дигар гузашта шароб мехӯрданду мастӣ мекарданд, ва аз шишашиканӣ давлат миллиардҳо сӯм зарар дид, ва замини токзорҳо бекор монд.

---

[1] Ислоҳот мувофиқтар.

Ва ба муроди ҷаҳони капиталистӣ буд чунин вайронкориҳо, ва Котиби Генералӣ аз онҳо дарс мегирифт, ва онҳо «ноаён ва муназзам ва мунтазам», ӯро тарафи базаҳкорӣ тела медоданд, ки худаш бехабар мемонд. Ва капиталистҳову сиёнистҳо, ки мубаллиғонашон ба ӯ роҳ нишон медоданд, ба вай нагуфтанд, ки «тартиботи сотсиалистиро вайрон бикун!», ва нагуфтанд, ки «Иттиҳоди шӯравиро барҳам бидеҳ!», не!, гуфтанд, ки «тартиботи демократӣ ҷорӣ бикунед, озодии сухан бидиҳед, ва роҳбаронро таъин не, интихоб бикунед, ҳама мушкилҳойи давлататон осон мешавад». Ва ӯ қабул кард, ва дар съезду пленуму машваратҳо масъала бардоштанд, маърӯза шуниданд, маъқул донистанд, Қарор баровარданд; ва мамлакат пур аз ҳизбҳойи демократихоҳ шуд, ва рӯзномаҳойи ҳизбиву хусусӣ ба майдон баромад, ва акнун роҳбарон аз боло таъин намешуданд, аз поён интихоб мекарданд.

Ва коммунистоне, ки аз мансабҳойи баланд афтида буданд ва мансабхоҳоне, ки ба сафи коммунистон қабул накардаанд, як шуданду ҳизби демократӣ таъсис доданд, ва ба майдони сиёсӣ даромаданд, ки «ҳизби коммунист яккаҳукмрон аст, ва давлате, ки як ҳукмрон дорад, давлати истибдодист, ва озодии шахсу озодии сухан надорад, ва бояд ба истеъфо равад». Ва дар Тоҷикистон ҳизби коммунист ба истеъфо нарафт, ва ҳизби демократ, ба тариқи эътироз, гуруснанишинӣ эълон кард, ба умеде ки таъсире бирасонад, ва ҷомеъаи ҷаҳон тарафашро бигиранд, валекин ба ҳизби коммунистӣ таъсире накард, ва ҷомеъаи ҷаҳон ҳам чандон эътибор надоданд.

Ва дар райони Шаҳритус ба муқобили як раиси колхоз маҷлис даъват карданд, ва масъала гузоштанд, ки раиси нав интихоб бикунанд; ва аҳолӣ, дар вақташ шаст сол пеш, аз водиву дараҳойи гуногун ба ин ҷо омада буданд ва ё оварда буданд, ва ҳар гурӯҳ одами маҳали худашро пешниҳод кард, ва ба ҳамон одам овоз дод, ва ҳеҷ кадоме аз номзадҳо панҷоҳу як дар сад овоз нагирифт, ва ғавғо бархест, ва гурӯҳҳо аз якдигар қаҳрӣ шуданд, ва даҳ шабу даҳ рӯз аз да-

ра омадагиҳо хонаву дари аз водӣ омадаро сангборон карданд.

Ва дар Академияи илмҳо, дар маҷлиси интихоби академикҳо, ҳамон одамоне академик интихоб шуданд, ки аз маҳаллаашон овоздеҳи бештар доштанд…

Ва дар фазойи ҷумҳурӣ ҳавову ҳаваси маҳалбиниву маҳалшиносӣ, ҳадафҳойи миллиро бо суръат пахшу парешон мекард.

Ва сиву ҳашт ҳазор аъзойи комсомол, яъне сиву ҳашт ҳазор ҷавони бардаму фаъол, касбу ҳунари муайян ва ҷойи кор надошт, ва аз «бекорӣ кадукорӣ» карда мегашт, ва дар як вилоят сесаду панҷоҳу ҳашт кӯдак аз модар норасидаву носолим таваллуд шуд, ва ҳаштоду як зан бача партофт, ва чилу нӯҳ кӯдак беҷон ба дунё омад.

Ва Дилмурод, судияи суди вилоят, дар долони дарози ҳукумат, ҳангоми дарову буро, медид, ки дастандаркорон бо шавқ сӯҳбат мекунанд ва бо завқ механданд, ва ғам мехӯрд, ки «чӣ тавр ба дилашон меғунҷад?!»

8

Ва ободии мулк аз фозилон ва олимон ва адибон ва вазирон аст, ва агар фозилон сабукфикр ва олимон дурӯя ва адибон ҳунарфурӯш ва вазирон мансабпараст шаванд, онҳо ба ақидае устувор нестанд, ва ба ғояе садоқат надоранд, ва агар коммунист шудаанд, коммунисти дурӯғин ҳастанд.

Ва СССР-ро ҳамин гуна одамон вайрон карданд.

Ва гуфтанду навиштанду тарғиб карданд, ки дар даврони ҳукумати шӯравӣ ҳам озодии сухан буд, вале дар даҳон ва дар коғаз буд, на дар амал, ва дар амалҳо ҳар кас гапи ҳақро гӯяд, таъқиб мекарданд, ҳабсу бадарға мекарданд; ва акнун замони фошгӯйӣ фаро расид, ва минбаъд озодии сухан дар амал аст, на дар қарору қоғаз, ва акнун ҳар кас, ҳар андешае, ки дорад, фошофош, бе ҳеҷ мамониат, гуфтан гирад. Ва дар замони режими коммунистӣ Интихобот, бино бар ҳуҷҷатҳо, озоду ихтиёриву ба-

робарҳуқуқӣ буд, валекин дар рӯзгор фармониву маҷбуриву беҳуқуқӣ, ва ҳизб ҳар касеро хоҳад, ҳамонро вакил интихоб мекард, ва ҳар касе маъқулаш бошад, ба ҳамон мансаб медод, ва шӯроҳо ба ном шӯройӣ, дар асл таъинӣ буданд, ва аз номи халқ қарорҳо мебароварданд, ва дар асл ба фикри халқ касе парвое надошт; ва акнун демократӣ зистанро бояд ёд гирифт, ва тақдири халқро бояд ба дасти худаш дод, ва бигзор, худаш вакилонашро ном барад, интихоб бикунад, ва роҳбаронашро худаш хоста бигирад.

Ва бо фотиҳаи Котиби Генералӣ, ки дар бунёд фотиҳайи идеологҳойи сионизму империализм буд, ва сиву панҷ сол боз «ноаёну муназзаму мунтазам» аз гуфтор ба феъл меомад, фошгӯйӣ вусъату қувват гирифт, ва маълум шуд, ки сотсиализм саду як қабоҳат доштааст, ва аниқ намекард, ки қабоҳатҳойи мавҷуда кори коммунистони зоҳирбину дурӯғин аст ва ҳамаи онро ба гардани илми коммунизм мепартофт, ва авоми аз таги гап бехабар бовар мекард, ки коммунизмаш як тартиботи беҳуда ва ба зарари мардум будааст.

Ва интихоботҳойи Озод мавҷ зад, – директори заводро коргарон интихоб мекарданд, котиби райкомро коммунистон интихоб мекарданд, вазирро заҳматкашон интихоб мекарданд..., Ва вакилони Шӯройи Олии СССР, ки бо ҳамин тартиб интихоб шуданд, дар сессияи Шӯройи Олӣ қарор қабул карданд, ки «Ба конститутсия тағйирот дароварда шавад, ва ҳизби коммунистӣ дигар ҳизби ҳукмрон нест...»

Ва Котиби Генералиро Президент интихоб карданд.

Ва дар бисёр ҷумҳуриҳо котибони якум Президент шуданд.

Ва ҳоле рафт, ки давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ, дар лаби ҷари фалокат амонат меистод.

Ва понздаҳ Ҷумҳурии шӯройии сотсиалистӣ понздаҳ Президент интихоб карданд, ва Президенти СССР бекор ва бедавлату бесиёсат монд.

Ва дар вақташ, дар моҳи декабри соли як ҳазору нӯҳсаду бисту ду, Ҷумҳуриҳойи Фароқовқоз, Украина, Белоруссия ва Руссия съездҳо гузарониданд ва шартнома бастанд ва СССР-ро таъсис дода буданд; ва дар моҳи декабри соли як ҳазору нӯҳсаду наваду як Президентҳойи Руссия, Украина ва Белоруссия дар макони хилвате сари дастархони кабобу шароб нишастанд, ва аз он шартнома, ки муассис буданд, рӯ гардониданд.

Ва СССР дар як шаб титу пора шуд.

Ва Ҷумҳуриҳое, ки солҳойи дароз барои Истиқлол ҷаҳду талош доштанд, Истиқлолият гирифтанд.

Ва Ҷумҳуриҳое, ки бо фароғат мезистанд, ба онҳо Истиқлолият доданд.

30.09.2010.

## Дафтари панҷум

# ДУ МИКРОФОН ДАР ДУ МАЙДОН

*Ин халоиқи имрӯза на чун халоиқи пешинаанд, ки замонаи бешармону беадабон ва бераҳматон аст. Ва, наъузибиллоҳ, агар султон, андар миёни эшон, заифу беқувват бувад, бешак, вайронии ҷаҳон бувад… Ва ҷаври султон, филмасал, сад сол, чандон зиён надорад, ки яксола ҷаври раият бар якдигар.*

*Муҳаммади Ғазолӣ*

1

Ва ҷумҳуриҳойи мустақил тартиби иқтисоди давлатиро маҳкум карданд, ки роҳи пешрафтро мебандад ва оқибаташ қаҳтиву гуруснагист.

Ва роҳи иқтисоди бозориро пеш гирифтанд, ки мардумро фаъол мекунад ва фаровониву сериву пурӣ мешавад; ва шиори бародариву баробарӣ бекор шуд, ва аз нав ҷомеа ба шоҳу гадо тақсим гардид.

Ва СССР, ки як ҳизбу як марказу як сиёсату як минбару як роҳу як мақсад дошт, номаш дар як шаб аз харитаи ҷаҳон ғайб зад.

Ва дар як гӯшаи дурдасти он хоки бағоят бузург давлати Тоҷикистони мустақил ба харитаи ҷаҳон дохил шуд, ки панҷ ҳизб дар талоши мансаб бархест ва дар ду марказ ҷо гирифт ва се сиёсатро рӯйи об баровард ва аз се минбар се мақсадро тарғибу ташвиқ мекард.

Ва аввал яҳудиҳо кӯч бастанд. Оқибати корҳо ҳанӯз чандон равшан набуд ва дар ҳеҷ ҷо ҳеҷ воқеияти ба назар намоёне дида намешуд, вале яҳудиён бо тартибу аҳлона ин мулкро тарк мекарданд ва аз тарафи давлат эроду мамониате пеши роҳашонро намегирифт. Пеш ин хел набуд, – яҳудие дили ба хориҷа рафтан дошт, аввалаш, ки нияташ-

ро аз ҳама пинҳон мекард ва баъдаш, агар ба хориҷа раваду барнагардад, тамоми хешу таборашро таъқиб мекарданд ва ҷазои маъмурӣ медоданд ва ба ватанфурӯшӣ муттаҳам мешуд. Ва акнун Довуди Абдураҳмон, раиси Тоҷикматлубот кушоду равшан дар сенагоги шаҳри Душанбе пойгоҳи муҳоҷирати яҳудиён ташкил дод ва хоҳишмандонро ба рӯйихат мегирифт ва ташвиқот мебурд, ва ба Изроил, ё ягон мамлакати дигар мефиристонид ва аз ҳизби коммунисту аз Кумитаи бехатарии давлат наметарсид; ва ба хотири рафоқате, ки бо Дилмурод аз давраҳойи донишҷӯӣ дар университет дошт, ӯро ба меҳмонӣ даъват кард ва хонаҳои дарун, берун ва таҳхонаҳойи ободу зербомҳоро нишон дод ва сари мизи ороставу пур аз ҳар навъи ғизову машрубот нишастанд ва Довуд нӯшбод гуфт:

– Ёру рафиқ бисёр, Дилмурод. Лекин дӯст кам. Дӯсти беғараз ва бериё хеле кам. Дар таҷриба дидем. Худатон ҳам дидед дар мавридҳойи душвор муомилаи ёру рафиқонро. Ман ҳам дидам. Ягона касе, ки ба шароит нигоҳ карда нисбати ман муомилаашро тағйир надод, шумо ҳастед. Нахандед, рост мегӯям. Ҷойи хушомадгӯйӣ нест. Ман пагоҳфардо меравам. Кӣ медонад, дигар якдигарро мебинем ё не? Кӣ медонад? Боз дар ин вазъияти имрӯза?!

– Вазъияти имрӯза ҳамон вазъияти дирӯза. Ҳеҷ фарқе надорад.

– Дорад. Хеле фарқ дорад. Бинед, дар мамлакат як ҳодисаҳо шуда истодааст, ки сару ҳисобаш гум. Ба хонаи занбӯр ҷӯб халонидагӣ барин. Нооромӣ, талотӯб, ғавғо, даъво… Худатон аз ҳамааш, беҳтар аз ман, хабар доред. Мехонед, мешунавед, мебинед. Ҳоҷат ба шарҳи ман нест. Ман ба шумо як гапи дигарро гуфтанӣ. Гуфтанӣ, ки ҳамин ҳавлии ман бегона нашавад. Барои ҳамин ҳама ҷояшро ба шумо нишон додам. Ҳамин ҳавлиро шумо гиред.

– Довуд, шумо медонед, ки ман ин хел пул надорам.

– Медонам. Лекин дар Вахш ҳавлии хуб доред. Ҳамонро фурӯшед, ин ҳавлиро гиред. Ман ба шумо арзон медиҳам. Пушаймон намешавед.

– О рӯзгори ман дар Вахш. Ҷойи корам дар Вахш. Ёру дӯстам дар Вахш. Пас чӣ зарурат дорад, ки аз баҳри ҳамаи он бигзарам ва ба Душанбе биёям ва дар ин ҷо ҳавлӣ бихарам?

– Алҳол зарурате надорад, албатта. Аммо замона доим дар як қарор намеистад. Имрӯз зарур нест, фардо зарур мешавад. Хусусан, ба шумо барин одамҳо, ки дар Вахш реша надоранд. Такягоҳ ҳам надоранд.

– Решаи мо молу маконамон. Такягоҳамон давлат ва қонуну қоида. Шумо ягон чизро медонед, ки ба ман равшан намегӯед. Дар Вахш ягон хатаре ҳаст, ки ба мо таҳдид мекунад?

– То чизе набошад, чизаке намегӯянд. Хатар бошад, имрӯз дар ҳама ҷо ҳаст.

Ва пеш аз воқеаҳойи моҳи феврал буд ин сӯҳбат. Ва хеле пештар буд аз ГКЧП[1] Ва Дилмурод ба гуфтаҳойи Довуд чандон аҳамияте надод, сабук шуниду сабук фаромӯш кард, ва на ҳавлии Довудро харид ва на барои сарфаҳм рафтан ба мағзи суханҳойи ӯ фикр кард ҳарчанд ки дар пеши чашмаш кӯчокӯч аз рӯз ба рӯз авҷ мегирифт; ва урусҳо, бахусус урусҳое, ки дар вазоратҳо кор мекарданду дар шаҳрҳойи калони Русия пушту паноҳ доштанд, дар роҳи оҳан барои борашонро бурдан навбат меистоданд; ва мардони тоҷик, ки занҳои урус ё украин, ё белорус ва ё немис доштанд, хонаҳояшонро мефурӯхтанду харҷи роҳ ғун меоварданд; ва олимону рассомону рӯзноманигорону коргардонҳойи театру кино, ки дар шаҳрҳои қадимаи Осиёи Миёна реша ва ё дар Москову Ленинград дӯстони содиқ доштанд, рахти сафар мебастанд.

Ва баъди се моҳ, дар моҳи феврал, шаҳри Душанбе ба ҷунбиш омад, як ҷунбише, ки мардумро тарсу воҳима фаро гирифт, – аз як тараф анбӯҳи ҷавону наврас селвор ба кӯчаҳои калон ва майдонҳо мерехт, ки «мо аз ҳукумат розӣ нестем!»; аз тарафи дигар шаҳрвандон дар ташвишу тараддуд, ки «ин белаҷомҳо ба ҳавливу дарамон зада да-

[1] Государственный комитет черезвычайного происшествия.

роянд, худамонро чӣ тавр ҳимоя карда метавонем?!»

Ва тӯдаи норозӣ дар қад-қади роҳ тӯдатару тӯдатар мешуд, ва дар гардишҳойи роҳу майдонҳойи сари роҳ возони баландовоз ваъз мегуфтанд:

– Ҳукумати мо нестанд ин ҳукуматдорон. Агар ҳукумати мо мебуданд, агар ғами халқи худ, ғами мову шуморо мехӯрданд, ҳаштод хонаро бароварда ба ҳаштод оилаи гурезаҳои арманӣ медоданд?! Не, инҳо душманони халқи худ ҳастанд. Мо бист сол навбат меистем, як сарпаноҳ намедиҳанд. Дар як шаб ба арманиҳойи гуреза ҳаштод хона доданд.

Ва тӯдаи одамӣ меҷӯшид, монанди сели баҳор меҷӯшид мағзи сару хуни бадани анбӯҳи ҳақиқатталаб.

Ва шаҳрвандон аз ҳавлӣ ба ҳавлӣ, аз гузар ба гузар ва аз район ба район, гӯш ба қимор буданд, ва аз даҳони дигарон мешуниданду ба гӯши дигарон мерасониданд, ки «балвогарон дар Испечак мошини сабукрав ва дар назди бинойи Кумитаи Марказии ҳизб автобусро чаппа кардаанд; магазини тилловориро шикаста чизу чораашро ба ғорат бурдаанд; як зани урусро аз рӯйи пули калон ба дарё партофтаанд…, ва бошандагони маҳаллаҳо роҳи дарову бурои ҳавлиҳоро бо сангу чӯбу шохи дарахтҳо мебастанд; ва байни худ маслиҳат мекарданд, ки шабона ягон ҳодиса шавад, бо оҳане, ё чӯбе ба батареяи оби гарм бизананд ва ҳамсояҳоро хабардор бикунанд…

Ва анбӯҳи балвогар, гӯё дар пӯсти худ ва дар майдони Кохи Борбад намеғунҷид, – берун баромадан мехост, саддҳоро шикастан мехост, зери по кардан мехост.

Ва се-чор нафар нотиқи фаъол ба тӯдаи пуршӯр муроҷиат карданд:

– Ҳамин шаб масъала ҳал мешавад. Комиссия ба кор сар кард. Фардо натиҷаашро мегӯянд.

– Худи Котиби якум меояд. Ба ҳама саволҳоятон ҷавоб медиҳад. Ҳамин хел маслиҳат шуд. Гурезаҳоро бо самолёт гусел мекунанд.

– Акнун равем хона ба хона. Фардо дар ҳамин ҷо ҷамъ мешавем…

Ва сурати воқеъаҳо буд ин ҳама шӯру шарр дар хиёбону кӯчаҳои шаҳр, ки мардум медиданд, валекин сираташ аз чашмҳо пинҳон буд, ки фақат маъмурони (эмиссарони) махфикори хориҷӣ медонистанд; ва таҷрибаи бобарори дусаду сесадсола доштанд ин махфикорон, ки давлатҳои мустамликадору мустамликахоҳ пайваста таълим медоданд, тарбия мекарданд ва мефиристоданд ба он ҷое, ки дилашон мехосту фоидае дошту шароити мувофиқ ва баҳонаи муносиб дошт; ва онҳо мерафтанду сабабе меёфтанду қувваҳоеро истифода мебурдандy шӯру балвое мехезониданду гурӯҳҳоеро муқобили якдигар мегузоштанду ҷанг меандохтанд ва худашон аз дур истода тамошо мекарданд ва мунтазир мешуданд, ки кай ба муродашон мерасанд; ва халқи як мамлакати ором ба кӯчаҳо баромада шиор партофтаву силоҳ гирифта ва ба гурӯҳҳои зоҳиран золиму мазлум ҷудо шуда, байни худ тухми душманӣ мепошиданд ва мекуштанду мешикастанду месӯхтанд, бехабар аз таги гап ва ғофил аз фитнаи абарқудратони бегона ва фирефтаи пулу моли бедарди миён, ки ба назарашон муфт менамуд.

Ва Солеҳтаксӣ як сари субҳ, аввал дар деҳоти атрофи шаҳри Душанбе, баъд дар районҳои Ленину Кофарниҳон, аз рӯйи қоғази дасташ, одамони даркориро ёфт ва ба дасти ҳар яки онҳо як даста пули қоғазпечро дод ва ҳамон як гапро гуфт:

– Фардо як мошин ҷавонро бурда дар наздики стадиони Фрунзе мефурорӣ. Ҷавонон намуди камбағалона дошта бошанд. Мошинро дар ҷое мон, ки агар ҳодисае шавад, бачаҳоро зуд бор карда бурда тавонӣ. Супориши Волдамир.

Ва худи Волдамир бо се нафар одами номдору дар байни мардум машҳур вохӯрд, ки яке аз мансаб афтида ва дутои дигараш дар курсии мансаб буданд; ва бо онҳо ба машварат нишаст, ва бо маслиҳат ба қароре омаданд, ки «даъвои ба арманҳои гуреза хона додан вазифаашро зиёду барзиёд иҷро кард, – тӯда ба кӯча баромад, ба шӯр омад, ба таҳлука андохт ва алоб даргирифт; акнун пуф кардан ва равған пошидан лозим, ки аланга шавад; ва фардо, бино бар нақша, та-

лабҳо бояд ранги сиёсӣ бигиранд ва шумоён дастёрони фаъолатонро огоҳ бикунед; ва шахсоне, ки ба роҳбарӣ номзад кардаем, фардо ба майдон нараванд. Онҳоро бояд тӯда даъват бикунаду ба майдон биёварад».

Ва он се нафар номдору машҳур хулосаи машваратро хабар доданд ба дастёрони озмудашон, ки дар байни дастаҳойи авбошу ҷиноятпеша обрӯву эътиборе доштанд.

Ва шаҳр ноором ва мардум дар таҳлука ва бозорҳо холӣ ва дари дӯконҳо баста ва дасти дуздону қаллобон кушода ва рукнҳои давлат фалаҷ буд.

Ва рӯзи дигар котиби якуми ҳизб, ки сарвари давлат аст, ба майдон, ба назди тӯдаи ошӯбгар наомад. Ва раиси комиссияе, ки тӯдаи кӯча интихоб карда буд, ба тӯда ҳисобот дод:

– Арманиҳои гуреза ҳаштод оила не, балки чор оила будаанд, ки дар хонаҳои хешу таборашон фуромадаанд. Ҳукумат ба касе дар ҷое хона надодааст. Ҳамон чор оиларо шабу саҳар ба ватанашон мефиристонанд.

Ва тӯдаи саргарми моҷаро ба хулосаи комиссия чандон эътибор надод, – қонеъ нашуд, ором ҳам нашуд. Балки имкони қонеъ шудану ором гардидан надоданд ба тӯдаи пурғавғо, – нотиқони фаъол, паси ҳам ва бефосила микрофонро даст ба даст доданд ва аз рӯйи дастури хоҷаҳои паси парда, ки шаб ба онҳо расида буд, мавзӯи даъворо тарафи дигар тоб доданд, ва истибдоди ҳафтодсолаи болшевиконро таҳлилу танқид карданд ва шиор партофтанд, ки «бас аст яккаҳукмронии коммунистон! Ба мо демократия даркор, озодии сухан даркор, озодии матбуот даркор!» Ва тӯда, ҳарчанд ки ба маъно ва мақсади ин калимаҳо дуруст сарфаҳм намерафт, бо садо, бо ҳойу ҳуй, бо ғавғо ва бо ҷунбише ба мисли туғёни баҳр, дастгирӣ мекард ва даъвои дирӯза фаромӯш шуд:

– Демократия!

– Озодӣ!

– Ҳукумати коммунистҳо ба истеъфо равад!

– Истеъфо!

Ва ҳукумати коммунистҳо, – котиби якуми Кумитаи

Марказии ҳизби коммунистӣ, Раиси Шӯрои вазирон ва Раиси Шӯрои Олӣ, – дасту по гум карданд ва ҷавоби сабабе ба тӯдаи шӯришгар дода натавонистанд; ва аслан онҳо чунин қудрат ҳам надоштанд, чунки байни худашон ҳамфикрӣ набуд. Ва шару шӯри тӯдаи кӯча торафт доман паҳн мекард ва вакилону вазирон ба шаҳриву деҳотӣ ҷудо мешуданд, бозорҳо кор намекард, аҳолӣ метарсид, ки паси шуғлаш биравад; тӯда, ки бӯйи ғолибият ба машомаш мерасид, бино ба нақшаи Волдемар, номбар мекард, ки Раҳиму Ҳакиму Ятим назди мо биёяд, мо ба онҳо бовар дорем, фақат онҳо дарди моро медонанд ва роҳи наҷотро нишон медиҳанд. Ва мошину вакил фиристониданд ва Раҳиму Ҳакиму Ятимро ба майдон оварданд ва сари минбар бароварданд; ва Раҳиму Ҳакиму Ятим гуфтанд, ки роҳбарони имрӯза ҳоли халқро намедонанд, парвои рӯзгори халқ надоранд, гирифтори хешу табори худ шуданд; халқ бечораву бенаво шудааст, намедонад, ки дардашро ба кӣ гӯяд; ҳамаи шумо медонед, мо ҳам медонем, ки ҳоли бад аз ин бадтар намешавад, корд ба устухони халқ расидааст, ки ба кӯча баромадаст, адолатхоҳӣ мекунад; мушкилиҳойи рӯзгор бисёр, масъалаҳойи ҳалталаб аз он бисёртар; бо доду фарёд мурод ҳосил намешавад, роҳи сабаби ҳалли масъаларо ёфтан даркор, дурусташ, шумо аз байни худатон намояндаҳо интихоб кунед, ҳамин намояндаҳо раванд бо ҳукуматдорон гуфтугӯ кунанд, шарту шароитро фаҳмонанд ва бо маслиҳат ба хулосае биёянд.

Ва тӯда, бетартибона, ҳар калла бо овози баланд як нафарро номбар мекард.

Ва онҳоеро, ки мошин фиристода оварда буданд, номашонро аз ҳар тараф бо такрор ба забон мегирифтанд.

Ва рӯихат карданд, иловаҳову ихтисорҳо карданд, ва бо даъвойу ғавғоҳо ба қароре омаданд, ки як раис, ду ҷонишин ва чаҳордаҳ аъзо интихоб бикунанд ва «Кумитаи ҳабдаҳ» унвон бидиҳанд, ва ин кумита ҳамчун вакилони халқ равад назди ҳукуматдорон ва аз номи халқ истеъфойи онҳоро талаб бикунад; вагарна даст ба зӯрӣ хоҳанд зад.

Ва он се нафаре, ки одаму мошин фиристонида ба май-

дони балво оварда буданд, яке раису дуи дигар ҷонишин шуданд, ва пеш даромаданду аъзоёни кумитаро бурданд ба Қасри ҳукумат.

Ва аъзоёни ҳукумат, ки ба истилоҳи худашон, аъзоёни Бюройи Сиёсии Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон мегуфтанд ва тақдири мулку миллат ба дасту раводиди онҳо буд, на ҳамчун роҳбари давлат, балки чун як дастаи асирафтода ва гаравбохта, бо аъзоёни кумитаи ҳабдаҳ ба гуфтушунид сар карданд, – ҳукмро Кумитаи ҳабдаҳ мебаровард ва Кумитаи Марказӣ дудила буд, ки розӣ шавад ё не.

Ва дар водии Вахш Дилмурод дар хонааш нишаста аз телевизор чашм намеканд, – боз чӣ хабар медиҳад? Боз дар Душанбе чӣ воқеаҳо шуда бошад?

Ва дар Душанбе моҷароҷӯёну ҳангомахоҳон дар шоҳроҳи шаҳр ғолибона пасу пеш мерафтанд ва ҳавобаландона суханҳо мегуфтанд: автобусу троллейбус намегашт ва корхонаҳо ниму нимкора фаъолият доштанд ва дари мактабу кӯдакистонҳо қуфлу занҷир буд, ва мардум аз тарсу эҳтиёт ба бозору дӯконҳо намерафтанд ва майдадуздон ҳар чӣ ба чашмашон афтод, медуздиданд ва авбошон бо каттагӣ таксисаворӣ мекарданду музд намедоданд…

Ва шоми торик аз телевизор хабару нишон доданд, ки ҳукумат яклухт, – котиби якуми Ҳизби коммунистӣ ва Раиси Шӯройи вазирон ва Раиси Шӯройи Олӣ ба истеъфо рафтанд: ва маросими имзо кардани ҳуҷҷати истеъфоро нишон доданд, – ранги рӯйи роҳбарони давлат кандагӣ ва чашмонашон фурӯ рафтаи бенур ва лунҷҳояшон овезон ва китфҳояшон афтидагӣ; ва дар болои сарашон ду нафару се нафар аз аъзоёни Кумитаи ҳабдаҳ, бо ваҷоҳати пурғуруру таҳдид рост истодагӣ ва назорат мекунанд.

Ва ҳуҷҷати истеъфоро хонданд ва роҳбарии давлатро Кумитаи ҳабдаҳ ба уҳда гирифт ва раиси кумита ба халқ муроҷиат карду ваъда дод, ки «фақат ба манфиати мардум кор хоҳад кард» ва тӯдаи кӯчаву майдонҳо шоду хуррам ба хонаҳошон рафтанд.

Ва ҳамон шаб аз Москов ду десант омад, – як десанти

сиёсӣ бо сарварии вазири корҳои дохилии СССР ва як десанти ҳарбӣ бо силоҳу сипоҳиёни хоса ва яккачину ботаҷриба. Ва десанти сиёсӣ дар бӯстонсарои ҳукуматӣ фуромад, ва сипоҳиёни зудамал мавқеу мавзеъҳои муҳимро фавран печонида гирифтанд; ва дар шаҳр қуйуди ҳарбӣ эълон карданд, ва қарори Кумитаи ҳабдаҳро нодурусту ғайриқонунӣ баров围данд, ки як тӯдаи балвогар аз кӯча чунин салоҳият надорад, ва ин хел корҳо фақат дар салоҳияти съезд ё ки пленум аст. Ва фардо Пленуми Кумитаи Марказиро даъват карданд, ва пленум Кумитаи ҳабдаҳро гунаҳкор баровард, ки қасди табаддулоти давлатӣ дошт ва сабабгори нооромиву вайронкориву ғоратгарӣ дар шаҳр шуд, ва роҳбарони давлату ҳукуматро пурра барқарор кард, ва роҳбарони Кумитаи ҳабдаҳ ва фаъолони майдони даъвогар ва мухбирони рӯзномаҳоеро, ки хабари истеъфоро чоп карда буданд, аз сафи ҳизби коммунистӣ баровард ва аз мансабҳо гирифт ва аз кор пеш кард ва дар шаҳр ба муддати се моҳ тартиби зисти ҳарбӣ ҷорӣ намуд, ки аз соати даҳи шаб то соати шаши субҳ, бе рухсатнома дар кӯча гаштан, дар идора нишастан ва дар ҷое ҷамъ омадан мумкин нест, ва касе риоя накунад, ҷазойи босазо мебинад.

Ва баъд аз қарорҳойи пленум ба рӯйи ҳукуматдорон хун давид ва сурхӣ пайдо шуд ва сарашон баланд шуд ва дасташон намеларзид; ва роҳбарони кумитаи ҳабдаҳ ранг бохтанд ва пажмурда шуданд ва зориву лоба карданд, ки «ҳизб бе мо зиндагӣ карда метавонад, аммо мо бе ҳизб зиндагӣ карда наметавонем!»

Ва десанти сиёсӣ баргашта рафт ба Москов ва десанти ҳарбӣ дар пост монд.

Ва Волдамир ба хоҷаҳояш телеграммаи рамзӣ фиристод, ки «Хурӯсҷанг хеле хуб гузашт. Тафсилоташ мавқуф ба дидор».

Ва ҳамон солҳо дар Иттиҳоди Шӯравӣ солҳойи имрӯз созу фардо шикан буд, – бозсозӣ мекарданд идеологҳову роҳбарҳо, халқ бо ҳайрат менигарист, ки кадом чизи сохтагиро боз аз нав месозанд ва аслан бозсозияш чӣ маъное дорад? Валекин ба ҳукми бисёрии сарҳойи гарму хунук ва

тақозойи «ҳар сареву як савдое» аз паси даъватҳойи бозсозӣ мерафтанд ва тунд мерафтанд, ки «озодӣ нест, озодии сухан нест, озодии матбуот нест, озодии интихобот нест». Ва ҳизбҳойи бисёре рӯзномаҳойи зиёде таъсис доданд, ки чӣ будани озодиҳоро шарҳ диҳанд, ба омиҳо фаҳмонанд ва онҳоро «аз хоби гарон» бедор кунанду ба мубориза бархезонанд, ва аз асорати коммунистӣ бираҳонанду ба озодӣ ва ободии демократӣ бирасонанд.

Ва фаҳмонданду бархезонданд дар се районӣ водии Вахш, ки аҳолияш, ба ҳукми аксарият, аз як вилоят муҳоҷир карда оварда буданд ва калиди савдову кори савдо пурра ба дасти онҳо буд, интихоботҳойи озод гузарониданд, ва аз одамони худашон раиси колхозу директори автобазаву раиси исполком интихоб карданд; ва Дилмуродро ҳамон вақт аз раисии суди район гирифтанд.

Ва аз ҳамон вақт ба минбаъд Дилмурод диду хонду шуниду тамошо кард, дар маҷлисҳо бо чашми худ бидид ва аз рӯзномаву маҷаллаву рисолаҳо бихонд ва аз радиову даҳони мардум бишунид ва аз телевизору кино тамошо бикард, ки ҷамъ мешаванд гурӯҳе ва даъвойи Адолат мекунанд, ки ба забони онҳо демократия ном дорад, ва маҷлисҳо мегузаронанд ва раҳбарҳо интихоб менамоянд бо тарафдории аксарият; ва ин аксарият ҳамеша иборат аст аз авлоде, аз маҳалле, аз водие, ки одами худашонро пешбарӣ мекунанд ва дастгир мешаванд ва бардошта ба курсии мансаб мешинонанд, ва он одам аз уҳдаи иҷройи ҳамон кор мебарояд ё не, барояшон аҳамият надорад, – заруру муҳимаш «кар бошаду кӯр бошад, лекин аз худашон бошад». Ва мардум зоҳиран ба ҳизбҳо, дар асл ба авлодҳову маҳалҳову водиҳо ҷудо мешуданд.

Ва чунин таҷриба собиқаи куҳнаи куҳна дошт, вале ба муқобили СССР ва ғояи сотсиализм чил сол пеш оғоз ёфт.

Ва Вашингтону Лондону Париж якҷо шуданд ва хароҷоти бедареғ мекарданд, ки аз номи демократия мардумро фирефта ба шарру шӯр овардан ва байни қавмҳову халқҳову динҳову давлатҳо тухми низоъ коштан ва мулки сарҷамъеро парешон кардан ва давлати осоиштаеро беса-

ришта гардонидан, силоҳи буройи ғоявии мост, ки амният ва манфиат ва қудратамонро таъмин мекунад ва аз хавфу хатари касодӣ ва футур рафтан эмин медорад. Ва бунёдҳойи илмӣ таъсис доданд, ки рӯҳияро тадқиқу таҳлил бикунанд ва пойгоҳҳойи тарғиботӣ барпо карданд, ки майнаҳоро фаро бигирад, ва мактабҳойи ҷосусӣ сохтанд, ки ақлҳоро бихараду истифода бурда битавонад, ва …

Ва баъди чил сол ҳосил бардоштанд, – бозсозӣ ҷорӣ карданд ва сиёсат калавандаву ғеланда шуд, ва меҳвари иқтисодӣ роҳи гардиш тағйир дод, ва ахлоқ аз қолабаш баромад, ва конститутсия аз кор монд; ва садҳо Волдамирҳо дар ҳудуди СССР ба фитна андохтану балво хезондан машғул буданд.

Ва дар сартосари хоки Иттиҳоди Шӯравӣ майли ҷудо шудан ва мустақил будан, аз рӯз ба рӯз меафзуд ва вабо барин доман мегустурд; ва акнун, ба масал, роҳбари районро Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунист таъин намекард, балки мардум дар маҷлисҳо бо шӯру ғавғо интихоб менамуданд; ва интихоби вакил ба Шӯройи Олӣ чун пештара, ба дасти ҳизби ҳукмрон набуд, халқ худаш касеро хоҳад, ҳамонро ба рӯйихат медаровард; ва роҳу равиши нав чунон авҷ гирифт, ки аз поёни поён ба болои боло расид ва вилоятҳову ҷумҳуриҳо ба усули роҳбарии президентӣ мегузаштанд, ва ҳатто сессияи Шӯройи Олии СССР рӯзе Котиби генералии кумитаи марказии ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравиро бо як қарор ба курсии президентӣ бинишонд.

Ва таги пойи коммунистон замин ҷунбид, – мансаб аз даст меравад, агар чорае набинем! Ва онҳо, коммунистҳое, ки дар Кремл нишаста буданду ҳукм меронданд, ба воҳима афтоданд, ки СССР барҳам хӯрад, ҷоҳу ҷалоли онҳо низ барҷо нахоҳад монд. Ва бино ба одати куҳнаашон, ки ҳар хости неку бад ва ҳар кори оқилонаву беақлонаашонро аз номи халқ ва «мувофиқи талаботи заҳматкашон» ба амал меоварданд, райъпурсии оммавӣ ташкил карданд, ки «СССР ҳамчуноне ки ҳаст, биистад, ё не?» Ва ҳаштоду шаш қисми мардум райъ доданд, ки «чуноне ки ҳаст, ҳамин тавр

истодан гирад». Ва президентҳойи имрӯза, котибони якуми кумитаҳойи марказии ҳизби дирӯзаи ҷумҳуриҳо, ба ифоқа омаданд, ки «СССР биистад, вале бо баъзе имтиёзҳо ба ҷумҳуриҳо», ва қарор доданд, ки бистуми августи соли 1991 ҷамъ мешаванд ва аҳдномаи нави иттиҳодро имзо мекунанд.

Ва бист рӯз пеш аз рӯзи бистуми август, аввал дар Москва ва баъд дар сартосари мамлакат, хабар паҳн шуд, ки Президенти СССР ба мураххасии мухтасар ба Қрим рафтааст ва ҳангоми рафтан дар аэропорт ба чанд каси наздикаш гуфтааст, ки «сустӣ накунед, сахт истед», ва ин гапаш чӣ маъно дорад, алҳол ғайри худи ҳамонҳо, дигар ҳеҷ кас намедонад.

Ва Волдамир дар идораи Шӯройи Олӣ, дар хонаи қабули меҳмонони олиқадр, дар сӯҳбати хоса, ба Назари Чӯтур гуфт:

– Вақташ расид. Акнун давр даври шумост. Одамонатон бояд ба табаддулот тайёр бошанд.

Ва Волдамир дар се шабонарӯз бо Насрулло дар бӯстонсаройи ҳукумат, бо Диёршоҳ дар боғи Ғалаба, бо Фахрирекет дар тарабхонаи Порт-Саид ва бо Амир-таксӣ дар кӯли Комсомол шабонаву пинҳон, вохӯриҳову зиёфатҳову сӯҳбатҳо ташкил кард ва хулосаи гапаш ҳамон як гап буд:

– Вақташ расид. Акнун давр даври шумост. Одамонатон бояд ба табаддулот тайёр бошанд.

Ва Волдамирҳо хеле бисёр буданд. Ҳамаашон мактабдида ва таҷрибаандӯхта, шаҳди шӯрангезӣ ва ҷангандозӣ ва тамошо ва оштидиҳиро чашидагӣ. Ва алҳол дар кулли ҷумҳуриҳо кор мебурданд ва дар ҷое тирашон ба нишон мерасид, дар ҷойи дигаре хок мехӯрд, – вобаста ба муҳити сиёсиву иқтисодиву иҷтимойӣ ва фаҳму фаросати аҳолӣ.

Ва дар Москов ҳамонҳое, ки президент дар аэропорт дар гӯшашон «сустӣ накунед, сахт истед» гуфта буд, пинҳонӣ маслиҳатҳо карданд ва нақшаҳо кашиданд, ва Кумитаи давлатии ҳолати фавқулодда таъсис доданд, ва бино ба андешаашон мебоист, ки сипоҳу силоҳ ба шаҳр медаромад ва идораҳойи муҳимтаринро зери назорат

мегирифт ва Раиси Шӯройи вазирони Русияро ҳабс мекард, ва машварати сарони ҷумҳуриҳову аҳдномаи наву имтиёзҳо худ аз худ барҳам мехӯрд, сохти сотсиалистӣ ва ҳукумати коммунистӣ барқарор мемонд ва президент аз Қрим, аз Давос, ғолибу сарбаланд бармегашт.

Ва сипоҳу силоҳ ба шаҳр даромад, вале командирон, ки фармони дақиқе нагирифта буданд, намедонистанд, ки аскару танку тӯпашонро ба кадом маҳал бибаранд ва ба кадом кор машғул бишаванд; ва дар хиёбону кӯчаҳо ҳайрон бимонданд, ва анбӯҳи мардум ба дифоъ аз демократия ба майдонҳо баромаданд ва роҳҳойи сипоҳу силоҳро бибастанд; ва Раиси Шӯройи вазирони Русияро ба ҳабс нагирифтанд; ва ин раиси нав ба боми танк баромад, ва парчами Федератсияи Россияро баланд бардошт ва ҳамзамон аз киса вараqи коғазе берун овард, ва қароре хонд, ки Россия мустақил аст; ва аъзоёни ГКЧП-ро ҳабс карданд, ва Президенти СССР бекору бедавлат монд ва истеъфо дод.

Ва дар Душанбе, бо ишораи пешакии Волдамир, шахсони боэътимоду дилпураш Насруллову Диёршоҳу Фахрирекету Амиртаксӣ одамони зиёдеро ғун оварда ба кӯча бароварданд, ва тӯда, бинобар супориши гирифтаашон, ғавғо бардоштанд, ки «дар Тоҷикистон демократия нест. Баъзе қарорҳойи демократӣ қабул карданд, вале он қарорҳо як фиреби назар ва як ниқоб ҳасту бас. Дар асл ҳокимият ҳоло ҳам ба дасти коммунистҳост. Коммнистҳо душманони демократия ҳастанд. Мисоли равшанаш он аст, ки ГКЧП-ро дастгирӣ карданд. Демократияро буғӣ карданд. Ба истеъфо раванд коммунистҳо!»

## 2

Ва сиёсати давлат дар Тоҷикистон, баъд аз путч (исён) дар Москов, рисолату асолату салоҳияташро гум кард, – дар даруни Қасри ҳукумат як сиёсат буд, ва дар майдони пеши қаср, дар берун як сиёсати дигар. Ва андардаруниҳо талош доштанд, ки ҳукумати конститутсионӣ устувор бошад ва онҳо дар сари давлат биистанд; ва андарберу-

ниҳо даъво мекарданд, ки конститутсия аз нав навишта шавад ва онҳо ба сари ҳокимият биёянд.

Ва ҷанги даҳонӣ ва айбмонӣ аз соат ба соат ва аз рӯз ба рӯз авҷ мегирифт ва гарм мешуд ва аланга мезад, гапгузаронӣ дар ду майдон, – дар ҳалқаи қасрнишинон ва дар тӯдаи кӯчанишинон, ба воситаи ду микрофон, – яке дар Қасру дигаре дар кӯча, аз шартгузорӣ ба фартгӯйӣ табдил меёфт. Ва қасрнишинон дар ҳаллу фасли масъалаҳойи рӯз аз як забон гап намезадандy аз як гиребон сар намебароварданд, – байни худ тифоқ набуданд ва маккориву фиребгариву риёкорӣ мекарданд, ки фалон мансабро фалониҳо неву худашон бигиранд; ва салоҳияти қуввату тавонашон сусту муст мешуд. Ва кӯчанишинон дурӯягӣ надоштанд ва дурӯғ намегуфтанд, ва аз рӯзгор мисолҳойи маълуму машҳур меоварданд, ки ҳама медидандy мешуниданду медонистанд ва сафашон меафзуду қувват мегирифтанд ва фишорашон зӯртар мешуд.

Ва дар боло, дар Қаср, мансабдорон, ба иборaи худашон, аъзоёни номенклатура, ки ҳамеша дар мартабаву вазифаву таъминот, – хонаву мошину магазинҳойи хоса, – имтиёзи зиёде аз дигарон доштанд, ҷамъ меомадандy маслиҳату машварат мекарданд; ва бино ба қойидае, ки роҳбарон бояд аз ҳар водиву вилоят бошанд, то ки адолати мансабдорӣ таъмин бишавад, аъзоёни номенклатура аз ҳар маҳал буданд, ва ҳангоми ба қароре омадан, ба маҳалҳо тақсим мешуданд, ва гурӯҳбозӣ мекарданд, ки дар мақомоти олӣ одами маҳали худро бишинонанд, ва аз ин рӯ ба қароре зид мебаромаданд ва ё баҳонае ёфта, – пояш дард кардааст, фишори хунаш баланд шудаст! – ба маҷлис намеомаданд ва қарор дар ҳаво муаллақ мемонд.

Ва дар поён, дар Кӯча, тӯдаи нишаставу хеставу равандаву оянда, ба болоиҳойи хушлибосу хушнамуду хушгалстуку ришу бурутaшон тоза тарошидагиву атр задагӣ монанд набуданд. Инҳо намудҳойи гуногуну сару либоси ҳархела доштанд, – кастумпӯшу ҷомадору курткапӯшу ҷинсидору яктакпӯшу галстукдору бегалстуку гиребонкушодаву сарлучу салладору бесаллаву тоқидори бе-

реткапӯш буданд ва ба ин майдон низ бо фаҳму фаросати гуногуну ҳархела ғун омадаанд, ва кирдору рафторҳойи гуногуну ҳархела мекунанд, – демократҳо бо фаҳмиши адолатхоҳӣ ва орзуи ҷомеъаи демократӣ ва нишон додани қудрати ҳизби навтаъсисашон; одамоне, ки бо хабари Насруллову Диёршоҳу Фахрирекету Амиртаксӣ омадаанд, медонанд, ки ҳойу ҳуй бикунанд ва ғавғо бардоранд, пули нақде ба дасташон медиҳанд; дойрахабарон ҷабрдида ё ранҷида ва ё даъвояшон аз имконашон зиёдтар, макону майдону маврид ёфтаанд, ки бухси дилашонро кафонанд ва бо овози баланд бигӯянд, ки «роҳи салоҳи корро ман медонам, аммо нодонҳо роҳ намедиҳанд, ки камбудиҳоро ислоҳ бикунам»; ҳангоматалабон парвойи неку бадаш надоштанд ва «ку бубинем, боз чӣ гапҳову боз чӣ ҳодисаҳо мешавад?», буду шуди фаросаташон буд; даҳанйалаҳо тамошо мекарданду хамёза мекашиданд ва ҳеҷ ақлашон намерасид, ки демократҳо аз коммунистҳо чӣ фарқе доранд; авбошон сари синаву мушаки бозуро дамонида пайт меҷустанд, ки баҳонае пеш ояду ба таги манаҳи ину он каси нофорам муште бизананд… Ва демократҳо назди микрофон навбат истода ваъз мегуфтанд, ваъзҳойи сиёсиву иқтисодиву иҷтимоийи дарозу кӯтоҳ мегуфтанд, ки мазмуну маънояш дар як рӯз чил бор такрор мешуд ва фишурдаашу хулосааш тахминан чунин буд:

Ҳукумати Шӯравӣ ҳукумати истибдодӣ буду ҳаст. Аз ин ҳукумат ба мулку миллати мо фақат зарар расидаасту мерасад. Ҳамаи зарарҳо кори дасти коммунистони яккаҳукмрон буду ҳаст. Коммунистон моро аз таърихамон ҷудо карданд. Алифбоямонро ду бор тағйир доданд. Равшанфикронамонро куштанду бадарға карданд, китобҳоямонро сӯзонданд. Дари илмро ба рӯямон бастанд. Рӯзгори халқро талх карданд. Сарватҳоямонро ба ғорат бурданд. Мулк вайрону халқ ғофилу муфлис шуд. Ҳар балое, ки ба сарамон омад, аз дасти коммунистон омад… Президенти коммунист ба истеъфо равад! Интихоботи коммунистӣ не, интихоботи халқӣ барпо бишавад! Кӣ мекунад ин корҳоро?! Мо, демократҳо, мекунем! Мову шумо меку-

нем!»

Ва анбӯҳи одамони ташаббускор ва даъватӣ ва дойрахабар ва ҳангоматалаб ва моҷароҷӯ ва даҳонйала ва авбошу бекорхӯҷа суханони воизонро гӯш мекарданду гӯш намекарданд, ва маънояшро мефаҳмиданду намефаҳмиданд, валекин баробар қиғосу аррос мезаданд:

– Ба истеъфо равад!

– Интихоботи оммавӣ шавад!

Ва президенти коммунист ба истеъфо нарафт, валекин ариза дода аз сафи ҳизби коммунистӣ баромад, ки «ман ҳам як нафар фарзанди ҳамин халқ ҳастам ва ба халқи худам хидмат мекунам»; ва фармоиш дод, ки «дар шаҳр орду гӯшту тухму намаку помидору бодирингу мева намерасад. Мардум дар азобанд. Хӯрду хӯроки худу фарзандонашонро таъмин карда наметавонанд. Бинобар он ҳар рӯзи шанбе ва якшанбе як район ба шаҳр корвони пурбори мошинҳо биёварад ва хӯрокворин овардаашонро дар бозор арзонтар аз нархи бозор бифрӯшанд, ки дастархони мардум бе нону намак набошад».

Ва дар шаҳри Душанбе тӯдаи одамон ҳалҳалаву валвалаpo мавҷ-мавҷ баланд мебардоштанд, ки «коммунистон мулкро вайрон карданд, халқро муфлису саргардон карданд». Ва ба шаҳр молу бор овардан навбати райони Илич буд, ва роҳбарони райoну колхозу совхоз дар таку дав буданд, ки орд ёбанд, биринҷ ёбанд, гӯшт ёбанд, мевайу чева ёбанд ва бензин ёбанд... ва азбаски район асосан пахтакор буд, орду биринҷро аз магазинҳо ва анборҳойи Тоҷикматлубот гирифтанд ва гӯштро аз фермаи чорводорӣ ҷамъ оварданд, ва тухми мурғро аз комбинати мурғпарварии Чиптӯра хариданд ва нахӯду мошу наскро аз деҳоти даруни адирҳо пайдо карданд, ва картошкаву сабзиву пиёзро колхозҳо доданд, ва помидору бодирингу тарбузро аз ноҳияи Ленин насия гирифтанд, ва бензинро аз як корчалони навбаромад талабиданд; ва бист рӯз тагу боло зада, як бало карда ҳафт мошин бор ёфтанд ва корвон бо тантана ба роҳ баромад, – пеш-пеш як мошини ГАЙИ бо чароғаку зангӯлааш, ва дар пештоқи мошини аввал шиори дароз: «Аз кол-

хозчиёни райони Илич барои сокинони шаҳр», бо ранги сафед дар матои сурх навиштагӣ ва аз дунбол Волгаву Жигулӣ, ки дар дарунаш намояндагони райкому исполком нишастаанд.

Ва радиову телевизор дар як шабонарӯз се бор – сари субҳ, нисфи рӯз ва ҳангоми шом, ҷор кашиданд, ки «фардо дар бозори Қарияи боло сокинони райони Илич маҳсулоти дастранҷи худашонро барои фурӯш мебароранд. Нархи молҳое, ки онҳо овarданд, аз нархи бозорҳойи шаҳр хеле арзонтар аст».

Ва бошандагони шаҳр аз сари шаб халтаву тӯрбаву ҷуволашонро тайёр карда монданд, ки саҳари барвақт ба Қарияи боло бираванд ва табъи дил харидорӣ бикунанд. Чунки як сол боз бозорҳои шаҳр бефайзу бебаракату нимхоливу нархҳо гарон шуда буд ва аз рафи магазинҳо орду макарону қанду шакар ғайб зада буд, ва ҳатто перловкаву гречкаву чичевитсаро, ки пештар ғайр аз ошхонаҳо дигар ҳеҷ кас намехарид, ҳоло ба кофтан намеёфтанд.

Ва Бибифотимаву Боборахим, зану шавҳар, халтаҳо ба даст, чашми рӯз накафида аз хона баромаданд, – роҳ дур, аз ин ҷо ба он ҷо мошини рост мерафтагӣ нест. Барвақттар расем, дер намонем. Ва ҳангоме, ки онҳо ба фурӯшгоҳ расиданд, мошинҳойи бордор қатор, панҷ метр дур аз якдигар, истода буданд, валекин пардаҳойи брезентиашон кушодагӣ набуд ва дар гирди ҳар як мошин зану марди бисёре ғун омада, рост истода пасту баланд байни худ гап мезаданд ва Бибифотимаву Боборахим аз забони ҳамонҳо фаҳмиданд, ки «то калонҳойи шаҳр набиён ва бозорро накушоянд, савдо намешудааст». Ва алҳол аз калонҳойи шаҳр дараке набуд, ва мардум босабронаву бесаброна ва бепарвову дилтангона мунтазир буданд ва аз ин мошин ба он мошин ва аз он мошин ба мошини дигар мерафтанд, гирди мошинҳо чарх мезаданд, ва аз касоне, ки дар болойи мошинанд, ё назди мошин рост истодаанд, мепурсиданд:

– Кай савдо мекунед?

– Калонҳо биёянду қабул кунанд, баъд савдо.
– Калонҳо кай меоянд?
– Бояд меомаданд. Ҳозир меомадагистанд.

Ва калонҳо соати нуҳ омаданд. Омаданду ҳамроҳи намояндагони район пардаҳойи брезентии борти оқиби мошинҳоро бардоштанд ва борҳояшро дида барои рӯзномаву радиову телевизион «аз ташаббуси ибратбахши район ва ғамхории беғаразонаи мардуми он ба аҳолии шаҳр», интервийуҳо доданд ва савдо сар шуд; ва калону хурд ва зану мард ба борти кушодаи мошинҳо ҳуҷум карданд, ва дастҳойи ҷониби фурӯшандаҳо бардоштаву дарозшуда дастҳоро тела медоданд... Ва Бобораҳим барои гӯшт навбат гирифту Бибифотима барои биринҷ; ва гӯшти говро гӯё аз конслагер оварда буданд, – устухон, зардчаву зардоб, полтарма, бо вуҷуди ин дар ним соат тамом шуд, ва ба пеш расиду ба ақиб нарасид, ва Бобораҳим дасти холӣ назди мошини дигар ба суроғи Бибифотима рафт, ва Бибӣ низ биринҷ гирифта натавонист, ва ду кило гречка харид... Ва яке мардум саросемаву ҳадаҳа тарафи ҳайкали Сино равон шуданд, ва дар пушти ҳайкал арақ мефурӯхтаанд; ва мошини КАМАЗ пури ящикҳойи арақ буд, ва се ҷавонмарди чусту чолок дасту оринҷ барзадагӣ, сари бод пулҳоро аз дастҳойи ёзондагӣ мегирифтанду шишаи арақро медоданд, ва фурсате чанд нагузашта ҳамаи ящикҳо холӣ шуд, ва мошин газ доду рафт, ва... Ва одамони хурсанд, ки арақ гирифтаанд, бегоҳ ба умед шишаҳоро дар хонаҳояшон кушоданду қадаҳҳоро пур карданд ва ба саломатии якдигар ва ба орзуи рӯзгори серу пур нӯшбодҳо гуфтанд ва нӯшиданд, ва ғайр аз таъми об дигар таъме набуд, ва фиғонашон баромад, ва намедонистанд, ки аламашонро аз кӣ гиранд ва додашонро ба кӣ гӯянд.

Ва демократҳо гуруснагӣ эълон карданд, ки то президент ба истеъфо наравад, онҳо нон намехӯранд. Ва онҳо аз рӯзномаҳо хонда ва аз телевизор шунидаву дида буданд, ки дар дигар мамлакатҳо гуруснашинӣ аз сахттарин эътирозҳост ва матбуоту ташкилотҳойи байналмилаливу ҷомеаи

ҷаҳонӣ ба тарафдории онҳо бармехезанд ва талаботи онҳоро ҳаққонӣ медонанд ва талаб мекунанд, ки ҳақ ба ҳақдор расад. Ва бо ҳамин хел нияту бо ҳамин хел умед раёсати ҳизби демократӣ дар идораашон, ки ҳавлии иҷора буду як долону як хона дошт, рӯйи фарш палос партофтанд, ва ҳар яке аз хонааш як кӯрпаву як рӯпӯшу як болишт овард, қатор ҷогаҳ андохтанд ва ёнбош кашиданд, ки «мо гуруснашинии бемӯҳлат эълон мекунем, то вақте ки ҳукумат талабу шартҳойи моро иҷро бикунад». Ва умедвор буданд, ки чор тараф ба ташвишу таҳлука меафтанд, ва сару садоҳое баланд мешавад, ва аз ҳар тараф ба ёрии онҳо хабарнависҳо, ҳуқуқшиносҳо, сиёсатдонҳо меоянд, ва ҳукумат ноилоҷ мемонаду маҷбур мешавад, ки хосту дархости онҳоро ба инобат бигирад. Ва як рӯз гузашт, якуним рӯз гузашт, ва ғайр аз рӯзномаи худашон, дигар хабаре дар ҷое чоп нашуд, ва ғавғои байналмилалие нахест, ва касе дасти мадад дароз накард ва ҳукумат аслан эътиборе надод; ва онҳо боз якуним рӯзи дигар тоқат карданд, якуним рӯзи дигар обу шарбате, ки аҳли оилаашон меовард, ошомида ёнбош заданду хобиданд, ки боиси таваҷҷӯҳи хосу ом бишаванд, валекин аз хориҷу дохил таваҷҷӯҳе надиданд; ва рӯзи чаҳорум раисашон гуфт:

– Ин ҷо Ғарб нест, ки моҳият ва даҳшати гуруснашиниро фаҳманду ба ҳимояаш бархезанд. Ин ҷо Шарқ аст, сад гурусна дар пеши пояш бимирад, мижааш хам намехӯрад.

Ва хестанду ҷогаҳҳоро ғундоштанду хӯрданду риш тарошиданду галастук бастанду рафтанд ба майдон, ба назди микрофон, то ки ваъз бигӯянд аз бедории миллат, аз салоҳияти давлат, аз қабоҳати коммунистон, аз манфиати демократия… Ва дар майдон микрофон ба тадриҷ аз ихтиёри демократҳо ба ихтиёри исломиён мегузашт, ва ҳамонҳо хабар доданд, ки дар водии Вахш, дар шаҳри Қӯрғонтеппа, одамони адолатхоҳ, бо шиорҳойи «озодии сухан», «интихоботи озод», «Дарди халқро кӣ дармон мекунад?» ба кӯчаву хиёбон баромаданд, ва дар майдони пеши бинойи ҳукумати вилоят митинг барпо карданӣ ҳастанд, ва хоҳиш доранд, ки аз пойтахт демократҳо биё-

янду иштирок бикунанд; ва ҳамон замон, аз минбару аз майдон, пешниҳодҳо шуд, ки фалониву фалониҳо бираванд, ва рӯҳи мардумро баланд бардоранд; ва панҷ нафар аз фаъолон, бо сардории Ҳайдар, аъзои раёсати ҳизби демократӣ, ба роҳ баромаданд, ки се нафарашон зодагони муҳоҷирони кӯҳистонӣ буданд, ки дар солҳои сивуму чилум падаронашонро кӯчонда ба Вахш овардаанд.

Ва Ҳайдар дар митинг сухан гуфт, ки «ниҳоят халқи мо ҳам бедор шуд. Дигар ба тақдири худаш бепарво нест. Ба ҳамагуна беадолатӣ тоқат карда, бо сари хам дам ба дарун кашида, хап намешинад. Акнун ҳуқуқи худро шинохтааст. Қадри худро медонад. Акнун ҳақашро талаб мекунад. Акнун барои рӯзгори серу пур, барои осудагии миллату давлат, бароиояндаи неки фарзандҳояш мубориза мебарад. Ба ин ҷо омадан, бо овози баланд дарду аламҳойи худро гуфтани шумо худ далели боэътимод аст, ки мо минбаъд ба ҳамагуна ҷабру ситам, ҳамагуна фиребу найранг тан намедиҳем».

Ва демократҳо Ҳайдару ёронашро бурданд ба ресторани лаби наҳр, ва зиёфат доданд, ва сипас, дар редаксияи газета вохӯрӣ бо журналистони вилоят шуд; ва ҳангоми аз редаксия баромадан Ҳайдар дид, ки Дилмурод дар он тарафи роҳ, сараш хам, пасу пеш қадам мезанад, ва аз афташ, касеро интизор аст. Ва Ҳайдар он тарафи роҳ гузашт, ва онҳо якдигарро оғӯш гирифтанд.

Ва Дилмурод Ҳайдарро ба ҳавлиаш, ба район бурд.

Ва дӯстон, мисли пештара, дӯстона сӯҳбат карданд, ва дар анҷом мисли душман не, албатта, лекин дилмонда ва бо андешаҳойи қариб хилоф аз якдигар ҷудо шуданд.

Ҳайдар аз воқеъаҳойи шаҳри Душанбе нақлҳо кард, ва ба рафтору кирдори ҳукуматдорон хандид, ки тамоман ғафлатзада будаанд, аз ҷаҳон бехабар, аз тағйиротҳойи сиёсиву иқтисодии солҳойи охир бехабар, бо ҳамон фаҳмишҳойи даврони коммунистияшон ғарқ; ва дар омади гап:

– Шуморо дар майдонҳо надидам?

– Ман дар он майдонҳо хар гум кардаам?!

– О, дар он ҷоҳо тақдири халқ ҳал мешавад. Наход, ба

шумо дахле надорад? Кай боз ин қадар бепарво шудед?

– Тақдири халқ! Аз фаъолони майдони Душанбе, ки дам ба дам микрофонро мегиранд ва тартиботи сотсиалистиро наҳ мезананду маҳкум мекунанду дашном медиҳанд, ман, ба камаш, панҷоҳ нафарашонро мешиносам. Таҳту таризашонро нағз медонам. Ана, аз ҳамин панҷоҳ кас чилу ҳафт нафараш ҷинояткори аз таги дор гурехтагӣ. Дасташ қалб, дилаш қалб. Баду баттол. Қаллоб, ҷаллоб. Дар умрашон кори ҳалол накардаанд. Аз онҳо некие ба касе нарасидааст. Фақат бадӣ. Фақат зарар. Агар тақдири халқ ба дасти ҳаминҳо бошад, оқибаташро тасаввур кардан чандон душворие надорад.

– Аз ҳизби коммунистӣ рӯ гардондед, ва якуним сол шуд, ки аъзои ҳизб нестед. Лекин коммунист барин гап мезанед. Гӯё намедонед, ки ғояҳои коммунистӣ ба сари халқи мо чӣ қадар балоҳо овард, чӣ қадар ситамҳо кард, ки то ҳол ҳисобу китоб нашудааст.

– Агар ҳалол кор кардану ҳалол зистан танҳо ғояи коммунистӣ бошад, ман ҳоло ҳам коммунист ҳастам. Аз ҳизби коммунистӣ баромаданам сабабҳойи дигар дорад. Худатон ҳам медонед. Дар вақташ сӯҳбатҳо ҳам карда будем. Хулоса, вай эътироз ба ғояҳойи коммунистӣ набуд. Эътироз ба коммунистоне буд, ки ғояҳойи коммунистиро фурӯхтанд. Арзон фурӯхтанд. Ба як табақ кабобу ба як қадаҳ шароб фурӯхтанд.

Баъд, ғояи адолати иҷтимойӣ ва эҳтироми қадру қимати Инсон соф хоси коммунистон нест. Як ҳолати табиӣ ва азаливу абадии фарзанди Одам аст. Инсон ҳамеша чунин орзу доштааст. Ҳамеша чунин хаёл дар сараш будаасту чарх мезадааст. Ниҳояташ ҳамин ки асосгузорони коммунизм ҳамин орзу, ҳамин хаёлро аз осмон ба замин фаровfarданд. Аз гуфтан ба кардан оварданд. Бузургтарин кашфиёт карданд. Онҳо олим буданд. Ба ҷойи олимон омиҳо, ки ба сари қудрат омаданд, як амри воқеиро боз бо орзуву хаёл табдил доданд. Аниқтараш аз он ниқоб сохтанд. Ниқобро ба рӯ кашиданд. Дар паси ниқоб пӯшиданиву хӯрданиву нӯшиданиву мансаби худро таъмин карда гаштанд. Онҳо белати

коммунистӣ доранд, фаҳму фаросати коммунистӣ надоранд.

– Хуб, медонед, ки чунин аст, пас чаро чунон намекунед? Ба майдон намеравед. Ҳамин суханҳоро ба мардум намегӯед. Онҳоро дастгирӣ намекунед. Охир, халқ ба шӯр омадааст. Ба кӯча баромадааст. Аз хушӣ набаромадааст. Аз зарурат, аз ночорӣ, кору борашонро партофта, шабу рӯз аз ҳукумат талаб мекунад, ки бесалоҳиятҳо ба истеъфо раванд. Ҳукуматро ба одамони ӯҳдабаро бидиҳанд. Вазиру вакилро чор коммунисти дар боло нишаста таъин накунанд. Ба раводиди халқ бимонанд. Халқ худаш интихоб бикунад, ки кадом кас меарзад ва кадомаш арзанда нест. Ё барои шумо фарқ надорад, ки кадомаш меояду кадомаш меравад?

– Фарқ дорад. Лекин ин хел корҳойи бузургро дар кӯча, бо ҳаёҳуйи авбошона иҷро намекунанд. Иҷро ҳам намешавад. Баракс, як мушкил даҳ мушкил мешавад. Ҳоли бад аз будаш бадтар мешавад.

– Яъне, ба фаҳмиши шумо, халоиқ дам дарун кашида хап бишинад. Агар овоз баланд кунаду дардашро гӯяд, кори нодуруст будааст. Ба зарари худаш будааст. Аҷаб фаҳмише?

– Не! Ман нагуфтам, ки мардум ба даҳон об гиранд. Ман гуфтам, ки ҳар кор шарту шароит дорад. Вақту соат дорад. Онҳое, ки ба коре даст мезананд, бояд ки он шарту шароитро донанд, он вақту соатро шиносанд. Илова бар он, оқибати корашонро равшан бинанд. Ҳамту лапу тап намешавад ин корҳо.

– Корҳойи мо рапу тап?! Демократия лапу тап?! Оқибати ин мубориза҆ҳо лапу тап?!

– Қариб ҳамин хел барин!.. Хом. Пухта не.

Ва дӯстон душман шуданд.

Ва минбаъд он қадар дӯстон ба ҳамдигар душман шуданд, ки… дар мавридаш мегӯем.

Ва Ҳайдар ба Душанбе баргашт, ба ҳалқаи демократҳо ва тӯдаи адолатхоҳи кӯчаву майдон, ки худашон худҳояшонро «беҳтарин фарзандони сарсупурдаи миллат» мегуфтанд, ва ин сарсупурдаҳо бо мисолҳо аз рӯзгор, аз иқтисоду хоҷагидорӣ, аз истифодаи маъданҳо, аз паст будани маърифат ис-

тибдоди ҳукумати шӯроийиро исбот мекарданд; ва дар фуроварди сухан шиор мепартофтанд, ки президент ба истеъфо равад ва интихоботи ҳалоли оммавӣ барпо гардад; ва ҳарчанд ки замони ғуломдорӣ дар Осиёи Миёна яксаду панҷоҳ сол пеш аз ин барҳам хӯрда буд, издиҳоми кӯча дод мезад:

– Озодӣ! Озодӣ! Озодӣ!..

Ва дар Қаср номенклатураи коммунистӣ сарҳисоби роҳбариро меҷустанду ёфта наметавонистанд, – на ягон роҳу равише меёфтанд, ки балвойи кӯчаро хобонанд ва на дилу гурдае доштанд, ки ба истеъфо бираванд.

Ва ҳар ду микрофон, – ҳам дар Кӯча ва ҳам дар Қаср, – аз номи халқ, ба манфиати халқ, ғазал мехонданд, ки шабу рӯз дар хобу бедорӣ, ғами халқро мехӯранд ва дар талош ҳастанд, ки халқ осудаву серу пуру беғам бошад; ва Шарафи деҳқон ба Неъмати харрот дар роҳи бозор, талху тунд гуфт, ки «ин даҳонмардон халқ, халқ мегӯянд, кирову чиро дар назар доранд!? Халқи онҳо кӣ бошад?» Ва Неъмат ҷавоб дод, ки «ба ҳар ҳол ману туро не, мо баринҳо ба ҳисоби онҳо намедароем».

Ва ҳамон халқе, ки микрофонҳо аз тақдираш ва аз эҳтиёҷаш ин қадар сӯхтаву пухта гап мезаданд, рӯзона нарху навойи осмонӣ ва бозору магазинҳойи нимхолӣ ва роҳҳойи бастаро дида, шаб дар хона ҳасрат мекарданд, ки «Худо ин балоҳоро кай аз сари мо мебардошта бошад!?»

Ва пирони паси пардаи издиҳоми кӯча Насрулло, Диёршоҳ, Фахрирекет ва Амиртаксӣ ҳар рӯз ду бор, – як бор сари субҳ ва як бор пас аз таъоми чошт, – ба воситаи вакилони хос дастур медоданд, ки кадом мавзӯъ ва кадом талаб ва кадом шиор дар даҳони тӯда бошад, – ва худашонро ба тӯда нишон намедоданд ва шарик буданашонро фош намекарданд; ва дар вақташ, ба умеди мансабе гирифтан аъзои фирқаи коммунистӣ шуда буданд, ва дар аризаашон навишта буданд, ки «дар сағирхона калон шудаанд, ва ё фарзанди коргар ё колхозчӣ ҳастанд», ва мансабҳойи хурду калоне ҳам гирифтанд, вале қонеъ набуданд, дилашон зиёдтарашро мехост; ва ҳоло вазъият дигар буд ва ҳизби коммунист аз даҳон монд, ва даҳону иштиҳойи онҳо кушода шуд,

ва аз сафи коммунистҳо баромаданд ва дар сӯҳбат ба мухбирон мегуфтанд, ки «мо аз авлоди мирҳо, шайхҳо, заминдорҳо, эшонҳо ҳастем».

Ва номенклатураи Қаср маҷлисҳо даъват мекарданд, ки нисфаш меомаду нисфаш намеомад, ва қароре қабул намешуд; ва вакил мефиристониданд ба ҳукумати Кӯча, ё Кӯча вакил мефиристонд ба ҳукумати Қаср, ва рӯбарӯ гапгузаронӣ мекарданд, ва забон намеёфтанд, ва бо таҳқиру таҳдид аз якдигар ҷудо мешуданд; ва аз Қаср ки берун баромаданд, суханҳойи бо микрофон ба халқу аз номи халқ гуфтаашонро ғирт фаромӯш мекарданд; ва имконҳоеро, ки бозсозӣ ва моликияти хусусӣ додааст, ба муроди худу хешон истифода мебурданд, – раиси ягон кооператив мешуданд, корхонаи хурд мекушоданд, маркази тиҷорат таъсис медоданд, биржа месохтанд, бо хориҷиён корпоратсияи муштарак барпо мекарданд, ва … Ва зовуди равғани Қӯрғонтеппа корпоратсия шуд, ва раиси корпоратсия, бо ҳуҷҷатҳое, ки асбобу анҷоми зовуд куҳна шудааст, талаботи халқро таъмин карда наметавонад, аз хориҷа садақа пурсид, ки дар чунин рӯзҳойи душвор ба халқи дармонда дасти ёрӣ дароз бикунанд; ва хориҷиён ба зовуд як миллиону сесад ҳазор доллар қарз доданд, ки асбобу анҷом бихаред, халқро бо равған таъмин бикунед; ва раису ёронаш пулро гирифтанд, ва рӯмолу помбарху видеокамера бихариданд, ва аҳли хонаводаашонро пӯшониданд, ва хонаҳояшонро оро доданд, ва зиёдатиашро бозор бароварда бо нархи чакана бифрӯхтанд. Ва тарака кардани молу маноли давлат, молу маноли халқ дар идораҳо одат шуд.

Ва ҳар фарде, ки мансаб дошт, ба ғорат, ба ҷаллобӣ, ба қаллобӣ даст зад, – директори автобазаи райони Ҳисор бо директори комбинати бофандаи шаҳри Душанбе забон як карданд, ва автобаза аз комбинат суф мегирифт як метраш ҳаштоду ҳафт тин ва ба мардум мефурӯхт як метраш чилу ду сӯм; ва аз фойдаи муфт нону ош садақа медоданд ба майдоннишинон; ва роҳбари зовуди нуриҳойи Вахш бо нархи арзон ба фирмаи амрикойии ЭКСПО – инкорпорейтед ҳаждаҳ ҳазор тонна кармобид дод, ва зовуд як миллиону

панҷсаду чилу ҳашт ҳазор доллар зарар дид, ва ин пулро сардорон ба кисаашон заданд; ва ҳатто раиси иттифоқи нависандагон аз се мошини Волга, ки давлат барои хидмат ройгон додааст, дутояшро шахсӣ кард, – бо андак музд ба номи худаш гузаронд ва дар бозор гарон фурӯхт; ва сармуҳаррирони ҳафтономаву маҷалла, ки тобеъи ӯ буданд, Волгаҳойи идораро бозор бароварда фурӯхтанд, ки моли мост.

Ва демократҳо ва тӯдаи тарафдори озодиву адолату истеъфо, ки майдони назди бинойи ҳукуматро пур карда ҳалҳалаву валвала доштанд, ҷор меандохтанд, ки айби коммунистҳо, коммунистҳо гунаҳкоранд ба ин ҳама бедодгариҳо.

Ва «коммунисти матин, содиқ ба ғояҳойи илмии коммунизм ва фидоийи ҷомеъаи сотсиалистӣ ва ҳомии баробариву бародарии Инсон дар солҳойи ҳафтоду ҳаштод ҳам кам буд, – навишт Дилмурод дар рӯзномааш баъди аз тафтишот фориғ шудан. – Лекин ба ин дараҷа не. Ҳоло дар як район, бисёри бисёр бошад ду-се нафар ёфт мешавад, ки ҳамонҳо ҳам обрӯву эътибор надоранд. Дар се район тафтиш гузаронидам. Ҷиноятҳойи иқтисодӣ. Бо маблағҳойи ниҳоят калон. Яктоаш коммунист. Дутойи дигараш не. Ҳар сеяшро ба ҷавобгарӣ кашида натавонистам. Пушту паноҳи ин ғоратгарон роҳбарони район, вилоят, ҷумҳурӣ, вакилон дар Шӯройи Олӣ».

Ва фишори тӯдаи Кӯча ба номунклатураи Қаср меафзуду меафзуд ва баробари афзудани қувваи фишори даъвогарон талабҳояшон ҳам васеътар мешуд, – акнун онҳо фақат ба истеъфои Президент қонеъ набуданд, акнун даъво доштанд, ки роҳбарони ҳукумат пурра ба истеъфо бираванд, ва ҳарчи зудтар интихоботи демократӣ, интихоботи ҳалол барпо гардад.

Ва вакилони мардум дар Шӯройи Олӣ, ҳамон вакилоне, ки баъди бозсозӣ, бо усули демократӣ, дар муҳити райъдиҳии озоду ҳалол вакил интихоб шуданд, ва тақлидан ба Москов дар сессияи Шӯройи Олӣ котиби якуми Ҳизби Коммунистии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон интихоб карданд, аз тарси балвойу даъвойи Кӯча ва бо тақлид ба Москов, дар сессияи Шӯрои Олӣ Президентро маҷбуран ба истеъфо фиристониданд.

Ва нахустин Президент, аз сивуми моҳи ноябри соли як ҳазору нуҳсаду навад то сиву якуми моҳи августи соли як ҳазору нуҳсаду наваду як, яъне даҳ моҳи нопурра, базӯр дошт дод.

3

Ва чаҳордаҳ нафар фарзанди машҳуру номашҳури миллат ба майдони интихобот даромаданд, ки «ман Президент шавам, ин мулки вайронро обод мекунам!»

Ва панҷ нафари онҳо ба тарафдории худ, ба қадри зарурӣ, имзойи мардумро ҷамъ оварда натавонистанд, ва ба рӯйхати номзадҳо дохил нашуданд.

Ва комиссияи марказии интихобот ва райъпурсӣ нуҳ нафарро номнавис кард ва ба онҳо ҳуҷҷат дод, ки «шумо довталаб, ин майдону дави шумо».

Ва довталабҳо ситодҳо ташкил доданд, нуҳ ситод, ва ҳар як ситод гурӯҳи тарғиботиву роҳбар дошт, ки барномаи номзадро бояд ба мардум мерасонид ва шарҳу тавзеҳ медод, ки «ин номзад худаш кист?, дар куҷоҳо кор кардааст?, чӣ корҳо кардааст?, бо кадом далелҳо арзанда ҳаст, ки Президент бишавад?, ва Президент шавад ба миллату давлат чӣ хидматҳо мекунад?»

Ва мардум ба ин хел интихобот тайёр набуданд, одат ҳам накардаанд, – онҳо интихоботи зиёдеро аз сар гузаронидаанд, ва ба номзадҳойи бисёре райъ – овоз додаанд, ва медонанд, ки ҳо дар идораҳойи боло ҳал мешавад ин корҳо, ва номи ҳар касеро хоҳанд, ҳамонро менависанд, ва сураташро оварда, дар девор мечаспонанд, ва ҳуҷраеро оро медиҳанд, ва пардаҳоро мекашанд, ва сандуқ мемонанд, ва ту дар рӯзи муайян меравӣ, ва паспортатро нишон медиҳӣ, ва дар баробари номат нишона мегузоранд, ва варақе медиҳанд, ки ҳамон як ном навиштагӣ, ва ту варақро мегирӣ, паси парда меравӣ, ва дуқат мекунӣ ва мебаройӣ ва бурда ба сандуқ меандозӣ, ва тамом, вазифаат иҷро. Як сайре, ба мисли сай-

ри рӯзи ид. Валекин нуҳ одаму як ҷо?! Ин хелаш набуд. Дарди сари зиёдатӣ. Ба иду арафа монанд не.

Ва дарвоқеъ ҳам ин интихобот ба интихоботҳойи ҳафтод соли гузашта монанд набуд, – рӯҳи идона надошт, балки рӯҳаш ғазаболуд ва як навъ моҷаройӣ буд, ки «тарафи маро нагирӣ, пушаймон мешавӣ!»

Ва тарғибот ҳарчӣ бештар мешуд, нифоқ байни мардум ба ҳамон андоза меафзуд, – байни ситодҳо хусумат реша медавонд; рӯзномаҳо як номзадро ситоиш бикунанд, дигарашро таҳқир мекарданд; мардум инашро ҳам медиданду мехонданд, онашро ҳам медиданду мехонданд, ва дар таҳтулшуурашон асаре мегузошт, ва ғоибона якеро муписандиданду дигареро намеписандиданд; ва дар корхонаҳову ноҳияҳову вилоятҳо, бинобар маҳали таваллудашон, як номзадро хуш, бо нону намак ва бо эҳтирому тантана, қабулу гусел мекарданд; ва омадану рафтани дигаре боиси малоли хотиру табъи хира мешуд. Ва овозаи чунину чунон қабулу гуселҳо ба гӯши мардум мерасид ва мардуми як корхона аз мардуми корхонаи дигар, ва як ноҳия аз ноҳияи дигар, ва як вилоят аз вилояти дигар, дилмонда мешуданд.

Ва зоҳиран паҳнойи замину фазойи осмон аз лафзи адолату осудагӣ дар замони демократӣ лаб мезад, ва танқиду инкори даврони коммунистӣ ба авҷи аълояш мерасид.

Ва дар идораи прокуратураи вилояти Қӯрғонтеппа муфаттишон «аз бекорӣ – кадукорӣ» – гӯён, ба ҳарифонахӯрӣ машғул шуданд, ва ҳар рӯзи якшанбе як нафар, бо навбат, зиёфат медод, ва ҳар як зиёфатхӯрӣ як гапхӯрӣ ҳам дошт, ки ғолибан аз воқиаву ҳодисаҳойи рӯз баҳс мерафт.

Ва Дилмурод гуфт:

– Аз рӯяш гардам, озодӣ чизи хуб аст. Бебаҳост. Хусусан, озодии сухан. Беҳтар аз ин боз чӣ ҳаст?! Лекин даҳон бояд фаровез дошта бошад. Гӯянда бояд донад, ки чӣ мегӯяд, барои чӣ мегӯяд? Фикр карда гӯяд. Боодобона гӯяд. Ҳар чизе, ки ба даҳонаш биёяд, гуфтан гирад, даҳонаш бефаровез аст, ки ба озодии сухан ҳеҷ муносибате

надорад.

– Озодии сухан имрӯзҳо гӯё, ки маъмул шуд, – давом дод Абӯсаид. – Ҳар забоневу як каломе. Ба наздикӣ ман ба як корафтода эрод гирифтам, ки «дурӯғ нагӯ, тӯҳмат накун». Вай вағғос даргирифт, ки «озодии сухан, ҳар чизе ки мехоҳам, мегӯям». Ба фаҳми вай ҳар гапе, ки барои сафед кардани худаш ва сиёҳ кардани рақибаш мегӯяд, озодии сухан ном дорад. Ана ҳамин хел фаҳмиш! Баъзе рӯзномаҳоро мехонам, радиоро гӯш мекунам, аз мақолаву сӯҳбатҳояшон бӯйи фаҳму фаросати ҳамон мардак меояд.

Ҷаббор розӣ нашуд:

– Воҳима мекунед. Пештар ҳар хел гапро дар рӯзнома наменавиштанд. Иҷозат ҳам намедоданд. Дар дили мардум дарду алами бисёре ҷамъ шудагӣ. Ҳоло ки фурсати гуфтан ёфтаанд, бигзор гӯянду дилашонро холӣ кунанд. Чӣ айб дорад?

Дилмурод ҷавоб дод:

– Мо нагуфтем, ки дардашонро нагӯянд. Гуфтем, ки гапашонро дониста гӯянд. Озодии сухан ки шудааст, он озодиро саришта карда тавонанд, ки ба фитна, ба нифоқ, ба таъна, ба беодобӣ табдил наёбад.

Қодир шарик шуд:

– Урусо як зарбулмасал доранд: «слышит звон, не знает откуда он». Яъне садойи зангӯлaро мешунавад, лекин намедонад, ки аз куҷо меояд. Демократҳойи мо шунидаанд, ки Амрико демократия дорад, ва дар Литва демократҳо ғолиб омадаанд, вале намедонанд, ки дар кадом муҳити фарҳангӣ ва кадом шарту шароити иқтисодиву сиёсиву иҷтимоӣ. Инҳо фақат ба зоҳираш тақлид мекунанд, вале аз мағзаш хабар надоранд. Озодии мулк ва озодии сухане, ки инҳо тарғиб мекунанд, рӯякӣ аст, пӯст аст, мағз надорад, бунёдаш суст. Баройи ҳамин бесару сомонӣ. Баройи ҳамин озодии мулкашон нифоқу низоъ ва озодии суханашон таҳқиру дашном.

Абӯсаид:

– Сахт гирифтед!

Дилмурод:

– Жарф рафтед. Вазнин аст ин бор. Ба тарбия, ба анъана, ба бинишу дониш, ба хӯйу хислати халқ рафта мечаспад. То ҷое, ки ман медонам, тақлиди рӯякӣ, зоҳирро парастидан ва ботинро ғирт нодида гирифтан, аз дардҳои куҳнаи мост. Кӯҳнаи куҳна.

Ва муфаттишон ҷониби Қасри маданият рафтанд, – дар он ҷо вохӯрӣ бо номзад мешавад.

Ва нуҳ номзад дар ҳамаи районҳо ҳамун хел вохӯриҳо мегузаронанд, ки мардумро ба нӯҳ марра тақсим бикунанд.

Ва ин нуҳ тақсим баробар ва марраҳо ҳамсанг набуд.

Ва аз нуҳ номзад ҳафт нафараш барномаи бамаънӣ надошт, ки боиси таваҷҷӯҳи гурӯҳи одамон бишавад, – як нафараш барнома нашр кард, ки «қад-қади ҳамаи рӯдҳо, наҳрҳо ва ҷӯву ҷӯчаҳо ниҳоли арар мешинонам. Дар се сол ниҳолҳо дарахт мешаванд. Ҷумҳурӣ минбаъд аз Сибир чӯбу тахта намекашонад». Ва дигараш ба ҷойи барнома дафтари суратҳойи ранга бароварду паҳн кард, ки «ман ятим калон шудаам. Ин суратҳо гувоҳ аст аз азобҳойи кашидаам, то ба дараҷаи роҳбари корхона расидам. Азобҳойи халқро медонам. Ба хушбахтӣ мерасонам. Чунон ки худам хушбахт шудам». Ва севумаш шиор партофт, ки «ҳар саре лоиқи тоҷи давлат нест. Саре мебояд, ки зебандаи чунин тоҷ бошад. Ҳамон саре, ки шумо орзу доред, сари ман аст. Бовар накунед, ба сурати ман, ба сохти сари ман, зеҳн монед!».

Ва одамоне буданд, ки онҳоро тарафдорӣ мекарданд, ва каму андаке буданд, ба ҳар ҳол ёфт мешуданд аз ҷумлаи хешу табор ва ёри луқмаву пиёла ва коргари идора, ки ба интихобот на гармиашон мерасид ва на сардиашон.

Ва ду нафар довталаб барномаи мукаммалу муфассали сиёсиву иқтисодиву иҷтимоӣ доштанд, ва дар шакли рисола чоп карданд, ва ба ҳар ҷо барои вохӯрӣ раванд, бист нусхаву сӣ нусха ҳамроҳ мебурданд ва ба аҳли толор тақсим карда медоданд. Ва барномаҳо ба монанди кулли барномаҳойи инқилобиву табаддулотиву демократии дусад соли охир, саршор аз ғамхорӣ ба халқ ва ободии мулк ва рӯзгори хушу осуда буданд, ки дар тақлиди якдигар,

вале бо ибораҳойи дигар, навишта шудаанд, ва то ҳоло дар рӯзгори рӯзмарраи Одам ҳаёти бешоҳу гадоро ҷомаи амал пӯшонида натавонистаанд, ва баракс, тухми душманӣ пошидаанду пошидаанд, ки хунрезиҳойи бисёри мудавомро бори гардани Инсон кардааст. Валекин мардум ба он ваъдаҳо бовар мекарданд, ва имрӯз ҳам бовар мекунанд, чунки суханҳояш хушоянд аст, ба орзуву ормонҳойи Одам мувофиқ аст, ки аз дунболаш мераванд.

Ва ин ду Номзад одамони ба ину он дараҷа номдор буданд ва байни халқ шӯҳрату маҳбубияте доштанд; ва ситодҳояшон роҳбару мубаллиғони кордида ва ботаҷриба дошт. Ва ба ситоди яке мансабдорони микрофони якум ва ба ситоди дигаре мансабталабони микрофони дувум роҳбарӣ мекарданд; ва минбари яке микрофони Қаср буду минбари дигаре микрофони Кӯча; ва Номзади Қасрро тарбиядидаи даврони коммунистӣ медонистанд, ва Номзади Кӯчаро демократи равшанфикр мегуфтанд.

Ва мубаллиғони микрофони Қаср, дар варақаҳое, ки бо шумораи ҳазору ду ҳазор аз чоп мебароварданд; ва дар мақолаҳое, ки барои рӯзномаҳо менавиштанд, ва дар сӯҳбатҳое, ки дар радиову телевизион анҷом медоданд, аз роҳи тайкарда ва накӯкориҳойи Номзадашон ёдовар мешуданд, ки «Вай одами заминӣ аст. Заминро дӯст медорад. Обод кардани заминро дӯст медорад. Обод кардани замин фаровонии ризқ аст. Фаровонии ризқ осудагӣ ва осоиши мардум аст. Мардум осудаву осоишта бошад, ватан ободу халқ шод мешавад. Вай як умр дар хидмати халқ аст. Вақте ки вазири вазорати кишоварзӣ буд, дар дӯконҳо як кило ангури кишмишро шонздаҳ тин мефурӯхтанд. Картошкаву пиёзу сабзӣ дар бозорҳо ғарам – ғарам рехтагӣ буд. Дар фермаҳо як гов қасир намемонд. Нақшаи солонаи ширу маска зиёди барзиёд иҷро мешуд. Вақте ки раиси шӯройи вазирон шуд, чандин заҳбур дар чандин совхозу колхоз канд, ки садҳо гектар замини кишт аз дасти ботлоқ раҳо ёфт. Дар шаҳри Душанбе, ки як фаввораи гардон надошт, се фаввора сохт, ки шабу рӯз кор мекунад. Дар вақти котиби якуми Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон буданаш, бо Москов

сарокалла рафт. Ба бюройи сиёсӣ ва госплан гапашро гузаронд. Баройи обод кардани шаҳри Душанбе рухсат ва пул гирифт. Кордону ғайур аст ӯ. Ҳамин ғайрат ба Москов нафорид. Косалесони маҳалиро кор фармуданд. Ҳамон далели куҳна ва озмуда, – бадахлоқ аст, ба зану духтарони мардум бо чашми бад менигарад! – дастак шуд ва ӯро аз мансаб гирифтанд».

Ва бо ҳамин маъниҳо аз номи коргару деҳқони корхонаву колхозҳо мактуб менавиштанду менависонданду дар рӯзномаҳо чоп мекарданд.

Ва мубаллиғони микрофони Кӯча, илова ба варақаву рӯзномаву радиову телевизион, боз кино ҳам доштанд, ва дар маҷлисҳову вохӯриҳо аввал ҳозиронро ба тарҷумаи ҳолу касбу мақоми Номзадашон шинос мекарданд, ки «авлодан равшанфикр аст. Дар муҳити озодфикрӣ, ростгӯйӣ ва ҳақиқатҷӯиву ҳақиқатёбӣ ба воя расидааст. Дар мактабҳойи олии Русия хондааст. Талаботи имрӯзаи ҳаётро хуб медонад. Аз вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон бохабар аст. Нағз медонад, ки Тоҷикистон имрӯз, дар шароити дигаргуниву тағйиротҳойи бузурги охири асри бист, ба кадом роҳ бояд биравад, то ки ба манзили мурод бирасад. Вай вакили Тоҷиистон дар Шӯройи Олии СССР буд. Ҳаққу ҳуқуқи халқи тоҷикро дар он ҷо ҳимоя мекард. Бо демократҳо ҳамкориҳойи судманд дошт.Ҳоло ҳам дорад. Бо асосгузорони демократияи Русия ёру бародар аст. Худи Елтсин дасти ӯро борҳо фушурдааст. Ба фаъолияти оқилонааш баҳойи баланд додааст». Ва дар анҷом кино нишон медоданд, ки «бо чашми худ бубинед, ки вай ғайр аз дарди халқу ғами халқ, дигар дарду ғаме надорад».

Ва халқ ихтиёриву маҷбурӣ ба толорҳо мерафт. Ва дар вохӯриҳо иштирок мекард, ва суханони мубаллиғонро мешуниду намешунид, ва дилтанг мешуд, ки «кош тезтар тамом мекарданд, ки аз ҳама кору бори бечорагиамон мондем».

Ва дар масҷиди ҷомеъ, рӯзи намози ҷумъа, ки дар қатори намозгузорони доимӣ боз демократҳо ва коммунистони аз ҳизби коммунистӣ рӯгардонда ва ҳамагуна ҳаракатҳойи

навбаромад, ки ҳар яке мардуми ину он мазҳабу маҳаланд ва авбошону сарсаригардону даҳонялаҳое, ки дар балвоҳойи кӯча фаъол буданд, ширкат доштанд, имомхатиб, баъди як вазъи пурэҳтироси «ватандӯстона», таҳдид кард:

– Дониста монед! Агар номзаде, ки мо пешбарӣ кардем, президент нашавад, мо силоҳ ба даст мегирем. Коммунистонро якто намонда нест мекунем. Давлати исломӣ месозем.

Ва сардори ситоди микрофони Қаср рафт ба ситоди микрофони Кӯча ва сардорашро ёфт, ва бо ӯ дар сӯҳбат нишаст, ва дар омади гап гила кард:

– Имомхатиби масҷиди ҷомеъ чунину чунон гуфтааст. Шумо хабар доред?

– – Ҳеҷ хабаре надорам. Бояд овозаи дурӯғ бошад. Ҳеҷ одами ҳушёр чунин гапҳоро намегӯяд.

– Ман ҳам дар ҳамин ақидаам. Одами оқил ин хел суханҳоро намегӯяд. Лекин дар газетаҳо чоп шуд. Овонависаш ҳам ҳаст.

– Ба Қуръон қасам, ки намедонам.

– Шумо дар ин маърака аз мӯътабартарин одам ҳастед. Қонуну қойидаро нағз медонед. Оқибати чунин даъватҳоро низ тасаввур карда метавонед. Як сухани ноҷо як мулкро вайрон мекунад, гуфтаанд. Ба муридонатон, алалхусус, ба мубаллиғон, як хотиррасон мекардед, ки ақалан дар арафаи интихобот фармудаҳойи конститутсияро риоя бикунанд.

– Ҳоло ҳозир конститутсия – понститутсия нест, як бесару сомонӣ. Ба ман бошад, дар ҳамин вазъият ҳар касе, ки президент шавад, дер намепояд. Баройи ҳамин Номзади шумоён гузарад, беҳтар. Ягон бало хезад, вай одами умрашро дидагӣ.

Ва тайёрӣ ба интихобот, аз рӯз ба рӯз, тезу тунд мешуд, ва дар байни мардум муносибату муколамаву мунозираҳойи соф демократӣ, ба тадриҷ оҳангҳойи дағаливу маҳаливу ҷудойиандозӣ мегирифт.

Ва Волдамир бо Насруллову Диёршоҳу Фахрирекету Амиртаксӣ вохӯриҳойи пинҳонӣ ва хоса мегузаронд, ва ба

дастёрони зархариду муфташ пулу ваъда медод, ва мефармуд, ки дар куҷо ва дар кадом маврид ва дар байни кадом гурӯҳ кадом хабарҳоро паҳн бикунанд.

Ва муфаттишон Дилмуроду Абӯсаиду Ҷаббору Қодир, бино бар арзу шикояти шаҳрвандон, ба фабрику зовуд, ба колхозу совхоз ва ба идораву муассисаҳо мерафтанд, ва тафтиш мекарданд, ва ҳуҷҷатҳо тартиб медоданд, ки «зовуди равғани Қӯрғонтеппа як миллиону сесаду ёздаҳ ҳазор доллар қарздор. Як миллион аз иттиҳодияи пахтатозакунӣ, панҷоҳ ҳазор аз зовуди пахтаи Шаҳритус, дусаду панҷоҳ ҳазор аз зовуди пахтаи шаҳраки Октябр ва ёздаҳ ҳазор аз совхоз-техникуми ба номи Куйбишев. Дар коғаз барои эҳтиёҷи зовуд қарз гирифтаанд, ки асбобу анҷоми нав мехаранд, вале дар амал корчаллону миёнаравҳо барои худҳошон мошину музикалний барин чизҳо харидаанд... Корхонаҳойи Тоҷикистон панҷ миллиону нуҳсаду наваду шаш ҳазор долларро бо ҳар баҳона, берун аз ҷумҳурӣ бароварданд, вале ба ивазаш ба Тоҷикистон як хас наовардаанд... Роҳбарони «Тоҷиклегпромсирё» шонздаҳ ҳазор тонна пахтаро бист миллиону дусаду бисту панҷ ҳазор сум харида, ба як фирмаи Амрико ба доллар фурӯхта, ба мардум шаш миллион доллар зарар расонидаанд...» Ва аз чунин хиёнатҳову талаву тороҷҳо он қадар коғаз сиёҳ кардаанд, ки ҷевонҳо пур шудааст, аммо на прокурор мебинад, на суд. Бо умед ба президент, ба Шӯройи Вазирон ва ба раёсати Шӯройи Олӣ ҳам навиштанду ҳуҷҷат замима карданд, вале аз кулӯх садо мебарояду аз онҳо не. Ва муфаттишон ба худ душман зиёд мекарданд, ва аз дарду алами бесалоҳиятии давлатдорон ва беқонунӣ ва сардиливу бепарвойии лаҷомдорон, мерафтанд ба чойхона, ба хӯрдани оши ҳарифона, ва май менӯшиданд, ва шикояту ҳасрат нуқлаш буд, ва худҳошон мегуфтанду худҳошон мешуниданд.

Ва ғайбатҳойи сари дастархони музофотиён, ки ба ину он мансаб расидаанд, вале аз ҷаҳонбинии деҳаву маҳал халос нашудаанд, ба берун, ба кӯчаву хиёбонҳо баромад, ва хусумату кинаҳойи пинҳонӣ ошкор шуд, ва роҳбарони ҳукумат, бино бар ҷойи таваллуд, барои гирифтани ҳокимият, дар

талош афтоданд, ва вакилони Шӯройи Олӣ ба кӯҳистониву ҳаморӣ ҷудо гардиданд, ва таносубан, вазирону кумитаҳову олимону муаллимону раисону директорону мудирони анборҳову дӯконҳо ба тарафдории мансабдорони диёрашон бархостанд, ва…

Ва Волдамир ба хоҷаҳояш рамзнавис кард, ки «Ба хурӯсҷанг қонеъ нестанд. Ба тагалҷанг тайёрӣ мебинанд. Он тарафаш аз рӯйи нақша».

Ва нақшаро рӯҳдонону хислатшиносони ҳизбиву ҳарбӣ, ки вазъи иқтисодӣ ва сиёсии мамлакатро худашон месохтанд ва ҳолу аҳволи ҳар як республикаро медонистанд, хеле пештар аз барҳам хӯрдани СССР, дар айни авҷи болоравии назарияи бозсозӣ ва демократия кашида буданд, ва аслан халқҳову давлатҳоро нифоқ андохтан ва балвойи дохиливу берунӣ хезондан, ва бо ҳамин баҳона ба ғасби ину он кишвар камар бастан, ва ба корҳойи дохилии он дахолат кардан, тарафи як гурӯҳи даргирро гирифтан, ва пулу силоҳ додан, ки «мо дӯсти шумоем, ободиву озодии шуморо мехоҳем, ба шумо дасти ёриву бародарӣ дароз мекунем» аз сиёсатҳойи маъмулу машҳури он давлатҳоест, ки дағдағаи ҷаҳонгирӣ доранд, ва ҳукмрони рӯйи замин шудан мехоҳанд, ва бо ҷомаи барра ба сарзамине маскан гирифта, баъд гургвор ба дарандагӣ машғул мешаванд, ва ҳамчун ғамхор муште садақа медиҳанду қатор-қатор хилворро ба ғорат мебаранд; ва чунин ҳилаву найрангро ба кор бурдаанду мебаранд, ва халқҳову давлатҳо аз сар гузаронидаанду мегузаронанд, валекин панд нашудааст ва хулоса набаровардаанд, ва ибрат нагирифтаанд; ва имрӯз, дар охири асри бист ҳам миллату давлатҳойи камқуввату беқувват ба доми макру ғадри онҳо меафтанд, ва молу мулку ҷон ба ғорат медиҳанд; ва ҳоло ҳам ақлашонро медузданд, сарваташонро медузданд, ва озодиву ихтиёрашонро медузданд, ватанашонро медузданд… Валекин ин камқуввату беқувватҳо лоф мезананд, ки чунин дӯсти боқудрат доранд, пушту паноҳ доранд.

Ва ҳангоме ки хавфу хатари пароканда шудани лагери сотсиалистӣ пеш омаду таҳдид кард, омӯхтанду тадқиқу

таҳлил карданду тарҳи нигоҳ доштанашро кашиданд бо ҳамон услуби куҳна, вале барои ҳар як республика алоҳида, ки муносибу мувофиқи шарту шароит ва фаҳму фаросат ва рӯҳияи мардумаш бошад; ва хулоса карданд, ки барои Тоҷикистон нусхаи Чехословакия рост меояд, ва нусхаи Латвия низ натиҷа намедиҳад, ва ҳатто нусхаи Ӯзбакистон ҳам дар ин маврид қобили қабул нест. Ва нишастанду нусхаи нав навиштанд, ки «Тоҷикистон се заминаи ба ҳамдигар мухолиф ва се манбаъи ҷангу ҷидол дорад:

миллӣ

маҳаллӣ

мазҳабӣ.

Ва аҳолӣ каму беш ба ҳамин се дард гирифтор, вале дар шаҳри Душанбе ва водии Вахш ҳамин се қувва мутамарказанд. Ёд доред? Бамавқеву бемавқеъ ҳукумати Тоҷикистон лоф мезад ва фахр мекард, ки дар шаҳри Душанбе панҷоҳ миллату халқият паҳлу ба паҳлуи якдигар кор мекунанд, ва дар хонаҳояшон ба панҷоҳ забон гап мезананд, ва дар як ҳавлӣ, дар як кӯча, дар маҳалла, дар ба дару девор ба девор бародарвору дӯстона ҳаёт ба сар мебаранд; ва дар водии Вахш намояндаи бисту ду миллат даст ба даст дода аҳлона заҳмат мекашанд, ва ботлоқҳоро хушконда, найзору паттазорҳоро сӯзонда, ҷарҳоро бурида, талҳоро ҳамвор карда, як водии макони гургу рӯбоҳу шағолу мору гандумро, дар як муддати кӯтоҳ, ба водии боғу бӯстон табдил доданд, ки имрӯз водии зарнисор шудааст. Ва дӯстии халқҳо агар бошад, ки Ленин фармудааст, аз ин беҳтар намешавад, биёеду намунаашро дар шаҳри Душанбе ва водии Вахш бубинед!

Ва акнун ба мағзаш фурӯ равад! Панҷоҳ миллат, панҷоҳ урфу одат, ва боз илова бикунед, хусуматҳойи музофотии халқи бумиро, ва зам бикунед даъвову талошҳойи мазҳабиро… Бубинед, майдон барои кори мову мақсади мо он қадар васеъ, он қадар созгор аст, ки… Фақат моҳирона истифода бурдан даркор. Фақат донистан даркор, ки мағзи сар ҳар қадар торик бошад, ҷаҳлу ҷанг ҳамон қадар равшан мешавад.

Ва Волдамир нақшаро моҳиронаву муғамбиронаву маккорона ҷомаи амал мепӯшонид, ва ба мағзҳойи сари торик пулу мол медод, ва мансабҳо ваъда мекард, ва шумораи онҳоро меафзуд, ва ба хурӯсҷанг медаровард, ва худаш аз дур истода тамошо мекард. Ва манзараи дар Сессияи Шӯройи Олӣ, аз тарафи вакилон, зери фишори микрофони Кӯча, зӯран ба истеъфо фиристодани президенти нахустинро, ки худашон интихоб карда буданд, тамошо кард; ва адолатхоҳиву адолатталабии навбаромадро, ки демократҳо бо шавқу шӯр микрофон гирифтанду ҳаводорони озодии суханро ҷамъ оварданду ба кӯчаву хиёбонҳо бароварданд, ва даъвоҳойи сиёсиву иқтисодиашон тӯлонӣ шуд, ва ҳар қадар кашол ёбад, мазҳабиҳо ҳамон қадар демократҳоро танг карда, берун бароварда, микрофонро худашон соҳиб мешуданд, тамошо кард; ва тамошо кард, ки Раиси Шӯройи Олӣ, ҳамзамон қоиммақоми президент бо телефон қозикалонро даъват кард, ва дар ҳузури раиси шӯройи вазирон ва демократҳойи машҳур ва роҳбарони ҳаракатҳойи мардумӣ, ба машварат нишаст:

– Қозидомулло, мо насиҳати шуморо гирифтем. Аз ҳизби коммунистӣ баромадем. Ариза додему баромадем. Имрӯз коммунистҳо съезд доранд. Демократҳо мегӯянд, ки фаъолияти ҳизби коммунистиро манъ кунем. Молу мулкашро мусодира кунем. Фикри шуморо фаҳмем гуфтем.

– Ба фикри ман, фармон барореду манъ ва молу мулкашро мусодира кунед. Коммунистони содиқ, бигзор, думи ҳизбашонро дошта гарданд. Зиёда аз ҳафтод сол хуни моро макиданд бас. Пешвоёни динро куштанд, китобҳойи диниро сӯхтанд. Ҳоло худаш ниммурда. Фармон бароред, фаъолияташро манъ кунед, молу мулкашро мусодира кунед.

– Сару садоҳое ҳаст, ки манъ кардани ҳизб дар салоҳияту ваколати и.в. президент нест. Ин корро суд мекунад. Қарори суди олӣ даркор аст.

– Дар доми назъ ҳар хел садо баромадан мегирад. Гӯш

накунед. Фармонро нависеду имзо монед. Ӯрӯш як имзо будаст. Имзо кунед. Худаш мурда истодааст. Аз ҳеҷ касу ҳеҷ чиз натарсед. Мо ҳамроҳатон. Мо дар паҳлӯятон. Мард бошед. Ҳеҷгоҳ наҳаросед. Намемонем, ки ба поятон хоре халад.

Ва яке аз ҳаракатҳойи мардумӣ қоғазу қалам гирифт ва сатре чанд навишт, ва ба дасти и.в.президент дод.

Ва и.в. президент варақро гирифт ва аз Қаср баромад, ва ҷониби микрофони Кӯча рафт, ва лидерҳойи демократҳову мазҳабиҳову ҳаракати мардумиҳо аз дунболаш.

Ва анбӯҳи майдон онҳоро кафкӯбону ғалмағалкунону фарёдзанон пешвоз гирифтанд, ки шабоҳат ба бозии футбол дар ситадиони Бразилияро дошт; ва и.в. президент би минбар баромад ва микрофонро пеши даҳонаш овард:

– Рафиқони аҳли ислом! Ба шумо фармони и.в. Раиси Ҷумҳури Тоҷикистонро дар бораи қатъ намудани амалиёти ҳизби коммунистии Тоҷикистон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қироат мекунам.

Ва анбӯҳи серҷунбиш ва сермағал ва серсадойи майдон як лаҳза ноҷунбон ва ором ва хомӯш истод, ва гӯш ба қимор шуд.

– Амалиёти ҳизби коммунистии Тоҷикистон, аз ҳамин рӯз баста ва молу мулкаш мусодира карда шавад.

Ва анбӯҳи хомӯши одам якбора таркид, бомбаи атомӣ барин таркид:

– Зинда бод Қаҳрамони миллат!

– Мо бо шумоем, ай мусулмони асил!

– Қасам ба қуръони маҷид, ки мо намегузорем аз сари шумо як тори мӯ кам шавад!

Ва маълум набуд, ки ҳамду сано гуфтанҳойи анбӯҳ боз чӣ қадар давом мекунад, лекин ба минбар рафтани раиси шаҳри Душанбе ва ба даст микрофон гирифтани ӯро дида, анбӯҳ як дараҷа ором шуд ва аз нав об ба даҳон гирифт, ва гӯшро фарох кушод. Ва раиси шаҳр, бо садойи мутантан, ва ваҷоҳати ғолибона, қарори комиҷроияи шаҳри Душанберо хонд, – ҳайкали Ленин аз майдони ба номи Ленини шаҳри Душанбе бардошта шавад!

Ва анбӯҳи майдон аз шодӣ ба рақс даромад, ва тоқӣ ба ҳаво партофтан ва куртаву куртка болойи сар бардошта албонҷ додан мавҷ андар мавҷ мезад; ва васфи раиси шаҳр ва сифатҳойи мардонагӣ, нотарсӣ, халқдӯстӣ ва демократии ӯ, чун фаввораи ҳазору як чашма, аз ҳазорҳо даҳон баромада ба ҳаво мепечид...

Ва Волдамир аз тамошоҳойи кардааш хурсанд буд, ва ба ақли таҳлилгарону тарҳрезон қойил мешуд, ва аз кардаҳойи худаш мефахрид ва аз ҷидду ҷаҳди дастёрони пулакиву бепулу дунёбехабараш завқ мебурд, ва бо онҳое, ки мансаб ваъда кардааст, ваъдаҳойи нав ба нав медод, ки «манзили мурод наздик аст, боз андаке кӯшишу талош бикунанд», ва худаш тараддуд дошт ва нақшаи тагалҷангро мекашид.

Ва қасрнишинон, ки коммунисту демократ, дар талоши салтанат, сояи якдигарро аз девор метарошиданд, ва ҳар кадоме гумон дошт, ки оқил аст ва бо ақли худ кор мекунад, на бо ақлу хости дигарон, микрофони Қасрро сариштa карда наметавонистанд.

Ва кӯчанишинон, ки дар паси пардаи демократия ва озодии виҷдону сухану матбуот, одамони дилхоҳашонро бардошта ба курсии мансабҳойи давлатӣ мешинонданд, ва аз номи адолати иҷтимойӣ, вале зери парчами мазҳабӣ, тарғибот мебурданд, ва фишор меоварданд, ки шӯройи олӣ дар сессияҳо кадом қарорро бароварад ва кадом қарорро бекор бикунад, инҳо ҳам чунин мепиндоштанд, ки ақлашон дар сарашон аст, на дар гӯшашон.

Ва мардуми ба як бурда нону ба як коса шӯрбо зору низор, ва ба расидани рӯзи орому осоишта ва роҳи бехатару бозори пурнеъмату хонаи гарм умедвору интизор, гумон доштанд, ки райъ диҳанду президент интихоб бикунанд, бесару сомониҳо барҳам мехӯрад ва рӯзгор ба тартиб медарояд; ва мерафтанду ба ҳавзаҳойи интихобот, ки овоз бидиҳанд.

4

Ва интихобот ҳам гузашт.

Ва номзади микрофони Қаср ғалаба кард.

Ва ғолиб назди Номзади микрофони Кӯча вакил фиристонид, ки:

– Биё, якҷоя кор бикунем. Ҳар мансабе ки бихоҳӣ, бигир.

Вай розӣ нашуд, ки:

– Ба ман, ғайр аз президентӣ, дигар мансаб даркор нест.

Ва президенти нав савганд хӯрд, ки манфиатҳойи халқу давлатро ҳимоя мекунад ва ба фармудаҳойи конститутсия содиқ хоҳад буд.

Ва дӯсту душман ӯро табрик карданд, – дӯстон бо одати маъмулӣ ва душманон бо оғӯшкашиҳову бӯсобӯси тӯлонӣ.

Ва ҳукумат нав шуд ва раиси парлумон ҳам нав шуд.

Ва микрофони Кӯча дар матбуоташ президенти навро таъриф кард, ки дар замонҳойи Раиси Шӯройи Вазирон ва котиби якуми Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон буданаш, мисли дигарон, дастнигари Москов набуд. Мустақилона кор мекард. Ба кадрҳойи маҳаллӣ бештар эътибор медод. Аз пайи ободии кишвар ва шаҳру деҳот буд. Ҳамин мустақилиаш сабаб шуд, ки коммунистон дар ҳаққаш ҷабрҳо карданд. Ҷазоҳо доданд. Намонданд, ки ба манфиати мулку миллат кор бикунад. Акнун ки дубора ба сари қудрат омад, ҷабрҳойи дидаашро ҷуброн мекунад. Аз таҷрибаи талхи рӯзгораш хулосаҳо мебарорад. Ноҳақиву беадолатиҳойи гузаштаро ислоҳ мекунад. Ба муроди дили худаш кор мекунад ва халқу ватанро ба манзили мурод мерасонад.

Ва дар Москов мероси ҳарбиву сипоҳу силоҳи собиқ Иттиҳоди Шӯравиро тақсим мекарданд, ва ба Душанбе хабар расониданд, ки «биёед, ҳақатонро бигиред», ва Президент нарафт ва одам ҳам нафиристонид, ва ҳамту даҳонӣ, ба воситаи телефон, ҷавоб дод, ки «мо мустақил шудем, ба сипоҳу силоҳ эҳтиёҷ надорем. Хароҷоти зиёд ба кӣ даркор!?»

Ва сипоҳу силоҳе, ки дар Тоҷикистон буд, бардоштанду бурданд ба Русия.

Ва роҳбарони фиребгару ғоратгару бемасъулиятро ёф-

тану фош кардану оварда дар сессияҳойи Шӯройи Олӣ ҷавоб пурсидан ба расмият даромад, ки солҳойи пеш вакилони халқ ба чунин масъалаҳо ҳеҷ гоҳ машғул нашуда буданд; ва Дилмуроду Абӯсаиду Ҷаббору Қодир дигар вақти холӣ надоштанд, ки даридора хамёза кашида бинишинанд, дар кӯчаҳо ҳел-ҳел бигарданд, оши ҳарифонахӯрӣ бикунанд; онҳо ба кори худ дилгарм шуданд ва дафтарҳойи дар ғалладони мизҳо таҳ карда мондаашонро берун кашиданд ва ҳуҷчат тайёр мекарданд, ки акнун ҷойи муроҷиат мекардагӣ ҳаст ва ҷинояткорон ба ҷазо хоҳанд расид; ва ҷинояткорон, аз таг то болойи боло, реша давонда буданд ва шарику даҳонмаззаву даҳонбаставу пушту паноҳ доштанд, ва ҷамъулҷамъи онҳо, ба умеди мансабу ҷоҳу ҷалолу пулу моли бедарди миёни фардо, бо микрофони Кӯча додугирифт ва рафтуомад ва ҳамкории ошкору пинҳон доштанд; ва дар поёну боло кам шудани шумораи онҳо, (чунонки дар ду моҳ ҷойи гарми се нафари даркориро сард карданд), ба зарари фаъолияту манфиъати микрофони Кӯча буд, ва лидерҳояш безобита гардиданд ва диданд, ки Президент дидаву дониста хомӯш аст, ва рафтораш ба муроди дили онҳо нест, дар рӯзномаҳояшон аз карахтиву бефаъолиятии ӯ гап сар карданд, – дастнигари Москов буд, ба ҳамон рӯҳия хӯ гирифтааст, кори мустақилона аз дасташ намеояд; фаҳмишаш куҳна аст, аз навигариҳойи олам бехабар; майзада ҳам будаст, майнааш хушк шудааст…

Ва баъд аз як маҷлиси Шӯройи Олӣ вакили мардумӣ аз лидерҳойи микрофони Кӯча, ки Минбармасҷид лақаб дошт, ноиби президентро бурд ба ҷойи хилвате:

– Шумо тарафи мо гузаред. Ба мо ёрӣ диҳед. Президентро сарнагун кунем. Охир, то кай ин тоифа ба сари мо ҳукмронӣ мекунанд? Сарнагун мекунем. Ба ҷояш шуморо мемонем.

– Маро ба доми фиреб мекашонед. Инро рафта ба об гӯй!

– Розӣ нашавӣ, туро зинда ба зинда пӯст меканам!

– Ту?! Сояатро дар девор калон дидаӣ!

Ва дар Шӯрои Олӣ ба сессияи навбатӣ тайёрӣ медиданд ва рӯзномаи маҷлисро бояд тасдиқ мекарданд, ва даъвати як вазири ғоратгар, ки дафтари аъмолашро муфаттишон Дилмурод ва Қодир фиристонидаанд, дар назар буд, ва баъзе вакилон муқобил баромаданд, ва раис тарафдорӣ кард; ва як нафар аъзойи раёсат, собиқ коммунист ва акнун ҷонишини раиси ҳизби демократӣ, ӯро маъдаред кард ба ресторан ва зиёфати зӯр фармуд:

– Ману шумо ошнойи куҳна. Дӯсту бародар. Ақидаҳоямон як хел. Он вақт демократия набуд, вале мову шумо аз демократия сӯҳбат мекардем. Талоши адолат доштем. Азобашро ҳам кашидем. Ҷабрашро ҳам чашидем. Заҳри ҳукумати истибдодиро шумо аз ман зиёдтар чашидед. Омада-омада имрӯз ҳомии ҳамон режими фалаҷи коммунистон шуданатон ба ман аҷиб менамояд.

– Ба ман ҳам хеле аҷиб менамояд, ки шумо барои чӣ ва аз куҷо ба чунин хулосае омадаед. Ман кадом режими фалаҷро дар куҷо ва чӣ тавр ҳимоя кардаам?

– Аз он ҷо ки президент як танаи дарахти пӯсидаи замони рукуд аст. Дар ин ду-се моҳи сарвариаш бараъло дидем, ки хӯсае беш нест. Вале шумо ҷон канда ба ӯ хидмат мекунед. Вай дар тарабу айшу нӯш, шумо ду даст пеши бар дар хидмат. Дар хидмати режими фалаҷ.

– Аввалаш, президентро халқ интихоб мекунад, на ман. Баъд, ман дар умрам хидмати давлатиро ба манфиати шахсҳо истифода накардаам ва намекунам. Фарқи кори давлатӣ ва шахсиро, шукр ки, медонам. Дар умрам луқмаи ҳаром нахӯрдаам ва намехӯрам. Дар умрам назди касе даст пеши бар нагирифтаам ва намегирам. Ҳаминро надонед, пас маро нашинохта будаед.

– Медонам. Пеш ҳамин хел будед. Аммо ҳоло дигар шудаед. Мебинед, ки президент аз ӯҳдаи иҷройи вазифааш намебарояд. Як фориғболи арақхӯр шудааст. Лекин ба ҳар восита тарафашро мегиред.

– Тарафи касеро нагирифтаам ва намегирам. Ман тарафдори қонун. Қонуну қарорро риоя кардаам ва мекунам.

– Ҳамту ки бошад, ба муҳокимаи ину он директор ва ину он вазир саратонро гарангу худатонро дар чашми мардум бад карда нагардед. Тарафи мо гузаред. Аз рӯйи қонун президентро танқид кунед. Аз ин лаванд халос шавем. Халос ки шудем, мо шуморо сари даст мебардорем.

– Бародар, мехоҳед, ки ман ба қонун хиёнат кунам? Не, накардаам ва намекунам!

– Дӯстам, аз мо ҷудо нашав. Дар акси ҳол пушаймонӣ суд надорад.

Ва дафтари аъмоли вазирро, бо тарафдории аксарияти вакилон, ба рӯзномаи сессия дохил карданд, ва қарор шуд, ки пурсиши вакилон ва ҷавоби вазир, ба воситаи телевизор ба мардум нишон дода шавад, то халқ бинаду донад, ки ғоратгаронаш киҳоянд; ва нишон доданд, ки вазир бо ранги рӯйи хокистарӣ ва лунҷҳойи овезон ва чашмони ба косахонаи сар фурӯ рафта айбномаро гӯш мекунад, ва дафтари аъмол варақ мегардаду варақ мегардад... Ва тамошобин Амиртаксӣ ба ваҷд омад: «Ҳо бачағаре, иштиҳош бад набудаст! Дар ним сол яксаду сиву нуҳ мошини хурду калони вазоратро фурӯхтааст. Се хона аз этажҳо, як ҳавлии сеошёна ва дута бӯстонсаро харидаст. Ним соли дигар кор кунад, вазоратро мефурӯшад. Шаҳрро харида мегирад».

Ва рӯзи дигар сари субҳ ҳамдиёрони вазир ба майдон ғун омаданд ва даъво карданд, ки «тӯҳмат аст, вазир ин хел одам нест, вай қурбони маҳалгаройӣ шудааст; ва дар охири рӯз демократҳо ба онҳо ҳамроҳ шуданд, ки «вазир демократ аст». Мо дар вақташ то Москов рафтем. Ҳатто Лигачиевро дар миёна даровардем, ки ин демократро вазир бикунем. Раиси парламон ҳамаи инро медонист. Мазҳакае дар парламон барпо карданду ба халқ нишон доданд, фақат як мақсад дорад. Мақсади коммунистони парламон бадном кардани демократҳост. Парламони коммунистӣ ба истеъфо равад. Санги сари роҳи демократия нашавад. Мо минбаъд фақат бо президент гуфтугӯ хоҳем кард».

Ва фардойи он рӯз одамони мазҳабӣ пайдо шуданд ва ба ҳамдиёрони вазир ва демократҳо маслиҳат доданд:

– Боз як рӯз дар майдон шӯру мағал бардошта истед. Баъд одамони мо бо захираи хӯрду хӯрок, хайма ва тиру туфанг меоянд.

Ва одам ғун карданду асбобу анҷом оварданду майдони пеши қасри президент ва роҳҳойи онро пур карданду хайма заданду ҳангома бардоштанд:

– Мо аз истибдод сер шудем! Роҳи халосӣ демократия аст! Мо хоҳони демократия ҳастем!

– Хиёнаткорон донанд! Мо онҳоро маҳкум мекунем!

– Ҳукумати феълӣ ба истеъфо равад!

– Коммунистон душманони халқу миллатанд! Онҳо решаи фарҳанги моро сӯхтанд!

Ва микрофони Кӯча шабу рӯз кор мекард, ва рӯз ба рӯз садояш баландтару азмаш қавитар мешуд.

Ва микрофони Қаср ҳам шабу рӯз кор мекард, ва садояш аз рӯз ба рӯз заифтару сафаш парокандатар мешуд.

Ва Насруллову Диёршоҳу Фахрирекету Амиртаксӣ ҳар се рӯз як бор аз Волдамир супоришҳо мегирифтанд, ки ба куҷоҳо бираванд, бо киҳо вохӯранд ва кадом хабарҳойи росту дурӯғро бирасонанд, ва кадом овозаҳоро дар кадом рӯзномаҳо ба чоп бидиҳанд; ва ин ҳамели хабарбару хабарбиёр, мисли хайли мӯрча аз паси дона, бе танаффус дар рафтуомад буданд.

Ва дар кӯчаву майдон аз анбӯҳи одам дуд мерафт, – нотиқон нутқ мекарданд ва сомеъон «истеъфо» мегуфтанд, ва тӯдаи халқ рост истодааст ва нишастааст ва пасу пеш мегардад, каму зиёд мешуданд…

Ва даъвойи Кӯча ба Қаср аз вақт ба вақт тағйир меёфт, даҳ рӯз пеш аз ноӯҳдабаройӣ ва бефаъолиятии аъзойи ҳукумат ваъз мегуфтанд ва истеъфойи шӯрои вазиронро талаб мекарданд, ва дере нагузашта ба ин талаб истеъфойи парлумонро зам намуданд; ва дар рӯзи чаҳорум шарт монданд, ки раиси шӯройи вазирон дар ҷояш биистад, ва дар парлумон ҳам одамони ғами халқро мехӯрдагӣ ҳастанд, валекин бадкирдорие, ки вуҷуд дорад, кори раёсати шӯройи олӣ будааст, бинобар ин раёсати шӯройи олӣ ба истеъфо равад, ва намояндаҳойи демократ ба ҳайати раёсат дохил бишаванд;

ва ниҳоят, ҳукумату парлумону раёсатро як тараф гузоштанд, ва домани шахсҳойи алоҳидаро доштанд, – раиси шӯройи олӣ ва прокурори генералӣ ба истеъфо раванд, чунки боиси ин ҳама бетартибӣ ва бесарусомониҳо онҳо ҳастанд, ва агар истеъфо бидиҳанд, об ба лаби ҷӯ баробар мешавад.

Ва дар шаҳри Душанбе, додари Москов, ва дар водии Вахш, водии зархез, ки «панҷоҳ халқияту миллат паҳлу ба паҳлу кору зиндагӣ мекарданд, ва ҳамчун беҳтарин намунаи сиёсати миллии лелинизм» васф мешуд ва ин дӯстии халқҳо мояи ифтихори «Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон» дар арсаи ҷаҳон буд, дар як-якуним сол душманӣ дар байни мардум он қадар роиҷу равшан ба вуқӯъ пайваст, ки бегона он тараф истад, ҳамхун ба ҳамхунаш ва шавҳар ба занаш кина гирифт. Ва кӯчбандиву кӯчидан, ки ҳанӯз дар ҳангомаву балвоҳойи аввалини микрофони Кӯча сар шуда буд, дар шаҳри Душанбе ва водии Вахш, ба авҷи аълояш расид, – сокинони ин шаҳру ин водӣ, ба ҳукми аксарият, дар тӯли ҳафтоду ҳаштод сол, аз ҳар тараф омадаву кор ёфтаву бошанда шуда буданд, ва гумон доштанд, ки сокинони азаливу абадӣ ҳастанд, ва аз гӯшаи хотирашон намегузашт, ки рӯзе ба худиву бегона ҷудо мешаванд, ва ҳар хонавода ба макони бобову додояш паноҳ мебарад; ва ҳамон рӯз расид, – сокинони ин шаҳру ин водӣ як тану як ҷон шуда ба ҳимояи шаҳрашон ва водиашон камар набастанд, балки ба миллатҳову қавмҳову маҳалҳо ҷудо шуданд, ва ба дарду алами якдигар дармон шуданро лозим надонистанд, ва ҳар як рафтанд ба як роҳе.

Ва микрофони Кӯча истеъфо талаб мекард, ва дар масҷидҳо дар амри маъруф мегуфтанд, ки намозгузорон бояд ба майдони даъвойи демократҳо бираванд, ва ҳар касе наравад, занаш се талоқ аст, ва ба майдоннишинон ҳар шаб аз сад сӯм то дусад сӯм пул медоданд, ва бо ҳамин хел воситаҳо одами бисёр ғун меоварданд, то нишон бидиҳанд, ки «халқ ба по хестааст, халқ талаб мекунад, ба овози халқ гӯш кунед!»

Ва микрофони Қаср беҳуда кор мекард, – ягон чораи ба

таъсире пешниҳод ва ягон масъала ба хубӣ таҳлил ва ягон қарори қатъие қабул намешуд. Ва дар маҷлисҳойи фавриву таъҷилӣ, ки президент ширкат бикунад, сарвазир намеомад, ки «таб дорам, сарам дард мекунад», ва агар Сарвазир иштирок бикунад, Президент хабар мефиристонид, ки «дилам дард мекунад, зери капелнитса хобидаам». Ва аъзоёни раёсати шӯройи олӣ ҳалли ину он иқдомро, ба ҳар баҳона, файсал медоданд, ва дар фикру андешае буданд, ки «агар Раис ба истеъфо равад, мо ба кадом мансабҳо бояд бирасем».

Ва ҳар ду микрофон бе танаффус дар ҳаво аз ободии ватан ва беҳбуди рӯзгори халқ сухан мегуфтанд, ва дар замин ватан бесоҳиб ва рӯзгори халқ талх мешуд. Ва дар чунин талотуми мансабталошиву даъвойи табаддулоту зиндагии бенизому бесубот, авбошону дайдуҳову бесарупоҳо, дар шаҳрҳову шаҳрчаҳову саҳроҳо яккатоз буданд, ки «расидӣ, бигир ва ёфтӣ, ғанимат дон!» Ва мудирони магазинҳову анборҳову фермаҳо, ва маъмурони бонкҳову амонаткассаҳову хироҷгирон, ва ҳар шахсе, ки даст андар пулу молу сарвати халқу давлат дошт, ва тамаллуқкорона барои майдоннишинони микрофони Кӯча пайваста хӯрданиву ошомиданӣ меоварданд, ба иттифоқ аҳди беҳуҷҷат ва беовоза ва беэълоне бастанд, ки «сара хам кун, гапа кам кун, пула зам кун!» Ва аз шасту чаҳор ҳазор нафар муҳандисону мутахассисону роҳбароне, ки ҳукумати «хирадманди» Тоҷикистон дар бист соли охир ба фаҳми худашон, барои осон шудани душвориҳо аз ҷойҳои дигар даъват карда, оварда, мансаб додаанд, сесаду ҳафт нафараш дар роҳи оҳан навбат истодаанд, ки контейнер бигиранду кӯчашонро бор бикунанд; ва онҳо дар омади гап бо шиносҳо чанд луқмае радду бадал мекарданд, ки «то ҳоло ин мулк мулки биёву биёру бисозу бинишину бихӯр буд, акнун ин мулк мулки бигиру бигрезу бирав шудааст!»..

Ва пахтаи аз замин начинда, ва ғаллаву алафи нодаравида, ва картошкаву пиёзу харбузаву тарбузу сабзиву ҷувории аз саҳро нағундошта, ва меваи дар зери дарахтҳо пажмурдаву пӯсида ҳисобу китоб надошт, валекин, бинобар ҳисобу

китоби Дилмурод, ба маблағи даҳ миллиард доллар асбобу анҷомҳойи нодири геологӣ, сохтмонӣ ва гидроологиро дуздиданду бурданд аз Тоҷикистон берун. Ва дар Душанбе, дар масҷиди ҷомеъи Ҳоҷӣ Яъқуб, дар ситоди марказии микрофони Кӯча, роҳбарони машҳуру номашҳур барқияҳоеро, ки ба ҳаводории онҳо аз масҷидҳойи Намангону Фарғона омадааст, мехонданду мешуниданд, ва шоду хурсанд буданд, ва ҳатто валвалаву тантана доштанд, ки муфтии Осиёи Миёна дусад ҳазор доллар ва ҷонишинаш сад ҳазор сӯм фиристониданд, ҳамчун ёрӣ ва дастгирии бародарона.

Ва дар нуздаҳ шабонарӯз пешсафони микрофони Қаср бо пешсафони микрофони Кӯча шаш маротиба дар як толор ғун омаданду сари мизи машварат нишастанд, ва шаш дафъа аҳд бастанд, ки:

Тағирот дар Қонуни матбуот бекор карда шавад.

Ба касе ҷазо дода нашавад.

Раиси Шӯройи Олӣ ба истеъфо равад.

Прокурори генералӣ истеъфо диҳад.

Раиси Кумитаи радио ва телевизион нав шавад.

Сессия ин масъалаҳоро бинад, ва натиҷаашро эълон бикунад.

Микрофони Кӯча ба кори сессия халал нарасонад.

Ва микрофони Кӯча шаш маротиба аҳдашро шикаст, – аз остонаи толор, ки берун баромад, он фикри дигар мекард, ва ба оқибати кор бовар надошт, ки вакилон ба чӣ хулосае меоянд ва чӣ қароре мебароранд; ва ба анбӯҳи майдон муколимаву мунозираи толорро чаппа шарҳ медод, ва бедодгариҳойи ҳафтодсолаи режими коммунистиро маҳкум мекард, ва беҳбудиҳойи сохтори демократиро васфандарвасф меафзуд; ва қарорҳойи алҳол қабул накардаи сессияро зери шубҳа мегузошт, ки аксари вакилонаш дастпарвари коммунистонанд.

Ва ба Шӯройи Олӣ фишор меовард.

Ва шаш бор сессия даъват карданд, валекин шаш бор ҳам кворум нашуд, сессия барпо нагардид.

Ва дар ин муддат дар атрофи микрофони Кӯча як даста нотиқону воизон пайдо шуданд, ва тарбия диданд, ва

таҷриба андӯхтанд, ва ихтисос гирифтанд; ва акнун микрофони Кӯча, бар муқобилу мухолифи микрофони Қаср, сиёсатмадору иқтисоддону ҷомеашиносу ҳуқуқдону лашкаркашу шоиру мухбири хоси худро дошт, ва инҳо ҳар рӯз сечор бор ба минбар мебаромаданду ваъз мегуфтанд ва машҳур мешуданду лидер ном мегирифтанд.

Ва анбӯҳи одамӣ, ки майдони пеши хонаи ҳукумат ва се кӯчаи онро лабрез кардаанд, ва нишаставу хеста ва рафтаву омада рӯз мегузаронанд, ва ғолибон ваҷоҳати мағрурона доранд; ва ёздаҳ нафар писару духтаре, ки дар зеҳи девор худро занҷирбанд кардаанд, ки тимсоли ҷабру ситами сиёсати коммунистиро нишон медиҳад; ва хайманишиноне, ки шоҳроҳро шаҳрча сохтаанд, ва дар пештоқи ду хаймаи наппа-нав ва аз дигар хаймаҳо паҳнтару баландтар дар коғази сафед бо ранги сиёҳ ва бо ҳарфҳои калон-калон навиштаву часпонидаанд, ки «вакилони Шӯройи Олии СССР гуруснашинанд», ва «шайххои бузургу эшонҳойи машҳур гуруснашинӣ эълон кардаанд», дар фуроварди сухани ҳар як мутахассис баланду лаванд овоз мебароварданд:

– Озодӣ! Истеъфо!

– Истеъфо! Оллоҳу акбар!

Ва сиёсатмадори навбаромад бо лаҳни омирона сухан гуфт, ва суханҳойи пешпареру парерӯ дирӯз гуфтаашро такрор кард, ва хулоса баровард:

– Ман гуфтам, дар ин ҷо гуфтам, дар Қӯрғонтеппа гуфтам, боз мегӯям. Мо роҳҳои ҳали сиёсии мушкилаҳоро пешниҳод кардем. Мӯҳлат ҳам додем. Ба такрор фаҳмондем. Мӯҳлат гузашт. Агар ҳукумат ба мо гӯш накунад, агар талабҳойи қатъии нерӯҳойи демократиро дар зудтарин фурсат қонеъ нагардонад, мо ба даст силоҳ мегирем. Ҷанги гражданӣ мешавад, ё намешавад, мо ба он кор надорем.

Ва анбӯҳ вағғос зад:

– Оллоҳу акбар! Кор надорем!

Ва микрофонро олими ҳуқуқшинос ба даст гирифт, ва он қисми анбӯҳи одамӣ, ки ба минбар наздик рост истодаанд, ба ӯ чашм дӯханд ва гӯш фаро доданд; ва олим, ба-

рои зебаш, аз бартариҳойи демократия гап сар кард, ва бо иқтибос аз оятҳо ва ҳадисҳо суханашро тақвият дод, ва сифатҳойи истибдодиву маърифатсӯзиро хоси режими болшевикҳо донист, ки халқро аз фарҳанги аҷдодӣ ва миллиаш ҷудо кард, ва бемаърифатиҳойи имрӯза ҳосили ҳамон идеологияи бидъату бединӣ аст, ва роҳи савоб ин аст, ки мо ба асли худ баргардем, зеро ки:

– Ислом фақат аз намозу рӯза ва ибодат иборат нест. Ислом ҳам дин, ҳам давлат, ҳам сиёсат, ҳам дунё ва ҳам охират аст.

Ва тӯда сар ҷунбонд, ва по кӯфт, ва қарсак зад, ва нидо баровард:

– Озодӣ! Хуни коммунистҳо ҳалол!

Ва профессор, ки пеш дар университет аз илми мантиқ ба забони русӣ дарс медод, ва дар роҳравҳо донишҷӯён ба забони тоҷикӣ гап зананд, қаҳраш меомад ва коҳиш мекард, ки «бо забони ҳайвонӣ гап назанед!», ва баъди демократ шудан «забони миллат, бақойи миллат!» шиораш буд, ба анбӯҳ мурочиат кард, ки:

– Мо интур гӯем, онҳо онтур мегӯянд. Мо онтур гӯем, онҳо интур мегӯянд. Мо забони якдигарро намефаҳмем. Он коммунистон аслан забони одамиро намефаҳманд. Забони онҳо забони зӯрист. Ба онҳо бо забони худашон гап задан даркор. Бо зӯрӣ. Дигар сабру тоқат намондааст. Косаи сабри халқ лабрез шудааст. Ба даст силоҳ мегирем, силоҳ!

Ва анбӯҳ ба ҷӯш омад:

– Нест бод коммунисту коммунизм!

– Силоҳ мегирем! Силоҳ!

Ва лашкаркаш ба минбар баромад:

– Фарзандони асили миллат шумо ҳастед. Миллату мулк аз шумо барин фарзандон фахр мекунад. Ифтихори имрӯзу фардойи Ватан ҳастед шумо. Мо ин рӯзи саидро понздаҳ сол аст, ки мунтазир будем. Понздаҳ сол заҳмат кашидем. Понздаҳ сол тайёрӣ дидем. Бо бародарони муҷоҳиди афғон иртиботи қавӣ дорем. Мо гурӯҳҳойи мусаллаҳ дорем. То алҳол бисту ҳафт ҳазор одам номнавис

шудааст.

Ва фарзандони асили Ватан, ҷавонони дасту панҷаашон бақувват, ва бошандаву шунавандаи фаъоли майдон, худро мусаллаҳ тасаввур карданд, ва мушакҳойи китфу бозуяшон дамид, ва ба зӯрашон зӯр илова шуд.

Ва файласуф, ки бо раводиди ҳукумати шӯравӣ дар мадрасаҳойи Тошканд ва Урдун таълиму тарбия гирифта буд, ва солҳойи дароз барои Кумитаи амният ҳамчун суханчин(агенти махфӣ) хидмат мекард, ва акнун идеологи машҳури микрофони Кӯча шудааст, изҳороти лашкаркашро, дар суханронииаш обу ранги илмиву байналмилалӣ дод, ва иҷмолан, бақуввату решадор кард:

– Дар тарғиботи ғоявии ғарбиҳо ин таълимотро экстремистӣ мегӯянд. Дар худамон ҳам коммунистҳо чунин мегӯянд. Аммо дар асл ин хел нест. Ман аслашро медонам, ки мегӯям. Ба ҷаҳонбини ман ғояҳойи ташкилоти Ихвон-ул-муслимин таъсири ниҳоят калоне дорад. Ман пешвоёни ин ташкилотро дар силки файласуфони бузург меҳисобам.

Ва анбӯҳи одамӣ каф накӯфт ва садо набаровард ва карахт истод; аз афташ, ба маънои гуфтаҳо ва ишораҳойи файласуф чандон дуруст сарфаҳм нарафт.

Ва шоирро даъват карданд ба минбар, ва шоир дар васфу мадҳи лашкаркаш қасидае хонд, мутантан, бурро, таъсирбахш ва ровиёна хонд, ва анбӯҳи одамии андаке карахт аз нав ба шавқу шӯр омад ва ғалаён кард; ва худи шоир ҳам авҷ гирифт:

– Садсолаҳо қабл дар Руми бостон воизи бемисл буд, бо номи Ситсетрон. Баъди ӯ, чун ӯ, боз яке дар майдони микрофони Кӯча кашф шуд, ки он Ҳоҷӣ лашкаркаши мост. Лашкаркаш мағзи гапро гуфт, ки фарзандони асили миллат шумоед. Тоҷики асил ва покиза шумоед. Аз ағбаи Шаршар он тараф тоҷики соф нест. Аз ағбаи Анзоб ун тараф умуман тоҷик нест.

Ва мурофиа барпо шуд, ва раиси шӯройи олӣ ва прокурори генералиро ғоибона суд карданд ва аз номи дину шариат ба онҳо ҳукми қатл баровfesta, ва дар тахта-

коғазҳо сураташонро кашиданд, ва ба девор овехтанд ва ба дилашон ханҷар заданд; ва зодгоҳи ҳардуи онҳо аз ағбаи Анзоб ун тараф буд.

Ва микрофони Қаср ба Президент рутбаи ҳарбии генерал-полковник дод, ва генерал – полковник аз Шӯройи Олӣ талаб кард, ки «ҳуқуқ ва ваколатҳойи манро зиёд кунед!», ва Шӯройи Олӣ ҳуқуқу ваколатҳойи ӯро зиёд кард, ки дуҳокимиятиро барҳам бидиҳад, ва бетартибиву бесомониву бесоҳибиро батартибу басомону соҳибдор бикунад. Ва Президент, ҳамон касе, ки ҳангоми тақсими мероси ҳарбии Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҳаққи Тоҷикистон даст кашид, ва гуфт, ки «мо ба сипоҳу силоҳ эҳтиёҷ надорем, зеро ки хароҷоташ зиёд, ва мо сенздаҳ миллион сӯм пулро аз кӯча меёбем?», фармон доду қарор баровард, –Горди миллӣ ташкил дода шавад, аз ҳафтсад сарбоз иборат, ва хароҷоташ ба маблағи сӣ миллион сӯм.

Ва микрофони Кӯча мартабаи лашкаркашро якбора ду баробар баланд бардошт, – аввал сарлашкар таъин кард ва баъд бо рутбаи генерал-армияи мардумӣ сарфароз намуд; ва генерали мардумӣ ба ташкилу такмили силоҳ машғул шуд, ва ба бӯзбалаҳойи бӯзбала рутбаи майёр, ва ба хушқаду қоматҳо рутбаи капитан, ва ба миёнаҳолҳо рутбаи лейтенант дод; ва ба дастаҳойи хурду калони сарбозҳо қумондон монд, ва тартиби сафкаширо муайян кард; ва бо навбат ҳар як дастаро ба як хаймаи калон бурд, ва ба дунбаи ҳар як сарбоз калимаи «фидойӣ»-ро доғ кард. Ва ба дасти қумондонҳо ва қисме аз сарбозҳо силоҳ дод, ва аз ҷумлаи силоҳдорон, як нафару ду нафар, вобаста ба мартабаашон, ҷондор барои лидерҳо муайян гардид, ва ин ҷондорҳо лидерҳоро ба хонаҳояшон мебурданд ва аз хонаҳояшон ба майдон меоварданд, ва аз ҷое ба ҷое бираванд, ҳамроҳиву муҳофизат мекарданд.

Ва сипоҳи микрофони Кӯча ҳар сари субҳ ва ҳар вақти шом, ҳар дастае сӣ нафар, дар шоҳроҳи шаҳр, ду соату се соат, ба машқи ҳарбу зарб машғул мешуданд; ва покӯбону дастандозон мерафтанд то институти педагогӣ ва меомаданд то магазини тилловорӣ, ва мерафтанду меомаданд,

ва фосила ба фосила наъра мекашиданд:

– Оллоҳу акбар! Оллоҳу акбар!

Ва сокинони кӯчаву гузарҳойи наздикро ваҳм пахш мекард.

Ва ҳукумат медиду намедид.

Ва милиса тамошобин буд.

Ва роҳдорӣ роҳи сарбозонро холӣ нигоҳ медошт.

Ва Президент бо сардорони идораҳойи қудратӣ дар машварат нишаст, ки тадбир чист? Ва прокурори генералӣ гуфт, ки ягона тадбир аз майдону кӯча холӣ кардани митингбозон аст. Охир, давлат конститутсия дорад, қонуну қоида дорад. Давлат бояд конститутсия ва қарору қонунҳояшро риоя бикунад, ҳимоя бикунад. Тадбир ҳамин ки қонуният ҷорӣ карда шавад. Роҳи ҳамагуна қонуншиканиҳо баста шавад. Давлат дар даруни давлат. Даруни Қаср як давлат, берун дар Кӯча давлати дигар. Парчам ҳам бардоштаанд. Халоиқ дар бенавойӣ. Роҳҳойи мардум бастагӣ. Корхонаҳо кор намекунанд. Дар ҳама ҷо ғоратгарӣ... Ва комиссари ҳарбӣ луқма партофт:

– Ба ман бошад, бо чор мошини обкаш дар як соат майдонро холӣ мекунам. Фармон шавад, дар як соат рӯфта, шуста мепартоям.

Президент:

– Реаксия надиҳад? Як фикр карда дидан даркор.

Раиси кумитаи амният:

– Мо бетараф. Митинг кардан гиранд. Ҷойи тарс надорад.

Мушовири давлатӣ:

– То имрӯз ба сафи Горди миллӣ ягон кас дохил нашудааст.

Президент:

– Бо телевизор нишон доданд-ку? Сафкашӣ, қасамхӯрӣ ва қабули комиссияи давлатӣ, ҳамаашро дар телевизор нишон доданд-ку!?

Раиси кумитаи мудофиа:

– Нишон додем, лекин он сарбозон ду-серӯза кироя буданд. Аз дивизияи 201-уми Русия ва аз полки вазорати

корҳойи дохилӣ аскар овардему нишон додем. Баройи тарсондани чашми митингбозон.

Прокурор:

– Бале ба шумо! Киро фиреб додед? Давлатро?! Дидаву дониста ва ё қасдан хиёнат кардед!

Раиси кумитаи мудофиа:

– Ба ғайри он сиву ҳафт мошини зиреҳпӯш харидем. Наппа-нав, дар Қаратоғ истодааст.

Президент:

– Бекор истодааст?

– Ҳа, бекор. Ронанда надорад. Мутахассис наёфтем.

Президент ҷониби комиссари ҳарбӣ нигарист ва ӯ ҷавоб дод:

– Зиёда аз ҳазор афсари захира даъват кардем.

– Онҳо дар куҷоянд?

– Дар рӯйи хат.

Прокурор:

– Ин ҷо фақат хойин ҷамъ шудааст. Инҳоро ҳабс кардан даркор. Ба зиндон партофтан даркор.

Президент:

– Тез нашавед. Тез нашавед. Як фикр карда дидан даркор. Боз кӣ гуфтаниҳое дорад?

Раиси кумитаи сарҳадбонон:

– Аскари сарҳадбон ба мушкилаҳойи дохилӣ дахолат намекунад. Ин кори мо не. Вазифаи вазорати корҳойи дохилист.

Вазири вазорати корҳойи дохилӣ:

– Қисми зиёди милисаву аскару ОМОН ва дигар тобеъони вазорат аз ду-се воҳа ҳастанд. Мардуме, ки дар майдону кӯча истеъфо талаб мекунанд, низ аз ҳамон воҳаҳо ҳастанд. Ҳама хешу табор, ҳама ёру бародар, ҳама шиносу ошно. Ҳайрон мондаем. Чӣ кор карданамон равшан нест.

Президент:

– Фикр мекунем, мебинем. Як фикр кунем, омӯзем…

Ва вакилони Шӯройи Олии СССР, ки дар боли Бозсозӣ ва дар ҳавойи ошкорбаёниву интихоботи озод, вакил ин-

тихоб шуда буданд, ва алҳол на СССР вуҷуд дошту на шӯройи олиаш, ба Москов барқия болойи барқия мефиристониданд, ки «мо тарбиядидаи мактаби Шумо ҳастем. Баройи як ҳукумати демократӣ мубориза мебарем. Лекин қувваҳо нобаробар. Бе ёрӣ ва дастгирии шумо мушкил. Вакилони коммунист дар Шӯройи Олии Тоҷикистон дар сухангӯиҳояшон пешвоёни демократия дар Иттиҳод ва дар Россияро танқид ва таҳқир мекунанд. Обрӯ ва эътиборашонро мерезонанд. Паст мезананд. Хойин ва хиёнаткор мегӯянд. Ба мо ёрӣ расонед. Ҳамагуна доду гирифти сиёсиву иқтисодиву ҳарбиро барҳам диҳед».

Ва ҳукумат ва Шӯройи Олии Тоҷикистон ҳам рӯ ба Москов овард, ки «ба барқияҳойи ба ном демократҳо бовар накунед. Инҳо дурӯғ мегӯянд. Мо ҳам тарафдори демократия ҳастем. Демократияро касе таъқиб ва буғӣ накардааст. Инҳо экстримист ҳастанд. Фурсат намедиҳанд, ки ҳукумат кори демократияшро пеш барад. Ба низом оварад. Мо дӯстии халқҳоро эҳтиром мекардем ва минбаъд ҳам эҳтиром мекунем».

Ва Москов на ба инаш ҷавоб дод, ва на ба ваяш.

Ва микрофони Кӯча шиорҳойи Озодӣ, Озодийи матбуот, тартиботи демократӣ, интихоботи беғиромӣ ва амсоли инро ба тадриҷ фаромӯш кард; ва панҷ рӯз аст, ки нидоҳойи Ҷиҳод! Инқилоб! Ё марг ё ғалаба! микрофону майдону кӯчаҳоро пур кардааст; ва сарлашкар сипоҳашро то нисфҳойи шаб машқ медод, ва сипоҳиён дар шоҳроҳи шаҳр баробару бозарба қадам мезаданд, ва боло мерафтанду поён меомаданд, ва аз як забон «оллоҳу акбар!» мегуфтанд; ва дар гирди сарҳо як тасма латта баста «фидойӣ» навиштанд; ва шаҳр дар тасарруф ва ба ихтиёри онҳо буд, ва фақат онҳо дар ҳар ҷое хоҳанд, озодонаву дилпурона рафтуомад доштанд, ва ҳар чизеро хоҳанд, мегирифтанд, ва ҳар дареро лозим донанд, мешикастанд, ва ҳар мошине маъқул шавад, ба худ ҳалол медонистанд, ва ҳар касе ба назарашон нафорад, лагадкӯб мекарданд; ва як дастаи дувоздаҳнафара ба тарабхонаи Лаклаки сафед даромаданд, ва як деги маъракa оши палавро хӯрданд, ва бист шиша оби газдору шарбати

анору араќи гандумро нӯшиданд, ва ба пешхидмат музди таому шароб надоданд; ва пешхидмат ба мудир шикоят бурд, ва мудир берун баромад назди онҳо, ки «сардор, ба хайр аст?», ва сардор бо хандаи безебе гуфт, ки «пулашро пагоҳ оварда медиҳем», ва пагоҳ оварданд як лифофаи сарбаста ва доданд ба мудир, ва мудир кушоду дид, ки дар дарунаш ду гӯши хунолуд.

Ва фидоиён аз машқ ба амал гузаштанд, – бо як оллоҳу акбар ҳуҷум оварданд ва ба қасри ҳукумат даромаданд, ва идораҳойи ҳукуматиро гирифтанд ва ба лидерҳо тақсим карда доданд, ва ситоди Кӯча ба Қаср кӯчид; ва Президентро кумитаи амнияти миллӣ гурезонд ва дар бинойи кумита паноҳгоҳ дод. Ва рӯзи дигар, шомолуд, гурӯҳи мусаллаҳ ба иморати шӯройи олӣ даромаданд ва ҳабдаҳ нафар вакилро гаравгон гирифтанд; ва ҳамон шаб дар аэропорт чанд мансабдореро, ки ба вилоятҳояшон мерафтанд, дастгир карда, бо кӯчаи Дӯстии халқҳо ба таҳхонаи театри Лоҳутӣ оварданд; ва Лидере бо ҳаждаҳ ҷондораш ба идораи Раиси Шӯройи Олӣ рафт, ва посбонон ӯро бо эҳтирому икром пешвоз гирифтанд, ва ӯ ба раис ултиматум монд:

– Мехоҳед, ки вакилон ба бинойи шӯройи олӣ зиндаву саломат баргарданд?!

– Мехоҳам!

– Пас, бечуну чаро, истеъфо диҳед!

– Ман истеъфо додам! Вакилонро озод кунед!

5

Ва Дилмурод дар Қӯрғонтеппа бекор монд. Ин тараф рафт, он тараф рафт, ҷойи кор наёфт, ва ягон ташкилоти давлатӣ кори бонизом ҳам надошт, – на кумитаи иҷроияи вилоят, на милисаву суду прокуратура; ва мошини Жигулиашро чорта авбош дар роҳ кашида гирифтанд, ва гӯшаш садо дода буд, ки арбобони соҳаи савдо, дар як зиёфатхӯрӣ, гуфтаанд, ки «вай тоҷики асил нест. Мо, кӯҳистониҳоро, бад мебинад. Фурсаташ расад, хонаашро алов сар додан даркор». Ва ҳамон рӯзҳо Қодир Душанбе

рафта омад, ва хабар овард, ки «бачаҳо адвокатура ташкил кардаанд. Адвокат[1] даркор будаст». Ва бо маслиҳат Қодир зану бачаҳояшро райони Сариосиё, деҳаи Нилӯ, хонаи падарарӯсаш ва Дилмурод ба Дарвоз назди бобояшон фиристод, ва худҳошон қатори гурезаҳо ба шаҳри Душанбе омаданд; ва шаҳр аз гуреза лаб мезад, – аз Душанбе фирор мекарданд ба шаҳру деҳоти бобоиву додойӣ, ва берун аз ҷумҳурӣ ба Ӯзбакистону Қирғизистону Қазоқистону Русияву Олмону Изроил, ва аз Вахшу Қубодиёну Шаҳритӯс фирор мекарданд ба шаҳри Душанбе. Ва хонафурӯшиву хонахарӣ монанди бозори сермолу камхаридор шуд; ва дар сояи талотӯпи кӯчбариву кӯчбиёрӣ аз районҳои гирду атрофи шаҳр хел-хел одами бехонаву дар ва бекору бекорагард, ба шаҳр фурӯ мерехт; ва пулдорҳо, чӣ шаҳриву чӣ деҳотӣ хонаҳоро қариб муфт мехариданд, ва бепулҳо кӯчу борашонро дар ҳавлии хобгоҳҳойи холӣ мондаи заводу фабрикҳо мефуроварданд, ва лашулушашонро дар айвончаҳову тирезаҳо меовехтанд; ва оштону танӯр месохтанд, ва асбобҳойи чӯбии майдончаҳойи бозии бачаҳо ва симчӯбҳо ва дару тирезаҳойи корхонаҳойи бесоҳибро меканданд, мешикастанд, месӯхтанд; ва аз деҳоти бемабраз омадагиҳо дар паси дарахтҳо, хамгашти кӯчаҳо, пушти сутунҳо қазойи ҳоҷат мекарданд.

Ва дар дили шаҳр, дар ду майдон, ду микрофон бетанаффус кор мекард, ки яке таҷрибадор ва дигаре навтаҷриба буд, – микрофони майдони Шаҳидон чилу нӯҳ рӯз боз талаби озодиву истеъфо дошт, ва микрофони майдони Озодӣ нав се рӯз шудааст, ки ба тарафдории ҳукумат овоз баланд мекард. Ва чунин садоҳо пештар ҳам буд, – мардуме, ки қарорҳойи шӯройи олӣ, дигар кардани сарвазир, нав кардани раиси шӯройи олӣ ва ба аъзойи раёсати шӯройи олӣ интихоб шудани одамони микрофони Кӯча розӣ набуданд, ва он қарорҳоро ғайриқонунӣ медонистанд, дар район, ё дар шаҳрашон маҷлисҳо мегузарониданд, эътирозҳо мекарданд, барқияҳо мефиристоданд ва таҳдидҳо менавиштанд, вале-

[1] Адвокат – вакили дифоъ.

кин натиҷае намегирифтанд, – микрофони Кӯча ҳамаи онро анойигӯйи дами наъзи коммунистон медонист, ва ба инобат намегирифт, ва микрофони Қаср ҳамаи онро барои салоҳи рӯзгори халқ истифода бурда наметавонист; ва диданд, ки микрофони Қаср қудрату қувваи ҳимояи давлати қонуниро надорад, ҷамъ шуданду хестанду омаданд ба пойтахт, ва арзи вуҷуд кард майдони Озодӣ, ва муқобил истод ба майдони Шаҳидон.

Ва Дилмурод дар хобгоҳи фабрикаи бофандагӣ, дар сари ҷари Хлопзавод, дар паҳлӯи роҳи оҳан мезист, ва Қодир дар хобгоҳи омӯзишгоҳи касбу техника, дар микрорайони сиву сейум; ва идораи

адвокатура дар пушти бинойи театри опера ва балет воқеъ буд, ва онҳо ҳангоми ба идора рафтану омадан чору ночор аз дуру наздики майдонҳо мегузаштанд.

Ва майдонҳо ба ӯрдугоҳҳо шабоҳат дошт, – хаймаҳойи хурду калон, парчам, ситод, посбонҳо, ошпазҳо, кундакафонҳо, оббиёрон, дегу табақшӯён ва озуқабиёрон, ва фақат микрофону нотиқон ба рисолати ӯрдугоҳ намеғунҷид, зиёдатӣ буд.

Ва ҷавонони бокитфу бозу ва ҳуйгард ва ҷангара дар байни тӯдаҳойи ҳар ду майдон ва гирду атроф шотирона мегаштанд; ва як қисми онҳоро Насруллову Диёршоҳу Фахрирекету Амиртаксӣ ёфтаву ба кисаҳояшон пул андохта меоварданд, ва як қисмашон мавридро мувофиқ медиданд, ки зарби мушташонро нишон бидиҳанд.

Ва Волдамир дар хилватхонаи Порт-Саид бо Насрулло ва дар боғи Дӯстии халқҳо бо Диёршоҳ ва дар кӯли Комсомол бо Фахрирекет ва дар ресторани Зарафшон бо Амиртаксӣ танҳо ба танҳо нишаст, ва зиёфати шоҳона орост, ва бастаи пулро пешпардохт дод, ва ба ҳар кадомаш ҳамон як супоришро такрор кард:

– Мо бо мардуме сару кор дорем, ки таги гапро кофта намегарданд. Умуман, мардуми омии ҷаҳон, ба ҳукми аксарият, ақли таҳқиқу таҳлил надоранд. Асири зоҳиру айнулвақт ҳастанд. Ҳозирбинанд. Силоҳи бурандаи мову шумо ҳамин хислат аст. Фақат устокорона истифода бурдан ло-

зим. Дар мавридаш, ба иззати нафсаш расонда. Масалан, дар майдони Озодӣ хабар паҳн мешавад, ки дар майдони Шаҳидон гуфтанд: «Дар он ҷо овоза паҳн мешавад, ки дар он ҷо ҳама коммунистону кофирони беимон ҷамъ омадаанд». Ва дар майдони Шаҳидон овоза паҳн мешавад, ки дар майдони Озодӣ гуфтанд, ки «Нест бод дини ислом!». Мешавад пешдаргирон. Он тарафаш ҳезумкаши бисёре ба алов ҳезум мепартояд, аланга мезанад.

Ва дар оғози воқеъаҳо, дар иғвову фитнаи муқобили арманҳойи гуреза, ки гӯё давлат ба онҳо хона додааст, Волдамир якто буд, ва баъди балвойи чил шабонарӯзаи Кӯча, онҳо аз мамлакатҳойи дигар ҳам омаданд, ва Волдамирҳо бисёр шуданд, ва ҳар яке ба манфиати мамлакати худаш вақту маблағ сарф мекард, валекин усули корашон як хел буд, ҳамон усули иғво андохтан, ва мубаллиғони фитнагар ёфтану харидан, ва ошӯбҳо барангехтан, ва ҷанг андохтан, ки аз замони ҳазрати Одам то ба ҳол истифода бурдану истифода мебаранд.

Ва алҳол ҳамаи онҳо дар Тоҷикистон майдони васеъ ва шароити муносибу мувофиқ ёфта буданд ва фаъолона амал мекарданд.

Ва майдонҳо одамҷӯшак буд.

Ва Президент сарвазиру ҳашт ҷонишинашро меҷусту намеёфт.

Ва Шӯройи Олӣ сессия даъват мекарду маҷлис гузаронида наметавонист.

Ва коммунистонро дар шаҳри Душанбе ва водии Вахш, дар кӯчаҳо дошта ба таҳхонаи масҷиди Ҳоҷӣ Ёқуб ва ё ба таҳхонаи театри Лоҳутӣ бурда лату кӯб мекарданд. Ва ҳамсояи Қодир дар Вахш, дасту по ва сару гардани пур аз ҷароҳаташро нишон дода, ба ӯ нақл кард, ки «мо ду нафарро аз сари роҳ гирифтанду бурданд ба ҳаммоми совхози Туркманистон. Дӯғу пӯписа карда шатта заданд. Як барзангиаш аз ҳамроҳи ман пурсид:

– Ту аз ҳамонҳо?!

– Чоркитоб занад ман аз онҳо не, – ҷавоб дод ӯ.

– Ту аз ҳамонҳо?!

Китоб муқаддас будаст назди инҳо, гузаронидам аз дил, ва гуфтам:

– Китобхона занад ман аз онҳо не.

– Дурӯғ мегӯяд! – шиддат кард, – баред, ҷазояшро диҳед.

Бурданд ба кунҷи нимторик. Ба ҳамин минвол гирифтор карданд.

Ва дар Душанбе, дар чорраҳаи Универмаги марказӣ, тӯп пайдо шуд, ки милаш тарафи майдони Озодӣ буд, ва Дилмурод ба Қодир тӯпро нишон дод:

– Бин! Бӯйи ҷанг меояд.

– Ҷанг кайҳо сар шудагӣ, – бо алам абрӯ чин кард Қодир. – Фақат ҷанги беқойида. Фронт надорад… Биё, ба кумитаи марказии ҳизби коммунистӣ меравем.

Ва рафтанд, ва котибро ёфтанд, ва дарди дил гуфтанд:

– Шумо эълон кардед, ки бетараф ҳастед. Ин чӣ маъно дорад? Бетараф ба аъзоёни ҳизб? Бетараф ба тақдири халқ? Бетараф ба давлату давлатдорӣ? Бетараф ба ин ду майдони ба хуни якдигар ташна?

– На ину на ону на ваяш. Мо бетараф ба даъвойи Кӯча. Бетараф ба талошҳое, ки сиёсати давлатиро мехоҳанд дар кӯча, бо шӯришу балво муайян бикунанд.

– Гирифтем, ки мавқеатон дуруст. Пас, оқибати кори майдонҳойи хунталаб то куҷоҳо меравад? Пас, пеши роҳи бо шӯриш ва зӯрӣ муайян кардани сиёсати давлатиро кӣ мегирад?

– Давлат ҳаст. Ҳукумат ҳаст. Чораашро бинад. Роҳашро ёбад. Ҳизби коммунистӣ дар сари қудрат нест. Ҳатто молу мулк надорад. Ҳамаашро мусодира карданд. Ҳамонҳо пеши роҳашро гиранд. Вазифаи мо нест хобондани шӯриш.

– Мегуфтем, ки коммунист гӯем, халқ дар назар аст, халқ гӯем, ҳизби коммунистӣ дар назар аст. Акнун ки ба сари халқ бало омадааст, мегӯем, ки мо бетараф. Мо бетараф, кумитаи амнияти миллӣ бетараф, вазорати корҳойи дохилӣ бетараф, сарҳадбонон бетараф, охир, халқи заҳматкаш, ки ҳамаи ин кумитаву вазоратҳоро мехӯронаду мепӯшонад, ягон тарафдору тарафгир дорад ё не?!

– Мо аз ноилоҷӣ ба чунин қарор омадем. Коммунистони содиқ, маълум шуд, ки хеле кам будаанд. Коммунисти даҳониву коғазӣ бисёр будааст, ки барои ақидаву ғоя не, барои ба мансабе расидан билети коммунистӣ гирифта будаанд. Ҳамаашон аз сотсиализму коммунизм рӯ гардонданд. Вазорату корхонаҳоеро, ки роҳбараш буданд, арзонакак ба номи худашон гузаронида хусусӣ карданд. Ҳизб бeқувват шуд. Алҳол на қудрати идеологӣ дорад, на сиёсӣ ва на иқтисодӣ. Лоилоҷ дар мавқеъи бетарафӣ истодааст.

Аммо амнияту вазорат дурӯғ мегӯянд. Онҳо бетараф нестанд. Ҳар кадомаш ёру дастгири одамони воҳаи худаш. Ошкору пинҳон «ҳо бале» гуфта гаштаанд. Вонамуд мекунанд, ки дар хидмати халқу давлат ҳастанд, вале дар амал фикру зикрашон ягон авлоди худро раису вазир кардан.

Ва раисону вазирони қонунӣ ба ном зиндаву дар кор ба мисли мурда буданд, ва ба ном фидоиёни майдони Шаҳидон, шаҳрро бесоҳиб дида, зина ба зина соҳиб мешуданд, – аэропортро гирифтанд, вокзали роҳи оҳанро гирифтанд, ва дар роҳҳойи даромаду баромади шаҳр посбонҳо монданд, ва милисаи ин мавзеъҳо низ бо раводиди онҳо кор мекарданд; ва онҳо як самолётро аз парвоз нигоҳ доштанд, ва ҳафт мансабдору вакили шӯройи олиро зери мили автомати Калашников аз он фуровarданд, ва ба мошини навбатдори милиса шинонданд, ва милиса хурсанд шуд:

– Оҳо, одамони калон-калонро дастгир кардед! Ба Лидер гӯед, ки мо мардак барин, ҷонфидо, дар хидмат истодаем. Ҳаққи моро фаромӯш накунанд. Ҳисоби мо ҷудо.

Ва силоҳдорон «мегӯем, албатта, мегӯем»-гӯён асиронро бурданд ба таҳхонаи масҷиди Ҳоҷӣ Ёқуб ва истинтоқ карданд, ки «чаро дар маҷлис масъалаи истеъфойи сарвазирро бардоштед?!» Ва заданду шилҳа гардониданд, ва бо таҳдид, ки «ҷонатон ширин бошад, минбаъд паси ин корҳо нагардед», се шабонарӯз гуруснаву ташна нигоҳ доштанд, ва баъд ҷавоб доданд.

Ва Президент, ки ба хабари «хонаи ҳукуматро гирифтанд,

ҷавоб дода буд, ки «меомӯзем, мебинем, реактсия нашавад!», ва ба хабаре, ки «таҳхонаи театри Лоҳутӣ ҳабсхона шудааст», ҷавоб дода буд, ки «меомӯзем, мебинем, реактсия нашавад», оқибат омӯхту диду хулоса баровард, ки Гвардияи миллӣ таъсис бидиҳад, ва ба фармони ӯ, ва асосан аз ҳисоби мардуми майдони Озодӣ, Гвардияи миллӣ таъсис ёфт, ва ба ҳаштсаду ҳафтод афсару аскар ҳаштсаду ҳафтод автомати Калашников, ва сари одаме понздаҳ – бист тир доданд.

Ва майдони Шаҳидон ҳамон бегоҳ як КАМАЗ пуропури силоҳ оварда дар ҳавлии масҷиди Ҳоҷӣ Ёқуб фуровард, ва ҳамон шаб ба бинойи Кумитаи радио ва телевизион ҳамла овард, ва ғасб кард, ва милиса ғайб зад.

Ва гурӯҳи миёнаравон, ки як ҳафта боз байни ҳукумат ва майдони Шаҳидон, рафтуомад доштанд, ва роҳи муросоро ҷустуҷӯ мекарданд, ки ҷанги шаҳрвандӣ нашавад, хунрезӣ нашавад, ва ҳарчанд ки дар Душанбе ва Вахш кайҳо хуни ноҳақ рехта буд, аз сӯҳбатҳо рамуз гирифтанд, ки ҳеҷ тарафе ҳавасманди ҷанг нест, ва ҳамаи Лидерҳо сулҳу салоҳро беҳтар аз ҷанг медонанд, ва фақат лозим аст, ки забони якдигарро ёбанд, то ки хусумат аз байн бардошта шавад; ва барои хусуматро аз байн бардоштан Комиссия таъсис доданд, ва нӯҳ нафар аз ҳукумат ва панҷ нафар аз майдони Шаҳидон ва чор нафар миёнарав аъзо шуданду ба кор сар карданд.

Ва Комиссия дар баҳсу талош бо Лидерон роҳу равиши муросоро таҳқиқу таҳлил мекард, ва майдони Озодӣ норизо буд, ки «аз мо дар комиссия касе нест», ва майдони Шаҳидон зӯру зафар нишон медод, ки «гуфтаи мо шавад!»

Ва бе рухсати майдони Шаҳидон ба шаҳр омадан ва аз шаҳр рафтан мумкин набуд; ва майдони Шаҳидон ба ҳукумат амр медод, ки фалон қарор даркор аст, ё даркор нест; ва шӯройи олӣ бо маслиҳати майдони Шаҳидон кадрҳоро ҷобаҷо мекард; ва… ва генерал, мушовири ҳарбии Президент, бо аскаронаш ба тарафи майдони Шаҳидон гузашт, ки чорсаду панҷоҳ автомати Калашников, бисту шаш ҳазор тир ва чор мошини зиреҳпӯш дошт, ва бо радиову телевизи-

он ба мардум муроҷиат кард, ки «ман эшонзода ҳастам. Чунин рӯзи пирӯзиро аз кӯдакиам орзу мекардам. Инак, ба орзуям расидам», ва майдон бо ҳайуҳуй ва нидоҳойи «Қаҳрамон! Фарзанди ҷоннисори миллат!», яку якбора ӯро вазири мудофиа интихоб кард; ва фидоиёни майдон, ғарқи ғурури ғалаба, ба шӯъбаҳойи вазорати дохилӣ дар районҳо ҳуҷум карданд, ва дар ду рӯз дусаду ҳафтоду панҷ автомат, яксаду ҳаштод туфангча ва даҳ мошин, ва се БТР-и ДОСААФ-ро ғанимат гирифтанд, ва милиса муқовимате накард; ва гурӯҳи фаврии давлатӣ, ки дар мавридҳойи зарурӣ мебоист ба душман аввалин шуда зарба бизанад, бо дастааш биомаду ба майдон таслим шуд, ки «амаки ман роҳбари ғоявии шумост. Ман ҳам бо шумо ҳастам»…

Ва майдони Озодӣ аз риояи қонун ва аз сулҳу салоҳ гап мезад, ки «мо барои ҷангу ҷидол наомадаем. Мо омадаем, ки давлату ҳукумат қонунӣ бошад. Аз рӯйи конститутсия ва қарорҳойи конститутсионӣ кор кунад. Ҳаққу ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ҳимоя бикунад».

Ва майдони Шаҳидон, ки мусаллаҳ буд, ба майдони Озодӣ фишор меовард, – дили шаб се фидойӣ дуздона ба кинотеатри Ҷомӣ даромаданд. Одамон дар толор қатор-қатор хобиданд. Онҳо дар се тарафи толор бо пуфакҳойи сохта доруйи дӯст пош доданд, ки ин доруро барои куштани ҳашароти кишти пахта истифода мебаранд; ва рӯзи дигар ҳамин доруро ба дегҳойи таъом андохтанд…

Ва ба шӯройи олӣ хабар омад, ки дар деҳаи Олий Совет ба мошинҳое, ки барои мардуми майдони Озодӣ нону об мебурданд, силоҳдорони ниқобпӯш ҳуҷум карданд; ва Раис ба вазорати корҳойи дохилӣ телефон кард, ки гӯшакро навбатдор гирифт:

– Ба ман вазир даркор!

– Вазир ба кори муҳиме банд.

– Ҷонишинашро гӯед.

– Вай ҳам банд.

– Охир ягонтаашонро ёбед!

– Дӯғ назанед! Гуфтам, ки ҳамаашон банд. Намефаҳмед?!

Ва раис боз ба чанд ҷо занг занг зад, ва оқибат Сарвазирро ёфт:

– Дар деҳаи Олий Совет ҷанг. Одамони бесилоҳро кушта истодаанд. Ягон илоҷашро…

Сарвазир:

– Шумо ба ин корҳо овора нашавед. Вақти ин корҳо нест. Кӣ киро куштаст, ба ман чӣ?

Ва миёнаравон, бо аъзоёни Комиссия, таҳрири ҳуҷҷатро анҷом доданд, ва мебоист барои имзо кардан назди Президент мебурданд.

Ва ҳуҷҷат ба ин тартиб буд : (Айнан, бе таҳрир).

Протоколи

созиши байни Раиси ҷумҳур, Девони Вазирон,

ҳизбҳои сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумии Тоҷикистон

Аз тарафи ҳукумат протоколро имзо карданд:

(нуҳ нафар)

Аз тарафи намоишгарони майдони Шаҳидон ва азҳоби сиёсӣ:

(панҷ нафар)

Шахсони миёнарав:

(чор нафар)

Раиси Ҷумҳур ҳамчун кафили ваҳдату якпорчагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири раҳоӣ аз бӯҳрони сиёсӣ ва барқарор кардани сулҳу осоиш дар ҷумҳурӣ бо назардошти талабҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумӣ

Қарор мекунад:

Сафароии кунунии нирӯҳои сиёсӣ, миллӣ ва мазҳабиро ба назар гирифта, Ҳукумати Муросои миллӣ таъсис дода шавад, ки он дорои ҳуқуқу салоҳияти васеъ мебошад. Ҳукумати мазкур бар асоси принсипҳои зерин фаъолият мекунад:

Даст кашидан аз зӯроварӣ, яъне эълон мешавад, ки

Ҳукумати Муросои миллӣ, аввалан, барои пароканда кардани гирдиҳамомадагон силоҳ истифода намекунад ва сониян, аз ҳамагуна таъқиби онон (таъқиби ҷиноӣ, миллӣ ва интизомӣ) барои иштирокашон дар гирдиҳамоиҳо худдорӣ мекунад.

Чораҳои таъҷилӣ дар татбиқи амалии ин принсип:

1(а). Миёни нирӯҳои ба ҳам муқобил фавран оташбас эълон мешавад;

1(б). Фармони пешинаи Раиси Ҷумҳур дар бобати ташкил додани баталони махсус бекор карда мешавад;

1(в). Ҳамаи нирӯҳои ба ҳам муқобил фаврӣ ва бечунучаро бесилоҳ карда мешаванд;

1(г). Муҳосираи майдони ҳавоӣ (аэропорт) ва истгоҳи қатора (вокзал) бас карда мешавад;

1(д). Кохи Раиси Ҷумҳур ва Девони Вазирон, инчунин студияи телевизион аз тазоҳуркунандагон озод карда мешавад.

Омода сохтани заминаҳои давлати миллӣ, ҳуқуқбунёд ва демократии тоҷикон, дахолат накардани давлат ба фаъолияти мазҳабии қозиёт ва низ ба фаъолияти сиёсии давлат дахолат накардани қозиёт.

Таъмин кардани баробарии ҳуқуқӣ ва хизматии сиёсии ҷамеи ҳизбҳо, созмонҳо ва ҷунбишҳои мардумӣ, аз ҷумла даст кашидан аз манъи ҳизбу созмонҳо дар сурати амали онҳо дар чорчӯбаи қонун.

Таъмин кардани ҳамзистии бародаронаи тамоми мардумони гуногунзабону гуногунмазҳаб, ба назар гирифтани манфиатҳои ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ҷамеи халқҳо, аққалиятҳои миллӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ.

Таъмин кардани озодии сухан, фаъолияти озодона ва холисонаи ҳамаи расонаҳои ахбор, аз ҷумла, ширкати Садою Симо, ки низ минбари озод эълон карда мешавад.

11. Азбаски ҳайат ва ваколатҳои Шӯрои Президентӣ ягон тарафи муқобилро қонеъ намекунад, ин дастгоҳ барҳам дода мешавад ва ба ҷояш Мушовараи Олӣ аз ҳисоби намояндагони обрӯманду салоҳиятдори давлат, улум, фарҳанг ташкил карда мешавад, ки дар ҳузури Пре-

зидент ва Ҳукумати Муросои миллӣ амал мекунад.

111. Кумитаи амнияти миллӣ, Кумитаи дифоъ ва Ҳукумати Садою Симо ба Ҳукумати Муроси миллӣ тобеъ карда шавад.

1У. Бо назардошти вазъи муташанниҷи сиёсӣ дар ҷумҳурӣ ва ба хотири таъмини сулҳу салоҳ дар ҷомеа тақозо мешавад, ки ноиби Президент ва раиси Кумитаи дифоъ ва раиси Кумитаи Садову Симо фавран ба истеъфо раванд. Масъалаи истеъфои раиси Шӯрои Олӣ ва прокурори кулл дар сессияи фавқулоддаи Шӯрои Олӣ гузошта шавад.

У. Раёсати азҳоби сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумӣ ҳамзамон бо ба имзо расидан ва ба амал татбиқ шудани нуктаҳои Протоколи мазкур, ки бояд зери назарати тарафайн сурат гирад,

а) барои фавран ва комилан озод кардани майдони Шаҳидон ва Озодӣ чораҳои муассир меандешанд;

б) то охири соли 1992 ҳамагуна гирдиҳамоӣ ва роҳпаймоиҳоро бас мекунанд(ба ҷуз маъракаҳои пешазинтихоботӣ).

Эзоҳ: Моддаҳои 1а, 1б, 1в, 1г, 1д ҳамзамон бо имзои протоколи мазкур иҷро мешаванд.

Ва Президенти беқасру бекӯшк ва бевазорату бесадорат ва беваколату бесалоҳият, дар binoйи Кумитаи амнияти миллӣ паноҳ бурда буд ва дар идораи раиси Кумита нишаста қандчой мехӯрд; ва шабона ноибаш ва раиси Шӯройи Олиро даъват кард, ва онҳо омаданд, ва ӯ гуфт:

– Сардори ҳукуматамон бо сардорони майдони Шаҳидон Протокол тартиб додаанд. Бинем, ки дар он чиҳо навишта бошанд?

Ва интизор шуданд.

Ва соати дуйи шаб раиси Кумита Протоколро овард, ва шарташро ҳам таъкид кард:

– Агар протоколро имзо накунед, ҳамин шаб ба майдони Озодӣ ҳуҷум мекардаанд. Як нафарро зинда намемондаанд.

Ва Президент аз баҳри ноибашу раиси Шӯройи Олӣ гу-

зашт ва ба протокол имзо монд.

Ва ноиби президенту раиси Шӯрои Олӣ ҳам бо андешаи «сулҳи нимкора беҳ аз ҷанги бекора» протоколро имзо карданд.

Ва протоколро бурданд, ки дар майдонҳо хонанд, бо радио шунавонанд, бо телевизор нишон диҳанд; ва ноиб аз Президент пурсид:

– Ҷаноби Президент, мо чӣ кор кунем?

Вай ҷавоб дод:

– Ман намедонам, ки шумоён чӣ кор мекунед!

Ва Президент бо раиси Кумита ба дарун, ба хонаи фароғат даромаданд, ва пас аз андаке як нафар аз берун омад ва ба онҳо гуфт:

– Шумоён, ҳамчун шахсони бемансаб, ҳуқуқи дар бинойи кумита истодан надоретон.

Ва аз берун садойи тир меомад…

Ва майдони Озодӣ Протоколро хуш қабул накард, валекин дар майдони Шаҳидон ҳангома барпо шуд, – табрику тантана карданд, ки ғалаба кардем, ғолиб омадем, ба мурoду мақсадамон расидем.

Ва роҳбарони ҳизбҳову созмонҳову ҷунбишҳойи ғолиб, бо ҳамроҳии ҷондорҳойи мусаллаҳ, ба бӯстонсаройи ҳукуматӣ рафтанд, ва ба машварат нишастанд, ва мансабҳойи давлатиро тақсим карданд. ки баҳсу талошашон тӯлонӣ ва душвор ҳал шуд, чунки фаъолони мансабталаб бисёр, вале шумори мансабҳо камбуд; ва якуним рӯз номнавис карданду хат заданд, навиштанду кӯр карданд,ва ниҳоят, ба ифоқа омаданд, рӯйхати номи одамҳо ва мансабашонро тасдиқ карданд, ва мансабгирифтаҳо шоду хурсанд ба хонаҳояшон рафтанд; баъди рафтани онҳо се нафар Лидер рӯйхатро гирифтанду таҳрир карданд; ва вақте ки фармони Президент дар рӯзномаҳо чоп шуд, чор нафар ҷустанду номи худро наёфтанд, ва ба ситод омаданду сабаб пурсиданд, ва ҷавоб гирифтанд, ки:

– Ҷангро мо кардем. Давлатро мо гирифтем. Мансабҳоро ба шумо диҳем?!

Ва инҳо дар табаддулот фаъоли фаъол буданд, аммо аз

билоди онҳо набуданд.

Ва Дилмурод ҷониби редаксияи рӯзномаи «Садом мардум» мерафт, ва дилаш намекашиду пояш мерафт, ва Ҳайдар сармуҳаррир шуда буд, ва ҷондори мусаллаҳ дошт, ки Дилмуродро дар долон нигоҳ дошт:

– Куҷо меравед? Пропуск доред?

– Не, надорам. Лекин ба Ҳайдар коре дорам.

Ва ҷондор номи ӯро пурсиду дарун рафт ва баргашта омаду дарро нишон дод:

– Дароед.

Ва Ҳайдар ӯро хушнудона ва дар айни ҳол ғолибона пешвоз гирифт:

– Хуш омадед. Ман медонистам, ки шумо дар таҳти дилатон ҳамеша тарафдори мо ҳастед. Аз ин тараф гузаред. Ин ҷо шинед. Рӯ ба рӯ беҳ аз паҳлӯ.

Ва онҳо сари миз рӯ ба рӯ нишастанд.

– Ман ба муборакбодӣ наомадаам, – Дилмурод аз кисабағалаш рӯзномаи чорқатро бароварда пешаш монд. – Шаб ҳамин газета хондам, шабҳойе, ки дафтарҳойи куҳнаи меросиро мехондем, ба ёдам омад.

– Он шабҳо фаромӯш намешаванд. Он баҳсҳо низ фаромӯшшуданӣ нест. Бахусус, баҳсҳо аз ғафлату ҳиммату ғайрату хубу бади хислатҳо, аз оқибати бетарафиву бепарвойиҳо, аз… эҳ, кадом якташро мегӯед?!

– Аз дардҳо, ки дармонашро наёфтаанд. Ё оқиле ёфтаст, вале халоиқ қабул накардааст. Ҳатто ӯро душман гирифтааст. Аз зиндониву бадарға кардани вай шод ҳам шудаанд. Ба ёдатон бошад, дар ҳамон дафтарҳойи куҳна, баъди диданҳову карданҳо, дар ду маврид, ба хулосае омаданд, ки «хислати мардумро дигар кардан даркор». Ба ин маънӣ, ки бо ин донишу бинишу фаҳмише, ки дорем, ба манзили мурод намерасем. Ба мо як бинишу донишу фаҳмиши дигаре даркор, ки муттаҳид бишавем, то ки ба муроду мақсадамон расида тавонем.

– Албатта, ба ёдам ҳаст. Ҳасратхӯриҳоямон ҳам ба ёдам ҳаст, ки бӯйи ғуломӣ аз биниамон нарафтааст. Ба тақдири мулку миллат аз паси панҷа менигарем. Аз гузашти рӯзгор

баҳра намебардорем. Панд намегирем. Ҳарчанд Рӯдакӣ ҳазору анд сол пеш гуфта буд, ки рӯзгор саросар панд аст. Ҳамааш дар ёдам ҳаст.

– Рӯдакӣ «агар дуруст нигарӣ» ҳам гуфтааст. Ҳамин «дуруст нигаристан»-ро мо маърифат кардаем, ё не? Агар кардаем, натиҷааш ку? Агар накардаем, сабабаш чист? Ба андешаи ман, рӯзгор, бечунучаро, Бузург устодест! Аммо барои фаҳмидану ибрат гирифтан ва дар зиндагии рӯзмарра истифода бурдани таҷрибаи Ин Устоди Бузург, ақлу фаросат ва илму фарҳанг зарурат дорад, ки ба ғавраш расида битавонӣ. Бигирем, воқеъаҳойи рӯзҳойи худамонро. Масалан, шумо. Андаруни ҳамаи ин ҳодисаҳо ва воқеъаҳо ҳастед. Агар «дуруст нигаред» сабабу натиҷааш муттаҳидиву ободист, ва ё парешониву вайронӣ?

– Шумо аз моҳ омадаед? Намедонед? Сабабаш, ҷабру ситами коммунистӣ, беҳуқуқиву бенавойии халқ, аз асли худ ҷудо шудани миллату давлат, коҳидани ахлоқ, сӯхтани фарҳанг ва амсоли ин ки худатон нағз медонед. Натиҷааш, озодӣ, ҳуқуқи худро шинохтан, осудаву серу пур зистан, ба асли худ баргаштан, миллату давлат шудан, фарҳанги мурдаро зинда кардан ва амсоли ин.

– Агар боз дурусттар ва холисона нигарем, ҷабру ситами замони манғитиён, нисбат ба даврони шӯройӣ, агар ҳазор бор нагӯем, садҳо маротиба зиёдтару сахттар буд. Он беҳуқуқиву бенавойӣ, ки дар замони манғит буд, даврони шӯройӣ аз беху бунаш барҳам дод. Миллату давлат асле надошт. Ном ҳам надошт. Фарҳанг дар чорчӯбаи дуъову фотиҳа, он ҳам бо забони ғайр, маҳдуд буд. Даврони шӯройӣ ба миллат ва ба давлат ном дод. Фарҳангро оммавӣ кард. Аз зерхонаҳо баровард. Бо нусхаҳойи зиёд чопу паҳн кард. Муқоиса бикунед, кадомаш хуб, кадомаш бад? Кадомаш озодӣ, кадомаш ғуломӣ?

– Шумо тафаккуратон тафаккури коммунистӣ.

– Биёед, ин тамғаҳойи коммунистӣ, капиталистӣ, демократӣ, бозоргониро як тараф монем. Аз воқеъияти рӯз, аз рӯзгори имрӯзаи мардум гап занем. Воқеъият чунин аст, – сари минбар пуропури адолат, ғами оромии мамлакат, серу

пурии миллат, талабҳои озодии виждону матбуот, мубориза ба ҳамагуна зӯровариву ғоратгариву хиёнат. Аммо дар паси минбар ба кадом корҳо машғулем? Камондор бекамонро мекушад, аз хонаву дараш пеш мекунад, мошинашро мегирад; мулк нооором, халқи арасоте гурезону гуруснаву ташна; аҳли савдо ва хоҷаҳои навбаромад, молу мулки давлатро муфту осон молу мулки худ кардаанд. Онҳо аз он пулу моле, ки ба ғорат бурдаанд, ба шумо долия медиҳанд. Маблағу мавод медиҳанд. Шумо ҳазар намекунед. Мегиред. Боз таъриф ҳам мекунед. Боз ҳимоят ҳам мекунед. Ҳамаи ин ба адлу адолат ва беҳбуди рӯзгори халқ ягон алоқае дорад? Ягон муносибате дорад?

– Шумо як ҷиҳати муҳими масъаларо фаромӯш кардед. Воқеият ин аст, ки табаддулот шуд. Инқилоб шуд. Сиёсату муносибат дигар шуд. Ҳамаи ин ба осонӣ нашудааст. Бо осоиштагӣ ҳам намешавад. Зарар мерасад. Хун мерезад. Хароҷот дорад. Пулу молро алҳол кӣ медиҳад, – дузд медиҳад, ғоратгар медиҳад, аҳамият надорад. Муҳимаш ин ки ҳизбро дастгирӣ мекунад. Ҳокимиятро пурра ба даст гирем, баъд пасту баландашро ҳамвор мекунем. Охир, ин корҳо ҳарифонахӯрӣ нест! Инқилоб аст!

– Инқилоб! Ба хотири чӣ? Ба манфиати кӣ?

– Ба хотири халосӣ аз зулми коммунистон. Боройи ба асли худ баргаштан. Ба манфиати мулку миллат. Ба хотири аз хоби гарон хезондани заҳматкашон.

– Фаҳмо. Ба ҳасрати салтанати манғитиён.

Ва Дилмурод рӯзномаи пешашро кушоду паҳн кард:

– Газетаи шумо. Ана ин ҳарф шиор, – Пирӯзии адлу шарафи мардуми тоҷик муборак! Зери ин шиор ҳар вақт фармонҳои нав ба нави Президент ва қарорҳои тоза ба тозаи Ҳукумати Муросойи Миллиро чоп мекунед. Аввал, пирӯзии адлу шараф, яъне чӣ?

– Яъне адолат ғалаба кард бар ҷаҳолат. Шараф ғолиб шуд бар бешарафӣ.

– Чунонки дар кӯчаҳои Душанбе ва водии Вахш мебинем?

– …….

– Ҳамонҳое, ки ба майдон баромаданд, мубориза бурданд, пирӯз шуданд. Ҳамонҳое, ки тарафдорони моянд.

– Ҳисоб кардед, ки чанд одам ба майдон омад?

– ……..

– Намедонед. Ман ҳисоб кардам. Аз сад ёздаҳ қисми аҳолӣ. Ҳаштоду нӯҳ қисми дигар наомад. Тарафдорӣ накард. Пас, чаро фармону қарорҳойи ёздаҳ фисадро, ки зӯран ба гардани Президент бор мекунед, ва ҳамаи он ғайриқонунист, пирӯзии адлу шарафи мардуми тоҷик, гӯён ҷор мекашед!? Адлу шарафи кадом мардум, дар ҳоле ки ҳаштоду нӯҳ фисадашон муқобил ҳастанд?!

Ва ба Ҳайдар фазо танг омад, ва ҷаҳл ақлро фурӯ бурд, ва одоби сӯҳбатро фаромӯш кард:

– Ту аз ман чӣ мехоҳӣ?! Ба ман чӣ даъво дорӣ?! Ин ҳама сафсатаро чаро ба ман мегӯйӣ?!

– Ман дар боби ҳамин «сафсатаҳо» мақола навиштаам. Мехоҳам, ки шумо дар газетаатон чоп бикунед.

– О, ҳушат дар сарат ҳаст?! Ман ҳамин рӯз ин хел мақоларо чоп кунам, фардо онҳо манро зинда ба зинда пӯст мекананд!

Ва прокурори генералӣ панҷ рӯз таку дав кард, вале ба сӯҳбати Президент расида натавонист, – аз хонааш ҷавоб медоданд, ки таги капелнитса хоб рафтааст, ва аз идорааш мегуфтанд, ки банд аст, бо генералҳойи мардумӣ машварат дорад… Ва рӯзе, ки ба қабулаш даромад, вай ба телефон мухтасар ҷавоб медод:

– Мебинем… меомӯзем,. Мебинем…

Ва прокурор як даста фармону қарорро, ки аз рӯзнома бо ҳавсала қайчӣ карда гирифтааст, ба дасти Президент дод:

– Ҳамааш хато. Ҳамааш бесаводона. Ҳамааш ба ягон қонуну қойда рост намеояд. Шумо чӣ гуфта ба ҳамаи ин имзо мекунед?

– Шумо аз ҳоли ман хабар надоред. Аҳволи манро намедонед. Ба ман бисёр душвор. Ҳоло фармон тайёр кардаанд, ки як одамашон ноиби президент шавад. Ё имзо мекунӣ, мегӯянд, ё ки ҷангу хунрезӣ…

– Имзо намонед. Ёфтанд роҳи гапгузарониашонро. Не, гӯйӣ, хунрезӣ мешавад? Бе ин ҳам ҳар рӯз хун рехта истоданд. Имзо накунед. Ноиб таъинӣ нест. Интихобӣ аст. Ҳамин хел фармонро имзо кунед, конститутсия, интихобот ва худатонро бадном ва беобрӯ мекунед. Ягон роҳи дигарашро ёбед. Ҳаргиз имзо накунед.

Ва аз ин сӯҳбат се рӯз нагузашта Прокурори генералиро, дар тангкӯчаи роҳи хонааш, силоҳдорону ниқобдорону мошинсавор чунон зери тир гирифтанд, ки ҷилди мошинаш ва пӯсти худаш ғалбер шуд.

6

Ва Протоколи Муросои миллӣ навишта шуд, ва Президенту ноибаш ва Раиси Шӯройи Олӣ ва мардуми майдони Озодӣ ҳарчанд ки ба мазмуну мундариҷаи он, аз бисёр бобатҳо, розӣ набуданд, ба умеди оромиву осоиштагӣ, вале бо дили нохоҳам, Протоколро имзо карданд; ва шартҳояшро, сари вақт, бекамукост, ба иҷро расониданд, – ба истеъфо рафтанд, ваколатҳояшонро доданд, аз майдони Озодӣ баромада рафтанд.

Ва лидерҳойи майдони Шаҳидон ва Девони Вазирон, ки худҳошон ташаббускор буданд, ва худҳошон ҷамъ омаданду нишастанду гуфтанду навиштанд, ва Протоколи тайёрро бори гардани Президент карданд, баъди ба имзо расидани Протокол, шартҳойи онро заррае ба инобат нагирифтанд, – қасри Президент ва бинойи Садову Симо ва аэропорту вокзалро озод накарданд; ва майдони Шаҳидонро холӣ накарданд, ва гирифтани силоҳ аз дасти фидоиён дар хаёлашон ҳам набуд.

Ва ба ҳукумати навташкилашон чунин ном монданд, – Ҳукумати муросои миллии Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ва мансабҳоро гирифтанд.

Ва як шабу як рӯзи аввал дар майдон, дар масҷид ва дар ресторан аз ғалабаву зафарҳо гап заданд, ва нест боду муборакбодҳо гуфтанд, ва оғӯшкашиву бӯсобӯсҳо карданд.

Ва дар шаби дигар лидерҳо хабару хости Волдамирҳо,

ва тавсияи ситодҳои онҳо, ва тадбири хоҷаҳои маблағгузор, ва нияти такягоҳҳои хориҷӣ, ва маслиҳати мушовирони ҳарбии манфиатдорро ҷамъбаст намуданд; ва субҳи содиқ омаданд ба идораи Президент, ки аз они худ кардаанд, ва маҷлис оростанд, ва аз вазъи сиёсӣ, ҳадафҳои оянда ва қудрати ҳарбӣ маърӯзаҳо хонданду шуниданд; ва хулосаи пушту паноҳҳояшонро зам намуданд, ва қарор бароварданд:

Майдонро тарк намекунем. Муборизаро давом медиҳем.

Аз водии Вахш ва аз ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ мардумро бештару бештар ва фаъолтар даъват карда ба майдон мебиёрем.

Бинойи Кумитаи амнияти миллӣ ва Вазорати корҳойи дохилиро муҳосира мекунем. Мансабдоронашро, мувофиқи рӯихат, гаравгон мегирем.

Ва берун баромаданд назди анбӯҳи масти пирӯзӣ, ва раиси ситоди Наҷоти ватан ба даст микрофон гирифт:

– Бародарони оқилу доно! Ҳоло ғалабаи мо ғалабаи ниму нимкора. Ба ин ғалабаи андак ғарра нашавед. Фирефта нашавед! Ҳоло корзорҳо дар пеш. Муборизаҳо дар пеш. Мо дар сари роҳем. Аввалин қадамҳоро гузоштем. Оғози пирӯзиро дидем, аммо ин кифоя нест. Пирӯзиро бояд анҷом дод. Нимкора не, пурра пирӯз бояд шуд. Коммунистони бадбахту беХудоро нимҷону нимбисмил мондан аз рӯйи ақл нест. Хатар дорад. Аз беху бунёдаш несту нобуд бояд кард.

Ва сарлашкар генерали мардумӣ, аз сабаби ҷиҳоду ғазавот ва дарҳойи кушодаи ҷаннат ба рӯйи шаҳидон вазъи дарозе гуфт, ва зимнан давоми муборизаро муайян кард:

– Ҳоло мо идораҳойи муҳимтаринро нагирифтаем. Вазорати корҳойи дохилӣ ва Кумитаи амнияти миллиро нагирифтаем. Ҳамаи қувва, сипоҳу силоҳи давлат ва ҳамаи сирри давлатӣ дар ҳамон ҷоҳост. Нагирифтаем, бояд гирем, мегирем!

Ва анбӯҳи одамон мушт гиреҳ карданду ба ҳаво бардоштанд, ва аз бозувони болойи сар дар ҷавлон ва

муштҳойи гиреҳхӯрда, фазойи майдон пуропури найзаҳойи ҷунбон шуд:

– Мегирем! Мегирем!

Ва нишеб шуданд, ки зуд бираванд ва зуд бигиранд; ва генерали мардумӣ, яке бо либоси низомӣ, дигаре бо саллаву ҷома, яке беришу дигаре бо риш, аз ду паҳлу наъра кашиданд:оллоҳу акбар! Ё марг, ё ғалаба! Ва тӯдаи одамҷӯшаки ришсафеду ришсиёҳ ва навхату бериш ва яктакдору курткапӯш, ва силоҳдору бесилоҳ, ва фидоиву ҷиноиву худнамо, такрор карданд: Оллоҳу акбар! Ё марг, ё ғалаба! Ва аз анбӯҳи мардум пеш баромаданд ва аз майдони Шаҳидон сӯйи бинойи Кумитаи амният равон шуданд; ва наврасону пирон пеш-пеш, ва фидоиёну қумондонҳо дар байн, ва ду мошини зиреҳпӯш аз ақиб мерафтанд; ва бо ҳалҳалаву валвала хиёбони Рӯдакиро лаббалаб пур карда мерафтанд, ва рафтанду аз кинотеатри Ҷомӣ гузаштанд, ва баландтару бадвоҳима Оллоҳу акбар! гуфтанд, ва биноро иҳота карданд, ва ҷониби дару девораш тир кушоданд, ва фарёд заданд:

– Силоҳатонро партоед! Берун бароед! Таслим шавед!

Ва аз дарун садо баромад, – як бор садойи омехтаи тири автомату гулӯлаи тӯп, ва боз як бор садойи омехтаи тири автомату гулӯлаи тӯп; ва ҳар ду мошини зиреҳпӯш таркиду сӯхт, ва генералҳойи мардумӣ паси деворҳо давиданд, ва қумондонҳо гурехтанд, ва тӯда ҷонҳавл титу парешон шуд; ва хабар то ба майдони Шаоиш дар ҷумҳурӣ» таъсис ёфта буд, бахотири майдони Шаҳидон, илоҷашро ёфтанд, – ба раис дасти ёрӣ дароз накарданд, ва раисро ба дасти қумондони фидоиён доданд, ва қумондонҳидон расид, ва майдоннишинону майдондорон хаймаҳоро партофта, ҳадаҳа ба ҳар гӯша тохтанд, ки сарбозон ҳоло ҳозир расида меоянд, ва … валекин сарбозон фидоиёнро таъқиб накарданд, ва ба тарафи майдони Шаҳидон ҳам наомаданд.

Ва Ҳукумати Муросои Миллӣ, баъди се рӯзи таъсису ташкил шуданаш, ба Ҳукумати Хусумати Миллӣ табдил ёфт.

Ва Президентро касе суроғ намекард, ва ӯ ҳам одамони

даркориашро меҷусту намеёфт.

Ва ба муқобили зӯру силоҳу фидоиёни майдони Шаҳидон, дар паҳнойи мулк зӯрону силоҳдорону тарафдорони Ҳукумати қонунӣ ба по хестанд. Ва ин муқобилон аз аввал ҳам буданд, ва дар ин ҷову дар он ҷо митингҳо мекарданд ва муроҷиатномаҳо мефиристоданд, вале натиҷае намедиданд, – фидоиён таъқибу таҳдиду куштору ғоратро камтар не, зиёдтар мекарданд, ва ба деҳаҳо ҳуҷум меоварданд, ва хонаву дари одамонро месӯхтанд, ва мардум ба фирор маҷбур мешуданд, ва масҷидҳо, ки хонаи Худо буд, вазифаҳойи хонаи ҳукуматро мегирифтанд… Ва деҳаҳову шаҳракҳойи зери таъқиб ва тороҷ, дастаҳойи муқовимат таъсис доданд, ва бо белу хода ба ҷанги рӯёрӯ хестанд; ва сари кор, сар шиканад, – талафотҳойи мудҳиш доданд, ва роҳҳойи силоҳ ёфтанро ҷустанду ёфтанд; ва ситодҳо сохтанд, ки қобилияти ҷанг дошт.

Ва давру даврони силоҳдорон, ки ба мардуми бесилоҳ ҳарчӣ мехостанд бемамониат анҷом медоданд, ба охир расид.

Ва вақту замоне фароҳам омад, ки тирро бо тир ва тӯпро бо тӯп истиқбол мегирифтанд.

Ва дар майдони Шаҳидон ҷаноза хонданд, ҷанозаи «шаҳидони гулгулкафани роҳи ҳақиқат ва озодӣ», яъне ҳамон ҷавонмардоне, ки дирӯз бегоҳӣ, ҳангоми ҳуҷум ба бинойи Кумитаи амнияти миллӣ, қурбон шудаанд; ва пас аз ояту тиловат, дар фотеҳа фатво доданд, ки :

– Ҳар як бандаи Худо, ки имрӯзу фардо, дар ин ҷанг шаҳид мешавад, калиди ҷаннатро ҳамроҳаш мебарад.

Ва Лидери лидерҳо дар таҳният ва тасалло ба пайвандони шаҳидон гуфт:

– Президент ба Протоколи Муросои Миллӣ хиёнат кард. То рӯзе, ки Президент аз мансаб наравад, курсии президентиро холӣ накунад, мо ягон хел муросову мусолиҳаро қабул намекунем.

Ва Лидери сиёсӣ тақвият дод:

– Аз хоби гарон бархезед! Аз Латвия ибрат гиред! Аз Грузия ибрат гиред! Вақти мубориза расидааст. Вақти

гуфтугӯву протоколҳову муросоҳо нест. Вақти мубориза аст.

Ва минбаъд на аз Латвия ибрат гирифтанд ва на аз Грузия, – дар ин ҷумҳуриҳо ҷанги шаҳрвандӣ нашуд, онҳо бе хунрезӣ табаддулоти давлатиро анҷом доданд ва давлатҳояшонро демократӣ эълон карданд, ва демократҳойи Тоҷикистон, ба ҷуз истеъфойи якеву мансаб гирифтани дигаре, ҳамаи ҳадафҳойи демократияашонро сарфи назар карданд, ва оташи ҷанги шаҳрвандӣ аланга зад; ва ҷанге шуд, ки собиқа надошт, – дар ҷангҳо, чун одат, аскар бо аскар меҷангид, ва лашкар бо лашкар меҷангид, валекин дар ин ҷанг фарқ байни ҷангиву аҳолӣ риоя намешуд.

Ва мардуме, ки аз майдони Озодӣ ба хонаҳошон рафта буданд, ва дигар тарафдорони онҳо Ҳукумати Муросои Миллиро эътироф накарданд, ки конститутсионӣ нест, қонунӣ нест, ва бояд ҳукумати қонунӣ барқарор бишавад, вагарна бо зӯри бозуву силоҳ барқарор хоҳем кард.

Ва майдони Шаҳидон шиор партофт, ки «Тоҷикистон давлати исломӣ нест, молу мулки онро талаву тороҷ кардан савоб аст». Ва талаву тороҷ мекарданд, – фақат аз шаҳраки Роғун яксаду панҷоҳ мошини КАМАЗ ба ғорат рафт, ва ҷойи истифода ва тарзи истифодаи он набуду намедонистанд, мошинҳойи наппа-навро вайрон карданд ва оҳанпораҳояшро арзону гарон ба хориҷиҳо фурӯхтанд.

Ва роҳи вилоятро бастанд, – ба орду нон қаҳтӣ омад, ва раиси вилоят назди ҳукумат арз овард, ки «ягон илоҷашро ёбед»; ва Ҳукумати Муросои Миллӣ, ки «ба хотири раҳойӣ аз бӯҳрони сиёсӣ ва барқарор кардани сулҳу осоиш дар ҷумҳурӣ» таъсис ёфта буд, ба хотири майдони Шаҳидон, илоҷашро ёфтанд, ба раис дасти ёрӣ дароз накарданд, ва раисро ба дасти қумондони фидоиён доданд, ва қумондон ӯро ба ситоди масҷиди Йужний бурд, ва масҷиду фидоиёнашро ду мошини зиреҳпӯши вазорати корҳойи дохилӣ посбонӣ мекард; ва дар масҷид хонаи хосе бо асбобҳойи азобу шиканҷа сохта буданд.

Ва раиси вилоятро ба ҳамон хона даровcovered, ва … Ва

азобҳойи сахти ҷисмонӣ ва дардовару ҷонкоҳ додани як фарзанди Инсон аз тарафи як ҳамҷинсаш дар таърих кори наве нест, балки ин ҷаҳли мураккаб ва форти бераҳмӣ хеле куҳна аст, ки усулҳойи рангорангашро ихтироъ кардаанд, ва ҳатто дар киноҳо нишон медиҳанд; ва маъмулан ҳадафи ахбор гирифтан дорад, ки ҷонаш ба лаб ояд, ва тоқат карда натавонад, ва сири ҳарбӣ ва ё давлатиро бигӯяд, ки донистанаш ба манфиати душман бошад. Валекин қумондон эҳтиёҷе ба ахборе надошт, ва ягон сири ҳарбиву давлатӣ низ дар байн набуд, ва ӯ раисро азоб медод фақат барои он ки аз майдони дигар аст, ва фақат барои он ки масалан, нохунашро бо анбӯр канад, ва дарди ҷони ӯро дар рагу пайванду лабу абрӯяш бубинад, ва кайф бикунад, чунонки бангӣ аз кашидани банг кайф мекунад.

Ва дар шаҳри Қӯрғонтеппа конфронси тоҷикони кӯҳистон даъват карданд, ва масъала гузоштанд, ки «соҳиби давлат моем, мо давлатро бояд бигирем»; ва муаллими ҷуғрофия дар сӯҳбаташ тавзеҳ дод, ки нияти хеле хуб кардаед; Тоҷикистон дар ҳудуди имрӯзааш сарбасар кӯҳистон аст. Агар мо мардуми ду-се дараро тоҷикони кӯҳистон бигӯем, ва мардумони ҳашт-даҳ дараи боқимондаро тоҷик нашуморем, сарҳади бе ин ҳам танги будубоши миллатро боз ҳам тангтар мекунем. Ба нестӣ мерасонем, ки душманони миллати мо ҳазор сол аст, ки дар дил чунин орзу доранд. Баъд ҳамин хел нашавад, ки нияти хуби хубамон, оқибати бади бад ба сарамон биёварад? Ҳамин хел нашавад, ки дар натиҷаи ҷудойиандозиҳо худамон бо дасти худамон, бо мубоpизаи мусаллаҳона байни худамон, душманонро ба орзуяшон бирасонем?

Ва муаллимро, пас аз анҷоми кори конфронс, ба ҳаммоми совхози Туркманистон бурданд, ва даҳ рӯз беному нишон шуд; ва аҳли авлодаш даҳ рӯз ҷустуҷӯ карданд, ва ниҳоят дарак ёфтанд, ки мурдааш дар ҳаммом, ва чандин касро восита карданд, ва дусад ҳазор рубл ришва доданд, ва ҷасадашро гирифтанд.

Ва полковники милиса ба дараи Рашт рафту барнагашт, ва ҳамкоронаш кофта-кофта то Калтуч рафтанд,

ва дар Калтуч як даста камондор ба онҳо гуфтанд, ки:

– Ҳамон полковникро мо дидем.

– Дар куҷо дидетон?

– Ҳо дар лаби дарё.

– Ҳоло дар куҷо бошад?

– Дар даруни дарё. Мо доштему даруни бочка андохтем. Даҳонаша сварка кардем. Дангал кардем ба ҷӯши дарё. Ҳоло сурудхонон мераваду меравад.

Ва қумондони совхози Куйбишев, электрики дирӯза, подполковники имрӯза, ба муносибати аз дасти фидоиён озод кардани деҳа, тӯй дод; ва ошпази собиқ президентро ҷеғ зад, ва ошпаз бо ду шогирдаш омад, ва қумондон фармуд, ки «аз ҳамон таъомҳое, ки барои Ӯ мепухтӣ, барои шербачаҳои мо мепазӣ». Ошпаз пурсид:

– Масолеҳ ҳаст?

– Масолеҳро худат ёбу биёр, – гуфт.

– Аз куҷо ёбам? Ин қадар масолеҳ дар деҳа нест. Мардум ҳама қашшоқ. Дар ноҳия ҳам ёфт намешавад.

Ва қумондон Калашниковро рост карду як шогирди ошпазро шартӣ парронд.

Ва ошпаз зону зад бо илтиҷо:

– Напаррон. Ягон илоҷашро меёбам.

Ва рӯзномаҳойи озод, мубаллиғони озодии сухан ва озодии виждон, ва садову симойи мардумӣ, хабарҳо чоп мекарданду нишон медоданд аз ваҳшигариҳо, ва ба фаҳми худашон, озодонаву холисона, ва дар асл иғвогаронаву бевиждонона, ва касе пул диҳад, ҳамонро сафед мекарданд, ва гуноҳи якеро ба гардани дигаре мепартофтанд, ва аҳолӣ намедонист, ки ба кадомаш бовар бикунад; ва якдигарбадбинӣ ба маротиб меафзуд, ва қасосгирӣ дар дилу сарҳо хона мемонд, ва дӯст бо дӯст душман мешуд, ва деҳаҳо месӯхт, ва хуни ноҳақ мерехт.

Ва ситодҳойи ҳарбии ҳар ду тараф Наҷоти Ватан ном дошт, ва сокинони Ватан ба чор тараф гурезону саргардон буданд, ва аҳолӣ либосу палосу асбобу анҷоми хонаашро сари кӯча бароварда ба фурӯш мемонд, ки як пули сиёҳе биёбаду гарду гурди хӯрдание бихарад; ва бохираду бехи-

рад сарфаҳм намерафтанд, ки инҳо кадом Ватанро аз зулму ситами кадом ғосибу истилогар Наҷот медиҳанд?

Ва бозори ояндабинҳову валиҳову ғайбдонҳо тафсид, – дар дохили мулк ва дар хориҷи он қаламкашоне фаъол шуданд, ки аз тақдири минбаъдаи Тоҷикистон мақолаҳо менавиштанд, ва пешгӯйиҳо мекарданд, ки ояндаи ин давлат тиpаву тор аст, ва анқариб ба маҳалҳову қавмҳову қабилаҳову авлодҳо ҷудо мешавад, ва аз давлати яклухти мутамарказ ному нишоне намемонад, ва дар ҳар як водӣ як мире ва ё як шоҳе ҳукм меронад, чунонки дар асри нуздаҳ буд.

Ва шоире, ки ба умеди «ваҳдату якпорчагии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бовару эътиқоди «миёни нирӯҳои ба ҳам муқобил фавран оташбас эълон мешавад», вазифаи миёнаравиро ба гардан гирифт, ва дар иншову таҳрири «Протоколи созиши байни Раиси ҷумҳур, Девони Вазирон, ҳизбҳои сиёсӣ ва созмону ҷунбишҳои мардумии Тоҷикистон» заҳмат кашид; ва умре дар омӯзишу тафтиш буд, ки сабабҳойи паҳну парешонӣ, ва камзарфии сиёсӣ ва сариштa карда натавонистани давлату давлатдорӣ ва мулкҳову шаҳрҳоро партофта ба кӯҳсори касногузар паноҳ бурданро ёбаду ба мардум бигӯяд; ва воқеъаву ҳодисаҳоеро, ки баъди таъсиси Ҳукумати Муросои Миллӣ рӯй дод, бо чашми худ бидид, ва мағзи сараш таркид, ки сабаби он ҳама бохтҳо худи соҳибони Ватан будаанду мо гирди ҷаҳон сабаб кофта гаштаем; ва ҳарчанд медонист, ки фарёдаш фарёдрас надорад, дардаш дар дилаш нағунҷид, ва боз фарёд кашид:

*Чӣ хабар? Чӣ ҷангу даъво? Ту напурсу ман нагӯям,*
*Кӣ шикаст мӯҳраи мо? Ту напурсу ман нагӯям.*
*Кӣ бурид решаи мо? Кӣ бисӯхт бешаи мо?*
*Кӣ рабуд ганҷи моро? Ту напурсу ман нагӯям.*
*Кӣ чӣ кард бо Самарқанд, ки чунин нагунаш афканд?*
*Кӣ чӣ кард бо Бухоро? Ту напурсу ман нагӯям.*
*Зи ҳазорсола таърих? На! Ҳазорсола таъхир?*
*Ту напурс, ҷони бобо, Ту напурсу ман нагӯям.*

*Кӣ маро чунин пароканд? Кӣ туро ба хун биёганд?*
*Зи Худост ё худи мо? Ту напурсу ман нагӯям.*
*Хабаре зи асли худ не, сафаре ба васли худ не,*
*Ману ту ҳаем оё? Ту напурсу ман нагӯям.*
*На Куруш, на хурӯше, на ситез, на тамизе,*
*Чӣ нишон зи бахши фардо? Ту напурсу ман нагӯям.*
*Ҳама рафта кӯ ба кӯе, нашавем рӯ ба рӯе,*
*Кӣ гирифт мулки Доро? Ту напурсу ман нагӯям.*
*Раҳи куфру дин чӣ ҷӯӣ, ту зи нафси ину он гӯй,*
*Кӣ бувад Калашниково? Ту напурсу ман нагӯям.*
*Ту гулӯи чашма бастӣ, худи ту зи ман бипурсӣ,*
*Ки чаро хушкид дарё? Ту напурсу ман нагӯям.*
*Ту ба маснаде расидӣ, на ба мақсаде расидӣ,*
*Чӣ шунидӣ аз раоё? Ту напурсу ман нагӯям.*
*Нарасида бар худимон, нарасем бар Худомон,*
*Чӣ касем дар ду дунё? Ту напурсу ман нагӯям.*

Ва ҷанг доман паҳн мекард.

Ва гурехтану талафоти моливу ҷонӣ додан, ва гиристану вовайло гуфтан, ва бекор мондану паси луқмаи ноне давидан, ва азобҳойи ҷисмониву рӯҳӣ кашидан, азони аҳолӣ буд.

Ва каттагиву молу ҷони одамонро ҷабран гирифтан, ва хандидану кайфу сафо кардан, ва соҳиби кор шудану зиёфатҳойи шоҳона додану хӯрдан, ва лоф задан аз фойдаву неъматҳойи фаровони ҷанг, азони камондорон буд, ки мардум боевик мегуфтанд.

Ва Президенти беқасру бекӯшк дар хонааш нишаста шароби бегазак мехӯрд, ва сарвазиру вазирон ӯро суроғ намекарданд, ва ҳатто касе бо масъалае ва ё маслиҳате наздаш намеомад, ки шикояте бикунад ва ӯ дар ҷавоб ҳамон се калимаи медонистагияш, – мебинем, меомӯзем, мебинем-ро бигӯяд. Ва зиқу зақум буд, ки рӯзе фиристодае аз Шӯройи Олӣ омад ва хабар дод:

– Қарор шуд, ки шумо бо ҳамроҳии аъзоёни ҳукумат, барои ҳалли баъзе мушкилаҳои сиёсӣ, бояд ба шаҳри Ленинобод биравед.

Ва Президент рафт аэропорт бо се нафар посбон, ва аъзоёни ҳукумат пештар аз ӯ омада буданд, валекин баробари расидани вай, худро нишон надода, дар куҷое рӯ пинҳон карданд, ва ӯ ба хонаи ҳукуматӣ даромад ва касеро надид, ва хидматгорони аэропорт ҳам ӯро чандон гарм пешвоз нагирифтанд; ва вазъият зоҳиран хеле шубҳаовар менамуд, аммо вай таҳлил накард, ва хулосае набаровард, ва нишасту қаҳва фармуду интизор шуд; ва ним соат интизор шуд, як соат интизор шуд, на аъзоёни ҳукумат омаданд ва на аз самолиёт хабаре расид; ва баъди як соату понздаҳ дақиқа посбонон ба ташвиш афтоданд ва ранги рӯяшон канд:

– Хонаро боевикҳо муҳосира карданд!

– Чӣ хед муҳосира?!, – ва фурсат нашуд, ки Президент ҷавоб бигирад, ва як даста фидойӣ, автомат ҳамоил, ба хона даромаданд ва силоҳи посбонҳоро гирифтанд ва гирди Президентро печонданд:

– Хона дар муҳосира. Ҳеҷ доду бедоде фойда надорад. Дар ин ҷо, дар ин момент, танҳо ду тадбир ҳаст. Яке ҷон, дигаре мансаб. Мансабро дӯст медорӣ, ҷонатро медиҳӣ. Ҷонатро дӯст медорӣ, ариза менависиву бо ихтиёри худат ба истеъфо меравӣ.

Ва Президент ба истеъфо розӣ шуд.

Ва ҳамон замон аъзоёни ҳукумат ҳозир шуданд, ва ин аъзоён раёсати Шӯройи Олӣ буданд, ва таъҷилан дар ҳамон хонаи ҳукуматӣ, дар аэропорт, дар ҳузури боевикҳо, маҷлиси раёсати Шӯройи Олӣ ба кор шурӯъ кард, ва аризаи Президентро ба инобат гирифт, ва истеъфойи ӯро ранги Қонунӣ дод.

Ва аввалин Президенти Тоҷикистон, ки бо усули демократӣ ва умумихалқӣ интихоб шуд, баъди ёздаҳ моҳ, аз тарси ҷон, ба истеъфо рафт.

Ва ҷанги мансабгирӣ дар боло, дар Қаср, як навъ ба охир расид, валекин дар поён, дар районҳо ва дар вилоятҳо ҷанги шаҳрвандӣ шиддате дошт бештар аз пештар; ва аз боло, аз Қаср, бо ташаббуси ҳукумат, дар шаҳри Душанбе, Анҷумани тоҷикони ҷаҳонро даъват карданд, ва аз Америкову Ан-

глияву Афғонистону Қирғизистон меҳмонҳо оварданд, ва як ҳафта дар маҷлисҳойи мутантан аз саҳми бузурги тоҷикон дар фарҳанги ҷаҳон маърӯзаҳо хонданду ваъзҳо гуфтанду кафҳо кӯфтанд; ва зиёфатҳо хӯрданд, ва қадаҳҳо бардоштанду шодбошиҳо гуфтанд, ва сурудҳо шуниданду рақсҳо диданд; ва дар поён, дар Қӯрғонтеппа, ҳамон рӯзҳо тоҷикони мусаллаҳ хонаву дари тоҷикони бесилоҳро валангор карданд ва соҳибони хонаҳоро куштанду гурезониданд, ва шаш ҳазор одам нобуду маҷрӯҳу фирорӣ шуд.

Ва дар шаҳри Душанбе мардум аз тарсу ваҳм ба кӯча намебаромаданд, ва шахсе аз хонаводае паси кори рӯзгор ба магазину бозор биравад, маълум набуд, ки сиҳату саломат ба хона бармегардад ё не; ва таги дарвозаи зовуди нон шабу рӯз пури одам ва пури ғавғо буд, – марду зан ва пиру ҷавон тараддуду талош доштанд, ки илоҷе бикунанд, ва як ё ду буханка хлеб бигиранд, ва силоҳдорон аз болойи сарашон тир мепарониданд…

## 7

Ва ҷанговарон дар шаҳри Хоруғ Оши оштӣ хӯрданд, – аз ҳар ду тарафи муқобил ҳаштод саркардаву қумондон омад, ва сари дастархон нишастанд; ва ду рӯз баҳсу мунозира карданд, ва забони сулҳу салоҳро ёфтанд, ва иборат аз шонздаҳ банд шартнома навиштанд, ва қавлу байъ шуд, ки ҷанг кори одамони хирадманд нест, ҷанг ватанро вайрону мардумро хонахароб мекунад. Назди одами доно сулҳ беҳтар аз ҷанг.

Ва Дилмурод дар клуби шоҳмот дар хараки бехи девор нишаста рӯзномаҳойи сари зонуяшро варақ мегардонд, ва сарлавҳаи «Созишномаи Хоруғ»-ро дид, ва аз ҷо бархесту рафт болойи сари Қодир, ки вай бо ҳарифи доимияш, бо собиқадори Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва заҳмати сотсиалистӣ, сар хам рӯйи тахтаи шоҳмот, ғарқи бозӣ буд, ва бандҳойи созишномаи сулҳу салоҳ ва Оши оштӣ хӯрдани тарафҳойи муқобилро бурро ва бо садойи баланд хонд, ки ҳамаи ҳозирон бишнаванд; ва Қодир аз тахта сар набардошт:

– Дафъаи сеюм аст, ки онҳо Оши оштӣ мехӯранд. Лекин

рӯйи Оштиро ҳеҷ не ки бубинем. Онҳо на лафзи ҳалол доранд ва на ақидаи устувор.

Ва собиқадор шарик шуд:

– Лафзи ҳалолашро намедонам. Аммо аниқ медонам, ки дар ақида устувор набудан аз хислатҳойи хеле куҳнаи ин мардум аст. Аниқ медонам.

Ва ҳозирон ба даҳони ӯ нигаристанд, ба маъное, ки «ин қадар дилпурсӣ аз куҷо?», ва ӯ саволи ногуфтаро пайхас рафт, ва суханашро давом дод:

– Як мисоли хурдакак: Асбоби ошхӯриро чумча мегуфтем? Мегуфтем! Бегонаҳо омаданду қошуқ гуфтанд. Мо ҳам чумчаро фаромӯш кардем. Қошуқ гуфтем. Бегонаҳойи дигар омаданду лошка гуфтанд. Мо ҳам лошка мегӯем. Ё ин ки то дирӯз командир мегуфтем. Имрӯзҳо дар забони ҳама қумондон.

Ва Дилмурод лабханди заҳрдоре кард:

– Тутро бо бед муқоиса намекунанд. Ин мисолҳойи шумо ба Оши оштӣ чӣ муносибате дорад?

– Муносибати бевосита дорад, агар ба моҳияташ таваҷҷӯҳ бикунед. Ин ҷо муқоисаи туту бед нест, ин ҷо муқоисаи устувориву ноустуворӣ ҳаст. Ишора ҳаст. Хурдиву калонии мисол фарқе намекунад. Фақат дуруст шарҳ додан ва хулоса баровардан даркор. Биёед,ҳамин мисоли хурдакакро ҳамелбандӣ мекунем. То интиҳойи мантиқиаш мебарем. Асбоби рӯзгор номи аслӣ дошт. Аз берун номи дигар оварданд. Асл фаромӯш шуд. Оварда ҷояшро гирифт. Шаҳр номи аслӣ дошт. Омадаҳо номи дигар монданд. Асл аз байн рафт. Наваш машҳур гардид. Ҳамин тариқ водиҳо, рӯдҳо, кӯҳҳо, кишварҳо, номҳойи таҳҷойӣ доштанд. Ҳар истилогаре омад, он номҳоро дигар кард. Қабул шуд. Касе муқобил набаромад. Ҳамаи инро ҷамъу тарҳ бикунем ва зарб бизанем, як натиҷа мегирем, – ақли ин мардум дар гӯшашон, на дар сарашон. Бино бар он устуворӣ надорад. Зудтағйир, зудгузар. Лаҳзае дар гӯш, умре фаромӯш.

Ва Қодир эрод гирифт:

– Домулло, ҳамаи мисолҳотон дуруст барин. Лекин би-

сёр дур рафтед. Аз мавзӯъ дур рафтед.

– Баракс. Ба мавзӯъ бисёр наздик омадем. Мухтасар мекунем. Агар ба ақидаамон устувор мебудем, дар ин кашокашу ҷанҷолҳойи солҳойи охир, истеъфойи як президент кифоя буд. Мушкилипҳо ғун оварданд. Ва қодир шуданд ба пешгирӣ ва зарба задан. Ва фидоиёни Наҷоти Ватанро осон мешуданд. Даъвойи дигаре намемонд. Дар амал чӣ шуд? Худатон дидед. Як талабу даъворо имрӯз қонеъ гардонанд, ба ҷойи он ки ором бишаванд, фардо ду талабу даъвойи дигар пеш меоварданд, ором намешуданд. Ҳамин аст ақида ва андешаи устувор?! Не, ба устувории ин оши оштӣ хӯрдану созишнома навиштану дар газет чоп карданашон, ман бовар надорам. Намурем, мебинем.

Ва диданд.

Ва саркардаву қумондонҳо аз Хоруғ барнагашта, дар ин ҷову он ҷо ҷанг сар зад; ва акнун ҷанг, ба мисли пештара, ҷангҳои ҳарҷозанак ва ғофилгир набуд, акнун ҳар ду ҷабҳа фронт доштанд, ситоди марказӣ доштанд, афсарони таълимдидаву касбӣ доштанд, мушовирони хориҷӣ доштанд. Ва акнун ду майдон дар шаҳри Душанбе аз ду микрофон ба тарафи якдигар гап намепарониданд, балки аз Душанбе ҷониби ағбаи Шаршару водии Вахшу Ҳисор ва аз Ёвону Вахшу Ғозималику Ҳисор тарафи Душанбе тиру тӯп мепаронданд.

Ва аҳолӣ дар байни обу оташ монд.

Ва Волдамирҳо ба ситодҳояшон барқия паси барқия мефиристониданд, ки «ҷанги тоҷикон бо тоҷикон аз нияту аз чашмдошти мо, ки андаке меҷанганд ва мӯҳтоҷ ба халосгар мешаванд, ва он вақт рӯ ба мо меоваранд, ки бе мо давлатдорӣ карда наметавонанд, даҳ қади найза ҷоҳилонатар мешавад. Ба дараҷае, ки роҳгузаронро медоранду мепаронанд. Хона ба хона даромада одамеро, ки аз маҳали худашон нест, мекушанду ғорат мекунанд. Ба тахмин то ҳол қариб сӣ ҳазор одам талаф шудааст. Ҳар як мақтул хешу табор дорад, ки ба қасос гирифтан миён мебандад. Мақтулон ду баробар меафзояд. Қасосгирон ҳам ду маротиба зиёд мешавад. Ҳамин хел беохир. Ҳамааш аз

бедавлатӣ. Аз набудани ҳукумат. Пеши ин роҳи фаноро гирифтан лозим».

Ва ситодҳо ба Тоҷикистон садақа фиристониданд, ки ёрии башардӯстона мегуфтанд, ва ин садақаҳо иборат буданд аз орди куҳна, биринҷи миттазада, равғани ба савдо нарафта, ва либосҳойи обшуста ва доруву дармонҳойи мӯҳлаташ гузашта, ва «ёрии башардӯстонаро» барои дармондаву бечораву ятиму пиру бемор мефиристоданд, ки азоби гуруснагиву лучӣ накашанд, ва он борҳоро маъмуронқумондонҳо мегирифтанд ва ба бозор мебароварданд; ва номнавис мекарданд, ки ба эҳтиёҷмандон доданд, ва рӯйихатро назди мӯҳтоҷон мебурданд ва зери силоҳ маҷбур мекарданд, ки «гирифтам»-гӯён имзо бигзоранд; ва дар айни ҳол ҳар як ситод ба гурӯҳе, ки таваҷҷӯҳ дошт, маблағу маслиҳат медод.

Ва ҷанг дар ҷӯшу хурӯш буд, ва бечораҳо, бечоратар мешуданд, ва вайронаҳо меафзуд, ва моҳиҳойи рӯди Вахш гӯшти одам мехӯрданд…

Ва ҳукумати Муросойи Миллӣ, ҳарчанд реб медод, ки ҳукумати ҷумҳурист, дарвоқеъ дастнигари демократҳойи исломӣ буд, ва бо онҳо ҳамкорӣ мекард, ва бино бар фармудаи онҳо қарорҳо мебаровард; ва ба даъвати онҳо, ки «тарафи коммунистҳо тир паронед Агар тир каҷ равад, Худованди ҳаждаҳ ҳазори олам рост бурда ба дилашон мезанад.» ширкат дошт; ва дар назди онҳо тарафдорони Ҳукумати Қонунӣ яксара коммунист буданд, ва аз сесола боло ба ҳамин тоифа дохил мешуданд, ки воҷибулқатланд.

Ва тарафдорони риояи конститутсия ва ҳукумати қонунӣ сари даъвое буданд, ки «қонуну қойдаи давлатдориро вайрон кардед. Мо Ҳукумати ба ном муросои миллӣ, вале дар амал ҳукумати ҷудоиандоз ва ғосиби давлатро эътироф намекунем. Ғайриқонунӣ медонем. Аз раёсати Шӯройи Олӣ талаб мекунем, ки Сессия даъват бикунад. Ҳукумати қонуниро барқарор намояд. Агар не, бо силоҳ ба шаҳр медароем.»

Ва раёсати Шӯройи Олӣ қабул накард, ки Душанбе пойтахт аст ва мушкилаҳойи муҳими давлатӣ бояд дар пойтахт ҳаллу фасл бишавад.

Ва ҳамдигарфаҳмӣ нашуд, ва муқовимати ҳарбӣ фурӯ нанишаст, ва авҷ гирифт; ва тарафҳо ҷон мекоҳониданд, ки силоҳи бештаре ба даст биёваранд, ва аз куҷо мегиранд ва бо чӣ баҳое мегиранд ва оқибаташ ба куҷоҳо мебарад, аз ин бобат камтар андеша мекарданд, ва ё умуман андешаи фардо дар сарашон набуд, ва фақат ҳозиру ҳузурро ҳузурро медиданд.

Ва ҳалқаи ҷанг танг мешуд, ва ҳамон ситодҳое, ки бо ғаразҳову бо манфиатхоҳӣ ба оташи ҷанг равған мерехтанд, ба сифати дӯстони беғараз, миёнаравиро ба ӯҳда гирифтанд, ва…

Ва ситодҳойи муқовимат, ки дар ноҳияҳо, дар Вахшу Қӯлоб ва Қубодиёну водии Ҳисор ҷудо-ҷудо деҳаву ноҳияашонро аз ҳуҷуми чангиёни ситоди Наҷоти Ватан ҳимоя мекарданд., ба тадриҷ дар як ситод муттаҳид шуданд, ва қуввват гирифтанд, ва силоҳу сипоҳ ғун оварданд, ва қодир шуданд ба пешгирӣ ва зарба задан. Ва фидоиёни Наҷоти Ватан, ки то алҳол бо силоҳ ба сари мардуми бесилоҳ мерафтанд, ва мекуштанду асир мегирифтанду фирорӣ мекарданд, ва осон-осон ғолиб меомаданд, ва масти ғалабаҳойи худ буданд, бо сипоҳу силоҳи муқобил рӯ ба рӯ омаданд. Ва шикастҳо хӯрданд ва аз Ҳукумати Муросойи Миллӣ талаб карданд, ки ситодҳойи муҳофизатро ғайридавлатӣ ва ғайриқонунӣ донад, ва онҳоро пароканда бикунад, ва силоҳашонро бигирад, ва роҳҳоро бандаду ба он ҷоҳо хӯрданиву ошомиданӣ нафиристад ва ба шӯъбаҳойи корҳойи дохилии он ҷоҳо аз хазинаи давлат маошу моҳона надиҳад. Ва Ҳукумати Муросийи Миллӣ муҳофизони хонаву дарашонро душман эълон кард, ва ба ситоди Наҷоти Ватан хонаҳойи кориву истиқоматӣ дод, ва барои таъминаш аз буҷаи давлат маблағ ҷудо кард, ва ҷангиҳову силоҳи ҷанг меёфту медоду водии Вахш ба ҷанг мефиристонд.

Ва дар водии Вахш барои гирифтани ҳар як деҳа, ҳар як идораи давлатӣ ва ҳар як шаҳраву шоҳпул, задухӯрди шадид рӯй медод, ки ба талафоташ касе ҷавобгар набуд; ва дар аввал ки ҷангиёни майдони Шаҳидон ғолиб меомаданд, тарафгирони майдони Озодӣ ва аҳли авлоди онҳо ба таҳқиру таҳдиду таъқиб дучор мешуданд, ва хонахез мегурехтанд

ҷониби Данғараву Ховалингу Панҷакату Хӯҷанд; ва баъде ки ғолибият ба дасти ҷангиёни майдони Озодӣ гузашт, тарафдорони майдони Шаҳидон ва аҳли авлодашон, аз тарси қасосгирӣ, ба гурез-гурез даромаданд тарафи Душанбеву Кофарниҳону Ғарму Дарвоз. Тоҷикистон фирористон шуд.

Ва даъвогарони ҳукумати қонунӣ маҳалҳоро аз дасти ҷангиёни Наҷоти Ватан воҳа ба воҳа озод мекарданд, ва аз тарафи Кӯлоб то ағбаи Шаршар, ва аз ҷониби Вахш то ағбаи Фахробод ва аз сӯи Ҳисор то дуроҳаи Шамбарӣ омаданд; ва қатънома пешниҳод карданд, ки «сессияи Шӯрои Олиро гузаронед, ҳукумати қонуниро барқарор бикунед ва ба ин ҷанги бародаркушӣ хотима бидиҳед». Ва Шӯрои Олӣ ҷавобро бо баҳонаи дар шаҳр оромӣ нест, кашол дод, ва дар таги дил Ҳукумати Муроси Миллиро пойдор нигоҳ доштан мехост; ва мушовирони даруниву берунӣ ва ситодҳои дар забон дӯсти беғаразу дар кор ғаразноки фойдаҷӯ, сари маслиҳате омаданд, ки «ин мардум, чунонки мустақилона ҷанг карда наметавонанд, ҳамчунин мустақилона сулҳ ҳам карда наметавонанд. Дар ҳама корҳояшон остин аз худашон, даст аз дигарон аст»; ва соҳибони даст як чархбол гирифтанд, ва одамони Шӯрои Олӣ ва қумондонони Наҷоти Ватанро савор карданд, ва парвоз карданд, ва сангарҳову сипоҳу силоҳи водии Ҳисору Вахшу Ёвонро нишон доданд, ва дар болойи шаҳри Қӯрғонтеппа ва вайронаҳои он ду давр чарх занониданд, ва баргардонида ба шаҳри Душанбе оварданд, ва гуфтанд:

– Бо чашми худатон дидед. Агар ин қадар қувва ба шаҳр дарояд, аҳволи Душанбе даҳҳо маротиба аз ҳоли Қӯрғонтеппа бадтар мешавад.

Ва он ҳама дидаҳо ба мушовирону намояндаҳои Шӯрои Олӣ сахт таъсир кард, ва орзуйи ғалаба ва сарварии давлатро дар банди дилашон ҳалук андохта бардошту ба замин зад.

Ва президиуми Шӯрои Олӣ, аз ноилоҷӣ, қарор баровард, ки сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хӯҷанд даъват карда шавад.

Ва сессия шонздаҳуми ноябри соли як ҳазору нуҳсаду наваду ду дар қасри Арбоб ба кор сар кард.

Ва корашро то дуйуми моҳи декабр давом дод.

Ва Ҳукумати қонунӣ барқарор шуд.

Ва роҳбарони идеологиву ҳарбиву молиявии майдони Шаҳидон ба хориҷа, ба паноҳи ситодҳояшон рафтанд.

Ва Тоҷикистон аз вазъи пораву порча шудан раҳо ёфт.

13.03.2012

# МУНДАРИҶА

**Дафтари якум**
Ҳамоқат дар аморат
Оби наҳр месӯхт............................................................... 3

**Дафтари дувум**
Талоши салтанат ............................................................ 71

**Дафтари савум**
Салтанати адолат ..........................................................175

**Дафтари чорум**
Хароб шуд ободиҳо.........................................................257

**Дафтари панҷум**
Ду микрофон дар ду майдон............................................335

**ӮРУН КӮҲЗОД**

# ҲАЙҶО

*(роман)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 14.11.2014 супурда шуд.
Чопаш 11.04.2015 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 26. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи «Офсет-Империя» чоп шудааст.

www.ravshanfikr.tj